СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛА

(на примере наследия Абдуррахмана Джами)

В данной статье автор приводит сведения о стилистических особенностях глагола на основе произведений Абдуррахмана Джами. При применении в определенной системе грамматических единиц языка считается одним из соответствующих и подходящих форм и методов. В данном процессе денотативно- сигнификативные и прагматические значения имеют определенную позицию. В совершенствовании и дополнении смысловой системы стилистическое значение также имеет свои позиции и может применяться в зависимости от указанных значений. Глагол в таджикском языке в зависимости от природы данной части речи обозначает понятия влияния и движения, действия, состояния и изменения признаков, которые являются динамическим свойством глагола. В художественной стилистике данное свойство отражается чаще. Несомненно, каждый тип синонимов отличается друг от друга смысловыми и эмоциональными оттенками, и степенью упоребления, считаются основой их устойчивости и при применении со стилистическим значением должны иметь отличия, для того, чтобы стали понятными их стилистические оттенки. Глагол со своими формами, которые имеют “комплекс” категорий, форм и смысловых оттенков, в стилистическом отношении считаются одним из значительных частей речи в таджикском языке. Стилистическая сущность категорий и различных форм глаголов в зависимости от различной степени их использования определяются в различных стилистических значениях.

Ключевые слова: стилистические особенности, глагол, значение, формы глагола, синонимы, грамматические единицы, простой, производный, составной, вид.

STYLISTIC FEATURES OF THE VERB

(on the example of the heritage of Abdurrahman Jami)

In this article, the author provides information about the stylistic features of the verb based on the works of Abdurrahman Jami. When used in a particular system of grammatical units of the language is considered one of the relevant and appropriate forms and methods. In this process, denotative-significative and pragmatic meanings have a definite position. In perfecting and complementing the semantic system, the stylistic meaning also has its own positions and can be applied depending on the indicated values. The verb in the Tajik language, depending on the nature of this part of speech, means the concepts of influence and movement, action, state and change of signs, which are a dynamic property of the verb. In artistic style, this property is reflected more often. Undoubtedly, each type of synonyms differs from each other by semantic and emotional nuances, and by the degree of utilization, they are considered to be the basis of their stability and, when applied with stylistic meaning, they must have differences in order for their stylistic nuances to become clear. A verb with its own forms, which have a “complex” of categories, forms and semantic shades, is stylistically considered to be one of the most significant parts of speech in the Tajik language. The stylistic essence of categories and various forms of verbs, depending on the different degree of their use, is determined in various stylistic meanings.

Key words: stylistic features, verb, meaning, verb forms, synonyms, grammatical units, simple, derivative, compound, type.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 491.550+491.71+42+327(575.3)

ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Саидов Х.А., Шарифова Г.Ч.
Таджикский национальный университет
Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ

Термин ***манфиати миллӣ*** - ***национальный интерес*** - ***nationalinterest*** – широко употребляемый в международных отношениях и политологии, имеет очень специфический характер. Структурно он представляет сочетание двух слов. Этот термин впервые был употреблен в XVII веке, точнее в период «Тридцатилетней войны» в Европе. В широкое употребление вошел после окончания этой войны в 1648 году.

Еще одним термином в дипломатической практике, который имеет интересное происхождение, является термин ***дипломатияи будуарӣ «будуарная дипломатия (boudoirdiplomacy)» -(boudoirdiplomacy)***. Обычно этот термин, означающий ведение тайны и закулисной игры в дипломатическом мире, появился в средневековой Европе. Прекрасный пример «будуарной дипломатии» представляет собой миссия Джемса Гарриса (лорда Малмсбери) в Петербурге в 1779 г., методы которого в Петербурге были типичны для той эпохи. Целью его миссии было убедить императрицу Екатерину II заключить союз с Великобританией. Отчеты Гарриса представляют яркий пример ***«будуарной дипломатии».***

Дипломатические тексты отличаются наличием слов и сочетаний общелитературного языка, которые в определенных значениях употребляются в качестве терминов, стилистически связанных только с языком дипломатических документов**:** *протокол, ташрифот - протокол - protocol* – (совокупность общепризнанных правил международного общения). *Тарафхо – сторона*, *стороны – parties* – (имеется в виду определенное государство и его правительство, участвующее в переговорах), *мавқеъ/мазмун - положение – provision –*, *невмешательство – noninterference – дахлнопазирӣ* и т.п.

Например:

«***Протокол***, который подписали ***стороны***, имеет перечень пунктов, ***положение*** которых обязывает ***стороны*** сохранять ***невмешательство*** во внутренние дела друг друга» [1, с.14].

В ходе исследования также было отмечено, что в дипломатических документах часто употребляются слова, имеющие стилистическую помету «книжное», «высокое», которые придают дипломатическим документам торжественное звучание, соответствуя их значительности и важности. Следует отметить, что часто эти выражения составлены из обычных слов, которые используются во многих направлениях науки и повседневной жизни, в силу того, что при определенной связки двух и более подобных слов, возникает специфическая «дипломатическая окраска» этих словосочетаний. Таким образом, эти выражения вполне могут быть названы *«дипломатической терминологией, выраженной в словосочетаниях и фразах».* Примерами такой терминологии являются: ***Меҳмони боломақом*** - *Высокий Гость – elevated guest,* ***ташрифи боадабона*** - *визит вежливости – visit of politeness****,*** ***шахсони ҳамроҳикунанда*** - *сопровождающие лица – accompanied persons* и т.п. Используется так называемая «терминология **этикетной лексики»**, в состав которой нередко входят историзмы определенного языка (в нашем случае английского, русского и таджикского языка): ***Волоҳазрат*** - *Его Величество – his exellency,* ***Ҷаноби олӣ*** – *Его Высочество, хонум – госпожа- lady****,*** ***Ҷаноб –*** *господин – gentelman* и т.д., а также близкая к терминологии этикетной лексики – **комплиментарная лексика** (протокольные официальные формулы дипломатической вежливости: ***свидетельствовать почтение, принять уверение в почтении*** (в глубоком уважении) и т.п. Многие из этих протокольных, официальных формул имеют международный характер. Последняя группа лексики придает особую тональность дипломатическому документу [5, с.261].

Терминология этикетной лексики не является единственным примером *«дипломатической терминологии, выраженной в словосочетаниях и фразах» [Буянов, 2001]*. Помимо терминологии этикетной лексики в международных отношениях есть немало точных формулировок, выражающих в яркой и концентрированной форме те процессы и принципиальные положения, которые отражают целые полосы в мировой политике – выраженные в аналогичной форме. Например: ***«ҷаҳон (сулҳ) бидуни аннексия ва контребусия»*** - *«мир без аннексий и контрибуций» - world without annecsy and contribution;* ***«ҳамзистии сулҳҷӯёна»-*** *«мирное сосуществование» - «peacfull co-existance»,* ***«ҷанги сард»-*** *«холодная война» «cold war», «навъ» - «разрядка» «category»****,*** ***«бехатарии ҳамҷояги»-*** *«всеобъемлющая безопасность» - «comprehensive security»,* ***«натиҷагирии тарҳи охирин дар***

ҷанги дуюми ҷаҳонӣ» *- «подвести окончательную черту под второй мировой войной»- conclusion of las line under the second world war и другие [2, с.24].*

Терминология такого рода («дипломатическая терминология, выраженная в словосочетаниях и фразах»), по сути, образует определенный языковой стандарт – клише, без которых трудно представить дипломатические документы. Они упрощают процесс составления текстов и берегут время адресанта. С другой стороны, они обеспечивают однозначное понимание читающей их стороны. В их числе: ***муколамаи натиҷабахш-*** *конструктивный диалог – constructive dialogue,* ***дар сатҳи олӣ-*** *на высшем уровне – on high level,* ***баҳри манфиатҳои пурсамар -*** *в интересах стабильности – for slability interest,* ***барои оромии халқҳоямон -*** *на благо народов- for well-fare people* и многие другие. Например:

«Бовар дорам, ки муколамаи натиҷабахш ва судманди Русияву Чин дар сатҳи олӣ буд ва дар оянда барои пурсамар гардонидани муносибатҳои бисёрсаматаи ду кишвар ва баҳри манфиати халқҳоямон ва барои таҳким бахшидан ба оромӣ ва бехатарии башарият мусоидат хоҳад кард» [4, с.232].

«*Уверен, российско-китайский конструктивный и плодотворный диалог на высшем уровне будет и далее способствовать углублению многогранных связей между двумя странами на благо наших народов, в интересах укрепления стабильности и безопасности в мире».* (Из послания Президента Российской Федерации Д. Медведева председателю КНР Ху Цзиньтао).

"It is sure, the Russian-Chinese constructive and top-level fruitful dialogue will be and to promote further to deepening of many-sided communications between two countries for the benefit of our people, in interests of strengthening of stability and safety in the world".

«Боварӣ дорам, ки ҳамкории Руссияву Абхазистондароянда низ босуръат барои халқҳоямон ба таҳкими осудагӣ дар минтақа инкишоф хоҳад ёфт» *[2, с.164].*

«Убеждён, что российско-абхазское взаимодействие будет и впредь динамично развиваться на благо народов наших стран и стабильности в регионе».. (Из поздравительного послания Президента Российской Федерации Д.Медведева президенту Республики Абхазия Александру Анквабу).

"It is convinced that the Russian-Abkhazian interaction will be and to develop dynamically from now on for the benefit of the people of our countries and stability in the region" [1, с.23].

Еще одной лингвистической особенностью дипломатической терминологии является то, что конкретный дипломатический термин может быть выражен разными частями речи. Например:

Термин ***тасдиқномаӣ****-ратификация – ratification* –в данном случае выражен существительным во всех трех языках – в русском, английском и таджикском языке. Но при желании или в определенных обстоятельствах, данный термин может быть представлен другими частями речи в трансформированном виде:

Прилагательное – adjective – сифат:

Тасдиқшуда *- ратифицированный – ratified* Глагол – verb – феъл:

Тасдиқномаӣ *- ратифицировать – to ratify*

Ҳолат - Обстоятельство - Situation

батасдиқномаӣ *- ратификации – toratification [3, с.76].*

Морфологические особенности и признаки в дипломатическом языке также имеют место. К морфологическим признакам языка дипломатии следует отнести многократное (частичное) использование определённых частей речи.

Одной из ярких (и определяющих) черт в дипломатическом делопроизводстве является употребление отглагольных имён существительных, которые в силу частоты употребления могут быть отнесены к категории терминов и терминообразующих слов в дипломатии. Например, такие слова, как: ***Паҳншавӣ****- распространение - spreading,* ***дастрасии яроқи нобудсозии оммавӣ*** *- доставка оружия массового уничтожения,* ***манъкунӣ*** *– запрещение -prohibition, и др., а также событийные имена - термины –* ***ҷанг****-война - war,* ***сулҳ****-мир – peace,* ***бехатарӣ****- безопасность- security* и другие.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Аксютенкова Л.Г. Деривация как фактор эволюции терминосистемы (на материале терминологии «Рыночная экономика»): дисс. канд. филол. наук / Л.Г. Аксютенкова. – Краснодар, 2002. – 200 с.
2. Арнольд И.В. Семантическая структура слова в современном английском языке и методика его исследования / И.В. Арнольд. – М.: Просвещение, 1966. – 192 с.
3. Бархударов С.Г. Проблемы языка, науки, техники. Логические, лингвистические и исторические аспекты, терминологии / С.Г. Бархударов. – М.: Наука, 1970. – 127 с.
4. Будагов Р.А. История слов в истории общества / Р.А. Будагов.– М., 1971. – 270 с.
5. Буянова Л.В. Термин как единица логоса. Монография / Л.В. Буянова. – Краснодар: Кубанский государственный университет, 2002. – 185 с.

МАХСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба махсусиятҳои истеъмоли истилоҳоти дипломатӣ дар амалия дар забонҳои омӯташаванда бахшида шудааст. Кори мазкурро метавон аз ҷониби дипломатҳо, донишҷӯйҳо ва аспирантони равияи филологӣ мавриди истифода қарор дод. Матнҳои дипломатӣ бо мавҷудияти калимаҳо ва мувофиқати забони умумиадабӣ фарқ менамоянд, ки бо маъниҳои муайян ба сифати истилоҳоте, ки аз ҷиҳати услубӣ танҳо бо забони ҳуҷҷатҳои дипломатӣ алоқаманданд, мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд. Дар рафти таҳқиқот инчунин ба қайд гирифта шудааст, ки дар ҳуҷҷатҳои дипломатӣ аксаран калимаҳое мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд, ки дорои қайдҳои услубии «китобӣ», «баланд» мебошанд, ки ба ҳуҷҷатҳои дипломатӣ оҳанги ботантана дода, ба аҳамиятнокӣ ва муҳиммияти онҳо мувофиқат менамоянд. Бояд қайд намуд, ки одатан ин ифодаҳо аз калимаҳои сода таркиб дода шудаанд, ,ки дар самти васеи илм ва ҳаёти рӯзмарра мавриди истифодабарӣ қарор доранд, чунки дар натиҷаи алоқаи муайяни ду ва ё зиёда чунин калимаҳо «тобиши дипломатии» махсуси ин ибораҳо ба миён меояд. Ҳамин тариқ, ин ифодаҳоро метавон «истилоҳоти дипломатӣ, ки дар ибораҳо ифода ёфтаанд» номгузорӣ намуд. Истилоҳоти луғати этикетӣ намунаи ягонаи«истилоҳоти дипломатӣ, ки дар ибораҳо ифода ёфтаанд», намебошад. Ғайр аз истилоҳот, луғати этикетӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ тасвияҳои сершумори аниқе мавҷуданд, ки дар шакли тобишнок ва тамаркузгардида равандҳои асосӣ ва муқаррароти принсипиалии сиёсати ҷаҳониро ифода менамоянд, ки дар шакли мазкур ифода ёфтаанд.

Калидвожаҳо: тарафҳо, истилоҳот, таҳқиқот, забони пешбар, дипломатия, истилоҳот, забоншинос, манфиати миллӣ, грамматика.

ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена особенностям употребления дипломатической терминологии на практике в изучаемых языках. Данная работа может быть использована дипломатами, студентами и аспирантами филологического направления. Дипломатические тексты отличаются наличием слов и сочетаний общелитературного языка, которые в определенных значениях употребляются в качестве терминов, стилистически связанных только с языком дипломатических документов. В ходе исследования также было отмечено, что в дипломатических документах часто употребляются слова, имеющие стилистическую помету «книжное», «высокое», которые придают дипломатическим документам торжественное звучание, соответствуя их значительности и важности. Следует отметить, что обычно эти выражения составлены из обычных слов, которые используются в достаточно широком направлении науки и повседневной жизни, в силу того, что при определенной связки двух и более подобных слов, возникает специфическая «дипломатическая окраска» этих словосочетаний. Таким образом, эти выражения вполне могут быть названы «дипломатической терминологией, выраженной в словосочетаниях и фразах». Терминология этикетной лексики не является единственным примером «дипломатической терминологии, выраженной в словосочетаниях и фразах». Помимо терминологии, этикетной лексики в международных отношениях есть немало точных формулировок, выражающих в яркой и концентрированной форме основные процессы и принципиальные положения, в мировой политике, выраженные в аналогичной форме.

Ключевые слова: стороны, терминология, исследование, ведущий язык, дипломатия, термин, лингвист,национальный интерес, грамматика.

FEATURES OF THE USE OF DIPLOMATIC TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH

This article is devoted to the peculiarities of usng diplomatic terminology in practice in studied languages. This work can be used by diplomats, students and postgraduates of philological direction. Diplomatic texts are distinguished by the presence of words and combinations of the common language, which in certain meanings are used as terms stylistically related only to the language of diplomatic documents. The study also noted that diplomatic documents often use words that have a stylistic mark "book", "high", which give solemn sound of the diplomatic documents, corresponding to their significance and importance.It should be noted that these expressions are usually made up of ordinary words that are used in a fairly wide area of science and everyday life, but due to the fact that a certain bunch of two or more similar words, there is a specific "diplomatic coloring" of these phrases. Thus, these expressions may well be called "diplomatic terminology expressed in phrases and sentences". The terminology of the label vocabulary is not the only example of"diplomatic terminology expressed in phrases". In addition to the terminology of the label vocabulary in international relations, there are many precise formulations expressing in bright and concentrated form those processes and principles that reflect the entire strip in world politics – expressed in similar form.

Key words: parties, terminology, dragoman, research, leading language, diplomacy, term, linguist,national interest, grammar.

Сведения об авторах: ***Саидов Х.А.*** – Таджикский национальный университет, профессор общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **halimsaidov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-55-22-54**
Шарифова Г. - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 21. Тел.: **(+992) 987-69-64-66**

Information about the authors: ***Saidov Kh.A.*** - Tajik National University, professor at the university-wide department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **halimsaidov@mail.ru.**
Tel: **(+992) 935-55-22-54**
Sharifova G. - Institute of Language and Literature. A. Rudaki AS RT, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pr. Rudaki 21. Tel.: **(+992) 987-69-64-66**

УДК: 491.550-56

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ МУБОЛИҒАВӢ ВА ГУРӮҲҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО

Дӯстов Ҳ.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шаклгирии маъно ва сохтори воҳидҳои фразеологӣ нақши воситаҳои тасвири бадеӣ чашмрас аст. Маҳз ба тавассути ҳамин воситаҳо маъное, ки дар фразеологизм ифода меёбад, пуробуранг ва образнок гардида, дар худ баҳодиҳиҳои мухталифро инъикос мекунад. Метавон гуфт, ки мавҷудияти гурӯҳҳои муайяни воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ маънои образноки дар заминаи онҳо хобидаро бо образи дохилиашон алоқаманд месозад. Яке аз воситаҳои фаъоли тасвири бадеӣ, ки дар созмони воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад, муболиға мебошад.

Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ як навъи серистеъмоли ифодаҳои рехтаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ёдовар мешавем, ки чунин ном гирифтани ин гурӯҳи фразеологизмҳо ба нисбати дар сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо ҷой доштани санъати муболиға мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бештар дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ сохта шудаанд. Дар созмони ин навъи фразеологизмҳо нақши ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва, хусусан, феъл назаррас мебошад. Ин навъи воҳидҳои фразеологӣ, асосан, дар мавридҳое истифода мешаванд, ки нависанда ё соҳибзабон мехоҳад мақсадро дар либоси ғайривоқеӣ ва муболиғаомезу мутантан ифода намояд. «Гоҳо нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад… » [3, с.75]. Маҳз ҳамин ғайриреалӣ ифода шудани мафҳуми алоҳида заминаи ба вуҷуд омадани фразеологизмҳои муболиғавӣ мегардад. Чунончи, **ба сари касе кӯҳи ғам овардан** «боиси ғаму андуҳи касе шудан», **линги касеро аз осмон овардан** «касеро сахт ҷазо додан», **ҷони касеро ба нӯки бинӣ овардан** «касеро безор кардан, ба ҷон расондан» ва ғайра:

Мавлонбой ӯро аз Абдусамад Ҷудо карда, **ба сараш кӯҳи ғаму андуҳ овард** [4, с.387]. Вай девона мешавад, **линги ин хел мардро аз осмон меорад**, мекушадаш… [4, с.224]. Ош беарақу газак намешавад, гӯшти хом те, - силоҳбадастон **ҷони бобои Абдурасулро ба нӯки бинӣ оварда** буданд [4, с.34].

Муболиғаро аз тавсифи муқаррарии ашё бояд фарқ кард. Агар ҳангоми тавсиф ягон ҷиҳати назарраси ашё ба назар гирифта шавад, ки он хосси ҳамон ашёст, пас, дар муболиға ҳадди ситоиши шайъ ё образ аз доираи фаҳм як андоза берун аст. Масалан, агар **духтари зебо** гӯем, ин ҷо тавсифи мукаррарӣ аст, вале агар ифодаи мазкурро дар шакли **чӯҷаи парӣ барин духтар** биёрем, аллакай ифодаи ташбеҳии муболиғавӣ аст:

Чӯҷаи парӣ барин духтарро бо ду дасти адаб бароварда додам [17, с.257].

Мувофиқи ақидаи Худоӣ Шарифов: «Дарвоқеъ, муболиға (иғроқ, ғулув) фақат дар сифати мавсуф имкон дорад. Аз ин ҷиҳат, муболиғаро бо анвои он дараҷаи болотаре аз тавсифи муқаррарӣ донистан мумкин аст. Тавсиф шояд сифати ашё аст, ки онро аз дигарҳо фарқ мекунонад, вале вай метавонад воситаи шинохтан бошаду бас, на сифати болоию пасти он. Ҳарчанд сифати мавсуф тарзи фарқкунандаи диди он аз дигар ҳамҷинсонаш аст» [19, с.108-109]. Албатта, чунин падида аз инъикоси ашё ва воқеаву ҳодисаҳои олами воқеӣ дар шуури инсон ба вуҷуд омада, ба воситаи кам ё зиёд нишон додани он муаллиф мехоҳад таъсири фикрашро бештар гардонад. Маҳз барои ба даст овардани чунин мақсад нависанда аз муболиға ва навъҳои он истифода мебарад.

Мусаллам аст, ки инъикоси воқеаву ҳодисаҳо дар шуури инсон ба воситаи воҳидҳои забон якранг нест. Воҳидҳои фразеологӣ низ дар баробари дигар воҳидҳои забон барои ифодаи ашё ва ҳодисаву воқеаҳои олами воқеӣ хизмат мекунанд. Бар замми ин, дар гурӯҳе аз онҳо ифодаи чунин воқеият бо олоиши образ, баҳодиҳӣ, эҳсосот ва дигар унсурҳо сурат мегирад, ки дар ин самт нақши муболиға ҳамчун яке аз воситаҳои тасвирӣ бадеӣ назаррас аст. «Воҳидҳои фразеологии дар заминаи муболиға инкишофёфта имконияти васеи ифодаи муносибати эҳсосотӣ-баҳодиҳиро бо олами воқеӣ доранд» [16].

Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ба монанди дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ ба гурӯҳҳои маъноӣ ҷудо мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавиро идиома ва фраземаҳо ташкил медиҳанд. Аниқтараш воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар қолаби идиома ва фраземаҳо бештар вохӯрда, ифодаҳои ғайриидиоматикии муболиғавӣ ба назар намерасанд. Чунин ҳолат, ба андешаи мо, дар заминаи ифодаи маънои образноки воҳидҳои фразеологӣ сурат мегирад. Ифодаҳои ғайриидиоматикии забонамон, ки дар қолаби худ унсурҳои ин санъати бадеиро надоранд ва бо сохтори рехта ва ифодаи маънои луғавии ҷузъҳои таркибӣ аз дигар навъҳои ифодаҳои рехта фарқ мекунанд, имконияти дар худ ғунҷонидани чунин навъи маъноро низ надоранд. Ин аст, ки онҳоро мо бештар дар шакли тавсифҳои мукаррарӣ дучор меоем. Аз қабили, **иди модар, арзиши аслӣ, соли нав** ва ғайра.

Идиомаҳои муболиғавӣ ба монанди дигар навъҳои идиомаҳои фразеологӣ маънои устувор дошта, мавқеи ҷузъҳои дохилии онҳо одатан рехтаву тағйирнаёбанда аст. Ба ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов «ду ва зиёда калимаҳои таркиби ифодаи идиоматикӣ як маънои бутун ва ба ҳиссаҳо ҷудонашавандаро мефаҳмонанд» [7, с.30]. Ба таври дигар, идиомаҳои муболиғавӣ ҳамон идиомаҳои фразеологӣ буда, танҳо бо он фарқ мекунанд, ки дар идиомаҳои муболиғавӣ образ ё баҳодиҳиҳои гуногун аз ифодаи унсури мафҳумии он бештар таҷассум ёфтааст. Онро соҳибзабон дар шакли ифодаи як андоза зиёд ё ками ҳолату вазъияти ашё ё воқеаву ҳодиса нишон медиҳад. Масалан, **хоки касеро бехтан** ба маънои «касеро сахт ҷазо додан», **сари касеро ба осмон расондан** «касеро миннатдор, хурсанд кардан», **аз болои шутур гандум даравидан** «аз худ рафтан, мағрур будан» ва ғайра:

– Оҳо, **хоки ҳамаро бехт**-ку, - ғуррид Заъфарон [1, с.66]. Лекин шумо ба пойи худ омада, **сарамро ба осмон расондед**, раҳмат! [9, с.42]. Ҳоло ин баринҳо **аз болои шутур гандум даравида** гаштаанд [11, с.36].

Бо санъати муболиға тарҳрезӣ шудани чунин воҳидҳои фразеологӣ ба он оварда мерасонад, ки образи заминаи онҳо то ҷое дар либоси баҳодиҳиҳои гуногун ифода ёфта, бар замми ин, дар гурӯҳе аз онҳо маъноҳои эҳсосотии мухталиф тавлид ёбанд. Ифодаи маънои эҳсосотӣ бошад, яке аз нишонаҳои асосии фарққунандаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ мебошад. Дар ин навъи ифодаҳои рехта дар баробари ифодаи мафҳуми муайян боз тобишҳои мухталифи маънои эҳсосотӣ низ ба назар мерасад. Ин навъи маъно дар худ, пеш аз ҳама, тобишҳои эҳсосотии олами ботинии шахсро инъикос мекунад. Дар баробари ин, баъзан маънои воҳиди фразеологӣ метавонад дар шакли сирф эҳсосотӣ ифода ёбад. Маълум аст, ки «маънои луғавии эҳсосотӣ, ки анвои мухталифи ҳаяҷону эҳсосоти инсониро ифода кардааст, мумкин аст, дар шакли холис, бе олоиши унсури мафҳумӣ низ зоҳир шавад» [6, с.21]. Чунончи, дар идиомаҳои муболиғавии зайл ин маъно як дараҷа бо тобиши манфӣ ифода ёфтааст: **касеро аз ҳаллоҷӣ гузарондан** «сахт ҷазо додан», **ба сари касе чормағз шикастан** «касеро сахт сарзаниш кардан», **касеро аз сӯрохи сӯзан гузарондан** «санҷиш намудан» ва монанди инҳо:

Ҳозир **ӯро аз ҳаллоҷӣ мегузаронад**, баъд дарсро аз ман мепурсад [8, с.19]. Пагоҳ як гап шавад, **чормағз** аввал **ба сари котиби масъул мешиканад**, мефаҳмед? [8, с.147]. – Ҳо, худатон диден-ку, борҳо **моро аз сӯрохи сӯзан гузаронданд** [1, с.157].

Дар гурӯҳи дигар бошад, ифодаи баҳодиҳиҳои мусбат дар идиомаҳои муболиғавӣ боиси он шудаанд, ки мундариҷаи маъноии ин навъи ифодаҳои рехта образнок гардида, образи дар заминаи онҳо хобида дар шакли ғайривоқеӣ зоҳир гардад. Агар дар идиомаҳои муқаррарии фразеологӣ алоқаи маънои яклухти идиома бо образи дар асоси он хобида мувофиқат кунад, пас, дар идиомаҳои муболиғавӣ чунин алоқамандӣ ба назар намерасад. Маҳз ҳамин тариқ ғайривоқеӣ сурат гирифтани образ дар чунин воҳидҳо боиси ба вуҷуд омадани рангубори эҳсосотиву ифоданокии мухталифи мундариҷаи онҳо мегардад. Таҷассуми ин ҳодисаро дар мисолҳои зерин ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст: **касеро ба осмони ҳафтум баровардан** «аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан», **қабат-қабат гӯшт гирифтан** «хурсанд шудан», **дили касе об шудан** «мафтун шудан, ғамгин гардидан»:

Ана баъд косаи ошашро бафурсат тез карда, ҳангоми хӯрдан сару рӯяш арақшор, бо таърифу миннатдорӣ чӣ хел **ба осмони ҳафтум мебардорадат** [1, с.225]. … дилашон қувват ва баданашон **қабат-қабат гӯшт мегирифт**, аз фахр сарашон ба осмон мерасид [13, с.203]. Чаро «Воғарибо» гӯён нола мекардед, ки **дили ман об шуд**? [18, с.122].

Ба ин тариқ, яке аз унсурҳои муҳимтарини мундариҷаи идиомаҳои муболиғавӣ ифодаи образ мебошад. Образ дар таркиби воҳидҳои идиоматикии муболиғавӣ ифодаи аломату хусусияти барҷастаи ашё ва воқеаву ҳодиса мебошад, ки он дар шакли маънои махсус ифода меёбад. Ба таври дигар, образи фразеологӣ инъикоси маъное мебошад, ки дар заминаи он маънои умумии фразеологӣ шакл гирифта, образнок мегардад. «Образнокии маъно, пеш аз ҳама, тарзи ифодаи маънои мафҳумӣ дар шакли образ мебошад» [5, с.111]. Ҳангоми дарки образи дар заминаи идиомаҳои муболиғавӣ хобида дуршавии маънои луғавии ҷузъҳои таркибии ифода ба назар мерасад. Ба таври дигар гӯем, образ на ҳамеша аз маъноҳои ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ сар мезанад. Аз ин ҷост, ки маънои ягонаи фразеологизм бештар бо калимаҳое ифода мешавад, ки онҳо дар дохили воҳиди фразеологии муболиғавӣ дида намешаванд.

Образҳои дар заминаи идиомаҳои муболиғавӣ хобида, инъикосгари мафҳумҳои ҳаёти гузаштаву имрӯза, урфу одат, расму оин ва, пеш аз ҳама, ҳолати равонии мардуми тоҷик мебошанд. Дар чунин навъи воҳидҳои рехта образҳои маъмулии тоҷикона дар шакли мутантан ва бо ҷилваҳои тавсифӣ ифода ёфтаанд. Ба тариқи дигар, ин навъ воҳидҳои фразеологӣ дар муқоиса бо маънову мафҳуме, ки онҳо ифода мекунанд, ба образи муайян далолат мекунанд, ки он дар худ мундариҷаи маъноии ҳамон мафҳумро инъикос намудааст. Вале чунин инъикосшавӣ дар воҳиди фразеологӣ бо иловаи унсуре

сурат мегирад, ки он дар мафҳум дида намешавад. Маҳз ҳамон унсуре, ки дар идиомаи муболиғавӣ ба тавассути тавсифи муболиғаомез шакл мегирад, образи дохилии онро ба вуҷуд меорад. Масалан, барои муқоиса: **ҷон ба каф гирифтан** – хатарнок будан, **чизеро об карда хӯрдан** – хуб донистан, **сояи касеро аз девор тарошидан** – ба касе нафрати зиёд доштан ва монанди инҳо:

Дар пошнаи шах гузаргоҳе пайдо мешуд, ки **ҷонро ба каф гирифта**, аз он мегузаштанд [11, с.12]. Баъд аз он ки ман дар пеши ӯ **шашмақомро об карда хӯрдам**, маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт [10, с.27]. Онҳо, агар тавонанд, **сояи ҳамдигарро аз девор метарошанд** [12, с.24].

Навъи дигари маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавиро фраземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Фраземаҳои муболиғавӣ бо сохтори махсуси худ аз идиомаҳои муболиғавӣ фарқ мекунанд. Дар фраземаҳои муболиғавӣ сохту маънои ифода на он қадар рехтаву устувор аст. Аниқтараш дар ин гурӯҳи фразеологизмҳо яке аз ҷузъҳои таркибии ифода метавонад ба маънои луғавии худ истифода шуда, дар мавридҳои муайян онро калимаи дигар иваз кунад. Чунончи, дар фраземаҳои муболиғавии **оташи хашму ғазаби касеро аланга мондан** «хашму ғазабро зиёд кардан», **бозори суханро тафсондан** «зиёд сухан кардан», **ба осмони шуҳрат парвоз кардан** «шуҳратманд шудан, машҳур гаштан» калимаву таркибҳои **сухан, шуҳрат** ва **хашму ғазаб** ба маъноҳои маъмулии луғавии худ омада, то андозае маънои мафҳумии ифодаро дар худ инъикос намудаанд:

Зохиран бепарво, худбоварона гап заданҳои Улфатов **оташи хашму ғазаби раисро аланга мемонд** [15, с.218]. Ҳозирони даҳонусто аз гуфтори ӯ бештар хушҳолу хандон, **бозори сухан метафсонданд**, вале Дилёб зери бори хиҷолат дасту по гум мекунад [1, с.64]. Хулосаи ман хамин, ки Олим ҳамин вақтҳо **ба осмони шуҳрат парвозкунон** худро аз ҳама боло мебинаду овози дилсузонаи бисёр касонро намешунавад [15, с.211].

Маъное, ки фраземаҳои муболиғавӣ ифода мекунанд, асосан, маънои мафҳумӣ буда, он ба монанди идиомаҳои муболиғавӣ образнок мешавад. Онро метавон маънои мафҳумии образнок номид. Ҳарчанд дар сохтор ва маънои ин навъи воҳидҳои фразеологӣ дигаргуние дида шавад ҳам, вале мавҷудияти муболиға ва навъҳои он дар ин қабил ифодаҳо баҳодиҳиҳои мухталифро нисбат ба образи дар онҳо буда ба вуҷуд меорад. Ба тарзи дигар гӯем, муболиға дар фраземаҳои муболиғавӣ ҳамон вазифаеро дорад, ки дар созмони идиомаҳои муболиғавӣ иҷро мекунад. Чунончи: **оташи ҷаҳли касе забона зад** «ҷаҳли касе зиёд шудан, бадҷаҳлӣ зоҳир кардан», **дашноми обнорасида** ишора ба «дашному ҳақорати гӯшношунид», **касеро ба оташи фироқ андохтан** «ҷудоӣ андохтан, дур сохтан» ва монанди инҳо:

Оташи ҷаҳли Шукуров дар ҳангоми ин суханҳо сония ба сония баландтар **забона зада**, рӯй ва гардани ӯро суп-сурх карда буд [9, с.29]. … косаи сабри Ҳалим лабрез шуду ба ҳарифаш бо ду-се **дашноми обнорасида** ва як мушти обдор ҷавоб гардонд [14, с.62].…фикран гузаштаро пок-покиза ба оғӯши фаромӯшӣ месупорид, ки дигар **вайро ба оташи фироқ наандозаду** оҳиста-оҳиста кабоб накунад [12, с.129].

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки ифодаи образ дар фраземаҳои муболиғавӣ, асосан, тавассути ҳамон калимае ифода меёбад, ки он бо маънои луғавии худ истифода шудааст. Ба тариқи дигар, ифодаи образе, ки ба тариқи муболиға шакл гирифтааст, дар фраземаҳои муболиғавӣ нисбат ба идиомаҳои муболиғавӣ то ҷое равшан аст. Чунин тарзи ифода маҳз бо ёрии ҳамон ҷузъи таркибии воҳиди фразеологӣ сурат мегирад, ки он мавқеи нисбатан озод дорад. Чунончи: **сухани касеро об додан** ба маънои «сухан, фикри касеро тақвият бахшидан», **ба оташи ғазаби касе равған пошидан** «ғазаби касеро зиёд кардан», **риштаи хаёли касе тор танидан** «ишора ба хаёли парешон, хаёли касе ба ҳар тараф рафтан» ва ғайра:

… дар ин маврид **сухани ӯро об медиҳад** Мирак ва бо ин сухан ҳам дар мех мезанаду ҳам дар наъл ва омирона меафзояд [1, с.120]. … дар ҷояш як такон хӯрда боз лаб ба гуфтор кушод ва **ба оташи** ниҳони аламу **ғазаби Некном равған пошид** [1, с.141]. Дақиқае аз миён гузашта-нагузашта **риштаи хаёли Даврон** ба куҷоҳое **тор натанид**?! [2, с.31].

Ҳамин тариқ, муболиға ҳамчун яке аз воситаҳои фаъоли тасвири бадеӣ дар шаклгирии мундариҷаи маъноӣ ва сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Дар созмони воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ нақши муболиға чун воситаи бавуҷудоварандаи маънои мафҳумии образнок хеле калон аст. Маълум мегардад, ки гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавиро идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Ифодаҳои ғайриидиоматикӣ ба сабаби он ки дар сохтори худ имконияти инъикоси чунин воситаи тасвири бадеиро надоранд, аз доираи чунин таснифот берун мемонанд. Ҳарчанд идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ бо сохтор ва ифодаи маъно аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, вале тарзи ифодаи муболиға дар онҳо якранг ба назар мерасад.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Самад. Гардиши девбод. – Душанбе: Адиб, 2007. – 568 с.
2. Б. Фирӯз. Тору пуд. – Душанбе: Маориф, 1985. – 208 с.
3. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
4. К. Мирзо. Марги бегуноҳ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 528 с.
5. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Маджидов. – Душанбе, 2007. – 242 с.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маджидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
8. Р. Насим. Хонае, ки сӯяш мешитобам. – Душанбе, Адиб, 1993. – 224 с.
9. Р. Ҷалил. Шӯроб. – Душанбе, 1967.
10. С. Айнӣ, Марги судхӯр. – Душанбе: Адиб, 2010. – 220 с.
11. У. Кӯҳзод. Писанддара. – Душанбе: Маориф, 1984. – 206 с.
12. У. Кӯҳзод, Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 189 с.
13. У. Кӯҳзод. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 190 с.
14. Ф. Муҳаммадиев. Муҳоҷирон / Ф. Муҳаммадиев. – Сталинобод, 1959. – 192 с.
15. Ф**. Ниёзӣ. Вафо**. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 498 с.
16. Чернова М.С. Фразеологические единицы, построенные на гиперболе, в английском и русском языках / М.С. Чернова. – Казань, 2008. – 180 с.
17. Акобиров Ҷ. Пазмонӣ / Ҷ. Акобиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
18. Ҷ. Икромӣ, Сафар-Махсум дар Бухоро. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
19. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ МУБОЛИҒАВӢ ВА ГУРӮҲҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО

Муболиға ҳамчун воситаи фаъоли тасвири бадеӣ дар шаклгирии мундариҷаи маъноӣ ва сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Дар созмони воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ нақши муболиға чун воситаи бавучудоварандаи маънои мафҳумии образнок хеле калон аст. Натиҷаи таҳлили мавод аз он шаҳодат медиҳад, ки гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавиро идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Ифодаҳои ғайриидиоматикӣ ба сабаби он ки имконияти инъикоси чунин воситаи тасвири бадеиро дар сохтори худ надоранд, аз доираи чунин таснифот берун мемонанд. Ҳарчанд идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ бо сохтор ва ифодаи маъно аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, вале тарзи ифодаи муболиға дар онҳо якранг ба назар мерасад. Дар гурӯҳе аз идиомаҳои фразеологӣ истифодаи муболиға ба он оварда мерасонад, ки образ дар чунин воҳидҳо то ҷое дар либоси баҳодиҳиҳои гуногун ифода меёбад. Ифодаи маъноҳои эҳсосотии мухталиф дар идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ аз нишонаҳои фарққунандаи онҳо маҳсуб ёфта, ба воситаи ин навъи ифодаҳои рехта эҳсосоти мухталифи гӯянда ифода меёбад. Масалан, барои муқоиса: **касеро аз сӯрохи сӯзан гузарондан - касеро ба осмони ҳафтум баровардан, саги дайду - нури чашм** ва монанди инҳо.

Калидвожаҳо: идиома, фразема, муболиға, ифодаи рехта, воҳиди фразеологии муболиғавӣ.

ГИПЕРБОЛИЧЕСКИЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ И ИХ СЕМАНТИЧЕСКИЕ ГРУППЫ

Гипербола как средство художественного изображения в содержании и строении фразеологических единиц таджикского языка имеет важное значение. В создании фразеологических единиц роль гиперболы как средства олицетворения доступного образного значения велика. Результаты анализа фактического материала свидетельствуют о том, что в группах фразеологических единиц гипербола образует семантические группы, такие как идиома и фразема. Неидиоматические обороты в связи с тем, что не имеют возможности отображения таких ярких художественных выражений в своем строении, не входят в круг данной классификации. Несмотря на то, что идиома и фразема отличаются своим строением и семантикой, средства выражения гиперболы у них одинаковые. В группе, где использованы фразеологические идиомы, использование гиперболы приводит к тому, что образ в таких единицах имеет различные оценочные выражения. Выражение различных эмоциональных переживаний именно в идиоме и гиперболы - во фраземе являются показателями их различительных свойств, в них посредством фразеологических единиц выражаются различные эмоциональные состояния говорящего. Например, для сравнения: касеро аз сурохии сузан гузаронидан (кого-то проводят через ушко иглы) – касеро ба осмони хафтум баровардан (кого-то возносят на седьмое небо) и т.д.

Ключевые слова: идиома, фразема, гипербола, устойчивые выражения, гиперболическая фразеологическая единица.

SEMANTIC GROUPS OF HUPERBOLIC PHRASEOLOGICAL UNITS

Hyperbole is an active means of expressing artistry which plays an important role in the formation of meaning and structure of Tajik phraseological unites. Hyperbole as a means for forming art images plays an important role in the formation of hyperbolic phraseological units. The results of the study of materials indicate that the groups of hyperbolic phraseological units consist of hyperbolic idioms and phrases. Non-idiomatic expression are out of this group because by their structure they do not have the ability to express the reflection of artistic image. Through hyperbolic idioms and phrases defer from each others in structure and in meaning but their hyperbolic expressions come in the same way. The use of Hyperbole in the some group of phraseological idioms express by the marking different clothes. The expression deferent feelings in the hyperbolic idioms and phrases are their differences between them by the use this kind of phraseological unites express deferent kinds feelings of speaker. For example: to thread someone from hole needle, to rise someone up to the seventh sky, stray dog- eyesight and others.

Key words: an idiom, phrases, a hyperbole, steady expressions, hyperbolic phraseological unit.

Сведения об авторе: ***Дустов Хамрохон Джумаевич*** – Таджикский национальный университет, доцент, заведующий кафедрой таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Information about the author: ***Dustov Hamrokhon Jumayevich*** – Tajik National University, head of the department of modern tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-41-84-80**

УДК: 491.550-3 (03)

МАҚОМИ ИСТИЛОҲОТИ ВАРЗИШ ДАР АСАРҲОИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Ҳусайн Воизи Кошифӣ адиби соҳибмактабест, ки бо насри ахлоқии худ дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик шуҳратманд гардидааст. Осори мансури ӯ дар баробари ба қимати баланди тарбиявию ахлоқӣ молик будан, ҳамчунин дар худ забони хаттии як давраи муайяни таърихи инкишофи забонамонро таҷассум менамоянд. Масалан, «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воиз яке аз намунаҳои барҷастаи насри ахлоқии форсу тоҷик маҳсуб ёфта, дар масъалаи фарогирӣ ва тавзеҳи истилоҳоти варзиш асари беназир ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи осори Кошифӣ Ш. Нуриддинов дуруст таъкид кардааст, ки «Ин асари Ҳусайн Воиз аҳаммияти бағоят калон доир ба илми физкултура (варзиши бадан) дорад. Дар боби шашум доир ба бозиҳои зиёде, аз қабили **гӯштингирон, санггирон, новакашон, саллакашон, расанбозон, тосбозон, луъбатбозон** ва **ҳуққабозон** фаслу қисматҳои зиёде кушода, оид ба хусусияти ҳар яке аз онҳо ба таври махсус маълумот медиҳад, ки мутахассисон ҳоло дар бораи онҳо тасаввуроти кофӣ надоранд. Ҳаматарафа омӯхта шудани бозиҳои мазкур барои тарбия ва варзиши бадан аз ҳар ҷиҳат мувофиқ мебошад» [3, с.119]. Фасли сеюми ин рисола - «Дар шарҳи **аҳли зӯр** аз маъракагирон ва эшон ҳашт тоифаанд: **гӯштигирон**, **санггирон**, **новакашон, саллакашон**, **ҳаммолон, мағиргирон, расанбозон ва зӯргарон**» унвон гирифта, бевосита ба шарҳу эзоҳи баъзе номгӯи анвои варзиш, ки дар замони муаллиф ва пеш аз он маъруф буданд, бахшида шудааст. Қисмати аввали фасл «Дар баёни **гӯштигирон**» [4, с.101] доир ба мақсад, тарзу усулҳо ва баъзе талаботу меъёрҳои гӯштӣ баҳс мекунад. Намунаҳо: Бидон, ки **гӯштӣ** гирифтан ҳунарест мақбул ва писандида. Агар пурсанд, ки маънии **гӯштӣ** чист, бигӯй, он ки одамӣ табдили (тағйири) ахлоқ кунад [4, с.101]. Пайваста миёни сифоти ҳамида ва ахлоқи замима (нописанд) **гӯштӣ** воқеъ аст, яъне ҳар як мехоҳад, ки зидди худро дафъ кунад [4, с.102]. Асл дар **гӯштӣ** гирифтан чӣ чиз аст, бигӯй, илми ин санъат. Агар пурсанд, ки **гӯштигирӣ** илм аст ё амал, бигӯй илмест пайваста бо амал [4, с.102]. **Шогирдон**ро ба покӣ ҳидоят кунад. Санъати **гӯштигирӣ** машҳур аст ба сесад банду гиреҳ. Агар пурсанд, ки **паҳлавон** киро гӯянд, бигӯй он касеро, ки дувоздаҳ сифат дошта бошад: **тани қавӣ, забони хуш, дили далер, хиради комил, сабри тамом, илми бакамол, ҷаҳди доим, хулқи писандида, мастурӣ (парҳезкорӣ), неъмате бардавом**. Агар пурсанд, ки **гӯштӣ** бар чанд навъ аст, бигӯй ду навъ: **қабз** (бо даст гирифтан), дуюм, **изтирор** (беихтиёр). **Қабз гӯштӣ гирифтан** аз аҳли Хуросон ва Ироқ аст. **Изтирор гӯштӣ гирифтан** аз аҳли Гелон, Шервон ва Озарбойҷон аст ва онро дайламивор хонанд [4, с.103]. Агар пурсанд, ки **забони гӯштигирон** кадом аст, бигӯй, **даст**. То **даст накӯбанд**, барначасфанд. Дар **аввали гӯштӣ** даст кӯфтан - **оғози гӯштӣ**. Дар **миёни гӯштӣ** даст кӯфтан—**нишони зинҳор** (амон) хостан аст. Яъне, чун хасм дар миёни гӯштӣ даст кӯбад, маънӣ он аст, ки **зинҳор хостам**, туро **даст фурӯ бояд кӯфт**, яъне **зинҳор додам** [4, с.103]. Агар пурсанд, ки **дастгири гӯштигирон** кадом аст, бигӯй, **пушт афкандан**. Агар пурсад, ки **модари гӯштиҳо** кадом аст, бигӯй, **пушти даст гирифтан** ва аз пушти даст ба ҳама ҷойҳо бирасад: ҳам ба сар, ҳам ба пой, ҳам ба миён [4, с.103]. Агар пурсанд, ки **афтодан** аз чист, бигӯй, ё аз он ки надонад, ё аз он ки натавонад.

Қисмати дуюми фасл «Дар баёни **санггирон**» унвон дорад. Мисолҳо: Агар пурсанд, ки адаби **санггирон** чан даст, бигӯй шаш: ният, ёд кардани пирон, ҳиммат, истимдоди ҳиммат, покии чашму забон, дасту дил, такбиру салавот гуфтан [4, с.104]. Қисмати сеюм: «Дар баёни **новакашон**» Аввалу охири **нова** зоҳир ва ботин: зоҳири нова **мардист**, ботини нова **ҷавонмардист** [4, с.104]. Маҳсули новакашӣ чист, бигӯй, нардбон ва агар хоҳанд тунбон пӯшанд ва мӯҳра банданд. Қисмати чаҳорум «Дар шарҳи **саллакашон**». Эшон низ **мардуми паҳлавон** мебошанд [4, с.105]. Агар пурсанд, ки **саллакашӣ** аз кӣ мондааст, бигӯй, аз Одам Алайҳиссалом ва пас аз Салмони Форсӣ [4, с.105]. Қисмати шашум: «Дар шарҳи **мағиргирон»,** Эшон як тоифаанд аз **зӯргарон** ба ин кор махсусанд. Асли он аз **гурз** ва асли гурз аз **амуд** аст [4, с.107]. Қисмати ҳафтум: «Дар шарҳи **расанбозон**». Эшон ба сурат аз аҳли бозианд. Мадори кори эшон ба бар ҷуръату қувват аст, лоҷарам эшонро дар миёни **аҳли зӯр** овардааст [4, с.107]. Қисмати ҳаштум: «Дар шарҳи **зӯргарон**». Эшон корҳое доранд: **мардигарӣ, сангшиканӣ, устухоншиканӣ**, **дорбозӣ, сангафканӣ, санги осиё бардоштан, пилзӯрӣ кардан, тир гузаронидан, ҷаҳандагӣ** ва монанди он [4, с.109].

Акнун ба тавзеҳи луғавию маъноии истилоҳоти соҳаи варзиш, ки дар «Футувватномаи султонӣ» мавриди корбаст қарор гирифтааст, мегузарем: **аҳли зӯр**—

намояндагони навъҳои варзишие, ки фаъолияти онҳо бо сарфи қувват ва тавоноӣ марбут аст; **зӯр** аз паҳлавӣ**: zur, zor -** тавоноӣ, неру, қувва, қудрат [1, с.695]; **гӯштӣ** - куштӣ, гуловез шудани ду нафар бо ҳам, ки якдигарро ба замин бизананд, барои зӯрозмоӣ ва он аз варзишҳои қадимӣ аст [1, с.975-976]. **Гӯштигирӣ** - мансуб ба варзиши гӯштӣ, ки дар замони ҳозира бо афзоиши «н» шакли **гӯштингирӣ** пайдо кардааст. Вожаи **гӯштӣ//куштӣ** ҳамчунин дар «Ғиёс-ул-луғот» дар намои **кустӣ** - маъхуз аз «кустан», ки ба маънии «молидан» аст ва ба маънии «кӯфтан» низ; маҷозан ба маънии он ки ду шахс истода ба ҳам овехта зӯрозмоӣ мекунанд [8, с.169] низ ба кор рафтааст. **Шогирд** - дар асл ба маънии ходим аст; зоҳиран лафзи шогирд дар асл шоҳгирд буда, зеро ки ходимон гирдогирди шоҳ ва махдум истода шуда мутарассиди судури фармон ва хидмат мебошанд [7, с.451. Ба сифати истилоҳи варзиш ба маънои варзишгаре, ки зери роҳнамоии мураббӣ аз рӯйи ягон навъи варзиш тамрин мекунад. **Қабз** - вожаи арабист ба маънии «ба даст гирифтан, танг кардан»; **қабза** - як мушт, як мушт аз чизе [1, с.933-934]. Ҳамчун истилоҳ барои ифодаи мафҳуми истифодаи усул дар гӯштингирӣ ба кор меравад ва дар гӯштингирӣ маънии ҳама гуна ҳаракат ва ё ҳуҷумеро, ки тавассути даст сурат мегирад, ифода мекунад. **Изтирор** - дар луғат ба маънои беихтиёрӣ ва бечорагӣ кардан [7, с.71] омада, чун истилоҳи соҳавӣ мафҳуми нави гӯштингириро далолат мекунад, ки хосси мардуми Осиёи Миёна нест. **Даст кӯфтан** - Кошифӣ ин таъбирро ба сифати истилоҳи варзиши гӯштингирӣ ба ду маъно мавриди истифода қарор додааст: 1) **даст кӯфтан** - оғози бозӣ, агар довари майдон даст кӯфта бошад; 2) **даст кӯфтан** - анҷоми сабқат, агар ҳариф ба замин ё ба қолин даст кӯбад, яъне нишони мағлубият ва зинҳор хостани рақиб; **пушт афкандан** - мағлуб шудани рақиб, ба тахтапушт афтонидани ҳариф; **афтодан** - ба маънии ба пушт афтидан, мағлуб гардидан; **санггирон** - аз решаи **санг** ба маънои «вазн» муродифи вожаи сангбардорӣ, ки дар гузашта шакли дигари он - **гурзбардорӣ** маъруф буд ва дар низоми варзишии имрӯза бо унвони «варзиши вазнин» ва ё «штангабардорӣ» маъмул мебошад; **новакашон** - аз решаи «нов» ва шакли сохтаи «нова» - ба маънии чӯб ё лӯлаи фулузии дарунхолӣ, ки ба сифати ҷузъи сохтмони таҷҳизоти варзишии нардбоншакл ба кор меравад. Имрӯзҳо чунин воситаҳои варзиш қариб дар назди ҳар як мактаб ва қисмҳои низомӣ бо мақсади обутоби ҷисмонии ҷавонон мавҷуд аст; **мардӣ, ҷавонмардӣ** - аз ҷумлаи хислатҳои асосии варзишгарон аст; **паҳлавон -** мансуб ба Паҳлав, «қавми Ёрут», ки далеру неруманд буданд; далер, диловар, қаҳрамон [1, с.349]; **сангшиканӣ**, **сангафканӣ, сангиосиёбардорӣ** - навъҳои варзише, ки дар майдонҳои меҳнат ба тариқи сабқат ва гирифтани мукофоти пулӣ ё мол сурат мегирифт; **дорбозӣ, ҷаҳандагӣ** - навъҳои варзише, ки дар рӯзҳои ҷашну сур ва маъракаҳои хурсандӣ баргузор мегардиданд; **пилзӯрӣ** - танумандӣ, тавоноӣ, пурқувватӣ; **тир ба нишон задан** - аз ҷумлаи навъҳои варзишӣ, ки аз ҷониби шахсони давлатманд бо мақсади санҷиши маҳорати нишонзании паҳлавонон ташкил карда мешуд; **мағиргарон** - варзишгароне, ки амали онҳо бо гурз ва амудбардорӣ алоқамандӣ дорад; **саллакашӣ** - навъи варзиши гурӯҳӣ, моҳияти онро кашидани банд ё арғамчин ташкил медиҳад. Ин бозии варзишӣ дар замони мо бо номи «бандкашӣ» маъруф мебошад; **расанбозӣ** - аз решаи «расан» ба маънои «ресмон», «банд», «дор»; муродифи «дорбозӣ» ва «бандбозӣ». Истилоҳоти дар фавқ зикршудаи **новакашӣ, мағиргарӣ, расанбозӣ саллакашӣ, сангиосиёбардорӣ** бо ҳамин шаклу таркиби овозишон дар забони адабӣ хусусияти архаистӣ касб кардаанд.

Дар «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо баъзе намунаҳои истилоҳи соҳаи варзиш, ки фарогири нишонаҳои ҷисмонии варзишгарон, вожаҳои мансуб ба шикор ва воситаҳои онро аз қабили «қуввати даст», «қуввати дил», «шикор», «тир», «камон», ки ниёз ба шарҳи зиёд надоранд, дучор омадем: Анӯшервон гуфт: - Рост гуфтӣ, **қуввати даст** тобеъи **қуввати дил** аст [3, с.140]. Рӯзе дар **шикор** қасди оҳуе кард. Эй соҳиби хона, **шикори** ман ин ҷо омад, берун ор [3, с.141]. То он **тир**, ки дар **камон** дорӣ, бар синаи ман назанӣ, тасарруфи ту ба гардани оҳу нарасад [3, с.141]. Писар дар кӯдакӣ сухан ҳама аз **тиру камон** гуфтӣ ва бозӣ бо **сипару шамшер** кардӣ [3, с.113].

Дар «Рисолаи Ҳотамия»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ истифодаи вожагону таъбироти марбут ба соҳаи варзиши амалӣ, амсоли **майдони муборизат, асбтозӣ, асбони тозӣ, майдони мусобиқат, майдон, асб, чавгони тамошо, гӯйи ишрат, тир, ҷаъба, зеҳи камон, чиллагир, шамшер, ғилофи намадӣ, найза, синон, зӯри мардию мардонагӣ, паҳлавонони номдор, шерони масофи паҳлавонон ба мушоҳида расид.** Мисолҳо: Пайваста ба **расми шикор** савор шавам ва дар **майдони муборизат** бо ҷамъе **корзор** кунам [3, с.153]. Дар ин саҳро Ҳотамро низ **асбтозӣ** падид омад ва **асбони тозиро** дар **майдони мусобиқат** афканд [3, с.164]. Шунидам, ки Ҳотами Той дар ин **майдон асб** метозад ва ба **чавгони тамошо гӯйи ишрат** мебозад [3, с.164. **Тир** чун аз **ҷаъба** берун меомад,агар на **пушти камон**ро паноҳи худ сохтӣ, шоистӣ дар **зеҳи камон** чун зоҳидони яхфиъол чиллагир шудӣ ва **зеҳи камонро** чун зарбати ҳуҷуми дай аз пай андохта буд [3, с.221]. **Шамшер** чун дар **ғилофи намадӣ** истиқрор дошт [3, с.221]. **Найза** дар сина қарор мегирифт ва **синони** ӯ аз санги дили кофарон тез мешуд [3,

Ҳамчунин бояд ишора кард, ки на ҳама вақт "*омезиши*" забонҳо ба нестии онҳо оварда мерасонад, балки сабабгори васеъшавии имконоти луғавии онҳо гашта, дар баробари забонҳои ҳоким рушду камол меёбад, ки мисоли рӯшани он забони форсии тоҷикӣ аст, ки ба гуфти В.А. Звегинсев дар даврони хилофат ҳарчанд забони арабӣ ба забонҳои эронӣ ва туркӣ фишор овард, вале "ҳеҷ яке аз онҳо на ғолиб буд на мағлуб ва ҳеҷ кадоми онҳо аз байн нарафта, бомуваффақият дар ҳудудҳои муайяни таърихӣ густариш доранд" [5, с.222].

Донишманди австриягӣ Гуго Шухардт бори аввал роҷеъ ба нақш ва аҳаммияти алоқа ва робитаҳои забонӣ дар таърихи забонҳо изҳори ақида карда, аз ҷумла менависад: "Дар миёни масъалаҳое, ки дар шароити кунунӣ забоншиносӣ ба он машғул мебошад, ба сурати умум, ҳеҷ масъалае муҳимтар аз масъалаи омезиши забонҳо нест" [5, с.219; 9, с.373].

Дар забоншиносии умумӣ, бештар истилоҳи "*омезиш, ихтилот*" истифода мегардид, вале ба ҷойи ин истилоҳ истилоҳи дигаре низ қабул гардидааст, ки онро забоншиносон Андре Мартине ва Уриэл Вайнрайх бо номи *"робитаҳои байниҳамдигарии забонҳо"* пешниҳод кардаанд [9, с.373].

Ҳангоми таҳқиқи лингвистии таърихи робитаҳои забонии забони тоҷикӣ бо забони арабӣ суоле пайдо мегардад, ки омӯзиши ин алоқаҳо аз назари фарҳангӣ ва махсусан, забонӣ, ки он ҳам як бахши умдаи фарҳанг ва ҳастии миллат аст, барои забоншиносӣ ва фарҳангшиносии тоҷик чӣ зарурат ва аҳаммият дорад.

Албатта, ҷавоб ба ин суоли ҳам таърихӣ ва фарҳангӣ ва ҳам забоншиносӣ аз ҷавоби мантиқии масъалаҳои зерин берун меояд, ки таҳқиқ ва баррасии таъсири мутақобилаи забони тоҷикӣ ва арабӣ дар шароити нави таърихӣ, ки Тоҷикистон акнун истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию забонӣ пайдо кардааст, аз ҷиҳатҳои зерин муҳим аст: 1) барои муайян кардани таърихи воридшавии иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ дар пояи сарчашмаи муайяни забонӣ; 2) ба сурати шомил (комплексӣ) мавриди таҳқиқ ва баррасии лингвистӣ қарор додани ин иқтибосот; 3) муайян кардани нақши ин иқтибосот дар пешрафт ва бой гардидани фонди луғавии забони тоҷикӣ; 4) иштироки иқтибосоти арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ; 5) муайян кардани пайомад ва натиҷаҳои таъсири забони арабӣ нисбат ба пешрафти ояндаи забони тоҷикӣ.

Ҷойи тазаккур аст, ки омӯзиши таърихи робитаҳои забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ аз ин ҷиҳат низ муҳим аст, ки ба кадом сабаб забони арабии ҳоким натавонист забони тоҷикиро мисли забонҳои сурёнӣ, набатӣ, мисрӣ ва мағрибӣ дар худ ҳаллу фасл намояд ва аз миён бибарад. Воқеияти таърихӣ ин аст, ки агар вазъи иҷтимоии забони форсии тоҷикиро мавриди таҳқиқи таърихӣ қарор диҳем, мебинем, ки вай на танҳо аз миён нарафт, балки дар такя ба фонди луғавии таърихии худ ва бо истифодаи моҳирона аз адади фаровони иқтибосоти арабии воридшуда тавассути густариши дини Ислом дар Хуросон ва Мовароуннаҳр забони "*форсии нав*" ё худ ба истилоҳи Ибни Сино *"порсии дарӣ"*-ро [1, с.171] ба вуҷуд овард, ки мақом ва мартабаи он аз забони ҳокими вақт дар бисёр ҷиҳатҳо камтар набуд.

Аз масъалаҳои муҳимми дигаре, ки бояд мавриди таҳқиқ ва таҳлили забоншиносӣ дар ин росто қарор гирад, ин аст, ки иқтибосоти фаровоне, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил гардидаанд, дар зери омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонӣ ба тағйирот дучор гардида, чунон *"тоҷикӣ"* шудаанд, ки танҳо мутахассис метавонад, **"мӯйро аз хамир"** ҷудо созад, мисоли равшани он калимаҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ: *ҳаракат, баракат, халқият, макон, одам, шеър, қасида* ва ҳазорҳо калимаҳои арабиасосе мебошанд, ки дар забони тоҷикӣ чунон ҳаллу ҳазм гардидаанд, ки танҳо баромади онро мутахассисон муайян карда метавонанд. Аз ҷиҳати дигар, иқтибосгирӣ аз забонҳои беруна қонунияти табиии пешрафти ҳама гуна забон буда, дар забоншиносӣ ба сурати умум як падидаи табиӣ ва мусбат маънидод гардида, яке аз омилҳои бойшавии фонди луғавии ҳар як забон маҳсуб мегардад. "Ҳеҷ халқе-доранда ва офаринандаи ин ё он забон наметавонад тамоман аз дигарон дуру ҷудо ва ҳаёти хосса ба сар барад" [12, с.86-87].

Ба ибораи дигар, иқтибосоти арабӣ ва иқтибосоте, ки аз забонҳои дигар ба забони форсии тоҷикӣ ворид гардиданд, ба ҳувияти миллӣ ва асолати он осебе ворид накарданд, зеро раванди таъсири мутақобилаи забонҳо ва иқтибосгирӣ аз забонҳои бегона як падидаи табиии иҷтимоӣ аст. Баръакс, ин забон тавонист иқтибосоти арабиро дар худ ҳаллу фасл намуда, қудрати суханофаринии худро дучанд ва фонди луғавии худро аз ҳисоби ин иқтибосот ғанӣ гардонад ва ба қавли ховаршиноси шинохта Ричард Фрай агар иқтибосоти арабӣ дар таркиби забони форсии тоҷикӣ намебуд, вай ба ин бузургӣ

намерасид, зеро агар адабиёти даврони паҳлавиро бо даврони Ислом муқоиса намоем, тафовут мавриди шигифтӣ аст [15, с.185].

Аз ин рӯ, аз он ҷо ки дар илм ҳар таъсири мутақобила, хоҳ он мусбат бошад хоҳ манфӣ, аз назари таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ба сурати иҷмолӣ мавриди таҳқиқ қарор додани сайри таърихии таъсири мутақобилаи забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ пеш аз Ислом аз аҳаммият холӣ нест.

Одатан, дар таърихи адабиёти араб аксари таҳқиқотчиён ва донишмандон даврони тарҷумаҳоро аз забонҳои бегона ба замони ҳукмронии сулолаи Аббосиён марбут медонанд ва вақте сухан аз забонҳои бегона меравад, забони форсии тоҷикиро низ дар радифи забонҳои сурёнӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ қарор медиҳанд. Аммо воқеият ба ин сурат нест, ҳақ ба ҷониби Муҳаммад Муҳаммадии Муллоёрӣ мебошад, ки дар пешгуфтори асари худ *"Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри сосонӣ ба асри исломӣ"* менависад: "Нақл ва тарҷума аз забони форсӣ ба арабӣ, то он ҷо ки аз манобеи мавҷуд бармеояд, аз ним қарн пеш аз асри аббосӣ оғоз мешавад ва масоиле ҳам, ки дар забон ва фарҳанги форсӣ матраҳ аст, аз лиҳози аҳаммият ва густариши онҳо қобили муқоиса бо ҳеҷ забони дигаре нест, зеро ин масоил ба навиштани чанд навиштаи маъруфи форсӣ, ки дар китобҳои қадим номи онҳо омада, хулоса намегардад ва танҳо бо дар назар гирифтани онҳо дар ин замина ҳаққи матлаб адо намешавад. Ин масоил бар маънои пайвастагиҳои таърихии ду забон-форсӣ ва арабӣ ҳанӯз пеш аз Ислом сарчашма гирифта ва дар даврони исломӣ густариш ёфтааст, бояд баррасӣ шавад ва мавзӯи нақл ва тарҷума аз форсӣ ба арабӣ ҳам бояд дар партави ҳамин пайвастагиҳо мавриди баҳс ва таҳқиқ қарор гирад" [17, с.9-10].

Масъалаи таъсири мутақобилаи фарҳанги сомӣ ва эронӣ дар илм як масъалаи нав нест. Дар ин ҷода ғайр аз асарҳои зиёде, ки чи дар ховаршиносии ҷаҳонӣ ва чи арабшиносии маҳаллӣ ва ватанӣ офарида шудааст, боз корҳои нави дигаре дар пояи сарчашмаҳо ва бозёфтҳои илми забоншиносӣ ва фарҳангшиносии муосир рӯйи кор омадааст [7; 15; 17; 18].

Робитаҳои таърихии эрониён ва арабҳо таърихи дерина дорад, зеро ин алоқаҳо аз қарни шашуми пеш аз мелод ва аз даврони Ҳахоманишиён оғоз мегардад. Ҳахоманишиён ворисони ошӯриҳо ва бобулиҳо дар ин минтақа буданд ва фармонравоии Арабистонро аз онҳо ба ирс бурданд. Дориюши **I** Арабистонро ҷузъи мамлакати худ мешуморид ва таърихнигорони юнонӣ аз вуҷуди дастаҳои ҷангии арабҳо дар лашкари Курӯши **I** ва **II** маълумот додаанд. Падари таърих Ҳеродот дар мавриди шарҳи ҷангҳои Миср ва Эрон аз вуҷуди гурӯҳҳои араб дар урдуи Камбуҷия ва Хушёршо, либосу лавозимоти онҳо, ҳамчунин аҳду паймоне, ки онҳо ба Камбуҷия барои раҳнамоӣ ва гузаронидани сипоҳи ӯ аз саҳро баста буданд, шарҳе навиштааст [17, с.10-18; 18, с.28].

Таъсири густурда ва мутақобилаи фарҳанги сомӣ ва эронӣ дар даврони Ашкониён низ ба назар мерасад, ки он ҳам дар шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳам дар осори ҳунарӣ ва адабию илмӣ арзи вуҷуд карда буд [18, с. 29-34]. Нуфузи Эрон дар шарқи Арабистон бисёр густариш ёфт ва то марзҳои шарқии Яман пеш рафт [18, с.29-34; 17, с.10-11].

Бо ишора ба сарчашмаҳо ва барои мисол Ибни Қутайба аз вуҷуди оини зардуштӣ дар миёни қабилаҳои Тамим хабар медиҳад [18, с.27-28].

Равобити густурдаи байни арабҳо ва эрониён тавассути марказҳои машҳури илмии Эдесса, Нисиббин, Ҳаррон ва махсусан Ҷундишопур зиёд буд, ки таҷриба ва кори донишмандони ин мактаби илмӣ ва тиббии эронӣ дар оянда заминаи созгоре барои пайдоиш ва густариши илм дар ҷаҳони Ислом гардид [6, с.198].

Бо зуҳури Сосониён (224-651м.) ва сиёсати мутамаркази онҳо робитаи шаҳрҳои марзӣ ва амирнишинҳо бе тобеият ба Эрон ҳолати худро тағйир кард. Бархе аз шаҳрҳо чун Ҳотро ва Дуро вайрон шуданд, бархи дигар чун Амидо аз худмухторӣ маҳрум гардиданд, бархи дигари шаҳрҳо аҳаммияти худро аз даст доданд, вале ҳузур ва таъсири Эрон дар Миёнруд [Месопотамия] ва ба таври куллӣ дар ҷаҳони араб боқӣ монд. Тайсафун чун гузашта пойтахт монд ва ба калоншаҳрҳо мубаддал шуд, ки аз чандин шаҳрҳо ташкил мешуд. Ҷамъияти он шаҳр бештар оромӣ, сурёнӣ ва араб буда, эрониён дар ақаллият буданд, ҳарчанд ин шаҳр ба унвони нишонаи асосии тамаддуни эронӣ ва манбаи нуфузи Эрон ба арабҳо ба ҳисоб мерафт [18, с.39].

Ин нукта бояд тазаккур гардад, ки таъсири мутақобила дар даврони қадим дар байни арабҳо ва эрониён ба воситаи забонҳо низ сурат гирифт.

Аҳмадзода,- донишманди эронӣ мегӯяд: "Таъсири забони форсӣ пеш аз ислом дар забонҳои дигар бавижа, забони арабӣ чашмрас будааст, зеро давлати Сосонӣ дар Шарқ ягона давлати мутамаддин будааст, ки миллатҳои дигар, аз ҷумла сокинони *Ҷазирату-л-араб* бо назари таҳсин ва эъҷоб ба он менигаристанд" [14, с.14]. Ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки забони форсии миёна дар бой гардидани фонди луғавии забони арабӣ пеш аз Ислом саҳми чашмрасе расонидааст. Таъсири иқтибосоти форсие, ки ба фонди луғавии забони арабӣ

расидааст, асосан, лексикаи марбут ба тамаддун ва ҳаёти шаҳрнишинӣ, асбобу анҷоми хона, номи асбобҳои ҳунармандӣ, маснуоти ҳунармандӣ, сангҳои қиматбаҳо ва маъданҳо, доруворӣ ва воситаҳои хобовар будааст [2, с.100]. Аз ҷумлаи чунин вожаҳо: “ибриқ”-*офтоба,* “куз”-*кӯза,* “табақ”-*табақча,* “ҷулоб”-*гулоб*, “даҳлиз”-*даҳлез*, “финҷон”-*пиёла*, “лиҷом”-*лаҷом,* “сироҷ”-*чароғ*, “ханҷар”-*ханҷар,* “сандон”-*сандон*, “ибрайсим”-*абрешим*, “фӯлоз”-*пӯлод*, “фирӯзаҷ”-*фирӯза*, “ҷавҳар”-*гавҳар,* “ной”-*най,* “хийор”- *бодиринг* ва ғ. [13; 2; 16].

Дар забони арабӣ бархе аз калимаҳои форсии тоҷикие вуҷуд доранд, ки дар шакли ҳозираи худ чунон дар арабӣ ҳаллу фасл гардидаанд, ки маънои аслии пештараи худро то дараҷае гум кардаанд, мисли “устоз”-*устод,* “барномаҷ”-*барнома*, “бӯстон”-*бог,* “дарвеш”-*дарвеш,* “девон”- *девони ашъор*, “дастур”-*дастур,* “аскар”- *лашкар,* “меҳрақон”- *меҳргон,* “майдон”-*майдон*.

Як тасаввуроти нодурусте, ки баъзан дар байни мардум ва ҳатто дар миёни аҳли таҳқиқ густариш дорад, ин аст, ки гумон меравад калимаҳои форсии дар арабӣ вуҷуддошта пас аз густариши Ислом ба забони арабӣ ворид гардидаанд. Дар ҳоле воқеият ба ин сурат нест. Бисёре аз калимаҳои форсии тоҷикӣ ҳанӯз аз даврони давлати Ҳахоманишиҳо, ки зиёда аз 27 давлати Ховари Миёна ва Наздикро муттаҳид мекард ва бархе аз кишварҳои арабӣ низ дар дохили ин императорӣ буданд, ба забони арабӣ дохил шудаанд [4]. Арабшиноси номдори тоҷик устод Сулаймонов С. оид ба таъсири мутақобилаи забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ чунин ақида дорад: “Забони форсии миёна аз он қабил забонҳо буд, ки бо иқтибосоти худ фонди луғавии забони арабиро бой гардонд, чуноне забони арабӣ низ баъди паҳншавии Ислом дар Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна таркиби луғавии забони форсиро ғанӣ кард” [10, с. 37]. Дар лексикографияи араб- яке аз соҳаҳои пешрафтаи бахши забоншиносии асримиёнагии араб, мавзӯи иқтибосоти форсӣ ба андозае буд, ки луғатнигори форситабор ва арабизабон Абу-Мансури Ҷаволиқӣ асари арзишманди махсусе бо номи “ المعرب من الكلام العجمي على حروف المعجم” [Калимаҳои аҷамии арабишуда бар тартиби ҳуруфи муъҷам] таълиф кард. Ҷаволиқӣ дар мавриди калимаҳои форсии арабишуда дар ин андеша мебошад, ки шоирони он замонҳо барои балоғат ва шигифтии шеъри худ калимаҳои форсиеро истифода мекарданд, ки баъдтар дар забони арабӣ мавриди истеъмол қарор нагирифтанд. Ӯ мегӯяд: “Абуҳотам зикр кардааст, ки Рӯъба ибн ал-Аҷҷоҷ ва аҳли фасоҳат чун ал-Аъшо ва дигарон гуфтаанд: Онҳо [арабҳо] калимаҳоро аз забони форсӣ гоҳо барои қофия истифода мекарданд , то ки вай ба сурати аҷиб ҷилва кунад [лекин онро дар забони худ истифода накарда], тасриф ҳам намекарданд, аз решаи он феълҳоро ҳам намесохтанд, ба асли он калима назар ҳам намекарданд ва гоҳо онро барои ханда мавриди истифода қарор медоданд, чуноне ал-Адава мегӯяд:

أنا العربي الباك

[Манам он арабии пок аз айбҳо]

Ё ки ал-Аҷҷоҷ мегӯяд:

كم رأيت في الملىء البردج

[Чуноне дар порча пардаҷо дидӣ] [13, с.58].

Ҳарчанд ба сабабҳои мухталиф чун надонистани забони форсии миёна ё худ вуҷуд надоштани усулҳои илмии забоншиносӣ ду калимаи форсии “*ал-бок”* ба маънои “пок”, “беайб” ва калимаи “*ал-бардаҷо”* ба маънои ҳам “лаънат”ва “дашном” шарҳ ёфтаанд, вале, ба назари мо, он чи аз маънии ин шеър ва маънои калимаи *“бардаҷо”* ё шакли дурусти тоҷикии он “*пардаҷо”* берун меояд, ин калима ба маънои маҷозии *“сатри зан”* аст. Чунин мисолҳо дар адабиёти арабӣ ва илмии арабизабон ба сурати фаровон вуҷуд доранд.

Чуноне ишора гардид, пайдоиш ва густариши Ислом дар Хуросон ва Мовароуннаҳр на танҳо вазъи сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии онҳоро дигар кард, балки харитаи забонии онҳоро низ тағйир дод [8, с.230].

Арабҳо баъди фатҳи кишварҳои ҳамсояи наздик ва ҳамхун якбора ба фатҳи Рум [Византия] ва ҳам ба муқобили Эрон ҳамлавар шуданд. Саъю талоши охирин намояндагони сулолаи Сосонӣ Яздигурди III [632-651] барои гирифтани пеши роҳи лашкари араб суде набахшид. Дар ҳарбу зарби назди Қодисия ва Наҳованд [636 ва 642] лашкари араб қӯшуни якҷояи форсҳоро торумор намуда, ҳокимияти тақрибан панҷасраи давлати Сосониро хотима дод [3, с.407]. Дар муддати 10 сол арабҳо хони Эронро ишғол намуда, ба Рум зарбаи сахт зада, Фаластин, Миср, Сурия ва Ироқро ишғол карданд.

Яздигурди III муддати 10 сол таҳти фишори арабҳо аз як ҷо ба ҷойи дигар фирорӣ гардида, охири охирон баъди таъқибҳои дастаҳои араб дар Марв хост паногоҳ пайдо намояд, вале бо хиёнати дастнишондаи худ – волии Марв кушта шуд [тибқи яке аз ривоятҳо қотил осиёбонест, ки подшоҳи гуреза ба хонаи ӯ паноҳ бурданӣ шудааст]. Дар ҳар сурат, Сосониён сели хурӯши арабҳоро боздошта натавонистанд ва давлати Сосонӣ аз по афтид [3, с.407].

Дар соли 632 Хилофат ташкил ёфт. Ҷангҳо ва кишваркушоиҳо барои арабҳо имкон дод, ки давлати пуриқтидореро, ки аз сарҳади Ҳиндустон, Шарқи Наздик ва Миёна, Қафқоз, Африқои

Шимолӣ ва Ҷанубӣ давлатҳои аврупоӣ доман афрохта буд, ташкил диҳанд. Дар натиҷаи ин кишваркушоиҳо халқҳои мухталифе, ки аз лиҳози фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоӣ аз арабҳо бартарӣ дошанд, акнун дар пайдоиш, густариш ва пешрафти фарҳангӣ, ***"фарҳанги исломӣ"*** фаолона ширкат варзида, дар пешрафт ва рушди он саҳми сазовор гузоштанд.

Бо густариши дин таъсири забони арабӣ дар як ҳудуди паҳновар афзун гашта, идора ва коргузории давлат ба забони давлатӣ-забони арабӣ, гардонида шуд. Ҳокимони давр барои пурзӯр кардани иқтидори забони арабӣ дар ҳама гӯшаю канори хилофат чораҳои мушаххас андешиданд. Дар соли 696 м. Халифаи Уммавӣ Абдулмалик бурдани корҳои дафтардориро ба забонҳои юнонӣ ва паҳлавӣ манъ кард [11, с.329; 8, с.257-260].

Албатта, чунин ҳолат, ки барои ҳимоя ва пешбурди забони ҳоким- забони арабӣ буд, бенатиҷа намонд. Дабироне, ки ба забонҳои суриёнӣ, юнонӣ ва паҳлавӣ дар дастгоҳҳои хилофат кор мекарданд, баъди содир шудани чунин фармони ҳокимони вақт маҷбур гардиданд, ки барои рӯзгузаронӣ, пайдо кардани мавқеи иҷтимоӣ ва дигар аҳдофи рӯзмарраи он замон ба омӯхтани забони арабӣ ва тарҷума кардани корҳои давлатӣ ва адабӣ аз забонҳои сурёнӣ, юнонӣ ва паҳлавӣ ба арабӣ машғул гарданд.

Хулоса, робитаи байниҳамдигарии форсҳо ва арабҳо ҳанӯз аз замонҳои Ҳахоманишиҳо оғоз мегардад. То замони пайдоиши дини Ислом, ки забони арабиро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд, таъсири забони форсии тоҷикӣ ба забони арабӣ бештар будааст, вале баъд аз зуҳури Ислом таъсири бевоситаи забони арабиро ба забони форсии тоҷикӣ мушоҳида мекунем.

Таҳқиқи мунсифона ва илмии муносибатҳои мутақобилаи фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии арабҳо бо мардуми форсзабон аз фоида холӣ набуда, метавонад ба баъзе масъалаҳои баҳсталаби фарҳангиву забонӣ рӯшанӣ андозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуалӣ ибн Сино. Осор. Ҷилди якум. -Душанбе, 2005. -852 с.
2. Белкин В.М. Арабская лексикология / В.М. Белкин. - М.: Наука, 1975. – 200 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. Ҷилди 1. -701 с. -Ҷ. 2. - 413 с. – Душанбе: Ирфон, 1998.
4. Дандамаев М.А. Политическая история Ахеменидской державы / М.А. Дандамаев. –М.: Наука, 1985. -319 с.
5. Звегинцев В.А. Очерки по общему языкознанию / В.А. Звегинцев. Московского университета, 1962. – 384 с.
6. Мутаххари М. Ислам и Иран. –Санкт-Петербург, 2008. - 479 с.
7. Мутаҳҳарӣ М. Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 666 с.
8. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М.Оранский. – М., 1988. – 389 с.
9. Попова З. Д. Стернин И.А. Общее языкознание / З. Д.Попова, И.А.Стернин. – М., 2007. – 408 с.
10. Сулаймонов С. Чиҳил мақола / С. Сулаймонов. -Душанбе: Принт, 2017. - 685 с.
11. Фрай Р. Наследие Ирана [Перев с англ. В.А. Лившица и Е.В. Зеймаля] / Р. Фрай.–М., 1972. – 468 с.
12. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М.Шанский.– М.: Просвещение, 1972. - 327 с.
13. الجوالقي: أبو منصور الجوالقي. المعرب من الكلام الأعجمي على حروف المعجم. دار الكتب، 1389|1949 .- 503 ص.
حربي: حربي أمين سليمان. تأثير زبان فارسي در زبان عربي. – القاهرة، 1409ه.|1988م.
14. ریچارد: فرای ریچارد. عصر زرّین فرهنگ ایران. مترجم: مسعود رجب نیا. – تهران، 1375. – 316 ص.
15. شیر: أدی شیر. معجم اللألفاظ الفارسیة المعربة. بیروت، 1980.- 194 ص.
16. ملایری: محمّد محمّدی ملایری. تاریخ و فرهنگ ایران در دوران انتقال از عصر ساسانی به عصر اسلامی. – تهران، 1380- 440 ص.
17. ناجی: رضا ناجی محمد. تاریخ و تمدن اسلامی در قلمرو سامانیان. – تهران، 1378 – 724 ص.

РОБИТАҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ ЗАБОНҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ ПЕШ АЗ ИСЛОМ

Дар мақола робитаҳои байниҳамдигарии забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ дар марҳилаи пешазисломӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз пайомадҳои илмӣ ва таърихии он натиҷагирӣ карда шудааст. Дар мақола робитаҳои байниҳамдигарии забону фарҳангҳо чун як раванди табиии ҷомеаи инсонӣ ва як падидаи иҷтимоӣ баррасӣ шуда, таъкид гаштааст, ки масаъалаи мазкур ҳанӯз аз қадимулайём диққати донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Мақола ишора ба он менамояд, ки барҳӯрди забонҳо гоҳе муҷиби ғановати ин ё он забон ва гоҳе сабаби аз байн рафтани онҳо мегардад. Нуктаи мазкур дар мақола дар мисоли робитаҳои байниҳамдигарии забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ таҳқиқ шудааст. Барҳӯрди байниҳамдигарии ин забонҳо сабабгори васеъшавии имконоти луғавии онҳо гаштааст. Таҳқиқот ҳокии он аст, ки забони форсии тоҷикӣ дар чандин асри робита доштан бо забони арабӣ тавонист иқтибосоти арабиро дар худ ҳаллу фасл намуда, қудрати суханофаринии худро дучанд ва фонди луғавии худро аз ҳисоби ин иқтибосот ғанӣ гардонад. Аз баррасии масъала бармеояд, ки дар марҳилаи пешазисломӣ таъсири забони форсии тоҷикӣ ба забони арабӣ бештар будааст ва пас аз густариши ислом таъсири арабӣ ба форсии тоҷикӣ назаррастар гаштааст ва ин ишора ба он мекунад, ки рушду инкишофи забон, пеш аз ҳама, ба неруву қудрати давлат робитаи ногусастанӣ дорад.

Калидвожаҳо: забони форсии тоҷикӣ, арабӣ, забоншиносӣ, иқтибосот, фарҳанги сомӣ, калимасозӣ, ховаршиносӣ, фонди луғавӣ, фарҳанги исломӣ, омезиши забонҳо, Сосониён.

КОНТАКТЫ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОГО И АРАБСКОГО ЯЗЫКОВ В ДОИСЛАМСКИЙ ПЕРИОД

В статье на основе изучения взаимных заимствований персидско-таджикского и арабского языков в доисламский период, раскрыты научные и исторические последствия этих контактов в персидско-таджикском и арабском языках. Автор рассматривает взаимные языковые и культурные контакты как естественный процесс человеческого сообщества, а также как социальное явление, издревле привлекающее внимание ученых. В статье указывается, что языковые контакты могут способствовать как обогощению того

или иного языка, так и могут привести к исчезновению одного из языков (поглощению одного языка другим). Эта точка зрения в данной статье рассмотрена на примере взаимных контактов персидско-таджикского и арабского языков. Выявлено, что непосредственный контакт и взаимовлияние этих языков способствовало их лексическому обогащению и развитию. Исследователем показано, что персидско-таджикский язык за столетия контактов с арабским языком смог переварить в себе тысячи новых слов, заимствов их, тем самым удвоив потенциал словообразования и обогатив лексический свой фонд. Исследование показало, что в доисламский период влияние персидско-таджикского языка на арабский язык было более значимым, а после распространения ислама стало больше влияние арабского на персидско-таджикский язык. Это свидетельствует о том, что развитие и распространение языка, во многом зависит от потенциала и международного влияния государства.

Ключевые слова: персидско-таджикский язык, арабский язык, языкознание (лингвистика), заимствование, семитская культура, словообразование, востоковедение, словарный фонд, исламская культура, смешение языков, Сасаниды.

CORRELATION OF PERSIAN-TAJIK AND ARABIC LANGUAGES IN A POST ISLAM PERIOD

The article examines the correlation of Persian-tajk and Arabic languages, historic and scientific consequence of linguistic contacts during the post Islam period. The author analyses mutual linguistic and cultural relations as a natural process of human association, as well as social phenomena, attracting researcher`s attentions from ancient time. The article states that linguistic and cultural contacts can promote to the enrichment of a language, so it can lead to the disappearance of one language (the absorptions of one language by another). This point has been viewed in this article on the basis of interconnection of Persian-tajik and Arabic languages. It is revealed that the direct contact and mutual expressions of these languages contribute to their lexical enrichment and development. The research shows that Persian-tajik language was able to digest thousand of new words for many centuries, as well as borrowing them, thereby doubling the potential of word formation and enriching its lexical vocabulary. The research showed that during the post Islam period Persian-tajik`s influence was more prominent in Arabic language, then after Islam`s wide spreading the influence of Arabic language into Tajik language was predominant. The historical evidence shows that the development and spreading of the language depends on the potential and international influence of the state power.

Key words: Persian-tajik languages, Arabic language, linguistics, borrowing, semis culture, word formations, oriental studies, word fund(vocabulary), Islamic culture, language mixing, Sosonids.

Сведения об авторе: ***Саломов Аскар*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.рудаки, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru**.Тел.: **(+992) 918-61-60-80**

Information about the author: ***Askar Salomov*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, labor prospect, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 918-61-60-80**

УДК: 491.71-54:491.550-54

СПОСОБЫ ПЕРЕДАЧИ РУССКИХ ГЛАГОЛОВ ДВИЖЕНИЯ С ПРИСТАВКОЙ ***ОТ-(ОТО-)*** НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Шарипова С.С.
Таджикский национальный университет

В данном разделе проводится анализ русских глаголов движения с приставкой ***от- (ото-),*** содержащихся в РТС, их эквивалентов в таджикском языке, а также способов их перевода на примере образцов художественной литературы.

1. Передача русских глаголов движения с приставкой *от-(ото-)* простыми глаголами таджикского языка.

Данный способ передачи непродуктивный, поскольку лишь несколько глаголов движения с приставкой ***от-(ото-)***могут передаваться на таджикский язык простыми глаголами, в частности: *отойти – отходить* - ***рафтан;*** *отъехать – отъезжать* - ***рафтан;*** *отлететь –* ***ҷаҳидан****; оттащить –* ***кашидан, кашондан****; отнести – относить* - ***бурдан;*** *отвести – отводить* - ***бурдан, гардондан****,* ***баркандан****; отвезти – отвозить* - ***бурдан, кашондан****; отогнать* -***рондан;*** *откатиться* - ***гелидан.***

"Кто за Коршунова - прошу ***отойти*** *вправо". - «Касе, ки Коршуновро хоҳад– хоҳишмандам ба дасти рост* ***гузарад»****.*

Григорий ***отвел*** *и посадил на коней две сотни, отошел назад, стараясь, чтобы противник не определил его направления.- Григорий ду сотняро* ***гирифта*** *ба аспҳо савор кунонд, барои он ки душман ба кадом тараф рафта истоданишт муайян карда натавонад, ақиб рафт.*

Заставил лечь перебегавших бесстрашно алексеевцев и ***отполз,*** *разыскивая глазами прикрытие. – Алексеевчиҳои далерона афтону тозон пешояндро ба дароз кашидан маҷбур кард ва бо чашмонаш паноҳгоҳеро ба худ ҷуста, аз он ҷо* ***хазид****.*

Убили есаула - командира сотни, двух взводных офицеров, и сотня без команды ***отползла*** *назад. - Есаул – командири сотня, ду офитсери взводӣ кушта шуданд ва сотня бефармон ақиб* ***хазид.***

Унтер закурил, ***отошел*** *к концу взвода. - Унтер тамоку печонда кашид, ба тарафи думи взвод нигоҳ карда* ***рафт****.*

2. Передача русских глаголов движения с приставкой *от-(ото-)* сложно-именными глаголами таджикского языка.

В отличие от ранее рассмотренных пространственных приставок ***до-*** и ***с-(со-)*** данный способ передачи, согласно почерпнутым из РТС сведениям, оказался наиболее продуктивным и представлен различными образцами. Так, в ходе анализа извлеченного из РТС материала были выявлены эквиваленты русским глаголам движения с приставкой ***от-(ото-),*** соответствующие модели **N+ V:** *отойти – отходить→****канорагирӣ кардан****; отъехать – отъезжать →****роҳ рафтан, раҳсипор шудан****; отлететь –* ***кӯч кардан;*** *оттащить –* ***канор кашидан****;* модели **Prep+N+V:** ***ба роҳ даромадан*** *– отплыть****;*** модели **Prep+Num+N+V:** ***ба як тараф гурехтан****→отбежать;* модели **Adv+V**: *оттащить* ***- ақиб кашидан;*** *отойти – отходить –* ***дур(тар) шудан****; отъехать – отъезжать →****дур рафтан, дур шудан****; отнести – относить →****дур кардан;*** *отогнать – отгонять →****пеш кардан****.* Были обнаружены также соответствия модели **Adv+Adv+V:** ***оҳиста-оҳиста дур шудан –*** *отбрести;* ***тез дур шудан –*** *откатить (разг.).***Prep+Adj+N+V:** ***ба дигар ҷо бурдан*** *→отнести – относить.*

А мне от жеребцов и шагу ***отойти*** *нельзя, тогда что мне остается делать? - Охир аз пеши айгирҳо як қадам ҳам* ***дур шудани*** *ман мумкин нест, сонӣ чӣ кор кунам?*

Пока он не ***отошел*** *от ручья на порядочное расстояние, он все еще оглядывался, всего лишь несколько раз и так просто, на всякий случай…*

Ӯ то ба масофаи анча калон ***дур шудани*** *худ аз ҷӯй ҳамагӣ якчанд бор ҳамту, аз рӯи эҳтиёт ба қафояш нигоҳ карда-нигоҳ карда мерафт...*

Давыдов с сердцем ***отвел*** *руку Аржанова: - Иди ты к черту! - Давыдов бо қаҳр дасти Аржановро* ***дур андохт****: — Дафъ шав!*

Лагутин охватил Аржанова поперек, спотыкаясь,путаясь в шашке ногами, пытался его ***оттащить****. - Лагутин ба суи казакон шитофта аз миёни Аржанов гирифт пешпо хурда поҳояш ба шоф андармон шуда вайро* ***ақибкашиданӣ*** *мешуд.*

Как только она вошла в комнату, Григорий ***отошел*** *от прялки, слегка смутившись.- Ҳаминки кампир дохили хона шуд****,*** *Григорий андаке дар хиҷолатмонда, аз пеши чарх* ***дур рафт****.*

Митька ***отводил*** *их тылом грязной, провонявшей навозом ладони. - Митка онҳоро бо пушти кафи чиркини дасти ба бӯипоруолудааш* ***ақиб мепартофт****.*

Отступили, *оставив чуть ли не всю материальную часть отряда. - Қариб тамоми чизучора ва аслиҳаи отрядро партофта, худ* ***ақиб нишастанд.***

Лукомский взял со стола бумаги, ***отодвинул*** *кресло, пошел той подчеркнуто твердой походкой, какой ходят все полнеющие пожилые военные. - Лукомский қоғазҳоро аз рӯи стол ғундошт, креслоро* ***ақиб кашид*** *ва бо он рафтори устуворонае, ки ба ҳама ҳарбиёни фарбеҳи миён солхое аст, ба тарафи дар равон шуд.*

3. Передача русских глаголов движения с приставкой *от-(ото-)* сложно-деепричастными глаголами таджикского языка.

Передача русских глаголов движения с приставкой ***от-(ото-)*** сложно-деепричастными глаголами таджикского языка является самым продуктивным способом, поскольку превалирующая часть таджикских эквивалентов группы рассматриваемых русских глаголов в структурном плане соответствует этому типу сложных глаголов. Глаголы движения в таджикском языке представлены следующими сложно-деепричастными сочетаниями: *отъехать –* ***равона шудан;*** *отлететь – отлетать* ***→парида рафтан;*** *отплыть –* ***равона шудан****; отползти - отползать* ***→палмида рафтан, гавак кашида рафтан;*** *оттащить -* ***кашонда бурдан, бардошта бурдан****; отнести – относить* ***→бурда расондан, бурда додан, бурда мондан, бардошта бурдан****; отвести – отводить* ***→бурда расондан, бурда мондан****; отвезти – отвозить* ***→бурда мондан;*** *откатить –* ***гелонда бурдан;*** *откатиться* ***→гелида рафтан****.*

Семена, скажуноне Грипашке, чтоб ***отвезла****... - Худи ҳамин рӯз ба Грипашка мегӯям, ки тухмиро* ***бурда монад****… Поди посогрейся, детишков повидай, а после давай я тебя* ***отвезу*** *на Рыбный хутор… - Рав, ба хона даромада гарм шав, бачаҳоятро бин, баъд биё ман туро ба хутори Рибний* ***бурда мемонам****…*

Довольно представительна также группа таджикских глаголов более распространенной сложно-деепричастной конструкции, например, моделиAdv + Part+V: *отбежать –* ***тохта дур шудан, давида дур шудан****; отлететь –* ***парида дур шудан, ҷаҳида дуртар шудан;*** *отплыть – отплывать* ***→шино карда дур шудан****,* ***шинокунон дур шудан;*** *отползти – отползать* ***→хазида***

дур шудан; *откатить* ***→гелонда дур кардан;*** *откатиться***→гелида дур шудан;** единично репрезентирована модель **Part + Part+V:** *оттаскиваться* ***→кашонда бурда мондан.***

Кое-как подняли, поставили, ***отбежали*** *прочь.* - *Навъе карда бардоштанд, пуштнокӣ ба лаби чуқурӣ рост монданд, худашон* ***тохта дур рафтанд.***

Из вышеизложенного анализа теоретических данных и большого фактического материала следует, что:

Сочетаемостный потенциал рассматриваемых глаголов с пространственной приставкой ***от-(ото-)***в значении «удаления откуда-нибудь на небольшое расстояние» представлена предложно-падежной формой локативных существительных в форме родительного падежа с предлогом ОТ.

Русские глаголы движения с приставкой ***от-(ото-)***передаются на таджикский языка простыми, сложно-именными и сложно-деепричастными глаголами. Самым продуктивным способом передачи русских глаголов движения с пространственной приставкой ***от-*** является способ передачи сложно-именными глаголами, а самым невостребованным переводчиками оказался способ передачи сложно-деепричастными глаголами таджикского языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Вараксин Л.А. Семантический аспект русской глагольной префиксации /Л.А. Вараксин. - Екатеринбург, 1996. - 320 с.
2. Волохина Г. А. Русские приставочные глаголы и их значения / Г.А. Волохина, З.Д. Попова. - Воронеж, 1993. - 237 с.
3. Рубинчик Ю.А. Персидский сложный глагол и вопросы образования рамочной конструкции / Ю.А. Рубинчик // Индийская и иранская филология. Вопросы грамматики. - М., - 1976. - С.292-310.
4. Шолохов М. Дони ором Э.Муллокандов
5. Шолохов М. Поднятая целина. Пер. Шамси Собира.
6. Шолохов М. Тихий Дон.

УСУЛҲОИ ТАҲАВВУЛИ ФЕЪЛҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ БО ПЕШОЯНДИ *ОТ-(ОТО-)* БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола маънии пешоянди от- (ото-), ки дар феълҳои ҳаракат дар мисолҳои намунаҳо аз романиМ.Шолохов оварда шудааст, ошкор карда шудааст. Тарзи аз ҳама сермаҳсули таҳаввули феълҳои ҳаракати забони русӣ бо пешоянди маконии ***от-*** усули таҳаввул бо феълҳои мураккаби номӣ мебошад, аз ҳама таҳаввулдиҳандагони дархостнашуда усули таҳаввул бо феълҳои ҳоли забони тоҷикӣ мебошад.

Калидвожаҳо: феъли ҳаракат ва ҷрйивазкунӣ, пешоянд, забони дархостшуда, роман, маънӣ, таркиб.

СПОСОБЫ ПЕРЕДАЧИ РУССКИХ ГЛАГОЛОВ ДВИЖЕНИЯ С ПРИСТАВКОЙ *ОТ-(ОТО-)* НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье раскрывается значение приставки от- (ото-), употребленной в глаголах движения на примерах образцов из романа М.Шолохова. Самым продуктивным способом передачи русских глаголов движения с пространственной приставкой ***от-*** является способ передачи сложно-именными глаголами, а самым невостребованным переводчиками оказался способ передачи сложно-деепричастными глаголами таджикского языка.

Ключевые слова: глаголы движения и перемещения, приставка, востребованный, язык, роман, значение, конструкция.

HOW TO TRANSFER RUSSIAN VERBS OF MOVEMENT WITH THE PREFIX ON-(OTO-) FOR LANGUAGE TAJIK

The article deals with the meaning of prefixes-(OTO-) used in verbs of motion with examples of samples from the novel by m. sholokhov. The most productive way to pass the Russian verbs of motion with spatial console from-is a way to transfer difficult-registered and most underutilized verbs interpreters proved difficult to transfer method-deeprichastnymi verbs the Tajik language.

Key words: verbs of movement and displacement, console, selling, language, Roman, value, design.

Сведения об авторе: ***Шарипова С.С.*** - Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Sharipova S.S.*** - Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:491.550-3:42-3

ОМИЛҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ МУРОДИФОТИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Туйгунов Н.Ҳ., Саидова М.А., Фатҳуллоева Ш.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Забон ин системаи мушкил, серпаҳлу, бисёрҷабҳа ва ташаккулёбанда аст, ки дар он ҳамаи дигаргуниҳои дар ҷамъият рӯйдиҳанда акс меёбанд. Дар марҳилаи замонавии ташаккули илми забоншиносӣ, забон ҳамчун системаи антропоцентрӣ дар назар дошта

шудааст, бинобар ҳамин дар нимаи дуюми асри XX ба вуҷуд омадани забоншиносии когнитивӣ ба пайдоиши категорияҳо дар илм мусоидат намуд, ки ин имконияти омӯзиши алоқамандии забон ва маданияти халқро, ки дар тафаккури донандагони забон ба вуҷуд омадааст, фароҳам меорад.

Таваҷҷуҳи зиёиён ба масъалаҳое, ки ба муаммоҳои забони миллӣ ва симои миллии ҷаҳон дахл доранд, хусусиятҳои хосси консептуалӣ ва категорияшавии мафҳумҳои муҳити атроф ва инчунин, инъикоси онҳоро дар забон ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, тадқиқоти забонҳои гуногун ва мафҳумҳои алоҳида яке аз самтҳои асосии илми забоншиносӣ дар даҳсолаи охир гардид [3,с. 78].

Ҳам дар илми забоншиносии Россия ва ҳам хориҷа мактабҳои татқиқотӣ ба вуҷуд омаданд ва натиҷаи кори онҳо дар асарҳои Н.П. Бабушкина, С.Г. Воркачева, В.З. Демьянкова, А.А. Залевской, В.И. Карасика, Е.С. Кубряковский, З.Д. Попов, Ю.С. Степанова, И.А. Стернина, А.Вежбицкой, Р.Джакендоффа, Дж.Лакоффа, Р.Лангакера, Л. Талми ва ғайраҳо инъикоси худро ёфтанд.

Системаи калимасозии ҳар як забон аз усулҳо ё худ воситаҳои калимасозӣ таркиб ёфтааст, ки ба худи ҳамон забон хос мебошад. Дар умум ин система мураккаб ба шумор рафта, аз усулҳои калимасозӣ ва воситаҳо иборат мебошад.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид сохт, ки калимасозӣ бахши алоҳидаи илми забон аст, вале новобаста аз ин, он бо бахшҳои дигар ва алоҳидаи забоншиносӣ, аз он ҷумла лексикология алоқаи ногусастанӣ дорад. Мувофиқи андешаи олимон-забоншиносон ибораи калимасозӣ ду маънои асосӣ дорад, ки дар маънои аввал он дар ифодаи раванди доимии ташкили калимаҳои нав дар забон меояд. Дар маънои дуввум бахши алоҳидаи забоншиносиро ифода месозад, ки ба омӯзиши раванди ташкили воҳидҳои забонӣ сару кор дорад.

Аслан худи истилоҳи калимасозӣ бар он далолат мекунад, ки раванди сохтани калимаҳои аслӣ дар заминаи калима ё ибораҳо тибқи роҳҳо ва қолабҳои дар забон мавҷудбуда аст ё ба таври дигар, раванди тавлиди воҳидҳои лингвистии нав, ки бо воҳиди ибтидоӣ робитаи бевоситаи мазмунӣ дорад. Аз ин нуқта, ҳамин робитаи бевоситаи мазмунӣ заминаи синоним шуда омадани воҳидҳои навро ба миён меоранд [5, с.89].

Ташаккули воҳидҳои нави забонӣ ва махсусан воҳидҳои забонӣ дар заминаи модулҳои муайяни калимасозии ҳамон забон ба вуҷуд меоянд. Қонуният ва хусусиятҳои ташкили воҳидҳои нав асосан дар раванди таҳлили калимасозӣ муайян карда мешаванд. Дар раванди калимасозӣ тағйиротҳои семантикии калимаҳо ба вуҷуд меоянд ва онҳо хусусиятҳои гуногунро касб менамоянд.

Дар забони тоҷикӣ мавзӯи калимасозӣ, аз ҷумла калимасозии исм аз тарафи забоншинос Ш.Рустамов мавриди тадқиқоти алоҳида қарор гирифтааст. Рисолаи муҳаққиқ яке аз пуразиштарин манбаъҳо дар ҷодаи омӯзиши калимасозӣ ба ҳисоб меравад, ки тавонистааст паҳлуҳои мухталифи калимасозии забони тоҷикиро тадқиқ ва таҳлил намояд.

Забоншинос Ш.Рустамов оид ба калимасозии исм дар забони тоҷикӣ зикр менамояд, ки «дар исм усулҳои зерини калимасозӣ мушоҳида мешаванд: 1. Морфологӣ: а) бо суффикс, б) бо префикс; 2. Синтаксисию морфологӣ: а) исмҳои мураккаб, б) исмҳои омехта; 3. Луғавию синтаксисӣ – ба калимаи мураккаб гузаштани ибораҳо: мардикор, рӯйхат, рӯидарича ва ғ» [5, с. 83].

Оид ба роҳу воситаҳои калимасозӣ забоншинос Ф.Р. Амонова қайд мекунад, ки аффиксация, калимасозии калимаҳои мураккаб, транспозитсия, яъне бе воситаи аффикс сохта шудани калимаи нав: ҷавон (исм) – ҷавон (сифат), ҷангӣ (и) – ҷангидан (ф) ва ғайраҳо аз қабили роҳҳои асосии калимасозӣ ба шумор мераванд.

Бояд зикр кард, ки раванди калимасозӣ ва воситаҳои он бо грамматика алоқаи мустаҳкам дорад. Ҳар як калимаи нав дар навбати худ ҳамчун воҳиди суратёфтаи грамматикӣ, ҳамчун калимаи мансуб ба ин ё он ҳиссаи нутқ ташаккул меёбад, ба категорияҳои морфологӣ, вазифаи синтаксисии он молик мешавад. Аз ин нуқтаи назар, калимасозӣ яке аз воситаҳои ғанӣ гардонидани хазинаи луғавии забон ба шумор меравад.

Дар ҳамин маврид бояд зикр кард, ки бо усули морфологӣ ба вуҷуд омадани калимаҳо дар забонҳои мавриди омӯзиш нисбатан сермаҳсул ҳастанд. Яъне тавассути истифодаи суффиксу префиксҳо дар забон калимаҳои нав ва гуногун ба миён омадаанд, ки ба инкишофи муродифот низ дар забонҳои муқоисашаванда замина гузоштаанд: ***оила*** – *хонавода, хонадон;* ***танаффус*** – *истироҳат, дамгирӣ, нафас рост кунӣ;* ***chief*** *(роҳбар, сардор) – lead<u>er</u>* ва ғ. [6,98].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин тарзи ба вуҷуд омадани ҷуфтҳои синонимӣ на танҳо дар исмҳо, балки дар дигар ҳиссаҳои нутқ низ хеле фаъоланд.

Пеш аз ҳама, бояд зикр кард, ки системаи калимасозии ҳар як забон аз усулҳои пурпечутоби калимасозӣ иборат аст, ки воситаҳои мувофиқи калимасозиро дар бар

мегирад. Дар ҳамин раванд истифодаи суффиксҳои исмсоз дар забонҳои муқоисашаванда нисбатан сермаҳсул буда, дар созмон ёфтани ҷуфтҳои синонимии забонҳо мусоидат намудаанд.

Дар забони тоҷикӣ дар созмон ёфтани исмҳо як қатор суффиксҳо серистеъмол ва сермаҳсул ба ҳисоб мераванд. Ба ин гурӯҳ чунин суффиксҳоро метавон дохил намуд: *-чӣ, -гар, -гор, -гар, -кор, -бон, -ор, -навард, - во/вой, -вода, -андар, -вар, -а, -ак, -ча, -она, -ок, -дон, -гоҳ, -зор, -истон, -сор, -бор, -ина, -шан, -но, -када, -ӣ, -гӣ, -гарӣ, -иш, -ор, -ат/ят, -ия, -ият,- анда, -янда, -каш, -манд ва г.*

Дар забони англисӣ ба ин гурӯҳ як қатор суффиксҳои сермаҳсулро дохил кардан мумкин аст, ки онҳо суффиксҳои исмсоз ба ҳисоб рафта, дар созмон додани муродифоти исм иштирок менамоянд: *-er, -or, -ee, -ete, -man, -ist, ness, -ism, -ity, -dom, -ship, - ation, -hood, acy,- ery, ment, age*, ite [7, с. 50].

Дар забони англисӣ сифатҳо баъд аз исмҳо ба гурӯҳи бештари калимаҳои забони англисӣ дохил мешаванд. Бояд таъкид созем, ки дар фарҳанги профессор Мюллер, ки аз 60 ҳазор калима иборат аст, 8600-тои он сифат мебошад. Шумораи суффиксҳои сифатсоз ба 65 ва префиксҳо ба 71 мерасад. Дар забони англисӣ тавассути суффиксу префиксҳо калимаҳо ҳам аз худи сифатҳо сохта мешаванд ва ҳам аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба миён меоянд.Суффиксҳо аломати мансубияти калимаро муайян мекунанд, инчунин дифференсиатсияи калимаро аён месозанд [2, с.136].

Бояд таъкид созем, ки дар миёни ҳамаи суффиксу префиксҳои дар боло ишораёфта намунаҳои зерин сермаҳсултар ва серистеъмол маҳсуб ёфта дар ташкили калимаҳои нав дар забон фаъол мебошанд. Суффиксҳои асосии сифатсози забони англисӣ инҳо маҳсуб меёбанд: **ed, y, ish, en, less, ly, ful, some, fold, worthly, like, able(ible), ous, an, (ean, ian).**

Префиксҳои сифатсоз: **un, in, non, a, self, well, ill** [11, с.79].

Бояд тазаккур дод, ки дар забоншиносии муосир таваҷҷуҳ нисбат ба масъалаҳои гуногун, ки бо семантикаи калима алоқамандӣ доранд, хеле зиёд аст. Ин амал ба он далолат мекунад, ки ин қисмати забон нисбатан камтар омӯхта шудааст. Бисёр масъалаҳо ба монанди такомули маъногии калимаҳо, синонимия, омонимия, муносибатҳои маъногӣ ҳангоми калимасозӣ асосан ба хусусияти семантикии калимаҳо алоқамандӣ доранд [2, с.67].

Муҳиммияти калима нисбат ба ҷумла ва ибора аз он иборат аст, ки он хусусияти дар худ таҷассум кардани маъноҳои зиёдеро дорад. Калима мафҳуми асосии забон маҳсуб меёбад, азбаски он дар худ арзиши маъногиро дорад, он ном мегузорад, ифода мекунад, маълумот медиҳад, муносибати муайянеро ифода мекунад. Аммо бо ин ҳама хусусияти асосии он маҳдуд намешавад, махсусан дар раванди калимасозӣ. Дар ташкил ва такомули калима омилҳои семантикӣ таъсири муҳим дорад. Аз онҳо имконият доштан ва ё надоштани омехташавии қисматҳои калима алоқамандӣ доранд. Дар умум, дар забон қонуниятҳои муайяни семантикӣ мавҷуданд, ки бо он раванди калимасозии ҳар як забон ба вуқӯъ меояд. Ҳангоми ба вуҷуд омадан калима танҳо бо як маъно зоҳир мешавад. Оҳиста-оҳиста он маъноҳои гуногунро касб менамояд. Ин раванд инчунин факторҳои семантикӣ маънидод карда мешавад. Омӯзиши ин бахш дар илми забоншиносӣ ва умуман калимасозӣ аҳамияти муҳимми ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Омӯхтани чунин қонуниятҳо имкон медиҳад, ки равандҳои калимасозиро аз худ намоем, фаъол будани як қатор аффиксҳо ва ғайрифаъол будани гуруҳи дигарро омӯхта, сабабҳои онро муайян намоем. Ба ин хотир як қатор сабабҳоро пешниҳод менамоем, ки онҳо муҳим будани факторҳои семантикиро ошкор месозанд. Маводҳои омӯхташуда нишон медиҳанд, ки миёни асли калима ва калимаҳои аз он бамиёномада алоқаи маъногӣ вуҷуд дорад. Ин алоқа асосан тавассути аффиксҳои калимасоз нигоҳ дошта мешаванд. Масалан, суффикси сифатсоз дар забони англисӣ **ly** дар ифодаи маънои монандӣ, хусусият, аломат меояд. Ба ифодаи ҳамин маъноҳо монанди он метавонад, ки аз исмҳо сифат созад **brothely, sisterly, monthly, yealy** ва ғайраҳо.

Суффикси сифатсози **ful**: hope**ful**, fear**ful**, cheerful ва ғайраҳо [6, с.79].

Омилҳои семантикӣ на танҳо дар калимасозӣ тавассути аффиксҳо нақши муҳим доранд, балки он дар усули конверсия низ муҳим аст. Усули конверсия низ ба гурӯҳи фаъоли усулҳои калимасозӣ дохил мешавад. Аммо бояд зикр намуд, ки ин усул дар амали худ баъзе маҳдудиятҳо низ дорад. Ин маҳдудият аз хусусиятҳои семантикии калимаҳои сохта вобаста аст. Калимаҳое, ки конверсия мешаванд ба як гурӯҳи мушаххаси маъно пайваст карда мешаванд. Масалан, агар гурӯҳи феълҳои забони англисиро дар амали конверсия нишон диҳем, тафовутҳо муайян мешаванд: **hammer-to hammer, knife-to knife, bomb-to bomb**. Ба ҳамин монанд, феълҳои дигар дар гурӯҳи муайяни худ муттаҳид мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки феълҳое, ки тавассути амали конверсия исм месозанд ба гурӯҳҳои муайян тақсим мешаванд, масалан феълҳои ифодакунандаи ҳаракат, **to jump-jump, to stap- a step, феълҳои муошират-to chat- a chat, to talk-a talk**, феълҳои

ифодакунандаи амалу ҳолат- **to make – a make, to cut-a cut, to break-a break** ва ғайраҳо [2, с.231].

Таъкид кардан зарур аст, ки омилҳои семантикӣ инчунин дар такомули сермаъноӣ низ муҳимманд. Дар тадқиқотҳои пешин асосан сохторҳои семантикии калимаҳои решагӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Андешаҳои гуногун дар мавзӯи роҳҳои асосии такомули калимаҳо гуфта шуданд ва бисёриҳо бар он назар буданд, ки роҳҳои асосии такомул ва пайдоиши калимаҳои нав ва сермаъногии онҳо метафоризатсия ва метаномия мебошанд. Аммо бояд зикр намуд, ки метаномия ҳамчун роҳи такомул ва пайдоиши калимаҳои нав танҳо дар калимаҳои решагӣ роиҷ аст. Дар калимаҳои сохта ин гуна восита хеле кам ба назар мерасад, натиҷаҳои тадқиқотҳо, махсусан конверсия шуда дар аксар мавриди натиҷаи амали чандинкаратаи воситаҳои калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд. Аз рӯйи қоида дар як маъно калимаи сохта бо яке аз маъноҳои калимаи аслӣ мувофиқат мекунад, миёни калимаи аслӣ ва калимаи сохта алоқаи зичи маъногӣ мавҷуд аст. Омилҳои семантикӣ дар муайян намудани имкониятҳои амали конверсия низ муҳим арзёбӣ мешаванд, дар забони англисӣ амали конверсия на танҳо ҳамчун воситаи ташкили калимаи нав истифода мешавад, балки хамчун воситаи эҷоди маъноҳои нав мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳамин тариқ, омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омадани синонимҳо дар созмон ёфтани ҷуфтҳои синонимии он робитаи қавӣ дорад. Яъне робитаи ибтидоие, ки калимаи нав бо аслаш зоҳир мекунад, хусусиятҳои наздики маъногии худро нигоҳ медорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.А. Лексикология английского языка. Учеб. пособие для студ / В.А. Виноградов. – М.: Наука, 1977. – 312 с.
2. Каращук П.М. Словообразование английского языка. Учеб. пособие для студ. высш. проф. образования / П.М. Каращук. – М.: Высш. шк., 1977. – 303 с.
3. Муминов А. Полисемия в таджикском языке: дис… канд. фил. наук / А. Муминов. – Душанбе, 1972. – С. 80-96.
4. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик: дастури таълимӣ /М.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – 162 с.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик. Дастури таълимӣ / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – С. 50-83.
6. Туйғунов Н. Луғати мухтасари синонимҳои англисӣ-тоҷикӣ. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ / Н.Туйғунов. – Душанбе, 2010. – 140 с.
7. Фатҳуллоева А. Калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ва нақши воситаҳои он дар ташаккули муродифот / А.Фатҳуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2010. – №4/7(179). - С. 86-91.
8. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. - Москва, 1972. - С.51.
9. New Webster’s Dictionary of the English Language. College Edition. – USA: Fifth Print, 1989. - 1856 p.
10. Laurence Urdang. Dictionary of synonyms and antonyms. – USA, 1985. - P. 441.
11. Gandelsman A. English synonyms / A.Gandelsman. – Moscow, 1963. – 500 p.

ОМИЛҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ МУРОДИФОТИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар забони англисӣ аксари суффиксҳо тавассути иқтибос аз забонҳои дигар ворид шудаанд. Бештари онҳо дар доираи якчанд калимаи муайян боқӣ монда, дар калимасозӣ ва офаридани муродифоти дигари он саҳмгузор нашудаанд, яъне на ҳама вақт метавон якеро бар ивази дигаре, ки комилан ҳамон маъноро диҳад, истифода бурд. Воситаҳои калимасозӣ дар забони англисӣ монанд ба забони тоҷикӣ хеле зиёданд. Онҳо дар ташкили калимаҳои нав мавриди истифода қарор мегиранд. Новобаста аз ин, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки на ҳамаи суффиксҳои забони англисӣ сермаҳсуланд ва аз ин сабаб ҳам на ҳамаи онҳо дар созмон ёфтани муродифоти калимасозӣ иштирок карда метавонанд. Суффиксҳое, ки дар ташкили муродифоти калимасозӣ иштирок мекунанд, аслан зиёд нестанд, аммо ҳолатҳои мушаххас доранд. Моҳияти муродифҳо ҳамчун калимаҳои аз ҷиҳати маъно ва истифода яксон ё монанд аз ҷониби муҳаққиқони гуногун ба таврҳои мухталиф фаҳмида мешавад. Муҳаққиқони гуногун ақидаҳои мухталифро дар масъалаи омӯзиши синонимия ва синонимҳо дар илми забоншиносӣ пешниҳод намудаанд. Як нуқтаи назари умумӣ ва анъанавие, ки муҳаққиқон бо он синонимияро муайян мекунанд, калимаҳои мушобеҳ ва калимаҳое мебошанд, ки аз рӯйи маъно наздик баррасӣ мешаванд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки тағйиротҳои семантикии калимаҳо дар раванди калимасозӣ ба вуҷуд омада, хусусиятҳои мухталифро касб менамоянд. Ташаккули воҳидҳои нави забонӣ ва махсусан воҳидҳои забонӣ дар заминаи модулҳои муайяни калимасозии ҳамон забон ба вуҷуд меоянд. Қонуният ва хусусиятҳои ташкили воҳидҳои нав асосан дар раванди таҳлили калимасозӣ муайян карда мешаванд.

ОСНОВНИЕ ИСТОЧНИКИ СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИНОНИМИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматриваются способы возникновения синонимов при помощи словообразовательных средств в таджикском и английском языках. Анализ показывает, что многие суффиксы являются заимствованными. Многие суффиксы употребляются с одним или более словами, и они не могут участвовать в образовании синонимических слов. Словообразовательные средства в английском языке играют особую роль в образовании словообразовательных синонимов. Они используются в основном в образовании новых слов, которые считаются синонимами основных слов языка. Несмотря на это, анализ показывает, что не все суффиксы в английском языке являются продуктивными, и поэтому они не всегда

могут участвовать в образовании синонимичных слов. Надо отметить, что продуктивные суффиксы в английском языке так же, как и в таджикском языке, создают основу словообразовательной синонимии. Синонимы как слова одинаковые по значению, по-разному характеризуются языковедами. В языкознании многие языковеды занимались вопросами синонимии и в частности словообразовательной синонимии. В этом направлении уже существует много исследований, и они занимают особое место в дальнейшем изучении вопросов синонимии, в том числе словообразовательной синонимии. Анализы показывают, что семантическое изменение слов в процессе словообразования имеет различные основы. В этой основе определяется особенности новых слов, образующихся при помощи словообразовательных средств.

Ключевие слова: синонимы, сравнение, синонимы словообразования, методы, важность, словообразовательные средства, особенности, общность, отличие, преимущество.

THE MAIN SOURCES OF SYNONYMS OF WORDFORMATION IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article analyses the methods of word formation and their role in forming the synonyms in English and Tajik languages. Particular attention is given to the direct relation of word formation in organizing new synonyms in the analyzing languages. This article discusses the ways in which synonyms arise using word-building ways in Tajik and English. Analyzes show that many suffixes are borrowed from other languages. Many suffixes are used in one or more words, and they cannot participate in the formation of synonymous words. Word-building methods in the English language play a special role in the formation of word-building synonyms. They are used mainly in the formation of new words that are considered synonymous with the basic words of the language. Despite of this, analyzes show that not all suffixes in the English language are productive and therefore they cannot always participate in the formation of synonymous words. Synonyms as words of the same meaning are explained differently by linguists. In linguistics, many linguists dealt with issues of synonymy and, in particular, word-formation synonymy. There are already many researches in this direction, and they occupy a special place in the further researches of the issues of synonymy and in the specialty of word-formation synonymy. Analyzes show that semantic change of words in the process of word formation have different bases. This basis determines the peculiarities of new words forming with the help of word-formation means.

Key words: synonyms, comparison, word formation synonyms, methods, importance, word-building means, features, commonality, difference, advantage.

Сведения об авторах: ***Туйгунов Носир Хакбердиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономических университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64**/**14.
E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru.**
Саидова Мавзуна Абдулхакимовна – Таджикский государственный финансово-экономических университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64**/**14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**
Фатхуллоева Шарофат Абдусатторовна – Таджикский государственный финансово-экономических университет, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64**/**14. E-mail: **640942@mail.ru**

Information about the authors: ***Tuygunov Nosir Hakberdievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, candidate of philology sciences, dotsent, the Head of the department of Foreign Language. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N.Karabaeva 64/14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**
Saidova Mavzuna Abdulhakimovna - Tajik State University of Finance and Economics, teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N.Karabaeva 64/14.
E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**
Fatkhulloeva Sharofat Abdusattorovna - Tajik State University of Finance and Economics, senior teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N.Karabaeva 64/14.
E-mail: **640942@mail.ru**

УДК: 491.550-3:491.71-3 (575)

ТРАДИЦИОННАЯ ЛЕКСИКА КУЗНЕЧНОГО ДЕЛА ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ И ЕЕ ЭКВИВАЛЕНТЫ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Абдуллоева Г.З., Лузинаи З.
Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода

С древности люди занимались хозяйственной деятельностью: ловили рыбу, охотились на зверя и птицу, занимались бортничеством и ремёслами. Промыслы и ремесла составляли важнейшую сторону жизни села. Их всегда обслуживала специальная лексика, которая, с присущими её системными отношениями, неоднократно становилась предметом изучения лингвистов, в том числе диалектологов, тем не менее, в ней ещё много неизученного [4, с.3].

Так как Каратагский регион с трёх сторон окружён высокими горами, то в нем и по сей день сохранились все виды народных ремёсел. Особенно очень развито было кузнечное дело, и ремесленники с большим интересом занимались этим делом [1, с.73]. Помимо кузнечного промысла, для жителей этой местности, так же важным занятием являлись животноводство, садоводство и зернобобовые культуры. Люди старались своими руками создавать орудия труда. В данном говоре часто встречаются термины, касающиеся кузнечной лексики, и лексика данного промысла очень богата и разнообразна. Учёный и

мыслитель Бободжон Гафуров в своей книге ,,Таджики,, отмечает: «Этот промысел имеет столетнюю историю. ,,В Согде, особенно в Кеше и Маймурге, кузнечные изделия были разнообразными и востребованными, так как кроме оружия востребованы были различные виды кухонной утвари, строительные материалы, женские и мужские украшения, такие как: *копалка*, *топор*, *серп, молот, гвоздьжелезные и бронзовые ремни*, *разные пуговицы*, *ножницы, ключи*, *подсвечники* [3, с.339]. Ещё великий Фирдоуси в своем бессмертном произведении ”Шахнаме,, отражает этот вид промысла, и одним из народных героев его произведения является человек, который занимался этим делом, и звали его Кова-кузнец (Коваи оҳангар).

Языковед Мақсудов Т. в своей работе ”Лексика и фразеология диалекта таджиков Исфары” отмечает, что кузнечный промысел с древних времён был развит на нашей территории..., этот промысел имел свои тонкости, которые принадлежали только ему. Слово " оҳангарӣ" в таджикском языке очень широко используется и включает в себя много разновидностей этого ремесла, таких как *сӯзангарӣ* (иглоделие), *кордгарӣ* (изготовление ножей), *мехчагарӣ* (гвоздиделие) [5, с.106].

Великий таджикский мастер слова, Сайидои Насафи в своих бесценных произведениях тонко и искусно использовал лексику кузнечного ремесла, например: *оҳангар* (кузнец) *таштгар* (ташт- большой медный и бронзовый таз; ташгар кузнец – мастер по изготовлению разных кухонной утвари), *сӯзангар* (мастер, который создаёт разные иглы), *мисгар* (медник) косагар (кузнец-по изготовлению различного вида посуды), *сӯҳонгар* (сухон-стальной предмет, который предназначен для точения железных предметов), *кордгар* (производитель ножей), *қулфгар* (кузнец, который создаёт различные виды замков), *мехчагар* (гвоздедел), *каландгар* (мастер по тяпкам) *дегрез* (казанщик):

Бо маҳи *оҳангар* аз сандону дам гуфтам сухан,
Гуфт: "Агар аз аҳли путкӣ, пеш ою дам мазан"
Роҳи *оҳангарписар* кардам ба мижгон руфтурӯб,
Хонаи ман рафту гуфто: "Оҳани сарде макӯб" (Сайидо Насафи).

В начале XIX века Каратаг считался центром кузнечного промысла Гиссарской долины. Следует отметить, что в данном регионе в 30- годы XX века размещались 32 кузнечных мастерских. В средние века Пашмикӯхна (правый берег реки Каратага с северо-запада) был известен как особый производитель кузнечного промысла [2, с.91].

По семантике - эти термины отличаются друг от друга, поэтому нам пришлось разделить их на следующие подгруппы:

- **названия ремесел:** *оҳангар* (кузнец), *мисгар* (медник), *тунукасоз* (жестянщик), *наългар* (подковщик), *дегрез* (казанщик), *кетмангар (*кузнец, который делает тяпки), *мехчагар* (гвоздедел), *каландгар* (мастер по тяпкам), *шамгар* (свечедел), *қадоқгар* (жестянщик), *кордсоз* (ножевщик), *сӯзангар* (иглодел), заргари (ювелирное мастерство) и.т. д.

Следует отметить, что слово *зар* в таджикском языке очень широко используется. Данное слово иногда используется в переносном значении.: Мохираи ман дар пеши духтарон ба мисли *зар* чилло медихад (в значение красавицы). Моя Мохира рядом с девочками сверкает как золото .

В таджикском языке некоторые фразеологизмы образовались от слова зар: Зарёб будан (шустрый, умный, работяга, сообразительный, умелый) [10, с.175]. Эквивалентом слова охангар в русском языке считается кузнец, а слова *қадоқгар* (жестянщик), *дегрез* (казанщик) *сӯзангар* (мастер, который изобретает разные иглы), *қуфлгар* (кузнец, который делает различные виды замков), *таштгар* (ташт- большой медный и бронзовый тазик, ташгар кузнец, который делает разные тазики) считаются в русском языке безэквивалентными.

- **названия места промысла мастеров**: *дӯкон, пирхона, устохона*; Следует отметить, что дословным переводом слово *устохона,* является мастерская, слова *пирхона* и *дукон* обознчают *дом престарелых* и *станок*, но в данном говоре слова *пири кор* обозначает мастер своего дело, что стало основой слово *пирхона,* а дукон в таджикском языке используется не только в значении станка, но и в значении *мастерской.*

Слово дуккон в призведении С. Насафи в зависимости от ритма стихотворения имеет два вида написании: дуккон // дӯкон, использованы в различных значениях:

а) в значении мастерская (коргоҳ, корхонаи косибӣ, устохона):

Бо нигори қуфлгар гуфтам: **Дуккон**и худ кушой.
Дар ҷавобам гуфт: Қуфли ман бувад мушкилкушой (Сайидои Насафӣ).

б) дом в значении, где продаётся товар (ба маънии хонае, ки дар он молу чиз мефурӯшанд) :

Бути чарчинфурӯшам зад ба санг оинаро рӯяш,
Зи ғайрат моҳи навро сӯхта чақмоқи абрӯяш.

Паи ороиши **дуккон**и худ ҳар гаҳ ки биншинад,
Чу марвориди ғалтон тифли ашки ман равад сӯяш (Сайидои Насафи)

в) ткацкое оборудование (ба маънии асбоби бофандагӣ қисматҳои он [8, с.34].

Бар **дуккон**аш хешро чун порсанг овехтам,
Аз забони шонааш омад садо: Моро чӣ бок? (Сайидои Насафи).

Как нам стало известно из выше указанных примеров, это слово на самом деле испозовалось в виде дуккон.

Мухаммад Гиёсуддин также придерживается этого значения слова «Дуккон» [4, с.339].

Значения слово «дуккон», которые выражены в произведениях Сайидои Насафи, в современном таджикском языке остаются без изменения, но в Толковом словаре таджикского языка, отмечены и другие значения этого слова.

1.место, регион (в переносном значеиие):

Бурда фикрам аз тозахаёлони замон,
Булбулам сохтӣ дар гушаи файёз дукон (Сайидои Насафи).

“Дукони сард” в значение того света(киноя аз он дунё) [7, с.398].

Бо ғафлатгоҳи ин *дӯкончаи* сард,
Ки дорад дард, агар санг аст бедард (Бедил).

❖ **названия частей мастерской**: *гуландоз, оштон, тахтақолив, каламбур;* кура (печь), дами оҳангарӣ (кожаный предмет, который имеет десять частей), *сандон* (предмет, над которым работает кузнец), *қалами оҳанбурӣ* (карандаш для резки железа), *чарх* (деревянное колесо, которое изготовляется из лесных деревьев (ель), *навард* (стержень), *амбур* (плоскогубцы), качақамбур (кусачки), *ростамбур* (плоскогубцы), *тахтақолив* (деревянная форма), *пардозтахта* (инструмент для наброски узоров). Старые железные изделия заново реставрировались при помощи огня, и это дело называлось “оташкорӣ” в гиссарском диалекте, которое не имеет эквивалента в русском языке.

❖ **названия инструментов**: Так как у таджиков очень разнообразные виды инструментов, приготовленные кузнецами, мы разделили их на следующие группы:

✓ **наименованияз видов ножей**: *корди гулбанддор* (нож с украшенной повязкой), *корди ошисуюқбурӣ* (нож для резки лапши), *качқорд* (нож для уравнивания гончарных изделий), *корди говкушӣ* (нож мясника), *чоқу* (карманный нож);

✓ **наименования видов мотыг:** *новтеша, тавартеша* (мотыга, похожая на топор, который используется для деревообработки), *пайтеша,* (мотыга, которая используется для установления следов на деревянных изделиях), *тешаи дастӣ* (маленький ручная мотыга), *новтеша* (мотыга, предназначенная для приготовления деревянных ложек), *тешаи чопуққунӣ* (мотыга для обработки почвы), *хоркантеша* (мотыга для выкарчивания колючих растений);

✓ **наименования видов топоров**: *тавари майда* (маленький кухонный топор), *тавари калон* (большой топор для колки дров), *тавари мусулмонӣ* (мусульманский топор), *исканатавар* (топор для обработки дерева);

✓ **названия видов сверл**: *чилпарма* (сорокозубчатое сверло), *пистонпарма* (сверло с крохотными зубчиками)*, гулпарма (*сверло с узорными зубчиками*), даравшпарма* (сверло с пошивными зубчиками),

❖ **названия разновидностей ножниц**: *муйлавкалтакунӣ (*ножницы для стрижки усов)*, гӯспандтарошӣ, (*ножницы для стрижки овечьей шерсти), *токбурӣ* (ножницы для стрижки виноградника), *қайчи дарздӯзӣ*,(ножницы для выкройки), *қайчи зардӯзӣ* (золотошвейные ножниц), *парчини дар, часпаки дар* (дверная петля),*часпаки тиреза* (оконная петля), *қайчи нохунгирӣ* (маникюрные ножницы). Нужно отметить, что термин *қайчи зардӯзӣ* (золотошвейные ножниц) безэквивалентный, так как у русского народа другие обичий и традиции.

❖ **названия видов ключей и замков:** *қулфи дар*(дверной ключ), *зулфаки дар*(подвеска для ключей);

Название предметов, которые кузнец использует во время работы с огнём: *печки саларкагӣ* (печка, отапливающаяся с помощью солярки), *печки кӯмурӣ* (печка, отапливающаяся углем), *качак (*колена), *ғула (*труба), *тагдегӣ* (железный предмет для поддержания казана), *оташгирак* (щипцы), *аловкowак* (кочерга), *хокистаргирак* (совок), *хокистаррезонак* (штырь для очистки печки). Термин *тагдегӣ* (железный предмет для поддержания казана) в русском языке не используется.

Название швейных принадлежностей: *сӯзан* (иголка), *сӯзани мӯҳрагузаронї* (игла для вышивания бисером), *сӯзани зардӯзї* (золотошвейная игла), *тевана* (шило), *лосчӯw* (инструмент для выравнивания нитей), ангуштпона (наперстник),

В Гиссарской долине следующим видом кузнечного ремесла является мисгари (медное ремесло). Это профессия также имеет очень древнюю историю. Ещё при

правлении саманидов были известные медники среди таджиков. Эта сфера тоже очень богата и разнообразна. Термены ее классифицируются на следующие подгруппы:

2.1. **Инструменты, которые используют при работе с медью***: порғор*, *пӯлодқалам, қайрок* (точильник)*, болқача* (молоток). Дословный перевод слова *пӯлодқалам* является "стальной карандаш", но такого понятия в русском языке не сушествует. Это слово также считается безэквивалентным.

2.2. **Названия медных ламп:** *шайтончироғ , осмончироғ, пилтачироғ, сийочироғ.* Следует отметить, что эти слова в данный момент считаются архаизмами в гиссарском говоре, а в русском языке безэквивалетними.

Предметы, которые создают медники именуются следующими терминами: *зангӯли мисӣ* (медный колокольчик), *чойҷӯшонак(* кипятильник), *афтowи тораткунак* (медный прибор для подмывания), тавоқ, *лаълӣ* (медный поднос), *дастшӯйак, кӯза* (медный кувшин), *қандов,* шоҳкоса(большая медная чашка), *коси гӯшакдорак (*медная чашка с *ручками), чилим (кальян), кавлези мисӣ* (медный черпак), *тағораи мисӣ*(медный таз), *чойники чойдамкунӣ* (медный чайник), тарозуи мисӣ(медные весы).

2.3. Меры, которые преназначены для медных весов: *сирниман* (95 кг, 87 гр), н*имман* (47 кг, 93 гр), *чоряк* (26 кг, 96 гр), *нимчорйак* (14 кг, 48 гр), *нимхурд* (5 кг, 94 гр), *этимак* (2 кг, 98 гр), *эсирак* (1 кг, 49 гр), *гарибак* (107 гр), *мискинак* (46, 8 гр), *нимискинак* (23, 4 гр*), як мисқол* (4, 68 гр).

Следует отметить, что в настоящее время, все эти слова считаются архаизмами, кроме термина **як мисқол** (4, 68 гр) в таджикском языке. Жешщины, которые занимаются шелкодельем используют термин **як мисқол** (4, 68 гр) для мерки шёлковой нити.

Таким образом, термины в области кузнечнего ремесла в основном исконно таджикские. Это может быть связано с тем, что такими ремеслами в Средней Азии занимались в большей части таджики, и лучшими мастерами в этой сфере были тоже представители этого народа. Некоторые из этих терминов имеют свои эквиваленты в русском языке.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдуллоева Г. Лексика Каратагского говора / Г.Абдуллоева. - Душанбе, 2017. -194 с.
2. Баротов Р.Б. Каменное чудо Таджикистана / Р.Б.Баротов, В.П.Новиков. - Душанбе, 1998. – 205 с.
3. Ғафуров Б. Таджики, книга 1 / Б. Ғафуров. - Душанбе,1998. -701 с.
4. Маринин Андрей Владимирович. Лексика промыслов и ремёсел в говорах Вадского района Нижегородской области: авт.. дис. канд. филол наук. - Арзамас, 2011 .-24 с.
5. Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. - Душанбе: Ирфон, 1977. -158 с.
6. Мухаммад Гиёсуддин. Гиёс- ул. Лугот, Т.1.-Душанбе: Адиб,1987. -480 с.
7. Толковый словарь таджикского языка, Т.1.- М.: Эцикл.,1969. - 951 с.
8. Халимиён С. Професиональная лексика в произведениях Сайидои Насафи.- Душанбе,2014.- 152 с.
9. Фарҳанги бораҳо халқӣ. -Душанбе, 1988.-372 с.

ЛУҒАТИ АНЪАНАВИИ СОҲАИ ОҲАНГАРИИ ВОДИИ ҲИСОР ВАМУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ РУСӢ

Дар мақола оид ба лексикаи соҳаи оҳангарӣ ва муодилҳои он дар забони русӣ сухан меравад. Муаллифон дарҷ намудаанд, ки лексикаи соҳаи оҳангарӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле бою ғановатманд мебошанд. Ҳангоми таҳлили мавод муаллифон исбот намуданд, ки баъзе истилоҳоте, ки ба соҳаи оҳангарии лаҳҷаҳои водии Ҳисор тааллуқ доранд, дар забони русӣ муодил надоранд. Масалан, истилоҳоти *дӯкон, пирхона, устохона, ки ба* маънои *"ҷойи кори устои оҳангар"* дар ин лаҳҷаҳо корбаст мешаванд*,* дар забони русӣ танҳо *устохона- мастерская*, тарҷума мешаваду халос*.* Боиси зикр аст, ки вожаҳои *пирхона* ва *дӯкон*, ки маъноҳои аслиашон дар забони тоҷикӣ *хонаи калонсолон- дом приторелых* ва *таҷҳизоти оҳангарӣ - станок* мебошад, бо маъноҳои дар боло овардашуда дар забони русӣ корбаст намешавад. Дар мақола лексикаи соҳаи оҳангарии лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба таври лозимӣ гурӯҳбандӣ шудааст. Инчунин, муаллифон қайд намуданд, ки баъзеи ин вожаҳо таърихи хеле дурудароз доранд ва дар осори адибони классик айнан дар шакле, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор корбаст мешаванд, корбаст шудаанд. Бо таҳлилҳои амиқ мақоланависон собит намуданд, ки аксарияти вожаҳои ифодакунандаи лексикаи анъанавии соҳаи оҳангарии водии Ҳисор ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил шуда, дар айни замон дар ин лаҳҷаҳо аз истеъмол баромадаанд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, оҳангарӣ, лаҳҷа, водии Ҳисор, муодил, забони русӣ, ашё, оҳан, мис, мисгарӣ, вожа.

ТРАДИЦИОННАЯ ЛЕКСИКА КУЗНЕЧНОГО ДЕЛА ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ И ЕЕ ЭКВИВАЛЕНТЫ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

В статье говорится о лексике кузнечного дела и его эквивалентах в русском языке. Авторы отмечают, что лексика кузнечного дела в говорах Гиссарской дилины очень богата и разнообразна. При анализе данного материала авторы доказали, что некоторые термины, относящиеся к кузнечному делу говоров Гиссарской долины, имеют свои эквиваленты в русском языке. Например, термины дукон, пирхона, устохона, которые обозначают "место работы кузнеца", в русском языке переводятся как мастерская. Нужно отметить, что слова пирхона ва дукон, основное значение которых в таджикском языке обозначает дом престарелых и кузнечное оборудование - станок, в приведенных выше примерах употребляются в русском языке.В статье должным образом сгруппирована лексика кузнечного дела Гиссарской долины. Также авторы отмечают, что некоторые из этих слов имеют давнюю

историю и в наследии классиков таджикской литературы употреблены в точности как в говорах Гиссарской долины. Авторы доказали, что некоторые слова, обозначающие традиционную лексику кузнечного дела Гиссарской дилины входят в группу архаизмов и в данное время вышли из упортебления.

Ключевые слова: термин, кузнечное дело, говор, Гиссарская долина, эквивалент, русский язык, вешь, сталь, медь, занятие медника, слово.

TRADITIONAL LEXICON OF THE FORGED BUSINESS OF HISSAR VALLEY AND ITS EQUIVALENTS IN THE RUSSIAN LANGUAGE

The article deals with the blacksmith's vocabulary and its equivalents in Russian. The authors note that the blacksmith vocabulary in the dialects of Gissar Dilina is very rich and diverse. When analyzing this material, the blacksmith ”is translated as a workshop in Russian. It should be noted that the words of Pyrkhona va dukon, the main authors have proved that some terms related to the blacksmithing business of the Gissar Valley dialects have their equivalents in Russian. For example, the terms dukon, pirhona, and stochona, which denote “the place of work, the meaning of which in Tajik language means a nursing home and forging equipment is a machine, in the above examples they are used in Russian. The article properly grouped the vocabulary of the blacksmith of the Gissar Valley. The authors also note that some of these words have a long history and in the heritage of the classics of Tajik literature are used exactly as in the dialects of the Gissar Valley. The authors proved that some words denoting the traditional vocabulary of the blacksmith of Gissar Dilina belong to the group of archaisms, and at this time they are out of use.

Key words: term, blacksmithing, dialect, Gissar valley, equivalent, Russian, language, steel, copper, tinker, word.

Сведения об авторах: ***Абдуллоева Г.З.*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры общего языкознания и сопостовительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
Лузинаи Зафардухт – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде, докторант Ph.D. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **lusina@mail.ru**

Information about the authors: ***Abdulloeva G.Z.*** - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzoda, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhammadiyeva 17/6
Lusinai Zafardukht - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzade, doctoral student Ph.D. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. E-mail: **lusina@mail.ru**

УДК: 44+ 491.550 + 491.155 (575.3)

НАЗАРЕ БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСШУДАИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ФОРСӢ

Ҷумаев Т.Б., Асомова У.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Омӯхтани мавзӯи «Калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ» аҳаммияти калони илмиро доро мебошад. Доир ба мавзӯи мазкур як қатор олимони ватанию хориҷӣ корҳои назаррасеро ба анҷом расониданд. Дар рафти тадқиқотҳои илмӣ ба мо маълум гардид, ки дар Эрон ва Фаронса оид ба калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони форсӣ ва баръакси ҳол корҳои зиёде карда шуда, ҳатто дар ин самт аз ҷониби баъзе олимон луғатҳои калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони форсӣ ва аз форсӣ ба фаронсавӣ ба табъ расидаанд. Бинобар ин, мо зарур донистем, то дар ин ҷода мавзӯи хешро атрофи калимаҳои иқтибосшудаи забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ ва форсӣ қарор диҳем.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ калимаҳо мутобиқи ифодаи анвои мухталифи унсурҳои ҷудогонаи мазмуни худ ба гурӯҳҳои мустақилмаъно ва номустақил ҷудо мешаванд. Агар калима дар забонҳои номбаршуда баробари маъноҳои грамматикӣ маънои луғавӣ дошта бошад ҳам, мустақилмаъност. Масалан, калимаҳои **моҳ- la lune, пой-le pied, осмон-le ciel, об-l’eau; омадан-arriver, сурх-rouge; субҳ – l’aurore; ду-deux** ва монанди инҳоро ба ҳамин гурӯҳ дохил кардан мумкин аст. Баръакс, агар калима танҳо ифодагари маънои грамматикӣ бошад, номустақил аст. Ба ин гурӯҳ калимаҳои ёридиҳанда - пешояндҳо: **аз-de, ба-à, дар-dans, барои-pour, дар гирди-autour;** пасояндҳо: **боз-encore, барин-comme;** пайвандакҳо: **ки-qui, агар-si, чунки-parce que, азбаски-car, ҳамин ки-dès que** ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Калимаҳои мустақилмаъно дар луғатшиносӣ, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати маъноҳои луғавиашон омӯхта мешаванд. Навъҳои маъноҳои луғавӣ, муносибати байни ин маъноҳо, робитаи мантиқии маъно ва мафҳуми ифодашаванда, канда шудани алоқаҳои байни маъноҳои луғавӣ ва ба вуҷуд омадани калимаҳои ҳамовоз, муносибатҳои муродифӣ, зидмаъноӣ аз ҷумлаи ҳамон масъалаҳои семантикие мебошанд, ки дар луғатшиносӣ тадқиқ мешаванд.

Бо вуҷуди он калимаҳои иқтибосӣ дар аксари мавридҳо, чи аз ҷиҳати маъно ва чи аз бобати сохт ба дараҷае тағйир ёфтаанд, ки онҳоро аз калимаҳои худӣ фарқ намудан баъзан вақт душвор мегардад. Муайян кардани мутобиқати калимаҳои иқтибосӣ ба меъёрҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи батадриҷи онҳо дар таркиби луғавии забон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи луғатшиносии забони имрӯзаи тоҷик ва забони муосирифаронсавӣ ба шумор меравад.

Дар бораи омӯзиши калимаҳои забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосшудаи забонҳои русию аврупоӣ як қатор забоншиносони тоҷику рус корҳои назаррасеро ба анҷом расонидаанд ба монанди: Бердиева Т., Маҷидов Ҳ., Маъсумӣ Н., Фозилов М., Рустамов А., Афанасев Д. ва дигарон.

Масъалаҳои назарияи забоншиносӣ ва таҳлилу баррасӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ ба монанди, С. Сулаймонова, С. Назарзода, А. Саломова, М. Султонова, Парвизи Нодирӣ, Маликушшуаро Бахор, Озмуда Абулфазл, Ҳақшинос Алӣ Мухаммад, Шафақ Ризозода, Содиқ Ризо, Фуру Алӣ ва чанде дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон дар бобати иқтибосот олимон ва забоншиносони варзидаи рус ва фаронсавӣ низ таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расониданд, ки имрӯз кори онҳоро аҳли илм мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар зоҳир калимаро ҳар яке аз соҳибони забон мешиносанд, онро аз матнҳои нисбатан калонтар ҷудо мекунанд ва мавриди зарурат истифода мебаранд.

Дар забоншиносии тоҷик ва фаронсавӣ то ҳол масъалаи калима ҷудогона (алоҳида, берун аз матн) мавриди тадқиқи махсус қарор нагирифтааст. Мавриди қайд аст, ки хосиятҳои номбаршуда ба калимаҳои забонҳои зиёди ***ҳиндуаврупоӣ*** хос буда, аз ин ваҷҳ онҳоро бо калимаҳои тоҷикӣ ҳам нисбат додан мумкин аст. Бахусус, калимаҳое, ки асрҳои аср дар забонамон вуҷуд доранд, ҳамаи он нишонаҳои зикршударо дошта метавонанд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, калимаҳои қадимаву аслан тоҷикии захираи асосии луғавӣ, ки аз рӯйи сохт на фақат сода ва ё рехта, ҳамчунин сохта ва мураккабанд, дохил мешаванд. Чунончи, калимаҳои ***cap-la tête, daст-la main, дил-le coeur, кор-le travail, ошхона-la cuisine, пӯшок- vêtement, сабз-vert, сурх-rouge, як-un, ду-deux, сад-cent, ҳазор-mille, зуд-vite, тез-vite, оҳиста-lentement, рафтан-aller, гирифтан-prendre, ман-je, moi, шумо-vous, аз-de, ба-à, дар-à, dans, ки-qui*** ва монанди инҳо. Ҳар як тоҷикзабон, пеш аз ҳама, бо чунин калимаҳо сарукор дорад, амалиёти мухталифи забониро аксар бо ҳамин гуна калимаҳо анҷом медиҳад. Шояд забоншиноси маъруфи рус Р.Будагов чунин калимаҳоро дар назар дошта навишта буд: «Калима на танҳо яке аз категорияҳои марказии забон аст, балки мафҳумест, ки бо он ҳамаи одамони касбу ҳунар ва ақидаю чаҳонбинии гуногундошта сарукор доранд. Бо калимаҳо фикру эҳсоси худро ифода мекунанд, ба калимаҳои нутқи дигарон гӯш мекунанд; калимаҳои наву шиносро меомӯзанд, калимаҳои забонҳои хориҷиро аз худ мекунанд, калимаҳои фаромӯшшудаи забони модариашонро ба хотир меоваранд. Бо вуҷуди он ба хулосаи маъюсонае меояд ӯ,- мафҳуми калима то ҳол ҳамчун яке аз масъалаҳои хеле мураккабу ҳалношудаи забон боқӣ мемонад» [3, с.259].

Таркиби калимаҳои аслии тоҷикӣ ва фаронсавӣ низ таърихан ниҳоят мухталиф мебошад. Дар байни онҳо баробари вожаҳои мансуб ба қабати ҳиндуаврупоӣ, калимаҳои умумиэронӣ, арабӣ ва сирф тоҷикию фаронсавиро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Қабати қадимтарини решаҳои аслии тоҷикию фаронсавӣ ба умумияти ҳиндуаврупоӣ рафта мерасад, ки он ҳанӯз дар даврони гузашта арзи вуҷуд мекард. Чунончи, калимаҳои ***модар-mère (f), падар- père (m); зону- genou (m), манаҳ- menton (m), лаб- lèvre (f), даҳ-dix, сад-cent*** ва даҳҳо дигар аз ҳамин қабиланд.

Агар мо ба тарзи навишт ва овози онҳо диққат диҳем, тарзи савтиёти онҳо қариб ба забони тоҷикӣ наздик аст. Пас аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки калимаҳо аз як забон ба забони дигар баъзан бо тағйири овоз ва баъзан ба ҳамон шакл пурра ворид гардидаанд. Ба андешаи ман ворид шудани калимаҳои ғайр таркиби луғавии забони моро коста намекунад ва баръакс онро бой мегардонанд. Имрӯз агар мо ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ олмониву испонӣ, арабиву ҳиндӣ назар афканем дар онҳо калимаҳои ғайр хеле зиёд ҳастанд, ки ҷойҳои холигии таркиби ин забонҳои нуфуздоштаро пурра кардаанд. Маълум мешавад, ки қабули калимаҳои ғайр аз камбағал будани забон гувоҳӣ намедиҳад, балки забонро бою рангин мегардонад. Чун мо ба калимоти иқтибосӣ сару кор дорем, ба таври дигар онҳоро калимаҳои муҳоҷир ҳам метавонем номид.

Воридшавии калимаҳои форсӣ ба забони фаронсавӣ дар асри XIII оғоз гардида, сарчашмаи асосии муносибати фарҳангии ин ду кишвари номвар гардид. Ба сарзамини Эрон аввалин маротиба франсисканҳо ва доминиканҳо ба хонадони

Форси 2 фиристода шуданд, ки маркази буду боши онҳо шаҳрҳои Табриз, Султония ва Тибилисӣ қарор дода шуд.

Нишонаҳои фарҳангиву тиҷоратии ин ду тамаддун дар даврони хонадони Сафавиён рост меояд. Ду роҳиби франсикани ба дарбори шоҳи Эрон Аббосшоҳ аз тарафи Ришелу фиристода мешаванд, ки баъдтар онҳо вазифаи тарҷумон ва миёнаравро адо мекарданд. Силвестер ду Сасӣ ва Абраҳам Анкетил Дюперрон аввалин донандагони забони форсӣ аз аҳли фаронсавиён мебошанд, ки хизмати онҳо дар тарҷумаи асарҳои бумии мо ба забони фаронсавӣ хеле калон аст. Анкетил Дюперрон барои омӯзиши забони Авасто ҳаёти худро зери хатар монда чандин маротиба ба Ҳиндустон сафар менамояд ва пайваста дар пайи таҳқиқоти дастхатҳои Авасто мешавад ва билохира бо кулбори пур аз дастхат ба Фаронса бармегардад, вале бо чунин заҳматҳояш ба ӯ эътибор намедиҳанд. Дар соли 1838 аввалин фиристодагони дарбори Қочорро Луи Филип пазирофӣ намуд. Дар асри XIX бошад муносибатҳои фарҳангиву илмӣ байни Эрону Фаронса хеле мустаҳкам гардид. Дар Фаронса Мишел Бреал номзади илмҳои кафедраи семантикӣ дар Донишгоҳи олии таҷрибавии Фаронса аввалин шуда, ба забонҳои ҳинду аврупоӣ ва Зардушт диққати махсус дод. Билохира соли 1962 кафедраи омӯзиши забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар Коллеҷи Фаронса таъсис гардид. Ва ҳамин тариқ мактабҳои омӯзиши забони фаронсавӣ дар Эрон сар шуд.

Яке аз муҳаққиқони хориҷӣ Делфанӣ дар китоби хеш изҳор медорад: «Фаронса дар Аврупо яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки муносибат ва ҳамкориҳояшро дар соҳаи ҳарбӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ бо Эрон мустаҳкам намуд. Баррасии мазҳари ҳаёти эрониҳо гувоҳ бар ин аст, ки дар фарҳанг, сиёсат, маъмурият ва худи забони форсӣ таъсироти фарҳангу адабу забони фаронсавӣ назаррас аст [7, с.97-101].

Қисмати муҳимтарину асосии як гурӯҳи калимаҳо барои забони тоҷикӣ аз лексикаи қадимаи умумиэронӣ ва барои забони фаронсавӣ аз лотинӣ сарчашма мегирад, ки он дар забонҳои имрӯзаи эронӣ ва лотинӣ низ маҳфуз мондааст. Бунёди лексикиву грамматикии забонҳои муосири тоҷик ва фаронсавиро маҳз ҳамин қисмати эронию лотинии калимаҳо ташкил медиҳанд.

Калимаҳои аслии забон дар бобати калимасозӣ низ мавқеи бузург доранд. Дар заминаи ҳар як решаи калима бо усулҳои мухталифи калимасозӣ садҳо калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Чунончи, дар тоҷикӣ аз решаи «**сар**» калимаҳои ***саргаҳ, сарӣ, сарак, саробон, сарвар, ҳамсар; саросар, сардор, сарҳад, сархор, сарандоз, сарангушт, сароҳанг, саркор, сарчашма, сарқонун, сарбаланд, сарпаст, саршор, сарнавишт, сарбоз [6, с.90-91]*** дар фаронсавӣ аз решаи «**continu**» калимаҳои ***continu, continuo, continuant, continuation, continuel, continuelle, continuellement, continuels, continuer, continuité, continument, continuum [9, с.456-457]*** ва бисёр дигарҳо сохта шудаанд.

Онҳо ҳамчунин дар тавлиди таркиб, ибора ва ҷумлаҳои рехтаи забон саҳми муҳим доранд. Аз ҳар яки чунин калимаҳои решагӣ даҳҳо, гоҳо садҳо воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд омадаанд. Чунончи, бо калимаи номбурдаи **сар** дар «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и М.Фозилов бештар аз 240 таркибу ибораҳои рехта оварда шудаанд. Инак, чанде аз онҳо: ***сар задан, сар овардан, ба сар бурдан, аз сар гузаронидан, сар ба сар, сари вақт, сару тан, сару либос, сару савдо, сар то сар, аз сари нав, дар ҳар сари қадам.*** Дар баробари ин, мо метавонем аз забони фаронсавӣ низ чунин мисолҳороовардабошем: avoir mal à la tête, avoir des maux de tête - аз дарди сар азоб кашидан, baisser la tête - сар хам кардан, la tête en bas - саркаллапо, tête blonde - кӯдак, tête de veau - кал, бемӯй, tête d'andouille (или de nœud, de navet, de bois, de cochon, de lard) - каллакаду, кундзеҳн, par-dessus la tête - аз ҳад зиёд, avoir des dettes par-dessus la tête - дар қарз ғӯтавар будан, avoir la tête dans le sac - ягон тини сиёҳ ҳам надоштан, faire tête - муқовимат кардан, mettre la tête au carré - чеҳраи касеро маҷақ кардан, tenir tête - якравӣ кардан, пофишорӣ кардан. la tête pensante de… - идеолог, grosse tête - шахси доно, avoir la grosse tête - одами машҳур, petite tête! - каллаи холӣ, пуч, бефаҳм, coup de tête - бефаҳм, à tête reposée - бо сари тоза, бо ақли дуруст, tête d'œuf - боақл, homme de tête - марди бофаҳм, femme de tête - зани бофаҳм, адиба.

Калимаҳои русию аврупоӣ (фаронсавӣ). Калимаҳои русӣ ва аврупоӣ (фаронсавӣ) тавассути забони русӣ иқтибос шуда, таърихи чандон тӯлонӣ надоранд. Воридшавии чунин калимаҳо аз нимаҳои дуюми асри XIX, баъд аз забт шудани Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Русия шурӯъ шудааст. Ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ низ якбора ба забони адабии хаттӣ қабул нашудаанд. Дар ибтидо онҳо дар муҳовараҳои забони зиндаи мардум ба кор бурда мешуданд, баъдан тавассути асарҳои адибони ҷудогона

ба забони адабии хаттӣ низ ворид шудан мегиранд. Аз ин ҷост, ки дар қиёфаи овозии аксари онҳо осори талаффузи забони зинда, мутобиқшавӣ ба меъёрҳои талаффузи забони тоҷикӣ баръало мушоҳида мешаванд.

Баъди Инқилоби Октябр иқтибоси калимаҳои русию аврупоӣ (фаронсавӣ) ба тоҷикӣ хеле авҷ гирифт. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар қабулу истифодаи калимаҳои русию аврупоӣ ягон меъёри муайяне вуҷуд надошт. Аз ҳамин сабаб на фақат дар солҳои 20-уму 30-юм, ҳатто солҳои 50-уму 60-ум ҳам калимаҳои зиёди русию аврупоӣ (фаронсавӣ) бе ягон зарурат ба ҷойи калимаҳои худӣ ба кор бурда мешуданд. Агар дар даҳсолаҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ истифодаи калимаҳои номақбули ***политика-politique, союз, приказ, позитсия-position, аэроплан-aéroplane, практика-pratique*** ва монанди инҳо аз воқеияти одии он давр маҳсуб ёбад, дар даҳсолаи охири мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ ҳам калимаҳои ***совещания-conférence; réunion, установка-installation; dispositif, тема-thème, реформа-réforme, новатор-novateur, график-graphique, ресурс -ressource*** ва даҳҳо дигар бе ягон зарурат истифода бурда мешуданд. Тавре ки тадқиқотҳои ҷудогона шаҳодат медиҳанд, иқтибоси калимаҳои русию ба тавассути он анҷомёфта аз рӯйи «Луғати тоҷикию русӣ»-и нашри соли 1946 ҳамагӣ 5,5%-и миқдори умумии калимаҳоро ташкилдиҳад, дар нашри соли 1954-и он луғат ин миқдор ба 15% афзудааст. Чунин афзоиши миқдори калимаҳои русию аврупоӣ (фаронсавӣ) дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ҳеҷ паст нарафта, дар солҳои 80-ум он ба авҷи аъло расид. Мувофиқи маълумоти яке аз сарчашмаҳои муътамади ин солҳо дар таркиби луғавии забонамон зиёда аз 9 ҳазор калимаҳои русию аврупоӣ дар истифода буданд. Дуруст аст,ки вожаҳои зиёди русию аврупоӣ (фаронсавӣ)-и дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ воридшуда бо мурури пош хӯрдани он қисман аз истифода баромадан гирифтанд. Дар ивази бештарини онҳо имрӯз вожаҳои ҳамвазни дар забонҳои форсии бурунмарзӣ мавҷудаи чунин калимаҳо ва ё муродифҳои аслии тоҷикиионҳо ба корбурда мешаванд.

Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки дар истифодаи калимаҳои русию аврупоӣ имрӯз равияи дигаре пеш омадааст, ки мутобиқи он талаффузи шарқии чунин калимаҳо бояд дар истеъмол бошад. Чунончи, ба тариқи ***оксижан, найтружан, демукросӣ, бонк, компонӣ, фоктур, кодр, комонду, метолуржӣ, мунтож, фошист*** навиштану талаффуз кардани онҳо.

Калимаҳои аврупоӣ (фаронсавӣ) дар гузашта ҳақиқатан ҳам ба ҷуз аз забони русӣ ба воситаи забонҳои шарқ низ ворид шудаанд. Чунончи калимаҳои ***кумита-comité, кунгура-congrès, парлумон-parlement, вергул-virgule, сифр-chiffre*** ва бисёр дигарҳо ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр ба воситаи забони форсии Эрон шудаанд. Калимаҳои *камзул, бут, «мӯза», гилос «финҷон»,* ***патлун*** *«пойҷома»* ва монанди инҳо бошанд, аз форсии Афғонистон қабул шудаанд, ки асли ин калимаҳоро дар забони фаронсавӣ пайдо кардан мумкин аст. Дар иқтибос гирифтан мо набояд нодида гирем, зеро калимаҳое, ки мавриди истифодаи мардуми дӯсту бародари мо Афғонистон қарор гирифтаанд, дар забони тоҷикӣ ё форсӣ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, мо бояд ҳамон калимаҳоеро иқтибос намоем, ки дар забони мо набошанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, бояд ба эътибор гирифт, ки миқдори зиёди калимаҳои аврупоӣ (фаронсавӣ) дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ба тавассути забони русӣ ва бо махсусиятҳои он ворид шудаанд. Ин воқеиятро ба ҳисоб нагирифта, онҳоро боз дар талаффузи форсии Эрон ва Афғонистон аз нав қабул кардан ва дар натиҷа ба вуҷуд овардани ду ва зиёда вариантҳои онҳо боиси харҷумарҷиҳои нав дар ҳаёти маънавии мардуми мо мегардад. Чунонки инро дар ҷуфтҳои мухталифи имрӯз дар забонамон мустаъмали ***академик-академисиюн, профессор-пурфусар, гидроген-ҳидружан, газ-гоз, капсула-копсул, кабина-кобина, курорт-курурт, неофашист-ниюфошист*** ва мисолҳои дигари ба инҳо монанд мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамзамон калимаҳои зиёди фаронсавӣ, ки имрӯз мавриди истифода дар забони форсӣ ва аҳёнан дар забони тоҷикӣ қарор доранд, дар соҳаҳои мухталифи ҷомеаи имрӯза истифода бурда мешаванд. Сабаби асосии ворид гардидани ин калимаҳо кушода шудани мактаби Дорулфунун дар Эрон буд. Чун калимаи «merci-мерси»-ро Эрониҳо аз фаронсавиҳо ба худ иқтибос гирифтанд, ки ин иқтибос дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, яъне мо ба ҷойи он калимаҳои «ташаккур ва раҳмат» -ро истифода менамоем. Мутахассисони соҳавии Фаронса ба Эрон барои фаъолият намудан дар соҳаҳои мухталиф даъват гардиданд ва ин боис шуд, ки чунин калимот вориди забони форсӣ гарданд. Ин ҷо мо метавонем калимоти соҳаи тибро, ки дар сари ҳар қадам дар гуфтору осори пизишкони Эрон истифода мешаванд, вохӯрем. Мо чанд калимоти маъмули забони фаронсавиро, ки аслан тиббӣ мебошанд ва ба забони форсӣ иқтибос гардидаанд, ин ҷо номбар менамоем, ки баъзе аз ин калимот низ дар забони тоҷикӣ дар истифода мебошанд: *allergie - алергия, ambulance –*

амбуланс (вале дар тоҷикӣ- ёрии таъҷилӣ) bactérie- бактерия, bandage - бандаж, brancard - бранкар, clinique - клиника, compresse - компрес, docteur - доктор, épidémie – эпидемӣ, infarctus-энфарктус, pansement - пансумен, seringue - соранг, sérum - сером, tumeur - тумор, urgence - уржанс, vaccine - ваксин.

Ин калимаҳои номбаршуда ҳамеша дар забони форсӣ мавриди истифода қарор доранд. Агар назар ба тарзи овозии ин калимаҳо назар афканем мебинем, ки тағйироти овозӣ дар ин калимаҳо низ дида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки воридоти калимаҳои иқтибосӣ на танҳо дар соҳаи тиб, балки дар соҳаҳои дигар низ дида мешаванд. Инчунин чанд калимоти дигари фаронсавӣ, ки калимаҳои илмӣ ва техникӣ мебошанд, дар забони форсӣ ва чанде аз онҳо дар забони тоҷикӣ низ ба таври муфассал мавриди истифода қарор ёфтаанд: *acétone- amcemon, ampère-ампер, ampoule- ампул, carbonat- карбонат, cosmétique- косметик, cylindre- силандр, synthèse-синтез, disque- диск, écran-экран, gaz-газ, moteur- мутур, radar- радар, soupape-супап.*

Акнун чанд мисолеро дар асоси тарҷумаи китобҳои тарҷумашуда ин ҷо меорем:

Калимаи «***régime – режим «усули идоракунӣ»,*** калимаи аслии фаронсавӣ буда, дар забони тоҷикӣ ба таври васеъ ҳам дар асарҳои бадеӣ ва ҳам дар асарҳои илмӣ истифода бурда мешавад: *Il n'y a plus de* ***régiments,*** *il n'y a plus d'uniformes [10, с.43]. - Ҳозир на* ***низом (режим)*** *аст ва на либоси низомӣ [5, с.32].*

Калимаи ***«marche»***-и забони фаронсавӣ тарҷумаи ***«марш-(ҳаракати мавзун, роҳ паймудан)»***-ро медиҳад. Ин калима дар забони фаронсавӣ ҳангоми илова намудани пасвандҳои гуногуни ин забон маъноҳои зиёдеро соҳиб шуда метавонад. Масалан, агар мо ба ин калима пасванди «**-er**»-ро гузорем, маънои феъли шакли масдарро медиҳад: **marcher-қадам задан:** *Ceci est le plus redoutable peut-être des événements de mer. Rien de plus terrible ne peut arriver à un navire de guerre au large et en pleine* ***marche [10, с. 47]****. -Дар баҳри кушод, дар вақти* ***ҳаракат*** *бо суръати баланд, ба сари кишти ҳарбӣ аз ин бадтар фалокате омада наметавонад [5, с.34].*

Калимаи ***«amphithéâtre»*** дар забони тоҷикӣ маънои ***«амфитеатр-(нишастгоҳи зина-зина дар ақиби партер)***-ро дода, имрӯз дар забони мо (забони тоҷикӣ) ба таври фаровон истифода бурда мешавад: *Aux deux extrémités de la salle, les deux cloisons verticales qui fermaient du côté droit et du côté gauche les demi-cercles concentriques de* ***l'amphithéâtre*** *laissaient entre elles et le mur deux couloirs étroits et profonds sur lesquels s'ouvraient deux sombres portes carrées [10, с.247]. Дар байни ду садди амудии аз тарафҳои рост ва чап нимдоираҳои ҳаммаркази* ***амфитеатрро*** *пайвасткунанда ва дар охири девор ду баромадгоҳи тангу тор бо дарҳои пасти чоркунҷа намудор буд [5, с.155].*

Аксарияти калимаҳои дар зер номбаргардида ба забони тоҷикӣ ворид гардида, дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа мавриди истифодаи умум қарор гирифтаанд. Албатта, дар пажӯҳишҳои оянда ба таври муфассал вобаста ба соҳаҳои илм, ин калимаҳои иқтибосгардида ба риштаи таҳлил кашида мешаванд: ***express –экспресс*** *«навъи нақлиёти суръаташ баланд»,* ***abstraction-абстраксия-****«муҷаррад, мавҳум»,* ***contre-révolution-контрреволютсия*** *«аксулинқилоб».* ***videomagnétoscope - видеомагнитофон, synchrophasotron - синхрофазатрон*** *«дастгоҳи тезонидани ҳаракати протонҳо»,* ***démobilisation - демобилизатсия*** *«ҷавобшавӣ аз сафҳои артиш»,* ***désidéologisation - деидеологизатсия*** *«бегояшавӣ»,* ***ostéoarthropathie-остеоартропаталогия*** *«як боби илми тиб, ки касалиҳои устухону бугумро меомӯзад»,* ***conduite d'eau-водопровод, gazification -газификатсия, mécanisation-механизатсия, avion-самолёт, bolchevik-болшевик, conducteur-проводник*** «роҳбалади вагон», ***radio-радио, téléphone -телефон, télévision, téléviseur-телевизор, fax-факс*** *«дастгоҳи электронии интиқоли матн ва расм»,* ***optique-оптика, localisation-локатсия*** *«дастгоҳи муқарраркунандаи мавқеи ягон шайъ»,* ***diorama-диорама*** *«тасвири манзара бо одамон»,* ***matador-матадор*** *«ҷанговар дар ҷанги одаму барзагов»,* ***allitération-аллитератсия, assonance-ассонанс, consonance-консонанс, intonation-интонатсия, transcription-транскрипсия; azote-азот, amibe-амёба, méduse-медуза, photosynthèse-фотосинтез, génétique-генетика*** ва монанди инҳо.

Дар мақолаи мазкур бештар дар бораи маншаъ ва сарчашмаи калимаҳо, мутобиқати калимаҳои иқтибосӣ ба меъёрҳои истеъмоли забони тоҷикӣ ва каме доир ба мутобиқати калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар истеъмоли забони тоҷикӣ маълумоти лозимӣ додем. Мо барои пайдо кардани калимаҳои аслии фаронсавӣ аз луғатҳои **«Petit dictionnaire des mots rares et ancien de la langue française»,** ки аз ҷониби забоншиноси машҳури фаронсавӣ **Didier Meral,** ки соли 2006 дар шаҳри Порис рӯйи чоп омада, аз 304 саҳифа иборат аст, ба таври васеъ истифода намудаем. Дар

баробари ин, луғати забоншиноси дигари фаронсавӣ **Jean Claude Rolland бо номи «**Les grandes familles de mots, (Deuxième édition).-Paris, 2012.-980 p.» низ дар мақолаи мо кумаки аввалиндараҷа расонидааст, ки дар ҳақиқат, калимаҳои иқтибосшудае, ки имрӯз мо дар забони тоҷикӣ истифода мебарем аз забони фаронсавӣ тавассути забони форсӣ ва забони русӣ ворид шудаанд. Ҳамзамон, барои исбот намудани ин гуфтаҳо ба мо лозим буд, ки адабиётеро, ки аз забони асли фаронсавӣ маҳз ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда бошад, дастрас намуда то тавониста бошем бори дигар ҳама гуфтаҳои дар боло бударо амиқу дақиқ гардонем. Дар мақола мисолҳо аз ду китоби тарҷумашудаи **«Бегона»-**и Албер Камю ва **«Навваду савум»-**и Виктор Гюго ба забони тоҷикӣ дастрас гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Албер, К. Бегона / К. Албер. - Душанбе: Деваштич, 2007. - 150 с.
2. Бердиева, Т. Тағйироти маъноии калимаҳо дар забони тоҷикӣ / Т. Бердиева // Мактаби советӣ. - № 10. - 1979. - С. 24-26.
3. Будагов, Р.А. Человек и его язык / Р.А. Будагов. - М.: Изд. МГУ, 1974. - 259 с.
4. Виноградов, В.В. Избранные труды: Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. – М., 1977. – 312 с.
5. Виктор, Гюго. Наваду савум / Гюго Виктор. - Душанбе: Деваштич, 2009. - 181 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. Ҷилди I. Луғатшиносӣ. - Душанбе, 2007. - С.90-91.
7. Ҷумаев, Т. Зуҳури иқтибосоти фаронсавӣ дар забони форсӣ / Т. Ҷумаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2017. - №4/4. - С. 97-101.
8. Albert Camus. L'Etranger / Camus Albert. - France: Gallimard, 1942. - 171 p.
9. Le Robert. Dictionnaire de la langue francaise. - Paris: Hachete, 1993. - 2467 c.
10. Victor Hugo. Quatre-vingt-treize / Hugo. Victor. - Paris: Gallimard, 1979. - 632 p.

НАЗАРЕ БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаи иқтибосоти забони фаронсавӣ дар забони форсӣ ва тоҷикӣ, тарзи воридшавии онҳо ва мутобиқати онҳо дар забони форсӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Яъне, дар мақолаи мазкур роҳҳои ворид гардидани иқтибосот ва тавассути кадом забонҳо ворид шудани онҳо низ нишон дода шудааст. Мисолҳои мушаххас дар асоси тарҷумаи ду китоби фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст, ки дар тарҷума калимаҳои фаронсавии ба забони тоҷикиву форсӣ воридгардида, айнан нишон дода шудаанд. Ҳамзамон, дар кор аз луғатҳои этимологӣ, ки дар он решаи асосии калимаҳои бегонаро ифода менамоянд, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Дар мақолаи мазкур ҷиҳати нигоҳдошти фонетикию овозии калимаҳои иқтибосшуда ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосгиранда мутобиқ гардонида шудааст. Ҳангоми баррасии ин мавзӯъ ба мо муяссар гардид, ки ба чанд асарҳои мутахассисони забоншиноси тоҷику форс ва фаронсавӣ ва сарчашмаҳои интернетӣ такя намоем. Бар замми ин, дар асоси далелҳои илмӣ имкониятҳои грамматикии иқтибосоти забони фаронсавӣ дар сохтани калимаҳои нави форсӣ муайян гардид. Инчунин метавон қайд намуд, ки иқтибосоти фаронсавӣ таърихи дуру дароз дошта, то ба ҳол хусусияти аслии худро ҳифз намудаанд. Азбаски забони тоҷикӣ ва форсӣ ба оилаи забонҳои хиндуаврупоӣ дохил мегарданд, ҳангоми ковишҳо ва ҷустуҷӯҳои асарҳои илмӣ бисёр калимаҳои ба ҳам монандро дар ин забонҳо, яъне фаронсавию тоҷикӣ, пайдо кардан мумкин аст. Ҳамзамон, таҳлили элементҳои лексикии забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ ва форсӣ аз рӯйи объекти истифода ба гурӯҳҳои махсус ва зергурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд, ки онҳо ба шохаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ тааллуқ доранд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, муқоиса, забон, категория, калимаҳои иқтибосӣ, муносибати забонӣ, тарҷума, калимаҳои аслӣ, хусусиятҳои типологӣ.

ВЗГЛЯД НА ЗАИМСТВОВАНИЕ ФРАНЦУЗСКИХ СЛОВ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассмотрены вопросы французских заимствованных слов в таджикском и персидском языке и способы их передачи с учетом адаптации в этих языках. То есть в данной статье была изучена важная тема - пути проникновения заимствованных слов, а также языки-источники. Мы использовали научные работы языковедов и две книги французских писателей, которые были переведены на таджикский язык. И там переводчик тоже оставил некоторые французские слова на таджикском языке, так как эквиваленты этих слов не были найдены в лексической системе данного языка. Также в статье мы использовали этимологические персидско-французские и французско-персидские словари, по котором мы определили этимологию слов и даже фонетические изменения заимствованных слов. В этой статье мы использовали научные труды и научные статьи таджикских и французских языковедов, а также материалы Интернета. Наряду с этим, на основе достоверных языковых фактов, научных источников были определены грамматические возможности французских заимствованных слов в образовании новых слов персидского языка. При этом отмечается, что французские заимствованные слова имеют свою длительную историю и до сих пор они сохранили некоторые свои исконные особенности. Следовательно, анализ французских лексических элементов в персидско-таджикских языках по сфере их употребления позволил выделить различные группы и подгруппы слов, которые относятся к различным сферам социальной жизни.

Ключевые слова: лингвистика, сопоставление, язык, категория, заимствованные слова, языковые контакты, перевод, исконные слова, типологические особенности.

THE OPINION OF BORROWING FRENCH WORDS IN TO PERSIAN LANGUAGE

In present article the issues of derivation french and persian languages were taken into consideration and based on it the ways and means of derivation and the borrowing words especially of french language in tajik and persian languages have been researched. In this article we used the scientific research, and from two french books are translated in tadjik language. The translator didn't translate some of french words in tadjik language, because there are not these equivalents words in lexical systeme of tadjik language. Also we used some etymological dictionary of persian- french and french -

persian languagues, which we choosed the etymological words and the pronunciation every words from there. In these article we used concurrently from scientific works and scientific articles of our linguistes and french linguists and from internets derivation. Along with this, based on reliable linguistic facts and scientific sources, phonetic possibilities of persian and tajik words in french were determined. It is noted that the phonemographical features of persian borrowings in the french language have their long history and so far they have been able to preserve certain of their original features. Therefore, analyze the french lexical elements in persian and tajik language in the domain of usage allowed allocate differents groups and under groups which cover the differents sphere of the life.

Key words: linguistics, comparison, language, category, phoneme, borrowed words, language contacts, translation, typological features original words.

Сведения об авторах: ***Джумаев Туйчибой Бокиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, преподаватель кафедры иностранных языков факультета Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.**
Тел.: **(+992) 919-83-70-73**
Асомова Умеда Исломиддиновна – Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибн Сина, асистент кафедры иностранных и латинских языков**. Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 139. Тел.: **(+992) 987-64-00-19**

Information about the authors: ***Jumaev Tuichiboy Bokievich*** - Tajik National University, candidate of plilogical science, french teacher of department of foreign languages, the faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com**. Tel.: **(+992) 919-83-70-73**
Assomova Umeda Islomiddinovna - Tajik State Medical University named after Abu Ali Ibn Sina, latin and english teacher, department of foreign and latin languages. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 139. Tel.: **(+992) 987-64-00-19**

УДК: 42-54:491.550-54

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ МЕТАФОРИЧЕСКОГО ПОЛЯ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Гулямов Х.К.
Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Кулябе

Согласно А. Ричардс, парафразы практически всегда неудачны не потому, что у метафоры отсутствует особое когнитивное содержание, а потому, что «полученные неметафорические утверждения не обладают и половиной проясняющей и информирующей силы оригинала. Мы особенно хотим подчеркнуть, что в данном случае речь идет о потерях в когнитивном содержании. Недостатки буквальной парафразы заключаются не в ее утомительном многословии, чрезмерной эксплицитности и дефектах стиля, а в том, что она лишена того проникновения в суть вещей, которое свойственно последней» [2, с.44-67].

Из вышеизложенного следует, что в обычном взгляде на метафору есть натяжка. С одной стороны, в нем есть стремление думать, что метафора служит чему-то такому, что невозможно для обычных высказываний, с другой стороны - стремление объяснить метафору в терминах когнитивного содержания, которое составляет цель и смысл тех же самых обычных высказываний. Пока мы остаемся в рамках этой теории, пишет А. Ричардс, нам все время будет казаться, что эта цель достижима или по крайней мере возможно весьма близкое приближение к ней [2, с.44-67]. Существует простой выход из этого тупика: мы должны отказаться от мысли, что метафора несет какое-то содержание или имеет какое-то значение, кроме, конечно, буквального. Все теории, рассмотрением которых мы занимались, неправильно понимают свою цель. Они выдают за метод расшифровки скрытого содержания метафоры то воздействие, которое она оказывает на нас.

В настоящей статье мы рассматриваем функционально-семантическую особенность метафорических выражений и элементов двоякого толкования, которые участвуют в смысловом развертывании текста.

Приведем пример на материале таджикского языка:

“*Ки, эй шердил, гурди гарданфароз…. Нахоҳад касе, к-ӯ бувад паҳлавон.Касеро расад гурдиву сарварӣ, Ки Меҳри фалакро кунад Муштарӣ. Ту, эй шердил, меҳтари девбанд,Зи меҳри кӣ гаштӣ чунин мустаманд? На расми ҷаҳонгириву сарварист, Ки аз меҳри моҳе бибояд гирист,Туро хонд фарзанд Афросиеб, Тӯ сарвар имрӯз бар хушку об*” (Фирдавсӣ, 2, 246).

“*Сухрабу мудрый так сказал Хуман: “О гордый, с львиным сердцем пахлаван! В былое время витязь с лучшим другом Почел бы жар, пылающий в крови, И опьяненье от вина любви. Ты – лев могучий, ты от льва рожден, - И ты – о, стыд! – любовью поражен? Тебя царем Афрасияб нарек, Назвал владыкой гор, морей и рек*” (перевод В. Державина).

В данном контексте ядерная метафора: *Ту – шердил; ты – лев* вводится конструкцией: *гурди гарданфароз – храбрый, отважный пахлаван.*

К метафорическим выражениям относятся: *шер – лев, шердил – львиное сердце, гурди гарданфароз - храбрый, сарвар бар хушку об – владыка гор, морей и рек.*

Элементами двоякого толкования являются следующие конструкции: *туро хонд фарзанд Афросиеб – ты назван сыном Афрасияба (Тебя царем Афрасияб нарек); тӯ сарвар имрӯз бар хушку об – владыка ты морей и гор и рек.*

Метафорическое выражение *шер – лев* совпадает с обозначающим ядерной метафоры: *ту – шердил; ты – лев* и потенциально вызывает целый ряд импликаций – ассоциаций с обозначающим. Очень часто слово *шер – лев* в метафорическом значении «*смелый, храбрый*» используется при характеристике героев и богатырей (в данном случае Рустам сравнивается со львом).

Композиты *гурди гарданфароз - храбрый, сарвар бар хушку об – владыка гор, морей и рек* являются признаками обозначающего. Данные метафорические выражения конкретизируют признаки, которые в процессе развертывания текста приписываются обозначаемому – *человека – Рустаму*, переносятся на него. Происходит своего рода "наложение" этих признаков на соответствующие признаки обозначаемого.

Элементы двоякого толкования: *туро хонд фарзанд Афросиеб – ты назван сыном Афрасияба (Тебя царем Афрасияб нарек); тӯ сарвар имрӯз бар хушку об – владыка ты морей и гор и рек* описывают признаки, которые присущи как обозначаемому, так и обозначающему. Можно отметить, что это признаки, выводящие механизм метафоры на поверхность, указывают на реальное сходство объектов и служат основой метафоризации.

Следовательно, элементы двоякого толкования в тексте, с одной стороны, создают общий контекст, с другой стороны, поддерживают семантическую двуплановость, присущую метафоре.

Приведем пример на материале английского языка:

"*But tell me: what was that devil's toy you used on the cocky young brave? It amazed me".*

Hamilton looked pleased and displayed his new weapon. Mordan looked it over. "Oh, yes," he said, "a simple heat engine burning a nitrate fuel. I think I have seen its pattern, have I not, on display at the Institution?"

Felix acknowledged the fact; a little crestfallen that Mordan was so little surprised at his toy. But Mordan made up for it by discussing in detail with apparently, lively interest the characteristics and mechanism of the machine. "If I were a fighting man, I would like to have one like it," he concluded" (Heinlein R. Beyond This Horizon, 158) – "*Но скажите мне: что это за дьявольская игра, которую вы затеяли против молодых и дерзких? Меня это поразило*».

Гамильтон выглядел довольным и показал свое новое оружие. Мордан посмотрел на него. «О, да, - сказал он, - простой тепловой двигатель, сжигающий нитратное топливо. Кажется, я видел его образец, не так ли, на выставке в Институте?

Феликс признал тот факт; немного смутившись, что Мордан не был сильно удивлен его игрушкой. Но Мордан воспользовался этим, чтобы подробно обсудить заинтересовавший его механизм машины. «Если бы я был бойцом, я бы хотел, чтобы он был таким, - закончил он".

Ядерной метафорой в данном тексте является: *weapon is a toy – оружие - игрушка*, и оба композита вербализованы в тексте.

Метафорические выражения с лексемой *toy – игрушка* совпадают с ядерной метафорой: *devil's toy; weapon is a toy.*

Элементы двоякого толкования мы разделили на следующие две группы: *a simple heat engine burning a nitrate fuel; its pattern; the characteristics; machine.* Данные элементы обозначают признаки, которые присущи как оружию, так и механической игрушке, также они явно отражают связь двух элементов метафоры. Следовательно, функция данных элементов указанной группы – подтвердить категоризацию объектов, данную метафорой.

Во вторую группу мы включили элементы, которые выявляют ассоциативную связь двух понятий. Они обозначают факультативные, второстепенные признаки - в данном случае, определенное отношение к чему-либо. Сюда мы включили: *It amazed me; looked pleased and displayed his new; a little crestfallen that (Mordan) made up for it by discussing in detail with, apparently, lively interest….* Данные элементы передают скрытый смысл, который следуют понимать так: *мужчины, словно дети, восхищаются новой и удивительной игрушкой.*

Таким образом, элементы двоякого толкования первой группы обозначают признаки, которые объективно присущи обозначаемому и обозначающему метафоры. Элементы второй группы выражают субъективные признаки объектов, которые втягиваются в метафорическое поле и занимают его периферию.

Поэтому до того, как приступить к грамматическому или семантическому анализу текстов, необходима процедура, называемая «катализ», то есть дополнение эмпирических текстов. Если в тексте отсутствуют указания, позволяющие реконструировать его полный вариант, то анализ нельзя довести до конца [6, с.82-109].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ахманова, О. С. Очерки по общей и русской лексикологии [Текст] / О.С. Ахманова. – М.: Учпедгиз, 1957. – 295 с.
2. Ричардс, А. Философия риторики // Теория метафоры [Текст] / А. Ричардс. – М.: Прогресс, 1990. – С. 44 – 67.
3. Русско-таджикский словарь [Текст] / под ред. М.С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.
4. Таджикско-русский словарь [Текст] / под ред. Л.В. Успенской, М.В. Рахими. – М.: Просвещение, 1963. – 1215 с.
5. Телия, В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц [Текст] / В.Н. Телия. – М.: Наука, 1988. – 142 с.
6. Уилрайт, Ф. Метафора и реальность // Теория метафоры [Текст] / Ф. Уилрайт. – М.: Прогресс, 1990. – С. 82–109.
7. Ortony, A. Interpretating metaphors and idioms // J. Verbal Learning and Verbal Behavier, 1978.
8. Trier J. Deutsche Bedeutungsforschung // Germanische Philologie, Ergebnisse und Methoden. – Behaghel – Heidelberg, 1934. – P. 173-200.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Текст]. В 2 т. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 1898 с.

ҶАНБАҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ МАЙДОНИ МАҶОЗИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои функционалӣ-семантикии ифодаҳои маҷозӣ ва таркиби духелаи тафсиркунӣ дида баромада мешавад, ки дар маънои чархзананда (развертывании) матн иштирок мекунад. Муаллифи мақолаи мазкур таъкид менамояд, ки аз нуқтаи муқаррарӣ ба маҷоз муболиға вуҷуд дорад. Аз як тараф, барои фикри муқаррар баёншуда хизматрасонии маҷоз ғайриимкон ҳаст, аз тарафи дигар – кӯшиши баёни маҷоз дар истилоҳи мазмуни когнитивӣ, мақсад ва маънои ҳамон фикри муқаррар баёншударо ташкил медиҳад. Ба ақидаи муаллиф, мо бояд аз он фикр даст кашем, ки маҷоз ғайр аз маънои иловагӣ маънои аслиро дар бар дорад. Онҳо фаҳмидани мазмуни пинҳонии маҷозро, ҳамон таъсиреро, ки вай ба мо мерасонад усул меҳисобанд. Муаллиф боварии қатъӣ дорад, ки то дами шурӯъ кардан ба таҳлили грамматикӣ ё семантикии матнҳо, тартибе зарур аст, ки катализ, яъне иловашавии матнҳои эмпирикӣ ном дорад. Агар дар матн ишорае барои имконияти таҷдиди вариантҳои вай вуҷуд надошта бошад, таҳлилро то ба охир расонидан мумкин нест, аммо ҷузъиёти ду намуди шарҳдиҳӣ хусусиятеро мефаҳмонанд, ки ба майдони маҷозӣ кашида мешаванд ва макони музофотиро ишғол мекунанд.

Калидвожаҳо: хусусият, маъно, матн, нигоҳ, оддӣ, таркиб, хизмат мекунад, истилоҳ, баён, мақсад, мазмун, катализ.

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ МЕТАФОРИЧЕСКОГО ПОЛЯ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В настоящей статье рассматривается функционально-семантическая особенность метафорических выражений и элементов двоякого толкования, которые участвуют в смысловом развертывании текста. Автор данной статьи считает, что в обычном взгляде на метафору есть натяжка. С одной стороны, метафора служит чему-то такому, что невозможно для обычных высказываний, с другой стороны - стремление объяснить метафору в терминах когнитивного содержания, которое составляет цель и смысл тех же самых обычных высказываний. По мнению автора, существует простой выход из этого тупика: мы должны отказаться от мысли, что метафора несет какое-то содержание или имеет какое-то значение, кроме буквального. Они выдают за метод расшифровки скрытого содержания метафоры то воздействие, которое она оказывает на нас. Автор уверен, что до того, как приступить к грамматическому или семантическому анализу текстов, необходима процедура, называемая «катализ», то есть дополнение эмпирических текстов. Если в тексте отсутствуют указания, позволяющие реконструировать его полный вариант, то анализ нельзя довести до конца, а элементы двоякого толкования обозначают признаки, которые втягиваются в метафорическое поле и занимают его периферию.

Ключевые слова: особенность, смысл, текста, взгляд, обычный, элемент, термин, объяснение, цель, содержание, катализ

FUNCTIONAL-SEMANTIC ASPECT OF THE METAPHORICAL FIELD OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article discusses the functional-semantic feature of metaphorical expressions and elements of double interpretation that are involved in the meaningful unfolding of the text. The author of this article believes that in the ordinary view of the metaphor there is a stretch. On the one hand, the metaphor serves something that is impossible for ordinary utterances, on the other hand, the desire to explain metaphor in terms of cognitive content, which is the purpose and meaning of the same ordinary utterances. According to the author, there is a simple way out of this impasse: we must abandon the idea that the metaphor carries some content or has any meaning other than the literal one. All the theories that the author has dealt with, misunderstand their purpose. They pass for the method of deciphering the hidden content of the metaphor of the impact that it has on us. The author is confident that before proceeding to the grammatical or semantic analysis of texts, a procedure called catalysis, that is, the addition of empirical texts, is necessary. If there are no instructions in the text that allow reconstructing its full version, then the analysis cannot be completed, and elements of double interpretation designate signs that are drawn into the metaphorical field and occupy its periphery.

Key words: feature, meaning, text, look, ordinary, element, serves, term, explanation, purpose, content, catalysis

Сведения об авторе: ***Гулямов Хайдар Каландарович*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Кулябе, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. Борбад.
E-mail: **gulomov.haidar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-27-69-62**

Information about the author: ***Gulyamov Khaidar Kalandarovich*** - Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, applicant. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, ul. Borbad.
E-mail: **gulomov.haidar@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-27-69-62**

УДК: 491.550-3:297

МАВҚЕИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ФИҚҲИ ИСЛОМӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дини Ислом дар афкори иҷтимоии миллати тоҷику форс мавқеи назаррас дорад. Назарияву консепсияҳое, ки дар заминаи таълимоти исломӣ ба вуҷуд омадаанд, барои ташаккули афкори иҷтимоии мардуми мусалмон мусоидат намуда, ҳам дар назму насри асримиёнагии тоҷику форс ва ҳам дар адабиёти дигар халқҳои мусалмон инъикос ёфтаанд. Махсусан, афкори динӣ дар мероси адабии асримиёнагии тоҷику форс мавқеи назаррас дошта, барои тарғиби назарияи фалсафаи илоҳиёт ва афкори тасаввуфӣ нақши муассир гузоштааст. Ба ибораи дигар, таълимоти исломӣ дар асрҳои миёна на танҳо ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонида тарзи ҳаёти аҳли адабро дигар намуд, балки ба ташаккули забони адабиёти классикӣ ва ғановати лексикии он, ҳатто ба дараҷаи муайян ба таҳаввули унсурҳои грамматикии забон мусоидат намуд. Азбаски забони дини Ислом арабӣ буд, як қисми назарраси иқтибосоти арабии забони моро лексикаи динӣ ташкил медиҳад. Ворид гардидани лексикаи исломӣ ба таркиби луғавии забони мо ба даврaҳои аввали паҳн гардидани дини Ислом марбут дониста мешавад [3,с.76; 10, с.16; 9, с.123-136]. Яке аз сабабҳои нуфузи забони арабӣ дар байни халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон забони дини Ислом будани он ва яке аз сабабҳои таъсири забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои мардуми Шарқи мусалмон ба фасоҳати забони Қуръон ва ғановати луғавии ин забон марбут дониста мешавад [11, с.127; 2, с.76].

Маъноҳои мухталифи динӣ ба воситаи лексикаи динӣ ифода меёбанд [11, с.127]. Дар байни иқтибосоти арабии ба забони тоҷикӣ воридгардида лексикаи динӣ мавқеи назаррас дорад. Дар пажӯҳишҳои пешин мо дар бораи лексикаи динии ифодакунандаи принсипҳои асосии Ислом ва ному сифатҳои Худованд дар насри бадеии Ҷомӣ маълумот дода будем [11, с.127] ва тасмим гирифтем, ки дар ин мақола дар бораи баъзе истилоҳоти марбут ба фиқҳи исломӣ дар насри бадеии ин нависанда маълумот диҳем.

I) Як гурӯҳи истилоҳоти динии асарҳои мавриди таҳқиқи мо – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»-ро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки **мафҳумҳои марбут ба муомилаву муносибатҳои мухталифи байни мусалмонон**ро ифода мекунанд. Ин гурӯҳи вожаҳо зиёд мебошанд ва онҳоро ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

а) Вожаҳои ифодакунандаи **навъҳои мухталифи хариду фурӯш:**

Мол *[8, с.160; 6, с.348]* – сарватҳои моддие, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти инсон ҷамъоварӣ ё андӯхта шудаанд [1, с.902];

Байъ *[6, с.395]* – дар шариати исломӣ ҷараёни хариду фурӯш, мубодилаи як мол ба моли дигар, муомилаи савдоро гӯянд [1, с.120];

Байъу шаро *[6, с.370]* – бо ин истилоҳ низ ҳамон ҷараёни хариду фурӯши мол, мубодилаи савдо ифода меёбад [4, с.135];

Орият *[8, с.162]* – додани ягон ашё ба ягон шахс барои истифодаи муваққатӣ [1, с.70-71];

Қабул *[8, с.30]* – ифодаи ризоят. Дар фиқҳи исломӣ розигии тарафи дуюм барои ягон муомиларо ***қабул*** намудан [1, с.346];

Вақф *[8, с.460]* – бидуни ягон шарти пешакӣ аз тарафи мусалмони аз ҷиҳати ақлонӣ болиғ ва комил додани даромади ягон ашё ё молу маҳсулот ба шахсони муҳтоҷ аз зумраи мусалмонон ё зиммиён (ғайримусалмононе, ки дар зери ҳимояи давлати мусалмонӣ қарор доранд). ***Вақф*** дар Ислом яке аз навъҳои хайру эҳсон ба ҳисоб меравад, ки барои таъминоти моддии одамон нигаронида шудааст [1, с.144-145];

Васият *[8, с.476; 6, с.351]* – дар фиқҳи исломӣ бо ин калима васияти дар вақти ҳаёт кардаи шахси фавтида ифода меёбад. Пас аз марги васияткунанда молу амвол ва пули ӯ ба ҳамон одаме тааллуқ мегирад, ки ба манфиаташ васият карда шудааст [1, с.146-149].

б) Калимаҳое, ки **мафҳумҳои марбут ба никоҳу талоқ**ро ифода мекунанд: *никоҳ [8, с.527], ақди никоҳ [8, с.685], манкуҳа [8, с.340], маҳрам [8, с.210], талоқ [8, с.324; 6, с.411].*

II) Калимаҳое, ки **мафҳумҳои марбут ба қонуншиканӣ ва ҷазову уқубат** дар Исломро ифода менамоянд. Чунин калимаҳо ниҳоят кам ба назар мерасанд: ***дият*** *[8, с.527; 6, с.432] – ҷуброни товон дар ҳолатҳои ба қатл расондан, маъюб ва захмдор кардани инсон* [1, с.201-203]; ***қасос*** *[8, с.382] – интиқом, ниқор. Дар фиқҳи исломӣ мувофиқи ҳукми шариат ба қатл расондани инсоне, ки барқасд шахси дигарро ба қатл расондааст,* ***қасос*** *номида мешавад* [1, с.409-410]; ***уқубат*** *[8, с.210; 6, с.395] – ҷазо, яке аз чор қисми асосии фиқҳи ислом, ки дар он*

масъалаҳои ҷазо додан барои вайрон кардани қонунҳои шариат баррасӣ карда мешавад [1, с.725-726].

Дияти *ӯ ҷумла мулки туст. Ва сари ту биравад ва сари басе халқ ва мо низ дар сари шумо шавем* [8, с.527]; *Ҳар рӯз меравам, ба умеди он, ки шояд ки вайро биёбам ва ба* ***қасоси*** *падари худ бирасонам* [6, с.382]; …***уқубати*** *Худои таоло аз ҳама сахттар аст ва гирифтор ба он аз ҳама бадбахттар* [6, с.395].

III) Ҳамчунин як қисми калимаҳои динии асарҳоро **истилоҳоти махсуси фиқҳи мусалмонӣ** ташкил медиҳанд:

Мазҳаб *[8, с.244]* – роҳе, ки мусалмон бо он меравад, мактаби ҳуқуқи фиқҳӣ [1, с.424-428];

Фарз *[8, с.133]* – нишондодҳои диние, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ аст, амру фармони Аллоҳ, ки бо далелҳои возеҳу баҳснопазир аз Қуръон ифода меёбанд [1, с.743-744];

Воҷиб *[8, с.224; 6, с.382]* – истилоҳи фиқҳи исломӣ, ки зарурати иҷрои ҳатмии ин ё он амру дастури диниро ифода менамояд [1, с.143-144];

Ботил *[8, с.233]* – чизи нодуруст, хато, дурӯғ, чизе, ки ба воқеияти объективӣ ягон умумият надорад. Дар фиқҳ ва одоби исломӣ ҳар гуна эътимод, фикру ақида, хулосаву мулоҳиза ё рафтору кирдор, ки ба муқаррароти Қуръон ва Суннат мувофиқат намекунад, ботил мебошад [1, с.130];

Ҷоиз *[8, с.502]* – дар фиқҳи исломӣ амалеро ифода менамояд, ки иҷрои он ба таври якхела қобили қабул ё раво аст, яъне иҷрои он манъ нест, вале ба гурӯҳи корҳои матлуб ворид намешавад [1, с.177];

Ҳалол *[8, с.478; 6, с.485]* – дар фиқҳи исломӣ ашё ва амалҳои ҷоиз: никоҳ, истифодаи навъҳои мухталифи моҳӣ дар хӯрок, даромаде, ки аз тиҷорати мувофиқи қонунҳои шариат бароҳмондашуда ба даст оварда шудааст аз зумраи мисолҳои ***ҳалол*** мебошанд. Антоними ***ҳалол*** вожаи ***ҳаром*** мебошад [1, с.779];

Мубоҳ *[8, с.527; 6, с.406]* – амалҳои ҷоиз, ки иҷрои онҳо амр нагардидааст, вале аз тарафи шариат низ манъ намешавад. Агар мубоҳ бо нияти нек анҷом дода шавад, он амали хайр, вале агар бо нияти бад анҷом дода шавад гуноҳ мебошад [1, с.486];

Рухсат *[8, с.481]* – дар фиқҳи исломӣ қоидаҳои умумӣ, ки дар шариат амр гардидаанд, дар ҳолатҳои фавқулода истисно мешаванд. Барои иҷрои амру дастурҳои шариат ду роҳ – ***азимат*** ва ***рухсат*** мавҷуд аст. ***Азимат*** пурра ва бечуннучаро мутеъ гардидани мусалмонон ба амру фармони Аллоҳ мебошад. Аммо агар бо ягон сабаби воқеӣ иҷрои ***азимат*** имконнопазир ё ниҳоят душвор бошад, бояд мувофиқи ***рухсат*** амал карда шавад. Сабабҳои рухсат зиёданд ва ҳамаи онҳо дар шариат навишта шудаанд. Масалан, дар ҳолатҳои муқаррарӣ истеъмоли гӯшти хук барои мусалмон ҳаром аст, вале дар ҳолате, ки ба мусалмон аз гуруснагӣ марг таҳдид кунад, ӯ аз он ба миқдоре, ки зинда монад, истеъмол карда метавонад. Яъне, дар ҳолатҳои фавқулода истеъмоли гӯшти хук мубоҳ мебошад [1, с.613-614];

Саҳеҳ *[8, с.42]* – амал ё гуфтори дурусту воқеӣ ва боварибахш. Ин истилоҳ дар ислом бештар нисбат ба ҳадисҳо ба кор бурда мешавад. Саҳеҳ он ҳадисе номида мешавад, ки ривояткунандаи он қобили эътимод ва соҳиби хотираи хуб бошад. Чунин ҳадисҳо дақиқ мебошанд, ки дар онҳо ягон нуқсони ниҳонӣ вуҷуд надорад ва онҳо бо дигар ҳадисҳои саҳеҳ мухолиф нестанд [1, с.651];

Савоб *[8, с.61; 6, с.374]* – ачр ё подоше, ки худованд дар ҳаёти боқӣ (ондунёӣ) барои амалҳои неку хайри писандидаи ҳаёти заминӣ медиҳад [1, с.620];

Ҳаром *[8, с.697]* – зидмаънои ***ҳалол***. Дар фиқҳи исломӣ тамоми ашёву амалҳои манъгардида ***ҳаром*** номида мешаванд [1, с.809-811];

Фасод *[8, с.175; 6, с.471]* – чизе, ки дар ибтидо муътадилу короям буда, баъдан ин сифатҳоро гум мекунад ва вайрон мешавад. Ин калима нисбат ба бисёр ашёву мафҳумҳо, аз ҷумла нисбат ба сухан, кор, рӯҳу ҷисм, шахсиятҳо, предметҳо, хариду фурӯш, тоату ибодат, дин ва ғайра кор фармуда мешавад [1, с.744];

Макрӯҳ *[8, с.736]* – маънои *«гайриқобили қабул, манфур, нафратовар»-ро* дорад. Дар фиқҳи исломӣ бо ин калима амали номатлубу нохоҳам, ки иҷро накардани он барои мусалмон аз иҷро карданаш беҳтар аст, ифода меёбад. Истилоҳи ***макрӯҳ*** бо ***ҳаром*** наздик аст, вале дар байни ин мафҳумҳо фарқ вуҷуд дорад. ***Ҳаром*** ашё ва амалҳои пурра аз тарафи Аллоҳ дар Қуръону Суннат манъгардида мебошанд, макрӯҳ танҳо номатлуб писандида набудани ин ё он амал ё ашёро ифода менамояд [1, с.429-430];

Мункар *[8, с.24]* – тамоми чизҳое, ки бо оятҳои Қуръон, ҳадисҳои паёмбар ва иҷмои муҷтаҳидин манъ карда шудаанд. Мункар шартан ду хел мешавад: мункари дидашаванда ва диданашаванда. Амалҳои истифодаи машруботи спиртӣ, зинокорӣ, судхӯрӣ ва ғайра аз ҷумлаи мисолҳои мункари дидашаванда мебошанд. Мункари диданашаванда дар фикру андеша ва имону эътиқод ҷой дошта метавонад [1, с.495];

Назр *[8, с.623]* – савганде, ки ба Аллоҳ дар мавриди анҷом додани ягон амали хайр дар сурати расидан ба ягон орзуву ният дода шудааст ва дар сурати расидан ба орзуву ният ин савганд бояд иҷро карда шавад [1, с.552];

Каффорат *[8, с.252]* – ягон амали омурзандашаванда, ки бар ивази гуноҳи карда мувофиқи қавонини шариат анҷом дода шудааст. Масалан, барои надоштани рӯзаи моҳи рамазон озод намудани ғуломон [1, с.375-376];

Ихтилоф *[8, с.615]* – кашмакашу иштибоҳ, фикру ақида ва муносибати гуногун ба проблемаҳо. Нисбат ба асосҳои таълимоти динии Қуръон ва Суннат, ки маънои онҳо возеҳу фаҳмо аст, манъ мебошад, нисбат ба онҳо фикру ақидаи гуногун бояд вуҷуд надошта бошад [1, с.325-326];

Одат *[8, с.171; 6, с.438]* – таомул ва расму русуми ба халқҳои гуногун хос, ки ба пайдоиши онҳо ҷанбаъҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ боис гардидаанд. Баъзе донишмандони ислом нақши урфу одатро дар танзими ҳаёти ҷомеа муҳим меҳисобанд, вале дар ин маврид одат бояд ба қонунҳои шариат ихтилоф надошта бошад [1, с.38];

Иҷтиҳод *[8, с.182]* – маънои луғавии вожа *«кӯшишу гайрат, саъй, ҷидду ҷаҳд»* мебошад. Дар шариат заҳмату кӯшиш дар пешниҳоди амрҳои ҳуқуқӣ ва ҳалли проблема ё масъалаҳои динӣ дар заминаи оятҳои Қуръон, ҳадисҳо, қиёс ва иҷмоъ ***иҷтиҳод*** номида мешавад. Донишманде, ки ба иҷтиҳод машғул аст, муҷтаҳид номида мешавад ва ӯ бояд дониши васеъ дошта, ба меъёрҳои муайяни дар Ислом қабулгардида ҷавобгӯ бошад [1, с.266-268];

Бидъат *[8, с.173]* – он чизе, ки қаблан вуҷуд надошт ва баъдан пайдо гардид, навигариҳое, ки пас аз давраи дар қайди ҳаёт будани паёмбар ва ҷонибдорони ӯ бофта бароварда ва ба Ислом ворид карда шуданд [1, с.134-136];

Васваса *[8, с.321]* – шакку шубҳаи беасос ва сохтаву бофта дар дин, ки аз тарафи шайтон ва думравони ӯ ба қалби инсонҳо ворид карда мешавад. Чунин шакку шабҳаҳо ягон заминаи воқеӣ ва далел надоранд ва танҳо эҳсосоти беасоси инсон мебошанд. Мувофиқи нишондоди Қуръон дар сурати васвасаи шайтон мусалмон бояд ба Аллоҳ паноҳ ҷӯяд [1, с.146];

IV. Гурӯҳи дигари истилоҳоти динии асарҳоро **калимаву мафҳумҳои марбут ба ному дараҷаҳои фақеҳони динӣ ва пайравони онҳо** ташкил медиҳад:

Вай дар аввал ***соҳиби раъй*** *буд,* ***соҳиби ҳадис*** *гашт ва суннии покиза* [8, с. 79]; *Баъд аз он ба муддате он* ***фақеҳ*** *насронӣ шуд ва бар насроният бимурд* [6, с.345]; *Марде мутаварреи* ***муҷтаҳид*** *буда* [8, с.267]; ***Фатво****ест, ки Имом Абӯалӣ, ки* ***муфти****и он вақт буд, ҷавоб кардааст* [8, с. 377]; *Агар ҳар кадом даҳ ҳазор далел ҳифз доред, ки ҷуз* ***муқаллид*** *нестед* [8, с.459].

Ибраистилоҳи ***соҳиби ҳадис*** *[8, с.79]* ба маънои *«ҷонибдори нақлу ривоятҳо»* меояд. Фақеҳони мусалмон, ки танҳо дар асоси оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар ҳукм карда, ба кор бурдани роҳу усулҳои алтернативии аз тарафи муҷтаҳидин асосноккардашударо рад менамуданд, чунин номида мешуданд [1, с.83]. ***Соҳиби раъй*** *[8, с.79],* маънои *«ҷонибдори ақидаи худ»*-ро дорад. Дар ҳолатҳое, ки вобаста ба ягон масъала дар Қуръону Суннат ҷавоби дақиқ пайдо нашавад, истифодаи ақидаи худро *«раъй»* меноманд. Аммо раъй бояд ба рӯҳи Ислом мувофиқ ва дар қиёсу истеҳсон бошад [1, с.83-85].

Дар баробари ин, дар асарҳо ибораистилоҳи ***ҳофизи ҳадис*** ба назар мерасад. ***Ҳофизи ҳадис*** шахсест, ки ҳадисҳоро (хабар ё ривоятҳоеро, ки аз қавли Муҳаммад пайғамбар (с) ё имомон нақл кардаанд) [5, с.715] ба пуррагӣ азбар кардааст ва онҳоро хуб медонад, яъне донандаи ҳадисҳо:

Ҳофизи ҳадис *буда ва* ***олим*** *ва фақеҳ ва имому* ***сайид****и қавм. Холи Абӯабдуллоҳи Рудборӣ аст* [12, с.205].

Фақеҳ *[6, с.345; 8, с.127]* ва ***муҷтаҳид*** *[8, с.267]* ҳаммаъноянд. ***Фақеҳ*** ба маънои *«шахси доно, донандаи ҳуқуқ (фиқҳ)-и Ислом, шахсе, ки дар асоси оятҳои Қуръон ва хадисҳои саҳеҳи паёмбар ҳукуқи ҳукм баровардан дорад»* [1, с.733-734], ***муҷтаҳид*** ба маънои *«фақеҳи мусалмон, ки ҳуқуқи мустақилона ҳукм кардан дорад ва вазифадор аст, ки ҳангоми баровардани ҳукм танҳо ба оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар истинод намояд»* кор фармуда мешавад [1, с.489]. Ба ибораи дигар ***муҷтаҳид*** *«фақеҳи бисёр донову тавоно»* аст.

Муфтӣ *[8, с.377]* шахсест, ки фатво медиҳад, аҳкоми шариат ва ҷанбаъҳои мухталифи фиқҳи исломиро хуб медонад ва дар асоси он фатво дода метавонад. Вале муфтӣ мустақилона дар асоси оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар ҳукм бароварда наметавонад. Ӯ танҳо барои даруст ба роҳ монда шудани фаъолияти муҷтаҳид далел оварда метавонад. Муҷтаҳид бошад метавонад дар як вақт муфтӣ бошад [1, с.515-516]. Дар фиқҳи исломӣ шарҳу тафсири ягон масъала ё проблемаи дорои хусусияти ҳуқуқи динӣ, ҳамчунин ҷавоб ба масъалаи дорои хусусияти динӣ, ки аз тарафи шахси салоҳиятнок дода мешавад, ***фатво*** *[8, с.377]* ном дорад [1, с.747].

Муқаллид *[8, с.459]* мусалмонеро меноманд, ки муҷтаҳид нест, сатҳи зарурии донишҳои диниро надорад, ба илм машғул нест ва мустақилона барои худ ҳукм бароварда наметавонад [1, с.490].

V. Як миқори ниҳоят ками истилоҳоти динии асарҳоро **калимаҳои ифодакунандаи усулҳои ҳуқуқи динӣ** ташкил медиҳанд. Ба монанди: *иҷмоъ [8, с.204], қиёс [8, с.545], истеҳсон [8, с.55].*

VI. номи мазҳабҳо дар дини Ислом, асосгузорон ва пайравони онҳо:

Дар хотири ман афтода, ки ***ҳанафиюлмазҳаб*** *аст* [8, с.641]; *Руҳбонон гуфтанд: Ту бар кадом миллатӣ? Гуфт: Бар миллати* ***ҳанафи****ён, камтар* ***ҳанафи****ям…* [8, с.212]; *Ва кас дар тавҳид ва тафрид чун вай нагуфтӣ.* ***Ҳанбалимазҳаб*** *буд* [8, с.212]; *…агар ман ӯро надидамӣ, эътиқоди* ***ҳанбали****ён надонистӣ* [8, с.429]; *Эътиқоди пок ва сирати неку дошта,* ***шофеимазҳаб*** *буда* [8, с.313]; *Шогирди Ҷунайд аст, олим буда ва фақеҳ ва музаккир, маҷлис кардӣ ва* ***мазҳаби Молик*** *дошт...* [8, с.244]; *Шақиқ гуфта, ки: Бо Абӯюсуфи Қозӣ дар маҷлиси* ***Абӯҳанифа****, разияллоҳу анҳум, ҳозир мешудам* [8, с.79]; ***Аҳмади Ҳанбал****, раҳимаҳуллоҳу таолло, гуфтааст, ки: Закариё аз ҷумлаи абдол аст* [8, с.128]; *Ва Зуннун шогирди* ***Молики Анас****, разияллоҳу анҳу буда ва мазҳаби вай дошта* [8, с.58]; *Ва қабри вай дар Қарофа аст наздик ба қабри* ***Имом Шофеъӣ****, разияллоҳу таолло анҳу...* [8, с.559].

Ҳанафиюлмазҳаб ё ***ҳанафӣ*** **–** пайрави яке аз чаҳор мазҳаби Ислом, ки асосгузори он Абӯҳанифа Имоми Аъзам Ан-Нуъмон ибни Собит ал-Куфӣ мебошад;

Ҳанбалимазҳаб ё ***ҳанбалӣ*** – касе, ки пайравии имом Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбалро кунад [7, с.433];

Шофеимазҳаб – пайрави яке аз чаҳор мазҳаби Ислом, ки асосгузори он имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Шофеии Идрис будааст [7, с.433];

Мазҳаби Молик **–** мазҳабе, ки асосгузори он Молик ибни Анас мебошаду пайравони онро моликимазҳаб ё моликӣ меноманд;

Абӯҳанифа – номи пурраш Абӯҳанифа Имоми Аъзам Ан-Нуъмон ибни Собит ал-Куфӣ мебошад. Мутафаккири барҷаста ва фақеҳи бузурги Ислом, ки солҳои 80-150 ҳ. (699-767 м.) умр ба сар бурдааст. Асосгузори мазҳаби Ҳанафӣ, ки машҳуртарин мазҳаби аҳли суннат дар Ислом аст [1, с.35];

Аҳмади Ҳанбал ё ***Аҳмад ибни Ҳанбал*** – мутафаккири барҷаста ва фақеҳи номвари Ислом, бунёдгузори яке аз чор мактаби фиққи исломии аҳли суннат. Пайравони ӯро ҳанбалимазҳаб ё ҳанбалӣ меноманд [1, с.108];

Молики Анас ё ***Молик ибни Анас*** – фақеҳи барҷастаи Ислом, ки солҳои 93-179 ҳ. (712-797 м.) умр ба сар бурдааст. Асосгузори аке аз чаҳор мактаби мазҳаби аҳли суннат, ки пайравони ӯро моликӣ, ё пайравони мазҳаби Имом Молик меноманд [1, с.108];

Имом Шофеӣ – номи пурраш Муҳаммад ибни Идрис аш-Шофеӣ, мутафаккир ва фақеҳи барҷастаи Ислом, ки солҳои 150-204 ҳ (767-819 м.) умр ба сар бурдааст, бунёдгузори яке аз чаҳор мактаби фақеҳии аҳли суннат дар Ислом [1, с.536].

Хулоса, дар байни истилоҳоти динии насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ вожаҳои марбут ба фиққи исломӣ мавқеи махсус доранд. Ба воситаи ин гуна калимаҳо мафҳумҳои ифодакунандаи муомилаву муносибатҳои мухталифи байни мусалмонон, аз ҷумла навъҳои мухталифи хариду фурӯш, мафҳумҳои марбут ба никоҳу талоқ, қонуншиканӣ ва ҷазову уқубат дар Ислом, истилоҳоти махсуси фиққи исломӣ, мафҳумҳои марбут ба ному дараҷаҳои фақеҳони динӣ ва пайравони онҳо, усулҳои ҳуқуқи динӣ, номи мазҳабҳо дар дини Ислом ва асосгузорон ва пайравони онҳо баён ёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Али-заде, А. Исламский энциклопедический словарь.– М.: Ансор, 2007. – 922 с.
2. Аль-Кадими, Махмуд Гази Чаллюб. Арабские заимствования в русском языке // Вестник Воронежского государственного университета. Серия лингвистика и межкультурная коммуникация. – Воронеж, 2010. – № 1. – С. 75-77.
3. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Тахлиси Саййидабӯтолиби Миробидинӣ; зери назари Н.Ю, Салимов; баргардони Ш.Р. Исрофилниё, Н. Саркоров. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
6. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. 544 с.
7. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ. 8. – 459 с.
8. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. Таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
9. Ҷумъаев, М.О. Лексикаи динӣ дар «Нафаҳотулунс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М.О. Ҷумъаев // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009. – С. 123-136.
10. Ҷумъаев, М.О. Дар бораи ворид гардидани иқибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) пас аз зухури Ислом / М.О. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 15-19.

11. Ҷумъаев, М.О. Лексикаи динии ифодакунандаи принсипҳои асосии Ислом ва ному сифатҳои Худованд дар насри бадеии Ҷомӣ / М.О. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 6. – С. 127-131.
12. نفحات الانس من حضرات القدس. تألیف نور الدین عبد الرحمان جامی. مقدمه تصحیح و تعلیقات دکتور محمد عبادی. – تهران، 1370. – 1214 ص.

МАВҚЕИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ФИҚҲИ ИСЛОМӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Дар мақола доир ба баъзе истилоҳоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои фиқҳи исломӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки назарияву консепсияҳое, ки дар заминаи таълимоти исломӣ ба вуҷуд омадаанд, барои ташаккули афкори иҷтимоии мардуми мусалмон мусоидат намуда, ҳам дар назму насри асримиёнагии тоҷику форс ва ҳам дар адабиёти дигар халқҳои мусалмон инъикос ёфтаанд. Махсусан, афкори динӣ дар мероси адабии асримиёнагии тоҷику форс мавқеи назаррас дошта, барои тарғиби назарияи фалсафаи илоҳиёт ва афкори тасаввуфӣ нақши муассир гузоштааст. Баъдан муаллифи мақола як гурӯҳ истилоҳоти марбут ба фиқҳи исломиро дар асарҳои зикршудаи Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад. Чунин вожаҳо мафҳумҳои марбут ба муомилаву муносибатҳои мухталифи байни мусалмонон, аз ҷумла навъҳои мухталифи хариду фурӯш, мафҳумҳои марбут ба қонуншиканӣ ва ҷазову уқубат дар Ислом, истилоҳоти махсуси фиқҳи мусалмонӣ, калимаву мафҳумҳои марбут ба ному дараҷаҳои фақеҳони динӣ ва пайравони онҳо, усулҳои ҳуқуқи динӣ, номи мазҳабҳо дар дини Ислом, асосгузорон ва пайравони онҳоро дар бар мегиранд. Дар истинод ба фарҳангу луғатҳои муътамад ин гуна вожаҳо шарҳ дода мешаванд. Дар охир муаллиф ба хулосае меояд, ки дар байни истилоҳоти динии насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ вожаҳои марбут ба фиқҳи исломӣ мавқеи махсус доранд.

Калидвожаҳо: Ислом, дин, мазҳаб, фиқҳ, афкори иҷтимоӣ, таълимоти исломӣ, забон, лексика, калима, таъсир, маъно, муомила, мафҳум, истилоҳ, адаб, наср.

МЕСТО НЕКОТОРЫХ ТЕРМИНОВ ИСЛАМСКОГО ФИКХА В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ ДЖАМИ

В статье рассмотрены некоторые арабские термины, выражающие понятия исламского фикха в прозе Абдурахмана Джами – «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон». Подчеркивается, что теории и концепции, возникшие на основе исламских учений, способствуют становлению социальных мыслей мусульман, которые отражены в таджикско-персидской средневековой поэзии и прозе и в литературе других мусульманских народов. Особенно в средневековом таджикско-персидском наследии религиозные мысли занимают особое место, которые сыграли большую роль в пропаганде теории философии, теологии и мистических взглядов. Далее автор статьи рассматривает группу терминов исламского фикха в прозе Джами и разделяет их на группы. Эти лексемы обозначают понятия, выражающие различные отношения между мусульманами, в частности разновидности торговли, понятия, связанные с нарушением закона и наказаним в Исламе, специальные термины исламского фикха, слова и понятия, связанные с названием степеней теологов и их сторонников, религиозными правами, названиями сект в Исламе, их основателей и сторонников. Ссылаясь на авторитетные словари даётся толкование некоторым словам. В завершении автор приходит к выводу, что в религиозной терминологии художественной прозы Абдурахмана Джами слова, выражающие исламский фикх, занимают особое место.

Ключевые слова: Ислам, религия, вера, фикх, социальные мысли, исламское учение, язык, лексика, слово, влияние, семантика, отношение, понятие, термин, вежливость, проза.

THE PLACE OF SOME TERMINOLOGY OF ISLAMIC FIKKH IN ARTISTIC PROSE JAMI

The article deals with some Arabic terms expressing the concepts of Islamic fiqh in the prose of Abdurahman Jami - “Nafakot-ul-uns” and “Bahoriston”. It is emphasized that theories and concepts that emerged on the basis of Islamic teachings contribute to the formation of the social thoughts of Muslims, which are reflected in Tajik-Persian medieval poetry and prose and in the literature of other Muslim peoples. Especially, in the medieval Tajik-Persian heritage, religious thoughts occupy a special place, which played a large role in promoting the theory of philosophy, theology and mystical views. Further, the author of the article considers the group of Islamic fiqh terms in Jami prose and divides them into groups. These lexemes express concepts expressing various relations between Muslims, in particular the type of trade, concepts related to breaking the law and punishment in Islam, special terms of Islamic fiqh, words and concepts associated with the name and degrees of theologians and their supporters, methods of religious rights the name of religions in Islam, their founders and supporters. Referring to authoritative dictionaries is given the interpretation of words. In conclusion, the author concludes that between religious terminology of fiction by Abdurahman Jami, the words expressing Islamic fiqh occupy a special place.

Keywords: Islam, religion, faith, fiqh, social thoughts, Islamic teaching, language, vocabulary, word, influence, semantics, attitude, concept, term, politeness, prose.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** - Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 42+491.550 (575.3)

О ПОНЯТИИ МЕЖЪЯЗЫКОВЫХ СООТВЕТСТВИЙ (НА ПРИМЕРЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ)

Кесамирова С.Р.
Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода

Родственная общность языков вытекает из того, что они происходят из одного языка-основы. Язык – основа - это не только совокупность соответствий, но и реальный, исторический язык. Если в языках грамматические значения выражаются тем же способом, что и фонетические, то это безусловно свидетельствует о родстве данных языков. Например, слова daughter – духтар, father – падар, two – ду, jungle – ҷангал и др. в них не только корни, но и грамматические флексии соответствуют друг другу. Первый, кто заметил сходство языков, был Филиппе Сассети В XVI веке в своих письмах из Индии он утверждал, что индийский язык имеет некоторые соответствия с итальянским и латинским языками. Однако свои наблюдения Филиппе Сассети так и не опубликовал в виде научных трудов. В этих языках соответствия обнаруживались не только в корнях, но и в грамматических формах, и звуковых структурах. Франц Боп (1791-1867) вслед за В. Джонсом обосновал некоторые соответствия в лексике различных языков. Другой ученый Расмус - Кристиан Раск подчеркивал, что в языке лексические соответствия недостаточны, они не являются надёжными доказательствами сходства языков. Гораздо важнее - это грамматические соответствия [10, с.208]. Переведем в качестве примера слово, которое имеет лексические и фонетические соответствия и относится к группе индоевропейских языков: слово *мать* (в русском), *mote* (в литовском), *mater* (в латинском), *mere* (в французском), *mutter* (в немецком), *mather* (в английском) и *модар* (в таджикском).

Целью данной статьи является анализ межъязыковых соответствий разных уровней английского и таджикского языков.

В языкознании различают лексические, фонетические и грамматические соответствия.

Установление регулярных фонетических соответствий - важнейший компонент доказательства языкового родства. В случае отсутствия регулярных фонетических соответствий между сравниваемыми языками их родство не может считаться доказанным. В компаративистике существует два близких, но не тождественных понимания регулярных фонетических соответствий. Первое используется на начальном этапе доказательства языкового родства и состоит в следующем: соответствие звуков может быть названо регулярным, если оно обнаруживается в достаточно большом количестве слов. Второе используется в исторической фонетике. В этом случае регулярным называется такое соответствие, которое описывается правилом, имеющим минимальное количество исключений. В английском и таджикском языках регулярные фонетические соответствия можно найти в существительных, именах собственных: Ralph – Ралф, Richard – Ричард; в этих примерах в английском языке две буквы дают только один звук в таджикском; буквы **ph** – звук **ф** или **ch – ч,** Rosaline – Розалин, Rosemary – Розмари; в этих существительных - именах собственных буква -е- не даёт звука в таджикском языке, то есть не читается.

Вильгельм фон Гумбольдт был одним из выдающихся лингвистов-теоретиков. Он уточнил некоторые закономерности грамматических соответствий в языкознании. «Поскольку к изучению неизвестного языка подходят с позиции более известного родного языка или латыни, то для иностранного языка избирается способ обозначения грамматических отношений, принятый в ряде языков… Во избежание ошибки необходимо изучать язык во всем его своеобразии, чтобы при точном расчленении его частей можно было определить, при помощи какой определённой формы в данном языке в соответствии с его строем обозначается каждое грамматическое отношение» [1, с.64]. Он занимался типологическими проблемами. Казалось бы, число грамматических форм и синтаксических конструкций в каждом сопоставляемом языке строго ограничено. Трудность грамматических сопоставлений в процессе перевода состоит в том, что такие сопоставления останутся мертвой буквой, если при этом не будет учитываться зависимость грамматической формы от ее лексического наполнения. Поясним это положение примером. Так, английское двусоставное предложение *She aimed at becoming a doctor* на таджикский язык переводится: *Ӯ кӯшиши духтур шудан дошт* (Она стремилась стать врачом). Если мы обратим внимание на грамматическое соответствие, то глагол becoming в английском языке идет в функции герундия, а в таджикском языке соответствует по функции инфинитиву «шудан». Однако эти соответствия не имеют абсолютного характера. В этом случае, если вместо герундия мы используем инфинитив *to become,* то он бы соответствовал таджикскому инфинитиву. Большая опасность для переводчика заключается в том, что в английском и таджикском языках существует немало одноименных грамматических форм и

синтаксических конструкций, по своим функциям и значению не совпадающих в обоих языках. Английский инфинитив и английское причастие и по функциям, и по значению отличаются от соответствующих таджикских форм, не говоря уже об отсутствующей в таджикском языке форме перфектного инфинитива или об английском причастии настоящего и прошедшего времени, которому в таджикском языке может соответствовать то причастие, то деепричастие. Существующие грамматики английского языка не учитывают коренных различий в употреблении одноименных форм, например, того же причастия: *He crept slowly going up the stairs.*- Вай оњиста хазида, бо зинапоя боло баромад.(Он медленно, ползком поднимался по лестнице вверх). В подобных случаях английский глагол в прошедшем времени *crept* имеет грамматическое соответствие с таджикским причастием *хазида*. Подобные преобразования предложений в процессе перевода принято называть грамматическими трансформациями.

Под межъязыковым соответствием понимается сходство между единицами языков с точки зрения семантики, фонетики, грамматики и лексики, используемое для сравнения языков и решения переводческих задач. Имеется существенная разница между переводческими и межъязыковыми соответствиями. Переводческие соответствия называются эквивалентами, и под этим понятиям подразумевается то, какими способами межъязыковые соответствия находят сходство в другом языке во время перевода. Межъязыковые соответствия – это те соответствия, которые мы находим в двуязычных словарях, однако следует отметить, что переводческие соответствия - это частный случай межъязыковых соответствии. В. Н. Комиссаров определяет переводческое соответствие как одну или несколько единиц плана выражения языка перевода, используемую для передачи содержания определенной единицы плана выражения исходного языка [5, с.161]. Он выделяет три типа соответствий: постоянные (используемые переводчиком всегда или почти всегда - термины, географические названия и др.), вариантные (несколько знаков, регулярно использующихся при воспроизведении содержания определенной единицы) и окказиональные (нерегулярное, случайное использование единицы, контекстуальная замена) [5, с.163-169].

В языкознании в результате расчленения межъязыковых соответствий существуют близкие соответствия и приблизительные допустимые соответствия. Близкие соответствия - это те, которые относятся к абсолютным соответствиям, а приблизительные допустимые соответствия бывают частичными. Их можно также назвать неполноэквивалентами.

Эквивалент - это единица речи, совпадающая по функции с другой, способная выполнять ту же функцию, что другая единица речи. Нечто равноценное, равнозначное, равносильное другому, полностью заменяющее его, постоянное и равнозначное соответствие [9, с.253]. В теории закономерных соответствий, разработанной Я.И. Рецкером, понятие эквивалентности распространяется только на отношения между микроединицами текста, но не на межтекстовые отношения. Эквивалент понимается как постоянное равнозначное соответствие, не зависящее, как правило, от контекста [11, с.10-11]. Родство языков и их сходство называются родовым соответствием, но эквивалентами считаются видовые соответствия, которые можно обнаружить в лексических единицах. Так, к эквивалентам относятся следующие примеры: chest – сандуќ, horizon – уфуќ, hot – гарм, pine – санавбар, skin –пуст, traitor - хоин, bee – занбўр, adventure – саргузашт, caravan – корвон, fellow- љавон, occupation – шуѓл, trichery –њилагарї и др [6].

Вначале Э. Умберто считал, что эквиваленты – это синонимичные слова. Однако в процессе сравнения языков он отказывается от этой точки зрения, объясняя это тем, что, например, английское слово father, использованное в определённом контексте, мы не можем заменить словом daddy, то есть ситуация контекста не позволяет нам выбрать синонимы. «Но предположим, что эквивалентность значения становится возможной благодаря чему-то вроде однозначной синонимии и что первая инструкция, которую надлежало бы дать машине для перевода, – это межъязыковой словарь синонимов, позволяющий даже машине при переводе добиваться эквивалентности значения» [12, с.17].

В переводовведении эквивалентность означает сходство не между словесными знаками, а между знаками как сегментами текста, зависящими от ситуации.

В большинстве двуязычных словарей мы встречаем две категории соответствия. Эквиваленты и вариантные соответствия. Под эквивалентами понимаются те соответствия между словами, которые являются постоянными. К таким категориям относятся существительные, такие как собственные имена, географические названия и некоторые термины. Они тоже считаются абсолютными эквивалентами.

Вот несколько примеров из англо-таджикского словаря: academy - *академия;* Adriatic Sea – *бањри Адриатика;* Afro-Asian – *афро-осиёгї;* the Middle ages – *Асрњои миёна;* Algeria - *Алљазоир;* Council of Ministers – *шўрои вазирон;* tractor - *трактор;* tourist – *сайёњ, турист [6].* В некотрых случаях трудно найти подходящее соответствие в словарях, так как в некоторых из них, особенно в англо-таджикском, встречаются неточности при эквивалентных соответствиях. Многозначные слова могут не иметь постоянных эквивалентов. Их могут иметь лишь

отдельные значения этих слов. Например, слово dream имеет в одном своем значении эквивалентом *орзу* (мечта), а в другом - *хоб дидан (сновидение)*. Эти многозначные слова переводятся в зависимости от контекста.

Если английскому слову в англо-таджикском словаре соответствует несколько таджикских слов, то налицо вариантные соответствия. Таково, например, слово inspect. Inspect v. 1) бодиќќат дидан, нигоњ кадан; 2) бозрасї кардан, тафтиш кардан; 3) аз назар гузаронидан, муоина кардан [6].

Как видно из приведенной словарной статьи, слово *inspect* и в первом, и во втором значениях представлено эквивалентом, тогда как в обоих значениях имеет в таджикском языке два вариантных соответствия. Что касается третьего значения, то здесь вместо перевода словарь дает развёрнутое толкование, оставляя переводчику свободу выбора подходящего слова в каждом конкретном случае. Такое истолкование значения слова в двуязычном словаре принято называть описательным переводом.

Существуют полные и частичные эквиваленты. Полные эквиваленты показывают такие соответствия, которые полностью покрывают значение однозначного слова. Например, team – гурўњ, unity – ягонагї, wind – шамол, wonderful – њайратангез, watchman – ќаравул, upstairs – боло, engine –муњаррик, check – санљиш, calendar –солнома.

Некоторые многозначные слова, такие, как английское слово *make,* которое имеет три значения в таджикском *тамѓа, сохтан, истењсол кардан, маљбур кардан* (*производить, создавать или сделать и заставить),* находят соответствия в таджикском языке в зависимости от ситуации, контекста. Например:

What make is your new video? - Тамѓаи видеои нави шумо чї аст? (Какого производства ваше новое видео?)

She has made a wonderful cake.- Вай торти аъло пухт. (Она испекла замечательный торт) [6].

My father makes us to do our homework. - Падари ман моро маҷбур месозад, ки вазифаи хонагиамонро тайёр кунем (Мой отец заставляет нас, чтобы мы сделали нашу домашную работу).

Когда слово в целом не имеет единичного соответствия в таджикском языке, но его имеют лишь отдельные его значения, то такая эквивалентность будет частичной. Из вышесказанных примеров можно сказать, что многозначные слова находят соответствия в зависимости от ситуации и становятся частичными эквивалентами. Например, существительное call в основном, наиболее распространенном значении представлено вариантными соответствиями: фарёд кардан; нидо; даъват (звать). Но в более узких, специальных значениях оно имеет частичные эквиваленты: занги телефон, ташрифоварї (звонить по телефону или навещать кого-либо).

Частичные эквиваленты представляют известную опасность для переводчика: здесь легко впасть в ошибку из-за смешения разных значений английских слов.

Если таджикское слово соответствует английскому не только в смысловом отношении, то оно будет абсолютным эквивалентом. В большинстве случаев абсолютными эквивалентами представлены слова нейтрального в стилистическом отношении слоя. Так, например, adult – болиѓ, advice - маслиҳат, aim-маќсад, coincidence - тасодуф, независимо от содержания текста значения не меняют.

Когда слово имеет несколько значений в сфере обиходной речи, обычно лишь основное значение представлено полным эквивалентом, а прочие значения - частичными. Например, tower - манора; ќалъа - полный эквивалент, так как только это значение относится к конкретному существительному. Прочие, наиболее распространенные абстрактные значения слова представлены частичными эквивалентами: ќад кашидан; баланд шудан; *The skyscrapers tower over the city. – Биноҳои осмонбӯс дар болои шаҳр ҷад кашидаанд* [6].

В данном случае все значения тесно связаны друг с другом и каждое из них реализуется в зависимости от контекста. Но далеко не все многозначные слова имеют основное, центральное значение. Многие из них распадаются на несколько сравнительно равноценных по смысловой емкости и распространенности значений. Например, board, все пять общеупотребительных значений существительного имеют частичные эквиваленты: тахта; хўрок, ѓизо; дар болои (киштӣ); савор шудан (ба киштӣ).

Все эти примеры относятся к словарной эквивалентности. Между словарной и переводческой эквивалентностью имеется разница. Эквивалентность в словаре Л.Л. Нелюбина понимается как смысловая общность приравниваемых друг к другу единиц, охватывает отношения как между отдельными знаками, так и между текстами [9, с.253-254].

По словам В.Н. Комиссарова, языковые единицы - это не просто ярлыки, используемые для обозначения соответствующих объектов. У каждого языкового знака имеется устойчивое, ему одному присущее значение [5, с.31].

Таким образом, межъязыковые соответствия бывают фонетическими, грамматическими и лексическими. Лексические соответствия английского и таджикского языков существуют в разных формах, для которых соответствуют отдельные уровни и степени эквивалентности. Их более подробному анализу будут посвящены наши дальнейшие исследования.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алпатов В.М. История лингвистических учений. Учеб. пособие / В.М. Алпатов.- 4-е изд., испр. и доп. - М.: Языки славянской культуры, 2005. -368 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Советская энциклопедия. зав. ред. И. К. Сазонова. 1966. – 608 с.
3. Бархударов Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории) / Л.С. Бархударов. - М., «Междунар. отношения», 1975.- 240 с.
4. Виноградов В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В.С. Виноградов. -М.: Изд-во ин-та общ. сред. образования РАО, 2001. - 224 с.
5. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учебник для ин-тов и фак-тов иностр. яз / В.Н. Комиссаров. - М.: Высш. шк., 1990. - 253 с.
6. Мамадназаров А. English – Tajik University Dictionary. Фарҳанги донишгоҳи англисӣ – тоҷикӣ. Монография / А.Мамадназаров.– Душанбе: Эр-граф, 2009. - 486 с.
7. Мюллер М.С. Новый большой русско-английский словарь / М.С.Мюллер. Лингвистика, 1997. - Т.1 - 3. - 3208 с.
8. Мюллер В.К. Новый англо-русский словарь / В.К. Мюллер; под ред. Мюллер В. - К.: Русский язык, 1998. – 3200 с.
9. Нелюбин Л.Л. Толковый переводоведческий словарь / Л.Л. Нелюбин. -3-е изд., перераб. - М.: Флинта: Наука, 2003. - 320 с.
10. Реформатский А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский; под ред. В.А. Виноградова. – М.: Аспект Пресс, 1996.- 536 с.
11. Рецкер Я.И. Теория перевода и переводческая практика / Я.И. Рецкер. – М.: Международные отношения, 1974. – 110 с.
12. Эко Умберто. Сказать почти то же самое / Эко Умберто. Опыты о переводе: АСТ: CORPUS; - Москва; 2015.

ОИД БА МУТОБИҚАТИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БАЙНИЗАБОНӢ

(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Дар мақола масъалаҳои марбут ба тадқиқоти мафҳуми муодилнокии воҳидҳои луғавии забон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки алоқамандии забонҳои мавриди назар аз муштарак будани онҳо далолат мекунад. Дар забоншиносӣ мутобиқатҳои луғавӣ, фонетикӣ ва грамматикӣ вуҷуд доранд. Ду мафҳуми наздик, вале на ҳамаҷониба муодилнокии мунтазами фонетикӣ вуҷуд дорад. Мутобиқати аввалини овозҳо метавонад мунтазам ном гирад, агар он дар як шумораи кофии калимаҳо пайдо шуда бошад. Дуюм, дар фонетикаи таърихӣ истифода мешавад. Дар забони англисӣ ва тоҷикӣ, муодилнокии мунтазами овозиро дар муқоиса бо исмҳои хос дидан мумкин аст. Шаклҳои грамматикӣ ва иншооти синтаксисӣ дар ҳар як забони мутобиқшуда маҳдуданд. Мушкилиҳои муқоисаи грамматикӣ дар раванди тарҷума ин аст, ки чунин муқоисаҳо хато ҳисобида мешаванд, агар шакли грамматикӣ аз таркиби луғавии худ вобастагӣ дошта бошад. Муодилнокии луғавӣ мутобиқате мебошад, ки новобаста аз матн дар байни калимаи ду забон, мунтазам ва баробар мебошанд. Ин мақола ҳамчунин фарқият байни муодилнокии байнизабонӣ ва муодилнокӣ дар тарҷумаро қайд мекунад, ки ин ду воҳидҳои гуногуни забонӣ бебошанд, ки дар луғатҳои дуҷониба инъикос ёфтаанд ва мунтазам дар тарҷума истифода мешаванд. Аз ин рӯ, муодилнокӣ дар тарҷима, як раванди махсуси монандии байнизабонӣ мебошад.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, мутобиқатҳои байнизабонӣ, мутобиқатҳои фонетикӣ, мутобиқатҳои грамматикӣ, мутобиқатҳои луғавӣ, мутобиқатҳои тарҷума, муодилнокии луғавӣ.

О ПОНЯТИИ МЕЖЬЯЗЫКОВЫХ СООТВЕТСТВИЙ

(на примере английского и таджикского языков**)**

В статье рассматриваются вопросы, связанные с понятием эквивалентности лексических единиц в языкознании. Автор подчеркивает, что родственная общность языков и их соответствия вытекают из того, что такие языки происходят из одного языка - основы. Отмечается, что в языкознании различаются лексические, фонетические и грамматические соответствия. Существуют два близких, но не тождественных понимания регулярных фонетических соответствий. Первое соответствие звуков может быть названо регулярным, если оно обнаруживается в достаточно большом количестве слов. Второе используется в исторической фонетике. В английском и таджикском языках регулярные фонетические соответствия можно найти в существительных, именах собственных. Грамматические формы и синтаксические конструкции в каждом сопоставляемом языке строго ограничены. Трудность грамматических сопоставлений в процессе перевода состоит в том, что такие сопоставления останутся мертвой буквой, если при этом не будет учитываться зависимость грамматической формы от ее лексического наполнения. Лексические соответствия - это соответствия между двумя словами двух языков, которые являются постоянными, равнозначащими и, как правило, не зависящими от контекста. В статье также отмечается разница между межъязыковыми и переводческими соответствиями, под которыми понимаются две единицы разных языков, отраженные в двуязычных словарях и регулярно использующиеся при переводе. Переводческие соответствия, таким образом, - это частный случай межъязыковых соответствий.

Ключевые слова: языкознание, межъязыковые соответствия, фонетические соответствия, грамматические соответствия, лексические соответствия, переводческие соответствия, словарная эквивалентность.

ON THE CONCEPT OF INTERLINGUAL LEXICAL CONFORMITY

(in the exercises of english and tajik languages)

The article deals with the issues related to the study of the concept of equivalence of lexical units in linguistics. The author notes that the related commonality of languages and their correspondence follows from the fact that such languages originate from the same basic language. There are lexical, phonetical and grammatical conformities in linguistics. In linguistics, there are two close, but not identical, understandings of regular phonetic conformities. The first match of sounds can be called regular if it is found in a sufficiently large number of words. The second is used in historical phonetics. In English and Tajik, regular phonetic matches can be found in proper nouns. The grammatical forms and syntactic constructions in each matched language are strictly limited. The difficulty of grammatical comparisons in the translation process is that such comparisons will remain a dead letter, if this does not take into account the dependence of the grammatical form on its lexical content. Lexical conformities are the matches between two words of two languages, which are constant, equivalent and, as a rule, independent of context. The article also notes the difference between interlanguage and translation matches, which means two units of different languages, reflected in bilingual dictionaries and regularly used in translation. Translated matches, therefore, is a special case of interlanguage matches.
Key words: linguistics, interlanguage correspondences, phonetic correspondences, grammatical correspondences, lexical correspondences, translation correspondences, dictionary equivalence.

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, соискатель кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, aspirant, the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК: 491.550-3:86

ВОЖАҲОИ СОДА ВА РЕХТА ДАР АСАРИ «ЗАФАРНОМАИ ХУСРАВӢ»

Асоева Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар нигоштаҳои муҳаққиқон ва адабиёти мавҷудаи илмӣ вожаҳои забонро аз нигоҳи сохтор ба калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё дар қолаби ибора муқаррар кардаанд, ки мо низ ба ҳамин гурӯҳбандӣ такя менамоем.

Калимаҳои сода. Дар луғатҳои тафсирӣ ва истилоҳии забоншиносӣ, инчунин дар адабиёти таълимӣ вожаҳои содаро чунин шарҳ додаанд: «Калимаҳое, ки танҳо аз як реша таркиб ёфтаанд, вожаҳои сода мебошанд» [2]. Аз ин ҷост, ки ба гурӯҳи вожаҳои сода асосан чунин калимаҳоро мансуб донистан мумкин аст: 1) вожаҳои аслан тоҷикӣ, ки ба қатори вожаҳои умумиэронӣ дохил мешаванд: **дон, нон, кор, ранҷ, пул, хок, санг, дарахт, кон, коло, зар…** Ин қабил вожаҳоро боз метавон ба зергурӯҳҳои вожаҳои ифодагари исмҳои моддӣ [дон, нон, пул, хок, санг, дарахт, кон, коло, зар...] ва маънавӣ [кор, ранҷ...] ҷудо кард; 2) вомвожаҳои арабӣ, ки пас аз забткориҳои араб бо баҳонаи ҷорӣ кардани дини ислом ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидаанд: **азрақ, қарз, меҳнат, заҳмат, нақд, ҳақ, матоъ, ашё...** Ин қабил вожаҳои содаи қарзии арабӣ бештар ба гурӯҳи вомвожаҳои арабии маънавӣ мансубанд; 3) вомвожаҳои русӣ-байналмилалӣ, ки пас аз забткориҳои Русияи подшоҳӣ, яъне пас аз солҳои 60-уми асри XIX ва ибтидои асри XX ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидаанд: **фоиз, бонк, материал, нефт, навъҳои сӯзишворӣ, навъҳои техника, амалиёти бонкӣ** ва монанди инҳо мансубанд; 4) вомвожаҳои англисӣ ва урупоӣ, ки бештар пас аз истиқлолияти миллӣ [пас аз солҳои 90-уми асри XX] ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидаанд: **ломбард, доллар, корт [корт ин воситаест барои дастрасӣ ба суратҳисоби бонкии мизоҷ].**

Дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» вожаҳои зиёди аз нигоҳи сохтор сода мавриди истифода қарор гирифтааст, ки барои тақвияти мулоҳизаҳои хеш чанд мисол меоварем: Дар ҳамин маврид ба фармудаи **волиди** худ миқдори 2000 **лашкар**и номварро аз даруни **лашкар**и **Бухоро** карда, ба тариқаи **Илғор** ба сӯйи **Самарқанд** равона намуда, худ ба ҳамроҳии умарои завиюлиқтидор ба **фатҳу фирӯзии** тамом ба ҷониби **Бухоро**и шариф муроҷиат фармуда, омада ба дидори пуранвори **падар**и худ фойизу мушарраф гардид [13, с.45]. Аз шунидани ин **хабари** ваҳшатасар безобитагии тамом ба Мирумархон рӯйдод шуда, аз ҳад афзун ва аз **андоза** берун андуҳнок ва ҳаросманд гардида, аз рӯйи камфитратӣ ба **маслиҳати** кӯтоҳандешии ҳавохоҳони худ амал намуда, … сипоҳи Бухороро ҷамъ намуда, ... **вақт**ро ғанимат дониста аз ҳар элу уруқ фавҷ-фавҷ, қабила-қабила аз лашкари Бухоро ҷудо шуда, иродаву истиқболи шаҳаншоҳи некухисолро ба худҳо ҷазм намуда, роҳӣ шуданд.

Тавре гуфтем, таркиби морфологии исм як хел нест, онҳо сода, сохта, мураккаб ва омехта (мураккаби пасванддор) мешаванд. Дар ин ҷо усули ба исмҳои сода гузаштани исмҳои таърихан сохтаву мураккабро таҳлил кардан аҳаммият дорад. Бисёр исмҳои сохта ва мураккаб дар таърихи инкишофи забон ба ҳодисаҳои гуногуни забонӣ дучор шуда, мувофиқи

қоида ва қонунҳои он баъзан маъно ва таркиби овозиашон тағйир ёфта, **яклухтиву бутунии** худро ҳамчун калимаи сохта ва ё мураккаб гум мекунанд, рехта (сода) мешаванд. Рехташавии исмҳои сохта ва мураккаб асосан дар ҳолатҳои зерин ба амал меояд: 1) ҳангоми тағйири маънои морфемаҳо; 2) дар вақти тағйири таркиби овозии калимаҳо; 3) дар мавриди аз забон барҳам хӯрдани калимаҳое, ки ҳамин гуна морфема доранд. Ин ҳодисаҳо, мумкин аст, дар як калима дар як вақт ба вуқӯъ оянд, вале аксар вақт яке аз онҳо боиси рехташавии калимаҳои сохта ва мураккаб мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар, калимаҳои **реша, хошок, сӯрох, дебо, кишвар, каду, ҳомун, духтар, писар, бародар, марғзор, корзор, замин, занбар, офтоб, корвон, барзгар, хокистар, шӯрбо, хуршед, дашном, шалвор, фарҳанг, гиребон, деҳқон, зимистон, гӯсфанд, дуредгар, челонгар, зиндон** ба гурӯҳи исмҳои рехта дохил мешаванд. Ба сохта будани баъзеи ин исмҳо пасвандҳои калимасози таркибашон гувоҳӣ медиҳанд, аммо барҳам хӯрдани маънои луғавии решаи калима имконият намедиҳад, ки онҳо имрӯз ҳамчун калимаи сохта ба ҳисоб раванд. Чунончи, калимаи **корзор** дар асл сохта буда, аз решаи **кор-** ва пасванди **-зор** иборат мебошад, аммо вай ба қатори исмҳои рехта дохил мешавад, чунки решаи он ба ин маънии аслии худ [ҷанг, ҳарб] ҳоло мустақилона истифода намешавад, дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо шакли рехтаи он ба маънии **размгоҳ, майдони муҳориба** истифода мешавад.

Таркиби аслии калимаи муарраби **қаҳрамон** низ бо **кор-** [ҳарб, ҷанг] алоқаманд аст, вай аз шакли **kara + framana> kahraman** дар натиҷаи афтидани «ф» ва ихтисори **a=>kahraman** ба амал омадааст. Калимаи **кор** ба маънии лашкар, сипоҳ дар таркиби исми рехтаи корвон низ дучор мешавад, ки он аз асоси **кор-** (**сипоҳ**) ва пасванди **-вон** иборат мебошад. Калимаи **фарҳанг** низ дар асл сохта буда, аз пешванди фар-/фра- ва решаи -ҳанг иборат мебошад, ки ҳар ду ҷузъ ҳам ҳоло маънои луғавӣ надоранд. Решаи ин калима дар таркиби исми оҳанг, ки аз решаи ҳанг ва пешванди о- (а-) иборат аст, низ мушоҳида мешавад. Калимаҳои бо пешванди **фар-** сохташудаи **фарзанд, фарҷом** низ исмҳои рехта ба шумор мераванд. Калимаи **барзгар** низ рехта аст. Решаи ин калима **барз** буда, маънои луғавии он **кор, кори деққонӣ, кишт, зироат** аст. Ин калима дар забони паҳлавӣ дар шакли **варз [**ҳамчун асоси феъл] вомехӯрад, дар «Авесто» ба маънии **кор кардан** омадааст. Модом ки **барз** маънои кишту зироат дошта бошад, пас **-гар** пасванди исмсоз аст ва **барзгар** ба маънои **кишткунанда, коранда, зироаткунанда, кашоварз** истифода шудааст, ки ба истилоҳи имрӯза **деҳқон** аст, ҷузъи якуми калимаи барзагов низ аз ҳамин реша иборат аст. Калимаи **варзидан** ва шакли сохтаи он – **варзиш** низ бо ин калимаҳо ҳамреша мебошад. Калимаи **сорбон** низ исми рехта мебошад, ҳарчанд ки ин калима ҳам аз решаи **сор-** бо пасванди **-бон** сохта шудааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик **-сор** ба маънии шутур истифода намешавад. Дар калимаи **гиребон** ҳам тағйироти маъноӣ ва ҳам тағйироти фонетикӣ ба амал омадааст. Ин калима дар забони паҳлавӣ дар шакли **grifbon** омада, дар «Авесто» ҷузъи якуми он дар шакли **grifba**, дар забони паҳлавӣ **griv** дучор мешавад ва баъдтар шакли **giri** мегирад, ки маънои луғавии он гардан аст; ҷузъи дуюми он – **бон** (решаи феълии **па**) нигоҳ доштан, посбонӣ кардан, поидан сифати феълиаш: **ban > bon** аз ҷузъи дуюми калимаи мураккаб ба пасванд гузаштааст. Маънои таркибии он **гарданбон** аст. На танҳо калимаҳои сохта, балки як гурӯҳ калимаҳои дар асл мураккаб ҳам ба исмҳои рехта дохил мешаванд, чунки ҷузъҳои онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тақсимнашавандаанд. Ин гуна исмҳо дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) исмҳое, ки маънои луғавии яке аз ҷузъҳои онҳо тамоман барҳам хӯрдааст ва ё шакли худро тағйир додааст. Чунончи, ҷузъи дуюми калимаҳои **хокистар** ва **шӯрбо (-истар, -бо**) ҳоло ҳеҷ гуна маънои луғавӣ надорад. Ин ҳиссаҳоро пасванд номидан ҳам мумкин нест, чунки онҳо дар ягон давраи инкишофи забон ҳамчун пасванди калимасози исм истифода нашудаанд. Ҷузъи дуюми калимаи **хокистар** (-истар) ҳоло дар таркиби калимаҳои **бистар** ва **густурдан** (густардан) мушоҳида мешавад. Ҳиссаи дуюми калимаи **шӯрбо/бо** маънои ошро доштааст. Ба ин маънӣ вай дар гузашта дар таркиби дигар калимаҳо низ омадааст: **кадубо** (оши каду), **биринҷбо** (оши биринҷ), **ширбо** (оши башир, ширбиринҷ); 2) исмҳое, ки маънои ҳар ду ҷузъҳояшон барҳам хӯрда, маънои таркибии онҳо боқӣ мондааст: **гӯсфанд, хуршед** ва амсоли инҳо. Калимаи **гӯсфанд** низ аз ду ҷузъ: **гӯв- (гов) ва -сфанд//-спанд** иборат мебошад, ҷузъи якум **гӯ (гов)** маънои ҳайвони судмандро дорад, **-спанд** бошад, ба маънии **пок, муқаддас** истифода шудааст. Калимаи русии **«святой»** низ аз ҳамин реша аст. Маънои таркибии калимаи **«гӯсфанд»** *ҷонвари пок, ҷонвари муқаддас* мебошад. Калимаи **хуршед** ҳам аз ду ҷузъ, **хур** ва **шед** иборат буда, маънии таркибии онҳо офтоби дурахшон аст. Дар забони адабии тоҷикӣ **хуршед** ба маънии *офтоб* меояд ва ин аст, ки ҳоло дар забони адабии мо мисли *хуршеди тобон, хуршеди дурахшон* таъбирҳои тавсифӣ ҳастанд. Дар адабиёти классикии тоҷику форс ба маънои *офтоб* омадани ҳар як ҳиссаи **хуршед** - ҳам ***хур*** ва ҳам ***шед*** мушоҳида мешавад:

Ҳама судмандӣ зи гуфтори туст,
Хуру моҳ равшан зи дидори туст **(Фирдавсӣ).**

Чу барзад сар аз бурчи харчанг **шед**,

Ҷаҳон гашт чун руни румӣ сапед **(Фирдавсӣ).**

Дар асл сохта ва ё мураккаб будани калимаҳои рехта ҳангоми таҳлили этимологӣ муайян мешавад. Таҳлили этимологии калима барои барқарор намудани морфемаҳои каммаҳсул ёрӣ мерасонад. Ба ин вандҳои калимасози **-но, фар-** ва **-лох** мисол шуда метавонанд. Дар гузашта бо ин се морфема исмҳои зиёде сохта шудаанд. Чунончи, бо пасванди **-но** исмҳои **фарохно, дарозно, тезно, тангно** сохта шудааст. Аз ин гурӯҳи калимаҳо маълум мегардад, ки пасванди **-но** аз сифат исм месохтааст. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ вай пасванди бемаҳсул ба ҳисоб меравад, чунки ҳоло аҳёнан **тангно** истифода мешаваду бас. Тавре зикраш рафт, сайри таърихӣ ва тағйироти калимаро таҳлили этимологӣ муайян мекунад. Таҳлили морфологӣ аз таҳлили эҳтимологӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳангоми таҳлили морфологӣ таркиби калима мувофиқи забони адабии ҳозира таҳлил ва морфемаҳо муайян карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, таркиби як калима мувофиқи таҳлили морфологӣ ва этимологӣ ба морфемаҳои гуногун ҷудо мешавад. Чунончи, калимаи **дашном** мувофиқи таҳлили морфологӣ исми сода аст, вале аз рӯйи таҳлили этимологӣ вай калимаи мураккаб ба шумор меравад, ҳиссаи якуми он **даш-//душ-** буда, ҳиссаи дуюми он **ном** мебошад, маънии таркибии онҳо **номи бад, бадном** аст ва ин мувофики қолиби исмсозии забони тоҷикӣ воқеъ шудааст, ки **номи** бад, **шуҳрати** бад, номи **зишт** гуфтан аст. Ҷузъи якуми калимаи **душман** низ ҳамин гуна маънӣ дорад. Таҳлили этимологӣ инчунин барои таъин кардани маънои ҷузъҳои калима ёрӣ мерасонад. Муайян намудани маъйнии ҳар як ҷузъи калимаи рехта яке аз шартҳои асосии таъйин кардани сохти он мебошад. Дар забон ҳар як калима маънои зиёде дошта метавонад. Барои муайян намудани он, ки дар таркиби калимаи таърихан ташаккулёфта ҷузъи алоҳидаи он бо кадоме аз маъниҳояш омадааст, ҷузъи дигари калима ёрӣ мерасонад.

Яке аз роҳҳои пурғановат гардидани таркиби луғавии забон аз забонҳои дигар қабул намудани калимаҳои ҷудогона мебошад. Ин ҳодиса дар забони адабии тоҷикӣ бисёр равшан мушоҳида мешавад. Калимаҳои зиёде аз забонҳои дигар бо роҳу воситаҳои гуногун ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудаанд. Миқдори муайяни онҳоро калимаҳои арабӣ, туркӣ ва русию интернатсионалӣ ташкил менамоянд. Ба забони тоҷикӣ аз дигар забонҳо аз ҳама пештар ва бештар исмҳо дохил шудаанд. Исмҳое, ки аз дигар забонҳо ба забони адабии тоҷикӣ роҳ ёфтаанд, аз ҷиҳати таркиби морфологӣ як хел набуда, сода, сохта ва мураккаб мебошанд. Аммо содаву сохта ва мураккабии онҳо мувофиқи сохти морфологии худи ҳамон забон муқаррар карда мешавад, ки аз он гирифта шудаанд. Чунончи, калимаи **ратификатсия** (аз лот. *ratus* – ҳалшуда, тасдиқшуда ва *facere* – кардан), ки тавассути забони русӣ ба забони мо дохил шудааст, аз решаи лот. **ratus** - ҳалшуда, тасдиқшуда ва **facere** – кардан (тасдиқ кардан ё ҳал шудан) иборат буда, ин таҳлил мувофиқи забони лотинист. Аммо дар забони тоҷикӣ ин калима аслан мураккаб бошад ҳам, дар забони адабии тоҷикӣ ҳамчун исми рехта ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи исмҳое, ки аз дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, қатъи назар аз он ки дар забони иқтибосшуда чӣ гуна шаклу таркиб доштаанд, калимаҳои рехта ба шумор мераванд, чунки онҳо ба забони тоҷикӣ бо ҳамон маънои таркибиашон дохил шудаанд ва ба морфемаҳо тақсим намешаванд, чунончи: программа, телеграф, демократия, республика ва ғ. Калимаҳои иқтибосӣ ба таркиби луғавии забон дохил шуда, мисли дигар исмҳо вандҳо қабул мекунанд ва дар шакли сохта ва ё бо дигар калимаҳо як шуда дар шакли мураккаб омада метавонанд, ҳамчун **телеграфчӣ, республикачӣ, муаллимӣ, чойнаксоз, марсияхонӣ** ва ғ. Аз асари «Зафарномаи хусравӣ» барои тақвияти андеша чанд мисол дар доираи як банди синтаксисӣ меоварем: Баъд аз истихфофи ҳодисот саросари офот бар атрофу акнофи вилоёт як ҷаҳде хотирҷамъӣ рӯйдод шуда, сағиру кабир ва барною пир ба шукргузории эзидӣ машғул гардиданд. Дар ҳамин таърих ҳазрати амир Ҳайдар султони мағфиратнишон ба машварати давлатхоҳони номдор ва ба савобдиди вузарои олимиқдор, тураи туроиён, шаҳзодаи олимакон сайид Мирнасруллоҳ Муҳаммад Баҳодурсултонро аз миёни авлоду асбоғи худ баргузида ба йарлиғи вилояти **Насафу Косон** ва **Касбӣ** сарафрозӣ бахшида, ҳукумат аз қасабаи **Чироғчию Чимтеппа** ва вилояти **Бойсуну Шеробод** ва **Келифу Ҳазор** то ба сарҳади вилоёти **Ҳисор** ба қабзаи иқтидор ва ба тасарруфи ихтиёраш тафвиз фармуд ва низ Мирумархонро, ки валади сеюми шоҳи волочоҳ аст, ӯро низ дар ҳамин таърих ба ҳукумати вилояти **Карминаю Янгиқурғон ва Карчиғойю Ҳазора** муфтахару масрур гардонида сарафрозӣ бахшид ва низ дар ҳамин таърих аз сулби **шаҳзода**и **сикандарнишони зафартавъамон** сайид Мирнасруллоҳ Муҳаммад Баҳодурсултон фарзанди арҷманде ба арсаи зуҳур омад, ки то **фалаки** даввор бо ҳазор **деҳа** дар атрофи олам гардида, назираш дар ҳеҷ қарн ба ин чунин дурри шоҳвор наяфтода [13, с.19].

Ҳамин тариқ, дар асари «Зафарномаи хусравӣ» вожаҳои сода ва содаи рехта хеле фаровон корбурд доранд ва бо ин роҳ таркиби луғавии забони асар ва забони адабии тоҷикии асри XIX хеле ғанӣ гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Куллиёт, Ҷ.12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 770 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.– Д.: Дониш,1985. -Ҷ.1. –356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – 464 с.
4. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев. // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – С.56-60.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.
6. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
7. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо. / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 143 с.
8. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 106 с.
9. Хромов А. Л. Чаҳордаҳ мақола / А. Л. Хромов. – Душанбе, 2010. – 174 с.
10. 1Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳалимов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. – Душанбе, 1975. – Қисми 1/2. – С. 283-307.
11. Ҳалимов С. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1989. – 100 с.
12. Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе: ДМТ – Сино, 2018. – 164 с.
13. Зафарномаи Хусравӣ. –Хуҷанд, 2001. -189 с.

ВОЖАҲОИ СОДА ВА РЕХТА ДАР АСАРИ «ЗАФАРНОМАИ ХУСРАВӢ»

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси нигоштаҳои муҳаққиқон ва адабиёти мавҷудаи илмӣ вожаҳои асари мавриди тадқиқро аз нигоҳи сохтор ба калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё дар қолаби ибора чудо намуда, андешаҳои худро бештар доир ба вожаҳои сода ва содаи рехта баён менамояд. Аз назари муаллиф калимаҳои сода танҳо аз як реша таркиб ёфта, ба ин гурӯҳи калимаҳо бештар вожаҳои аслан тоҷикӣ (дон, нон, кор, ранҷ, пул, хок, санг, дарахт, кон, коло, зар…), вомвожаҳои арабӣ (азрақ, қарз, меҳнат, заҳмат, нақд, ҳақ, матоъ, ашё...), вомвожаҳои русӣ-байналмилалӣ (фоиз, бонк, материал, нефт, навъҳои сӯзишворӣ, навъҳои техника, амалиёти бонкӣ) ва вомвожаҳои англисию урупоӣ (ломбард, доллар, корт [корт ин воситаест барои дастрасӣ ба суратҳисоби бонкии мизоҷ] мансубанд. Баробари вожаҳои сода дар асар вожаҳои рехта мавҷуданд, ки рехташавии исмҳои сохта ва мураккаб асосан дар ҳолатҳои зерин ба амал меоянд: 1) ҳангоми тағйири маънои морфемаҳо; 2) дар вақти тағйири таркиби овозии калимаҳо; 3) дар мавриди аз забон барҳам хӯрдани калимаҳое, ки ҳамин гуна морфема доранд. Дар асоси ҳамин нигошта, муаллиф чанд калимаи рехтаи асарро меорад ва мавриди таҳлил қарор медиҳад ва бо ҳамин роҳ дараҷаи корбасти вожаҳои сода ва рехтаи асарро муайян мекунад.

Калидвожаҳо: вожаҳо, забон, сохтор, калимаҳо, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, қолаб, гурӯҳбандӣ, луғатҳо, тафсирӣ, истилоҳ, забоншиносӣ, реша, аслан тоҷикӣ, вожаҳои умумиэронӣ, зергурӯҳҳо.

ПРОСТЫЕ И ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «ЗАФАРНАМЕ ХУСРАВИ»

В данной статье автор на основе изучения исследовательских работ и существующей научной литературы поверг анализу и изучению слова указанного произведения и разделил их на простые, производные, сложные и составные слова, высказав свои мыли относительно простых и простых производных слов. С точки зрения автора, простые слова состоят только из одного корня и к данной группе слов относятся подлинно таджикские слова (дон, нон, кор, ранч, пул, хок, санг, дарахт, кон, коло, зар…), арабские банковские термины, русские международные банковские термины и банковские европейские и английские термины. Наравне с простыми словами в произведении также присутствуют фразеологические словосочетания, сочетание которых происходит в следующих случаях: 1) при изменении значений морфем; 2) во время изменения фонетического состава слов; 3) во время выпадения из языка слов , которые имеют те же морфемы. На основе данной статьи автор приводит несколько фразеологических словосочетаний из произведения и анализирует их и тем самым определяет степень употребления простых и фразеологических словосочетаний произведения.

Ключевые слова: слова, язык, структура, слова, простой, производный, сложный, составной, калька, группировка, словари, толковый, термин, языкознание, корень, подлинно таджикские слова, общеперсидские слова, подгруппы.

SIMPLE AND PHRASEOLOGICAL MESSAGES IN THE WORK "ZAPHARNAME KHUSRAVI"

In this article, the author, on the basis of studying research papers and existing scientific literature, has analyzed and studied the words of this work and divided them into simple, derivative, complex and compound words, expressing his own thoughts about relatively simple and simple derived words. From the point of view of the author, simple words consist of only one root, and this group of words includes truly Tajik words (don, non, core, wound, pool, hawk, sang, daracht, con, colo, char ...), Arabic banking terms, Russian international banking terms and banking European and English terms. Along with simple words, there are also phraseological phrases in the work, the combination of which occurs in the following cases: 1) when the values of morphemes change; 2) while changing the phonetic composition of words; 3) during the drop out of the language of words that have the same morpheme. On the basis of this article, the author cites several phraseological phrases from the work and analyzes them and thereby determines the degree of use of simple and phraseological phrases of the work.

Key words: words, language, structure, words, simple, derivative, complex, compound, tracing paper, grouping, dictionaries, explanatory, term, linguistics, root, truly Tajik words, common Persian words, subgroups.

Сведения об авторе: ***Асоева Бунафша*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-75-14-77**

Information about the author: ***Asoeva Bunafsha*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 918-75-14-77**

УДК: 491.71-3 (470) (575.3)

РЕПРЕЗЕНТАЦИЯ КОНЦЕПТА ЗЕБОИ - КРАСОТА В ТАДЖИКСКИХ И РУССКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ

Бойматова Н.К.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

В пословицах и поговорках каждого народа проявляются национальные черты, особенности его культуры, своеобразие исторического пути развития народа - создателя пословиц, однако, по своему идейному содержанию пословицы самых различных народов при наличии чисто национального своеобразия, обусловленного и национальными особенностями их построения, и стилистической окраской, часто обнаруживают сходство [3, с.8].

Особенности национального сознания наиболее ярко проявляются в устном народном творчестве, которое формировалось и развивалось в течение длительного времени. И именно пословицы и поговорки представляют собой тот особый пласт культуры народа, в котором отражаются самобытность и неповторимость обычаев, традиций, норм поведения и ментальности конкретного этноса.

В статье нами рассмотрено пословицы и поговорки с концептом «зебоӣ - красота» в таджикском и русском языках. Для анализа нами было отобрано пословицы и поговорки таджикского и русского языков, реализующих концепт «зебоӣ - красота» *[2, с.11]*.

Самой многочисленной группой являются пословицы с положительной оценки, например: *Аълогии одам ба дарунаш. (Самое лучшее качество человека внутри) Истинная красота – внутренняя.*

В данных пословицах говорится о внутренней красоте, которое нельзя судить только по внешнему виду, и, говорит о том, что наружность обманчива и человека, нельзя судить по внешности. Данная пословица передается через следующие лексические единицы: в таджикском языке: *аълогии одам,* в русском языке: *красиво поступает*.

Человека судят не по словам, а по делам. У кого красивая внешность и поступки должны быть красивыми: *Наку касест, ки рафтори наку дорад. (Человек, с хорошим поведением и который, совершает добрые дела). Человека судят не по словам, а по делам.*

Сурататро чи кунам, (Человек без души и без сердца)

Гар ту надорӣ сирате. (Ты человек с плохим характером) Лицом хорош, да душой не пригож [11, с.35].

Истинная красота живет в сердце, отражается в глазах и проявляется в поступках. Только добрые дела делают человека красивым. У разных людей разные представления о красоте. Красота в глазах того, кто смотрит.

Чистота считается самой лучшей красотой:

Покӣ беҳтарин зебоист. (Чистота делает человека красивым) [11, с.61].

Чистота лучшая красота.

В этой пословице описывается только свойство привычки воздействовать на качество человека. Чистоплотность сродни праведности. Данная коннотация передается *в* таджикском языке: *покӣ, покдилон,* в русском языке*: чистота, красота.*

Зани хубу фармонраву порсо (Хорошая умная жена)

Кунад марди дарвешро подшоҳ. (Нищего человека превращает в короля)

Доброю женою и муж честен. С доброй женой горе полгоря, а радость вдвойне [2, с.151].

В этих пословицах оценивается красивое поведение женщины(жены) в семье. Красив тот, у кого не только красивая внешность и передается через следующие лексические единицы с положительными коннотациями в таджикском языке: *Зани хуб, фармонрав, порсо*, в русском языке: *добрая жена, муж честен.* Эти пословицы характеризуют женщину как хранительницу очага, трудолюбивую, без которой в семье не будет счастья и мира. Здесь стоит отметить, что жена в доме не обычная женщина, а хорошая (трудолюбивая, заботливая, любящая, экономная, сдержанная и т.д.) жена, и наличие этого качества является залогом счастья для ее мужа и всей семьи.

Невежественные люди подобны животным. Человека украшает не только внешность, но и ум и знания. *Зиннати шахс ирфон аст. (Знание украшает человека) Бесавод мисли хайвон аст. (Человек без знаний, что и животное. Ученье — красота, неученье — слепота [4, с.378]*.

Данная пословица передается через следующие лексические единицы: *зиннат* - украшение*, ирфон-знание, бесавод-неграмотный.*

Нужно также отметить, что огромное количество пословиц и поговорок затрагивают человеческие качества, аспект характера человека. Также малочисленной группой являются

пословицы с отрицательной оценкой. В следующих примерах: *Дар зоҳир мешу, дар ботин гург – (Безвинный как овец, но внутри как волк)*

Зоҳир аз шайху, ботин аз шайтон. (Выглядит как шейх, но внутри хитрость и обман)

Бар забон тасбеҳу дар дил гову хар, (Читает молитву, но бессердечный)

Инчунин тасбеҳ кай дорад асар? (Разве он богобоязненный человек?)

Рубашка бела, да душа черна [11, с.80].

Данная пословица относится к человеку, у которого красиво снаружи, а грязно внутри. Это передается через следующие лексические единицы, с отрицательной коннотацией: в таджикском языке человек "с черной душой" представлен несколькими концептуальными образами из животного мира как, *ботин – внутри, гург – волк, дар дил- в седце, гов-корова, хар - осёл.* Это связано с тем, что поскольку основными видами занятий населения Таджикистана были и остаются земледелие и животноводство в сельских местах, во многих пословицах и поговорках встречаются названия животных *(гург -волк, гов-корова, хар-осёл)*. В таджикском языке, таджики часто употребляют слово «шайтан» — это «люди, которые вводят в соблазны других людей грешить». В этой пословице слово шайтан имеет отрицательное значение и относится для описания недоброго человека с дурными мыслями. Данная пословица передается через следующие лексические единицы: в таджикском языке: *дар ботин гург, дар дилговухар,* в *русском языке: душа черна.* Нужно также отметить, что огромное количество пословиц и поговорок затрагивают человеческие качества, аспект характера человека. Также малочисленной группой являются пословицы с отрицательной оценкой.

Сурататро чи кунам (Человек без души и без сердца)

Ғар ту надорӣ сирате. (Ты человек с плохим характером)

Лицом хорош, да душой не пригож [11, с.35].

В данных пословицах отражается отрицательное отношение человека к окружающему ему миру. Это передается через следующие лексические единицы, с отрицательной коннотацией: *надорӣ сирате (красивая внешность, но пустота внутри).*

Пословицы могут выражать положительную оценку, передавая поощрение, или отрицательную, показывая порицание. Эта оценка пословиц может быть представлена как через элементы, составляющие пословицу, так и через весь текст пословицы и ее окружения. Рассматривая пословицу как отдельное высказывание, мы отметили, что одним из механизмов влияния на оценку пословицы является сопоставление, которое в пословицах может быть представлено как через сравнение. Эти типы сравнения фактически выражают эквивалентный смысл, в то время как сравнение явно раскрывает оценочный смысл пословицы.

Красота - это сложное понятие. Она может относиться и к чертам лица, и к одежде, и к фигуре, и к манерам поведения, и к красивой речи. Когда мы встречаем человека, мы сначала обращаем внимание на внешность. Красота становится живой и интересной, когда она скрыта одеждой. Такие изречения можно встретить и в других примерах: *Одаму либос, хонаву палос (Красивая одежда делает внешность красивой, красивый ковёр делает квартиру удобной и красивой). - Одежда красит человека [11, с.124]*. Это передается через следующие лексические единицы, *в* таджикском языке *одам - человек, либос-одежда*.

В заключение следует сказать, что проведенный анализ позволил выявить следующие лексемы, которые отображают концепт красоту, среди которых можно выявить понятия с положительной коннотацией: *в таджикском языке: аълогии одам, зани хуб, фармонрав, порсо*, *покӣ, покдилон в русском языке: добрая жена, муж честен, чистота, красота, красиво поступает.*

Пословицы могут выражать положительную оценку, передавая поощрение, или отрицательную, показывая порицание. Эта оценка пословиц может быть представлена как через элементы, составляющие пословицу, так и через весь текст пословицы и ее окружения.

Таким образом, анализ пословиц русского и таджикского языков показал, что контекст играет важную роль в актуализации семантико-оценочный смысл пословицы. Он может, как сохранить, так и изменить традиционный смысл и оценку пословицы.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бегматова С. Таджикско-русско-английский словарь пословиц, поговорок и афоризмов / С.Бегматова. – Худжанд, 2016. – 420 с.
2. Большой англо-русский словарь. В 2 т. / Под. Общ. рук. И.Р. Гальперина. - М., 1977.
3. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзия / И.С. Брагинский. - М., 1956. - С. 252-263.
4. Калонтаров. Я.И. Мудрость трёх народов / Я.И. Калонтаров. Душанбе. – Адиба, 1989. - 425 с.
5. Мухаммадиев Фазлиддин. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2 / Фазлиддин Мухаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 504 с.
6. Мухаммадиев Фазлиддин. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1 / Фазлиддин Мухаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 556 с.
7. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. - Душанбе: Деваштич, 2006.

8. Маслов Ю.С. Введение в языкознание / Ю.С. Маслов. – Москва: Высшая школа», 1987. – 279 с.
9. Мещерякова Ю.В. Концепт «КРАСОТА» в английской и русской лингвокультурах: дис. … канд. филол. Наук / Ю.В. Мещерякова. - Волгоград, 2004. – 290 с.
10. Олимшо Иқбол. Зарбулмасал, мақолҳо, афоризмҳо. Муодилҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ. – Душанбе, 2015. – 190 с.
11. Фазылов. М. Персидско-таджикские литературные пословицы и поговорки. - М. Фазылов. С. 39-43.
12. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. – Душанбе: Дониш, 1976.
13. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 582 с.

РЕПРЕЗЕНТАТСИЯИ КОНСЕПТИ ЗЕБОЙ-КРАСОТА ДАР ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола таҳлили муқоисавии мафҳуми *зебоӣ - красота* дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва русӣ оварда шудааст. Мубрамияти мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки забонҳои тоҷикӣ ва русӣ умумияти зиёд доранд ва ин мардумонро ба ҳам наздик менамояду инсон забони зарбулмасалҳоро азхуд карда, фарҳанги халқро дарк мекунад. Ин ба ташаккулёбии маънавиёти инсон оварда мерасонад. Навгонии тадқиқот дар он аст, ки бори нахуст мафҳуми зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ҷиҳати муқоисавӣ ба низом дароварда шуда, хусусиятҳои ифода шудани консепти *зебоӣ – красота* дар паремияҳои тоҷикӣ ва русӣ ошкор гардида, монандиву фарқияти онҳо нишон дода шудаанд. Таҳлили муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои халқҳое, ки онҳоро ҳамсоягии чандинасра, таърихи умумии мардумиву сиёсӣ, умумияти навъҳои хоҷагидории таърихан ташаккулёфта, маишату фарҳанг бо ҳам мепайвандад, бисёр ҷиҳатҳои таъсири мутақобилаи фарҳангҳои миллиро равшан месозад. Таҳлилу баррасии муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои халқҳои гуногун аз он шаҳодат медиҳад, ки монандии онҳо на танҳо бо умумияти бисёрасраи тақдири таърихӣ ва робитаҳои давомдори иқтисодиву фарҳангии халқҳо - офарандагони зарбулмасалу мақолҳо, балки инчунин бо сабабҳои боз ҳам умумитар муайян мегардад. Ин монандии тасаввуроти умумиро шароити объективии инкишофи ҷомеаи инсонӣ тақозо менамояд. Хусусияти хоси зарбулмасалу мақолҳо фазои гуфтори шоиронаи мувофиқ мебошад, ки он дар ҳошияи воқеият, таҷрибаи рӯзгор муаррифӣ шудааст. Ин фазо ҳастаи гуфтор яъне зарбулмасалро иҳота мекунад. Муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои халқҳои тоҷик ва рус нишон медиҳад, ки ин халқҳо умумияти зиёд доранд, ин дар навбати худ ба фаҳмиши хубтар ва наздикшавии онҳо оварда мерасонад. Зарбулмасалу мақолҳо таҷрибаи бойи таърихии халқ, тасаввуроти бо фаъолият, ҳаёти маишӣ ва фарҳангии он вобастагӣ доштаро инъикос менамоянд. Истифодаи дуруст ва бамавқеи зарбулмасалу мақолҳо ба нутқ нотакрорӣ ва ифоданокии хосса мебахшад.

РЕПРЕЗЕНТАЦИЯ КОНЦЕПТА ЗЕБОИ-КРАСОТА В ТАДЖИКСКИХ И РУССКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ

В статье представлен сравнительный анализ понятия *зебоӣ - красота* в пословицах и поговорках таджикского и русского языков. Актуальность данной статьи заключается в том, что в таджикском и русском языках существует много общего и это сближает людей и что человек, постигая язык пословиц, постигает культуру народа и на этой основе формируется духовность человека. Новизна исследования заключается в том, что впервые понятие в пословицах и поговорках на таджикском и русском языках систематизированы в сравнительном аспекте и показаны особенности передачи концепта *зебоӣ – красота* в русских и таджикских паремиях, выявлены их сходства и различия. Сравнительное рассмотрение пословиц и поговорок народов, тесно связанных многовековым соседством, общими линиями этнической и политической истории, общностью исторически сложившихся типов хозяйства, быта и культуры, освещает многие стороны взаимодействия и взаимовлияния национальных культур. Рассмотрение пословиц и поговорок разных народов в сравнительном плане свидетельствует, что сходство их определяется не только многовековой общностью исторических судеб и длительными экономическими и культурными связями народов - создателей пословиц, но и причинами более общего характера, оно основывается на общих представлениях, обусловленных объективно сходными условиями развития человеческого общества. Характерной чертой изречений пословичного характера можно считать соответствующий поэтический контекст, иллюстрирующий пословицу на фоне действительности, житейской практики. Этот контекст обрамляет ядро высказывания – пословицу. Сравнение пословиц и поговорок таджикского и русского народов показывает, как много у этих народов общего, что в свою очередь способствует их лучшему пониманию и сближению. Пословицы и поговорки отражают богатый исторический опыт народа, представления, связанные с работой, бытом и культурой людей. Правильное и уместное использование пословиц и поговорок придает речи неповторимое своеобразие и особую выразительность.

Ключевые слова: красота, английские пословицы, таджикский язык, поговорки сравнительные, сближение понятий, контекст.

РЕПРЕЗЕНТАЦИЯ КОНЦЕПТА ЗЕБОИ - КРАСОТА В ТАДЖИКСКИХ И РУССКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ

The article presents a comparative analysis of зебои - beauty in the proverbs of the Tajik and English languages. The novelty of the study is that for the first time the concept in proverbs and sayings in Tajik and English is systematized in a comparative aspect and is shown the transmission characteristics of the concept зебоӣ - beauty in the English and Tajik languages. Proverbs identified their similarities and differences. Comparative consideration of proverbs and sayings of peoples, closely related centuries-old neighborhood, common lines of ethnic and political history, common historical types of economy, life and culture, covers many aspects of interaction and mutual influence of national cultures. The consideration of proverbs and sayings of different peoples in comparative terms shows that their similarity is determined not only by the centuries-old community of historical destinies and long-term economic and cultural ties of the peoples - the creators of proverbs, but also by the reasons of a more general nature, it is based on General ideas, due to objectively similar conditions for the development of human society. A characteristic feature of the proverbial sayings can be considered an appropriate poetic context, illustrating the proverb against the background of reality, everyday practice. This context frames the core of the saying - the proverb. Comparison of proverbs and sayings of the Tajik and English peoples shows how much these peoples have in common, which in turn contributes to their better understanding and rapprochement.

Key words: beauty, English proverbs, Tajik language, saying comparative, approaching, context.

Сведения об авторе: ***Бойматова Н.К.*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, факультет истории и МО, кафедра английского языка. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30.
E-mail: **boimatova87@gmail.com**

Information about the author: ***Boymatova N.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, Department of History and Moscow Region, Department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. M. Tursunzade 30.
E-mail: **boimatova87@gmail.com**

УДК: 491.550-56

МУТАНОСИБИИ ОВОЗИИ ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБӢ ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Ҳасанов М.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои овозӣ дар байни воҳидҳои дигари забон ҷойгоҳи махсусро соҳиб мебошанд. Дар миёни ҳар як гурӯҳҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба иштироки ҷузъҳояшон ҳамнишинии олии овозиро ба хубӣ метавон дарк намуд, ки ин ба ҳамвазнию ҳамқофиягии ҷузъҳои онҳо боис мегардад. Ҳамвазнию ҳамқофиягии воҳидҳои фразеологӣ қонуниятҳои хосро доро мебошанд. Дар бунёди онҳо воҳидҳои гуногуни фонетикӣ: овозҳои садоноку ҳамсадоҳо, ҳиҷо ва навъҳои он, зада ва оҳанг нақши бештаре доранд. Яке аз масъалаҳои муҳимми ба ин мавзӯъ алоқаманд, муайян намудани мутаносибии овозии ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мебошад. Зери мафҳуми мутаносибии овозии ҷузъҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки калимаҳои дохили воҳидҳои фразеологӣ бояд аз лиҳози ҳиҷо, вазн ва қофия баробар бошанд. Хусусиятҳои овозии воҳидҳои фразеологиро дар мутаносибии ҷузъҳои таркиби онҳо, ки ба ҳамвазну ҳамоҳангии ҷузъҳои дохили онҳо боис мегардад, берун аз матн ҳам мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар адабиёти забоншиносии тоҷик доир ба хусусиятҳои овозӣ, яъне ҳамвазнию ҳамқофиягии ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ тадқиқоти ҷудогонаро, пеш аз ҳама, дар асарҳои муҳаққиқон: Ҳ. Маҷидов [12], Саидов Р. [19], Ҷӯраев Н. [27], Саломов М. [18] пайдо намудан мумкин аст, ки дар хусуси мутаносибии овозии воҳидҳои фразеологӣ ва ба вуҷуд омадани ифодаҳои шинаму хушоҳанг ибрози ақида намудаанд.

Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи соҳаи фразеологияи тоҷик Ҳ. Маҷидов чунин қайд намудааст: «Ба ҳайси ҷузъҳои таркибии ибораҳои фразеологӣ дар аксари ҳолатҳо вожаҳои хушоҳангу ҳамнаво ба кор бурда мешаванд. Ин асосан ба воситаи ҳамқофия шудани овозҳои ҷудогона ва ё ҷӯршавии овозҳои ҷузъҳои ибораҳои фразеологӣ ба даст меояд. Овозҳои охири ҳар як ҷузъ ҳамқофия мешаванд: **қути лоямут, фикри бикр, қобили қабул…»** [12, с.249]. Чунин калимаҳои ҳамвазну ҳақофия шинамию хушоҳангии онҳоро дар забон таъмин менамоянд.

Дар гӯшнавоз ва хушоҳанг баромадани калимаҳои дохили фразеологизмҳо, пеш аз ҳама, ба қонуниятҳои ҳамнишинии овозҳо бояд диққати махсус дода шавад, то ки муайян карда шавад, ки кадом овозҳо дар забони назму наср ба ҳамвазнию ҳамқофияшавии онҳо сабаб мегарданд. Доир ба ҷиҳати ҳамнишинии овозҳо дар забоншиносӣ аз бахши фоника маълумот пайдо намудан мумкин аст. Фоника аз калимаи юнонӣ phone-овоз ika- илм, як бахши услубиёти забон маҳсуб ёфта, ташкили овозии нутқ ва мақоми эстетикии онро меомӯзад. «Мафҳуми фоника ҳамнишинии мувофиқи овозҳо на фақат дар сохтори калимаҳо, ҳамчунин дар занҷирҳои бо ҳам алоқаманди онҳо ба шумор мераванд. Мувофиқи таълимоти имрӯзаи фоникӣ овозҳои ифодагари садонокҳо (а, и, о, у, ӯ), ҳамсадоҳои ҷарангдор (в, г, б, з, д...) ва сонорҳо (м, н, л, р) ба ҷумлаи созандаи таркибу ифодаҳои шинаму хушсадо шомил ҳастанд» [9].

Дар ҷузъҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ истифодаи фаровони овозҳои мазкур, ки бо нармӣ талаффуз мешаванд, зиёд ба назар мерасанд. Ин ҳам бошад ба табиати дастгоҳи овозсозии забони тоҷикӣ сахт алоқамандӣ дорад. Масалан, овозҳои **а, б, р** дар таъбироти **аз сари касе гардам!, дарҳам барҳам, чун барги бед ларзидан, рӯз барин равшан** ҳамнишинии мувофиқро ба вуҷуд овардаанд. Истифодаи ҳар яке аз ин овозҳо дар калимаҳои ин воҳидҳо ҷилваю оҳангҳои намоёнро ба вуҷуд меоранд:

Махдумҷон! **Аз саратон гардам,** ҳар беодобие, ки аз ман гузашта бошад, бахшед! [2, с.483]. Лекин қувваи идроки ӯ, хайрият, ҳанӯз тамом заиф нашудааст, ҳарчанд ки тасаввуроташ доир ба мафҳуми ҳаёт, сидқу вафо **дарҳам барҳам** шудааст [15, с.315]. Миршаб бо шунидани ин суханҳо рангаш канда, **чун барги бед ларзида,** бо оҳанги узрхоҳӣ

ва тавба забонаш гирифта- гирифта гуфтааст [2, с.483]. Хайр, аён аст гуноҳи он гурги бешафқат, **руз барин равшан** аст [22, с.121].

Истифодаи овозҳои **г, д, ш** низ дар ифодаҳои **ба гардан гирифтан, ҷон ба гарав гирифтан, дил доштан, даст додан, чашм кушодан, ба решаи касе теша задан, гаштаю баргашта** ва монанди инҳо низ хусусиятҳои мутаносибии ҷузъҳо ва талаффузи онҳоро таъмин намудааст:

Балки гуноҳашро **ба гардан гирифта**, узр пурсид [21, с.140]. Касоне ки **ҷон ба гарав гирифтан,** қадри Ватану фарҳангро медонистанд [23, с.423]. Бибигулро аз ин рӯ шамъи хиром, меҳри занушӯӣ низ ба куллӣ хомӯш гашта, дигар нисбат ба Шокарим **дили гарм надошт** [17, с.76]. Чун фурсати мусоиде **даст медиҳад**, Юсуф аз болои харсанг ба мингбошӣ зарбаи ҳалокатовар мезанад [25, с.251]. Азбаски **чашм кушода** Олимаро дида буд, ақида дошт, ки дар дунё дигар чунин духтари зебо, чунин духтари дилбар ва моҳлиқо вуҷуд надорад [10, с.184]. Лекин мо он гуна одамони сода нестем, ки дам нишинем ва онҳо **ба решаамон теша зананд** ... [3, с.319]. Ва ҳамаи онҳо **гаштаю баргашта** арз мекунанд, ки писар ё падар, модар ё бародарашонро дӯст медоранд, "илтимос, илоҷе карда ӯро сари по хезонед, профессор" [6, с.180].

Доир ба табиат ва дастгоҳи овозсозии забони тоҷикӣ, забоншинос Хаскашев Т. Н. чунин ибрози андеша намудааст: «Хусусияти дигари дастгоҳи овозсозии забони тоҷикӣ талаффузи суст ва нарми овозҳо мебошад. Ин хусусиятҳои дастгоҳи овозсозии тоҷикӣ гоҳо боиси он мешаванд, ки овозҳои забони тоҷикиро намояндагони забонҳои дигар ҳамчун овозҳои нарм (комӣ) дарк мекунанд. Беҳуда нест, ки фонемаҳои **д** ва **г**-ро дар калимаҳои **душанбе** ва **гул** русҳо ҳамчун овозҳои нарм дарк карда, ба шакли (дюшанбе) ва (гюл) талаффуз мекунанд» [26, с.39-40].

Ин гурӯҳи овозҳо дар баробари нарму хушоҳанг садо доданашон, инчунин ҳамвазнию ҳамоҳангиро дар калимаҳои забон ба вуҷуд меоранд, ки намунаи чанде аз онҳоро дар воҳидҳои фразеологӣ дида баромадем. Ҳамвазнию ҳамоҳангии воҳидҳои фразеологӣ қонуниятҳои хосро доро мебошанд. Дар бунёди онҳо воҳидҳои гуногуни фонетикӣ таъсир мерасонанд. Вобаста ба хусусиятҳои сохтории худ дар ҳар як навъи воҳидҳои фразеологӣ ҳамрангии муайяни савтӣ ва ё ҳамвазнию ҳамқофиягии ҷузъҳояшон бештар зоҳир мегардад. Ба эътибор бояд гирифт, ки дар шаклгирии пурраи воҳидҳои фразеологӣ ба ғайр аз калимаҳои мустақил, нақши пешоянд, пасоянд, пайвандакҳо ва бандакҳо низ кам нест. Мутаносибии овозии нутқ дар дохили воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамвазнию ҳамоҳангии онҳо боис шуда, дар маҷмӯъ оҳангҳои гуногунро ба вуҷуд меоваранд. Дар ҳамвазнию ҳамқофиягии калимаҳои дохили воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, қолабҳои онҳо саҳми бештаре доранд. Калима дар таркиби воҳиди фразеологӣ мустақилияти худро, аз ҷумла, мустақилияти овозии худро аз даст медиҳад. Бо тарҳи овозии калимаҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ омезиш меёбад. Тамоми воҳидҳои фразеологӣ чун як воҳиди забон талаффуз мешаванд. Яъне, калимаҳои дохили воҳидҳои фразеологӣ интонатсияи мустақил, оҳангҳои равшан, маънодор надоранд. Онҳо дар маҷмӯъ оҳангу талаффузи умумро ифода мекунанд. Дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ оҳанг мақоми махсус дорад, маҳз оҳанг аст, ки онҳоро ба нидоҳои гуногун табдил медиҳад. Ба воситаи оҳанг нидоҳои махсусро дар воҳидҳои фразеологӣ метавон ба хубӣ мушоҳида намуд. Масалан, дар ифодаҳои **чор тарафат қибла!, ба асфалуссофилин рафтан, бод хӯрад, ба даҳон талқон гирифтан** ин хусусиятҳо равшантар зоҳир мегардад:

– Бори дигар таъкид мекунам; боз дар бораи пӯрхурии очаам даҳон кушоӣ, **чор тарафат қибла!** [23, с.385]. Лекин қариб буд, ки дар ин ҷангҳои ҳаёту мамот **ба асфалуссофилин равам** [21, с.72]. Ришта **бод хӯрад** ту барин донишманда… [15, с.230].

Аз чунин ифодаҳои дар шакли рехтаву устуворгардидаи шинаму хушоҳанг адиб ё нависандаи хушсалиқа метавонад асари худро муассир ва пурмазмун намояд.

Маҳз ҳамнишинии овозии калимаҳои ҷудогонаи дохили воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамвазнию ҳамқофиягии ҷузъҳои онҳо сабаб гардида, дар вақти талаффуз барои шунаванда гуворо ва хушоҳанг менамоянд. Масалан, дар ифодаҳои **рози дил, фарқи сар, дили касе пур, ҷон ба каф, сар додану сир надодан, сари дил, аз барои савоб, бо ҷону дили** мисолҳои зерин ин ҷиҳатро пайхас кардан мумкин аст:

Ман **рози диламро** ба ту гуфтам, – Лутфия ба по хест. – Он тарафаш ба ихтиёри ту [25, с.116]. Донаҳои аввалини боронро жола пиндошта, чунон фарёд бардошт, ки хобам аз **фарқи сарам** парида рафт [15, с.261]. Қушбегӣ дар бобати қатлу ғорат аз онҳо **дилаш пур буд** [25, с.166]. То **ҷон ба каф** нагирӣ, расми қуллаҳои барфпӯшро ба навор нақш бандондан муяссар намегардад [16, с.37]. Аз ӯ чанд маротиба илтимос карданд, ки **аз барои савоб** бо ихтиёри худ ба кобинети ташкили поликлиника бигзарад [15, с.298].

Тавре ки аз мисолҳои боло бармеояд, калимаҳое, ки ҷузъҳои алоҳидаи воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳанд, вобаста ба ягон ҳодиса ва воқеаи таърихӣ дар чунин қолабҳои мушаххас тарҳрезӣ шудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки дар сохтори овозии воҳидҳои фразеологӣ танҳо мувофиқати миқдори калимаҳо – ҷузъҳо асосӣ набуда, балки

низому тартиби муайяни овозҳои алоҳида ва ё мувофиқати овозии таркиби онҳо низ шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. «Барои арзёбии басомади ин ё он овоз дар нутқ воқеият ва дақиқӣ зарур аст. Шарти асосии таҳлилу тачзияи аниқи фонетикии асари бадеӣ ин муайян кардани таносуби овози интихобшуда нисбат бар миқдори умумии садоноку ҳамсадоҳои дар матни муайян истифодашуда бо фоиз ва ҳисоби математикӣ мебошад» [9, с.155]. Пас, маълум мегардад, ки муташаккилии овозҳои интихобшуда ба ҳамвазнию ҳамқофиягии фразеологизмҳо оварда мерасонад. Такрори овозҳои якхела дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба равонӣ ва хушоҳангии ҷузъҳо маънӣ ва ранги дигар зам мекунад. Чунончи, дар фразеологизмҳои **дуди андеша**, **ранг аз рӯйи касе парид, дунёи дарун, дар дили касе навмедӣ андохтан** ва ғайра ин хусусиятҳои овозӣ бештар ба назар мерасанд.

Нигоҳаш **дуди андеша** дорад, нигоҳаш олудаи андеша дар сихи гӯштолуду равғанолуди сияҳ мепечад [5, с.259]. ... Хеле вақт дар назари мардум рӯтурш, сархам, андешаманд, ҳузнолуд мегардад, ханда дар лабаш наменонад, **ранг аз рӯяш мепарад**, манаҳаш аз гиребони куртаи симобияш поёнтар мефарояд [5, с.47]. Болҳоям монеи раҳоии вуҷудам аз қайди **дунёи дарунам** мешаванд! [5, с.25]. Нигоҳаш ҳам озмоишкор ва ҳам кимчӣ хел карахту бемеҳр буд: **дар дили бинанда навмедӣ меандохт** [7, с.155].

Вобаста ба мутаносибии овозии калимаҳо доншманди арӯзи тоҷикӣ Т. Зеҳнӣ чунин ақида изҳор кардааст: «Ҳар чи мизони калимот (садонок ва ҳамсадоҳои муштарак) бештар бошад, эҳсоси мусиқӣ зиёд мешавад ва дар натиҷа эҳсоси лаззат ҳам бештар мегардад» [11, с.386]. Аз ин гуфтор чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки такрори овозҳои якхелаи садоноку ҳамсадоҳо дар забони тоҷикӣ, хусусан, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мутаносибии овозии онҳоро таъмин намуда, ҳодисаи аллитератсияи ин воҳидҳоро ба вуҷуд меоварад. Ба инобат бояд гирифт, ки на ҳама овозҳо барои сохтани воҳидҳои фразеологии шинаму гӯшнавоз иштирок менамоянд. Онҳо бештар аз чунин овозҳое ташкил меёбанд, ки аз ҷиҳати талаффуз ба ҳам наздикӣ ва ё монандӣ доранд. Ин хосиятҳои овозиро дар ҷузъҳои алоҳидаи воҳидҳои фразеологӣ нишон додан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, овозҳои **у** ва ӯ дар мисолҳои **мурч хӯрондан, ғусса хӯрдан, афсӯс хӯрдан, ки** ба ҳам хеле наздиканд, муқоисашаванда мебошанд.

– Ӯ пирсаг набудааст, балки пиррубоҳ будааст, ки гургони ҷавонро **мурч хӯронда** рафтааст, гуфт посбон ба онҳо [3, с.294]. Агар шаҳид шудам, ту аз тақдир бидону **ғусса нахӯр** [25, с.233]. Восеъ ба ҷудо монданаш аз Ниёзи меҳрубон, ростқавл ва кушодадил **афсӯс мехӯрд** [25, с.92].

Ба ҳамин монанд аз бобати артикулятсия якхела будани овозҳои **д** ва **т** дар воҳидҳои фразеологии **гардан тофтан, дар дил доштан, дум ба даст надодан** хеле барҷаста намоён гардидаанд:

Роҳбалади хубтарин дар он гирду атроф усто Сангинбек аст, ки аз амри бек **гардан метобад** [15, с.39]. Муллои мазорнишини мо, ки дер боз таманнои дидор ва дастбӯсии «он азиз»-ро **дар дил дошт**, бе ҳеҷ муқаддима якбора ба пойи ӯ ғалтида кафши хоколудашро бӯсид ва гирист [25, с.150]. Лекин шӯриш паст нашуд, шӯришгарон даста-даста дар камари кӯҳу дараҳо такопу карда, ҳеҷ **дум ба даст намедоданд** [25, с.259].

Наздикталаффузии овозҳои лабии **ӯ** ва **о-ро** дар ифодаҳои **пушти по задан, танӯр барин тафсон, ба мӯе овезон** мушоҳида намудан мумкин аст:

Он духтари қаҳрамон дар шароити истибдоди феодалии асримиёнагӣ маҳз бо сахтиродагии худ ба ҳамаи монеаҳо **пушти по зада** ба ҷонони худ расида буд [2, с.68]. Дар як гӯшаи ин ҷо як чуқурии чоҳмонанде канда, ӯро ба сӯхтани ҳезуми саксавул **танӯр барин тафсонда** буданд [3, с.109]. Дар бадали чаҳор ҳафтаи охир борҳо шудааст, ки ҷони ӯ низ мисли аловаки кабуди ҳамон гӯгирддона **ба мӯе овезон** буд [16, с.9].

Монандиии овозҳои димоғии **м** ва **н** дар мисолҳои **абрешим барин мулоим, аз бом тароша афтодагӣ барин, молу манол** монандшавии овозҳоро дар занҷири гуфтор таъмин намудааст:

Вақте як мушт мефурорӣ, зуд ором меёбад, **абрешим барин мулоим** мешавад [22, с.108]. Оё гапаш **аз бом тароша афтодагӣ барин** шуда, дар назди мутаваллӣ изо намекашад [2, с.345]. – Гуфтем, ки Ҳомиду Ато **молу манол** доранд [21, с.207].

Наздикталаффузии овозҳои сонории **л** ва **р**: **монанди галаи гургон**, **бо майли хотир, гул барин ранг задан, ба асфалуссофилин фиристодан:**

Шумо онҳоро **монанди галаи гургони** ваҳшӣ ба сари аҳолӣ сар дода мондед [2, с. 488]. Ва ба назди яке аз мизҳои мобайни ошхона, ки дар он ҷо ду нафари дигар самбӯсаи гарм хӯрда, **бо майли хотир** чак-чак доштанд, омада, иҷозат пурсида нишаст [6, с.97]. Аз хандаи зебо рухсораҳои Парвона **гул барин ранг заданд** [14, с.222]. … ва ниҳоят, барои азобҳои худам, барои ҳоли низори хоҳарам метавонам ҳар сеи онҳоро низ **ба асфалуссофилин фиристам** [21, с.173].

Овозҳои лабу дандонии **в** ва **ф** дар ифодаи **ҷавру ҷафо, мисли кафи даст ҳамвор:**

Шумоҳо дар ин ҷо аз дасти Ӯрмон-Полвон, Ҳаит амин, Бозор- амин ва дигарҳо чӣ қадар, ки **ҷавру ҷафо** кашида бошед, ман дар он ҷо аз дасти Сафар –амин, Қузӣ-амин,

Ҷалолиддин оқсақол ва дигарон аз ин камтар **ҷавру ҷафо** накашидаам [3, с.219]. …колхозчиёни хурду калонро аз корҳои дигар гирифта, ба замин нав меоранд ва ҳамин рӯз то фурӯ рафтани офтоб **мисли кафи даст ҳамвор** мекунанд! [8, с.110]. Муродхон дар аввал, намедонам аз чӣ сабаб, ба зангирӣ он қадар моил набошад ҳам, дар охир аз сухани янгаам **ба дилаш алов афтода**, розигӣ дод [24, с.193].

Мавқеи якхелаи талаффузи овозҳои забончагии **қ** ва **х-ро** дар фразеологизмҳои **қавоқҳои худро овехтан, авқоти касеро талх намудан, хушбахти хушвақт** дар асоси мисолҳои мавҷуда чунин гурӯҳбандӣ намудем:

...донбасӣ каскаашро болотар бардошта **қавоққояшро овехта** ба Самеев нигоҳи норозиёна афканд ва пурғазаб гуфт [17, с.133]. Файзибойи ҳалвогар дар поёни нақли сабаби тарсида гурехтани амир Абдулаҳад аз Ғиждувон, хабареро ба ман расонд, ки лаззати нақли мазкурро тамоман аз ман рабурда **авқотамро талх намуд** [2, с.542]. Инҳо ҷавонони **хушбахти хушвақт** мебошанд [2, с.79].

Аз ин гурӯҳбандӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки калимаҳои дохили воҳидҳои фразеологӣ аз чунин овозҳо саршор мебошанд. Ҳар кадоме аз ин овозҳои муштараквазифа дар системаи овозии забони тоҷикӣ (садонокҳо ва ҳамсадоҳо) махсусиятҳои худро дошта, дар натиҷаи васлгардии чунин овозҳо калимаҳои аз ҷиҳати талаффуз хушоҳанг ба вуҷуд меояд, ки соҳибзабонон аз онҳо ба таври фаровон истифода менамоянд.

Чунин воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба ҳодиса ва воқеа аз забони зиндаи халқ сарчашма мегиранд, зеро ки дар забони гуфтугӯӣ онҳо доираи васеи истеъмолӣ доранд. Чунонки забоншинос Абдуллозода Р. қайд намудааст: «азбаски воҳидҳои мазкур асосан хосси забони гуфтугӯӣ мебошанд, бинобар ин «забони зиндаи гуфтугӯӣ шираву намаке дорад, дар он унсурҳое мавҷуданд, ки нутқро фасеҳ ва таъсирнок мекунанд, ба гуфтор ҳусну назокат ва як навъи гуворӣ ато месозанд. Ибораи **ҳаво гирифтан** ба маънои парвоз кардан, паридан омадааст. Лекин ибораи мазкур ҳамчунин дар забони омиёна ба маънои аз худ рафтан, ҳавобаландӣ кардан, аз гапу кор касе илҳом гирифтан маъмул мебошад» [1, с.381].

Ин хусусиятҳоро дар системаи овозии ҳар як забони миллӣ вобаста ба ташаккул ва инкишофи соҳибони он– ҳамон халқияту миллат мушоҳида кардан мумкин аст.

Тавре ки дар боло ишора намудем, мутаносибии овозии ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологиро дар ҳамвазнию ҳамоҳангӣ ва ҳамқофиягии онҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Дар воҳидҳои фразеологӣ истифода шудани калимаҳои ҳамвазну қофия аз падидаҳои нав мансуб наёфта, равандест, ки ҳамчун ҷузъҳои дохилии он, аз ҷиҳати сохтор рехтаву устувор гардида, бо ҳамин қолабҳои шаклгирифтаи худ асрҳои аср дар истеъмол мебошанд. Онҳо чун ифодаҳои забонӣ дар ҷараёни нутқ тавлид нагардида, балки воҳидҳое мебошанд, ки дар шакли тайёр бо қолабҳои маъмул аз захираи луғавии забон гирифта шуда, барои соҳибони он хизмат мекунанд.

Тавре ки профессор Ҳ. Маҷидов қайд намудааст: «Дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ на ҳар гуна калимаҳо, балки калимаҳои аз ҷиҳати ифодаи маъно, талаффуз, таносуби ҳаммаъноию ҳамоҳангӣ бо ҳам мувофиқ ба кор бурда мешаванд» [13, с. 27]. Масалан, дар тасдиқи ин ақида фразеологизмҳои **бо дили хиҷил, фурсатро ғанимат шумурдан, чашми дил, остонаи чизеро охурча кардан, дам ба дарун задан, ҷомаи худро чаппа пӯшидан ва** монанди инҳоро мисол овардан мумкин аст:

Бо дили хиҷил, табъи гирифта, дар ҳолате, ки ба хаёлаш аз воқеаҳои онрӯза замину осмон ба сараш гирдгардон буд... [14, с.248]. Темурмалик **фурсатро ғанимат шумурда** дар ҳар кадом киштӣ ба қадри даркорӣ посбон гузошт [4, с.42]. **Чашми дил** бисёр мехост, ки аз дур бошад ҳам, ақаллан як лаҳза ӯро бубинад [17, с.89]. – Кардем, рафиқ Мочалуф, ба арзи Шумо расонам, ки дар ин гирду пеш хонаю ҷой намонд, ки аз омаду рафту кофтуков **остонаашро охурча накарда** бошем [17, с.44]. Аввал нигоҳам ба падарам афтод. Ӯ абрувонашро гиреҳ андохта, **дам ба дарун зада**, ришашро мепалмосид [20, с.33]. Не! Ҳоло аз одамон ва тарафдорони амир касоне ҳастанд, ки **ҷомаашонро чаппа пӯшида,** дар қатори фуқаро дар шаҳр гашта, ба ҳар ҷо оташ мезаданд [2, с.264].

Ба ин тариқ, мутаносибии овозии воҳидҳои фразеологӣ ба рехтагиву пуробурангии онҳо оварда мерасонад, ки дар натиҷа ифодаҳои шинаму хушоҳанг ба вуҷуд меоянд. Пуробурангии воҳидҳои фразеологӣ маҳз дар ҳамвазнию ҳамқофиягии ҷузъҳои дохилии онҳо маҳсуб ёфта, онҳо аз ҷиҳати лексикӣ- грамматикӣ ифодаҳои рехтаеро ба хотир меоваранд, ки асрҳои аср дар ҳамин шаклҳои устуворгардидаи худ дар истеъмоли доимӣ қарор доранд. Мутаносибии овозиро дар ҳама гурӯҳҳои сохторию маъноии воҳидҳои фразеологии забонамон мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо аз чунин таркибҳои овозие иборат мебошанд, ки мустақилияти лексикиву грамматикии худро аз даст дода, дар қолабҳои махсус рехтаву устувор гардидаанд. Таркиби овозии калимаҳои мустақили воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамвазнию ҳамқофиягӣ ва ҳамоҳангии онҳо боис гардида, гӯшнавоз ва хушоҳанг баромадани калимаҳоро дар забони тоҷикӣ таъмин менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллозода Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. - Душанбе: Адиб, 1988. – 399 с.
2. С. Айнӣ. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. - Душанбе: Сарредаксияи Энсклопедияи тоҷик, 2009. - 680 с.
3. С. Айнӣ. Ғӯломон. - Сталинобод: Нашрдав-тоҷ., 1949. – 253 с.
4. С.Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаанаъ: Очеркҳои адабӣ-таърихӣ. - Душанбе: Маориф, 1978. - 168 с.
5. С.Р. Афардӣ. Доғҳои офтоб. - Душанбе: Пайванд, 2003. - 296 с.
6. Акобиров Ҷ. Ҳирмани ситора: Маҷмӯаи ҳикояҳо / Ҷ. Акобиров. - Душанбе: Ирфон,1985. – 203с.
7. Акобиров Ҷ. Пазмонӣ / Ҷ. Акобиров. - Душанбе: Адиб, 1991. - 320 с.
8. Акобиров Ю. Замини падарон / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон. - 390 с.
9. Голуб И.Б. Стилистика русского языка / И.Б. Голуб. – 3-е изд., испр. - М.: Рольф, 2001. - 448 с.
10. Ҷ. Икромӣ. Дуводаҳ дарвозви Бухоро. - Душанбе: Ирфон, 1979. – 352 с.
11. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. - Душанбе: Адиб, 2007. - 400 с.
12. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 409 с.
13. Маҷидов Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1986. – №10. – С. 25-28.
14. Мирзоев К. Марги бегуноҳ (қисса, ёдномаҳо ва публисистика) / К. Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 2012. – 528 с.
15. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мутахаб / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон,1978. - Ҷ.1. - 556 с.
16. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 275 с.
17. Ниёзӣ Ф. Ҳар беша гумон мабар, ки холист… - Душанбе: Ирфон, 1975. – 525 с.
18. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М.Саломов. – Душанбе, 2017. – 265 с.
19. Саидов Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ / Р.Саидов. Душанбе, 1990. – Қисми 1. – 108 с.
20. Самадов А. Паррончакҳо / А.Самадов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 228 с.
21. С. Турсун. Се рӯзи як баҳор / С. Турсун. - Душанбе: Адиб,1988. – 430 с.
22. С.Турсун. Санг дар бағал ба тӯфон (қисса, ҳикояҳо, андешаҳо). – Душанбе: Адиб, 2002. – 288 с.
23. Сорбон. Куллиёт. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – Ҷилди XI. – 448 с.
24. С. Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 447 с.
25. С. Улуғзода. Восеъ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 368 с.
26. Хаскашев Т. Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик / Т. Н. Хаскашев. – Душанбе: Маориф, 1989. – 200 с.
27. Ҷӯраев Н. Фразеологические единицы как выразительные средства таджикского языка / Н.Ҷӯраев. - АКД. – Душанбе, 1988.

МУТАНОСИБИИ ОВОЗИИ ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБӢ ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаҳои ҳамвазнию ҳамқофиягии ҷузъҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ, ки дар байни ҳама гурӯҳҳои сохтории онҳо мушоҳида мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нақши меҳвариро дар бунёди онҳо ҷузъҳои таркибӣ ва унсурҳои дохилӣ ташкил менамоянд. Шаклгирии воҳидҳои фразеологӣ аксаран ба калимаҳои ҳамвазн, ҳамқофия ва ҳамоҳанг вобастагӣ дорад. Мутаносибии овозии нутқ дар дохили воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамвазнию ҳамоҳангии онҳо боис шуда, дар маҷмӯъ оҳангҳои гуногунро ба вуҷуд меоваранд. Калима дар таркиби воҳиди фразеологӣ мустақилияти худро, аз ҷумла, мустақилияти овозии худро аз даст медиҳад, бо тарҳи овозии калимаҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ омезиш меёбад. Тамоми воҳидҳои фразеологӣ чун як воҳиди забон талаффуз мешаванд. Яъне калимаҳои дохили воҳидҳои фразеологӣ интонатсияи мустақил, оҳангҳои равшан, маънодор надоранд. Онҳо дар маҷмӯъ оҳангу талаффузи умумиро ифода мекунанд. Яке аз махсусиятҳои ба назар намоёни воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷик ифоданокӣ ё экспрессияи баланди онҳо маҳсуб меёбад, ки он дар сохтори овозиашон таҷассуми худро ёфтааст. Муқаррар намудани қонунмандиҳои сохтори овозии воҳидҳои фразеологӣ барои муайян намудани вазифаҳои фанни фоникаи фразеологии забонамон маводи бою муътамаде дода метавонад.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, вазн, қофия, ҳамоҳангӣ, ҷузъ, унсур.

ФОНОЛОГИЧЕСКИЙ ПРОПОРЦИОНАЛЬНОСТЬ СОСТАВНОЙ ЧАСТЬЮ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

В данной статье произведён исследование ритмики и рифмовки составной частью фразеологических единицах, наблюдающиеся во все структурные группы фразеологизмов таджикского языка. В создание соразмерность и рифмовки важную роль играют составная часть и внутренние элементы фразеологизмов. Формирование ФЕ от часто зависеть от соразмерных и рифмованных слов. Слово в составе фразеологических единицах теряют своей самостоятельностью. Оно смешивается с голосовой черти другим словам состава фразеологизмов. Все фразеологизмы произносятся как единой единицы языка. Так как слова состава фразеологических единицах не имеют своих самостоятельной интонации, ясного тона и собственного значения. Они в целом имеют общего тона и произношения.

Ключевые слова: фразеологических единиц, ритмика, рифма, созвучие, часть,элемент.

PHRASEOLOGICAL PROPORTIONALITY IS AN INTEGRAL PART OF THE PHRASEOLOGICAL UNITS OF THE TAJIK LITERARY LANGUAGE

The article studies of rhythm and rhyme is made by an integral part of phraseological units which observed in all structural groups of phraseological units of the Tajik language. In the creation of proportionality and rhyme, an important part is played by the constituent part and internal elements of phraseological units. The formation of phraseological units from, often depend on commensurate and rhymed words. The word in the composition of the phraseological units lose their features. It is mixed with the voice of spelling rule in other words of the composition of phraseological units. All idioms pronounced as a single unit of language. Since the words of the phraseological units do not have their own intonation, clear tone and proper meaning. They generally have a common tone and pronunciation. One of the main features at phraseological units of the literary Tajik language is considered the high

meaning and expressireness. The artcie can give rich material about determining structural rules at sound phraseological units.
Key words: phraseological units, weight, size, part, element.

Сведение об авторе: ***Хасанов Мехроб Махмадович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 985-62-84-68**

Information about the author: ***Khasanov Mekhrob Makhmadovich*** - Tajik National University, Assistant Chair of the Tajik modern literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 985-62-84-68**

УДК: 491.550-3:82

ИФОДАИ ЛИБОС ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Исматов С.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммадамини Риёҳӣ дар китоби «Фирдавсӣ» менависад: «Аз миёни шоирони ҳазор соли гузашта наздик ба дах тан дар дараҷоти мухталиф шуҳрати худро ҳифз кардаанд ва сарнавишти ҷовидонагӣ ёфтанд, дар миёни онҳо Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»- и ӯ чун хуршед миёни ситорагон медурахшад» [10, с.25].

Воқеан, ҳар мавзӯе дар «Шоҳнома» муҳим аст. Ҳар ҳарфе дар «Шоҳнома» чун гуҳар арзишманд аст. Ҳар гуҳаре дар қолаби ҳаюлоии худ нодир аст, аммо Фирдавсӣ ин гавҳари носуфтаро суфтаву коркард намуда, пешкаши омма мекунад, ки он қимати лафзи дурри дариро дучанд мегардонад. Дар ин ҷо кӯшиш карда шуд, ки дар асоси ашъори шоир он вожаву таркибу ибораҳое, ки барои ифодаи пӯшок хидмат кардаанд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор бигиранд. Гарчанде худи луғатҳо – вожаҳо бо маънии зотии худ барои ифодаи либос асос ҳисобида шаванд ҳам, аммо таркибу ифодаҳое ҳастанд, ки бе иштироки ин вожаҳо метавонанд ба зеҳни хонанда маънои пӯшишро бирасонанд.

Масалан гарзан – тоҷи бузурги сангини рамзӣ, ки вожаи архаистӣ шуда, аз истифода афтодааст. Мардум ҳам дигар намедонад, ки он чӣ аст. Дар мисоли «Гарзане бар сари подшоҳ» маҳз таркиби «бар сар» ифодаи пӯшиши сар ва рамзи подшоҳӣ будани онро бармало мекунад. Ё ки вожаҳои сермаънои мисли кӯдакӣ дар зеҳни мардум айёми туфулиятро мерасонад. Аммо ҷумлаи «Ба болои (қади) он кӯдак дӯхтани кӯдакӣ» (вожаи аслии зебо ба ҷойи вожаи серистифодаи русии «формача») маънои либосро медиҳад, ки аҳаммияти ин таркибу ҷумлаороиҳоро дар ташаккули маънӣ нишон медиҳад.

Яке **кӯдакӣ** дӯхтанд аз ҳарир,
Ба болои он шери нохӯрдашир [10, Ҷ.1, с.372].

Ба зеҳни хонанда чанд чиз маънии либос ва пӯшокро мерасонад:

1. Луғат: ҷома, пироҳан, курта, либос, пӯшидан, пӯшиш;
2. Воситаҳо, таркибҳо, феълҳо, калимасозӣ, узвҳои инсон.

Барои ифодаи либос ё пӯшок метавонад як калима, таркиб, ибора ё ҷумла хизмат кунад.

Масалан, дар мисоли поён ғайр аз вожаи дайҳим (диадемаи юнон) феъли таркибии «ба сар барниҳодан» ин вожаи юнониро чун пӯшиши сари подшоҳ ба намоиш мегузорад.

Чу дайҳими шоҳӣ **ба сар барниҳод**,
Ҷаҳонро саросар ҳама мужда дод [10, Ҷ.1, с.225].

Тарг низ вожаи серистифода нест. Ҳар вожа, мисли тарг, ниҳодан, сар ва пешоянди ба дар мисраи аввали байти поён воситаи маънирӯшанкуниҳо чун усули маънирасонии шоир гаштаанд, ки маҳз таркиби «ба сар барниҳод» ба шоир кумак расонида:

Яке **тарги** румӣ **ба сар барниҳод**,
Яке бора зер андараш ҳамчу бод [10, Ҷ.1, с.334].

Мисли ҳамин вожаи кулоҳ, ки серистифода аст, аз ин усул истисно нест:

Манучеҳр бар гоҳ биншаст шод,
Кулоҳи каёнӣ **ба сар барниҳод** [10, Ҷ.1, с.244].

Ихтисор шудани феъли ниҳодан дар байти поён аҳаммияти таркиби «ба сар-бар»-ро дар офариниши маънии пӯшиши сар равшан мекунад

Нишаста бар ӯ шаҳриёре чу моҳ,
Зи ёқути рахшон **ба сар – бар кулоҳ** [10, Ҷ.1, с.189].

Камар ва миён чун муродифҳои ифодагари узви инсон бо феъли бастан як унсури либоспӯширо инъикос мекунанд. Камар бастан:

Камар баст бо фарри шоҳаншаҳӣ,
Ҷаҳон сар ба сар гашт ӯро раҳӣ [10, Ҷ.1, с.59].

Бастани миён рафта-рафта дар маънои маҷозӣ ба коре азм карданро мефаҳмонад. Чунончи, «бибандад ба мардӣ миён» маънии дар майдони корзор истоданро мефаҳмонад:

Аз ин ду ҳунарманд пиле жиён,
Биёяд бибандад ба мардӣ миён [10, Ҷ.1, с.293].

Бибастам миёни ялӣ бандвор,
Або ҷодувон сохтам корзор [10, Ҷ.1, с.324].

Дар байти поён ҷойи истифодаи ҳар ашё чи расмии давлатӣ ва чи ашёи ҷангӣ дақиқ аст:

Ба сар – бар –ш тоҷу камар бар миён,
Сипар пешу дар даст тиру камон [10, Ҷ.1, с.377].

Бояд гуфт, ки узвҳои инсон мисли сару дасту миёну камар барои ифодаи либос ва зебу зинат хизмат карданд. Чунончи, миён бастан дар байти зер маҷозан ба маънои ба коре азм кардан омадааст:

Ба хуни Наримон **миёнро бубанд**,
Бирав тозиён то ба кӯҳи Сипанд [10, Ҷ.1, с.385].

Феълҳое ҳастанд, ки танҳо дар мавриди либос пӯшидан ба кор мераванд. Ин феълҳо агар амалеро фаҳмонанд, дар баробари ин, ифодаи либосанд. Масалан, дар байти поён оҳан чун ашёест, ки маҳз феъли пӯшидан онро чун либоси ҷангӣ ҷилвагар мекунад:

Ба оҳан **саросар бипӯшид тан**,
Бад – он то надонад кас аз анҷуман [10, Ҷ.1, с.116].

Феъли бисудан – ба маънии молидан, серистифода ва хӯрда шудан дар забони имрӯза камистеъмол аст. Шоир дар байти поён онро бо тоҷи шоҳӣ истифода кардааст, ки ибораи бисудани тоҷи шоҳӣ ба маънии подшоҳӣ кардан ифодаи киноямез бахшидааст:

Ба шоҳӣ маро тоҷ бояд бисуд,
Муҳол аст ин, кас наёрад шунуд [10, Ҷ.1, с.404].

Феъли таркибии ба бар даркашидан ба маънии оғӯш кашидан меояд. Ин амал нисбати шахс хосса аст, на доимӣ. Азбаски ҷангу набард низ ногузир аст, шоир амали ба бар даркашиданро нисбати ашёи хоссе чун ҷавшан ба маънии омодагӣ ба ҷанг хеле моҳирона ба кор бурдааст:

Ҳар он гаҳ, ки ҷавшан ба бар даркашам,
Замона барандешад аз таркашам [10, Ҷ.1, с.467].

Аз асоси замони ҳозираи пӯш чунин вожаҳо сохта шудааст: пӯш, пӯшид, пӯшида, сифати феълии пӯшиданӣ, исми пӯшиш, сифати феълии замони оянда, ки исм шудааст:

Бипӯшид танро ба чарми паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ оини ҷанг [10, Ҷ.1, с.46].

Сифати феълии замони гузаштаи пӯшида:

Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,
Палангина **пӯшид**а худ бо гурӯҳ [10, Ҷ.1, с.44].

Сифати феълии замони ояндаи пӯшиданӣ:

Ҳама кори мардум набудӣ ба барг,
Ки **пӯшиданишон** ҳам буд, барг [10, Ҷ.1, с.51].

Шакли аористи пӯшад:

Замин **пӯшад** аз нур **пироҳано**,
Шавад тирагетӣ бад – ӯ равшано [10, Ҷ.1, с.29].

Ҷома номи умумии либос:

Дигар, панҷаҳ андешаи ҷома кард,
Ки пӯшанд ҳангоми базму набард [10, Ҷ.1, с.59].

Дар калимасозӣ бо феъли пӯш, пӯшидан вожаҳо маънӣ касб мекунанд. Вожаҳои жандапӯш, палангинапӯш, пӯшидарӯ, рӯйпӯшида, ки дар мураккабшавӣ иштирок намуда, аз як ҳиссаи нутқ ба ҳисаи дигари нутқ – исми шахс гузаштаанд:

Зи фармон сар озодаву **жандапӯш**,
Зи овози беғора осуда гӯш [10, Ҷ.1, с.60].

Якояк биёмад Хуҷаста Суруш,
Ба сони парие **палангинапӯш** [10, Ҷ.1, с.45].

Зи **пӯшидарӯён** яке Шаҳрноз,
Дигар моҳрӯе, ба ном Арнавоз [10, Ҷ.1, с.78].

Пӯшидарӯй – духтар – рӯйпӯшида:

*Кӯҷо аз паси парда **пӯшидарӯй**,*
Се покиза дорӣ ту, эй номҷӯ [10, Ҷ.1, с.133].

Гирояндаи меҳру пайванди ту,
Басе **рӯйпӯшида** фарзанди ту [10, Ҷ.1, с.133].

Бояд гуфт, ки дар «Шоҳнома» вожаи пӯшок нест. Фирдавсӣ ба ҷойи он аз асоси замони ҳозираи пӯш бо пасванди –иш вожаи пӯшиш исми ашё сохтааст:

Ба кӯшиш аз он кард **пӯшиш** ба ҷой,
Ба **густурданӣ** ҳам буд ӯ раҳнамой [10, Ҷ.1, с.54].

Сифати феълии пӯшида рафта-рафта исм мешавад, ки ба маънии зан, духтар истифода шудани он ҳодисаи нодир аст:

Зи тухми каён мо ду **пӯшида** пок,
Шуда ром бо ӯ зи бими ҳалол [10, Ҷ.1, с.109].

Чу омад ба танг-андар Исфандёр,
Ду пӯшидаро дид чун навбаҳор [10, Ҷ.6, с.300].

Ҳамин тариқ, аҳаммияти вожаву таркибҳо ва ҳатто ҷумлаҳо дар маъниофаринӣ ва таъйини маънӣ ифодаи либосро бармало намуда, чун усули маънисозии Фирдавсӣ барои инъикоси лаҳзаҳои ҷудогона ва саҳнасозӣ нақши бориз пайдо намудаанд.

Бояд гуфт, ки мисолҳои боло далели онанд, ки он чи аз «Шоҳнома» аст, одиву нодиданӣ нест, балки қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ аст. Ҳар як ҳарфу вожаву таркибаш овози суми таърих аст. Ин вожаҳо ҳар чи қадар куҳнатар шаванд, қадрашон бештар мегардад. Зеро, ин «Шоҳнома» аст!

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар Шоҳнома. - Душанбе: Маориф, 1990. - 120 с.
2. Гёте И.В. Девони ғарбӣ-шарқӣ. - Душанбе: Адиб, 2011. – 384 с.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қ.1. - Душанбе, 2003. – 490 с.
4. Марям Неъмати Товусӣ. Фарҳанги намоишҳои суннатӣ ва оинии Эрон. - Теҳрон: Доира, 1392. - 272 с.
5. Маҳмуд Ранҷбар, Ҳидоятулло Сутуда. Мардумшиносӣ (такя бар фарҳанги мардуми Эрон). – Теҳрон: Донишофарин, 1380. - 217 с.
6. Мустафо Ҷайҳунӣ. Ҳамосафоранинони Шоҳнома. - Исфаҳон: Шоҳномапажуҳӣ, 1381. - 549 с.
7. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ ва андешаи шеъри ӯ). - Душанбе: Бухоро, 2012. - 338 с.
8. Саломов М. Ифодаҳои маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. - Душанбе, 2001. – 138 с.
9. Ҳеленбренд Роберт. Забони тасвирии «Шоҳнома» (маҷмӯа бо тасовир). - Теҳрон: Баҳор, 1388. - 353 с.
10. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд). - Душанбе: Адиб, 1987-1991 (Ҳамин нусха чопи электронӣ – 10 ҷилд).

ИФОДАИ ЛИБОС ДАР «ШОҲНОМА»И ФИРДАВСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф мавзӯи ифодаи либосро дар асари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Воқеан, ҳар мавзӯе дар «Шоҳнома» муҳим аст. Ҳар ҳарфе дар «Шоҳнома» чун гуҳар арзишманд аст. Ҳар гуҳаре дар қолаби ҳаюлоии худ нодир аст, аммо Фирдавсӣ ин гавҳари носуфтаро суфтаву коркард намуда, пешкаши омма мекунад, ки он қимати лафзи дурри дариро дучанд мегардонад. Дар ин ҷо кӯшиш карда шуд, ки дар асоси ашъори шоир он вожаву таркибу ибораҳое, ки барои ифодаи пӯшок хидмат кардаанд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор бигирад. Гарчанде худи луғатҳо – вожаҳо бо маънии зотии худ барои ифодаи либос асос ҳисобида шаванд ҳам, аммо таркибу ифодаҳое ҳастанд, ки бе иштироки ин вожаҳо метавонанд ба зеҳни хонанда маънои пӯшишро бирасонанд. Ҳамин тариқ, аҳамияти вожаву таркибҳо ва ҳатто ҷумлаҳо дар маъниофринӣ ва таъини маънӣ, ки ифодаи либосро бармало намуда, чун усули маънисозии Фирдавсӣ барои инъикоси лаҳзаҳои ҷудогона ва саҳнасозӣ нақши бориз пайдо намудаанд. Бояд гуфт, ки мисолҳои боло далели онанд, ки он чи аз «Шоҳнома» аст, оддиву нодиданӣ нест, балки қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ аст. Ҳар як ҳарфу вожаву таркибаш овози суми таърих аст. Ин вожаҳо ҳар чи қадар куҳнатар шаванд, қадрашон бештар мегарданд. Зеро ин «Шоҳнома» аст!

Калидвожаҳо: асари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ифодаи либос, пӯшидан, пӯшиш, ба сар ва миён бастан, камар, кӯлоҳ.

ОТРАЖЕНИЕ ОДЕЖДЫ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению тему отражения одежды в произведении «Шахнаме» Фирдоуси. Действительно, в данном произведении важна каждая тема. Каждая буква, каждое слово в «Шахнаме» бесценна. Фирдоуси как незаменимый ювелир слова отшлифовывает каждый драгоценный камень этого произведения и представляет его своему читателю. В статье автор на основе изучения творчества Фирдоуси предпринял попытку изучения слов и словосочетаний, которые служат для обозначения одежды. Хотя сами эти слова в своем первоначальном значении служат для обозначения одежды, но есть ещё конструкции и выражения, которые без участия данных слов могут донести до ума читателя значение одежды. Таким образом, значение таких слов и конструкций, а также предложений в создании и установлении значений слов, которые обозначают одежду обретают новые качества благодаря перу Фирдоуси. Нужно констатировать, что приведенные в статье примеры свидетельствуют о том, что все слова приведенные в «Шахнаме» заслуживают пристального внимания. Каждая буква, каждое слово данного произведения несет в себе историческое эхо веков. По мере устаревания данные слова приобретают большую значимость, потому что они из бессмертного «Шахнаме!

Ключевые слова: произведение «Шахнаме» Фирдоуси, отражение одежды, одеваться, одевать на голову и завязать на пояс, кушак, головной убор.

REFLECTION OF CLOTHING IN “SHAHNAM” FIRDOUS

In this article, the author has studied and considered the theme of the reflection of clothes in the work “Shahname” by Firdowsi. Indeed, in this work each topic is important. Every letter, every word in Shahname is invaluable. As an irreplaceable jeweler of the word, Ferdowsi polishes each gem of this work and presents it to its reader. In the article, the

author, based on the study of creativity, Firdousi made an attempt to study words and phrases that serve to designate clothing. Although these words themselves in their original meaning are used to designate clothes, but there are also constructions and expressions that, without the participation of these words, can convey the meaning of clothes to the reader's mind. Thus, the meaning of such words and constructions, as well as sentences in the creation and establishment of the meanings of words that denote clothing, acquire new qualities thanks to Perdousi's pen. It is necessary to state that the examples given in the article indicate that all words given in Shahnameh deserve close attention. Each letter, each word of this work carries a historical echo of ages. As they become obsolete, these words become more significant because they are from the immortal "Shahnameh!

Key words: the work "Shahname" by Firdousi, reflection of clothes, dress, dress on the head and tie with a belt, sash, headdress.

Сведения об авторе: ***Исматов С.М.*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры телерадиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 935-67-67-99**

Information about the author: ***Ismatov S.M.*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Broadcasting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 935-67-67-99**

УДК: 41-3:491.71-3

ФОРМА СТРУКТУРНОЙ ЧАСТИЦЫ"的"(DE) КАК ВЫРАЖЕНИЕ ОПРЕДЕЛЕНИЯ В КИТАЙСКОМ ЯЗЫКЕ, И ЕЕ ПЕРЕДАЧА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Тан Бинь, Яо Цзян
Институт международного культурного обмена Синьцзяньского университета, Российско-Таджикский (Славянский) университет

В китайском языке роль структурной частицы "**的**" (de) заключается в связывании слов или фраз, с некоторым синтаксическим значением. Например: Функцией структурной частицы "**的**" (de) является соединение определения и центрального слова. Чжао Юаньжэнь считает частицу **的** одним из двух наиболее важных однослогов китайского языка, так как она определяет характерную особенность китайского синтаксиса. Эта особенность заключается в том, что определения должны предшествовать определяемому, как бы громоздки ни были словосочетания и слова, нагромождаемые одно на другое [1, с. 88]. А в русском языке нет таких аналогичных структурных частиц, поэтому данная статья анализирует большое количество примеров из, китайской художественной литературы и их переводов на русский язык, в нейкак перевести структурную частицу "**的**" (de) в китайском языке на русский язык, обобщены некоторые закономерности.

1. Когда квантификатор-имя числительное и числительное словосочетание, которые служат определением и выражают изобразительное отношение, тогда определение используется без структурной частицы "**的**" (de), в русском языке мало используют квантификатор, обычно используют имя числительное, выражающее одинаковые значения. Например:

1). **一个大坑就是几十条**命，**一半**蒙古人**一半**汉人。(**姜戎**.**狼**图腾 c.51- Jiang rong. Lang tu ten, c.51)

В каждом ухабе - **несколько** десятков жизней, **половина** - монголы, **половина** - китайцы [5, с.127].

2). **两三个星期的功夫**，**他把腿溜出来了**。(**老舍**. 骆驼祥子, c.6 - Lao she. Luo tuo xiang zi, c.6)

Прошло **две-три** недели, и шаг его обрел скользящую легкость [2, с. 24].

3). 这里是**二大**队冬季抗灾的备用草场，方圆**二三十里地**，**是一片大面**积的迎风山地草场。(**姜戎**.**狼**图腾 c.8- Jiang rong. Lang tu ten, c.8)

в этой местности находилось **два** запасных зимних пастбища. В радиусе **тридцати** ли они были самыми большими [5, с.24].

2. Когда частица состоит из указательного местоимения, вопросительного местоимения, и эти слова с количественным именем числительным формируют словосочетание, тогда она выражают ограничительное отношение и без структурной частицы "**的**" (de), в русском языке тоже используют указательное местоимение и вопросительное местоимение, выражающие одинаковые значения. Например:

1).**从前几百年**，**哪个王**爷舍得把**这块草**场养马啊。(**姜戎**.**狼**图腾 c.271- Jiang rong. Lang tu ten, c.271)

Раньше, в течение нескольких сотен лет, **какой** бы правительни был, всем было жалко использовать **это** пастбище под лошадей. (Цзян Жун. Волчий тотем, с.531).

2). **山**镇上的人们早就不大关心**这两个人物了**. (**古**华. **芙蓉**镇 с.140- Gu hua. Fu rong zhen, с.140).

К счастью, сельчане давно не обращали внимания на **этих** вредителей и не мешали им. (Гу Хуа. В Долине лотосов, с.196).

3). 镇上**这几个**头头平日老是讲他游手好闲啊，**好吃**懒做啊，**怕下苦力啊**。(**古**华. **芙蓉**镇 с.56- Gu hua. Fu rong zhen, с.56).

Эти люди действительно были самыми уважаемыми на селе и постоянно корили его за лень, ловкачество, нежелание трудиться [1, с.81].

3. Когда личное местоимение служит частицей и выражает отношение принадлежности, тогда используют структурную частицу “**的**”(de), которая формирует притяжательное местоимение, в русском языке тоже используют притяжательное местоимение, выражающее одинаковые значения. Например:

1).**在我们的血液里**，**特**别是在君主和贵族的血液里，潜伏着游牧精神，无疑这在传授给后代的气质中占着很大的部分。(**姜戎**.**狼**图腾 с.268- Jiang rong. Lang tu ten, с.268)

В **нашей** крови, особенно в императорской и дворянской, скрым кочевой дух, несомненно у их потомства он занимает большую часть [5, с.507].

2).**我要**这辆车，九十六！铺主知道是遇见了一个心眼的人,**看看**钱，看看祥子，叹了口气；交个朋友，车算**你的了**。(**老舍**. 骆驼祥子, с.7 - Lao she. Luo tuo xiang zi, с.7)

Хозяин понял, что больше не выжмешь, поглядел на деньги, затем на Сянцзы, вздохнул: «Ладно, по рукам,коляска-**твоя**!» [2, с. 26].

3).**并且**，**又由于**这不仅仅是对**你的一般性改造**，**而是加倍的改造**. (张贤亮. **男人的一半是女人**, с.6- Zhang xian liang. Nan ren de yi ban shi nu ren, с.6)

С сегодняшнего дня тебе оказано *доверие*, и, значит, ответственность **твоя** сильно возрастает [6, с.10].

4. Когда односложные имена прилагательные служают определением, тогда без структурной частицы “**的**”(de), но когда многосложные имена прилагательные служат определением, тогда используют структурную частицу “**的**”(de), в русском языке тоже употребляются одинаковые имена прилагательные, служащие согласованным определением и выражающие одинаковые значения. Например:

1).**温暖湿润的春**风吹拂额仑草原，大朵大朵亮的刺目的白云在低空飞掠。(**姜戎**.**狼**图腾 с.129- Jiang rong. Lang tu ten, с.129)

Тёплый и влажный весенний ветер повеял в степи Элунь, большие белые облака летали на небе на большой высоте и резали глаза [5, с.306].

2).**它**们连同浓荫狭映在**绿豆色的河水里**，**静静的河水似乎都在叮**咚、叮咚... (**古**华. **芙蓉**镇 с.13- Gu hua. Fu rong zhen, с.13).

Они отражаются в **зелёной речной** воде и как будто тихо звенят... [1, с. 20].

3).**像由黑暗里**刚生出一个**新的**，**清新的**，**美**丽**的世界**。(**老舍**. 骆驼祥子, с.135 - Lao she. Luo tuo xiang zi, с.135)

Казалось, из грозового хаоса возник **новый,прекрасный** мир [2, с. 150]/

5. Когда глагол или словосочетание глогола служат определением, в китайском языке обычно используют структурную частицу “**的**”(de), когда в китайском языке глагол +структурная частица “**的**”(de) служит определением, в русском языке обычно используется причастие, но и когда в китайском языке словосочетание глагола +структурная частица “**的**”(de) служат определением, а в русском языке используют причастие или глагол + косвенный падеж имён существительных с предлогами, выражающие несогласованные определения. Например:

1).**她惶恐地望着**这双贴近的含笑的眼睛，**张开的双唇**。(谌容. **人到中年**, **中国新文学大系** 1976-2000, с.178- Chen rong. Ren dao zhong rian, Zhong guo xin wen xue da xi 1976-2000, с.178)

Лу Вэньтин не ждала этого и со страхом глядела на эти смеющиеся глаза, на тянущиеся к ней **раскрытые** губы [3, с.52].

2).**在草原不能有一点大意**，**然后站起身**说：走吧，去找刚才**打死的**那条狼，**回去！**(**姜戎**. **狼**图腾 с.136- Jiang rong. Lang tu ten, с.136)

В степи не допускается малейшая небрежность, пойдём, пойдём, пойдём недавно **убитого** волка [5, с.316].

3).**依他的口才、肚才**，**本来可以出息成一个制服口袋上插金笔的**“**工作同志**”**的**。(**古**华. **芙蓉**镇 с.20- Gu hua. Fu rong zhen, с.20).

Он любил поговорить, поесть и вполне мог бы вырасти в начальника, **носящего** в нагрудном кармане френча **авторучку с золотым пером** [1, с.30].

4).**运**动告一段落，他也就像个**泄了气的皮球**。(**古**华. **芙蓉**镇 с.5-6- Gu hua. Fu rong zhen, с.5-6).

Весь раж и пыл из него выходили, точно **воздух из спущенного** мяча [1, с.10].

6. Когда имя существительное служит определением, выражает отношение принадлежности, в китайском языке используют структурную частицу “**的**”(de), но в русском языке обычно используют имя прилагательное и родительный падеж, имени существительного и предлоги + косвенные падежи выражающие одинаковые значения. Например:

1).**饮食店的女**经理李国香，新近才从县商业局调来，对镇上的自由市场有着一种特殊的敏感。(**古**华. **芙蓉**镇 с.7- Gu hua. Fu rong zhen, с.7).

Столовой заведовала Ли Госян, недавно присланная на эту должность уездным отделом торговли, к свободному рынку у неё было особое отношение [1, с.12].

2).**已**经**给病人的眼球注射了奴佛卡因**，**手**术就要开始了。(谌容. **人到中年**, **中国新文学大系** 1976-2000, с.172- Chen rong. Ren dao zhong rian, Zhong guo xin wen xue da xi 1976-2000, с.172)

Ввела новокаин в **глазное** яблоко **больного** и уже собиралась приступить к операции. [3, с.46].

3).**胡玉音的**男人黎桂桂是本镇屠户. (**古**华. **芙蓉**镇 с.7- Gu hua. Fu rong zhen, с.7).

Однажды, Ли Гугуй, муж **Ху Юйинь**, сельский мясник [1, с.12].

4).还是在**死亡的**门前? (谌容. **人到中年**, **中国新文学大系** 1976-2000, с.171- Chen rong. Ren dao zhong rian, Zhong guo xin wen xue da xi 1976-2000, с.171)

Страшный сон или близкое дыхание **смерти**? [3, с.45].

5).**文婷**，**你小孩的**肺炎好**了**吗? (谌容. **人到中年**, **中国新文学大系** 1976-2000, с.172- Chen rong. Ren dao zhong rian, Zhong guo xin wen xue da xi 1976-2000, с.172)

Вэньтин, а как воспаление легких **у малыша**? (Современная китайская проза, с.46).

7. Когда подлежаще-сказуемое словосочетание служит определением, использует структурную частицу “**的**”(de), но в русском языке обычно используют определительное придаточное с союзами или сложное предложение без союза, выражающее изъяснительные отношения. Например:

1).满庚穿的是**部**队上发**的解放鞋**. (**古**华. **芙蓉**镇 с.14- Gu hua. Fu rong zhen, с.14).

А Ли Маньгэн - **кеды, которые ему выдали в армии.** [1, с.22].

2).**他意**识到那一定是**狼王派出的探子**，**想**查看他身后有无伏兵。(**姜戎**.**狼**图腾 с.4- Jiang rong. Lang tu ten, с.4)

Чень Чжэнь понял, что это, скорее всего, **разведчик, которого вожак отправил посмотреть,** нет ли засады [5, с.11].

3).**拖拉机**牵引**的二十四行播种机停在路**边. (张贤亮. **男人的一半是女人**, с.13- Zhang xian liang. Nan ren de yi ban shi nu ren, с.13)

Неподалеку на обочине дороги стоял, **накренившись, трактор** с прицепленной широченной многорядной сеялкой [6, с.19].

4).**近年来芙蓉**镇上称得上生意兴隆的，不是原先远近闻名的猪行牛市，而是本镇**胡玉音所开的豆腐**摊子。(**古**华. **芙蓉**镇 с.3- Gu hua. Fu rong zhen, с.3).

Теперь этот рынок славился не своими мясными рядами, а лотком местной уроженки **Ху юйинь**,**торговавщей** рисовым отваром с кусочками соевого сыра [1, с.6].

5).**她快步踏着园中小石子儿**铺成的甬道，(谌容. **人到中年**, **中国新文学大系** 1976-2000, с.184- Chen rong. Ren dao zhong rian, Zhong guo xin wen xue da xi 1976-2000, с.184)

Она скорыми шагами шла по **дорожке**, **выложенной** круглой галькой [3, с.58].

8. Когда предлог служит определением используют структурную частицу “**的**”(de), но в русском языке в этом случае обычно используют предлоги + имя сушествительное. Например:

1).**往西去**，过石拱桥，**是一条通向广西的大路**。(**古**华. **芙蓉**镇 с.1- Gu hua. Fu rong zhen, с.1).

На запад ,через каменный мост над ручьем, **тянется дорога в провинцию Гуанси [**1, с.2].

2).**汽**车夫对洋车夫的态度，正有点像祥子**对那些老弱残兵**。(**老舍**. 骆驼祥子, с.59 - Lao she. Luo tuo xiang zi, с.59)

Почти так же **относился к старым и слабым**, изувеченным рикшам Сянцзы [2, с. 76].

3).**巴**图**从北边的草原能把**马群赶到这块地界太不易了。(**姜戎**.**狼**图腾 с.48- Jiang rong. Lang tu ten, с.48)

Бату было очень трудно гнать лошадей **с северного участка** на этот небольшой кусок ли. (Цзян Жун. Волчий тотем, с.121).

4).这是胡玉音从父母那里**得来的**“家训”。(**古**华. **芙蓉**镇 c.4- Gu hua. Fu rong zhen, c.4).

Такие наставления **получила от родителей** [1, c.7].

9. Когда сложное предложение служит определением, используют структурную частицу **“的”**(de), в русском языке тоже используют сложное предложение, выражающее одинаковые значения. Например:

1).**近年来芙蓉**镇上称得上生意兴隆的，**不是原先**远近闻名的猪行牛市，**而是本**镇胡玉音所开的**豆腐**摊子。(**古**华. **芙蓉**镇 c.3- Gu hua. Fu rong zhen, c.3).

Теперь этот рынок славился **не своими мясными рядами**, **а лотком местной уроженки Ху юйинь,торговавшей рисовым отваром** с кусочками соевого сыра. (Гу Хуа. В Долине лотосов, с.6).

2).**他已**经**不是十多年前那个**头脑单纯的**复原**军人了，**而是个有家有室的人了。**(**古**华. **芙蓉**镇 c.110- Gu hua. Fu rong zhen, c.110).

Потому что уже **больше десяти лет после демобилизации ничем другим не занимался, да и семью нужно было кормить.** [1, c.156].

3).**但不是那种湿**润的风，**而是**砾石上干燥的热风. (张贤亮. **男人的一半是女人**, c.49- Zhang xian liang. Nan ren de yi ban shi nu ren, c.49)

Только ветер был уже не **сырой с каплями дождя, как тогда, а сухой и жаркий** [6, c.59].

10. Когда фразеологический, оборот просторечие, вульгаризм служат определением, использует структурную частицу **“的”**(de), но в русском языке нет таких слов, поэтому переводчик обычно использует имя прилагательное близкое по значению которое служит определением или не переводится. Например:

1).**他已**经不是十多年前那个**头脑简单的复原**军人了，而是个**有家有室的人了。**(**古**华. **芙蓉**镇 c.110- Gu hua. Fu rong zhen, c.110).

Потому что уже больше десяти лет после демобилизации ничем другим не занимался, да и семью нужно было кормить. [1, c.152].

2).**近年来芙蓉**镇上称得上**生意**兴隆的，**不是原先**远近闻名的猪行牛市，**而是本**镇胡玉音所开的豆腐摊子。(**古**华. **芙蓉**镇 c.3- Gu hua. Fu rong zhen, c.3).

Теперь этот рынок славился не своими мясными рядами, а лотком местной уроженки Ху юйинь, торговавщей рисовым отваром с кусочками соевого сыра [1, c.6].

3).**我**懒得和**巧舌如簧的**伙计说话，(苏童.**我的帝王生涯**, c.150- Su Tong. Wo de di wang sheng ya, c.150)

Вступать в разговоры с этим **бойким** официантом не хотелось [4, c.223].

4).**往后**,**兵**团首长下连队视察,**我就先陪他**们到这儿来见识见识**大名鼎鼎的**蒙古狼. (**姜戎**.**狼**图腾 c.287- Jiang rong. Lang tu ten, c.287)

Потом, когда руководители будут проверять бригаду, а их сначала привезу сюда, чтобы они познакомились с **великим** и **известным** монгольским волком [5, c.532].

В китайском языке структурная частица **“的”**(de) служащая определением, имеет следующие способы использования: когда глагол или словосочетание глагола служат определением, при переводе на русский язык изпользуется причастие, но когда словосочетание глагола + структурная частица **“的”**(de) служат определением, в русском языке обычно используется причастие или глагол + косвенные падежи с предлогами, выражающие несогласованные определения; когда подлежащее - сказуемое словосочетание служит определением, используют структурную частицу **“的”**(de), но в русском языке обычно используют определительное придаточное с союзами или сложное предложение без союза, выражающее изъяснительные отношения; когда фразеологический оборот, просторечие и вульгаризм +структурная частица **“的”**(de) служат определением, из-за культурных различных между Китаем и Россией, в китайском языке есть много таких фразеологических оборотов, просторечий и вульгаризмов, а в руссом языке таких слов очень мало, поэтому переводчик обычно использует имя прилагательные близкого значения, или не переводит. Другие случаи структурной частицы **“的”**(de) служат определением, когда перевод на русский язык, его конструктивный приём похож на китайский язык, тоже включает его значение. Больше всего, когда структурная частица **“的”**(de) служит определением, при переводе на русский язык тоже есть его постоянная выразительная форма, но когда сушествительное, количественные числительные, предлог, вопросительные местоимения и указательные местоимения, + структурная частица **“的”**(de) или без структурной частицы **“的”**(de) служат определением, перевод на русский язык обычно одинаковый.

ЛИТЕРАТУРА

1. Горелов В.И. Теоретическая грамматика китайского языка / В.И. Горелов. - М.:Просвещение, 1989. - 318 с.
2. 实用现代汉语语法 刘月华 外语教学与研究出版社, 1983 年. —628 页.

ИСТОЧНИКИ ИЛЛЮСТРАТИВНОГО МАТЕРИАЛА

1. Гу Хуа. В Долине лотосов / Гу Хуа. - М.: Радуга, 1986. - 280 с.
2. Лао Шэ. Избранное. Сборник / Лао Шэ. - М.: Прогресс, 1981. - 512 с.
3. Современная китайская проза. - М.: Известия, 1984. - 240 с.
4. Су Тун. Последний император / Су Тун. - СПб.: Астрел, 2008. - 288 с.
5. Цзян Жун. Волчий тотем / Цзян Жун. - М.: Мир книги, 2007. - 631 с.
6. Чжан Сяньлян. Женщина–половинка мужчины / Чжан Сяньлян. - М.: Известия, 1990. - 194 с.
7. 狼图腾 姜戎 长江文艺出版社, 2014 年. - 408 页.
8. 我的帝王生涯 苏童上海文艺出版社, 2005 年. - 189 页.
9. 老舍经典作品选 当代世界出版社 2002 年. - 505 页.
10. 芙蓉镇 古华 人民文学出版社, 2004 年. - 210 页.
11. 男人的一半是女人 张贤亮 作家出版社, 2013 年. -227 页.
12. 中国新文学大系 1976-2000 上海文艺出版社, 2009 年. -824 页

ШАКЛИ ҲИССАЧАИ СОХТОРИИ “的”(DE) ҲАМЧУН ИФОДАИ МУАЙЯНКУНАНДА ДАР ЗАБОНИ ХИТОЙӢ ВА ТАҲАВВУЛИ ОН БА ЗАБОНИ РУСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи шакли ҳиссачаи сохтории “的”(de) ҳамчун ифодакунандаи муайянкунанда дар забони хитойӣ ва таҳаввули он ба забони русӣ бахшида шудааст. Таҳқиқот аз ақидаҳои назариявии олимони барҷаста асос ёфтааст.Дар забони хитойӣ калимаву ибораҳои сершуморе бо ҳиссачаи сохтории “的”(de) мавҷуданд, ки муайянкунандаро дар ҷумла ифода менамоянд, масалан: ҷонишин, сифат, феъл ва ғайра. Лекин дар баъзе ҳолатҳо муайянкунанда бо ҳиссачаи сохтории “的”(de) истифода бурда намешавад ва ин бо маънии грамматикӣ ва ифодаи муайянкунанда алоқаманд аст. Дар забонирусӣ чунин ҳиссачаҳои сохторӣ вуҷуд надоранд. Дар мақоладаҳ ҳолат ҷаммъбаст карда шудааст, ки дар онҳо муайянкунанда ҳиссачаи сохтории “的”(de) истифода бурда, ҳиссачаи сохтории “的”(de) истифода намебаранд. Таҳлили миқдори калони намунаҳо аз адабиёти бадеии хитойӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони русӣ гузаронида шуда, баъзе аз қонуниятҳо ҷамъбаст гардидаанд. Мақолаи мазкур ҳамчун маводи иловагӣ барои омӯзандагони забони хитойӣ хизмат насмуда, дар омӯхтани забони хитойӣ ва ё тарҷумаи хитойӣ – русӣ кумак хоҳад кард.

Калидвожаҳо: муайянкунанда, ҳиссача, сифат, ибора, мубтадо ва хабар, синтаксис, фразеология.

ФОРМА СТРУКТУРНОЙ ЧАСТИЦЫ “的”(DE) КАК ВЫРАЖЕНИЕ ОПРЕДЕЛЕНИЯ В КИТАЙСКОМ ЯЗЫКЕ, И ЕЕ ПЕРЕДАЧА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Данная статья посвящается исследованию формы структурной частицы “的”(de) как выражения определения в китайском языке и ее передачи на русский язык. Исследование основано на теоретических взглядах выдающихся ученых. В китайском языке, много слов и словосочетаний “的”(de), которые могут выражать определение в предложении, например: местоимение, прилагательное, глагол и т.д.. Но в некоторых случаях, определение не используется со структурной частицей “的”(de), это связано с грамматическим значением и выражением определения. В русском языке нет таких структурных частиц. В статье подведены итоги десяти ситуаций, в которых определение использует структурную частицу “的”(de) и не использует структурную частицу “的”(de). Проведен анализ большого количества примеров из китайской художественной литературы и их переводов на русский язык, обобщены некоторые закономерности. Данная статья может послужить дополнительным материалом для изучающих китайский язык и поможет в преподавании китайского или китайско-русском переводе.

Ключевые слова: определение, частица, прилагательные, словосочетание, подлежащее и сказуемое, синтаксис, фразеология.

FORM OF THE STRUCTURAL PARTICLE “的”(DE) AS AN EXPRESSION OF THE DEFINITION IN THE CHINESE LANGUAGE AND ITS TRANSFER INTO THE RUSSIAN LANGUAGE

This article is devoted to the study of the shape of the structural particle “的” (de) as an expression of the definition in Chinese and its transmission to Russian. The study is based on the theoretical views of eminent scientists. In Chinese, there are many words and phrases “的” (de) that can express a definition in a sentence, for example: pronoun, adjective, verb, etc. But in some cases, the definition is not used with the structural particle “的” (de), this is related to the grammatical meaning and expression of the definition. There are no such structural particles in the Russian language. The article summarizes ten situations in which the definition uses the “的” (de) structural particle and does not use the 的 (de) structural particle. An analysis of a large number of examples from Chinese literature and their translations into Russian has been carried out, some regularities have been summarized. This article may serve as an additional material for students of Chinese and will help in teaching Chinese or Chinese-Russian translation.

Key words: definition, particle, adjectives, phrase, subject and predicate, syntax, phraseology.

Сведения об авторах: ***Тан Бинь*** - Институт международного культурного обмена Синьцзяньского университета. E-mail:**Alexander185@163.com.** Тел.: **(+992) 888-88-70-26**
Яо Цзян – Российско-Таджикский (Славянский) университет, аспирант кафедры теоретического и прикладного языкознания. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30.
E-mail: **bopotr2811@163.com.** Тел.: **(+992) 935-88-86-78**

Information about the authors: ***Tan Bin*** - Xinjiang University Institute for International Cultural Exchange.
E-mail: **Alexander185@163.com.** Tel.: **(+992) 888-88-70-26**

Yao Jian - Russian-Tajik (Slavonic) University, graduate student of the department of theoretical and applied linguistics.
Address: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. M.Tursunzade 30. E-mail: **bopotr2811@163.com.**
Tel.: **(+992) 935-88-86-78**

УДК: 491.550

ТАФОВУТҲО ВА УМУМИЯТҲОИ НОМҲОИ ТАҶҲИЗОТ ВА АБЗОРУ АСБОБИ РӮЗГОР ДАР ГУНАҲОИ ЗАБОНИ ДАРӢ

Усмон Сулаймонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба ин гурӯҳ вожаҳое дохил мешаванд, ки ифодакунандаи номи таҷҳизот ва абзору асбоби рӯзмарра буда, рӯз ба рӯз бо зуҳур ёфтани абзорҳои ҷадидтар рушду такомул меёбанд. Теъдоди ин навъи вожаҳо дар гунаҳои забони дарӣ хеле зиёд ба кор рафта, ба ҷуз умумиятҳо дорои тафовутҳо низ шудаанд, ки онҳоро дар ин бахш ба зергурӯҳҳо ҷудо намуда, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

А) Дар зергурӯҳи аввал номи абзоролотеро ворид ва қиёс намудем, ки баромади таърихӣ дошта, умумиятҳои бештар ва тафовутҳои камтарро молик ҳастанд ва онҳоро метавон ба се бахш ҷудо намуд.

1. **Бахши нахустро номҳое ташкил медиҳанд, ки дар аксарияти онҳо тафовутҳои овоӣ мавқеи асосиро ишғол намудаанд**. Монанди: **тоҷикӣ**: ранда [randa], **форсӣ**: رنده [rande], **дарӣ**: رنده [randa]; **тоҷикӣ**: искана [iskana], **форсӣ**: اسکنه || مغار [eskene || eskane || moqâr], **дарӣ**: اسکنه [eskana || askana]; **тоҷикӣ**: табар [tabar], **форсӣ**: تبر [tabar], **дарӣ**:تبر [tabar]; **тоҷикӣ**: мех [mex], **форсӣ**: میخ [mix], **дарӣ**: میخ [mêx]; **тоҷикӣ**: теша [teša], **форсӣ**: تیشه[tiše], **дарӣ**: تیشه [têša]; **тоҷикӣ**: путк [putk], **форсӣ**: پتک [potk], **дарӣ**: پتک[potk]; **тоҷикӣ**: амбур [ambur], **форсӣ**: انبر [ambor], **дарӣ**:انبور [ambur]; **тоҷикӣ**: appa [arra], **форсӣ**: اره [arre], **дарӣ**: اره [arra]; **тоҷикӣ**: зоғнӯл [zôqnul], **форсӣ**: زاغنول [zâqnul], **дарӣ**: زاغنول [zâqnul].

2. Бахши дувумро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо на танҳо тафовутҳои овоӣ, балки тафовутҳои шаклӣ низ ба назар мерасанд: **тоҷикӣ**: сӯян || сӯҳон [suyan || suhôn], **форсӣ**: سوهان [suhān], **дарӣ**: سوهان [suhân]; **тоҷикӣ**: ҷадвали секунҷа [jadvali sekunja], **форсӣ**: گونیا [guniyā], **дарӣ**: گونیا [guniyâ]; **тоҷикӣ**: обтарозу [ôbtarôzu], **форсӣ**: تراز آبی [tarāze ābi], **дарӣ**: آبترازو [âbtarâzu]; **тоҷикӣ**: болға [bôlqa], **форсӣ**: چکش [čakkoš], **дарӣ**: چکش [čakoš]; **тоҷикӣ**: гиро || гира [girô || gira], **форсӣ**: گیره [gire], **дарӣ**: گیرا [girâ]; **тоҷикӣ**: парма [parma], **форсӣ**: مته [mat(t)e], **дарӣ**: برمه || پرمه [barma || parma].

Вожаҳои ифодакунандаи номҳои ин зергурӯҳ қобилияти иборасозӣ ҳам доранд, ки дар онҳо ҷузҳои асосӣ ва тобеъ низ метавонанд ба таҳаввулоти шаклӣ ва овоӣ гирифтор шаванд. Дар гунаи форсӣ бештаре аз чунин ибораҳо ба калимаҳои мураккаб табдил ёфтаанд, ки ин ҳолат дар шавоҳиди овардашуда низ ба мушоҳида мерасад: **тоҷикӣ**: арраи оҳанбурӣ [arrai ôhanburi], **форсӣ**: اره آهن بر [arreāhanbor], اره تسمه ای [arretasmeyi], اره دستی [arredasti], اره برقی [arrebarghi], اره دوسر [arredosar]; **дарӣ**: اره ی آهنبر [arra-ye âhanbor] اره ی ششیشه بر [arra-ye šišebor]; **тоҷикӣ**: сӯяни мудаввар [suyani mudavvar], **форсӣ**: سوهان سه پر [suhān-e separ], سوهان چوبساب [suhān-e čubsāb], **дарӣ**: سوهان درش [suhân-e dorošt]; **тоҷикӣ**: болғаи мӯзадӯзӣ [bôlqai muzaduzi], **форсӣ**: چکش میخ کش [čakkoš-e mixkeš], **дарӣ**: چکش چوبی [čakoš-e čubi]; **тоҷикӣ**: пармаи морпеч [parmai môrpeč], **форсӣ**: پرداخت ی رنده [rande-ye pardâxt], ی شترگلو مته ی [mat (t) e-ye šotorgalui], مته ی حلزونی [mat(t) e-ye halazuni],مته ی پله ای [mat (t) e-ye pellei], **дарӣ**: [mâšin-e barma]; **тоҷикӣ**: зинаи чӯбӣ || нардбони чӯбӣ [zinai čubi || nardbôni čubi], зинаи оҳанӣ [zinai ôhani], зинапояи сангин [zinapôyai sangin], зинаи морпеч [zinai môrpeč], нардбони танобӣ [nardbôni tanôbi], **форсӣ**: پله کان طنابی || نردبان طنابی [pellekān-e tanābi || nardbān-e tanābi], مارپیچ پله کان[pellekān-e mārpič], پله کان متحرک [pellekān-e motaharrek], **дарӣ**: زینه ی چوبی [zina- ye čubi], ی زینه آهنی [zina-ye ôhani], قلم آهن بری [qalam-e âhanbori].

Б) Дар зергурӯҳи дуюм номи абзоролотеро ворид ва қиёс намудем, ки баромади таърихӣ надошта, вожаҳои нисбатан навзуҳур мебошанд ва дар истифодаи онҳо ба ҷуз умумиятҳои ҷузъӣ, бештар тафовутҳои шакли ва овоӣ ба назар мерасанд.

1. Бахши нахусти ин зергурӯҳро номҳое ташкил медиҳанд, ки дар аксарияти онҳо тафовутҳои шаклӣ ва овоӣ мушоҳида мешаванд: **тоҷикӣ**: винт || печида [vint || pečida], **форсӣ**: پیچ [pič], **дарӣ**: پیچ (peč); **тоҷикӣ**: винтоб || мурваттоб ||отвёртка [vintâb || murvattâb || âtviyârtka], **форсӣ**: آچارپیچ گوشتی || گوشتی پیچ [āčārpičgušti || pičgušti], **дарӣ**: پیچتاب || پیچ تا و [pičtâb ||

pičtâw); **тоҷикӣ**: гайка [gaika], **форсӣ**: مهره [mohre], **дарӣ**: نت [nat]; **тоҷикӣ**: равғандон [ravqandân], **форсӣ**: روغن دان [roqandân], **дарӣ**: روغن دان [rôqandân]; **тоҷикӣ**: анбӯри борикнӯл [anburi bôriknul], анбӯри паҳннӯл [anburi pahnnul], анбӯри қандшиканӣ [anburi qandšikani], **форсӣ**: انبر قندگیر[ambor-e qandgir], گازانبر[gozambor], انبر (گیره) جوشکاری[ambor-e juškāri], انبر باریک دم [ambor-e dambārik], انبر دم پهن [ambor-e dampahn], انبر دست جوشکاری [ambordast-e juškāri], **дарӣ**: پلاس نوگباریک[یک | انبور نوکبار palâse nugbârik || ambur-e nugbârik], هموار انبور [ambur-e hamwâr].

Дар шакли ибора ба кор рафтани номи ин навъи абзоролот дар гунаҳои мазкур мухталиф буда, дар яке аз ҷиҳати тедод зиёд ва дар дигаре нисбатан кам мушоҳида мешавад. Аз тарафи дигар, бахши бештаре аз онҳо дар шакли иқтибосӣ ва ё дар шакли тарҷумашуда мавриди истифода қарор гирифта, гирифтори тафовутҳои назаррас шудаанд: **тоҷикӣ**: каска || тоскулоҳ [kaska || tôskulôh], **форсӣ**: کلاه ایمنی [kolāh-e imani], **дарӣ**: کلاه فولادی [kolâh-e folâdi]; **тоҷикӣ**: дастгоҳи санг сунбода [dastgâhi sang sunbôda], **форсӣ**: سنگ دستگاه سمباده [dastgâh-e sang sombāde], **дарӣ**: - ; **тоҷикӣ**: калиди гайкатобӣ || калиди мурваттоб [kalidi gayikatôbi || kalidi murvattôb], **форсӣ**: آچار||آچارتخت [āčār || āčārtaxt], **дарӣ**:آچار مهره [āčār-e mohre]; **тоҷикӣ**: отвёртка || мурваттоб(ак), **форсӣ**: آچارپیچ گوشتی [āčār(e)pičgušti], **дарӣ**: پیچ تاو || پیچتاب [pêčtâb|| pêčtâw.

Тафовутҳо ва умумиятҳои назаррас дар байни теъдоди зиёди чунин ибораҳо, ки бо ин вожаҳо низ дар гунаҳои кунунии забони дарӣ сохта мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ба мушоҳида мерасад. Барои мисол истилоҳи “аппарат”- ро намуна меорем, ки он дар “Луғати русӣ-тоҷикӣ” дорои маъниҳои зайл: “асбоб, олат, дастгоҳ, аъзо, узвҳо, идора, кормандон... аст” [9, с.36] ва дар “Фарҳанги форсӣ ба русӣ” ба маъниҳои: аппарат, асбоб, мошин, агрегат, олот, система” буда, дар сохтани ибораҳои истилоҳӣ [13, с.637] низ хеле зиёд ба кор рафтааст: т**оҷикӣ**: аппарати аксгирӣ (суратгирӣ) || дастгоҳи аксгирӣ (суратгирӣ) [apparati aksgiri (suratgiri) || dastgôhi aksgiri (suratgiri)]; аппарати телефон || дастгоҳи телефон [apparati telefôn || dastgôhi telefôn], дастгоҳи ҳарротӣ [dastgôhi harrôti], дастгоҳи дуредгарӣ [dastgôhi duredgari], дастгоҳи бофандагӣ [dastgôhi bôfandagi], дастгоҳи челонгарӣ [dastgôhi čelāngari], дастгоҳи тарошкорӣ [dastgôhi tarôškôri]; узвҳои сомеа [ůzvhôi sômea]; узвҳои нафаскашӣ [ůzvhôi nafaskaši]; **форсӣ**:دستگاه سنگ زنی [dastgāh-e sangzani], دستگاه اتوماتیک [dastgāh-e otumātik], دستگاه تخلیه هوا [dastgāh-e taxliye-ye havā], دستگاه تولید برق[dastgāh-e toylid-barq], دستگاه تیزگری [dastgāh-e tizgari], دستگاه حرارت مرکزی [dastgāh-e harārat-e markazi], دستگاه حفر [dastgāh-e hafr], دستگاه خاموش کننده [dastgāh-e xāmuškonande], دستگاه دهنده [dastgāh-e dehande], دستگاه فرستنده [dastgāh-e ferestande], دستگاه ضبط صوت [dastgāh-e zabt-e soyt], دستگاه برقی لحیم [dastgāh- lahim-e barqi], دستگاه آب مقطر [dastgāh-e āb-e moqattar], دستگاه ابزار دقیق [dastgāh-e abzār-e daqqiq], دستگاه اتصالی [dastgāh-e ettesāli] دستگاه حیا[dastgāh-e ehyā], دستگاه الکترولیزر [dastgāh-e elektrulizar], دستگاه حرک انتقال[dastgāh-e enteqāl-e harakat], دستگاه اندازه گیری [dastgāh-e andāzegiri], دستگاه بالابر[dastgāh-e bālābar], اکسیژن برش دستگاه[dastgāh – e boreš -e oksižen], دستگاه برقی جوشکاری [dastgāh-e barqi -e juškāri], دستگاه بهبود آب تغذیه [dastgāh – e behbud- e āb- e taqziye], دستگاه تالیوم اندازه گیری اکسیژ [dastgāh- e tāliyum - e andāzegiri - ye oksižen], اندازه گیری تالیوم ه دستگا گاز [dastgāh- e tāliyum- e andāzegiri- ye gāz], دستگاه تبخیر [dastgāh- e tabxir], تثبیت کننده دستگاه [dastgāh-e tasbitkonande], دستگاه تجزیه ایزوتوپ ها [dastgāh-e tajziye-ye izutuphā], دستگاه تراشکاری [dastgāh- e tarāškāri], دستگاه تست مقاومت بتن [dastgāh-e test-e moqāvemate beton], دستگاه تصفیه آبهای آلوده، - فاضلات [dastgāh-e tasfiye-ye ābhā-ye ālude, - fāzelāt], دستگاه تصفیه روغن [dastgāh-e tasfiye-ye royqan], دستگاه تغذیه و هوازدایی [dastgāh-e taqziye va havāzedāyi], دستگاه تقطیر [dastgāh-e taqtir], دستگاه تکثی [dastgāh-e taksir], دستگاه توربین [dastgāh-e turbin], دستگاه ثبات [dastgāh-e sabāt], دستگاه جذب کننده[dastgāh-e jazbkonande], دستگاه جوشکاری [dastgāh-e juškāri], دستگاه چرخشی [dastgāh-e čarxeši], دستگاه چیلر [dastgāh-e čiler], دستگاه خاک برداری [dastgāh-e xokbardāri], دستگاه خشک کن [dastgāh-e xoškkon], دستگاه خشک کن هوا [dastgāh-e xoškkon-e havā], دستگاه دریل [dastgāh-e deril], دوده زدایی دستگاه [dastgāh-e dudezedāyi], دستگاه رنگ آمیز [dastgāh-e rangāmiz], دستگاه زغال ژنراتور [dastgāh-e zoqāl-e ženerātur], دستگاه سابکاری برقی [dastgāh-e sābkāri-ye barqi] دستگا ه سردکننده تزریقی بخار [dastgāh-e sardkonande-ye tazriqi-ye boxār], دستگاه سند بلاست (شن پاشی) [dastgāh-e send belāst (šenpāši)], دستگاه سنگ جت [dastgāh-e sang-e jet], دستگاه سنگ جت برشکاری [dastgāh-e sang-e jet-e boreškāri], دستگاه سنگ جت سابکاری [dastgāh-e sang-e jet- e sābkāri], دستگاه سنگ سمباده [dastgāh- e sang- e sombāde], دستگاه صفحه تراش [dastgāh- e safhetarāš], دستگاه عیب یاب [dastgāh-e eibyāb],

فرزکاری [dastgāh- e frezkāri], دستگاه کنترل تحریک [dastgāh- e kontrol- e tahrik], گازگیری دستگاه [dastgāh-e gāzgiri], دستگاه گریز از مرکز [dastgāh-e goriz az markaz], دستگاه لوله خم کن [dastgāh-e lulexamkon] مبدل بخار دستگاه [dastgāh-e mobadal-e boxār], مخلوط کن دستگاه [dastgāh-e maxlutkon], دستگاه مشخص نمودن درصد [dastgāh-e mošaxxas namudan-e darsad], دستگاه موزاییک ساب [dastgāh-e myzāyiksāb], دستگاه نمک زدایی [dastgāh-e namakzedāyi], هدایت کننده دستگاه (نازل) [dastgāh-e (nāzel) hedāyatkonande], (فشارضعیف)دستگاه ولتاژ پایین [dastgāh-e voltāž-e pāyin (fešār-e zaif)], دستگاه های بالابر [dastgāhhā-ye bālābar], دستگاه اعصاب [dastgāh-e a'sāb], دستگاه تنفس [dastgāh-e tanaffos], رویش دستگاه [dastgāh-e ruyeš], دستگاه گوارش [dastgāh-e guvāreš], دستگاه متری [dastgāh-e metri], معادلات دستگاه [dastgāh-e moādelāt], دستگاه نساجی [dastgāh-e nasāji], دستگاه خودکار [dastgāh-e xodkār], دستگاه چاپ [dastgāh-e čāp]; **дарӣ**: دستگاه برق [dastgâh-e barq], دستگاه برمه [dastgâh-e barme], خشک سازی دستگاه [dastgâh-e xošksāzi], رادیو دستگاه [dastgâh-e râdiyu], دستگاه دولتی [dastgâh-e doylati], بافندگی (کارگاه) دستگاه [dastgâh-e (kârgâh-e) bâfandagi], دستگاه اتوماتیک [dastgâh-e atumâtik], دستگاه انتقالکننده [dastgâh-e enteqâlkonanda], دستگاه برق آبی [dastgâh-e barq-e âbi], دستگاه برق حرارتی [dastgâh-e barq-e harârati], ه دستگا سرمیزی برمه [dastgâh-e barmaiyi sarmizi], دستگاه برمه عمودی [dastgâh-e barmayi amudi], بی سیم دستگاه[dastgâh-e besim], دستگاه کننده پخش [dastgâh- e paxškonanda], دستگاه ترمیم ثابت [dastgâh-e tarmime sâbit], دستگاه ترمیم سیار [dastgâh-e tarmime sayâr], تیزکاری دوطرفه دستگاه [dastgâh-e tezkāriye dutarafa], دستگاه تیل کشی [dastgâh-e telkaši], دستگاه حلاجی [dastgâh-e hallâji], دستگاه خراطی [dastgâh-e xarrâti], دستگاه عدل بندی [dastgâh-e adᵉlbandi], دستگاه گیرنده [dastgâh-e giranda].

Аз теъдоди ибораҳои мазкур чунин бармеояд, ки корбурди ин вожа ва бо он сохта шудани ибораҳои истилоҳӣ дар гунаи форсӣ нисбат ба гунаҳои тоҷикӣ ва дарӣ хеле ривоҷ ёфта, шумораи ибораҳои сохтаи он ба ҳаштод расидааст, ки бахши бештари онҳо дар шакли мураккаб ба кор рафтаанд. Миқдори ибораҳои бо ин калима ташкилёфта дар гунаи тоҷикӣ даҳ ва дар гунаи дарӣ ба бисту ду баробар аст, ки онҳо на танҳо аз лиҳози сохт, балки аз назари шеваи корбурдашон низ тафовут доранд. Масалан, ибораи истилоҳии гунаи тоҷикӣ: "аппарати аксгирӣ (суратгирӣ) || дастгоҳи аксгирӣ (суратгирӣ) [apparati aksgiri (suratgiri) || dastgôhi aksgiri (suratgiri)]" аз шакли корбурди ибораи гунаи форсии "دستگاه عکاسی " [dastgāh-e akkāsi] ва аз шакли корбурди гунаи дарии он: " کامره عکاسی " [kâmra-ye akkâsi] тафовут дошта, бо маънои ифодакардаашон ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд. Инак, чанде аз навъи ибораҳои сохташудае, ки хосси ин гунаҳои забони дарӣ буда, аз мисолҳои дар боло нишон додашуда интихоб шудаанд: 1. Истилоҳибораи "дастгоҳи челонгарӣ" [dastgôhi čelāngari] хосси гунаи тоҷикӣ буда, ҷузъи тобеи он сифати "челонгарӣ" дар гунаҳои форсӣ ва дарӣ ба кор бурда намешавад. Ва ба ивази он, дар гунаҳои мазкур вожаи "харротӣ" мавриди корбурд қарор мегирад, ки ба гунаи тоҷикӣ низ хос аст, мисли ибораи "дастгоҳи ҳарротӣ" [dastgôhi harrôti]. Айни ҳолатро дар ибораи "дастгоҳи дуредгарӣ" [dastgôhi duredgari] ҳам мушоҳида мекунем, ки хосси гунаи тоҷикӣ буда, ба ивази ҷузъи тобеи он "дуредгарӣ", ки дар гунаи форсӣ ба шакли "درودگری " [dorudgari] ва дар гунаи дарӣ ба шакли "درودگری " [dorudgari] ва [darudgari] аст, ба кор меравад. Бо ин вожа сохта шудани сифат ва ба вазифаи ҷузъи тобеи чунин ибораҳо мавриди истифода қарор гирифтани он дар гунаҳои форсӣ ва дарӣ ба мушоҳида нарасид, гарчанде имконпазир низ ҳаст. Дар баъзе ҳолатҳо ба ивази он вожаи "نجاری " [najjāri], истифода шуда, бо ҷузъи асосӣ ибора месозад, мисли "دکان نجاری" [dokān-e najjāri], " کارهای نجاری" [kārhā-ye najjāri], "مصنوعات نجاری" [masnu'ât-e najjāri] ва ғайра, ки дар мавқеи худ ин навъи ибораҳоро ҳам мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Ҷузъи тобеи ибораи "дастгоҳи бофандагӣ" [dastgôhi bôfandagi] вожаи "бофандагӣ" [bôfandagi] буда, дар се гунаи забон мавриди истифода қарор гирифтааст ва дар баробари ин дар гунаи форсӣ калимаи " نساجی" [nassāji] низ ба кор бурда мешавад, мисли "دستگاه نساجی " [dastgāh-e nasāji], ки бештар ривоҷ ёфтааст. Дар гунаҳои форсӣ ва дарӣ ба ивази ибораҳои "دستگاه درودگری" [dastgāh-e dorudgari], "دستگاه تراشکاری" [dastgāh-e tarāškāri] инчунин, метавон аз ибораи: " دستگاه خراطی" [dastgâh-e xarrâti], ки дар гунаи тоҷикӣ низ ба кор меравад, кор гирифт.

2. Бахши дигаре ки дар ин зергурӯҳи номҳо мавриди таҳлили қиёсӣ қарор гирифт, абзоролоти рӯзмаррае аст, ки дар гунаҳои ин забон бештар умумияти шаклӣ ва тафовутҳои овоӣ доранд. Чанде аз чунин номҳо боз хусусияти онро низ доранд, ки дар як гуна бештар, ҳам дар гуфтору навиштор ва дар гунаи дигар кам, яъне танҳо дар гуфтор ё навиштор, мавриди истифода қарор мегиранд. Монанди вожаҳои "**зоғнӯл**" [zoqnul], "**қаҷбел**" [kajbil]. Дар баробари ин боз номҳое ҳам вуҷуд доранд, ки дар ин ё он гунаи забон чун "**хиш**" [xiš]

дар шакли устувор боқӣ ва ба кор бурда мешаванд. Аз ҷумла дар **тоҷикӣ**: гулдон [goldân], обпош [âbpâš], чангак [čangak], бел [bel], белча [belča], каҷбел [kajbel], зоғнул [zâqnul], дос [dâs]; **форсӣ**: گلدان[goldān],آب پاش [ābpāš], چنگک [čangak], خیش [xiš], بیل [bil], بیلچه [bilče], کج بیل [kajbil], کلنگ[kolang],داس [dās]; **дарӣ**: گلدان [goldân],آب پاش [âbpâš], چنگک [čangak], بیل [bel], بیلچه [belča], کج بیل [kajbel], زاغ نول [zâqnul] / کلنگ [kolang] /, داس (dâs).

Дар шакли ибора ба кор рафтани чунин номҳо низ дар се гунаи ин забон ҳолати муқаррарӣ аст. Тафовут дар ин навъ ибораҳо, асосан замоне бештар ба назар мерасад, ки агар ин номҳо бо ҷузъҳои мухталифи тобеъ ибора сохта бошанд, яъне чун ҷузъҳои тобее, ки сифати нисбии онҳо дар шакли мураккаб ба кор рафтаанд. Масалан, дар ибораҳои тоҷикии: “**қайчии токбурӣ** [qayčiyi tâkburi]”, “ - **чокбурӣ** [čâkburi]”, “ - **оҳанбурӣ** [âhanburi]”, “- **шохбурӣ** [šâxburi]” ҷузъҳои тобеъ ҳамагӣ сифати нисбӣ буда, аз исмҳои мухталиф “ **ток**, **чок, оҳан, шох**” ва феъл аз масдари “**буридан** + пасванди “- **ӣ**” сохта шудаанд

Дар ибораҳои форсии “**قلم زنی قیچی** [gheyči-ye qalamzani] **چمن قیچی زنی** [qeyči-ye čamanzani] бошад, ҷузъи тобеъ сифати нисбӣ буда, аз исмҳои “قلم ، چمن” бо феъл аз масдари “**задан +** пасванди “- **ӣ**” сохта шудаанд ва бо ин хусусияташон аз ҳамдигар тафовут доранд: قلم زنی قیچی [qeyči-ye qalamzani], قیچی چمن زنی [qeyči-ye čamanzani], ماشین چمن زنی [mâšin-e čamanzani].

Дар ибораҳои гунаи дарӣ чунин ҳолат каме дигар буда, таъсири дутарафаи гунаҳои мазкур, яъне тоҷикӣ ва форсӣ баръало мушоҳида мешавад: بیل جویه کشی [bel-e jôyakaši], قیچی آهن بری [qayči-ye âhanburi]/ آهن پاره قیچی [qayči-ye âhanpâra] /, قیچی شاخبری [qayči-ye šâxburi].

Вожаҳои асосии чунин ибораҳо, исмҳои ифодакунандаи номи абзоролот буда, ҷузъҳои тобеъ метавонанд бо сифатҳои нисбии нишондиҳандаи макон ва бо сифатҳои нисбии ифодакунандаи маъниҳои миқдор ва ... ифода шаванд: а) ҷузъҳои тобеъ бо сифатҳои нисбии нишондиҳандаи макон: **тоҷикӣ**: гулдӫни чинӣ [goldâni čini], **форсӣ**: چینی گلدان [goldān-e čini]; **дарӣ**:چینی گلدان [goldân-e čini]; б) ҷузъҳои тобеъ бо сифатҳои нисбии ифодакунандаи маънои миқдор: **тоҷикӣ**: зоғнӯли дусара [zâqnuli dusara], **форсӣ**: دوسره کلنگ (kolang-e dosare), **дарӣ**: زاغ دوسره نول [zâqnul-e dusara]; в) ҷузъҳои тобеи ибораҳои мазкур аз кадом мавод сохта шудани калимаи асосиро шарҳ медиҳанд: **тоҷикӣ**: белчаи чӯбӣ [belčai čubi], **форсӣ**: کج بیل آهنی [kajbil-e āhani], **дарӣ**: آب پاش پلاستیکی [âbpâši pelâstiki]; г) ҷузъҳои тобеи ибораҳо ба кадом пешаву кор равона шудани вожаи асосиро шарҳ медиҳанд: **тоҷикӣ**: қайчии токбурӣ [qayčiyi tâkburi], **форсӣ**:قیچی باغبانی [qeyči-ye bāqbāni], **дарӣ**: بیلچه باغبانی [belča-ye bâqbâni).

В) Дар зергурӯҳи сеюм номи абзоролоте қиёс ва таҳлил мешавад, ки аз лиҳози баромад нисбат ба ду зергурӯҳои фавқ навзуҳур буда, баъзе аз номҳои ашёи нишондиҳандаи онҳо низ аз ҷиҳати сохт то андозае тағйиротро аз сар гузаронидаанд. Онҳо чун вожаҳои боло дар шакли алоҳида ва ҳам дар шакли ибора мавриди истифода қарор мегиранд. Дар байни ин номҳо номвожаҳои иқтибосӣ ва тарҷумашуда низ ба назар мерасанд.

1. Бахши нахусти ин зергурӯҳро номҳое ташкил медиҳанд, ки дар корбурди онҳо тафовутҳои зиёде рух додаанд. Масалан, дар гунаи **тоҷикӣ**, ба ивази номи “**андова**” [andôva] ва “**андовачӯб**” [andôvačub], ки он аз масдари “андовидан” [andôvidan]ва исми“чӯб” [čub] сохта шудааст, вожаи иқтибосии “**мастерок**” (masterôk) ва ба ивази номи “**андовача**” [andôvača], ки он низ аз масдари “андовидан” (andôvidan) бо иловаи пасванди хурдии “ча” (ča) ба кор рафтааст, вожаи иқтибосии “**шпател**(ь)” [špatel] мавриди истифода қарор гирифта буду ҳаст, ки ҳоло ҳам дар корҳои сохтмони истифода мешаванд [9, с.1221].

Дар гунаи **форсӣ** вожаи ماله [mâle] бештар ифодакунандаи шпатели хурди секунча бо дастаи чӯбӣ буда, шпателҳои хурди кордчашакли нӯгтез, нӯгпаҳн ва дарозшакл бо вожаи “ **کاردک** ” [kārdak] ифода мешаванд. Вожаи “ **мола**” [māla] бошад, ҳоло дар гунаи тоҷикӣ ба маънои “ **мола** ” ва “ **сихмола** ”, абзоре аст, ки барои ҳамвор кардани замини баъди шудгор ба кор бурда мешавад, на ба маънои калимаи иқтибосии “**шпател**”.

Дар гунаи **форсӣ** ба ивази “**андовачӯб**” [andôvačub]-и гунаи **тоҷикӣ** вожаи “ **کمچه** ” [kamče] мавриди истифода қарор гирифааст, ки он дар гунаи **дарӣ** бо номи “**گل ماله** ” [gelmâla] ба кор меравад. Вожаи “ **کمچه** ” [kamče] [13, с. 350] дар гунаи форсӣ нахуст дорои маъниҳои умумии “**кафгир** [kafgir], **қошуқ** [qâšuq], **малоқе** [malâqe]” буд ва сипас чун истилоҳ ба маънои “андовачӯб” [andâvačub] ба кор рафта, сабаби тафовут байни гунаҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ шуд.

Айни чунин ҳолатро мо дар истифодаи номи лавозимоти дигари ин бахш низ дучор меоем. Масалан, ба ивази номи “**занбарғалтак**” [zanbarghaltak], ки дар гунаи **тоҷикӣ**

маънои “**аробаи якчархаи борбарӣ**”-ро дорад, вожаи **форсии** “ **فرغون** ” [forghun] ва дар гунаи **дарӣ** “ **کراچی** ” [karâči] мавриди истифода қарор гирифт. Вожаи “ **گردبر** ” [gerdbor] дар гунаи **форсӣ** ба маънои олате, ки наҷор бо он чӯбро сӯрох мекунад, яъне ба мисли **парма**, вале шаклан тафовут доранд. Ба ҳамин монанд истилоҳи “ **قلم مو** ” [qalammu], ки дар гунаи **форсӣ** барои рассомӣ ва рангмолӣ ба кор бурда мешавад. Ин вожа дар гунаи **тоҷикӣ** дар шакли пешу ақиб омадани ҷузъҳо, яъне дар шакли “**мӯқалам**” [muqalam] ва дар гунаи **дарӣ** дар шакли “ **مویک** ” [muyak) корбаст шудааст. Дар гунаи форсӣ ва дарӣ ба ивази он вожаи иқтибосии “ **برس**” [bros], ки дар гунаи **форсӣ** дар шакли талаффузи [**bros**] ва дар гунаи **дарӣ** бо талаффузи [bors], агарчи онҳо, ба қавли муаллифи Фарҳанги Амид: “ ... қаламе, ки дар сари он дастаи кучаке аз мӯйи аспи кор мегузоранд ва бо он наққошӣ мекунанд” [15, с. 799] аст. Ва дар шакл “ قلم موی درشت ” [qalammu- ye dorošt] низ маъмул шудааст. Вожаи боло дар гунаҳои **форсӣ** ва **дарӣ** дар шакли ибора низ ба кор меравад: “ **برس رنگ**” [bros-e rang], **برس بوت** [bors-e but] ва аз лиҳози талаффуз тафовут доранд. Вожаи “**قیف** ” [qif] дар гунаи форсӣ ба маънои “олати филизӣ ё шишаи даҳонгушод, ки дунболаи он шабеҳи лӯла аст ва моеъотро ба василаи он дар зарфҳои даҳонтанг мерезанд, “**кеф**” низ гуфта шуда” [15, с. 804]. Ин истилоҳ дар се гунаи забон дучор меояд ва аз лиҳози талаффуз ҳам шабеҳи якдигар мебошанд, ба ҷуз ин дар гунаи **тоҷикӣ** шакли “**воронка**” [**voronka**], ки он аз забони русӣ иқтибос шудааст, бештар мавриди корбурд қарор дорад. Бахши мазкур дорои истилоҳоти иқтибосии зиёде низ мебошад, ки дар ин гунаҳои забони дарӣ ба мушоҳида мерасанд: “ **متر**” [metr], “ **پیت**” [pit], “ **شلنگ** ” [šlang].

Дар навишти вожаи иқтибосии “ **metr** ”, умумият ба назар расида, дар талаффузи гунаи дарии он то дараҷае тафовути овоӣ ҳис карда мешавад, ки чунин ҳолат баъзан дар талаффузи гунаи тоҷикӣ, бахусус дар забони гуфторӣ низ дучор меояд.

Вожаи иқтибосии “ **pit** ” [pit] хосси гунаи **форсӣ** буда, дар гунаҳои **тоҷикӣ** ва **дарӣ** муодилҳои онро метавон дучор омад, ки умумият ва тафовутҳои онҳо дар зер бо мисолҳо зикр ёфтааст.

Калимаи иқтибосии “ **šlang** ” [šlang] дар ду гуна **тоҷикӣ** ва **форсӣ** хеле маъмул буда, дар гунаи дарӣ, мавриди корбурд қарор нагирифтааст. Тарзи навишти ин вожа дар гунаи тоҷикӣ дар шакли асл ва дар гунаи форсӣ бо иловаи “ **یاء** ” [йа] аст, ки дар мисолҳо тафовут ва умумиятҳои онҳо нишон дода шудаанд: **тоҷикӣ**: метр [metr], **форсӣ**: متر [metr], **дарӣ**: متر [métᵉr]; **тоҷикӣ**: бак / битон [bak / bitôn]; **форсӣ**: پیت /مخزن / باک [pit /maxzan / bâk], **дарӣ**: تانک / مخزن / آبدان/ [tânk / maxzan / âbdân]; **тоҷикӣ**: шланг / рӯда [šlang / ruda], **форсӣ**: شیلنگ /پلاستیکی لوله / لاستیکی شیلنگ [šilang / lule -ye pelāstiki / šilang-e lāstiki] , **дарӣ**:نل رابری / پیپ [nal-e râbari / paip].

Сохта шудани ибораҳо ва ё дар шакли асл ба кор рафтани онҳо низ яке аз ҷиҳатҳои асосии ин бахш буда, чи гуна ба таҳаввулоти сохторӣ гирифтор шудани онҳоро нишон медиҳад, ки дар бисёре аз чунин ибораҳо, аз ҷумла, дар ибораҳои бо вожаҳои хориҷии пазируфташуда ташкил ёфтани онҳо ба мушоҳида мерасанд: **тоҷикӣ**: “ баки тунука” [baki tunuka], “баки об” [baki ôb], “баки бензин” [baki benzin]; “шланги борик” [šlangi bôrik], “шланги дароз” [šlangi darôz], “шланги резинӣ” [šlangi rezini]; **форсӣ**: “ مخزن تغذیه” [maxzan-e taqziye], “مخزن ته نشین ” [maxzan- e tahnešin], “ مخزن خلاء” [maxzan-e xalā’], “ مخزن سوخت” [maxzan-e suxt]; “ [شیلنگ (لوله) پلاستیکی ” [šilang-e (lule-ye) pelāstiki), “شیلنگ خرطومی ” [šilang-e xortumi]; “حلبی پیت ” [pit-e halabi], **дарӣ**: “ رابری پیپ ” [paip-e râbari], “ پیپ حریق” [paip-e hariq], “ کرمچی پیپ” [paip-e kermeči]; “ آب تانک ” [tânk-e âb], “ تانک پترول ” [tânk-e petrul], “ تیل تانک ” [tânk-e têl]; “ مخزن تیل ” [maxzan-e til].

Тавре ки аз таҳлили қиёсии ибораҳои ин гунаҳои забон маълум гардид, ҷузъи асосии онҳо, ки худ вожаи иқтибосӣ мебошанд, вожаи иқтибосии дигареро низ тобеъ намуда, ибора сохта, маъниҳои гуногунро ифода мекунанд, ки чанде аз мисолҳои дар боло зикрёфта шоҳиди ин гуфтаҳо буда метавонанд.

Бисёре аз чунин номҳои абзоролоти навзуҳур ва ё қаблан мавҷудбудаи ин бахш низ ибораҳо сохтаанд, ки дар корбурди шаклу талаффузи онҳо бештар тафовутҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар гунаи тоҷикӣ бо вожаҳои иқтибосшудаи “**клей**” [klei] ва “**ролик**” [rôlik] сохта шудани ибораҳо маъмул шудааст, ҳол он ки метавон чунин ибораҳоро бо вожаҳои мутародифи онҳо, яъне бо вожаҳои “**елим**, **шилм**, **ширеш**” низ сохт, мисли оне, ки бо калимаи “**елим**” ибораи “**елими дуредгарӣ**” [9, с. 391] сохта шудааст. Айни ҳолатро дар корбурди вожаи иқтибосии “**ролик**” ҳам метавон мушоҳида кард. Фарҳангнигорон борҳо кӯшиш кардаанд, ки ба ивази он вожаи “**ғалтак**” [qaltak], ки ифодагари чандин чунин маъноҳо мебошад, ба кор бурда шавад, вале новобаста ба ин корбурди вожаҳои мазкур дар сохтани ибораҳо боз ҳам бештар шуда истодаанд. Дар гунаи **форсӣ** равиши зикршуда дар қиёс бо гунаҳои **тоҷикӣ** ва **дарӣ** дигар буда, ҳар чӣ бештар устуворшавии онҳо

мутобиқи талаботи ин гунаи забон сурат мегиранд, ки мисолҳои дар зер овардашуда, гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд: **тоҷикӣ**: “клейи коғаз” [kleiyi kôqaz), “клейи дуредгарӣ” [kleiyi duredgari], “клейи резин” [kleiyi rezin] “клейи момент” [kleiyi môment]; “ ғалтаки (ролики) краскакунӣ (рангуборкунӣ) ” [qaltaki (rôliki) kraskakuni / rangubôrkuni], **форсӣ**: “چسب حرارتی ” [časb-e harārati),“چسب قطره ای” [časb-e qatreyi], “چسب دوقلو [časb-e doqolu], “لاستیک چسب” [časb-e lāstik]; “ غلتک نقاشی ” (ghaltak-e naqqāši], “ غلتک بالابر” [qaltak-e bālābar], “ لرزه ای غلتک” [qaltake larzeyi]; **дарӣ**: “سر ش نجاری ” [sereš /siriš-e najjâri], “ سرش کاغذ ” [siriš-e kâqaz].

Истилоҳи дигаре, ки аз навъи вожаҳои ин гурӯҳ аст, номвожаи иқтибосии “ پمپ” [pomp] аст, ки дар гунаҳои **форсӣ** ва **дарӣ** хеле маъмул буда, бо вожаи иқтибосии “ **насос**” [nasâs], ки аз забони русӣ ба гунаи **тоҷикӣ** ворид шудааст, ҳаммаъно мебошад. Бо ин номвожа дар гунаи форсӣ зиёда аз сӣ ибораи содаву мураккаби истилоҳӣ сохта шудааст, ки ҳамарӯза дар соҳаҳои мухталиф, бахусус дар саноати сабуку вазнин ва техникӣ, мавриди корбурд қарор мегиранд. Инак, чанде аз ин ибораҳои сохтаи онҳо дар шакли сода ва мураккаб мисол оварда мешаванд:

а) дар шакли ибораҳои сода ба кор рафтани онҳо дар гунаи **форсӣ**: “ پمپ تخلیه ” [pomp-e taxliye], “ پمپ تزریقی” [pomp-e tazriqi], “ پمپ بنزین ” [pomp-e benzin], “ پمپ خلاٴ” [pomp-e xalā’], “ پمپ بالابر” [pomp-e bālābar], “ پمپ تغذیه ” [pomp-e taqziye], “ پمپ شناور” [pomp-e šenāvar];

б) дар шакли ибораҳои мураккаби сеҷузъа ба кор рафтани онҳо дар гунаи **форсӣ**: “ پمپ مصرف داخلی” [pomp-e masraf-e dāxeli], “پمپ تغذیه برقی ” [pomp-e taqziye-ye barqi], “ پمپ اضطراری آب ” [pomp-e ezterāri-ye āb], “پمپ خلاٴ فواره ای ” [pomp-e xalā’-e favāreyi];

в) маънии истилоҳӣ, баъзан дар шакли рабтёбии ибораҳо сурат гирифтааст, ки ибораи дуюми тамомкунандаи маънӣ ба шумор рафта, ҳар кадоме сеҷузъии мураккаб мебошанд. Дар ин бахши гунаи **форсӣ** бо ин шева сохта шудани истилоҳот хеле нодир маҳсуб мешавад: “ پمپ خانه آبهای تخلیه واحد تصفیه روغن ” [pompxāne-ye ābhāye taxli-ye va vāhed-e tasfiye -ye royqan].

г) дар шакли ибораҳои мураккаби чаҳорҷузъа ба кор рафтани онҳо дар гунаи форсӣ. Ин навъи ибораҳо дар ин бахши гунаи форсӣ нисбат ба ибораҳои сеҷузъии мураккаб хеле кам ба назар мерасанд: “ پمپ پیچ سیم کن خنک ر استاتو ” [pomp-e xonokkon-e simpič-e estātur].

Дар гунаи **форсӣ** бо ин вожа сохта шудани вожаҳои мураккаб ва дар шакли ҷузъҳои асосии ибораҳои истилоҳӣ ба кор рафтани онҳо низ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки шоҳиди ин ибораҳои зер буда метавонанд: “پمپ آتش نشانی خانه ” [pompxāne-ye ātešnešāni], “ پمپ خانه ساحلی ” [pompxāne-ye sāheli], “پمپ خانه مرحله اول ” [pompxāne-ye marhele-ye avval), “ پمپ خانه مایعات نسوز ” [pompxāne-ye māye’āt-e nasuz].

Дар гунаи **форсӣ** инчунин вожаи “ تلمبه ” [tolombe] низ чун муродифи калимаи “ پمپ ” [pomp] ба кор рафтааст. Тибқи нишондоди фарҳангҳо [13, с. 394] бо ин вожа ҳам сохта шудани ибораҳои истилоҳӣ ба назар мерасад, вале дар қиёс бо калимаву ибораҳое, ки бо вожаи фавқ сохта шудаанд, ниҳоят кам буда, корбурди он дар гунаҳои **тоҷикӣ** ва **дарӣ** низ ба мушоҳида нарасид.

Бо истилоҳи мазкур сохта шудани калимаву ибораҳо дар гунаи **форсӣ**, мисли: “ دوچرخه تلمبه” [tolombe-ye dočarxe] зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Вожаи мазкур дар гунаи **дарӣ** низ мавриди истифода қарор гирифтааст, вале шакли талаффузи он аз вожаи гунаи форсӣ тафовут дорад. Агар дар гунаи **форсӣ** ин вожаи иқтибосӣ тавре ки аз мисолҳои боло маълум гардид, дар шакли “ پمپ ” [pomp] талаффуз шуда бошад, пас дар гунаи **дарӣ** ин вожа дар шакли “ پمپ” [pamp] [5, с. 170] талаффуз гардида, шакли навишти онҳо ҳамсон аст. Инак, чанд мисол бо корбурди ин вожа, ки хосси гунаи **дарӣ** аст, зикр мегардад: “پمپ ستیشن” [pamp-e sᵉ têšan], “ پترول پمپ ” [pamp-e petrôl], “ پمپ خلاٴ ” [pamp-e xalâ’], “ ویکم پمپ / واکوم ” [pampe waikam / wâkum].

Дар гунаи **дарӣ** ба вожаҳои мураккаб табдил ёфтани чанде аз ин ибораҳо ва дар шакли таъвизи ҷой (инверсия) омадани онҳо низ ба мушоҳида расиданд, ки онҳо хоси ин гуна мебошанд, мисли: “ واترپمپ ” [wâtarpamp], “پترول پمپ ” [petrôlpamp], “ ستیشن واترپمپ” [sᵉ têšan-e wâtarpamp]...

Вожаи мазкур, тавре ки аз мисолҳои дар боло зикрёфта бармеояд, хосси гунаҳои **форсӣ** ва **дарӣ** буда, дар гунаи **тоҷикӣ** ба мушоҳида нарасид ва ба ҷойи он дар ин гуна калимаи иқтибосии “ **насос** ” [nasôs] аз забони русӣ ҷойгузини он гардид. Аз тарафи дигар, муаллифони баъзе аз луғатҳо [9] низ ҷаҳд намудаанд, ки ба ивази ин вожа, калимаи “**обдуздак**” [ôbduzdak]- ро ба кор баранд, вале он то ба ҳол ҳам бенатиҷа боқӣ монд, ки шоҳиди ин мисолҳои зиёди ин гунаи забон буда метавонад: **тоҷикӣ**: “насоси ҳавоӣ” [nasôsi havôi], “насоси оташнишонӣ” [nasôsi ôtašnišôni], “насоси обкашӣ ” [nasôsi ôbkaši].

Мо дар ин қисмати кор ба ҷуз таҳлили қиёсии вожаҳо, инчунин тафовутҳо ва умумиятҳои истилоҳоти таҷҳизот ва абзору асбоби рӯзгорро дар гунаҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарии забони дарӣ, ки чун се забони дорои меъёрҳои мухталиф дар се кишвар пазируфта шудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Навъҳои дигари муқоисаи чунин вожаҳо ва истилоҳот дар мақолаи пажӯҳишҳои баъдӣ ба нашр хоҳад расид.

А Д А Б И Ё Т

1. Афганско-русский словарь. Составитель П. Б. Зудин. Государственное издательство иностранных и национальных словарей. – М., 1950. - 540 с.
2. Бурҳони Қотеъ: таълифи Муҳаммад Ҳусайн бинни Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон; бо эҳтимоми доктор Муҳаммад Муин. Иборат аз панҷ ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1361. - Ҷ.1.; - 1361. - Ҷ.2.; - 1361. - Ҷ.3.; - 1361. - Ҷ.4.
3. Восканян Н.А. Русско-персидский словарь / Н.А.Восканян. – М., 1986. - 830 с.
4. Галунов Р.А. Русско- персидский словарь / Р.А. Галунов. – М., 1937. - 650 с.
5. Дари-русский словарь; Л.Н. Киселева, В.И. Миколайчик. 2-изд., стереотип., с прил., новых слов. - М., 1986. - 752 с.
6. Дорофеева Л.Н. Язык фарси-кабули / Л.Н. Дорофеева. - М., 1960. - 126 с.
7. Лазар Ж. Общий язык иранских земель и его диалекты по текстам X-XI вв.. н. Э / Ж. Лазар // Народы Азии и Африки, 1961. - № 4. – С. 176-181.
8. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири А. Деҳотӣ ва Н.Н. Ершов. – М., Сталинобод, 1949. – 880 с.
9. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири М. Осимӣ. – М., 1985.- 1280 с.
10. Луғатномаи Деххудо. - Ҷ. 4. - Теҳрон, 1998. - 1430 с.
11. Миллер Б.В. Персидско- русский словарь / Б.В. Миллер. 3-е изд. - 1960. - 1432 с.
12. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - 387 с.
13. Среднеиранские языки. - М.1981. - 544 с.; Новоиранские языки: западная группа, прикаспийские языки. - М. 1982. - 571 с.
14. Персидско-русский словарь: В 2-х тт. 2-е изд., стереотип., с прил. новых слов. – М.: Рус. яз., 1983. – 1663 с.
15. Сулаймонӣ У. Пуризми забонӣ яке аз омилҳои фарққунандаи забони форсӣ ва тоҷикӣ // В сб.:Исследования по восточным языкам. - Душанбе,1988. -С. 4-11.
16. فرهنگ عمید . تألیف : حسن عمید. چاپ هجدهم. مؤسسهٔ امیر کبیر ــ تهران، 1361 ، 1144 ص.

ТАФОВУТҲО ВА УМУМИЯТҲОИ НОМҲОИ ТАҶҲИЗОТ ВА АБЗОРУ АСБОБИ РӮЗГОР ДАР ГУНАҲОИ ЗАБОНИ ДАРӢ

Гунаҳои забони дарӣ дар тӯли таърих рушду такомул ёфта, дорои умумиятҳо ва тафовутҳои назаррасе шудаанд. Дар мақолаи мазкур, мо кӯшиш намудем, ки танҳо тафовутҳо ва умумиятҳои номҳои таҷҳизот ва абзору асбоби рӯзгорро дар гунаҳои забони дарӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва муқоиса қарор дода, ба чӣ гуна тағйирот ва таҳаввулот гирифтор шудани онҳоро аз назар гузаронем. Ин масъала, тавре ки аз ҷараёни кор маълум гардид, дорои аҳаммият буда, моро, пеш аз ҳама, ба рафти рушду такомул ва таҳаввулоти гунаҳои ин забон, бахусус дар асри охир ошно месозад. Зимни таҳлилу таҳқиқ ва бахусус қиёс намудани ин вожаҳо, яъне номҳои таҷҳизот ва абзору асбоби рӯзгор дар ин гунаҳои забон мушаххас гардид, ки дар ҳар гунае аз ин забон дигаргуниҳои ҷиддие сурат гирифтааст, ки далелҳои овардашуда шавоҳиди ин гуфтаҳо буда метавонанд. Дар мақола, инчунин навъҳои вожаҳо ва истилоҳоти сохтаи онҳо ба се зергурӯҳ ҷудо карда шудаанд, ки ҳар кадоме аз ин зергурӯҳҳо дорои бахшҳои алоҳида мебошанд. Дар зергурӯҳи аввал ва дуюм вожаҳо ва ибораҳои бо онҳо сохташуда ба ду бахш ва дар зергурӯҳи сеюм ба як бахш ҷудо шуда, як ҷо бо онҳо ибораҳои чаҳорҷузъа низ ҳамроҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бояд зикр намуд, ки ибораҳои истилоҳӣ дар гунаҳои забони дарӣ хеле зиёд гардида, омили пайдоиши тафовутҳо миёни ин гунаҳои забон шуда истодаанд. Ин навъи ибораистилоҳот бештар дар гунаи форсии забони дарӣ, ки нисбат ба гунаҳои тоҷикӣ ва дарӣ имконияти бештареро доро аст, рушду такомул ёфта, аз ҳисоби роҳҳои мухталифи вожасозии дохилӣ пеш рафтаанд.

Калидвожаҳо: номҳои таҷҳизот, тафовутҳо ва умумиятҳои вожаҳо, корбурди ибраҳои истилоҳӣ, масоили мубрам, гунаҳои забони дарӣ, гурӯҳбандии вожаҳо.

СХОДСТВО И РАЗЛИЧИЯ НАЗВАНИЙ ИНВЕНТАРЯ И ОБОРУДОВАНИЯ В ВАРИАНТАХ ЯЗЫКА ДАРИ

Варианты языка дари развивались в течение длительного исторического времени и стали иметь значительное сходство и различия. В вышеупомянутой статье мы про старались проанализировать, исследовать и сопоставить только сходство и различия названий инвентаря и оборудования в вариантах языка дари и рассмотреть какими способами они подверглись изменению. Эта проблема, как стала известно в ходе работы, имеет важное значение и прежде всего знакомит нас с ходом развития и изменения в вариантах этого языка, в частности в XX веке. В ходе анализа и особенно при сопоставлении этих слов, то есть названий инвентаря и оборудования в вариантах языка дари стало известни, что в каждом варианте этого языка произошло важное изменения, о чем свидетеьствуют доводы этих высказываний. В статье, также разделены разновидности слов и терминов на три подгруппы, каждая из этих подгруп имеет отдельные разделы. В первую и вторую подгруппу слов и оборотов, построенных с этими словами, входят два раздела, в третьей подгруппе один раздел и вместе с ними исследованны четырехфазные обороты. Следует отметить, что число терминологических выражений в вариантах языка дари увеличилось и стало источником появления различий между этими вариантами языка. Типы выражений терминологии были разработаны более интенсивно на персидском варианте языка дари, который по сравнению с вариантами дари и таджикским имеют больше возможностей для развития за счет различных способов внутренного словообразования.

Ключевые слова: названия оборудования, сходство и различия слов, использование терминологических оборотов, важные проблемы, варианты языка дари, разделение слов.

DISTINCTION AND COMMONALITIES NAMES OF INSTRUMENTS AND HOUSEHOLD UTENSILS IN DARI VARIANTS

The variant of Dari language increased and attained during the history, and it has significance commonalities and differences. In this article we have only tried to research and analysis and also compare the names of the household tools distinctions and commonalities. Also to take under the considerations, how to faced in change and evolutions. This issue became known process of development and evolutions of this language variants. During research and analysis and specially comparing these terms namely made clear name of equipment and household utensils in Dari variants. In every variant from this language seemed serious difference and the fact which brought can be witnessed above mentioned words. As well in the article types of terms and their created terms divided into three subgroups and every subgroup have its separated sections and the third subgroup divided into one section. In together with them four partial phrases have been considered. It must be mentioned that the number of the terminological expressions in Dari language has increased and became the source of the appearance of differences between these types of languages. These types of expressions-terminologies were developed more intensively in the Persian Dari language that in comparison to the Dari and Tajik types have more opportunities todevelop on the account of different ways of internal word building.

Key words: equipment's name, differences and commonalities of phrases, usage of phrases terms, essential issues, variants of Dari language grouping of words.

Сведения об авторе: ***Сулаймони У.*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 919-13-08-25**

Information about the author: ***Sulaimoni U.*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 919-13-08-25**

УДК:491. 550-3

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В РОЛИ ГАЗЕТНЫХ ЗАГОЛОВОК

Саидов Х.А., Талабова Т.М.
Таджикский национальный университет

Фразеология – это сокровищница языка. Во фразеологизмах находит отражение не только история народа, а также своеобразие его культуры и быта. Фразеологизмы часто носят ярко национальный характер. Наряду с чисто национальными фразеологизмами в английской и таджикской фразеологии имеется много интернациональных фразеологизмов, а также заимствованных из других языков.

Таджикский язык сам по себе богат устойчивыми словосочетаниями. Примером таких фразеологических единиц могут быть рӯзи сахт, гули сари сабад, дасти пок, дили пок, роҳи сафед, сари сабз, чашм андӯхтан, аз дунё гузаштан и так далее. Например:

Минтақаи Кӯлоб: рӯзи сахт бигзарад [5]. Кулябский район: тяжелые дни проходят Kulyab district: rough days are passes.

Фразеологическая единица рӯзи сахт переводится на английский как roughday, hardday, difficultday, badday и так далее. Но более уместным было использовать roughday при переводе данного заголовка. Фразеологическая единица «рӯзи сахт» означает «тяжелые дни». Фразеологические единицы считаются одним из самых ярких, действенных средств языка, которые имеют такие качества, как эмоцианальность, экспрессивность, метафоричность и придают речи образность и выразительность. Посмотрим другой пример

Оё зиёиён гули сари сабади љомеаанд? [6]. Является ли интеллигенция социальным гвоздём программы. Are intelligentsia the man of the hour in social.

«Гули сари сабад» - это фразеологическая единица является одним из самых употребляемых фразеологизмов в таджикском языке. При переводе фразеологических единиц, мы распознаем, изучаем и постигаем культуру, быт и уклад социальной жизни отдельного народа, очень важно и необходимо учитывать особенности типологического строя языка. Н.А. Кобрина по этому поводу считает, что «несмотря на четкую референтную отнесенность, соотношение языковых форм и понятийных категорий далеко не однозначно. Точнее эта соотнесенность очень сильно зависит от типа языка. В языках синтетических понятийная категория и форма выражения часто соотнесены по типу закрепления: одно понятие – одна или несколько форм. Особенно это четко видно в системе классов слов – слова данного класса имеют четкие признаки их принадлежности к нему. В языках изолирующего типа соотношение иное: несколько понятий – одна языковая форма (так называемая полистатутность)» [1, с.43].

Табибон бояд дасту дили пок дошта бошанд [7].
Врачи дожны иметь чистые руки и сердца
Doctors must have clean hands and pure heart

Фразеологизм дили пок означает «чистое сердце» т.е совершенно искренне. Данный фразеологизм переводится на английский как «pure heart». Статья, из которой была заимствована вышеупотребленная фраза, посвящена докторам и медицине. В данной статье

говорится, что врачи должны не только обращать внимание на гигиену, но и иметь искренние сердца и помогать больным от чистого сердца бес корыстно. При незнании правильного перевода можно столкнуться с рядом трудностей и понять данную статью неправильно.

Для достижения максимальной адекватности при переводе фразеологизмов с английского языка на русский переводчик должен уметь воспользоваться различными «видами перевода» [2, с.80]

Как и таджикский язык, английский язык насыщен устойчивыми словосочетаниями и находится в постоянном движении и развитии. Английские фразеологические единицы широко используются в публицистическом тексте. Например:

IvanoTetelepta shows his **true colours** (8).

Ивано Тетелепта покажет свое истинное лицо.

Ивано Тетелепта симои аслии худро нишон дод.

Само по себе слово true – переводится как правда, истинный, настоящий, подлинный. А слово colour – цвет, цвет кожи, окрас, цветной, цветовой и так далее. Но в данном случае, оно употреблено как фразеологическая единица, которая переводится как истинное лицо, подлинная суть, в истинном цвете, настоящее лицо. Для перевода заголовка мы использовали «истинное лицо».

Rubicon Minerals To **Rise Like A Phoenix** From The Ashes? (9).

Рубикон Минералс восстал, как феникс из пепла?

Рубикон Минералс хамчун самандар аз хокистар бархест?

Феникс – это сказочная птица из греческой мифологии, которая похожа на орла, покрытая огненно-красным и желтым оперением. Живет феникс около 500 лет, перед смертью феникс сжигает себя и превращается в пепел, а из пепла возрождается маленький птенец. Феникс считается символом возрождения и обновления. "**Восстать, как Феникс из пепла**" - погибнуть и снова ожить. Со временем выражение «**восстать из пепла**» люди начали применять ко всему, что когда-то погибло или пришло в упадок, а потом заново родилось, расцвело.

Carrot and Stick Approach of Motivation [10].

Мотивационные подходы методом кнута и пряника

Муносибатхои асоснок бо усули қамчин ва кулчақанд

Carrot and stick - жёсткая политика, «политика кнута и пряника».

Фраза «кнут и пряник » - это метафора, использование комбинации вознаграждения и наказания, чтобы вызвать желаемое поведение. Оно основано на идее, что водитель повозки может активировать лошадь, повесив морковь перед ней и ударяя ее по тылу палкой. Идея иногда появляется как метафора реалистической концепции «жесткой силы». Морковь может быть обещанием экономической помощи от одной нации другой, кнут может быть угрозой военных действий. Когда стимул предоставляется только путем отображения (обычно недостижимого) вознаграждения, это известно просто как «оборванная морковь». Идея состоит в том, что движение моркови (висящей на веревке) создает иллюзию достижимости и удерживает субъекта в погоне за ней [4].

То есть в примере, который приведен выше, это относится естественно к политике и говорится о методах политиков.

К классу заимствованных фразеологических единицах можно отнести такие фразеологические единицы, которые связаны с античной мифологией, историей и литературой. Неудивительно, что многие из них носят интернациональный характер и встречаются в ряде языков. Например:

Is foreign policy Donald Trump’s Achilles’ Heel? [1].

Внешняя политика - Ахиллесова пята Дональда Трампа?

Оё сиёсати беруна љои заифи Доналд Трамп ҳаст?

В греческой мифологии Ахиллес (Ахилл)-один из самых сильных и храбрых героев; он воспет в "Илиаде" Гомера. Послегомеровский миф, переданный римским писателем Гигином, сообщает, что мать Ахиллеса, морская богиня Фетида, чтобы сделать тело сына неуязвимым, окунула его в священную реку Стикс; окуная она держала его за пятку, которой не коснулась вода, поэтому пятка осталась единственно уязвимым местом Ахиллеса, куда он и был смертельно ранен стрелой Париса. Возникшее отсюда выражение "ахиллесова (или ахиллова) пята" употребляется в значении: слабая сторона, уязвимое место кого-либо [3].

Фразеологических единиц, которые связаны с античностью, довольно-таки много. Еще одним из таких примеров является «Дамоклов меч». Это фразеологическая единица означает такое стечение обстоятельство, когда человеку всегда угрожает опасность. Например:

Trump’s Sword of Damocles hanging above the Resolute desk [13].

Дамоклов меч Трампа, висящий над столом Резолют

Шамшери Дамокли Трамп, ки дар болои мизи Резолют овезон аст.

В вышеприведеном примере для придание эмоциональной окраски статье, была использована фразеологическая единица «Дамоклов меч». В данной политической статье говорится об опасности, которая нависла над головой президента Дональда Трампа из-за сердитых демократов. В этой статье данная фразеологическая единица используется неоднократно. Пример следующего предложения: …over the specter of a Sword of Damocles precariously hanging over President Trump's head. [13]; ...над призраком дамоклова меча, опасно нависшего над головой президента Трампа. ...дар таги рӯҳи шамшери Дамокл, ки бо хавф дар болои сари президент Трамп овезон шудааст.

Фразеологические единицы, которые пришли в английский язык из литературы Древней Греции и Древнего Рима, наделены необыкновенной красочностью и экспрессивностью, этим и объясняется их распространенность не только в английском, но и других языках мира. Но кроме таких фразеологизмов, во всех языках наблюдаются и такие фразеологизмы, которые связаны с именами собственными, один из таких примеров «Hobson's Choice»

How we made Hobson's Choice [12].

Как мы сделали выбор поневоле

Чи гуна мо бо дилинохохам интихоби худро кардем.

Hobson's choice означает «вынужденный выбор», «выбор поневоле». История происхождения этой фразеологической единицы связана с человеком по имени Робсон, содержателем платной конюшни в Кембридже в 16-м веке, который обязывал своих клиентов брать только ближайшую к выходу лошадь [2, с.214]. Данная фраза используется для выражения вынужденного выбора, когда человека поневоле совершает что-то. Hobson'schoice относится к таким фразеологическим единицам, в которых используются имена английских писателей, ученых, королей и других известных людей.

Таким образом, фразеологизмы могут способствовать более глубокому и полному пониманию и осмыслению произведения благодаря своей насыщенности, глубине и образности. Поэтому переводчику необходимо стремиться найти максимально равноценный вариант перевода фразеологической единицы.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Костомаров, В.Г. Русский язык на газетной полосе: Некоторые особенности языка современной газетной публицистики / В.Г. Костомаров. – М., 1971.
2. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка /А.В. Кунин.– 2-е изд., перераб. – М., 1996. – 472 с.
3. [Электронный ресурс]https://dic.academic.ru/dic.nsf/dic_wingwords/116/%D0%90%D1%85%D0%B8%D0%BB%D0%BB%D0%B5%D1%81%D0%BE%D0%B2%D0%B0
4. [Электронный ресурс] https://en.wikipedia.org/wiki/Carrot_and_stick
Дар рафти кори тадқиқотҳои гендерӣ дар семантикаи неологизмҳои англисӣ ба протсесси сохти нақши иҷтимоии марду зан дар ҷомеа аҳаммияти ҷиддӣ додан зарур аст. Боз дар соҳаи иҷтимоиёт, иқтисодиёт, сиёсат, ки дар вуҷуд доштани стандартҳои гендерӣ ба ақидаи А.В.Кириллина, яъне “қоидаи рафтори намояндагони ҳарду ҷинс ва инъикоси он дар нутқ”-ро фаҳмидан лозим аст. Alpha earner - *a wife* who earns all most of her household’s income. ва *Omega male - a man who chooses not to have a powerful or important role in a social or professional situation.* Қайд кардан лозим аст, ки шумораи неологизмҳои гендерӣ бисёр шуда истодаанд ва ин тенденсияи асри XXI барои баробарҳуқуқӣ мебошад.

Ҷомеа инкишоф меёбад, нақши инсоният низ дигаргун мешавад: занҳо аксаран масъулияти мардонро қабул мекунанд ва баръакс. Пешгӯӣ намудани рафтори истеъмолкунандагон ва муносибати онҳо ба стандартҳои гендерӣ дар хабарҳои рекламавӣ душвор шуда истодааст.

Аз соли 2007 то 2011 на кам аз 60% мақолаҳое, ки аз чоп баромадаанд, проблемаҳои гендерии зӯроварии зан дар оила ва ҷомеаро дар бар мегирифтанд. Дар муқоиса бо публикатсияҳои соли 2007 то ин сол, зан бештар ҳамчун фидои ҷомеа аст.

Фаҳмиши “мард” дар ҷомеа ҳамчун “қаҳрамон” дар аксари вақт ба дарёфти негативӣ оварда мерасонад. Дар аксари вақт инъикоси ин дар матнҳо оиди табъизи аломати ҷинсӣ дида мешавад. Қариб дар ҳамаи мақолаҳое, ки ҳамин мавзуро дар бар мегиранд, зан ҳамчун фидои зӯроварӣ аст.

Комилан, таҷовуз, ки берун аз стандарти гендерӣ аст, пайдоиши табъиз дар ҷомеаро аз тарафи мард бо фаҳмиши *таҷовузкор* ва *таҳқиқдиҳанда* нишон медиҳад.

Дар ҳақиқат, зан дар тенденсияи ҳозиразамон чун “илова” аз рӯйи таҳлили зарбулмасалҳою гуфторҳо тасдиқ нашудааст. Дар зери консепти “зан” оҳиста –оҳиста коннотатсияҳои “мубориз” ва “ҳимоятгар” ворид шуда истодааст.

Тадқиқотҳои гендерӣ ба мо имконият медиҳанд, ки неологизмҳо ҳама тарафи соҳаҳои иҷтимоиро дар бар гиранд [9].

Неологизмҳо нақши мард ва занро дар оила, ҷомеа ва мансаб берун аз стандарт нишон медиҳанд ва инчунин дар замони муосир муваффақ шудани на мард, балки зан дар мансаб дар нутқ инъикоси худро меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гидденс, Э. Социология / Э. Гидденс. - М.: Эдиториал УРСС, 1999. - 705 с.
2. Гиталов С.В. Гендерный аспект языковых средств, используемых в рекламе продуктов питания // Вопросы филологии и переводоведения: сб. науч. статей; под ред. Н.В. Кормилиной, Н.Ю. Шугаевой. - Чебоксары: Изд-во Чуваш. гос. педагог. ун-та им. И.Я. Яковлева, 2015. -С. 17-26.
3. Голубева, С. С. Лингвистическая маркированность гендера как социокультурной категории / С. С. Голубева // Вестник ЮУрГУ, Лингвокультурология и социолингвистика. - 2009. - № 25. - С. 4-5.
4. Горошко Е. Гендерная проблематика в языкознании: введение в гендерные исследования. Учеб. пособие/ Е.Горошко; под ред. И. А. Жеребкиной. -Харьков: ХЦГИ; СПб.: -Алетейя, 2001. -С. 508-542.
5. Горошко, Е. И. Гендерная проблематика в языкознании [Текст]. Учеб. пособие/ Е. И. Горошко; под ред. И. Жеребкиной. // Введение в гендерные исследования. - СПб.: Алетейя, 2001. - Ч. 1. -С. 508-542.
6. Анисимова Е.Е. Лингвистика текста и межкультурная коммуникация (на материале креолизованных текстов). Учеб. пособие для студ. фак. иностр. яз. Вузов / Е.Е. Анисимова. - М.: Академия, 2003. - 128 с.
7. Витлицкая Е.В. Лингвистическая репрезентация гендерных стереотипов в рекламе (на материале англоязычных и русскоязычных текстов): автореф. дис. ...канд. филол. наук / Е.В. Витлицкая. - Волгоград: Тамбовский гос. техн. ун-т, 2005. - 24 с.

8. Герасименко, Д. В. Понятие «политическая корректность» в гендерной лингвистике [Текст] / Д. В. Герасименко // Вестник МГОУ, Лингвистика. - 2011. - № 2. - С. 33-35.
9. Витлицкая Е.В. Гендерные стереотипы в языке / Е.В.Витлицкая. - М., 2002.

ОМИЛИ ГЕНДЕРӢ ДАР НУТҚ ВА ИНЪИКОСИ НЕОЛОГИЗМҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи равандҳои асосии имрӯза, тадқиқотҳои забоншиносони муосир ва хориҷа, масъалаи омӯзиши гендер дар забон меравад. Дар ҳаёти имрӯза оиди омӯзиши масъалаи тадқиқотҳои гендерӣ, асоси илмӣ ташкил шудааст, ки аз болои масъалаи “инсон дар забон ” кор мебарад. Тадқиқот оиди пешравии байни маданият ва муошрати миллатҳо бо мақсади амиқ кардани тарафҳои гендерӣ, ҳаматарафа тарҷимаи стандартҳои гендерӣ ба кор бурда мешавад. Масъалаи баробарии стандартҳои гендерӣ дар вақти аз як забон ба дигар забон гузаронидан баррасӣ мегардад. Маъмул аст, ки гузариши термини забони хориҷӣ ба забони дигар аз тарҷимон талаб мекунад, ки маънои термини додашуда ҳам ба забони модарӣ ва ҳам ба забони хориҷӣ фаҳмида шуда бошад. Агар дар вақти тарҷима термин бо контекст мувофиқ шуда бошад, маъно дуруст дода мешавад. Гендер категорияи иҷтимоӣ мебошад ва дар натиҷаи бисёрпаҳлугии ҳаёт пайдо шуда, муносибатҳои ҷамъиятиро бо одамони гирду атроф муайян менамояд. Нақшҳои гендерӣ аз фарқияти нақшҳое, ки зан ва мард дар ҷамъият доранд, пайдо мешаванд. Фарқиятҳои гендерӣ дар асоси бисёрҷанбагии ҳаёт ба вуҷуд омада, аз вақт, сатҳи фарҳанг ва сатҳи инкишофи ҷамъият вобастагӣ доранд. Дар ҳақиқат, нақшҳои гендерӣ ба тақсимоти меҳнат, дастрасӣ ба иттилоот, ҳар гуна имтиёзҳо, роҳҳо ва методҳои қабули қарорҳо таъсир мерасонанд.

Калидвожаҳо: гендер, омили гендерӣ, раванди гендерӣ, тадқиқоти гендерӣ, мансубияти гендерӣ, ҷинс, неологизмҳо, консепсия.

ГЕНДЕРНЫЙ ФАКТОР В РЕЧИ И ОТРАЖЕНИЕ НЕОЛОГИЗМОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЕ

Данная работа посвящена изучению актуальных направлений исследований зарубежных и отечественных лингвистов гендерной проблематики в языке. Гендерные исследования - сравнительно новый подход к изучению языковых явлений. В последнее время лингвистическая наука активно обращается к изучению гендерных особенностей языка. Анализ языка с точки зрения проявления в нем гендерного фактора позволяет взглянуть на язык как на средство выражения гендерных стереотипов и на способ их оформления. Одним из эффективных методов анализа гендерной парадигмы в языке является ассоциативный эксперимент, который позволяет установить связь между значением слова и его смысловым содержанием в рамках данной культуры. С позиции гендерного подхода можно исследовать значительно большее количество феноменов языка. Гендерный фактор при переводе, как показывает анализ различных исследований, проявляется в направлениях как проблемы влияния личности переводчика на процесс и результат перевода и равнозначности гендерных стереотипов, при передачи с одного языка на другой. Как известно, передача термина с иностранного языка на родной требует от переводчика понимания значения термина на иностранном и родном языках. В результате чего сделан вывод, что гендерная изменчивость речи, в большинстве случаев, обусловлена двумя факторами: экономией языка и психологическим восприятием себя, мужчины и женщины, как члена той или иной социальной группы.

Ключевые слова*:* гендер, гендерный фактор, гендерный ориентир, гендерное исследование, гендерная пренадлежность, пол,неологизмы, концепция

GENDER FACTOR IN SPEECHES AND REFLECTION OF ENGLISH LANGUAGE NEOLOGISMS IN THE SOCIAL SPHERE

This work is devoted to the study of current areas of researching of gender linguists in the language. Gender- studies is relatively new approach to the study of linguistic phenomena. Recently, linguistic science is actively turning to the study of the gender characteristics of a language. The analyses of the language from the point of view of manifestation in a non-gender factor makes it possible to look at a language as a means of expressing gender stereotypes and the method of their design. One of the effective methods of analyzing the gender paradigm in a language is an associative experiment, which allows you to establish the connection between the meaning of a word and its semantic content within a given culture from the perspective of a gender approach, you can explore a much larger number of language phenomena. The factor of gender in translation shows, manifests itself in directions as problems of the influence of the translator’s personality on the process and the result of translating the equivalence of gender stereotypes. As is well known, the transfer of a term from a foreign native language. As a result, it is concluded that gender variability of speech, in most cases there are two factors: the economy of the language and the psychological perception of themselves.

Key words: gender, gender factor, gender reference, gender research, sex, neologism, concept

Сведения об авторе: ***Атаева Тахмина Хусейновна*** - Худжандский Политехнический институт Таджикского технического университета им.М.С. Осими, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Ходжент ул. Ленина 226

Information about the author: ***Ataeva Takhmina Huseynovna*** - Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M.S Osimi, Senior Lecturer at the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujant, ul. Lenina 226

УДК: 491.550-3:42 (575.3)

ИФОДАИ СУОЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Камолов Х.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пурсиш, бешубҳа, яке аз василаи муҳимтарин баҳри маълумот гирифтан аст. Пурсиш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, чун дар ҳама забонҳои дигар, тавассути ҷумлаҳои саволӣ ифода мегардад. Ҷумлаҳои саволӣ, маъмулан, шунавандаро ба додани маълумот водор менамоянд. Вобаста ба он ки маълумот то кадом андоза муҳим аст, суолгузорӣ низ метавонад бо роҳу воситаҳои гуногун сурат бигирад. Дар баробари ин, гоҳо корбасти ҷумлаи саволӣ метавонад бе ҳадафи аслӣ – пайдо намудани маълумот, бошад. Воқеан, "ҷумлаҳои саволӣ барои муайян кардани предмет, ҳодиса, замон, макон, сабаб, барои тасдиқ ё инкор хизмат мекунанд. Дар ҷумлаҳои саволӣ мафҳуми тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа ва афсӯс ҳам ба шаклу оҳанги савол меояд" [6, с.291].

Дар масъалаи таснифоти ҷумлаҳои саволӣ дар забоншиносии тоҷик ақидаи ягона мушоҳида намешавад. Баъзе муҳаққиқон ҷумлаҳои саволиро дар забони тоҷикӣ вобаста ба ҳадафи гӯянда ба ду навъ – ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ҷумлаҳои саволии риторикӣ, ҷудо намудаанд. Дар баъзе асарҳои илмӣ мавҷуд будани се навъи ҷумлаҳои саволӣ – ҷумлаҳои саволии аслӣ ё худ хосса, ҷумлаҳои саволии риторикӣ ва ҷумлаҳои саволии водоркунанда, таъкид карда мешаванд. Забоншиноси тоҷик Собирҷонов С., аз муҳаққиқони ҷумлаҳои саволӣ, дар як мақолаи хеш ҷумлаҳои саволиро ба ду навъ – аслӣ ва ғайриаслӣ, ҷудо мекунад: "Бояд қайд кард, ки вазифаи асосии ҷумлаҳои саволӣ ифодаи пурсиш (саволи аслӣ) мебошад. Вобаста ба мақсади гӯянда, вазъияти нутқ ҷумлаҳои мазкур вазифаашонро тағйир медиҳанд ва дар ифодаи саволҳои ғайриаслӣ (саволҳои риторикию водоркунӣ, ифодаи тахмину таъкид), ки вазифаи дуюмдараҷаи онҳост, воқеъ мешаванд" [9, с.92]. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки муҳаққиқи мазкур ҷумлаҳои саволии тобишҳои риторикӣ ва ё водоркунӣ доштаро ба ҷумлаҳои саволии аслӣ муқобил мегузорад ва онҳоро, дар маҷмӯъ, ҷумлаҳои саволии ғайриаслӣ меномад. Ин гуфтаҳои муҳаққиқ мантиқӣ ба назар мерасад.

Дар яке аз таҳқиқоти навини хеш профессор Камолиддинов Б. низ ҷумлаҳои саволии забони тоҷикиро иборат аз ду гурӯҳ муаррифӣ менамояд: "...дар ҷумлаҳои саволӣ фикре ифода мешавад, ки ба гӯянда маълум нест ё ягон нуктаи он чандон равшан нест ва бо ёрии савол онро донистан ё равшан кардан мехоҳад... Аммо мақсад аз ҳама гуна пурсиш донистани чизи номаълум ва ё равшан кардани ягон нуктаи факте нест. Гӯянда баъзан фикри ба худаш маълум ва равшанро ҳам бо оҳанги савол ифода мекунад. Маҳз аз ҷиҳати ифодаи мақсади аслии мутакаллим ҷумлаҳои саволиро ба ду хел: ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ғайриаслӣ ё риторикӣ ҷудо мекунанд" [4, с.53]. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки муҳаққиқ ҷумлаҳои саволии ғайриаслиро бо ҷумлаҳои саволии риторикӣ муодил меҳисобад.

Ҷумлаҳои саволии аслӣ дар забони тоҷикӣ ба ин гуна шарҳ дода мешаванд, ки онҳо пурсишро ифода менамоянд ва асли мақсадашон муайян намудани факти номаълум аст, пурсиш бо мақсади равшан кардани ҳодиса ё воқеаи номаълум воқеъ мегардад [4, с.9]. Аммо "дар ҷумлаи саволии ғайриаслӣ ғарази гӯянда муайян намудани факти номаълум набуда, ифодаи тахмин, водоркунӣ, саволҳои риторикӣ ва амсоли ин аст" [9, с.93].

Бояд гуфт, ки ҷумлаҳои саволии аслӣ ё худ хосса ҷавоби ҳатмӣ талаб мекунанд ва шунавандаро водор менамоянд, ки ба савол ҷавоб диҳад. Азбаски ҷумлаҳои саволии хосса ҳатман ҷавоб талаб мекунанд, маъмулан дар муколама истифода мегарданд. Дар асарҳои бадеӣ ҳангоми овардани суҳбати ду нафар қаҳрамони асар ин ҳолатро мушоҳида менамоем. Масалан:

- Куҷо меравӣ?

- Корхона, писарам (Абдулҳамид Самад).

– Дар пешашон одам ҳаст?

– Ду чӯпон. Аз кӯҳ барои дуо гирифтан омадаанд (Сотим Улуғзода).

– Ту Темурмалик нестӣ? – Қатағанӯғлон ба чашмони Темурмалик чашм дӯхта пурсид.

– Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиям... (Садриддин Айнӣ).

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволии хосса ғайр аз савол «тобишҳои модалии тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа, тахмин, нобоварӣ, гумон, қатъият, боварӣ, муҳокима дошта метавонанд» [5, с.42]. Дар ин маврид савол бо оҳанги махсус тарзе талаффуз мегардад, ки шунаванда тобиши маъноии иловагиро эҳсос мекунад. Чунин саволҳо ҷавоби қотеъ талаб мекунанд. Чунончи:

Хӯш, аз шаккокиат наемонӣ? (Саттор Турсун). **Ин гапатон чӣ маънӣ дорад?** (Саттор Турсун). **Шумо инро аз куҷо медонед?** (Саттор Турсун).

Ба таъкиди муҳаққиқон, хусусияти хосси ҷумлаҳои саволии риторикӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин гуна саволҳо ҷавоби ҳатмӣ талаб намекунанд. Маъмулан, тасдиқ ё инкори фикр дар қолаби ҷумлаи саволӣ ифода мешавад. Масалан:

Ба кадом дари дигар сар заданашро намедонист Муҳриддин. Аз кӣ боз мадад хоҳад? Канӣ шахсе, ки Соҳибаи касофатро аз роҳ гардонад? (Карроматулло Мирзоев). **Ин хонаҳои калонро чӣ кор мекунем?** (Сотим Улуғзода).

Як гурӯҳ ҷумлаҳои саволии забони тоҷикиро ҷумлаҳои саволии водоркунанда номидаанд. Таъкид мегардад, ки чунин ҷумлаҳои саволӣ «ҷавоб талаб намекунанд, фикрро тасдиқу инкор ҳам намекунанд, балки шунавандаро ба амале, иҷрои коре водор мекунанд: **Ҳоло ҳам нарафтай? Магар то пагоҳ хоб мекунӣ?**» [5, с.43].

Вобаста ба таркибашон ҷумлаҳои саволии водоркунандаро муҳаққиқон ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд. Гуфта мешавад, ки: «ҷумлаҳои мазкур (ҷумлаҳои саволии водоркунӣ – Х.К.) аз рӯйи қолабу тарзҳои ифодаашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: 1. Ҷумлаҳои саволии водоркунандаи бо калимаҳои саволӣ (ҷонишинҳои саволию зарфҳои ҷонишинӣ ва ҳиссачаҳои саволӣ) суратгирифта. 2. Ҷумлаҳои саволии водоркунандаи бе калимаҳои саволӣ таркибёфта» [8, с.94].

Метавон гуфт, ки навъи сеюми ҷумлаҳои саволӣ (ҷумлаҳои саволии водоркунанда) моҳиятан аз ҷумлаҳои саволии риторикӣ тафовуте надоранд. Онҳоро навъе аз саволҳои риторикӣ гуфтан мумкин аст. Ҷумлаҳои саволии риторикӣ бошанд, ҳамон ҷумлаҳои саволии ғайриаслиянд. Дар ин бора дар дастурҳои нави забони тоҷикӣ низ ишораҳо вуҷуд доранд. Пас, бо назардошти хусусиятҳояшон ҷумлаҳои саволиро дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мантиқан дуруст аст:

1) ҷумлаҳои саволии аслӣ;
2) ҷумлаҳои саволии ғайриаслӣ.

Пурсиш дар забони англисӣ бо чор навъ саволгузорӣ ифода мегардад ва барои ҳар навъ истилоҳи махсус истифода мешавад: 1) general questions (саволҳои умумӣ), 2) alternative questions (саволҳои интихобӣ, 3) special questions (саволҳои махсус), 4) disjunctive questions (саволҳои ҷудогона).

Хусусияти саволҳои умумӣ (general questions) он аст, ки танҳо тасдиқ ё инкори фикр талаб карда мешавад, яъне онҳо ҷавоби мусбат (ҳа) ё манфӣ (не) талаб мекунанд. Фарқи чунин ҷумлаҳои саволии забони англисӣ аз ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ он аст, ки тартиби калима дар забони англисӣ тағйир мепазирад ва ҷумла оҳанги махсус мегирад. Маълум аст, ки дар ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ калимаҳо ҷойи худро тағйир намедиҳанд, танҳо оҳанг нақши асосӣ дорад. Дар ин навъи ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ, албатта, ҳиссачаҳои махсуси саволӣ (оё, магар) низ корбаст гардида метавонанд.

Аммо дар забони англисӣ барои созмон додани ҷумлаи саволӣ тағйирпазирии тартиби калима ногузир аст. Дар ин навъ ҷумлаҳо дар аввали ҷумла ҳатман ё феъли ёвар *(do, does, did, have, has, had, shall, will…)* ва ё феъли модалӣ *(can, could, should…)* ҷой мегирад, баъдан мубтадо ва хабар меояд. Ҷумла бо аъзои пайрав анҷом мепазирад (агар тафсилӣ бошад). Чунончи:

ҷумлаи ҳикоягӣ	ҷумлаи саволӣ
They go to the library.	**Do** they go to the library?
They were at home yesterday.	**Were** they at home yesterday?
You can swim.	**Can** you swim?
I should help you.	**Should** I help you?

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои мазкур шакли ягона доранд, ҷумлаҳои саволӣ аз ҷумлаҳои ҳикоягӣ танҳо бо оҳанги талаффуз фарқ мекунанд:

ҷумлаи ҳикоягӣ	ҷумлаи саволӣ
Онҳо ба китобхона мераванд.	Онҳо ба китобхона мераванд?
Онҳо дирӯз дар хона буданд.	Онҳо дирӯз дар хона буданд?
Ту шино карда метавонӣ.	Ту шино карда метавонӣ?
Ман бояд ба ту ёрӣ диҳам.	Ман бояд ба ту ёрӣ диҳам?

Азбаски саволҳои мазкур ҳатман ҷавоби «ҳа» ё «не»-ро талаб мекунанд, дар дастурҳои забони англисӣ бо унвони “yes/no questions” низ зикр гардидаанд [14, с.16]. Дар адабиётҳои назарии забони англисӣ таъкид мегардад, ки баъзан инглисзабонони асил ҷумлаҳои саволии мазкурро танҳо тавассути оҳанг, бе иваз намудани ҷойи калима дар ҷумла ба вуҷуд меоранд. Масалан, ҷумлаи ҳикоягии “**You saw the game last night**” (Шумо

дишаб бозиро тамошо кардед) бо талаффузи махсус, ки то андозае тобиши эҳсосотӣ дорад, ба ҷумлаи саволӣ табдил меёбад: "**You saw the game last night?**". Дар баробари ин, таъкид карда мешавад, ки ин гуна саволгузорӣ мутобиқ ба меъёри забони англисӣ нест [15, с.107].

General questions ё худ саволҳои умумии забони англисӣ муодили ҷумлаҳои саволии аслии забони тоҷикӣ мебошанд.

Роҳи дигари ифодаи пурсиш дар забони англисӣ истифода аз саволҳои махсус (special questions) аст, ки дар забони англисӣ гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд. "Саволҳои ба аъзои алоҳидаи ҷумла гузошташуда саволҳои махсус ном доранд" [2, с.211]. Мақсад аз ин тарзи суолгузорӣ пайдо кардани маълумоти иловагӣ ва дақиқ аст. Чунин ҷумлаҳо бо ёрии вожаҳои махсуси саволӣ, амсоли *when (кай), where (куҷо / дар куҷо), why (чаро), how (чӣ хел), who (кӣ), what (чӣ), which (кадом)* шурӯъ мешаванд. Дар баъзе сарчашмаҳо ин навъи ҷумлаҳоро "information question" [14] гуфтаанд. Азбаски ду ҳарфи аввали суолвожаҳои зерин бо ҳарфҳои w ва h оғоз мегарданд, гоҳо истилоҳи "wh-questions" [14, с.15] низ ба назар мерасад.

Дар баъзе адабиётҳои илмӣ "special question"-ро "саволи хусусӣ" тарҷума карда, дар шарҳи он навиштаанд: "Дар саволи хусусӣ дар бораи вақти ҳодиса, ё замони ҳодиса, ё ҷойи ҳодиса, ё сабаби ҳодиса, ё дар бораи субъекту объекти ҳодиса ва ғайра маълумоти мушаххас пурсида мешавад ва чунин пурсиш оҳанги фурӯраванда дорад" [12, с. 213]. Ба назари мо ифодаи "саволи хусусӣ" аз нигоҳи мантиқ чандон қобили қабул нест, ба ҷойи он "саволи махсус" гуфтан ба мақсад мувофиқ менамояд. Дар ин навъи ҷумлаҳо суолвожаҳо дар аввали ҷумла ва феъли ёвар, ки қисми хабар аст, пас аз он ҷой мегирад, баъдан мубтадо ва пас аз он хабари асосии ҷумла меояд. Мисол:

дар забони англисӣ	дар забони тоҷикӣ
Why did you go to the market?	Шумо чаро ба бозор рафтед?
When did you come back?	Шумо кай баргаштед?
Where is the book?	Китоб дар куҷост?
What are you doing here?	Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?

Дар гунаи тоҷикии ҷумлаҳои саволии мазкур низ суолвожаҳо корбаст мегарданд, аммо тартиби вожаҳо нисбат ба забони англисӣ нисбатан озод аст. Чунончи:

Шумо чаро ба бозор рафтед?	Чаро шумо ба бозор рафтед? Шумо ба бозор чаро рафтед? Ба бозор чаро рафтед шумо?
Шумо кай баргаштед?	Кай баргаштед шумо? Кай шумо баргаштед?
Китоб дар куҷост?	Дар куҷост китоб?
Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?	Ин ҷо шумо чӣ кор мекунед? Ин ҷо чӣ кор мекунед шумо? Чӣ кор мекунед шумо ин ҷо? Чӣ кор мекунед ин ҷо шумо?

Албатта, гунаҳои дар сутуни дуюм овардашуда ё бо тақозои задаи мантиқӣ чунин шакл мегиранд ва ё хусусиятҳои шевагӣ доранд.

Тафовути дигар дар корбасти мубтадо ба назар мерасад. Мавҷудияти мубтадо дар ҷумлаҳои саволии забони англисӣ ҳатмист, аммо вобаста ба он ки бандакҳо дар забони тоҷикӣ ба шахс ишорат мекунанд, зикри мубтадо дар ин навъи ҷумлаҳои саволӣ озод аст. Дар сурати зикр нагардидани он ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони англисӣ дар забони тоҷикӣ бо ҷумлаҳои содаи яктаркиба муодил мегарданд.

***Шумо* чаро ба бозор рафтед? – Чаро ба бозор рафтед?**

***Шумо* кай баргаштед? – Кай баргаштед?**

Дар ҷумлаҳои саволии махсуси забони англисӣ дар байни суолвожа ва феъли ёвар ҷой гирифтани вожаи мустақил низ ба назар мерасад:

What <u>countries</u> did you visit? – Ба кадом кишварҳо сафар кардед?

Which <u>book</u> should I buy? – Кадом китобро бихарам?

Агар саволи махсус ба мубтадо ва ё муайянкунандаи он нигаронида шуда бошад, ҳолати инверсия ба назар намерасад, яъне тартиби калима мисли ҷумлаи ҳикоягист. Агар суолвожа мубтадо бошад, пас аз он хабари ҷумла ҷой мегирад:

<u>Who goes</u> to the cinema?

Кӣ ба синамо меравад?

Агар суолвожа муайянкунандаи мубтадо бошад, пас аз он мубтадо ва пас аз мубтадо хабар меояд:

Whose children are playing in the yard?

Фарзандони кӣ дар ҳавлӣ бозӣ мекунанд? [2, с.212].

Дар сохтани ҷумлаҳои саволии махсуси забони англисӣ дар баробари суолвожаҳои махсус ифодаҳо ё худ таркибҳои махсуси саволӣ низ васеъ корбаст мегарданд, ба монанди: *what time, what kind of, how often, how long, how old, how many/much.* Дар тарҷумаи ҷумлаҳое, ки бо истифода аз ин гурӯҳи таркибҳои саволӣ сохта шудаанд, маъмулан ба маънои умумии ҷумла таваҷҷуҳ карда мешавад. Чунончи:

дар забони англисӣ	дар забони тоҷикӣ
How old are you?	Шумо чандсолаед?
What time is it?	Соат чанд аст?
What kind of films do you like?	Ба шумо чӣ гуна филмҳо маъқул аст?
How long will you stay here?	Шумо ин ҷо то кай мемонед?
How often did he visit his parents?	Ӯ волидайнашро ҳар чанд вақт хабар мегирифт?

Ин гурӯҳи ҷумлаҳои саволӣ низ бо ҷумлаҳои саволии аслӣ дар забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

Албатта, дар забони тоҷикӣ низ суолвожаҳо, амсоли ***кӣ, чӣ, чанд, кай, кадом, чаро*** ва ғайра мавҷуданд, аммо дар муқоиса бо забони англисӣ вожаҳои мазкур дар ҷумла ҷояшонро тағйир дода метавонанд. Ғайр аз ин, мавҷудияти суолвожа дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ омили гурӯҳбандии махсуси ҷумлаҳои саволӣ нест. Вобаста ба он ки чунин ҷумлаҳо шунавандаро ба ҷавоб додан водор мекунанд, онҳо ба гурӯҳи ҷумлаҳои саволии аслӣ мансуб мегарданд.

Пурсиш дар забони англисӣ тавассути ҷумлаҳое низ ифода мегардад, ки дар ҷавоб имконияти интихоб кардан вуҷуд дорад. Саволгузорие, ки имкони интихоби ин ё он ҷавобро медиҳад, дар забони англисӣ alternative questions номида мешавад ва ин мафҳумро муҳаққиқон ба забони тоҷикӣ «саволи интихобӣ» (“Дар саволи интихобӣ аз ду предмет, аломат ё ҳодисаи тавсияшаванда бояд яке ҷудо карда шавад, яъне ин савол интихобкуниро талаб менамояд” [12, с.213]) ё худ «саволи алтернативӣ» (“Ҷумлаҳои саволии алтернативӣ ҷумлаҳоеанд, ки дар ҷавобашон яке аз алтернативаҳо талаб карда мешаванд” [10, с.118]) тарҷума кардаанд.

Ин гуна суолҳо низ монанди суолҳои махсуси забони англисӣ бо феълҳои ёвар ва ё феълҳои модалӣ оғоз меёбанд, аммо тафовут ин аст, ки дар созмон ёфтани чунин ҷумлаҳои саволӣ дар забони англисӣ пайвандаки «or» (ё) нақши муҳим дорад.

Гурӯҳи аввали ин гуна саволҳо дар забони англисӣ бештар ба саволҳои умумӣ шабоҳат доранд, зеро шунаванда дар ҷавоб метавонад фикрро танҳо тасдиқ ё инкор кунад. Дар ин навъи ҷумлаҳои саволӣ иҷро гардидани як амал пурсида мешавад. Корбасти “or” ба интихоби ашё вобаста аст, на ба амал. Масалан:

Did you send her a letter or postcard yesterday?

Шумо дирӯз ба ӯ мактуб ё корти табрикӣ фиристодед?

Ба саволи мазкур метавон дар шакли “Ҳа” ё “Не” посух гуфт, яъне амал тасдиқ ё инкор мегардад.

Аммо гурӯҳи дигари саволҳои интихобӣ ҷавоби пурра талаб мекунанд ва маҳз дар ин мавриди имконияти интихоби яке аз ҷавобҳо ногузир мегардад:

Is it cold or warm outside?

Дар берун ҳаво гарм аст ё сард?

Баъзе аз ин гуна саволгузориҳои забони англисӣ дар забони тоҷикӣ бо ду ҷумлаи содаи саволӣ ифода мегардад, албатта, ҷумлаи дуюм аз нигоҳи сохт ҷумлаи нопурра маҳсуб мегардад. Чунончи:

When did you come, today or yesterday?

Шумо кай омадед? Имрӯз ё дирӯз?

Дар яке аз мақолаҳои хеш муҳаққиқ С. Собирҷонов менависад: “Ҷумлаҳои саволии муқобилмаъно бо роҳи лексикӣ низ ифода мешаванд. Дар ин мавриди дар ҷумлаҳои саволӣ ду аъзои ба ҳам муқобил ифода ёфта, ҳангоми ҷавоб яке аз онҳо интихоб мешавад. Аъзоҳои номаълум дар ҷумла тавассути пайвандаки ҷудоии “ё” ба ҳам алоқаманд мегарданд” [7, с. 147]. Чунин ба назар мерасад, ки дар номгузории ин гуна ҷумлаҳои саволӣ бар ивази “ҷумлаҳои саволии алтернативӣ” ё “ҷумлаҳои саволии интихобӣ” мафҳуми “ҷумлаҳои саволии муқобилмаъно” гуфтан ба мақсад мувофиқтар аст. Азбаски ҷумлаҳои саволии муқобилмаънои забони англисӣ ҷавоби ҳатмӣ талаб менамоянд, муодили онҳо дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволии аслӣ ба ҳисоб мераванд.

Гурӯҳи чоруми саволҳоро дар забони англисӣ disjunctive questions мегӯянд ва онро ба забони тоҷикӣ «ҷумлаҳои саволии ҷудоӣ» (“дар забони англисӣ гурӯҳи чоруми ҷумлаҳои

саволиро ҷумлаҳои саволии чудоӣ ташкил медиҳанд” [10, с.118]), «саволҳои ҷудокунанда» (“Саволҳои чудокунанда ҳамчун саволҳои умумӣ тасдиқ ё инкори фикрро, ки дар савол омадааст, ифода мекунанд” [11, с. 110]) ва ё «саволҳои ҳамраъйӣ» (“Саволи ҳамраъйӣ (disjunctive or tag question) низ аз ду қисм иборат аст...” [12, с. 213]) унвон кардаанд.

Фикр мекунем, ки ба ҷойи мафҳумҳои фавқуззикр баҳри ин гурӯҳ мафҳуми ***суоли ҷудогона*** мувофиқтар хоҳад буд, зеро суол чизеро ҷудо намекунад, балки дар ҷумла баъди ифодаи фикр ба таври ҷудогона гузошта мешавад.

Махсусияти ин гуна ҷумлаҳои саволӣ ин аст, ки дар қисми аввали ҷумла фикре дар шакли тасдиқӣ ва ё инкорӣ баён мегардад ва дар қисми дуюми он тасдиқ ё инкори он фикр талаб карда мешавад. Бояд гуфт, ки қисмати аввали савол аз ҷумлаи ҳикоягӣ иборат аст, «вале қисми дуюмаш шаклан саволи умумии эллиптикӣ мебошад, яъне он аз як қисми хабар ва мубтадо таркиб меёбад» [12, с. 215]. Маъмулан, қисми дуюми ҷумла бо оҳанги болораванда талаффуз мегардад.

Вобаста ба ҳадафи гӯянда чунин ҷумлаҳо дар забони англисӣ ду навъ шуда метавонанд:

1. Қисми аввал ҷумлаи тасдиқӣ, қисми дувум ифодаи саволии инкорӣ (tag questions). Масалан:

You can swim, don’t you? His mother is here, isn’t she? They have left, haven’t they? It’s a nice day today, isn’t it?

2. Қисми аввал ҷумлаи инкорӣ, қисми дувум ифодаи саволии тасдиқӣ. Масалан:

You can’t swim, do you? His mother isn’t here, is she? They haven’t left, have they? It’s not a nice day today, is it?

Ин гуна саволгузорӣ ҳатман ҷавоби тасдиқӣ ё инкорӣ талаб мекунад. Ифодаи саволие, ки дар охири ҷумла илова карда мешавад, ба хотири итминон ҳосил кардан дар мавриди ин ё он хабар аст, гӯянда мехоҳад дар мавриди иҷро гардидан ё инкор гардидани амал ҷавоби дақиқ бигирад.

Яке аз муҳаққиқони забони англисӣ Бархударов Л.С. таъкид менамояд, ки саволҳои навъи сеюму чорум (alternative questions ва disjunctive questions) аз доираи баҳси ҷумлаҳои сода берун аст. Муҳаққиқи мазкур таъкид менамояд: «Чунин саволҳо ягон хел сохтори хос ё ҷудогонаро ташкил намедиҳанд, саволҳои ҷудосозанда (disjunctive questions) ҳамон ҷумлаҳои ҳикоягианд, ки дар идомаашон ҷумлаҳои саволии маҳзуф (кӯтоҳшуда) меояд (ҳодисаи эллипсис – Х.К.). Ҷумлаҳои саволии алтернативӣ (alternative questions) бошанд, ҷумлаҳои мураккаби пайвастанд, ки аз ду ҷумлаи саволии умумӣ иборатанд» [1, с.175].

Ин гуна суолгузорӣ дар забони тоҷикӣ низ ба назар мерасад, аммо шаклан аз саволгузории забони англисӣ тафовут дорад. Дар ин маврид профессор Б. Камолиддинов таъкид менамояд, ки «дар ифодаи пурсиш баъзе қолабҳои рехтаи наҳвӣ, аз қабили *чӣ гуфтед, ҳамин тавр не* ва ғайра ба кор бурда мешаванд” [4, с. 55]. Барои намуна ҷумлаҳои зерро метавонем аз назар бигузаронем:

Агар ғалат накунам, деҳаи шумо дар пушти кӯҳи Чилчароғ. Ҳамин тавр? (Саттор Турсун). **Хондани асли «Шоҳнома»-ро худатон тавсия карда будед. Ҳамту не?** (Сотим Улуғзода).

Саволҳои ҷудогонаи забони англисӣ дар тарҷума ба забони тоҷикӣ дар ду ҷумла ифода мегарданд: як ҷумлаи хабарӣ ва як ҷумлаи нопурраи саволӣ, ки бо оҳанги афзоянда талаффуз мегардад. Аз ин нигоҳ ҷумлаҳои фавқуззикри англисиро ба тоҷикӣ чунин тарҷума кардан имконпазир аст:

ба забони англисӣ	**ба забони тоҷикӣ**
You can swim, *don’t you?*	Шумо шино карда метавонед. *Ҳамин тавр не?*
His mother is here, *isn’t she?*	Модари ӯ дар ҳамин ҷост. *Ҳамин хел не?*
They have left, *haven’t they?*	Онҳо рафтанд. *Дуруст аст?*
It’s a nice day today, *isn’t it?*	Имрӯз рӯзи хуб аст. *Ҳамин тавр не?*
You can’t swim, *do you?*	Шумо шино карда наметавонед. *Ҳамин тавр?*
His mother isn’t here, *is she?*	Модари ӯ дар ҳамин ҷост. *Ҳамин хел?*
They haven’t left, *have they?*	Онҳо нарафтаанд. *Дуруст аст?*
It’s not a nice day today, *is it?*	Имрӯз рӯзи хуб нест. *Ҳамин тавр не?*

Тафовути аслӣ дар таснифоти ин гуна ҷумлаҳои саволӣ ин аст, ки дар забони тоҷикӣ, ба мисли забони англисӣ, чунин ҷумлаҳо ҳатман ба ду гурӯҳи алоҳида ҷудо карда намешаванд. Дар шакли тасдиқӣ ё инкорӣ омадани ҷумлаи нопурраи саволӣ дар забони тоҷикӣ ба ҷумлаи аввал вобаста нест.

Таъкид бояд намуд, ки дар забони гуфтугӯйӣ ва баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ қолаби мазкур мавриди истифода қарор дорад, аммо маъмулан ба ҷумлаҳои гурӯҳи аввали забони

англисӣ шабоҳат доранд, қисми аввал ҷумлаи тасдиқист, баъд аз он танҳо ҳиссачаи инкории «не» ва ё «-а» бо оҳанги савол гузошта мешавад. Масалан, мегӯянд:

Имрӯз ҳаво беҳад гарм шуд, *не*?

Чунин навъи ҷумлаҳо дар осори бадеӣ низ ба назар мерасанд. Масалан:

Пӯст меканӣ, *а*? (Саттор Турсун). **Ба ҷойи падарам-*а*?** (Карроматулло Мирзоев).

Дар насри муосири форсӣ низ чунин навъи суолгузорӣ мустаъмал аст ва аз нигоҳи сохтор бо ифода дар шеваҳои тоҷикӣ ҳамгун меояд. Чунончи:

After all, I had killed his beloved wife, his beautiful princess, *hadn't I*? – **Охир ман зани маҳбубаш, шоҳдухти хушгилашро кушта будам, *на*?** (Холид Ҳусейнӣ).

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дар ҷумлаҳои саволӣ ҳазф гардидани аъзои ҷумла ба назар мерасад ва ин ҳолат маъмулан хосси муҳовара аст. Масалан:

"It has nothing to do with that."

"Nay?"

"Nay."

"Then what?" (Khaled Hosseini).

"What does that word mean?"

"Which one?"

"Imbecile."

"You don't know what it means?" I said, grinning.

"Nay, Amir agha." (Khaled Hosseini).

– Ҷанг мекунад.

– Кӣ?

– Аспи бобот … сайр дорад.

– Худаш танҳо? (Абдулҳамид Самад).

Дар забони англисӣ мафҳуми "Rhetorical Question" (суолҳои риторикӣ) мавҷуд аст, аммо он чун меъёр баҳри таснифоти анвои ҷумлаҳои саволӣ истифода намегардад. Намунае аз суоли риторикӣ:

Because the truth of it was, I always felt like Baba hated me a little. ***And why not?*** (Khaled Hosseini)

Аз муқоиса ва таҳлилу баррасии суолгузорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар ҳар ду забон ифодаи пурсиш фарқи куллӣ надорад, ба истиснои баъзе ҳолатҳои алоҳида. Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ як қатор суолвожаҳои махсус истифода мегарданд. Дар ҳар ду забон саволгузорӣ дар шакли пурра ва ё нопурра сурат мегирад. Моҳиятан дар ҳар ду забон саволгузориҳо якхелаанд. Дар баробари ин, тафовут низ ба чашм мерасад. Саволҳои умумӣ ва махсуси забони англисӣ бо ҷумлаҳои саволии аслии забони тоҷикӣ мувофиқат менамоянд. Фарқияти асосӣ дар ду забон, пеш аз ҳама, ба масоили назарии забон, яъне ба гурӯҳбандии ҷумлаҳои саволӣ вобаста аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1966. – 200 с.
2. Верба Л.Г. Грамматика современного английского языка / Л.Г. Верба, Г.В. Верба. – Киев: Логос, 2001. – 368 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои содда; зери таҳрири Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
4. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов – Душанбе: Собириён, 2010. – 279 с.
5. Норматов М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов. –Душанбе: Маориф, 2001. – 184 с.
6. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. Забоншиносӣ. – Душанбе: Адиб, 2005 (нашри аввал: -Душанбе: Ирфон, 1977). – 350 с.
7. Собирҷонов С. Ҷумлаҳои саволии муқобилмаъно / С. Собирҷонов // Актуальные проблемы иранской филологии. –Душанбе: Дониш, 1985. – С. 143-149.
8. Собирҷонов С. Як навъи ҷумлаи саволии водоркунанда / С. Собирҷонов // Паёми Донишгоҳ. Филология 4. –Душанбе, 1993. – С. 93-101.
9. Собирҷонов С. Оид ба як воситаи ифодаи ҷумлаҳои саволии ғайриаслӣ / С. Собирҷонов // Вазифаи воҳидҳои забон дар ҷараёни гуфтор. –Душанбе, 1995. – С. 92-101.
10. Соҳибназарова Ҳ. Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маънову мақсад ва оҳанг дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ҳ. Соҳибназарова // Паёми ДМТ. Бахши филология 4/2. – Душанбе: Сино, 2012. –С. 117-120.
11. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ / Н. Туйғунов, Ф. Сангинов. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 183 с.
12. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 185 с.
13. Ҷамшедов П. Очеркҳо оид ба типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / П. Ҷамшедов [ва диг.]. –Душанбе, 1988. – 127 с.
14. Azar B.S. Understanding and using English Grammar / B. S. Azar . – USA: Prentice-Hall Regents, 1989. – 411 c.
15. Celce-Murcia M. The Grammar book / M. Celce-Murcia, D/ Larsen-Freeman. – USA: 2011 (first printing: 1983). – 655 c.

ИФОДАИ СУОЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур роҳу воситаҳои суолгузорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври мухтасар баррасӣ гардидааст. Таъкид мегардад, ки роҳҳои ифодаи суол дар ҳар ду забон, дар маҷмӯъ, мувофиқат дорад, аммо дар баробари ин дар ҳар забон вижагиҳои хоси суолгузорӣ ва таснифоти хоси ҷумлаҳои саволӣ ба назар мерасад. Таснифот ё худ гурӯҳбандии ҷумлаҳои саволӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври мутафовит сурат мегирад. Дар баъзе адабиёти илмӣ ҷумлаҳои саволии забони тоҷикиро ба навъҳои аслӣ, риторикӣ ва водоркунанда ҷудо намудаанд, баъзан ҷумлаҳои саволиро ду гурӯҳ – аслӣ ва риторикӣ, гуфтаанд, ки воқеӣ ба назар мерасад. Дар забони англисӣ бошад, ҷумлаҳои саволиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамоянд: саволҳои умумӣ (general questions), саволҳои интихобӣ (alternative questions), саволҳои махсус (special questions), саволҳои ҷудогона (disjunctive questions. Ҳамаи ин навъҳои ҷумлаҳои саволии англисӣ бо ҷумлаҳои саволии аслии забони тоҷикӣ мувофиқат менамоянд. Тафовути аслӣ дар ҷумлаҳои саволии тоҷикӣ ва англисӣ дар тартиби калима мушоҳида мегардад. Маълум аст, ки тартиби калима дар ҷумлаҳои саволии забони англисӣ аз ҷумлаҳои ҳикоягӣ фарқ дорад, яъне барои саволӣ гардидани ҷумла иваз кардани ҷойи калимаҳо ногузир аст. Дар забони тоҷикӣ ин ҳолат ба назар намерасад, вижагии хоси ҷумлаҳои саволӣ, пеш аз ҳама, оҳанги махсус аст. Як ҷумла вобаста ба талаффуз ҳам ҳикоягӣ ва ҳам саволӣ шуда метавонад. Иваз гардидани мавқеи калима дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, аммо он нишонаи саволӣ гардидани ҷумла нест. Баъзе ифодаҳои саволӣ, ба монанди how often, how long, how old, what kind of ва ғ. дар забони тоҷикӣ муодил надоранд ва вобаста ба матн аз рӯйи маъно тарҷума мегарданд.

Калидвожаҳо: суол, суолвожаҳо, ҷумла, ҷумлаи сода, ҷумлаи саволӣ

ВЫРАЖЕНИЕ ВОПРОСОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье кратко рассматриваются способы выражения вопросов в таджикском и английском языках. Подтверждается, что способы выражения вопроса в обоих языках в основном совпадают, но при этом в каждом языке есть свои особенности по классификации вопросительных предложений. Классификация вопросительных предложений не совпадает в таджикском и английском языках. В таджикском языке-это основные, риторические и побудительные, а в более поздних исследованиях – основные и риторические, что мы считаем более обоснованным. В английском языке-это общие (general), альтернативные (alternative), специальные (special), разделяющие (disjunctive). Все эти разновидности вопросительных предложений английского языка совпадают с основными вопросительными предложениями в таджикском языке. Основным различием вопросительных предложений английского и таджикского языков является порядок слов. Как известно, в английских вопросительных предложениях порядок слов отличается от утвердительных предложений, то есть, чтобы задать вопрос, нужно поменять слова местами. Но в таджикском языке такое явление не наблюдается, здесь важную роль играет интонация. Одно и то же предложение в зависимости от интонации может быть утвердительным или вопросительным. Изменение порядка слов в предложении в таджикском языке наблюдается, но это не является признаком превращения утвердительного предложения в вопросительное. Некоторые специальные вопросительные выражения, типа how often, how long, how old, what kind of и др. в таджикском языке не имеют аналогов и переводятся по смыслу.

Ключевые слова: вопрос, вопросительные слова, предложение, простое предложение, вопросительное предложение.

EXPRESSION OF QUESTIONS ON TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article briefly discusses the ways of expression of questions in Tajik and English languages. It is confirmed that a way of expressing of questions in both languages is basically the same, but each language has its own characteristics according to the classification of interrogative sentences. The classification of interrogative sentences do not coincide in Tajik and English. In Tajik, these are basic, rhetorical, and motivating, and in later studies, basic and rhetorical, that we consider more reasonable. In English, these are general, alternative, special, and disjunctive. All these types of interrogative sentences of English coincide with the main interrogative sentences in the Tajik. The main difference between the interrogative sentences of English and Tajik languages is the word order. As is known, in English interrogative sentences the order of words differs from affirmative sentences, that is, to ask a question you need to swap words. But in Tajik language such a phenomenon is not observed, intonation plays an important role here. One and the same sentence, depending on intonation, can be affirmative or interrogative. A change in the order of words in a sentence in Tajik language is observed, but this is not a sign of the transformation of an affirmative sentence into an interrogative one. Some special interrogative expressions, such as: *how often, how long, how old, what kind of*, etc. in Tajik language have no analogues and are translated by their meaning.

Key words: question, interrogative words, sentence, a simple sentence, interrogative sentence.

Сведения об авторе: ***Камолов Х.М.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 907-72-47-06**

Information about the author: ***Kamolov Kh.M.*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the department of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 907-72-47-06**

УДК: 809. 155. 0 + 802.0

РОҲҲОИ КАЛИМАСОЗӢ БО СИФАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ АЗ РӮЙИ МАВОДИ «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

Бобоева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад [5, с.7].

Забон нишонаи асосии фарқкунандаи миллӣ буда, барои инсон, асосан, ҳамчун воситаи гуфтугӯи байни одамон, ифода кардани мақсаду мароми онҳо хизмат мекунад. Яке аз паҳлуҳои асосие, ки Пешвои миллат дар робита ба ҷавонон доимо ба он ишора мекунанд, ин донистани забонҳои хориҷӣ мебошад, зеро «дар шароити муосир ҳар як нафар, хусусан ҳар як ҷавон на камтар аз ду забони хориҷиро бояд донад». Бояд дар хотир дошт, ки донистани забонҳои хориҷӣ ба шахс на танҳо барои кору фаолият ва муошират бо хориҷиён зарур аст, балки ба идеологияи сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва ватандӯстиву меҳанпарастии ҷавонон низ таъсири мусбӣ расонида метавонад [5, с.10].

Калимасозӣ.Калимасозӣ яке аз роҳҳои асосии такомули таркиби луғавии забони (адабӣ) тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад. Ба туфайли калимасозӣ забон предмету ҳодиса ва мафҳумҳои навро ифода карда, мубодилаи афкори мардумро осон мегардонад, чунки дар натиҷаи калимасозӣ воҳидҳои нави лексикӣ-калимаҳо пайдо мешаванд. Ҳар як ҳиссаи нутқ ҳамчун гурӯҳи грамматикии калимаҳо аффиксҳо ва қолабҳои хосси калимасозӣ дорад. Бинобар ин, калимасозӣ ҳам дар лексикология ва ҳам дар морфология омӯхта мешавад [1, с.7].

Дар забоншиносии ҳозира тамоили ҷудо кардани калимасозӣ ҳамчун соҳаи мустақили омӯзиши структураи забон пурқувват шуда истодааст. Дар асарҳои тадқиқотӣ калимасозӣ ҳамчун системаи восита ва усулҳои махсуси сохта шудани калимаҳо аз назар гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, дар программаҳои таълимии мактабҳои олӣ ва миёна ба ин соҳаи муҳимми забоншиносӣ аҳаммияти калон дода мешавад.

Тарзҳои - калимасозии забони (адабӣ) тоҷикӣ ва англисӣ то андозае устувор буда, дар садсолаҳо тағйир намеёбанд ва дар асоси ҳамин қолабҳо дар забон калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд.

Ҳар як тарзи калимасозӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихи забон барои бойшавии таркиби луғавӣ нақши муҳим мебозад ва он бешубҳа, ба қонунҳои дохилии забон вобаста аст.

Дар забони адабии тоҷик 3 роҳи калимасозӣ вуҷуд дорад:

1) лексикӣ-синтаксисӣ
2) морфологӣ-синтаксисӣ
3) морфологӣ.

Дар забоншиносӣ роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ низ нишон дода шудааст, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ҳодисаи омонимия вобастааст. Чунончи, калимаи пул ба маъноҳои кӯпрук ва андозаи арзиш, пай ба маънои нишон (нақши пой) ва бор, навбат истифода мешавад. Чунонки мебинем, ин тарзи калимасозӣ калимаи нав ба вуҷуд намеорад, балки калимаҳои мавҷудаи забон маънои нави луғавӣ пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, ин ҳодисаро протсесси соф калимасозӣ номидан чандон дуруст нест. Онро дар лексика дар боби сермаъноӣ, омонимия ва тағйири маънои калима аз назар гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст [1, с.9].

Тарзи морфологии калимасозӣ ва махсусан аффиксатсия дар забон мақоми хос дорад. Бо роҳи аффиксатсия калимаҳои зиёде сохта мешаванд, ки функсияи коммуникативии забонро осонтар мекунанд. Ин усули калимасозӣ барои ифодаи мафҳумҳои нави ҳаёт хеле мувофиқ аст ва он дар давраи шӯравӣ дар Тоҷикистон беш аз пеш инкишоф ёфт. Таъсири босамари забони русӣ дар бой гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ назаррас аст, яъне калимаҳои бо иқтибосии русӣ ва интернатсионалӣ бо аффиксҳои калимасози забони тоҷикӣ номи предмету ҳодисаҳои нав шудаанд. Аффиксатсия дар забон на танҳо калимаҳои нав месозад, балки дар нигоҳ доштани шаклу маънои калима низ нақши калон мебозад. Масалан, калимаҳои ҳуда, қасаб, марғ имрӯз дар истеъмол нестанд. Вақте ки онҳо аффиксҳои бе,- -зор гирифтанд, дар шакли беҳуда, беқасаб, марғзор хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо карданд. Ё калимаи ҷидд ҳоло дар алоҳидагӣ истифода намешавад, вале бо суффикси –ан, –ӣ (ҷиддан, ҷиддӣ) истифода мешавад. Аз рӯйи шакл дар китобҳои дарсӣ калимаи гун ҳамчун суффикс дониста мешавад. Агар ба ин морфема дурусттар назар андозем, он маънои рангро ифода мекунад: гулгун-гулранг, лолагун-лоларан, нилгун-нилранг, гандумгун-гандумранг. Дар калимаҳои боғбон, мизбон, дарбон, подабон морфемаи -бон низ маънои луғавии худро пурра гум накардааст. Ҳангоми омӯзиши калимасозӣ маънои аслӣ ва маҷозии калимаро ба назар

гирифтан шарт аст, чунки дар пояи маънои аслӣ ва маҷозӣ суффиксу префиксҳо калимаҳои нав месозанд. Масалан, дар калимаи бесар ду маънои ба ҳам алоқаманд ба назар мерасад. Аввало, агар «сар» дар калимаи бесар ба маънои аслӣ ояд, мо набудани узви инсону ҳайвонро мефаҳмем. Дуюм, агар калимаи «сар» ба маънои маҷозӣ ояд, ба маънои бесомон, бетартиб, парешон саргардон кор фармуда мешавад. Ҳамин калима суффикси –ӣ гирад, калимаи бесарӣ пайдо мешавад, ки маънои бесомонию бетартибӣ, парешонию саргардониро дорад. Калимаҳои сермаъно ба андозаи миқдори маъниҳояшон суффиксҳои калимасоз қабул мекунанд. Маънои маҷозии як калима гоҳо бо як суффикс омонимия месозад, ки аз ҷиҳати маъно гуногун мебошанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ суффиксҳои –а, –ак ва –гоҳ бо калимаи даст калимаҳои омонимии даста (дастаи дар…) дастак (1)- касе ва ё далеле ки ба вай такя карда ягон корро кунанд, (2) чӯб ё хӯлаи хиштинест барои нигоҳ доштани девор ё чизи дигар аз афтидан; дастгоҳ (1) давлат; сармоя, (2) дастгоҳи корхона сохтаанд. Ҳамин гуна хусусияти маънои маҷозиро дар калимаи чашмак дида метавонем. Ин калима ҳоло танҳо дар шакли чашмак дар ибораи рехтаи «дар як чашмак задан», ки маънои як лаҳзаро дорад, меояд. Таҳлили семантикӣ калимасозӣ нишон медиҳад, ки ба эътибор нагирифтани маънои маҷозӣ боиси ғалатфаҳмии маънои калима шуда метавонад. Масалан, калимаҳои бекас ва нокас аз ҷиҳати маъно аз ҳамдигар фарқ доранд. Сабаби ин ҳодиса сермаъноии калимаи кас ва доираи истеъмоли префиксҳо мебошад. Чунин ифодаи маъноро дар калимаҳои сохтаи бегап ва ногап дидан мумкин аст, ки бегап ба маънои бесухан, хомӯш ва ногап ба маънои «ҷангӣ» меояд [1, с.11].

Калимасозӣ инчунин воситаи услубии забон аст. Ҳар як суффикс ва префикс мақоми хосси истеъмол дорад ва нависанда барои ифодаи баён морфемаи дилхоҳро интихоб мекунад. Масалан, префикси бо- ва суффикси -манд дар забони тоҷикӣ калимаҳои синонимӣ месозанд: бохирад, хирадманд. Вале ин калимаҳо дар ифодаи маъно ҳамвазн ва баробар нестанд: хирадманд дар тарозуи истеъмол нисбат ба калимаи бохирад гаронтар меояд. Аз ин рӯ, вақти таҳлили аффиксҳои синонимии калимасоз хусусияти услубӣ, ғунҷоиши маъно ва таносуби суханро ба назар гирифтан зарур аст. Чунин тафовути маъноиро морфемаҳои синонимии калимасози бо-, -нок ва -манд зуд зоҳир мекунанд: боадолат, адолатнок, адолатманд. Мақоми истеъмоли ин калимаҳо мухталифанд, зеро адолатнок аз боадолат пасттар меистад ва адолатманд аз инҳо дида дараҷаи истеъмоли баланд дорад. Ҳангоми таҳлили калимасозӣ забоншиносон як гурӯҳ воҳидҳои луғавиро бо истилоҳи «калимаҳои рехта» ном мебаранд. Калимаҳои рехта таърихан сохта ё мураккаб буда, дар натиҷаи содашавии морфологӣ ба калимаҳои яклухту ҷудонашаванда табдил ёфтаанд. Масалан, ҳоло калимаи «дигар»-ро ҳамчун калимаи содаи яклухти ба қисмҳои маънодор ҷудонашаванда мефаҳманд. Ҳол он ки ин калима дар забони форсии қадим ҳамчун ибора-двития кара (дуюм бор) ва дар форси миёна дар шакли дитикар (дудигар) истифода мешуд. Дар забони имрӯзаи тоҷики калимаҳои рехтаро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Калимаҳои тамоман рехта. Чунин калимаҳо ба ҷузъҳои маънодор (морфемаҳо) ҷудо намешаванд ва асоси таърихан мураккаб ё сохти онҳо ба асоси аслии бутун мубаддал шудаанд: пиёба, дашном, душвор, душман, гӯсфанд, ангубин, фарҳанг писар, духтар, падар ва ғ.

2. Калимаҳои қисман рехта. Дар ин қабил воҳидҳои луғавӣ хусусияти (осори) таърихан сохта будани онҳо то андозае нигоҳ дошта шудааст. Яке аз ҷузъҳои чунин калимаҳоро бо роҳи қиёс (аналогия) ҷудо кардан мумкин аст: ангор, андоз, ангушт; пажмурда, пазируфтан, пазмон, посух, пайғом, паймудан; боргоҳ, хиргоҳ, бегоҳ, гузоштан, ниҳодан, нишастан; зимистон; тобистон; меҳмон ва м. и. Морфемаҳои калимасози забони тоҷикӣ таърихи қадима доранд. Дар бисёр калимаҳои содаи ҳамқофияи имрӯза морфемаи охири калима як менамояд: сохтмон, хонумон, меҳмон, шодмон, қаҳрамон. Вале дар асл ин –мон як чиз нест. Агар дар калимаҳои сохтмон, хонумон морфемаи –мон таърихан маънои «хона»-ро дошта бошад, дар калимаҳои шодмон, қаҳрамон маънои «фикр», «андеша»-ро ифода мекунад.

Гурӯҳи муайяни чунин калимаҳо аз маънои маълуми луғавиашон хеле дур рафта, ҳамчун муродифи аффиксҳои исму сифатсоз истеъмол мегарданд ва вазифаи суффиксу префиксҳоро адо мекунанд. Ин хусусиятро, махсусан, дар мавридҳои ба таври мувозӣ истеъмол шудани калимаҳои сохтаю мураккаб хеле равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Синонимикаи аффиксу аффиксоидҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст [1, с.12].

1. Суффикс бо суффикс: -а, -ина (дирӯза-дирӯзина), -гор, -анда (омӯзгор-омӯзанда), -гар, -чӣ (андовагар-андовачӣ), –зор, -истон (гулзор-гулистон).

2. Префикс бо суффикс: -ба, -ан, (батадриҷ-тадриҷан), ба-, -вор (баумед-умедвор), бар-, -ан (барқасд-қасдан), бо-, -нок (босавод-саводнок), бо-, -манд (бохирад-хирадманд).

3. Префикс бо префикс: бе-, но-(беист-ноист).

4. Префиксоид (ҷузъи якуми калимаи мураккаб) бо суффикс: пур-, -нок (пуралам-аламнок), пур-, -гин (пурандуҳ-андуҳгин), пур-, -ин (пурнақш-нақшин). 5. Суффикс бо суффиксоид (ҷузъи дуюми калимаи мураккаб): -бон, –дор (тарозубон-тарозудор), –вар, –дон (суханвар-сухандон), –вар, –ӣ, –дор (номвар номӣ, номдор), –гар, -дӯз (кафшгар-кафшдӯз), –гар, -каш (суратгар-сураткаш), гар, –кор (гилгар-гилкор), -гоҳ, –када (донишгоҳ-донишкада), – гоҳ, –хона (ибодатгоҳ-ибодатхона), –гун, ранг, (тиллогун-тиллоранг). Усули аффиксатсияи калимасозии забони тоҷикӣ имрӯз дар инкишоф аст. Ин аз як тараф, ба имкониятҳои дохилии худи забонамон, аз тарафи дигар, ба таъсири бонуфуз ва самарабахши забони русӣ алоқаманд мебошад [1, с.12].

Сохти луғат. Дар луғат калимаҳои решагӣ (сода), мураккаб ва аффиксҳои калимасоз (суффиксу префиксҳо) аз рӯйи алифбо дода шудаанд: абад (-ан, –ият, –ӣ); абир (-ӣ); аблаҳ (-ваш, –вор, –она, –ӣ).

Дар қавс префиксҳо бо аломати нуқта вергул (;) ҷудо карда шуда, сипас суффиксҳо оварда мешаванд: амон (бе-; -гоҳ, –ӣ); вазн (бе-; ҳам, –ин+-ӣ, нок+-ӣ).

Калимаҳои сохтаю мураккабе, ки ҳам префиксу ҳам суффикс доранд, берун аз қавс ба тарзи зайл нишон дода мешаванд: арз (-анда+-гӣ, –иш), бе-иш, но-анда уҳдабаро (но-; ӣ), но-ёна, но-ӣ. Дар луғат калимаҳои омонимӣ ҷудо оварда шуда, дар қавс аффиксҳои онҳо қайд мегарданд. Масалан, калимаи омонимии шӯр чунин зикр ёфтааст: шӯр (-зор, –ак+-ӣ); шӯр (-иш: -гар, –чӣ).

Дар луғат дараҷаҳои калимасозӣ то охир ба ҳисоб гирифта шудаанд. Чунончи, калимаҳои омӯзгорӣ, дороӣ ду дараҷа, калимаҳои донишмандӣ, созишгарона се дараҷаи (зинаи) калимасозиро аз сар гузаронидаанд: омӯзгор-омӯзгорӣ, дор-доро-дороӣ, дон-дониш-донишманд-донишмандӣ, соз-созиш-созишгар-созишгарона. Агар пас аз ин ё он калимаи сохта ду ва зиёда суффиксҳо истеъмол шаванд, пас аз он аломати баён (:) гузошта, сипас морфемаҳои калимасоз қайд мегарданд: банд (бе-; -а: -вор, –гӣ, –ак, –ина, –ӣ); сӯг (-вор: она, –ӣ).

Калимаҳои сермаъно аз рӯйи маънои асосӣ ва ҳарфи нахусти калимасозиашон ҷой дода шудаанд. Чунончи, калимаҳои сар ва дил ба тарзи зер оварда шудаанд: сар (бе- ҳам-; -а, –ак, –вар: -ӣ; -гаҳ, –ӣ), бе-она, бе-ӣ, ҳам-ӣ. Дил (бе-, ҳам-; -осо), бе-она, бе-ӣ, ҳам-ӣ. Дар зери аффиксҳо ё унсури калимаҳои рехтае, ки бутунии худро нигоҳ доштаанду онҳоро аз таркиби он калимаҳо ҷудо кардан мумкин нест, хатти сиёҳ кашида мешавад: тобистон (-а, –ӣ), зимистон (-а, –ӣ), сорбон, шӯрбо, гулхан, хиргоҳ, дуредгар (-ӣ), хокистар (-дон, –ӣ), арҷманд, хиргоҳ, монанд (-ӣ), ноништа, гаҳвора. Луғатнома аз ду боб иборат аст. Боби аввал калимаҳои сохтаро дар бар мегирад. Дар боби дуюм калимаҳои мураккабе оварда мешаванд, ки дар алоҳидагӣ мустаъмаланд ва аффиксҳо қабул намуда, калимаҳои нав месозанд: бадкирдор (-она, –ӣ), буздил (она, –ӣ), ватандӯст (-она, –ӣ), мӯйсаргир (-он, –ӣ), шевашинос (-ӣ).

Пасвандҳо ва пешвандҳои асосии калимасоз дар забони англисӣ.

Аксари калимаҳои забони англисӣ дар як шакл метавонанд ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дошта бошанд. Маънои ин гуна калимаҳо аз мавқеъ ва ҷойи онҳо дар ҷумла ва шакли грамматикии онҳо вобастагӣ дорад: we play and dans in the park.

Қисми зиёди калимаҳо дар забони англисӣ бо якҷоя кардани ду калима ба як калима сохта мешаванд. Як гурӯҳи онҳо бо ёрии тире ё худ якҷоя навишта мешаванд: Book-shop, Newspapers, Schoolgirl, Apple-tree.

Калимасозӣ дар забони англисӣ бо пасвандҳо ба таври васеъ истифода мешавад, онҳо ба калима маънои нав медиҳанд.

Дар калимасозии сифат низ типи серистеъмолтарин типи морфологии калимасозӣ мебошад, ки вай хелҳои зеринро дар бар мегирад:

а) ба воситаи аффиксҳо (суффиксҳо ва префиксҳо) сохта шудани сифатҳо;

б) бо роҳи ҳамроҳ кардани калимаҳо сохта шудани сифатҳо.

Пасвандҳои сифатсози -able(ible), -ent, -ant, -ate, -y, -ed, -ful, -less, -ness, -ish, -ese, - fold, -ive, -ic, -al,-some, -ern, -ly.

Пасванди –able (ible) одатан аз феъл ва исм сифат месозад, мисол: to read (хондан) – readable (хондашаванда), to detect (зоҳир кардан) detectable (зоҳиршаванда), miser (мумсик, андуҳ), miserable (андуҳовар, сиёҳдил). Ин пасвандҳои сифатсозро дар осари «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ дидан мумкин аст:

Сиёҳдили бадботин-гуфт падарам…[3, с.33].

Miserable black guard, my father muttered to himself [7, с.54].

Пасванди - ent сифатҳои дорои маънои гуногун месозад. Мисол: current –ҷорӣ, муосир, evident-ошкор, penitent-тавбакор, пушаймон.

Пасванди- ant сифатҳое месозад, ки соҳиби хусусиятҳои муайян будани шахс ё ашёро мефаҳмонанд. Мисол: observant- мушоҳидакор, relevant- мувофиқ. Мисол дар «Ёддоштҳо» як қатор пасвандҳо омадаанд, ки ба маънои хуш наомадан-unpleasant истифода

гардидаанд, ки дар ин ҷо дар як калима ҳам пасванд омадааст ва ҳам пешванд, яъне un ва ant .

One of them, who was a guest, was a short , unpleasant-looking man [7, с.18].

Пасванди- ate дар сифатҳои дорои маъноҳои гуногун дида мешавад, мисол: moderate-муътадил, мунтазам, adequate- муносиб, баробар.

Пасванди- у аз исмҳо сифатҳои нисбие месозад ки аломату хусусиятро ифода мекунанд. Мисол: dirt (чирк) -dirty (чиркин), fun(шӯхӣ) -funy (шӯх), cloud (абр) -cloudy (абрнок). Мисол:

Although in the end this fierce, wicked, child- stearling demon is rilled by the legendary Rustam on Mount qof, the beginning of the tale was terrifying [7, с.70].

Пасванди - ed сифатҳои дорои маъниҳои зерин месозад:

а) ба маънои ягон аломат ё дорои чизе будан. Мисол: property (моликият) -propertied (моликиятдор);

б) ба маънои дорои шакли муайян будан. Мисол: roof (бом) -roofed (бомдор пӯшида);

в) ба маънои хусусият ё ҳолат. Мисол: culture (фарҳанг) -cultured (бофарҳанг), educate (таҳсил) -educated (бамаърифат).

Ин пасванд бештар дар сифатҳои мураккаб дида мешавад, мисол: manysided чандтарафа, absent-minded -парешонхотир, bad-mannered-бетарбия, cool headed хунсард, ё ин ки калимаи dashed-маъноюш зарбаи сахт аст, ки дар «Ёддоштҳо» низ омадааст:

The mullah seeing his hopes so suddenly dashed nearly fainted [7, с.70].

Пасванди- able. Пеш аз сохтани сифатҳо бо ин пасванд дар хотир доред:

а) агар феъл бо е тамом шавад. Дар хӯшаи ҳарфҳои -able, ible ин ҳарф хонда намешавад. Мисол: to receive (гирифтан) -receivable (дастрасшаванда);

б) агар феъл бо у тамом шавад. Дар ҳолати пайвастшавии сифат у ба і табдил меёбад. Мисол: to rely (бовари доштан) -reliable (боваринок).

8. Пасванди - ful аз исмҳо сифатҳоеро месозад, ки дорои хусусиятҳои дар реша баёншуда мебошанд. Мисол: hope (умед)-hopeful (боумед), care (ғам) -careful (ғамхор), beauty (зебоӣ) -beautiful (зебо).

9. Пасванди - less сифатҳое месозад, ки маънои маҳрум будан аз хусусияти дар реша ифодагардидаро доранд. Ин пасванд аз рӯйи маъно ба пешвандҳои тоҷикии бе-. но-мувофиқ аст. Мисол: doubt (шубҳа)-doubtless (бешубҳа), hope (умед) -hopeless (ноумед), ground (асос) -groundless (беасос).

10.Пасванди - ive, аз асоси феъл ва исм месозад, мисол: to create (эҷод кардан) -creative (эҷодкорона), to act(фаъолият доштан)-active (фаъол), to impress (диққат ҷалб кардан) -impressive (диққатҷалбкунанда).

11.Пасванди - іс сифатҳои дорои маъноҳои зеринро месозад:

а) маънои доро будан ба шакл ё сохторе ки дар калимаи решагӣ баён шудааст: atom (атом) -atomic(атомӣ), hero (қаҳрамон) -heroic (қаҳрамонона), history (таърих) -historic (таърихӣ) .

б) маънои монанд будан ба касе: Byronic (байронӣ).

12. Пасванди -al сифатҳои зиёдеро месозад, ки маънои «дорои хусусияте . ки дар калимаи решагӣ ифода гардидааст»-ро доранд. Мисол: emotion (эҳсос) -emotional (эҳсосӣ), norm (меъер) -normal (меъерӣ), incident (тасодуф) -incidenal (тасодуфӣ) [2, с.772].

Пасвандҳое, ки аз исмҳо сифатҳо месозанд.

Пасванди–ian асосан ба вазифаи исм меояд, вале ба вазифаи сифат низ омада, миллат ва касбу корро ифода мекунанд. Мисол: Russian- рус, academican- академик, musician-мутриб.

Калимаҳое, ки бо пасванди -ian сохта шудаанд, ҳамчун сифат низ тарҷума мешаванд. Мисол: the Russian language - забони русӣ.

Пасванди -hood исмҳое месозад, ки ҳолат мавқеъ ё сифатро ифода мекунанд: child (бача) -childhood (бачагӣ); man (мард), manhood (мардонагӣ); father (падар), fatherhood (падарӣ).

Пасванди -ness асосан аз сифат исм месозад. Ин исмҳо маънои ҳолат. хусусият ва сифатро ифода мекунанд: dark (торик) –darkness (торикӣ); cold (хунук) -coldness (хунукӣ); great (бузург) -greatness (бузургӣ); calm (ором) -calmness (оромӣ).

Суффиксҳои сифатсози –ish child-childish (кӯдак-кӯдакона); white-whitish (сафед-сафедтоб).

The tooth are whitish – дандонҳои сафедтоб.

Пасванди – ly. Аксари зарфҳо дар натиҷаи ба сифату исм васл шудани пасвандҳо сохта мешаванд. Пасванди – ly. дар байни ин пасвандҳо сермаҳсул мебошад, ки ба воситаи он аз сифатҳо зарфҳои зиёде сохта шуда, ки аксаран маънои аввалаи сифатро ҳифз кардаанд, мисол: friend (дӯст) -friendly (дӯстона), general (умумӣ) – generally (умуман), equal – equally (баробар-баробарӣ), realyl – really (воқеӣ-воқеан), wide widely (паҳн-паҳно). Як қатор мисолҳоро низ бо ин пасванд дар «Еддоштҳо» дучор омадем:

The mullah quickly got up and closed the door trapping the pigeon [7, c.70].

The mullah seeing his hopes so suddenly dashed nearly fainted [7, c.71].

Ikrom khoja in particular pestered her constantly to tell stories [7, c.70].

Хулоса, сифатҳои аслӣ ва калимасозии сифат аз бахшҳои калони забон ба ҳисоб меравад. Он яке аз роҳҳои ғанӣ ва бойшавии таркиби луғавии забон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш.Бобомуродов, А. Муминов. Дастури таълимӣ. – Душанбе, 1983. – 120 с.
2. Ҷамшедов П. Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / П.Ҷамшедов. – Душанбе, 1978. – 126 с.
3. Ҷамшедов П. Фарҳанги англисӣ- тоҷикӣ / П.Ҷамшедов, Р.Толиби. – Душанбе, 2005. – 1202 с.
4. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. – Қисми 1-2. – Душанбе. –Адиб,1990. – 350 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. – Душабе: «Эр-граф», 2016. – 516 с.
6. John Lee. Weldon Memory Touches memory / Lee John.- London, 1989 – P. 171.
7. The Sands of Oxus: Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini; Translated from the Tajik Persian with an introduction and notes by John R.Perry and Rechel L.; translation of Yoddoshtho pt.1.- Mazda publishers, 1998. – 275 p.

РОҲҲОИ КАЛИМАСОЗӢ БО СИФАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ АЗ РӮЙИ МАВОДИ «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

Забоншиносии тоҷик дар солҳои охир дар самти типологияи муқоисавии забонҳои гуногун ба муваффақиятҳои калон ноил гардидааст. Барои равшан, ҷозибанок ва пуртаъсир баён кардани матлаб лозим аст, ки мо имконияти услубӣ ва лексикии баёни забонҳои хориҷиро хуб донем. Аз ҳамин сабаб, мо оид ба масъалаи сифатҳои аслӣ ва калимасозии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо тариқи муқоиса таҳлилҳо рӯйи варақ овардем. Забони англисӣ яке аз забонҳои ғарбии гурӯҳи забонҳои германӣ мебошад, ки имрӯз дар Британияи Кабир, Ирландия, Амрикои Шимолӣ, Австралия, Зеландияи нав, ҳамчунин дар як қатор кишварҳои Осиё ва Африқо мустаъмал буда, бештар аз 500 миллион сокинони сайёраи мо ҳоло ба ин забон такаллум менамоянд. Ҳоло ин забон дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ҳамчун забони давлатӣ ба кор рафта, яке аз забонҳои кории СММ ба ҳисоб меравад. Сарчашмаи пайдоиши забони англисӣ лаҳҷаҳои англисҳо, саксонҳо ва ютҳо ном қабилаҳои германии қадим мебошад, ки дар асрҳои V-VI дар Британия маскун гардидаанд. Аз асри XVIII сар карда, нуфузи Британия ва сипас ИМА, дар рушди сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ афзоиш ёфт, ки боиси густариши забони англисӣ дар саросари олам гардид ва ин забон имрӯз чун забони муошират байналхалқӣ роиҷ аст. Дар ин равандҳо забони англисӣ воситаи асосии робита ва муошират дар байни мардумони гуногун гардид. Чунин вазъият тақозо дорад, ки сокинони Тоҷикистон барои ҳамқадам бо равандҳои инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ будан, бо забони англисӣ ошно бошанд.

Калидвожаҳо: сифат, калима, таҳлил, муқоиса, семантика (мустаҳкам), муқоиса, мақола.

СПОСОБЫ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ С ПРИЛАГАТЕЛЬНЫМИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ ПО МАТЕРИАЛАМ «ВОСПОМИНАНИЙ» С.АЙНИ

Таджикское языкознание в последние годы достигло огромных успехов в направлении сравнительной типологии разных языков. Для четкости и привлекательности изложения темы мы должны знать стилистические и лексические возможности иностранных языков. Поэтому в данной статье нами проведен анализ прилагательных, видов прилагательных и сравнительной степени прилагательных в таджикском и английском языках. Английский язык является одним из западных языков группы германских языков, который очень широко применяется в Великобритании, Ирландии. Северной Америке, Австралии, Новой Зеландии, а также в ряде государств Азии и Африки и более 500 миллионов человек на планете говорят на этом языке. На сегодняшний день в ряде государств мира английский язык используется как государственный язык и является одним из рабочих языков Организации Объединённых наций. Источником появления английского языка являются диалекты германских племён, таких как английский, саксонский и юитский диалекты, которые проживали в Британии в V-VI веках. Начиная с XVIII века, возросло влияние Британии и США на политическое и экономическое развитие мирового сообщества, что также стало причиной развития английского языка в мире, и этот язык сегодня является языком международного общения. В этих процессах английский язык стал основным средством связи и общения среди разных национальностей. Такое положение делает необходимым изучение английского языка и для таджикистанского общества для того, чтобы быть в курсе развития мирового сообщества. В последние годы изучение иностранных языков в нашей республике поднято на высокий уровень. Гармоничные и сравнительные методы изучения языков помогают не только в изучении грамматических особенностей иностранных языков, также они служат и для углубленногоизучения родного языка.

Ключевые слова: прилагательное, слово, анализ, сравнение, семантика, статья.

THE WAYS OF WORD BUILDING AND EXPRESSING ADJECTIVE IN COMPARING LANGUAGES ON THE MATERIALS "MEMORIES" S.AINI

The Tajik linguistics has achieved huge successes in the direction of comparative typology of different languages in recent years. For clearness and appeal of statement of a subject we have to know stylistic and lexical opportunities of foreign languages. Therefore, in this article we have carried out the analysis concerning adjectives, types of adjectives and comparative degree of adjectives in the Tajik and English languages. English is one of the western languages of group of the German languages which is very widely applied in Great Britain, Ireland. To North America, Australia, and New Zealand and also in a number of the states of Asia and Africa and more than 500 million people on the planet speak this language. Today in a number of the states of the world English is used as a state language and is one of working languages of the United Nations. Source of emergence of English are dialects of the German tribes, such as English, Saxon and guts dialects which lived in Britain in the 5-6th centuries. Beginning with the 18th century, influence of Britain has increased and the USA on political and economic development world communities it became the reason of development of English in the world too and this language is language of the international communication today. In these processes English became the main means of communication and communication among different nationalities. Such situation does necessary

studying of English and for the Tajik society to be in a stream of developments of the world community. In recent years the learning of foreign languages in our republic is lifted to high level. Harmonious and comparative methods of studying of languages help not only with studying of grammatical features of foreign languages, they serve also for profound studying of the native language.

Key words: adjective, word, analyzing, comparison, semintics, collation, article.

Сведение об авторе: ***Бобоева М.И.*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992)-907-94-94-36**

Information about the author: ***Boboeva M.I.*** - Tajik National University, doctoral Ph.D. of the university-wide department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) -907-94-94-36**

УДК: 42-56:491.550 (575.3)

МУАЙЯНКУНАНДАИ АСОСИИ ИСМҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҷумахонова А.А., Акрамова З.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Исмҳо дар забони англисӣ дар бисёр ҳолатҳо бо ёрии калимаҳои махсусе, ки муайянкунандаҳо ном доранд, ҳамроҳ оварда мешаванд. Муайянкунандаҳо дар ҷумла нишонаҳои расмии исм ба шумор мераванд. Истифодаи як муайянкунандаи исм дар ҷумла муайянкунандаи дигарро ихтисор мекунад.

Яке аз муайянкунандаҳои асосӣ ва паҳншудаи исм дар забони англисӣ, артиклҳои номуайянии **a, an** ва муайянии **the** ба шумор мераванд. Артиклҳо маънои мустақил надоранд ва дар вақти тарҷума ба дигар забон, бо роҳ ва усулҳои забони тарҷумашаванда ифода карда мешаванд:

There is **a** nest on the tree. - Дар болои дарахт лонае аст.

The dean has just come. - Декан худи ҳозир омад [11, с.87].

Дигар муайянкунандаҳо маънои мустақил дошта дар ҷумла вазифаи муайянкундаи исмро иҷро мекунанд. Ба муайянкунандаҳои асосии исм инҳо мансубанд: **1.** Ҷонишинҳои соҳибии **my** - азони ман, **his** - азони ӯ, **her** -азони вай, **its** - азони е (он), **our** - азони мо, **your** - азони шумо, **their** - азони онҳо.

Where is **your** brother? - Бародари шумо дар куҷост?

Their house is near the lake. - Хонаи онҳо дар назди кел аст.

2. Исм дар падежи соҳибӣ: Jamila's mother is an English teacher.- Модари Ҷамила муаллимаи фанни забони англисӣ аст. His fathers farm is in the country. - Фермаи падари вай дар деҳа аст. **3.** Ҷонишинҳои ишоратии **this** - ин, **these** - инҳо, **that** -он, **those** – онҳо:

This car is an old model. Ин мошини муди куҳна аст.

We shall buy those tables. - Мо он мизҳоро хоҳем харид. **4.** Ҷонишинҳои муайянии **much, many** - бисёр, зиёд, **little, few**-кам, якчанд ба маънои якчанд, баъзе, инчунин бо маънои якчандто, any бо маънои кадоме, кадомаш, **each, every**-ҳар як: There are many goats in the field. - Дар саҳро бузҳои зиёде ҳастанд. Some people do not like swimming. -Баъзе одамон оббозиро нағз намебинанд. Come to see me at any time. - Ба дидани ман кадом вақте хоҳӣ, биё. **5.** Ҷонишинҳои **what** ? - чӣ хел? чӣ? **which**?-кадоме аз? **Whose**?- азони кӣ?: What book has your sister read? - Хоҳари шумо чӣ хел китоб хондааст [11, с.87].

Муайянкунандаҳо одатан пеш аз исмҳое, ки онҳо ҳамроҳӣ мекунанд, гузошта мешаванд. Агар дар ҷумла муайянкунандаи дигаре вуҷуд дошта бошад, онҳо дар байни муайянкунанда ба исм гузошта мешавад.

Артикл яке аз муайянкунандаи асосии исм ба шумор меравад. Дар забони англисӣ ду намуди артикл мавҷуд аст: Indefinite article1e (Артикли номуайянӣ) **- a, an.** Definite article (Артикли муайянӣ) - **the**.

Артикл ду вазифаро иҷро мекунад: 1) вай ба мисли дигар муайянкунандаҳо нишонаи расмии исм ба шумор меравад, яъне вай нишон медиҳад, ки калимае, ки пеш аз он истодааст ба гуреҳи исмҳо дохил мешавад; 2) вай нишон медиҳад, ки калимаи мазкур ба хонанда ва ба шунаванда номуайян аст, яъне яке аз предметҳо миёни дигар предметҳои якхела. Артикл инчунин нишон медиҳад, ки предмети мазкур ба хонанда ва шунаванда, аллакай, муайян мебошад [9, с.90].

Истифодаи артикл, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки он ба исми хос ё ҷинс мансуб мешавад. Агар предмет ба исми ҷинс дохил шавад, вай ҳисобшаванда ва ё ҳисобнашаванда аст. Артикли номуайянӣ ду шакл дорад: **a** ва **an**. Вай аз шумораи як пайдо шудааст, бинобар ин, вай ҳамавақт бо исмҳои шуморанашаванда дар шумораи танҳо истифода бурда мешавад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки артикли номуайянӣ, инчунин нишондиҳандаи шумораи исмҳо ба шумор меравад:

Give them a book. - Ба онҳо китобе диҳед. There is an armchair in this room. -Дар ин хона курсии мулоиме ҳаст [7, с.65].

Артикли муайянии **the** аз ҷонишини ишоратии **that** – «ҳамон» ташкил

ёфта, ҳам бо исмҳои ҳисобшаванда ва ҳам бо исмҳои ҳисобнашаванда истифода бурда мешаванд. Инчунин, кайд намудан лозим аст, ки артикли муайянии **the** дар шумораҳои танҳо ва ҷамъ якхела истифода бурда мешавад:

The case is open. -Ҷомадон кушода аст. The books are on the shelf.- Китобҳо дар болои ҷевон мебошанд. The water is cold here. - Оби ин ҷой хунук аст [12, с.94].

Артиклҳо аз дигар муайянкунандаҳои исм бо он фарқ, мекунанд, ки онҳо дар баъзе ҳолатҳо, дар вақти тарҷума ба дигар забон умуман ифода намешаванд: He is a doctor. -Ӯ духтур мебошад. C1ose the door.- Дарро пешед.

Артиклхо пеш аз исмҳо гузошта мешавад: a black dog – саги сиёҳе, the small library – китобхонаи хурд.

Артикли муайянӣ дар байни муайянкунанда ва исм дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад: Вақте, ки муайянкунанда ҷонишини **such** аст; вақте, ки муайянкунанда ҷонишини **what** дар ҷумлаҳои хитобӣ аст; вақте, ки муайянкунанда ҷонишини **half** аст: I have never seen such a fine film. What a mistake you have made? I′ ll come back in half an hour [13, с. 92].

Артикли муайян байни муайянкунанда ва исм дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад: вақте, ки муайянкунанда ҷонишини **all** аст; вакте, ки муайянкунанда ҷонишини **both** аст; All the pupils were present at the consert.

Both the girls play the piano. Муайянкунандаи исм ба вазифаи ҷонишинҳои номуайянии some, any, many, much, each, every, either, падежи соҳибӣ ва ё шумораи миқдорие, ки баъд аз муайянкунандаҳо меистад, истифода намешаванд: Take this pencil. - Ин қаламро гиред. Do you like our new English teacher? - Оё ба шумо муаллими нави англисии мо писанд аст?

This is Jack’s pen not yours. - Ин қалами Ҷек аст, на аз они шумо [14, с.102].

Артикли номуайянӣ танҳо бо исм дар шумораи танҳо истифода мешавад, чунки он худ маънои шумораи танҳоро ифода мекунад. Бо исм дар шумораи танҳо артикли номуайянӣ истифода бурда мешавад.

Артикли муайян метавонад бо исм дар шумораи танҳо ва ҳамчунин дар шумораи ҷамъ истифода шавад: the apple - себ, the apples – себҳо.

Агар муайянкунанда сифати дараҷаи олиро ифода кунад, дар ин маврид исм бо артикли муайянӣ истифода мешавад:

This is the best wine I have over drunk. - Ин аз шароби беҳтарин аст, ки ман то ҳол нӯшида будам [4, с. 43].

Агар муайянкунанда сифатро дар дараҷаи олӣ ё қиёсӣ ифода кунад, дар ин ҳолат исм метавонад бе артикл ё ин, ки бо артикли муайянӣ ё бо ҷонишини **some** ва **any** дар асоси қоидаҳои умумӣ, новобаста аз вуҷуд доштани сифат ояд:

I like cold milk. - Ман шири хунукро дест медорам. I drunk the cold milk she brought me - Ман шири хунукеро, ки у ба ман оварда буд нӯшидам.

Give me some cold milk - Ба ман шири хунукро диҳед.

I usually drink sweet tea - Ман одатан ҷойи андаке ширинро менӯшам

Истифодаи артикл бо исмҳои номӣ, ки фарқияти намуд ва навъи предметҳоро ифода мекунад ва ба исмҳои шумурдашаванда мубаддал гаштаанд ба қоидаҳои умумие, ки артикл бо исмҳои шумурдашаванда истифода мешавад, тааллуқ доранд:

It is rare good wine- Ин шароби беҳад хуб аст.

I prefer Caucasian wines to Crimean wines- Барои ман шароби қафқозӣ аз шароби қримӣ беҳтар аст. This is an oil which is used for lubricating small bearings.- Ин равған барон молиши ашёҳои хурди техникӣ истифода бурда мешавад.

Маънои артикли муайянӣ баъзан бо ҷонишинҳои ишоратии **this (these), that (those),** ки дорои ишораи аниқ ба предмети алоҳида мебошанд, ифода мешавад. Ҷонишинҳои ишоратӣ дар ҷумла пеш аз исмҳо омада, онҳоро аз дигар аъзои ҷумла ҷудо менамоянд. Инчунин, ҷонишинҳои ишоратӣ ҳолати ҷойгиршавии исмҳоро низ ифода мекунанд, яъне дар масофаи наздик ё дур будани онҳоро муайян менамоянд: This old man is my Dad.- Ин пирамард падари ман мебошад. Do you know that young man? – Оё Шумо вай марди ҷавонро медонед?

Аз ҷумлаҳо бармеояд, ки сухан дар бораи шахсҳои маълум ҳам ба геянда ва ҳам ба шунаванда рафта истодааст.

Агар ҷонишини ишоратии **this** пеш аз исми **country** истифода бурда шавад, сухан дар бораи мамлакате меравад, ки геянда ва ё муаллиф дар он мамлакат ҷойгир аст. Вақте ибораи **this country** дар резномаи англисӣ бошад онро Англия тарҷума мекунанд: The exports of cotton from this ceuntry increased last year. - Содироти пахта аз Тоҷикистон соли гузашта хеле зиёд буд.

My relatives lived in this country 10 years ago. Хешу табори ман дах сол пеш дар Россия зиндагӣ мекарданд [11, с. 89].

Агар сухан дар бораи мамлакате равад, ки муаллиф ё геянда дар он ҷо набошад, ҷонишини ишоратии **that** истифода бурда мешавад: My course mate was in Uzbekistan Last year. He liked that country. - Ҳамкурси ман соли гузашта дар Узбекистон буд. Он давлат ба е маъқул шуд [2, с.120].

Умуман, ба вазифаи муайянкунандаҳои асосии исм на танҳо артикл, ҷонишинҳои муайянӣ ва ишоратӣ, балки худи исм низ дар падежи соҳибӣ ба сифати муайянкунандаи исм истифода бурда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки исмҳо на танҳо дар падежи соҳибӣ, инчунин дар падежи умумӣ низ ба сифати муайянкунанда меоянд ва доимо пеш аз исми ҷумла ҳамчун сифат ифода мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. – Л.: 1979. – 260 с.
2. Аракин. В. Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. – М.: Владос. 2003. – 515 с.
3. Блох. М.Я. Теоретическая грамматика английского языка / М.Я. Блох. – М.: Высшая школа, 1983. – 383 с.
4. Гордон. Е.М. Грамматика современного английского языка / Е.М. Гордон. И.П. Крылова. – М.: Высшая школа, 1980. – С. 268–304.
5. Грамматикаи забони тоҷикӣ (ГЗТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. – Сталинобод, 1956. – 232 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (ГЗАҲТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ.2. – Душанбе, 1985. – 420 с.
7. Каушанская В.Л., Ковнер Р.Л. и др. Грамматика английского языка. – М., Пресс, 2008. – 380 с.
8. Шахматов А. А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. – Л.: Учпедгиз, 1941. – 620 с.
9. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 236 с.
10. Смирницкий А.И. Очерки по сопоставительной грамматике русского и английского языков / А.И. Смирницкий. – М., 1975. – 289 с.
11. Туйғунов Н. Х. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Х. Туйғунов. - Душанбе, 2013. - 184 с.
12. Blokh, M.Y. A Course in Theoretical English Grammar / M.Y. Blokh. - M.: Vischaya Schkola, 1983. – 383 pp.
13. Close, P.A. A Reference Grammar for Students of English / P.A. Close. – M., 1979. – 341 pp.
14. Gordon, E. M. A Grammar of Present-Day English (Parts of Speech) / E.M. Gordon, L.P. Krylova. – M.: Vischaya Schkola, 1974. – 336 pp.

МУАЙЯНКУНАНДАИ АСОСИИ ИСМҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола андешаҳои муаллифон оид ба муайянкунандаи исмҳо дар забони англисӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар заминаи маводҳои ҷорӣ таҳлили муқоисавии баъзе муайянкунандаи исмҳоро дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нишон диҳанд. Муайянкунандаи исмҳо дар забони англисӣ қоидаҳои хосси худро дорад. Ин таври ифода ва қонуниятҳо дар аксар забонҳои дигар, аз он ҷумла дар забони тоҷикӣ нисбатан камтар ба назар мерасад. Муайянкунандаи исмҳо дар забони англисӣ асосан дар заминаи тағйиротҳои сохтории ҷумлаҳо ба миён меояд. Бояд зикр намуд, ки тағйирот қариб дар тамоми намуди ҷумлаҳо бо иваз шудани сохтори ҷумла ба миён меояд, ки ин тарзи ифода танҳо хосси забони англисӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ тағйирот нисбатан камтар аст, ки ҳангоми омӯзиш чандон мушкилӣ намеоварад. Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид ҷумлаҳо аз лиҳози маъно ба тартиб омадаанд ва дигар кардани мавқеи онҳо ифодаи маъноро аз лиҳози мантиқ вайрон хоҳад кард. Бояд зикр намуд, ки огаҳ будан аз қонуниятҳои муайянкунандаи исмҳо дар забони англисӣ ба гӯянда имкон медиҳад, ки аз қоидаҳои маъмули ҷумлабандӣ огоҳ бошад, нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳоро ба хубӣ бифаҳмад ва матлаби худро тарзе баён карда тавонад, ки ҳам ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ бошад ва ҳам сухан фасеҳу зебо ифода гардад.

Калидвожаҳо: муайянкунандаи исм, истифода, хусусият, умумият, хусусияти хос, таҳлил, тафовут, сохтор, тарҷума.

ОСНОВНЫЕ ОПРЕДЕЛИТЕЛИ СУЩУСТВИТЕЛЬНЫХ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье автор рассматривает отличительные и соответствующие особенности существительных в английском языке и предлагает свои научные точки зрения. Автор статьи старается провести сравнительный анализ определений на основе существующих материалов в таджикском и английском языках. Определители существительных в английском языке имеет свои особые правила. Такие свойственные английскому языку особенности встречаются реже в других языках, в том числе и в таджикском языке. В английском языке определители существительных образуется на основе служебных слов, которые не существуют в таджикском языке. Надо отметить, что изменения определения существительных можно встретить во всех видах предложений, которые свойственны только английскому языку. Анализ показывает, что в таджикском языке служебные слова которые определяют существительные в предложениях, не существуют. При переводе таких предложений используются другие правила перевода или же другая структура предложения. Использование служебных слов свойственны только английскому языку, и изменение структуры предложения приведет к ошибочным высказываниям. Надо отметить, что при переводе на таджикский эти служебные слова переводятся по смыслу предложения. Надо отметить, что определители существительных в английсуом языке создают некоторые трудности при переводе, и в этой связи изучение правил формирования и использования таких служебных слов, как определители существительных, создает возможность различать особенности значения слов и выражений.

Ключевые слова: определители существительных, употребление, особенности, общность, свойственные особенности, анализ, различие, структура, перевод.

THE MAIN DETERMINANTS OF NOUNS IN ENGLISH LANGUAGE

In the article, the author considers the distinctive and relevant features of nouns in the English language and offers his scientific points of view. The author of the article tries to conduct a comparative analysis of definitions based on existing materials in the Tajik and English languages. Determinants of nouns in English have their own special rules. Such intrinsic features are less common in other languages, including Tajik. In English, the determinants of nouns are formed on the basis of similar words that do not exist in the Tajik language. It should be noted that changes in the definition of nouns can be found in all kinds of sentences, which are peculiar only to the English language. Analyzes show that in Tajik language there are no official words that define nouns in sentences. When translating such sentences, other translation rules or another sentence structure are used. Analyzes show that the use of official words is peculiar only to the English language, and a change in the structure of the sentence will lead to erroneous statements. It should be noted that when translated into Tajik, these official words are translated according to the sentence. It should be noted that the determinants of nouns in the English language create some difficulties in translation and, in this connection, studying the rules for forming and using official words as determinants of nouns makes it possible to distinguish features of the meaning of words and expressions.

Key words: determinants of nouns, usage, peculiarities, difference, commonality, characteristic features, analysis, difference, structure, translation.

Сведения об авторах: ***Джумахонова Ангома Асматуллоевна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева 64/14. E-mail: **hangomajumakhonova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-839-87-90**
Акрамова Зулфия Абдурахмоновна - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева 64/14. E-mail: **hangomajumakhonova@mail.ru**

Information about the authors: ***Dzhumahonova Angoma Asmatulloevna*** - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev street 64/14. E-mail: **hangomajumakhonova@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-839-87-90**
Akramova Zulfiya Abdurahmonovna - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev street 64/14. E-mail: **hangomajumakhonova@mail.ru**

УДК:491.550-56 (575.3)

ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ТАРҶУМОНӢ ВА МАТН

Турсунов Ф.М., Обидов М.А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тарҷума таърихи худро дорад ва яке аз фаъолиятҳои қадимтарини инсон ба шумор меравад. Нисбат ба қоида ва таърифоти тарҷума ақидаҳои зиёд мавҷуданд. Яке аз он таърифҳои маъмул чунин аст: “Тарҷума ин раванди мураккаби равониест, ки дар он нутқи хаттӣ ё шифоҳии бо воситаҳои як забон таълифёфта бо воситаҳои забони дигар дубора баён мегардад” [8, с.25]. Албатта, таъриф ва қоидаҳои тарҷума зиёданд, вале қоидаи мазкур, ба назари мо, нисбатан комилтар аст. Муаллиф дар он ба робитаи фаъолияти тарҷумонӣ бо масъалаҳои равонӣ ишора мекунад, ки дар қоидаҳои дигар дида намешавад. Дар ҳақиқат, раванди тарҷума, алалхусус тарҷумаи шифоҳӣ, ба тарҷумон як сарбории муайяни равонӣ эҷод мекунад. Тарҷумон матни хаттӣ ё нутқи шифоҳиро ба таври худ дарк намуда, онро аз рӯйи фаҳмиши худ дубора баён мекунад. Аз ин ҷост, ки тарҷумаи як матн, агар аз ҷониби чанд тарҷумон баргардон карда шавад, натиҷаи кор якранга намебарояд.

Дар солҳои охир дар илми забоншиносӣ дар қатори дигар воҳидҳои синтаксисӣ воҳиди дигари наҳвӣ – матн, ҳамчун порчаи яхлухти синтаксисӣ ворид шудааст. Маълум аст, ки матн аз ҷумлаҳои аз ҷиҳати маъно ва муҳтавои худ бо ҳам алоқаманд ташаккул меёбад. Ҳар матн дорои аломати хосси луғавию грамматикӣ ва мазмуни ягона дорад. Он бо ёрии восита ва омилҳои зиёде ташаккул ёфта, вазифаҳои муайяни муоширатӣ (комуникативӣ) дорад.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили баъзе аз вижагиҳои матн дар робита бо фаъолияти тарҷумонӣ мебошад.

Оид ба хусусияти матн олимону забоншиносони зиёд мақолаву рисолаҳои илмӣ навиштаанд ва ақидаҳои гуногун ва ҷолиб доранд. Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи матн, пеш аз ҳама, диққати олимони рус ва ғарбро ба худ ҷалб кардааст. Олимони барҷастаи рус ба монанди А.М. Пешковский (1948), Н.А. Поспелов (1948), Г.А. Золотова (1954), Фигуровский (1961), Г.Я. Солганик (1973), Л.М. Лосева (1980), Н.М. Шанский (1990), Н.С. Валгина (2004) ва ғайра дар асарҳои худ доир ба паҳлуҳои гуногуни матн ҳамчун як воҳиди синтаксисӣ маълумот додаанд ва барои ташаккул ва таҳаввули ин соҳаи забоншиносӣ – лингвистикаи матн саҳми босазо гузоштаанд. Дар натиҷаи омӯзишу пажӯҳиши олимони номбурда моҳияти асосӣ ва ҷанбаҳои мухталифи соҳаи лингвистикаи матн муайян ва ба ҷодаи тадқиқ кашида шуданд. «Лингвистикаи матн дар аввал ҳамчун як фасли наҳви забон инкишоф ёфта, баъдан ҳамчун як бахши мустақил аз он ҷудо ва ба

доираи улуми лингвистие, ки матнро меомӯзад, ворид гардид. Матн ҳамчун объекти омӯзиши ин фанҳо қарор мегирад. Маҳз робитаи лингвистикаи матн ба доираи илмҳои мазкур ба объекти омӯзиши дарки нави матн ва муносибат ба онро муайян мекунад» [5, с.158].

Фикру ақидаҳои олимони рус дар бораи матн ва хусусиятҳои он гуногун ба назар мерасад. Дар солҳои охир проблемаи матн дар забоншиносии ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд.

Аввалин муҳаққиқе, ки моҳияти матнро нишон дода, онро ҳамчун воҳиди нави наҳвӣ пешниҳод намудааст, забоншиноси барҷастаи рус А.М. Пешковский мебошад. Ӯ дар бораи аломат ва хусусиятҳои маъноиву луғавии воҳиди наҳвии мазкур чунин изҳори андеша менамояд:

«Дар забони адабӣ (на гуфтугӯ) воҳидҳои забоние мавҷуданд, ки нисбат ба воҳиди яклухти мураккаб калонтаранд. Ин таркиббандии яклухти синтаксисӣ аз як хатти сурхи дигар давом мекунад. Мутаассифона, барои чунин воҳид истилоҳи типографии сархат ё абзатсро истифода мебарем. Ҳудуди байни сархатҳоро фосилаи зиёде ҷудо мекунад» [7, с.122].

Олими дигари рус Д.Н. Богоявлинский перомуни матн ва нақши он дар забон (грамматика) чунин менависад: «Қоидаро фаҳмидан ва тафсири шифоҳии онро аз ёд кардани шогирдон ҳоло зинаи аввали кор аст, нуқтаи асосӣ дар боби аз худ намудани ҳолати баъдинаи ин раванд ба фаъолияте вобаста аст, ки дар он қоида вазифаи танзимро ба ҷо меорад. Матнҳое, ки баъди қоида меоянд, ҳамин гуна фаъолият хоҳанд дошт» [2, с.99].

Асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидашудаи олимони номбурда дар асоси маводи фаровони забонҳои дунё (русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, испанӣ, чехию украинӣ ва ғайра) таълиф ёфтаанд.

Ҳаминро ҳам бояд хотирнишон кард, ки дар забоншиносии муосири тоҷик матн аз нигоҳи дидактикӣ, равонӣ ва методӣ то имрӯз ба пуррагӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар айни ҳол перомуни матн ҳамчун воҳиди наҳв монография ё асари тадқиқотие пешкаши хонандагон, донишҷӯён ва пажӯҳандагон нагардидааст. «Ин аст, ки тамоми хусусиятҳои матнҳои дар таълими забони тоҷикӣ истифодашаванда умуман бе шарҳу маънидод мондаанд ва ҳатто дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ интихобу ҷобаҷогузории онҳо тахминӣ сурат гирифтааст» [1, с.6].

Мақолаҳои аввалини ҷудогона, ки махсус ба порчаҳои яхлухти наҳвӣ бахшида шудаанд, ба қалами С. Атобуллоев ва А.Д. Алиев тааллуқ доранд. Атобуллоев С. қайд менамояд, ки ҷумлаҳои таркибии матни мураттаб ба воситаи такрор (таркиби луғавӣ: такрори исмҳо, такрори ҷонишинҳо ва баъзе пайвандакҳо) бо якдигар алоқаманд мешаванд. Вай дар бораи роҳҳои алоқаи ҷумлаҳои таркиби порчаҳои яклухти синтаксисӣ, дар заминаи ақидаҳои олимони рус пешниҳод менамояд, ки ҷумлаҳои алоҳидаи таркиби матн бо ду роҳ бо ҳам алоқаманд мешаванд: 1) алоқаи пай дар пай ва 2) алоқаи параллелӣ. Дар алоқаи пай дар пай яке аз калимаҳои ҷумлаи аввал, ки он объекти асосии муҳокима аст, бо калимаҳо ё ҷонишинҳои дигар бевосита ё ба воситаи муродифҳояш, ё бе ёрии ҷонишинҳо такрор мегардад: Ҳасан ларзон – ларзон ва ҷонканон ба пеши туркман рафт. Туркман яке аз чилбурҳои дар миёнбандаш овехтаро гирифта дастони Ҳасанро баст (С. Айнӣ. Ғуломон). Дар ин навъи алоқа мазмун ва муҳтавои матн мазмуни пурраро дар бар гирифта, ҷумлаҳо бо ҳамдигар вобаста шуда, яке дигареро тавзеҳ медиҳад.

Дар алоқаи параллелӣ ҷумлаҳои мустақили порчаҳои яхлухти синтаксисӣ аз рӯйи таркиб ва ҷойгиршавии аъзои ҷумла бо ҳам монанданд. Чунин ҷумлаҳоро ягонагии замону макон, вазъияту ҳолати воқеъшавии амал ва мазмуни ягона муттаҳид мекунад.

Солҳои 2000-ум омӯзиш ва таҳлилу тадқиқи лингвистии матн ва воҳидҳои мураккаби наҳвӣ авҷ гирифт. Чандин мақолаву гузоришҳои илмии Ф. Зикриёев, З. Мухторов, М. Набиҷонова, С. Каримова ва ғайра рӯйи кор омаданд [3, с.6].

Мавриди қайд аст, ки дар забоншиносии тоҷик доир ба масъалаи мавриди назар рисолаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ангуштшумор аст. Танҳо дар солҳои охир Саидамир Аминов – муаллифи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои синфҳои 7 – 9 (с.1992) – и мактабҳои миёна доир ба таълими матни мураттаб дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо номи «Матн ва таълими он дар мактаб» маълумоти муфассал дода, роҳҳои пешрафти таълими матнро пешниҳод намудааст [3, с. 7]. Ногуфта намонад, ки С. Аминов дар рисолаи худ аломатҳои хосси матн ва тафовути онро аз дигар воҳидҳои забонӣ бо мисолҳо баррасӣ намудааст.

Мувофиқи нишондоди ӯ аломатҳои барҷастаи матн чунинанд:

- аз ҷиҳати мантиқу мавзӯъ ба ҳамдигар алоқаманд будани ҷумлаҳои ҷудогонаи матн;
- матн мақсад ва мавзӯи муайян дорад;
- матн мустақилияти нисбӣ дорад;

- алоқаи ҷумлаҳои матн бо воситаҳои грамматикӣ сурат гирифта, вазифаи пайвандакҳо, ҷонишинҳо, пешояндҳо, воҳидҳои туфайлӣ, воҳидҳои эзоҳӣ васеъ мегардад;
- дар матн пай дар пай ва занҷирмонанд пайваст шудани ҷумлаҳо;
- баён ва тартиби фикр риоя мешавад;
- ҷумлаҳо робитаи мутаассилӣ ва мантиқӣ доранд;
- матн оғозу анҷом дорад [1, с.16].

Инҳо баъзе аз аломатҳои матни мураттаб ба шумор мераванд, ки бояд якҷоя бо дигар хусусиятҳои муҳимми матн омӯхта шаванд. Масъалаи инкишофи нутқи мураттаб, пеш аз ҳама, ба омӯхтани қонунҳо, роҳҳо ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матни мураттаб вобастааст.

Лозим аст, ки дар раванди таълими бахшҳои забоншиносӣ лексика, морфология ва синтаксис, махсусан дар курсҳои амалӣ аз фанни забони адабии ҳозираи тоҷик донишҷӯён бо асосҳои назариявии матни мураттаб ва тарзу роҳҳои ташкилёбии онҳо ошно шаванд. Мутаассифона, дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик», қ.1 – 2 (барои мактабҳои олӣ) ба масъалаи омӯзондани лингвистикаи матн эътибор дода нашудааст. Бояд, пеш аз ҳама, қолабҳои хурдтарини матни мураттаб омӯхта, тадқиқ карда шаванд. Чунончи матн ҳамчун воҳиди мураккаби наҳвӣ аз порчаҳои яклухти синтаксисӣ ташаккул ёфтааст ва дар он нақши воситаҳои грамматикӣ - оҳанг, пешоянду пасояндҳо хеле калон аст.

Дар бораи матн ва мавқеи он дар наҳв фикри олимон мухталиф ба назар мерасад. Масалан, олими маъруфи рус – Л.М. Лосева, ки дар бораи хусусиятҳои услубии матн тадқиқот бурдааст, оид ба матн чунин менависад: «Матн яке аз мураккабтарин ва мушкилтарин объекти тадқиқоти лингвистӣ мебошад. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки ҳанӯз илм таърифи қобили қабул ва маъмули матнро таъйин накардааст» [5, с.4].

Профессор Б. Камолиддинов оид ба матн мулоҳизаҳояшро чунин иброз менамояд:

«Матн ҳам мисли ҷумла як навъи воҳиди наҳвӣ ба шумор меравад. Чунонки дар ҷумлаи сода калимаю ибораҳо ва дар ҷумлаи мураккаб ҷузъҳо бо ҳам алоқаманд шуда омада, як фикрро ифода мекунанд, дар матн ҳам чанд ҷумлаи содаю мураккаби мустақил ягонагии мавзӯъ, мундариҷа ва муносибати грамматикӣ пайдо карда, як фикри мукаммал ва тамомшударо ифода менамоянд. Матн мавзӯъ ва устухонбандии ягона, байни ҷузъҳояш алоқамандии грамматикӣ, мазмуни мукаммали интиҳоёфта дорад» [4, с.130].

Олим – методисти маъруфи тоҷик С. Аминов дар бораи матн ва хусусиятҳои он чунин изҳори ақида менамояд:

«Гурӯҳи ҷумлаҳое, ки аз нигоҳи маъно ва тавассути воситаҳои лексикию грамматикӣ бо ҳам алоқаманд шудаанд, матн номида мешаванд. Матн як мавзӯъро фаро гирифта, дорои ғояи ягона буда, дар бораи чизе маълумоти мураттабу батафсил медиҳад. Он оғозу анҷом дорад» [1, с.15].

М. Лутфуллоев матнро чунин таъриф мекунад: «Ду ва зиёда ҷумлаҳо мантиқан бо ҳам алоқаманд шуда, як мазмуни муайянро ифода карда, матнро ташкил медиҳанд» [4, с.125].

Аз рӯйи фикру ақидаҳои олимони зикргардида ҷумлаҳои бо ҳам алоқаманде, ки барои ифодаи як маънои мушаххас мавриди истифода қарор мегиранд, матнро ташкил медиҳанд.

Дар забони тоҷикӣ матнҳоро аз рӯйи маъною муҳтаво ва хусусиятҳои луғавию грамматикиашон ба чор гурӯҳ ҷудо мекунанд. Матнҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ, расмӣ – коргузорӣ ва бадеӣ [3, с.11].

Ҳамин тариқ, чи тавре ки дар боло қайд кардем, матн дорои якчанд ҷумлаҳои аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво бо ҳам алоқаманд буда, оғозу анҷом дорад. Омӯхтани сохтор, услуб ва хусусиятҳои матн мавриди баррасии забоншиносон қарор дорад. Дар ҳамин радиф бояд зикр намоем, ки фаъолияти тарҷумонӣ яке аз фаъолиятҳои филологӣ ба шумор меравад, ки бо матн робитаи ногустастанӣ дорад, яъне фаъолияти тарҷумонӣ худ кор бо матн аст, чи дар шакли хаттӣ ва чи дар шакли шифоҳӣ. Бинобар ин, аз назар гузаронидани ҳамбастагии тарҷума ва матн ба мақсад мувофиқ аст.

Пеш аз ҳама бояд ёдовар шуд, ки махсусиятҳои тарҷума маҳз ба намуди матни мавриди тарҷума вобастагӣ доранд, яъне матнҳо аз нигоҳи жанру услуб гуногунанд ва тарҷумон бояд аз он огоҳӣ дошта бошад. Бесабаб нест, ки дар тарҷумашиносӣ ду таснифи махсуси намудҳои тарҷума мавҷуд аст - жанриву услубӣ ва равонию забонӣ (психолингвистӣ). Аз нигоҳи хусусияти матни тарҷумашаванда, яъне мансубияти он ба ин ё он жанр ё услуби забон, тарҷумаро ба ду намуд ҷудо мекунанд - тарҷумаи матнҳои иттилоотӣ ва тарҷумаи матнҳои бадеӣ. Ба гурӯҳи матнҳои иттилоотӣ матнҳои махсуси соҳавӣ, ба монанди матнҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра дохил мешаванд. Матнҳои бадеӣ низ ба зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд: романҳо, шеъру достонҳо, намоишномаҳо. Хусусияти аслии матнҳои бадеӣ ин ба тариқи образҳо ва воситаҳои дигари бадеӣ ифода гардидани фикр, ҳодиса, воқеият ва ҳаёти мардум ба ҳисоб меравад ва дар онҳо ташбеҳ, киноя, истиора, зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ фаровон истифода

мегарданд. Вазифаи аслии матнҳои иттилоотӣ ин ба таври возеҳ, саҳеҳ, дуруст ва дақиқ то ба шунаванда ва ё хонанда расонидани хабар ё иттилоот мебошад.

Дар фаъолияти тарҷумонӣ матн ё худ контекст мафҳум ва намудҳои худро дорад. Муодилҳои тарҷумавии воҳидҳои забонро танҳо бо ёфтани онҳо дар луғатҳо муайян кардан мумкин нест. Ин масъала ба мафҳумҳои контекст алоқаи зич дорад. Контексти лингвистӣ ин муҳити забониест, ки дар он воҳиди забонии мазкур истифода мешавад. Контексти лингвистиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: контексти хурд (микроконтекст) ва контексти калон (макроконтекст). Контексти хурд (микроконтекст) – ин контексти лингвистиест дар ҳудуди як ибора ё ҷумла, ки ин воҳиди забонӣ дар он истифода шудааст. Контексти хурдро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: контексти синтаксисӣ ва контексти лексикӣ. Контексти синтаксисӣ – сохтори синтаксисиест, ки дар ҳудуди он дар матн ин ё он воҳиди забон истифода гардидааст. Контексти лексикӣ – маҷмӯи воҳидҳои лексикиест, ки дар муҳити онҳо ин воҳиди матн истифода мешавад.

Контексти калон (макроконтекст) – ин контексти лингвистиест, ки аз ҳудуди ҷумла берун мебарояд ва ин ё он воҳиди забонӣ дар он истифода мешавад, яъне ин кулли матн аст - маҷмӯи воҳидҳои забонӣ дар ҷумлаҳои ба ҳам алоқаманд, сархат, фасл ва ҳатто тамоми асар (ҳикоя ё роман).

Контексти вазъиятӣ (фарозабонӣ) – ин муҳит, вақт ва ҷоест, ки гуфтор ба онҳо нисбат дода мешавад ва ҳамчунин ҳама гуна факту далелҳои ҳаёти воқеие мебошад, ки ба хонанда барои дуруст шарҳ додани маънои воҳидҳои забонии гуфтор кумак мерасонад.

Дар ин робита мушаххас кардани маънои калима дар матн ё худ контексти муайян дар раванди тарҷума аҳаммияти калон дорад, зеро истифодаи муодилҳои тарҷума бе назардошти хусусияти контекст имконнопазир аст, ки дар муҳити он воҳиди тарҷумаи матни асл истифода шудааст. Ҳатто фарҳанги луғоти калонтарине наметавонад тамоми тобишҳои маъноии калимаро нишон диҳад, ки тарҷумон метавонад дар ин ё он контекст ба онҳо рӯ ба рӯ шавад. Масалан, калимаи challenge яке аз калимаҳои сермаънотарин ва дорои тобишҳои маъноии гуногуни забони англисӣ мебошад, ки вобаста ба хусусияти матн бо маъноҳои таҳдид, даъват, мушкилӣ, чолиш ва ғайра тарҷума мешавад.

Тарҷумаи ҷумлаҳои зеринро ба забони тоҷикӣ дида мебароем: 1. The new major series of nuclear tests which the country is carrying out is a challenge to mankind.- Озмоишҳои нави калони силоҳи ҳастаие, ки дар ҳоли ҳозир ин кишвар мегузаронад, - таҳдид ба ҳамаи инсоният аст. 2.Mr Smith's action was a challenge to the British people. - Амалҳои Смит барои мардуми англис чолише буд. Дар ин ҷумлаҳо фарқи ду маънои як калимаи challenge-ро муқоиса кунед.

Дар аксари мавридҳо барои муайян кардани маънои дурусти калима ё мутобиқати тарҷумавии воҳиди забон контексти хурди забонӣ кифоя аст, масалан, ба тарҷумаи калимаи board дар ҷумлаҳои зерин таваҷҷуҳ кунед: (1) The captain welcomed him on board. – Капитан ӯро дар киштӣ хайрамақдам гуфт. (2) The meeting of the Board was held yesterday. – Дирӯз ҷаласаи Шӯрои мудирон баргузор гардид. (3) He served on the Board of Trustees for three years. – Дар давоми се сол ӯ узви Шӯрои парасторон буд. (4) Your message is on the bulletin board. – Пайғоми шумо дар тахтаи эълонҳо аст.

Дар баъзе ҳолатҳо барои муайян кардани маънои дақиқи ин ё он калима контексти калон низ хуб кумак мекунад.

Хулоса, барои дақиқ тарҷума кардани ин ё он воҳиди забон тарҷумон аз имконоти васеи контексти хурд (микроконтекст), контексти калон (макроконтекст), контексти фарозабонӣ, маълумоти иловагӣ ва донишу малакаҳои худ истифода мебарад.

Нуктаи дигари муҳимме, ки дар робита бо тарҷума ва матн мехоҳем ёдовар шавем, ба масъалаи воҳидҳои тарҷума алоқаманд аст. Чунонки маълум аст, воҳидҳои тарҷума ба воҳидҳои забон дар сатҳу бахшҳои гуногун баробаранд. Яке аз он сатҳҳо сатҳи матн ҳамчун воҳиди тарҷума мебошад, ки хусусияти онро дида мебароем. Барои ин сатҳ матнҳои реклама (таблиғот, паёмҳои тиҷоратӣ), навиштаҷот, шиорҳо ва ғайраро ҳамчун мисол овардан мумкин аст. Мушкилии тарҷумонҳо, алалхусус тарҷумонҳои навқалам, ҳангоми тарҷумаи чунин мавод аз он иборат аст, ки ногузир будани дар сатҳи ҷумла ва матн тарҷума шудани онҳоро ба назар намегиранд ва аз рӯйи одати ҳамешагӣ ин гуна маводи тарҷумаро аксаран бо як роҳ - тарҷумаи таҳтуллафзӣ - баргардон мекунанд, ки дар натиҷа тарҷума сунъӣ ва ҳатто хандаовар мебарояд. Ин гуна мисолҳои начандон қобили қабулро дар воситаҳои ахбори умум мушоҳида кардан мумкин аст (контакт – есть контакт - контакт – ҳаст контакт). Ҳол он ки дар ин гуна мавридҳо як матн як воҳиди тарҷумаро ташкил медиҳад ва тарҷума бояд дар сатҳи матн, яъне аз рӯйи муҳтавои умумӣ, бо калимаҳои гуногун сурат гирад. Масалан, дар даромадгоҳҳои ташкилоту муассисаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ одатан навишта мешавад: ба бегонагон даромадан манъ аст – personnel only; сигор кашидан манъ аст – no smoking ва ғ.;

Намунаи барҷастаи ин сатҳи тарҷумаро дар мисоли тарҷумаи осори назм равшан мушоҳида кардан мумкин аст ва тарҷума дар сатҳи матн бештар дар раванди тарҷумаи

назм хеле серистеъмол аст. Ин ҷо ба унвони мисол аз як рубоии Умари Хайём ва тарҷумаи англисии он ёдовар мешавем:

Эй дӯст биё то ғами фардо нахӯрем,
В-ин якдама умрро ғанимат шумарем.
Фардо, ки аз дайри фано даргузарем,
Бо ҳафтҳазорсолагон сарбасарем

Тарҷумаи Эдвард Фитсҷералд:

Oh, my Beloved, fill the Cup that clears
To-day of past Regrets and future Fears-
To-morrow? Why, To-morrow I may be
Myself with Yesterday's Sev'en Thousand Years

Чунонки мебинем, миёни матнҳои мазкур дар сатҳи калима (ба истиснои ду калимаи хаткашида), ибора ва ҳатто ҷумла мутобиқати воҳидҳои забонро муқаррар кардан мумкин нест, зеро ҷумлаҳои ҷудогонаи матни тоҷикӣ дар алоҳидагӣ, берун аз матн, аз рӯйи маъно муодил ҳисобида намешаванд ва кулли матн дар ин ҷо воҳиди тарҷума аст ва матнҳои ду забон хусусияти бадеӣ ва маъноии ба ҳам наздик доранд.

Хулоса, фаъолияти тарҷумониро бе матн тасаввур кардан мумкин нест ва донистани вижагиҳои матн дар робита бо раванди тарҷума ба тарҷумон имкони хуб фароҳам меоварад. Ба таври махсус омӯхтани хусусияти тарҷумаи намудҳои мушаххаси матн аз вазифаҳои ҷудогонаи тадқиқотӣ ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аминов С. Нишондодҳои методӣ ба китоби забони тоҷикӣ барои синфҳои 7 / С.Аминов, Х.Каримова, С. Бойбобоева. –Душанбе, 2008. -36 с.
2. Богоявленский Д.Н. Менчинская Н.А. Психология усвоения знаний в школе / Д.Н. Богоявленский, Н.А. Менчинская. - М: Изд – во, АПН, 1959. - 276 с.
3. Гадоев Н. Таҳили луғавию семантикии матн / Н. Гадоев. - Душанбе, 2007.
4. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ. Китоби дарси барои синфҳои 11 / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Собириён, 2007. – С. 134-135.
5. Лосаев Л. М. Как строится текст / Л. М. Лосаев. – М: Провсещение, 1980.
6. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1985. - 195 с.
7. Пешковский А.М. Стихи и проза с лингвистической точки зрения, Методика родного языка, лингвистика, стилистика, поэтика / А.М. Пешковский. -Ленинград, 1925. - С. 120 – 134.
8. Фёдоров, А. В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А. В. Фёдоров. - СПб., 2002. - 416 с.

ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ТАРҶУМОНӢ ВА МАТН

Мақолаи мазкур ба таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти тарҷумонӣ ва робитаи ногусастании он бо матн бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки оид ба матн дар забоншиносии тоҷик ва Ғарбу Русия таҳқиқоти зиёд анҷом дода шудааст, ки дар ин мақола ба баъзе аз онҳо ишора меравад. Муаллифони мақола гуфтаҳои мутахассисони соҳаи забон ва тарҷумаро мавриди таҳлилу таҳқиқи муфассал қарор дода, ба намояндагони гуногуни олимони соҳа ишора мекунанд. Муаллифон ҳамчунин ҳангоми баррасии масъалаи мавриди назар нисбат ба аксарияти ақида ва мавқеъҳои илмии муҳаққиқон назари шахсии худро баён намуда, ҳолатҳои ҷудогонаро дар асоси худ ё тасдиқ ва ё инкор менамоянд. Инкор ё тасдиқ гардидани андешаҳои олимони ҷудогона аз ҷониби муаллифони мақола тасодуфӣ набуда, барои ҳама гуна фикрронии худ далелҳои қотеъ меоранд ва собит месозанд, ки матн ҳамчун як воҳиди мукаммали забон бо шаклу мазмун ва сохтори мушаххаси худ дар раванди тарҷума, ки як раванди мураккаби равониест, аҳаммияти беандоза дорад. Чунонки маълум аст, воҳидҳои луғавӣ дар фарҳангҳои луғот акс меёбанд ва аксарияти онҳо сермаъноянд. Маҳз хусусияти матни ҷудогона аст, ки ба тарҷумон барои интихоби муодилу муродиф ва мутобиқатҳои дигари воҳидҳои забонҳои матни асл ва матни тарҷума кумаки ҷиддӣ менамояд. Дар мақола ба ин ҷиҳати робитаи матн ва фаъолияти тарҷумонӣ ва намудҳои гуногуни матн ё худ контекст аҳаммияти хоса дода мешавад.

Калидвожаҳо: раванди тарҷума, фаъолияти тарҷумонӣ, матн, забони асл, забони тарҷума, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, муодилнокӣ, контекст, контексти лингвистӣ, контексти фаролингвистӣ.

О ПЕРЕВОДЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ТЕКСТЕ

Настоящая статья посвящена анализу и исследованию переводческой деятельности и ее неразрывной связи с текстом. Следует отметить, что в таджикском, западном и российском языкознании проведено достаточно много исследований относительно текста. Автор статьи подробно анализирует мнения исследователей сферы языка и перевода и указывает на разные точки зрения и работы ученых. Автор при рассмотрении данного вопроса также выражает свое отношение и выражает свою позицию относительно того или иного мнения ученых, в результате чего он либо принимает его позицию, либо отрицает его. Такое подтверждение или отрицание точек зрения ученых относительно рассматриваемого вопроса делается не на пустом месте и не без основы. Относительно своего высказанного мнения автор приводит свои доводы и подчеркивает, что текст как самостоятельная единица языка со своими формой и содержанием и структурой имеет огромное значение для процесса перевода, который представляет собой сложный психологический процесс. Как известно, лексические единицы отражаются в словарях и большинство из них многозначно. Именно особенности конкретного текста могут оказывать существенную помощь переводчику при выборе эквивалентов и аналогов и других соответствий языковых единиц текста оригинала и перевода. В статье уделяется особое внимание данному аспекту отношений между текстом и переводческой деятельностью, а также различным видам текста или контекста.

Ключевые слова: переводческий процесс, переводческая деятельность, текст, язык оригинала, язык перевода, английский язык, таджикский язык, эквивалентность, контекст, лингвистический контекст, экстралингвистический контекст.

ON THE TRANSLATION ACTIVITIES AND TEXT

The article deals with the analysis and research of translation activities and their indispensible links with text. It should be noted that many research works have been completed in Tajik, Western and Russian Linguistic and Translation Studies. The article points to some of them. The author of the article analyzes the views of scientists concerning text and points out differences in the opinions of researchers. Considering the matter in question, the author also expresses his attitude and position towards the views of scientists, and as a result, he either accepts or denies them by presenting evidence; and he proves that as one of the complete and independent unit of language with its form and meaning as well as structure, text is of crucial importance in the translation process which is a very complicates psychological process. As it is known, lexical units are reflected in the dictionaries and mostly have multiple meanings. This is the features of a concrete text that provides huge assistance to a translator to select proper equivalent units between the Source Language Text and Target Language Text. The article pays close attention to this aspect of the links between text and translation activities as well as text and context types.

Key words: translation process, translation activity, text, source language, target language, English Language, Tajiki Language, equivalence, context, linguistic context, extra-linguistic context.

Сведения об авторах: ***Турсунов Фаёджон Мелибоевич*** **–** Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Ф.Мухаммадиева, 17/6.
E-mail: **fayzbakhsh@rambler.ru.** Тел.: **(+992) 935-77-20-37; 232-50-03**
Обидов Мухаммадамин Абдулазизович **–** Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, магистр. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Ф.Мухаммадиева, 17/6.
E-mail: **muhammad_obidov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934-28-26-28**

Information about the authors: ***Tursunov Fayoz M.*** **–** Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philological Sciences, Professor of the Chair of Comparative Linguistics and Translation Theory. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **fayzbakhsh@rambler.ru**.
Тел.: **(+992) 935-77-20-37; 2325003**
Obidov Muhammadamin A. **–** Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, magister. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **muhammad_obidov@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 935-77-20-37**

УДК: 491.550-3 (03)

ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМИ ШАХСИЯТИ ВАРЗИШГАР ВА СИФАТҲОИ ҶИСМОНИЮ РӮҲИИ ОНҲО ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

“Шоҳнома”- ро асари қаҳрамонию паҳлавонӣ ҳам меноманд. Ин аст, ки дар забони ин шоҳасар Фирдавсӣ калима-истилоҳоти зиёдеро, ки барои ифодаи мафҳуми шахсият ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии варзишгарон ба кор мераванд, амсоли **паҳлавон (паҳлавонӣ), ял (ялон, ялӣ), гурд (гурдон), гав (гавон), нев (невбанд), диловар, далер, пойдор, аспафган, номвар, мубориз, шермард, пӯянда, тезрав, мардона, фарзона, ҳушёр** ва амсоли инҳо фаровон истифода бурдааст.

Вожаи **паҳлавон** аслан тоҷикӣ буда, маъноҳои «зӯрманд, тавоно, қавӣ, далер, шуҷоъ»-ро ифода мекунад. Ҳамчунин калимаи **паҳлавон** бевосита дар силсилаи синонимии **паҳлавон - баҳодур - ял - гурд - гав – нев – мубориз - шермард** ва ғайра нақши сарсилсила ва ё доминантро бозидааст. Масалан, **паҳлавон**:

Фиристода омад чу боди дамон,
Расонид нома бари **паҳлавон** [10, с.48].

Ин унсури луғавӣ бе тағйири маънӣ дар сохтмони вожаҳои муштак (сохта) ва мураккабу таркибӣ низ ширкат дорад: Чунончи, пасванди **-ӣ** қабул карда, аз исм дар ду ҳолат сифати нисбии **паҳлавонӣ** сохтааст:

Яке ҷомаи **паҳлавонӣ** бикост,
Ҳамон ҷавшани **паҳлавонӣ** бихост [10, с.48].

Калимаи **паҳлавон баъд аз худ решаи** дигар гирифта**,** вожаи мураккаби **паҳлавонбача**ро сохтааст:

Пас аз бора Рудоба овоз дод,
Ки, эй **паҳлавонбачаи гурдзод** [10, с.48].

Вожаи мазкур пеш аз худ решаи дигар гирифта, ба пайдоиши калимаи мураккаби **ҷаҳонпаҳлавон** ба маънои **«паҳлавони ҷаҳон ё паҳлавони олам»** сабаб гардидааст:

Ҷаҳонпаҳлавон он яли арҷманд,
Ба теғу ба ханҷар ба гурзу каманд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик истилоҳи **чаҳонпаҳлавон** нисбат ба варзишгароне, ки дар сабқатҳои ҷаҳонӣ аз рӯйи ягон навъи варзиш, хусусан, **гӯштингирӣ** (тарзи озод, самбо, дзюдо, гӯштини юнону-римӣ), **якҳарбаҳои муосир** (карате, кунг-фу, кикбоксинг, бокс…) **вазнбардорӣ, гурзпартоӣ** ва ғайра ғолиб омадаанд, роиҷ мебошад.

Ибораи **паҳлавони сутург** ба маънои «паҳлавони бузург, қавиҳайкал, азимҷусса, зӯрманд» [11, с.720] дар байти зерин ба кор рафтааст:

В-аз он пас биёмад дабири бузург,
Чунин гуфт, к-эй **паҳлавони сутург**? [1, с.32].

Роҷеъ ба шарҳи вожаи **паҳлавон** ва истеъмоли он дар «Шоҳнома» С. Анварӣ нигоштааст, ки «Дар забони «Шоҳнома» вожаи **паҳлавон** зоҳиран бо истилоҳҳои **ҷанговар, баҳодур** баробармаъно бошад ҳам, лекин бо истилоҳ ва ибороти ифодагари мафоҳими унвону дараҷаи низомӣ мутародиф нест» [1, с.27]. Яъне, он сирф истилоҳи соҳаи варзиш мебошад. Равшан аст, ки ин мафҳумот: **паҳлавон, баҳодур** дар нисбати номгузории варзишгарони тануманду аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутобёфта бештар роиҷ мебошад. Дар матнҳои баррасишуда дараҷаи истифодаи истилоҳи **паҳлавон** нисбат ба калимаи **баҳодур** нуфузи бештар дорад.

Ял – дар луғат ба маънои «паҳлавон, шуҷоъ, далер» тафсир ёфта, ин вожаро Фирдавсӣ ба сифати муродифи фаъоли истилоҳи **паҳлавон** дар нишон додан ва тавсифи шахсияти варзишгарону ҷанговарон истифода бурдааст**:**

Навозиду молиду зин барниҳод,
Бар ӯ барнишаст он **яли** некзод [10, с.633].

Ин вожа монанди муродифи зикршудаи худ имкониятҳои фаъоли калимасозӣ зоҳир кардааст, чунончи, пасванди **–ӣ** гирифта, сифати нисбии **ялӣ (**паҳлавонӣ) сохтааст:

Бибастанд миёни **ялӣ** бандавор,
Або ҷодувон сохтанд корзор [10, с.634].

Дар матни поён калимаи сифатии **арҷмандро** ба худ тобеъ намуда, ибораи исмии изофии **яли арҷманд**ро ба вуҷуд овардааст ва пасванди –он қабул карда, дар шакли ҷамъ-**ялон** низ омадааст:

Ҷаҳонпаҳлавон он **яли арҷманд**
Ба теғу ба ханҷар ба гурзу каманд,
Буриду дариду шикасту бубаст,
Ялонро сару синаву пову даст [12, с.88].

Ё ин ки дар бунёди ибораи исмии изофии **ялони набард** ба маънои «паҳлавонони ҷангҷӯ, ҷанговар, ҷангдида» ҳам корбаст гардидааст:

Чу Заҳҳоки ҷангию Фаршедвард,
Або сӣ ҳазор аз **ялони набард** [1, с.32].

Исми **ял** дар сохтани сифати нисбӣ дар ибораи **кулоҳи ялӣ** боиси пурраву нишонрас гардидани аҳдофи услубии муаллиф гардидааст, ки ин қолабро муродифоти дигар рӯйи кор оварда натавонистаанд:

Зиреҳдор бо ханҷари кобулӣ,
Ба сар барниҳода **кулоҳи ялӣ** [1, с.69].

Гурд - дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «паҳлавон, баҳодур, далер, шуҷоъ, нотарс» маънӣ шудааст. Фирдавсӣ, ки шоири дақиқназар аст, ягон вожаро беҳадаф ба риштаи тасвир накашидааст. Ӯ бо мақсади гуногунрангии баён, худдорӣ аз такрори калима ва ҷаззобияту муассирии ҳусни баён рӯ ба вожаҳои ҳаммаъно овардааст. Чунин шакли истифодаи вожаҳоро шоир бо мақсади услубӣ ба кор бурдааст.

Бояд афзуд, ки имкониятҳои калимасозии вожаи **гурд** дар забони адабиёти классикӣ маҳдуд нест:

Аз он донисту рой Меҳроби **гурд,**
Бигуфт: «Он ки ӯ зод, ҳаргиз намурд» [13, с.252].

Истилоҳи **гурд** дар тавсифи симо, нишонаҳои ҷисмонӣ, хислату характери персонаж барои тақвияти шахсияти паҳлавон, гарчи исми шахс аст, чун сифат (номдор, сарафроз, ҳушёр) дар матн ба кор рафта, дар матни зер бо калимаи паҳлавон муносибати муродифӣ пайдо кардааст:

Ки ӯ **паҳлавоне** бувад номдор,
Сарафрозу ҳушёру **гурду** савор [13, с.242].

Нақши вожаи **гурд** дар калимасозии забони «Шоҳнома» назаррас аст:

Пасванди –**ӣ** гирифта, калимаи муштак**: гурдӣ** (паҳлавонӣ) сохтааст:

Ки кас дар ҷаҳон кӯдаке норасид,
Бад-ин шермардиву **гурдӣ** надид [9, с.295].

Калимаҳои мураккаб сохтааст: **гурдафкан** (мағлубкунандаи паҳлавонон):

Инонпечу **гурдафкану** гурздор,
Чу ман кас набинад ба гетӣ савор [9, с.295].

Гурдгир (паҳлавонгир, шуҷоъ, нотарс):

Далер асту асбафкану **гурдгир,**
Уқоб андар орад зи гардун ба тир [9, с.295].

Гурдзод (паҳлавонзода, паҳлавонписар):

Пас аз он Рудоба овоз дод,
Ки эй паҳлавонбаччаи **гурдзод** [9, с.295].

Дар бунёди ибораи исмии изофӣ нақш дорад:

Гурди далер (паҳлавони шуҷоъ):

Зи чандон гаронпоя **гурди далер,**
Хурӯше баромад чу овози шер [13, с.153].

Гурдони пархошҷӯй (паҳлавонони набардҷӯй):

Супурд он замон пушти лашкар бад-ӯй,
Ки буд ҷойи **гурдони пархошҷӯй** [1, с.32].

Гав–дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» муодил (вариант)- и вожаи **гов** тафсир ёфта, калимаи сермаъно қаламдод шудааст, ки маънои 6-уми он маҷозан мафҳуми **паҳлавон**, **мубориз**, **далер**ро ифода мекунад:

Биёмад ба майдон яке **гов** Гӯр,
Ки афзун буд ӯро зи сад **гов** зӯр [9, с.272].

Пӯшида нест, ки **гов** аз ҷиҳати ҷусса ва қувват ҳайвони қавиҷусса аст ва дар заминаи ташбеҳ пайдо шудани ин мафҳум нисбат ба шахси паҳлавону зӯрманд ва шуҷоъ ҷойи аҷобат надорад. Дар лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ вожои **гов** дар шакли **гав** дар истеъмол буда, имкониятҳои зиёди калимасозӣ низ дорад: **гавбоз** (паҳлавони бузургҷусса, ки говро бардошта метавонад), **гавбуз** (бузи сершир), **гавгард** (гардиши барзагов дар шудгоркунӣ), **гавзӯр** (пурзӯр), гавҷигар, **гавҷусса** ва ҳоказо.

Дар «Шоҳнома» дар шакли **Гав** номи яке персонажҳои маъруф, ки дар паҳлавонӣ машҳур аст, дучор меояд:

Падар чун бидид он ҷаҳондори нав,
Бифармуд, то ном карданд **Гав** [9, с.272].

Ин вожа низ имкониятҳои васеи каллимасозиро молик аст, чунончи: **Гавзода** (паҳлавонзода):

Аз Эрон ҳар он кас, ки **гавзода** буд,
Далеру хирадманду озода буд [9, с.247].

Фирдавсӣ дар истилоҳофарӣ ба ҳадде устод аст, ки ба шахсият, дараҷаву мақом ва мартабаи варзишгару разманда аввалан унвони **ҷаҳонпаҳлавонро** дода, баъдан ба ин калима муродифи махсусро, ки мафҳумро боз ҳам аниқтару дақиқ ва мақсадро нишонрас ифода карда тавонад, амсоли **гавонпаҳлавонро** рӯйи кор овардааст:

Гавонпаҳлавон (паҳлавони паҳлавонон, паҳлавони бузург):

Гавонпаҳлавоне бувад зӯрманд,
Ба бозу, ба зӯру ба боло баланд [9, с.247].

Ҳамин маъниро дар мисоли вожаи **фаррухгавон** (паҳлавонони зебову накукор) низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Бипурсидашон аз нажоди каён
В-аз он номдорони **фаррухгавон** [13, с.37].

Дар қолаби ибораи исмии изофии (исм+сифат) **гави пилтан** ба маънои «паҳлавони қавибозӯ, пурзӯр» корбаст шудааст:

Гави пилтан гуфт ҷангӣ манам,
Ба овардагаҳ - дар дирангӣ манам [1, с.33].

Калимаи **нев** низ эрониасл буда, он мафҳуми «паҳлавон, далер, шуҷоъ, диловар»-ро ифода мекунад ва ба ҳамин маънӣ дар «Шоҳнома» роиҷ аст:

Ҳамеронд дар пеш бо Тӯс Гев,
Пас-андар парастандаи чанд **нев** [9, с.848].

Невбанд (мутеъкунандаи паҳлавонон, мутеъкунандаи паҳлавони бузург):

Дигар офарин кун бад-он **невбанд,**
Сипаҳдори фархунда Пӯлодванд [9, с.848].

Вожаҳои **диловар, далер, номдор, номвар, номбардор, номҷӯ, мубориз, шермард, аспафкан** аз ҷумлаи истилоҳоте маҳсуб меёбанд, ки онҳо хусусияти субстантивӣ касб карда, ҳамчун аломат ба ҷойи исми **паҳлавон** ба кор рафтаанд, ки дар матн онҳо метавонанд муносибати муродифӣ пайдо намоянд. Чанд намуна:

Туро зебад, эй **номвар, паҳлавон**,
Ки монанди мо ҳаст бар осмон [13, с.252].
Барошуфт аз он нури Исфандиёр,
Ҷавоне буд **аспафкану номдор** [9, с.93].
Инондорашон чанду солор чанд,
Зи ҷанговарон **номбардор** чанд [13, с.184].

Ба ҳамин тариқа, калимаҳои ифодагари мафҳуми шахсияту сифатҳои варзишгарону паҳлавонон дар забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати теъдод зиёданд, онҳо асосан тоҷики асланд ва аксаран дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ дар гардиш буда, як қисми ками онҳо: **ял, гав, нев** аз истеъмол мондаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар „Шоҳнома”. - Душанбе: Маориф, 1994. - 120 с.
2. Гулшани адаб. Ҷилди 1. - Душанбе: Адиб, 1975.
3. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти варзиш; мураттиб Н. Турсунов. - Душанбе, 1985. - 185 с.
4. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёсуллуғот; таҳияи А. Нуров. Ҷ. 1. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
5. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёсуллуғот; таҳияи А. Нуров. Ҷ. 2. - Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
6. Сафаров Ш. Бозиҳои милоӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. - Душанбе: Матбуот, 2011. - 328 с.
7. Сафаров Ш. Таърихи бозиҳои миллии халқи тоҷик. - Душанбе: Мубориз, 2015. - 525 с.
8. Словарь иностранных слов. - М.: Русский язык, 1987. - 608 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 996 с.
11. Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. - 1254 с.
12. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 1987. - 236 с.
13. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1. - Душанбе: Адиб, 1986.

ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМИ ШАХСИЯТИ ВАРЗИШГАР ВА СИФАТҲОИ ҶИСМОНИЮ РӮҲИИ ОНҲО ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

“Шоҳнома”- ро асари қаҳрамонию паҳлавонӣ ҳам меноманд. Ин аст, ки дар забони ин шоҳасар Фирдавсӣ калима-истилоҳоти зиёдеро, ки барои ифодаи мафҳуми шахсият ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии варзишгарон ба кор мераванд, фаровон истифода бурдааст. Ба ҳамин тариқа, калимаҳои ифодагари мафҳуми шахсияту сифатҳои варзишгарону паҳлавонон дар забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати теъдод зиёданд, онҳо асосан тоҷики асланд ва аксаран дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ дар гардиш буда, як қисми ками онҳо: **ял, гав, нев** аз истеъмол мондаанд.

Калидвожаҳо: “Шоҳнома”, асари қаҳрамонию паҳлавонӣ, калима-истилоҳоти асар, калимаҳои ифодагари мафҳуми шахсияту сифатҳои варзишгарону паҳлавонон, забони адабии ҳозираи тоҷик.

СЛОВА ВЫРАЖАЮЩИЕ ПОНЯТИЯ ЛИЧНОСТИ СПОРТСМЕНА И ЕГО ФИЗИЧЕСКИХ И ДУХОВНЫХ ККАЧЕСТВ В “ШАХНАМЕ” ФИРДОУСИ

“Шахнаме”считают героическим и эпическим произведением. В языке данного произведения Фирдуси использовал огромное количество слов – терминов для обозначения понятия личности и ее физических и духовных качеств. Таким образом, слова обозначающие понятия личности богатырей и ее физических и духовных качествд в языке произведения “Шахнаме” многочисленны по своему составу и сегодня также используются в современном таджикском языке.

Ключевые слова: “Шахнаме”, героическое произведение, слова – термины произведения, слова выражающие понятия личности спортсменов и богатырей, современный таджикский язык.

WORDS EXPRESSING CONCEPTS OF PERSONALITY OF A SPORTSMAN AND ITS PHYSICAL AND SPIRITUAL QUALITIES IN “SHAHNAM” FIRDOUS

“Shahname” is considered a heroic and epic piece. In the language of this work, Firdusi used a great number of words - terms to denote the concept of personality and its physical and spiritual qualities. Thus, the words denoting the notions of the personality of the bogatyrs and its physical and spiritual qualities in the language of the work “Shahnameh” are numerous in their composition and are also used today in the modern Tajik language.

Key words: “Shahnameh”, heroic work, words are the terms of the work, words expressing the notions of the personality of athletes and athletes, modern Tajik language.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A***. - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК: 891.550

«ЁДДОШТҲО» ВА ТАДҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Маҳмадаминов А., Шарифзода Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Як бахши бисёр муҳимми назару мулоҳизаҳои устод Айниро номаҳои ӯ ташкил медиҳанд, ки қисме аз онҳо ба воситаи матбуот ва китобҳои алоҳида дастраси хонандагон шудаанд. Албатта, дар шароити ҳозира ҷустуҷӯ, бозёфт, омӯзиш, баргардон, чоп ва таҳқиқи номаҳо аз ҷумлаи вазифаҳои асосии айнишиносон мебошад. Зеро номаҳои С. Айнӣ дар баробари он ки муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабию фарҳангии асри ХХ-ро фаро гиранд ҳам, ҷанбаи қавии илмию маданӣ ва аҳаммияти калони таърихӣ низ доранд. Хусусан таъкидҳои устод Айнӣ дар бораи «Ёддоштҳо» ва муносибати аҳли адабу таҳқиқ ба он, зарурати ба майдон омадани чунин асар ва инъикоси фарҳангу тамаддуни тоҷикон ва таҳаввули ҷаҳонбинию тафаккури нависанда ба воқеаҳои замони пеш аз инқилоб, ки дар номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода омадаанд, аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққатанд.

Масъалаҳое, ки ҳалли онҳо барои тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик лозим аст ва он дар таъкидҳои С. Айнӣ низ пураҳаммият зикр шудаанд, «Ёддоштҳо» ва тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, омӯзиши рӯзгору осори симоҳои хурду бузург, вобаста ба омилҳои айнию зеҳнӣ ба вуҷуд омадани дигаргунии сифатӣ дар адабиёти ин давра ва махсусан ҷараёнҳои адабии нимаи дувуми асри XIX ва нақши намояндагони онҳо дар ба вуҷудоии адабиёти нави тоҷикӣ мебошанд. Дар ин боб корҳои муфассале бо диди нав метавон анҷом дод, вале мо ин ҷо таъкид карданием, ки таҳлил ва арзёбии ин масъала дар асоси «Ёддоштҳо» ва гирд овардани мулоҳизаҳои олимону донишмандон ва мунаққидони замони шӯравии собиқ аз ҳадафи асосии мо хориҷ аст. Мо танҳо ба он масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик даст мезанем, ки дар мактубҳои С. Айнӣ ба М. Турсунзода таъкид шудаанд. Вале ин андешаҳо, аз як тараф, бо сабаби маълуми замонӣ ва сиёсати сарди давр ба адабиёт аз назарҳо дур монда ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода бошанд, аз дигар тараф, меъёри арзишҳои миллии ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон, ки баъд аз касби Истиқлолият ба даст даромадаанд, эҳёгари ин арзишҳост.

Пеш аз ҳама, бояд як чизро таъкид бикунем. Муносибати навро ба таърихи адабиёти тоҷик, хосса ба таърихи адабиёти шӯравии тоҷик, ки аз мавқеи мафкураи ҳоким дур шуда наметавонист, ба ҳеҷ ваҷҳ як навъ инкори ин адабиёт донистан лозим нест, балки таҷдиди назарро аз мавқеъҳои гуманистӣ, вобаста ба қонунҳои зебоишиносӣ ва адабӣ бояд ҷуст. Аз ин нуқтаи назар, «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ба омӯзиш ва таҷдиди назар ниёз дорад.

Дар адабиётшиносии тоҷик оид ба инъикоси масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар «Ёддоштҳо» дар нигоштаҳои адабиётшиносон Ю. Бобоев [7], С. Табаров [10], М. Шукуров [14; 15; 16, с. 58-152], Р. Ҳодизода [11, с. 12], С. Амирқулов [3; 4; 5], Ш. Раҳмонов [9, с. 3-9] ва дигарон зимни баррасии мавзӯъҳои дигар ишора ва қайдҳои характернок шудаанд. Махсусан хизмати донишмандон Р. Ҳодизода ва С. Амирқулов дар ин масъала сазовори таъкиди махсус аст. Зеро маҳз бо тарғиб ва илҳомбахшии С. Айнӣ минбаъд Р. Ҳодизода ба омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX иқдом намудааст [11]. С. Амирқулов бошад, ҷараёнҳои адабии охирҳои асри XIX-ро дар асоси «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ тадқиқ намуда, ба ин восита яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷикро равшан намудааст [4]. Вале бояд таъкид намуд, ки «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ на танҳо инъикоскунандаи ин масъала, балки донишномаи ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он мебошад. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари илмӣ ин тадқиқот ҳоло давраи аввали тадқиқи илмии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ буда, омӯзиш ва таҳлили ҷиддӣ мехоҳад. Аз зиндагӣ ва фаъолияти мардуми одӣ то ба зиёиёни он, ки дар «Ёддоштҳо» тасвир шудаанд, аз як тараф, симоҳои миллии тоҷикони он давр бошанд, аз тарафи дигар, типҳои миллие мебошанд, ки дар симои ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои миллии халқи тоҷик зуҳур кардаанд.

Дар адабиёти муосири тоҷик аз ҷиҳати принсипи эҷодӣ ва мазмуну ғояҳои миллӣ гуфта метавонем, ки «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ асари комилест, ки образҳои барҷастаи халқи тоҷик ва муборизаи онҳо баҳри озодӣ ва устувор мондани урфу одат, ҷаҳонбинӣ, дониш ва маънавиёти халқи тоҷикро ба воситаи симоҳои шуҷоъ ва содиқи халқи тоҷик фаро гирифтааст. Пурғунҷоишии он дар давраи мазкур ба андозаест, ки равнақи минбаъдаи адабиёти нави тоҷикро бе ин сарчашмаи файёз тасаввур кардан мумкин нест. Ба иборати дигар, «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ инъикоскунандаи худшиносии маънавии «қавми муаззами тоҷик» аст, ки зинаи аввали худшиносии миллиро ба маънои томи мафҳум асос

гузоштааст. Ба таъбири донишманди маъруф М. Шукуров, агар дар повести «Одина» ва романҳои «Дохунда»-ву «Ғуломон» худшиносии иҷтимоии заҳматкаши одиро бо ҷамъбаст ва умумиятдиҳии бадеӣ ба риштаи таҳқиқи бадеӣ кашида бошад, дар «Ёддоштҳо» «худшиносии иҷтимоӣ аз чорчӯбаи танги маҳдудияти табақотӣ берун рафта, ба марзи худогоҳии маънавӣ» [17, с. 114] расидааст. Аз ин ҷост, ки дар ин асар бунёди ормонҳои миллии халқи тоҷик гузошта шуд, ғояҳои асосии он такмил ёфтанд ва барои сайри минбаъдаи адабиёти нави тоҷикӣ сабаб шуданд. Нависандагони ҷавони ин аҳд М. Раҳимӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, А. Деҳотӣ, П. Деҳотӣ, Алӣ Хуш, Ҳ. Карим, Ф. Ниёзӣ ва амсоли онон ин анъанаро бо шеваҳои махсуси эҷодӣ ва истеъдодҳои худ идома доданд. Умуман, инъикоси масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар «Ёддоштҳо» ба андозае будааст, ки таъсир ва баҳрабардорӣ аз онро мо дар марҳалаҳои баъдии адабиёти нави тоҷик низ ҳис мекунем. Вале чунин сабзиши адабиёти нави тоҷик, дар баробари талаби замон ва ҷавоб ба ниёзҳои маънавии ҳамон аҳд ва шароити сиёсию иҷтимоӣ, сарчашмаҳои таърихию фарҳангӣ низ доштааст, ки аз камбуди таърихи адабиёти тоҷик сарчашма мегирад. Ҷъне? барои С. Айнӣ, пеш аз он ки асари бузурги худ – «Ёддоштҳо»-ро офарад, як давраи муайяни таърихӣ лозим будааст, то ки инкишофи тадриҷии адабиётро мунтазир шавад. Аз ин ваҷҳ, «Ёддоштҳо» масъалаҳои таърихи адабиёт ва мушкилоти онро фаро гирифта, аз ҷиҳати инкишофи адабиёт онро пурра кардааст. Масъала аз он иборат аст, ки «Ёддоштҳо» дар баробари асари бадеӣ будан, ба андешаи С. Айнӣ, инчунин «камбудии таърихи адабиёти тоҷик» [1, с. 108]-ро рафъ менамояд. Баҳси ин мақола низ, асосан, пайгири ҳамин таъкиди устод Айнист.

Масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, аз қабили иртиботи адабиёт бо фолклор, будубоши халқи тоҷик, ҳикмати зиндагӣ, таҷрибаи рӯзгорон, назокати сухани халқ, омӯзиши рӯзгору осори симоҳои хурду бузурги миллӣ, вобаста ба омилҳои айнию зеҳнӣ ба вуҷуд омадани дигаргунии сифатӣ дар зиндагии халқ ва адабиёти он дар як марҳалаи ҳассоси таърих дар «Ёддоштҳо» бо камоли возеҳӣ ва истеҳсон баён шудаанд.

Муҳимтарин масъалаи дигаре, ки устод Айнӣ ба он ҳамчун масъалаи таърихи адабиёти тоҷик эътибор додааст, таъкид намудани симоҳои хурду бузурги адабиёти нимаи дувуми асри XIX мебошад. Хусусан, боби «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ»-и «Ёддоштҳо» дар ин масъала аҳаммияти калони илмӣ ва адабӣ дорад [2, с. 270-286]. Устод Айнӣ дар ин боб дар бораи шоирон ва шеършиносони ин замон, ки муаллиф бо онҳо ҳангоми хизмат дар ҳавлии хӯҷаини худ – Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва маҷлисҳои хонагии ӯ шинос гардида буд, маълумот додааст, ки ин амал, ба назари мо, аз таъкиди фавқуззикри устод Айнӣ ҷудо нест. Усдод Айнӣ дар ин боб ва умуман дар чор қисми «Ёддоштҳо»-и худ ба симоҳои хурду бузурги адабӣ аҳаммияти хосса додааст. Устод Айнӣ дар боби фавқуззикр дар бораи симоҳои машҳури замон – Аҳмад-махдуми Дониш, Шамсиддин-махдуми Шоҳин, Мирзо Ҳаити Саҳбо ва симоҳои хурду бузурги давр – Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдулхоҷаи Таҳсил, Қорӣ Абдулкарими Офарин (Дузахӣ), Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Азизхоҷаи Азиз ва дигарон маълумот дода, аз як тараф, масъалаи омӯзиши рӯзгору осор ва нақши иҷтимоии онҳоро ба миён гузошта бошад, аз сӯйи дигар, «камбудии таърихи адабиёти тоҷик» [1, с. 108]-ро пурра намудааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки худи С. Айнӣ аввалин кашшофи омӯзишу тадқиқи адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX мебошад, ки ин масъаларо ҳам дар «Ёддоштҳо» ва ҳам дар мактубҳои худ ҷиддӣ ба миён гузошта, равшан намудани онро яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷик медонад. Хусусан, таъкиди устод Айнӣ дар бораи симоҳои адабӣ, ки ба дарбори амирони манғит пайвастагӣ доштанду барои замони шӯравӣ нолозим менамуданд, хеле ҷолиб аст. Чунончи, устод Айнӣ дар бораи Абдулвоҳиди Садри Сарир сухан ба миён гузошта, таъкид менамояд, ки «қозӣ будан ба Сарир айб намешавад, зеро Аҳмади Калла ҳам аввал дар Хузор, дувум дар Наҳрпай (Зиёуддин), савум дар Вобканд қозӣ шудааст» [1, с. 105]. Ин мавзӯъ ва нақши устод Айнӣ дар ба миён гузоштани симоҳои адабӣ, ки ба дарбори амирони манғит кашида шуда буданд, лоиқи назари дигар аст. Зеро ин масъала низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад, ки таҳлили он дар тадқиқотҳои адабиётшиносон низ таъкид шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки аз мутолааи мукотиботи С. Айнӣ ба М. Турсунзода ва «Ёддоштҳо» чунин андеша ба зеҳн мерасад, ки устод Айнӣ дер боз мехостааст, давраи амирӣ, симоҳои хурду бузурги ин давр ва дар асл саргузашт ва зиндагии халқи тоҷикро, ки норавшан мондаасту ба камбудии таърихи адабиёти тоҷик сабаб шудааст, ба насли нав шиносонад. Ба ин васила он кореро, ки Аҳмади Дониш оғоз карда буд, идома бидиҳад ва ба ин восита як давраи норавшани таърихи халқи тоҷикро, ки мардуми Осиёи Миёна, хосса сокинони аслии он – тоҷикон дар зери истибдоди қабилаи Манғит монда буданд ва аз одитарин ҳуқуқи худ дифоъ карда наметавонистанд, равшан кунад. Ва инчунин матлаби дигари С. Айнӣ, ки аз муҳтавои таҳтонии асар бармеояд, дар асл огоҳ намудани насли

нави адибону фардони пайрави сиёсати шӯравӣ ба гузаштаи миллати худ, ки ин насл бар асари даргириҳои сахту маъюскунандаи солҳои бистуму сиюми садаи XX андаке аз гузаштаи худ дур гашта буданд ва то ҷое вуҷуди худро аз ҳамаи онҳо берун медонистанд ва дидаю зеҳни худро ба масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ, ки барои ҳар фард шакли нави ҳаёт дониста мешуд, ошно намуда буданд ва онро бо ҳар гуна васила месутуданд, низ будааст, ки имрӯз яке аз масъалаҳои таърихи адабиёти мо ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар номаи фиристодааш ба М. Турсунзода, аз 27 декабри соли 1948 тамом кардани «Ёддоштҳо»-ро яке аз корҳои зарури худ дониста, дар баробари дигар фоидаи асар доир ба ин масъала менависад: «Яке аз корҳои зарур тамом кардани «Ёддоштҳо» аст. «Ёддоштҳо» ғайр аз он фоидаҳое, ки ман дар мактуби пештараам* навиштаам, боз як фоида дорад, ки **камбудии таърихи адабиёти моро пур мекунад**» [1, с. 108]. Барои таъкиди матлаб ва асли мақсад С. Айнӣ боз бо исрор чунин хотиррасон мекунад: «Маълум аст, ки нависандагони ҷаҳоншумули халқи рус дар асри XIX чунон асарҳои пурра доданд, ки баъд аз Инқилоб ба гардани нависандагони советии рус фақат равшан кардани зиндагонии советӣ монд. Аммо дар мо дар асри XIX ва то револютсия (Инқилоби Октябр - Л.Ш.) чизе ба майдон наомад. Танҳо дар майдон асарҳои Аҳмадмахдум аст, ки онҳо, аз як тараф, ба танқиди дарбор маҳдуд буда, аз тарафи дигар, то ҳол чоп нашудаанд ва ба сабаби усули таҳрирашон дар замони мо айнан чоп кардани онҳо ҳам мумкин нест. Бинобар ин, ман дер боз орзу доштам, ки ҳаёти замони амирро то метавонам фош кунам, ки ҷавонони мо чӣ будани он ҳаётро донанд» [1, с. 108]. Дар идома устод Айнӣ ҳадафи худро равшантар намуда, менависад: «Ҳарчанд дар «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» як қисми он аҳволро акс карда бошам ҳам, басанда нест.

«Ёддоштҳо» ана ҳамин камбудии таърихи адабиёти моро қисман пур хоҳад кард» [1, с.108].

Ин мулоҳизаҳои С. Айнӣ арзёбии нозукест, ки дар сурати дарки нодурусти он мо ба гӯшаи иштибоҳ меафтем. Бинобар ин, ин мулоҳиза, ки бар мабнои камбуди таърих, фарҳанг ва адабиёти мо дар замони Шӯравӣ асос ёфтааст таҳаввули тафаккури нависандаро нишон медиҳад, тааммул ва андешаи таҷаддудӣ мехоҳад. Албатта, барои С. Айнӣ, ки огоҳ аз тамаддуни гузаштаи тоҷик буд ва барои аз байн нарафтани унсурҳои он кӯшишҳо мекард ва насли нав, ки аз он тиҳӣ шудан дошт, зарурат пеш омад то гузаштаро ба замони нав бипайвандад. Вале гузаштаро ба замони нав айнан кӯчондан барои ӯ имкон надошт. Бисёре аз суннатҳои пазируфтаи ҷомеаи тоҷикии гузашта на фақат қобили зиндашавӣ набуданд, балки барои зеҳн ва таомули насли нав, ки худро дар мақоми волои фарҳангӣ медиданду пайрави маданияти русию аврупоӣ буданд, номумкин буд. Бо вуҷуди ин гуна камбуди фазои фарҳангӣ устод Айнӣ замонеро тасвир намудааст, ки дар он замон ҳам мардум якдигарро дӯст медоштанд, назокати суханро қадр мекарданд, ба якдигар ҳасад мебурданд, ҳақиқат ва некиро меҷустанд, саргарми эҳтиросот буданд, дар он замонҳо ҳам ҳаёти мураккаби фикриву маънавӣ мавҷуд будааст. Яъне, устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» маънавият, ахлоқ, фазилату фаросат, ҳунармандию косибӣ, маърифати ботинӣ ва зоҳирӣ ва аҳёнан рӯҳонияти миллати тоҷикро равшанӣ бахшидааст. Аз ин ваҷҳ, «Ёддоштҳо» дарбаргирандаи як давраи мураккаби таърихи тоҷикон аст, ки масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро дар худ ниҳон медорад. Албатта, инъикоси фарҳанги миллӣ бо заминаҳои моддӣ ва маънавӣ дар «Ёддоштҳо» бисёр муҳим инъикос шудааст, ки ҳалли он яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти моро равшан мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки арзёбии арзиши таърихӣ ва адабию фарҳангии «Ёддоштҳо» дар адабиёти нави тоҷикӣ ва адабиёти куллии форсизабонону адабиёти ҷаҳон, ки таҳқиқи он вазифаи асосист, дар замони таълифи «Ёддоштҳо» (1948-1954) ва замони зиндагии С. Айнӣ фазои имрӯзаро надоштанд, лекин мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик равшан менамояд, ки устод Айнӣ адибон ва мунаққидони замони шӯравиро водор мекардааст, ки барои хубтар огоҳ гаштан аз ҳақиқати ин арзишҳои асар бикӯшанд ва моҳияти онро ҷустуҷӯ намоянд. Модоме адибе чизе мегӯяд, ки он аз либоси сухани одӣ берун аст ва илова бар он, воқеияти иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ё он давраи халқро бар самъи шунавандагон ва рӯҳи хонандагон бо таъсире аҷиб баён менамояд, вай бояд сабаб ва арзишҳое дошта бошад. Инчунин, чӣ гуна марому мақсад адибро водор мекунад, ки асаре офарад? Яъне, пеш аз он ки «Ёддоштҳо» офарида шавад, як замони мусоид лозим буд, то ки хотираҳои давраи аввали ҳаёти С. Айнӣ, ки ба замони феодалии амирсолорӣ марбут буд, бе мушкилӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Ин буд, ки устод Айнӣ дер боз орзуи ин амалро дар дил мепарваридааст.

Аз як тараф, ин мулоҳизаи устод Айнӣ моро ба хулосае меорад, ки дар замони имрӯз «Ёддоштҳо» бузургтарин ва пурғунҷоиштарин асарест, ки мураккабтарин масъалаҳои таърихи адабиёти моро, аз қабили ба вуҷуд омадани дигаргунии сифатӣ дар адабиёти

* Мактуби 14-уми декабри соли 1948, ки ба суроғаи М. Турсунзода омадааст, дар назар аст – А. М., Л.Ш.

нимаи дувуми асри XIX, ҷараёнҳои адабӣ, омӯзиши рӯзгору осори симоҳои хурду бузурги он ва ҳикмати зиндагӣ ва таҷрибаи рӯзгори халқ бо ҷамъбастҳои бадеӣ инъикос намуда, пуле миёни адабиёти классик ва адабиёти муосири тоҷик бунёд карда, миёнҷӣ шудааст. Аз сӯйи дигар, он «ба эътибори бадеият ва санъату маҳорат ҷамъбасти тамоми сайри инкишофи эҷодии устод Айнӣ» [16, с. 190] буда, як давраи муҳимми таърихи халқи тоҷик ва тараққии адабиёти бадеии тоҷикиро ҳамчун маърифати ҳастии миллат бо тараққии таърихии ҳаёти моддӣ ва маънавии он инъикос намудааст. Аз ин ваҷҳ, «Ёддоштҳо» ҳамчун манбаи пурқимати маърифати бадеӣ, тараққӣ ва сайри таърихии моддӣ ва маънавии миллати тоҷик, дарбаргирандаи масъалаҳои таърихии миллати тоҷик низ ҳаст. Аз он ҷо ки адабиёт аз тақдири миллат ҷудо нест, «Ёддоштҳо» масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро низ бо ҷамъбаст ва умумиятдиҳии бадеӣ ва тасвири вусъатноки воқеаҳои ҳаёт фаро гирифтааст, ки ҳалли бисёре аз масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёти тоҷикро дар худ ниҳон дорад. Дар «Ёддоштҳо» С. Айнӣ бо ин равиш муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро, чунонки зикр намудем, ба миён гузошта, аввалин бор ба тадқиқи бадеии онҳо пардохтааст. Хусусан тасвири пурвусъату мураккаби ҷараёнҳои адабии адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX, нақши равшанфикрону тараққихоҳони ин аҳд, симои шоиртабъону ҳазлпешагоне, ки ба амалҳои ҳайратовари худ «шакли як шеъри муҷассами пурмаъно» [2, с. 235]-ро ба вуҷуд меоварданд, гуногунтарин ҷилваҳои ин равия, ҳаракати дохилии адабиёти пешқадам ва тадриҷан инкишоф ёфтани шуури халқ ва ба вуҷуд омадани қувваҳои нави адабӣ, аз байн рафтани анъанаҳои куҳнашуда ва дигар масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро дар ин аҳд бо камоли вусъати бадеӣ инъикос намудааст. Ва ин аст, ки диққати асосии нависанда ба ошкор кардан, инъикос намудани хусусиятҳои муҳимми воқеияти охирҳои асри XIX ва муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик равона шудааст. С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» масъалаҳои муҳимми таърихи адабиётро, аз ҷумла ҷузъиёту тафсилот ва фактҳои алоҳида, ҳодисаҳо ва иштироккунандагони онҳоро дар муносибат ба зиндагии воқеии мардуми одӣ ва зиёиёни он ба миён гузоштааст, ки ҷиҳатҳои асосии воқеият, қонуниятҳои асосӣ, ҳолатҳои типиро дар шароити типӣ ба вуҷуд овардааст. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар номаи худ ба М. Турсунзода оид ба материалҳои воқеаҳои дар асарҳои худ инъикоснамуда, андешаи қобили мулоҳизаеро ба миён гузошта, мегӯяд: «Бисёр рафиқон, ҳам аз русҳо, ҳам аз маҳаллиҳо, ки ҳаваси тадқиқи асарҳои маро доранд, материалҳои ҳар воқеаи дар асарҳои ман акс кардаро «аз кучо ва аз кадом китоб гирифтед» гуфта аз ман мепурсанд. Ин гуна тадқиқотчиён ва танқидчиён, вақте ки «Ёддоштҳо»-ро хонанд ва асарҳоямро ба ҷойҳои дахлдори вай андоза карда бинанд, ман ҳам аз ин гуна пурсишҳои дардисаркунанда ва назар ба ақидаи худам хандаовар халос мешавам ва танқидчиҳо ҳам бе заҳмати ин ки дар майнаи худ дар бораи шарҳи асарҳои ман хаёлот бофанд, аз «Ёддоштҳо» омӯхта бо осонӣ танқид, таҳлил ва тадқиқ кардан мегиранд» [1, с.107].

Яъне, истифодаи материалҳо аз ҳаёт ва рӯзгорон аз замони рӯ ба наср овардани С. Айнӣ ҳамчун қувваи тасвири реалистии воқеияти зиндагӣ дар ҳикоя, повест, очерк, роман ва дигар асарҳои таърихию адабии ӯ мушоҳида мешаванд, ки баъдан дар «Ёддоштҳо» ин принсип инкишоф ёфта, таҷрибаи эҷодии ба камолрасидаи С. Айниро бозгӯ менамояд. Яъне؟ муҳаққиқи рӯзгор ва осори С. Айнӣ бо истифода аз «Ёддоштҳо» метавонад сайри адабӣ ва таҷрибаи эҷодии С. Айниро муайян намояд. Аз ин мулоҳизаҳо маълум мегардад, ки «Ёддоштҳо» ба сифати як сарчашмаи муътамад на танҳо дар масъалаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ ва дар радифи аввал дар муайян намудани таҷрибаи эҷодии нависанда мавқеи муҳимро ишғол менамояд, балки материалҳои асосии воқеаҳои асарҳои бадеии устод Айниро низ фаро гирифтааст. Бинобар ин, ҳангоми тадқиқ ва таҳлили эҷодиёт ва арзёбии таҷрибаи эҷодии С. Айнӣ ва таҳаввули тафаккури ӯ дар офаридани асари адабӣ ба назар гирифтани ин таъкиди С. Айнӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ дорад.

Чизи дигари муҳимме, ки дар давраи нави муносибатҳо дар «Ёддошдҳо» матраҳ ёфтааст ва ин асарро ҳамчун қомуси ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он ҷилва медиҳад ва аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаи таърихи адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад, ин ҳикмати зиндагӣ ва таҷрибаи рӯзгорон аст. Ин ҷиҳати мавзӯъ низ ҷолиб буда, барои насли нав, ки бо таъсири фарҳанги русу Аврупо аз фарҳанги миллии хеш дур шудан доштанд, аҳаммияти амалӣ доштаанд ва барои замони мо низ беаҳаммият нестанд. Хусусан, инъикоси муҳити ойлавӣ ва муносибатҳои хонаводагӣ, ки имрӯз ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, дар «Ёддоштҳо», махсусан қисми аввали он – «Дар саҳро» бо хусусиятҳои миллии тоҷикӣ баён шудаанд. Барои равшан намудани ин андеша ба чанд мисол аз «Ёддошдҳо» қаноат мекунем.

Ба Садриддин падараш гуфта, ки «ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯй, ки ҳам шарманда мешавӣ, ҳам бадном» [2, с. 97]. Рафтору кирдори падару модари Садриддин низ ибратомӯз аст. Онҳо бо расму ойини садсолаҳо ҷоришуда, ки хосси хонаводаи шарқӣ аст, зиндагӣ мекунанд.

Падар – Сайид Муродхоҷа, ки шахси «диндор буд, ӯ ба Худову Расул, ба қиёмат ва ба Дузаху Биҳишт иқрор буд» [2, с. 93], ба рӯйдодҳои атроф аз ин меъёр баҳо медиҳад. Модар низ сарфакор асту дар тангдастиҳои оила чораандеш. «Вақте ки биринҷи тӯйро оварда будед, – модар дар як лаҳзаи мушкили зиндагӣ ба падар мегӯяд, – ман як халтаро аз вай биринҷ пур карда гирифта дар сандуқ пинҳон карда монда будам, ки ягон вақт танг шавем, кор мефармоем. Акнун, ки аввал қарзҳоро кандан лозим аст, ҳамон биринҷро кор фармудан мегирем» [2, с. 15]. Ин намунаи шахсияти зани тоҷик дар он рӯзгор ва бояд дар замони мо ҳам мебошад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки «Ёддошдҳо»-и устод Айнӣ қомуси ҳаёти халқи тоҷик ва адабу фарҳанги он дар охирҳои асри XIX ва оғози асри XX аст, ки будубоши ин миллатро дар бар кардааст ва ҳикмати зиндагӣ ва таҷрибаи миллиро бо камоли равшанӣ баён намудааст. Бо ин равиш С. Айнӣ саргузашти халқи тоҷикро ба вуҷуд овард, ки ҳамосаи миллии тоҷикро дар асри бистум бунёд гузошт. Ин масъала аз ҷумлаи масъалаҳои радифи аввали таърихи адабиёти муосири тоҷик буданд, ки ҳамосаи миллатро бунёд намуданд. Ба қавли адабиётшиноси маъруф Х. Шарифзода, «ҳамосаи сирф миллии тоҷикӣ дар ҳамин асри бистум аввал аз ҷониби С. Айнӣ бо даъвии саргузашти тоҷик будан навишта шуд. Оғозгари ҳамосаи миллии давраи нав ва сирф тоҷикӣ С. Айнӣ аст» [13, с. 157-158].

Ҳамин тавр, «Ёддоштҳо» фарогирандаи масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷик, аз қабили будубоши халқи тоҷик, ҳикмати зиндагӣ, таҷрибаи рӯзгорон, назокати сухани халқ, омӯзиши рӯзгору осори симоҳои хурду бузурги миллӣ, вобаста ба омилҳои айнию зеҳнӣ ба вуҷуд омадани дигаргунии сифатӣ дар зиндагии халқ ва адабиёти он буда, на танҳо воқеаҳои иҷтимоӣ, балки хусусиятҳои типии образҳо ва таҷдиди назар ба образҳои онро дар асоси мактубҳо аз назар гузаронидан аз вазифаҳои асосии адабиётшиносии муосир аст, ки ба масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар давраи аввали адабиёти шӯравии тоҷик мувоҷеҳ мебошад. Тадқиқи ин масъалаи муҳимро ба корҳои оянда во гузошта, аз он чӣ ки гуфта шуд, ин ҷо таъкид карданием, ки «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ комилкунандаи таърихи адабиёти тоҷик дар адабиёти муосири мо мебошад. Ин қазия дар асоси гуфтаҳои худи С. Айнӣ, чунонки дар боло дидем, гуфта шавад ҳам, аз таҷрибаи ёддоштнависии классикии тоҷик ва синтези он бо анъанаҳои адабиёти русу Аврупо «намуди нави асари ёддоштӣ» [16, с.56] -ро ба вуҷуд овард. Вале устод Айнӣ бо ин асари нави ёддоштии худ на танҳо зиндагии шахсии худ, балки муҳимтарин масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёти тоҷикро ба риштаи таҳқиқи бадеӣ гирифта, роҳҳои минбаъдаи инкишофи адабиёти тоҷикро муқаррар кард. Бинобар ин, «Ёддоштҳо»-ро ба фаҳмиши илмӣ асари сирф бадеӣ шуморидан дуруст нест. Суханони зерини В.Г. Белинский дар бораи таъсирпазирии як эҷодкор аз эҷодкори дигар гуфта шудааст, ба вазъияти таъсиррасонии «Ёддоштҳо» ба наслҳои минбаъдаи адабиёт ва муайян намудани роҳҳои инкишофи ояндаи адабиёти тоҷик дуруст меафтад, зикр кардан бамаврид аст: «Таъсири шоири бузург ба дигар шоирон на аз он ҷиҳат намудор мешавад, ки назми ӯ дар эҷодиёти онҳо инъикос меёбад, балки аз он ҷиҳат намоён мегардад, ки назми ӯ қувваҳои худи онҳоро ба ҳаракат меорад: чунонки нури офтоб заминро равшан карда ба вай қувваи худро намегузаронад, балки қувваи мавҷудаи худи онро ба ҷунбиш меорад» [6, с.436]. Бо ин мулоҳиза ва ҳам дар асоси ин мулоҳиза, «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ҳам, чун нури офтоб қувваи эодии ҷавонони навқаламро дар кашфи масъалаҳои дигари адабиёти тоҷик ба таҳрик овард, ки хизмати дигари ин асар аст. Ба қавли худи нависанда «камбудии таърихи адабиёти моро пур»[1, с.108] кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1956. – №4. – С. 100-114.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм дар як китоб) // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. Асари бадеӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
3. Амирқулов С. Мулоҳизаҳо доир ба афкори адабию эстетикии устод Айнӣ / С. Амирқулов // Садои Шарқ. – 1976. – № 4. – С. 112-119.
4. Амирқулов С. «Ёддоштҳо» ва таҳқиқи ҷараёни адабӣ / С. Амирқулов // Садои Шарқ. – 1976. – № 12. – С. 112-119.
5. Амирқулов С. Нигоҳе ба инкишофи таърихи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XX). Мунтахаби мақолаҳо / С. Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 232 с.
6. Белинский В.Г. Полное собрание сочинений / В.Г. Белинский. Том VII. – М.: Худ. литература, 1955. – 863 с.
7. Бобоев Ю. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Ю. Бобоев // Шарқи сурх. – 1951. – №1. – С. 102-109.
8. Брагинский И.С. Ёддоштҳо. Монография / И.С. Брагинский // Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 131-158.
9. Раҳмонов Ш. Муаммои «Ёддоштҳо». Се кори муҳим ва бахайри устод С. Айнӣ. Васоити таълимӣ / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 3-9.
10. Табаров С. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Табаров // Тоҷикистони советӣ. – 1951. – 16 май. – С. 3.

11. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX. Қисми аввал. – Душанбе: Дониш, 1968. – 296 с.
12. Ҳодизода Р. Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик (Қайдҳои мухтасар) // Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 105-126.
13. Шарифзода Х. Сездаҳ мақола. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2013. – 272 с.
14. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсессҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II) // Шарқи сурх. – 1956. – № 5. – С. 90-105.
15. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсессҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II) / М. Шукуров // Шарқи сурх. – 1956. – № 6. – С. 101-117.
16. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.
17. Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1998. – № 1-6. – С. 111-121.

«ЁДДОШТҲО» ВА ТАДҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии «Ёддоштҳо» ва тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар заминаи таъкидҳои устод Айнӣ, ки дар номаҳои ӯ ба М. Турсунзода омадааст, бахшида шудааст. Ҳамон гуна ки дар мақола таъкид меравад, «Ёддоштҳо» ҳамчун манбаи пурқимати маърифати бадеӣ, тараққӣ ва сайри таърихии моддӣ ва маънавии миллати тоҷик, дарбаргирандаи масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти тоҷик, аз қабили будубоши халқи тоҷик, ҳикмати зиндагӣ, таҷрибаи рӯзгорон, назокати сухани халқ, омӯзиши рӯзгору осори симоҳои хурду бузурги миллӣ, вобаста ба омилҳои айнию зеҳнӣ ба вуҷуд омадани дигаргунии сифатӣ дар зиндагии халқ ва адабиёти он мебошад. Аз он ҷо ки адабиёт аз тақдири миллат ҷудо нест, «Ёддоштҳо» масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро низ бо ҷамъбаст ва умумиятдиҳии бадеӣ ва тасвири вусъатноки воқеаҳои ҳаёт фаро гирифтааст, ки ҳалли бисёре аз масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёти тоҷикро дар худ ниҳон дорад. Дар ҳамин замина, дар мақола таъкид мегардад, ки «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ бо ин равиш муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро фаро гирифта, нависанда аввалин бор ба тадқиқи бадеии онҳо пардохтааст. Ин аст, ки диққати асосии С. Айнӣ ба ошкор кардан, инъикос намудани хусусиятҳои муҳимми воқеияти охирҳои асри XIX ва муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик равона шудааст. Ҳамчунин дар мақола дар асоси меъёри арзишҳои миллии ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон, ба масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик назар шудааст, ки дар ин роҳ «Ёддоштҳо» зинаи аввали худшиносии миллиро ба маънои томи мафҳум асос гузоштааст.

Калидвожаҳо: «Ёддоштҳо», худшиносии миллӣ, ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон, зуҳури шахсиятҳои миллӣ, типҳои миллӣ, мукотиба, ҳолатҳои типӣ, масъалаҳои таърихи адабиёт, мазмуну ғояҳои миллӣ.

“ВОСПОМИНАНИЯ” И ИССЛЕДОВАНИЕ ВОПРОСОВ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Настоящая статья посвящена анализу “Воспоминаний” Айни и исследованию вопросов истории таджикской литературы на основе замечаний Садриддина Айни в его письмах к Мирзо Турсунзаде. Автор приходит к выводу, что “Воспоминания” Айни являются ценным источником для изучения не только различных вопросов истории таджикской литературы, но и истории становления таджикской народности, ее философии, этики и морали, нравственных ценностей, истории ее духовного становления, фольклора, народно-поэтического творчества, особенностей разговорного языка и ряда других проблем народоведения и этнографии таджикского народа. Исторический опыт показывает, что художественая литература, как важнейшая часть культуры, всегда развивается вместе с обществом и всесторонне отражает его эволюцию. К таким шедеврам художественной литературы таджикского народа 20-го столетия можно отнести “Воспоминания” Садриддина Айни. В этом произведении полномасштабно отражены основные вехи истории народа и его культуры, где можно найти ответы на сотни вопросов касательно истории таджикской литературы и культуры. Айни впервые затрагивает насущные вопросы художественной литературы и способы ее исследований. Также в статье автор подходит к вопросу о роли “Воспоминаний” в изучении истории таджикской литературы, с точки зрения национальных ценностей таджикского общества, и приходит к выводу о том, что именно это произведение является одним из первых образцов литературы, затрагивающих вопросы национального самосознания.

Ключевые слова: “Воспоминания”, национальное самосознание, суверенннное таджикское общество, тип, переписка, типические обстоятельства, история литературы, содержание и сущность национальных идей.

“MEMORIES” AND RESEARCH OF QUESTIONS OF HISTORY OF TAJIK LITERATURE

This article is devoted to the analysis of Aini’s “Memories” and the study of the history of Tajik literature based on the comments of Sadriddin Aini in his letters to Mirzo Tursunzade. The author comes to the conclusion that Aini's “Memories” are a valuable source for studying not only various issues of the history of Tajik literature, but also the history of the formation of the Tajik nationality, its philosophy, ethics and morality, moral values, history of its spiritual formation, folklore, and folk-poetic creativity, the features of the spoken language and a number of other problems of ethnography and ethnography of the Tajik people. Historical experience shows that fiction, as the most important part of culture, always develops with society and comprehensively reflects its evolution. These masterpieces of fiction of the Tajik people of the 20th century include “Memoirs” by Sadriddin Aini. This work fully reflects the main milestones of the history of the people and their culture, where you can find answers to hundreds of questions regarding the history of Tajik literature and culture. Aini for the first time touches on the pressing issues of fiction and the ways of her research. Also in the article, the author approaches the question of the role of “Memories” in studying the history of Tajik literature, from the point of view of the national values of Tajik society, and concludes that it is this work that is one of the first examples of literature affecting national identity.

Key words: “Memories”, national identity, sovereign Tajik society, type, correspondence, typical circumstances, literary history, content and essence of national ideas.

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай Саидович*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. Адрес: Республика Таджикистан,734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Шарифзода Лутфулло Абдулло – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. Адрес: Республика Таджикистан,734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail:**sharifzodal@mail.ru.** Телефон: **+(992) 985-86-86-46**

Information about the authors: ***Mahmadaminov Abdulhai Saidovich*** – Tajik national University, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. Address: Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
Sharifzoda Lutfullo Abdullo - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. Address: Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Telephone: **(+992) 985-86-86**

УДК: 891. 550-1: 82

ҲАҚИҚАТИ МАСЪАЛАИ ЯК ҚАСИДАИ МАНСУБ БА САНОӢ

Солеҳов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Саноии Ғазнавӣ, ки шоири давронсоз, Одами шеъри сӯфиёна ва умуман адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ дониста шудааст, дар ҳамин замина нақши ӯ дар ташаккулу таҳаввули шеъри андеша низ ба ҳайси кашшоф пазируфта мешавад. «Саноӣ тавонистааст, ки-менависад донишманди маъруф Шафеии Кадканӣ, - таҷоруби рӯҳонии орифону зоҳидони қарнҳои дувуму савум ва чаҳоруму панҷумро (асрҳои 8-9-10-11 м. М.С.), ки ба сурати мансур дар китобҳое аз навъи «Ламъи сироҷ ва қувватулқулуб»-и Абӯтолиби Маккӣ ва рисолаи «Қушайрия» ва ҳатто «Эҳё-ул-улум ад-дин»-и Ғаззолӣ арза шудааст, вориди маҷмӯае аз сохторҳои суннативу таҷрибашудаи шеъри форсӣ кунад» [7, с.24]. Ба ин маънӣ мавсуф боз менависад: «Саноӣ се шахсияти бисёр мутафовут дорад, ки иборатанд аз:

1. Саноии маддоҳу ҳиҷогӯй (қутби торики вуҷуди ӯ).
2. Саноии воъиз ва ноқиди иҷтимоӣ (мадори хокистарии вуҷуди ӯ).
3. Саноии қаландар ва ошиқ (қутби равшани вуҷуди ӯ)» [7, с.26].

Шафеии Кадканӣ дар фасли Саноӣ –ноқид ва андарзгӯи ахлоқӣ менависад, ки: «Ба ҷуз Носири Хусрав, ки ба далоиле истисноӣ пешрави Саноӣ дар ин гуна шеър аст ва ба ҷуз Баҳор, ки дар поёни давраи классикии шеъри форсӣ- чандин қасидаи баланду арҷманд дар ҳавзаи шеъри иҷтимоӣ бо диди инсони асри мо ба вуҷуд овардааст, ки ҳеҷ кадом аз қасоиди сиёсию иҷтимоии қудамо бо дар назар гирифтани ду сӯйи сурату сохт ва маънию мазмун ба пойи ин гуна шеърҳои Саноӣ намерасад» [7, с.25]. Пас бо манзури қазовати фавқуззикр чунин шеваи эҷоди қасоид танҳо хосси Саноии ноқиду андарзгӯ аст. Манзури мо як қасидаи Саноист, ки ба шоири муосири ӯ Абдулвосеи Ҷабалӣ низ нисбат дода мешавад. Қасидаи мазкур дар девони Саноӣ – «Дар шикояти рӯзгор ва бевафоии мардум» ном дошта бо абёти зерин оғоз мешавад:

Мансух шуд мурувватu маъдум шуд вафо,
З-ин ҳар ду монда ном чу симурғу кимиё.
Шуд ростӣ хиёнату шуд зиракӣ сафеҳ,
Шуд дӯстӣ адовату шуд мардумӣ ҷафо,
Гаштаст божгуна ҳама расмҳои халқ
З-ин олами набаҳраву гардуни бевафо.
Ҳар оқиле ба зовияе монда мумтаҳан,
Ҳар фозиле ба доҳияе гашта мубтало.

Ин қасида дар девони Саноӣ дорои 47 байт ва дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ шомили 49 байт аст.

Бузургтарин саноишинос ва нахустмураттиби девони Ҳаким Саноӣ Мударриси Разавӣ роҷеъ ба қасидаи мазкур менависад, ки: «Ин қасида ба Абдулвосеи Ҷабалӣ, ки аз муосирини Саноӣ аст, нисбат дода шудааст» [3, с.48]. Қаблан Мударриси Разавӣ ба мансубияти ин қасида ба Ҳаким Саноӣ шубҳа карда, чунин далел пеш меорад: «Дар ҳамаи нусхаҳои девони Ҷабалӣ, ки ба назари нигоранда расида мавҷуд аст ва бо набудан дар бештари нусхаҳои девони Саноӣ… далел аст, ки аз они Саноӣ нест». Муҳаққиқ баъд аз дақиқ омӯхтани нусхаҳои хаттии девони Саноӣ хулосаи аввалаи хешро ботил меҳисобад ва таъкид менамояд, ки: «Чун ин қасидаро дар нусхаи девони хаттии қадимии Китобхонаи миллии Малик сабт дид, андохтанашро аз девони Саноӣ раво надид» [3, с.804].

Таҳиягари дигари девони Абдулвосеи Ҷабалӣ Забеҳулло Сафо дар хусуси қасидаи мазкур ишора надорад. Танҳо таҳиягарони асари З.Сафо – «Таърихи адабиёт дар Эрон» - донишмандони тоҷик С. Имронов ва Б. Мақсудов, дар фасли Саноӣ мансубияти қасидаи

мазкурро ба Абдулвосеи Ҷабалӣ низ таъкид намудаанд. Вале дар Тоҷикистон аввалин мушоҳида роҷеъ ба мавҷудияти ин қасидаи Саноӣ дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ ба профессор Шарифҷон Ҳусейнзода тааллуқ дорад, ки ҳини хондани лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик ба донишҷӯён таъкид намуда будаанд [9].

Мураттиби дигари девони Ҳаким Саноӣ доктор Мазоҳир Мусаффо дар муқаддимаи бар ин девон навиштаи хеш баҳси нисбатан ҷиддитаре сомон додааст. Муҳаққиқи мазкур оид ба ин қасида менависад: «Ин қасида, ки мо онро бо эҳтиёт дар зимни шеърҳои машкуки Саноӣ забт кардем, ба Абдулвосеи Ҷабалӣ низ нисбат дода шудааст ва дар нусхаҳои девони ӯ низ забт аст, аммо бо эҳтимоли наздик ба яқин аз они Саноист» [3, с.841]. (Бояд гуфт, ки аз муаллифони сарчашмаҳо аввалин касе, ки оид ба ин қасида ва мансубияти он ба Абдулвосеи Ҷабалӣ баҳс ба миён овардааст, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъулфусаҳо» аст).

Далоиле, ки Мазоҳир Мусаффо роҷеъ ба интисоби ин қасида ба Ҳаким Саноӣ зикр мекунад, илмӣ-мантиқӣ ва мустанаданд. Аз ҷумла ӯ менависад, ки: «Яке шеваю сабки он қасида аз ҳайси баён ва маъною мазмун ва истишҳод ба «Қуръон» ва равиши қасидаҳои дигари Саноӣ шабеҳ аст».

Дигар он ки содагии ин қасида ва пероста будани он аз санъатҳои такаллуфомези зоҳирӣ ва лафзӣ аз равиши хосси Абдулвосеъ, ки пардохта ба санъату такаллуф ва тасаннуъ аст, дур менамояд.

Сеюм гӯяндаи ин қасида касест, ки муддате дар Сарахс сукунат дошта, аз мардуми он шаҳр ранҷидааст [3, с.840].

Тавре ки дида мешавад, далелҳои пешовардаи доктор Мазоҳир Мусаффо қобили мулоҳизаанд. Дарвоқеъ, қасидаи мазкур дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ ҳаст, вале дар ҳамаи нусхаҳои девони Абдулвосеъ Сарахс шаҳри Ҳарӣ зикр шудааст.

Далелҳои овардаи Мазоҳир Мусаффо дар мавриди интисоби қасидаи мазкур ба Саноӣ дуруст ба назар мерасанд. Ҳангоми ғавр ба ҷузъиёти мантиқи бадеии қасидаи мавриди назари Саноӣ, дидем, ки ишораҳои сареҳи шоир ба шаҳри Сарахс ва аҳли он вуҷуд дорад ва хосса он байт, ки басо ҳалкунанда аст, ин мебошад:

Аҳли Сарахс менашиносанд ҳаққи ман,
То риҳлате набошад аз ин ҷойгаҳ маро.

Байти мазкури қасидаи фавқуззикр дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ чунин оварда шудааст:

Аҳли Ҳарӣ кунун нашиносанд қадри ман,
То риҳлате набошад аз ин ҷойгаҳ маро.

Иловаи калимаҳо ва тағйироти ҷузъӣ дар мисраи аввал танҳо тибқи тақозои вазн сурат гирифтаасту халос! Зеро тағйири вожаи калидӣ ва ҳалкунандаи Сарахс (дую ним ҳиҷо) водор кардааст, ки дигарсозии мисраъ ба ҷо оварда шавад.

Як далели дигари доктор Мазоҳир Мусаффо боз ҳам ҷолибтар аст, ки менависад:

«Тахаллуси Саноӣ дар байти 38-ум зикр шудааст, ки он ҳар тардидеро аз миён бармедорад». Чунончи:

Шуд гуфтаи Саноӣ чун Каъба назди халқ,
З-ин бештар фузул, ки ёбад зи ибтидо.
Шоҳон ҳамекунанд ба фазли ман ифтихор,
В-ақрон ҳамекунанд ба расми ман иқтидо.

Ба ақидаи Ҳаким Саноӣ, шоҳон аз фазилати ӯ ифтихор доранд ва ҳатто Баҳромшоҳи Ғазнавӣ майли бо хоҳараш хонадор шудани шоири Ҳакимро мекунад, вале Саноӣ рад менамояд. Пас дар ин олам вақте ки шоҳон аз ӯ ифтихор кунанд, табақаҳои дигари иҷтимоӣ бидуни шубҳа бо ӯ фахр менамоянд. Ин аст, ки бузургтарин мутафаккири олам Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ шоир Ҳаким Саноиро фахри оламиён ном бурда мегӯяд:

Дар «Илоҳинома» гӯяд шарҳи ин,
Он ҳакими ғайбу фахрулоламин.

Ин нуктаро адабиётшиноси асри XV форс-тоҷик Амир Давлатшоҳ валади Амир Алоуддавла Бахтишоҳи Ғозии Самарқандӣ низ таъкид намудааст.

Чунончи: «Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам ас-Саноӣ аз бузургони дин ва асилзодагони рӯзгор аст. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ бо вуҷуди камолу фазл худро Саноӣ китоби «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат…» аст, ки ҳар чаман аз он ҳадиқа риёзи ҳикмату ҳақиқат ва тариқат аст» [2, с.49].

Вале чунин вожаро дар нисбати Абдулвосеи Ҷабалӣ то он ҷо, ки иттилоъ дорем, касе ба кор набурдааст. Ҳамин олими асримиёнагӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ дар ҳаққи Абдулвосеи Ҷабалӣ чунин менависад: «Ва табъи қодир дошта ва ашъори мушкила бисёр гӯяд. Ва он чи машҳур аст, ки Абдулвосеи Ҷабалӣ дар аввали ҳол нодону омӣ буда ва онҳо, ки бар ӯ мебанданд, ки дар аввал чӣ гуна шеър мегуфт, битамом сухани авом аслӣ ва дар ҳеҷ таворих надидаам. Ва илмомӯзӣ дар кӯдакӣ осон аст ва дар калонсолӣ душвор» [2, с.38]. Аз тарафи дигар, дар байти боло бо манзури ҷузъиёти лирикии тасвиру резакориҳои

эҷодӣ, шоири сӯфӣ бо ҳуррон ва шоири маддоҳ ба муосирон сару кор гирифтаанд, ки марбут ба тафаккури эҷодӣ ва ҷаҳонбинии эшон қобили вуқӯъ шудааст.

Ин нукта низ сазовори таъкид аст, ки дар адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик чунин тарзи таъсирпазирӣ дар шакли нисбатан сирқатосо ба мушоҳида мерасад. Масалан, ба марсияи дар вафоти Муродӣ сурудаи устод Рӯдакӣ муқтадиртарин шоирон пайравӣ намуда, баъзан онро бидуни тағйирот низ дар девони хеш ҷойгир кардаанд. Ё худ шоири хушқареҳаи асри XII Афзалуддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ ғазале дорад, ки мо бо андаке тағйирот қабл аз ӯ дар ғазалиёти Ҳаким Саноӣ дучор мешавем. Чунончи, чанд байте аз он ғазали Саноӣ:

Бо ӯ дилам ба меҳру муваддат ягона буд,
Симурғи ишқро дили ман ошиёна буд.
Бар даргаҳам зи ҷамъи фаришта сипоҳ буд,
Арши маҷид ҷоҳи маро остона буд.
Дар роҳи ман ниҳод ниҳон доми макри хеш,
Одам миёни ҳалқаи он дом дона буд.
Мехост то нишонаи лаънат кунад маро,
Кард он чи хост Одами хокӣ баҳона буд.
Будам муаллими малакут андар осмон,
Уммеди ман ба хулди барин ҷовидона буд.

Ғазали Хоқонии Шарвонӣ чунин аст, ки аз он низ чанд байт барои қиёс зикр хоҳем кард:

Бо Ӯ дилам ба меҳру муҳаббат нишона буд,
Симурғи васлро дилу ҷон ошиёна буд.
Будам муаллими малакут андар осмон,
Аз тоатам ҳазор ҳазорон хизона буд.
Бар даргаҳам зи хайли малоик басе сипоҳ,
Арши маҷид зоти маро ошиёна буд.
Ҳаф(т)сад ҳазор сол ба тоат гузоштам,
Уммеди ман зи халқ бар ин ҷовидона бу.
Дар роҳи ман ниҳод Малик доми ҳукми хеш,
Одам миёни ҳалқаи он дом дона буд…

Манзури мо феълан аз зикри абёти ғазалҳои фавқуззикри ҳар ду шоир таҳлилу шарҳи онҳо нест, балки ба хотири риояти қонунҳои адабиёти қурунивустоӣ ва риояи онҳост, зеро ҳолати мазкур дар ҳадди меъёрҳои тазмину назира, татаббӯъ, ҷавобия чандин ғунҷоиш надорад ва аз ин рӯ, онро сирқот (на таворуд) таъбир кардаанд.

Айнан чунин ҳолат дар муносибат ба қасидаи фавқуззикр низ манзур мегардад, ки аз ҷониби шоири хушқареҳа Абдулвосеи Ҷабалӣ сурат гирифтааст.

Як далели дигари раднопазири ба Саноӣ мансуб будани қасидаи «Мансух шуд муруввату маъдум шуд вафо…» боз дар он аст, ки дар девони Ҳаким Саноӣ чанд қасидаи дигар бо ҳамин мазмуну муҳтаво, вале ҳаҷман хурд, дучор мешаванд, вале дар девони Ҷабалӣ қарина манзур намегардад.

Чунончи, қасоиди зерини Саноӣ, ки мазмуну муҳтавои шиквоӣ доранд, гӯё тақвияти мантиқии қасидаи мавриди назар бошанд:

Ай мусулмонон, халоиқ ҳол дигар кардаанд,
Аз сари буеҳурматӣ маъруф мункар кардаанд…

Ё худ дар қасидаи дигар:

Ин аблаҳон, ки бесабабе душмани мананд,
Бас булфузулу ёфтадарою занахзананд.

Ва ё дар ин қасида:

Кард рафт аз мардумон андар ҷаҳон ақвол монд,
Ҳаминони шӯхчашмӣ дар ҷаҳон омол монд.
Аз фасеҳону зарифон пок шуд рӯи замин,
Дар ҷаҳон муште бахили кӯру кару лол монд.

Дар фароварди баҳси мазкур бояд таъкид намуд, ки умуман қасидаи «Мансух шуд муруввату маъдум шуд вафо…» тибқи шаҳодати далоили фавқуззикр муталлиқ ба қалами Ҳаким Саноӣ аст ва онро на котибону хаттотон, балки худи Абдулвосеи Ҷабалӣ бо тағйиротҳои фаровони ҷузъӣ, ки қаблан зикр гардид, вориди девони худ намудааст.

А Д А Б И Ё Т

I.

1. Девони Абдулвосеи Ҷабалӣ.
2. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро. Гузиниши матн, нигориши дебочаву тавзеҳот аз Муҳаммади Ансор ва Аъзами Худойдод. - Душанбе, 1999.
3. Девони Ҳаким Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ; бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1302.

II.
4. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла. Таҳияи Ш.Ш.Нӯъмонпур, Р.М.Соҳибназар. - Душанбе, 2004.
5. Бертельс Е.Э.Истории персидско-таджикской литературы. Избраные труды. Т.1. - М.: ИВЛ, 1960.
6. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Давраи ҳаштҷилдӣ. Ҷилдҳои 2. – Теҳрон, 1388.
7. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук. Нақду таҳлили чанд қасида аз ҳаким Саноӣ. - Теҳрон, 1383.
8. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Дар иқлими рӯшноӣ. Тафсири чанд ғазал аз Ҳаким Саноӣ. - Теҳрон, 1392.
9. Шарифҷон Ҳусейнзода. Лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. - Душанбе, 1969.

ҲАҚИҚАТИ МАСЪАЛАИ ЯК ҚАСИДАИ МАНСУБ БА САНОӢ

Ҳаким Саноӣ дар эҷоди қасида ва анвои он қавипанҷ аст, ки то кунун аз ин симои адабӣ 310 қасида маҳфуз мондааст. Як қасидаи машҳури ӯ дучори сирқат шудааст. Дар ин мақола ба таври шайъӣ ва мантиқӣ ҳақиқат барқарор карда мешавад, зеро асари эҷодкор ба соҳибаш баргардонида мешавад. Қасидаи мазкур таҳти унвони «Дар шикояти рӯзгор ва бевафоии мардум» дар девони Ҳаким Саноӣ омадааст. Албатта, саноишиносони Шарқию Ғарбӣ дар ин бора қайду ишораҳои сершумор доранд ва ғолибан бо он иктифо кардаанд, ки: - ин қасида дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ низ манзур мегардад. Вале ин қазоват роҳи қонеъкунандаи ҳалли мушкилот шуда наметавонад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур бо асноду далоили қотеъ, мансубияти қасидаи мазкур бо эҷодкори воқеии он ба исбот расонида мешавад. Аз тарафи дигар, Ҳаким Саноӣ симои эҷодиест, ки таърихи адабиёти форс-тоҷик тавассути осори ӯ муштамил бар ду марҳала маърифат карда мешавад. Ҳол он ки чунин таснифот аз 30, 400 тан шуарои таърихи адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик ба касе нисбат дода нашудааст. Аз ин хотир, осори ӯро бисёр эҳтиёт бояд кард.

Калидвожаҳо: Саноӣ, қасида, сирқат, адабиёти асримиёнагӣ, мансубият, Абдулвосеи Ҷабалӣ, девон.

СУТЬ ВОПРОСА ОДНОЙ КАСЫДЫ, ПРИНАДЛЕЖАЩЕЙ САНАИ

Хаким Санаи в творении касыды и ее разновидностей не имеет себе равных, до сих пор сохранялись 310 его касид. Одна из его прославленных касыд попала в плагиат. В этой статье устанавливается ее вещественная и логичная подлинность, так как это произведение возвращается их обладателю. Вышеуказанная касыда под названием "В недовольстве жизни и неверными людьми" входит в творчество Хакима Санаи. Очевидно, восточные и западные литераторы, изучающие творчество Санои, высказывались что эта касыда также всречается в творчестве Абдулвасеа Джабали. Но этот факт не может решить данный вопрос. В связи с этим данная статья, содержащая убедительные и правдивые данные, которые доказывают, что данная касыда является бесспорным произведением Санои. С другой стороны, Хаким Санои является творческой личностью, и посредством его произведений история таджикско - персидской литературы делится на два этапа. Стоит отметить, что среди 30,400 лиц, поэтов в истории персидко - таджикской литературы средних веков такой честью мало кто был удостоин. В связи с этим нужно беречь его произведения.

Ключевые слова: Санаи, касыда, плагиат, средневековая литература, принадлежность, Абдулвасеа Джабали, деван.

ESSENCE OF THE QUESTION OF ONE CASIDE BELONGING TO SANAI

Hakim Sanai in the creation of Kasida and its varieties is unmatched, 310 of his Kasida are still preserved. One of his illustrious casida fell into plagiarism. This article establishes its real and logical authenticity, since this work is returned to its inventor. The above mentioned casid called "In recent life and unfaithful people" is included in the work of Hakim Sanai. Obviously Eastern and Western writers studying the works of Sanoi have a lot of sayings, while some have the honor to note that this is a casid also found in the works of Abdulwasea Jabali. But this fact cannot solve the given question. In this regard, this article contains convincing and truthful data, which proves that this cacid is the undisputed work of Sanoi. On the other hand, Hakim Sanoi is a creative person that, through his works, the history of Tajik - Persian literature is attributed to two stages. It is worth noting that among the 30,400 people, poets in the history of Persian-Tajik literature of the Middle Ages, very few people were so honored. In this regard, it is necessary to take care of his works.

Key words: Sanai, Qasida, plagiarism, medieval literature, affiliation, Abdulwasea Jabali, devan.

Сведения об авторе: ***Солехов Мирзо Одинаевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры история таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 981-06-78-75**

Information about the author: ***Solehov Mirzo Odinaevich*** - Tajik National University, lecturer department tajik literature history. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 981-06-78-75**

УДК: 14+82 (575.2)

АЛЛЕГОРИЧЕСКИЕ МОТИВЫ «БОЖЕСТВЕННОЙ ЛЮБВИ» В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Кодиров К.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Мир Сайид Али Хамадани воспевает нежную любовь, ниспосланную Творцом своим избранным рабам, и эта любовь становится поводом их любви к Творцу. Это любовь не стихийна: Господь одаряет этой любовью всех не без разбора. Бог любит своих праведных рабов.

Перспективой «божественной любви» в газели Мир Сайида Али Хамадани является священное писание - Коран, а более горячо отдаются ей те, кто веруют. «По мере того, как прочнее становится вера, тем сильнее становится любовь, т.е., любовь имеет различные степени, наивысшая из которых достигаются теми, кто имеет такие божеские атрибуты, как просветление, милосердие и так далее» [2, с.53].

При конструировании «божественной любви» Мир Сайид Али Хамадани уделяет много внимания дискуссиям о признаках любви к Богу. В этом ряду выстроены, например, «зикр» (упоминание имени божьего), «лиқо» (лик, лицо), которые нельзя ни на миг забывать, если ‘арифу угрожает даже смерть, любование его словами («каломи оллоҳ» - Коран), жизненный уклад путника (зуҳд) - терпеливое отношение к Богу (сабр), удовлетворение его воли (ризо), которые все выступают элементами этой любви. В газели «Боз авҷи кибриёӣ» («Сокол апогея») поэт пишет:

Роҳат ар хоҳӣ, биё, бо дарди ӯ ҳамроз шав,
Давлат ар ҷӯёӣ, бирав дар ишқи ӯ ҷонбоз шав.
Сози роҳи ишқ сарбозию бадномӣ бувад,
Гар сари ин роҳ дорӣ, дар пайи ин соз шав.
Бар тану ҷон чанд ларзӣ, чун наярзӣ арзане,
Саъва бо арзан гузору бар дараш шаҳбоз шав.
То ба кай ҳамчун занон ин роҳу расму рангу бӯй?
Роҳи риндон гиру бо соҳибдилон дамсоз шав.
Ҷону тан банд асту куфру дин ҳиҷоб андар раҳаш.
Ҷумларо барҳам зану бо ишқ ҳамовоз шав.
Чун заған то чанд бошӣ бастаи мурдори тан?
Дар ҳавои сайри ҷон як лаҳза дар парвоз шав.
Бози авҷи кибриёӣ, монда андар дому ком,
Дому дона бардару хуррам ба ҳазрат боз шав.
Гар ҳумои Қофи қурбӣ, боли ҳиммат баркушой,
Дар фазои ломакон бо қудсиён анбоз шав.
Қуфли ин дар шуд Алоию калиди он ниёз,
Гар ниёзе дорӣ, он ҷо бар сарири ноз шав.
(Если хочешь покоя, приди с Её болью собеседствуй,
Если хочешь счастья, иди рискуй жизнью ради Её любви.
Поклажей дороги любви - рисковать головой, позор,
Если ищешь этого пути, готовь эти припасы.
Зачем о теле и душе так дорожишь, если не стоишь и крупинки,
Крупу оставь зяблику, будь соколом у Её дверей.
До каких пор, как женщина, с этими повадками,
красками и запахами?
Избери путь беспечных, с мужественными водись.
Душа и тело - пути, вера и ересь - завеса на пути к Ней,
Избавься от всего этого, солидарствуй с любовью.
До коих пор как стервятник будешь привязан к падали тела?
В сфере полёта души на миг будь в полете.
Сокол апогея величия застрял в сетях и пожеланиях,
Порви сети и приманку и весело возвращайся к Господу.
Если ты Хума Кафа близости, расправь крылья рвения,
В пространстве беспредела становись в ряд с небожителями.
Ключ той нужды стал замком той двери,
Если у тебя там какая-то нужда, садись на трон неги) [1. № 546. Л. 369^{б}-370^{а}].

В газели Мир Сайида Али Хамадани Творец как образ («суть») носит эпитет «ҳусн» (красота), посредством которой раскрывается эта тайна. Поэтому когда кто-нибудь находит что-то красивое, то это является возлюбленной, о чем сказано в коранических откровениях и хадисах. Здесь Мир Сайид Али Хамадани добро и красоту воспринимает как аналогичные явления. В этом изложении единичная красота происходит от общей красоты («ал-ҳусни ал-кулл»). Поэт это обстоятельство излагает в газели «Насими зулф» («Ветерок кудрей»):

Ниқоби кибриё рӯзе агар аз рӯй бикшояд,
Ҳазорон волиҳу шайдо зи ҳар сӯе ба рақс ояд.
Агар аз акси рухсораш шуое бар замин уфтад.
Басе анвори рӯҳонӣ, ки хоки тира бинмояд.
Нисими зулфаш ар бар кӯйи муштокон гузар созад.
Ғариқи нори ҳиҷронро зи оташ роҳат афзояд.
Ба андӯҳаш бувад шодӣ, ба ёдаш аз ғам озодӣ,

Ки андухаш равон бахшад, зи ёдаш буйн ҷон ояд.
Ба сони зарра дар рақсанд дилҳо аз ғами рӯяш,
Вале он шаҳ куҷо ҳаргиз дар ин зулматсаро ояд.
Ҳазорон сар дар ин савдо, ки бӯйе аз дараш ёбанд,
Вале ҳар муфлисе ин ганҷро дархур намеёбад.
Ғубори дил намезебад, ки бар рӯйи ғамаш бошад,
Ҳавои ҷони ҳар ошиқ хаёлашро намешояд.
Зи меҳри меҳри ӯ ёбанд, ҳар к-ӯ давлате ёбад,
Ба бӯйи лутфи ӯ оянд, ҳар бедил, ки пеш ояд.
Алӣ, чун дархури ёдаш най, рав, навҳа кун бар худ,
Касеро шояд ин, к-ӯ дил ба ғайри ӯ наёлояд.
(Если она как-нибудь снимет маску величия с лица,
Тысячи влюблённых ото всюду пойдут в пляс,
Если от отражения Её лика хоть один луч упадет на землю,
Немало духовных сияний покажется серым прахом.
Если ветерок Её кудрей попадет на улицу влюблённых,
Пути огня разлуки от огня прибавляется наслаждение.
От тоски по Ней бывает радость, в мечте о Ней - облегчение от печали,
Ибо тоска по Ней оживляет, а из понимания аромат жизни идет.
Как пылинки пляшут сердца от тоски по Её лику,
Но тот шах разве посетит когда сею обитель мрака?
Тысячи голов только и мечтают о запахе от Её порога,
Но всякий нищий этот клад считает чрезмерным для себя
Пыль сердца не краше лика печали по Ней,
Страсть души всякого влюблённого не подобает мысли о Ней.
От любви Её любви находят счастья те, кто находит,
На запах Её милости идут влюбленные, которые идут.
Али, если ты не достоин того, чтобы вспоминать Её, иди рыдай по себе,
Это достоин тот, кто в свое сердце не пускает иной памяти) [1. № 546.Л. 372[а]].

Теория абсолюта, которую Мир Сайид Али Хамадани излагает в своей газели, выражает мысль о том, что абсолютная красота сосредоточена в Боге. В соответствии с этой теорией каждая сущность, которая находится ближе к абсолюту, более духовна. Абсолютная красота является и критерием красоты. Признак близости всякой субстанции является критерием её тонкости. Поэтому, чем тоньше вещь, тем красивее она. К примеру, око является тончайшим органом тела, следовательно, оно и является красивейшим органом. Око и чувствительнейший орган для красоты и действие духа, которое, прежде всего, проявляется в глазах. Но по толкованию одного стихотворения красивейшей субстанцией является разум, потому, что является наиболее близким к Богу органом и свою красоту занимает непосредственно у Бога [4, с.202-203].

Как и другие поэты ирфана, Мир Сайид Али Хамадани человеческую любовь воспринимает в качестве трамплина, от которого люди «тариката» достигают «божественной любви». Поэт убеждён, что когда душа человека становится чистой и тонкой, человеческая любовь становится ей доступной. «Зикр» божественной любви означает совершенство души, что равно достижению источника духа. Эта разновидность духа достигает покоя лишь перед ликом Бога, ибо умиротворение всякой субстанции зависит от совершенства, а совершенство верующего достигается через соединение с Богом [4, с.525].

В газели Мир Сайида Али Хамадани любовь и возлюблённая предстают единой субстанцией. Это связано с тем, что другие атрибуты Бога, наподобие милосердия и могущества, коснутся человека, но первый атрибут, которым наделён человек - это суть лучезарной любви.

Мир Сайид Али Хамадани в своей газели детально рассматривает природу в пресловутой «лучезарной сути» любви, которая представляет собой любовь к Богу. Эту концепцию любви поэт излагает с позиции разума, а затем - духа. Любовь в газели Мир Саиида Али Хамадани находится в состоянии динамичного развития и совершенствования, проявляясь в различных состояниях. В газели «Нақди худӣ» («Порицание собственности») поэт говорил:

То чанд доғи ишқаш дорам нухуфта дар ҷон?
Пинҳон чи дорам оташ, чун дуд нест пинҳон?
Чун нест дарди ишқаш дорупазир, пас ман,
Беҳуда чанд пӯям дар орзуи дармон.
Аз ман маҷӯй ройе, чун ром нест бахтам,
Кай рой донад он, к-ӯ дар хеш гашт ҳайрон?
Доруи дарди ин реш аз ҳар табиб м-андеш.

К-инро даво наёбӣ ҷуз дарду доғи ҷонон.
Идбори ҳастии мо шуд пардаи ҷамолаш,
В-арна зи роҳи таҳқиқ хуршед ҳаст пинҳон.
Даври ҳаёти ҷисмӣ зоҳир шавад, валекин
Набвад ҳаёти ҷонон ҳаргиз фанои даврон.
Ҳар дам, ки бе ғами ӯ сад раҳ зи ҷон бароянд,
Он дам зи роҳи ғайрат бар ҷони мост товон.
Бе имтисоли амраш чашми умед бикшой,
Музд он барад, ки дорад бар дида муҳри фармон.
(Доколи мне принять в душе боль Её любви,
И как прятать огонь, когда не спрячешь дым.
Коль боль Её любви неизлечима, то я
Сколько могу зря жить с надеждой об исцелении.
Не проси у меня совета, если судьба не покорится мне,
Какой совет быть может у того, кто собой изумлён.
Лекарство от этой болезни не ищи у всякого лекаря,
Ибо ей нет лекарства, как страдания по возлюбленной.
Бедой нашего существования стала завеса Её красоты,
Не то, но очевидно, что солнце не скрыто от взоров?
В круговороте жизни какое-нибудь тело явится,
Но никогда не бывает жизнью души небытие времён.
Люди, которые расстаются с жизнью без мысли о Ней,
По чести, ложатся возмездием на наших душах.
Без послушания Её воле не раскрывай вздор надежды,
Плату получает тот, взор которого носит печать послушания) [1. № 546. Л. 373^{б}].

Невзирая на то, что сутью содержания газели Мир Сайида Али Хамадани является воспевание просветленческой любви, порой в этой поэзии звучат и просветительские мотивы в неирфаническом контексте. Но и эти мотивы зовут обычных людей к полному подчинению своих помыслов и деяний воле Бог, и всё, что противоречит этому настроению, предстаёт ересью. «Человек должен отдавать предпочтение возлюбленной перед всеми другими творениями и отказаться от всякого любимого предмета» [2, с.201]. Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани воспринимается в качестве чувства радости и дружбы только лишь с возлюбленной.

Мир Сайид Али Хамадани именно в своих газелях дает полное толкование любви. И здесь она предстаёт как конечная цель всех ступеней духовного совершенства. Вера в «божественную любовь»-явление редкое, а сама «божественная любовь» трактуется как полное подчинение воле Бога. Мир Сайид Али Хамадани в газелях выражает убеждение, что любовь к Богу есть обязанность мусульманина, необходимость и вера в Бога, а в будущей жизни-гарантия счастья.

‘Ариф воспевает Творца мира в различных речевых оборотах. Во множестве случаев его священные атрибуты воплощаются в понятии «душа» («ҷон»), а нередко и в слове «ёр» («друг»). Среди этих ‘арифов мы видим и фигуру Мир Сайида Али Хамадани, который всё своё творчество посвятил этому имени.

В газели Мир Сайида Али Хамадани субстанция Творца имеет художественное значение, ибо человек всегда и во всех случаях к нему обращается с эпитетом («накӯӣ») «доброта».

Порог Творца, который выражает дворец возлюбленной, куда устремлён взор идущего по пути просветления, составляет содержание семи долин тариката.

Упоминанием Бога Мир Сайида Али Хамадани выражает любовь и преданность человека священной субстанции. Лик и имя Творца поэт всегда ищет в проявлениях действительности, но обнаружить его ему не удается: он находит его в своём воображении, в своём сердце, в тайниках мысли и через них проникает в тайны бытия.

Все свои газели на теософскую тематику Мир Сайид Али Хамадани обосновывает на принципах «божественной любви».

Прелюдию своей газели Мир Сайид Али Хамадани начинает воспеванием чистоты любви, которую воспринимает даром божьим, и выражает бесконечную признательность творцу за этот бесценный дар.

Сущность любовной тематики с позиции Мир Сайида Али Хамадани заключается в восторге и стремлении человека к осознанию самого себя, достижениям, которые ведут его к вершинам просветления духа. Следовательно, любовь, которую воспевает Мир Сайид Али Хамадани, есть любовь духовная и в процессе самосознания человека может способствовать осуществлению его не истовой любви к Истине. Выраженный пример этого изображения в газели Мир Сайида Али Хамадани проявляется в образе («нур») света».

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани предстаёт источником совершенствования человека. Совершенствование человека является средством и фактором газели Мир Сайида Али

Хамадани. На этой основе в газели Мир Сайида Али Хамадани появились специальные понятия, терминология и лексика, которые придают весьма отличительную от банальностей светской поэзии, теогностическую интерпретацию космическому бытованию. Для того, чтобы следовать стилю газели, сопряжённой со сложной системой символики, терминологии и лексики, эту систему поэт мастерски вплетает в полотно стиха.

В газели Мир Сайида Али Хамадани имеют место и такие строки суть, которых извлечена из священного Корана и хадисов.

Тонкость и изящество в газели Мир Сайида Али Хамадани приобретают смысл и свойства, а соотношение единства и множества выполняют функцию поэтического украшения.

Исследование темы («ишқ») «любви», выступающей средством общения с Богом, показывает, что Мир Сайид Али Хамадани высокую восторженность газели в своем творчестве воспринимает как опьянение, перед которым человеческий разум выглядит беспомощным средством познания, на этой основе выдвигает ирфанический метод совершенствования человека, самоосознания и богоосознания.

Газель, которую воспринимает народ, газель, которая находит путь к сердцу читателя, газель, которой свойствен высокий полет- и есть ирфаническая газель Мир Сайида Али Хамадани. Газель на ирфаничеекой почве, преследует особую цель и отвечает на возникающие вопросы, улаживает человеческие тревоги. Газели Мир Сайида Али Хамадани превратились в песню, которая придает человеку духовную силу.

В газели Мир Сайида Али Хамадани воплощается человеческая жизнь. Идейно-художественный принцип газели Мир Сайида Али Хамадани заключается в том, что в ней постоянно присутствует мысль о Боге, постоянно звучащая и направляющая людей к Богу. В газели Мир Сайида Али Хамадани ирфаническая идея находит вдохновение. Именно через посредничество Мир Сайидо Али Хамадани ирфан пробудил духовные чувства людей и принял на себя функции божьего гласа в среде нижних слоев общества.

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани занимает важнейшее место. Любовь в этом жанре поэзии играет важную роль в пробуждении, взбудораживании фантазии. Своим поэтическим методом именно Мир Сайид Али Хамадани после Санайи, Аттара и Джалал ид-дина Руми исследовал «божественную любовь».

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани имеет особое предназначение и предстаёт как квинтэссенция смысла, которая находится в постоянном совершенстве и развитии.

В газели Мир Сайида Али Хамадани важную роль играет понятие усердие («ғайрат»), ибо оно выражает такие чувства, как ревность, честь. В газели Мир Сайида Али Хамадани усердие интерпретируется как любовь, а по отношению к путникам (странствующим) - первой из ступней сулука (странствия), а по отношению к возлюбленной атрибутом любви. Мир Сайид Али Хамадани убежден, что всякая любовь к Богу есть усердие, ибо добивается возлюбленной.

Именно в газелях Мир Сайида Али Хамадани любовь приобрела внутреннюю привлекательность и духовную сущность. Любовь Мир Сайид Али Хамадани воспринимает как теорию о существовании человека.

Следует констатировать, что в поэтической концепции («ишқ») любовь является важнейшим компонентом газели Мир Сайида Али Хамадани. Важнейшей функцией «любви» в газели Мир Сайида Али Хамадани является сближение человека с Богом, слияние их воедино. Поэтому пробуждение инертного человеческого сознания, направление функциональных способностей человеческой мысли к самоосознанию, а через него и к осознанию Бога, от чего оно и мыслится главной задачей «любви» газели поэта. Бог - первая возлюбленная, и все существа стремятся к ней, ибо она их начало, и вечность и их совершенство.

При такой постановке задачи газели Мир Сайид Али Хамадани детально разрабатывает способы пробуждения сознания, а через него – духа, строит стройную систему осуществления процесса «тарикат» - пути, приводящего к просветлению духа и конечной аннигиляции человека в Боге. Для достижения этой идейной цели газель Мир Сайида Али Хамадани перво-наперво внушает осознание Бога и сознательного подчинения человеческой воли его божеству.

«Божественная любовь» в этическом разрезе газели Мир Сайида Али Хамадани выступает единственным действенным средством очищения человеческого духа и сознания от нюансов мирской жизни, опирающейся на плотские потребности, в конце концов, приводящей к демонизации человеческой натуры, к умерщвлению духа и торжеству плоти.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Мир Сайид Али Хамадони. «Ғазалиёт» («Газели») / Рукопись Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. - №546.
2. Мир Сайид Алии Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»): составители, комментарии и толкования словаря М. Султанзоде., Х Асозоде., К Турдиева.– Душанбе: Адиб, 2015. - Т.1. – 380 с.
3. Мир Сайид Алии Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»); состувители, комментарии и толкования словаря М. Султанзоде., Х Асозоде., К Турдиева. - Т.2. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 288 с.

4. Муртазо Мутаххари. «Куллиёти улуми исломӣ: калом, ирфон ва ҳикмати амалӣ» («Всеобъемющая исламская наука: калам, ирфан и практическая философия»). – Тегеран, 1381ш. – 201 с. (на перс. яз.).
5. Кодиров К., Муллоахмад М. «Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» («Ирфаническая поэзия Мир Сайида Али Хамадани»). – Душанбе: Ирфан, 2015. – 256 с.
6. Саид Джалалиддин Оштияни. «Ҳастӣ аз назари фалсафа ва ирфон» («Бытие с точки зрения философии и ирфана»). – Тегеран, 1368ш. – 301с. (на перс. яз.).
7. Сайида Хусайншах Хамадани. «Шоҳ Ҳамадонӣ. Мир Сайид Алӣ» («Шах Хамадан. Мир Сайид Али»). – Центр персидского исследования Ирана и Пакистана. – Тегеран, 1995. – С. 23-24.

ҶАНБАҲОИ ТАМСИЛИИ «ИШҚИ ИЛОҲӢ» ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола ҳадафи истилоҳи «ишқи илоҳӣ» дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. «Ишқи илоҳӣ» дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунон ошкоро ҷилва дорад, ки онро бо ишқи башарӣ наметавон иштибоҳ кард. Дарвоқеъ, шеваи ғазали Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баёни матолиб ва андешаҳо аз Қуръон, ҳадис ва китобҳои адаб маншаъ гирифтааст. Шеваи ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тамсил аст, яъне овардани мисолҳое, ки маъниву мурод ва анвои «ишқи илоҳӣ»-ро равшан мекунад. Дар ин шева ҳам тамсил гоҳ ба василаи нақли қисса аст, гоҳ аз тариқи суолу ҷавоб, гоҳ аз тамассук ба оёти қуръонӣ ҳосил мешавад. Дар баъзе мавриди «ишқи илоҳӣ» дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба тамсил, ба тариқи ташбеҳу тасвир сурат мегирад ва дар пораи авқот ба тариқи киноя аст. Ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ водии ишқро ба рӯҳи ориф ва солики ростинро таҷассум менамояд, ки дар саросари ӯ рамзу тасвир нақши бориз дорад ва ҳама ҷо ғолибан аз тариқи тамассук ба рамзу тамсил амри махсус дармеовезад ва амри одӣ ба амри фоиқи муттаолӣ табдил мегардад. Дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масоили марбути аҳли назар, мисли Худо, олам ва ахлоқ баён ёфтааст.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ғазал, ирфон, ишқ, рамз, қисса.

АЛЛЕГОРИЧЕСКИЕ МОТИВЫ «БОЖЕСТВЕННОЙ ЛЮБВИ» В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В статье рассматривается «божественная любовь» в газели Мир Сайида Али Хамадани. Чистая любовь к Богу в газели Мир Сайида Али Хамадани проявляет себя настолько отчетливо, что её невозможно спутать ни с какой иной человеческой любовью. В формировании избранного стиля газели Мир Сайида Али Хамадани важную роль играет аллегоризация с привлечением басени, притчи, вопросов и ответов, а часто и с ссылками на коранические откровения. Но при этом Мир Сайид Али Хамадани не всегда ограничивается в рамками единого стилистического приема. Если в одном изложении он прибегает к притче – сравнению и изобразительности, в другом упор делает на метонимию или аллегорию. Во всех этих случаях притча выступает средством упрощения сложных мыслительных положений. Газели Мир Сайида Али Хамадани олицетворяют оазис любви в духе ирфана и истинного путника, при котором основная нагрузка ложится на метафору и изображение и почти всегда посредством метафоры и аллегории создает особое состояние, при котором обычное явление превращается в предпочтительное и возвышенное. Газели Мир Сайида Али Хамадани выражают связи и обязанности человека по отношению к себе, к Богу и действительности: «божественная любовь» предстает наукой действия и находит своё выражение с помощью аллегорий и притч.

Ключевые слова: Мир Сайида Али Хамадани, газель, ирфан, любовь, аллегория, притча.

ALLEGORICAL MOTIFS OF "DIVINE LOVE" IN GAZELLES MIR SAYYID ALI HAMADANI

The article deals with the “divine love” of the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani. Pure love for God in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani manifests itself so clearly that it cannot be confused with any other human love. Allegarization with the involvement of fables, characters, questions and answers, and often with references to Koranic revelations plays an important role in shaping the chosen style of the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani. But at the same time, Mir Sayyid Ali Hamadani is not always limited to a single stylistic device. If in one statement he resorts to the parable - comparison and visualization, in the other the emphasis is on metonymy or allegory. In all these cases, the parable is a means of simplifying complex mental positions. Gazelles Mir Sayyid Ali Hamadani personify an oasis of love in the spirit of Irfan and a true traveler, in which the main burden falls on the metaphor and the image and almost always creates a special state through metaphor and allegory, in which a common phenomenon turns into a preferred and sublime. Gazel Mir Sayyid Ali Hamadani expresses the connections and duties of a person towards himself, God and reality: “divine love” is presented as a science of action and is expressed through allegories and parables.

Key words: Mir Sayyid Ali Hamadani, ghazal, Irfan, love, allegory, parables.

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримджон*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, и.о., профессор кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimdzhon*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting, professor of the department of Tajik literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini, Str.67.
Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК: 891.550+37: 82

ОИД БА ТАҲСИЛОТ ВА КАСБИ КАМОЛИ ҲУСАЙН ВОИЗ

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кошифӣ дар қасабаи (ё вилояти) Байҳақ, ки дар он замон Сабзавор муҳимтарин шаҳри он ба ҳисоб меомад, таваллуд шудааст. Оғози ҳаёт ва даврони ҷавониашро дар зодгоҳаш гузаронида, таҳсилоти худро дар Сабзавор шурӯъ карда, муқаддимоти улуми

мутадовил дар замонаашро дар ҳамон ҷо фаро гирифтааст. Бино бар расми маъмул дар замонҳои гузашта, Ҳусайн Воиз ҳам баъд аз фаро гирифтани дониши муқаддимотӣ дар зодгоҳаш, аз он ҷо бо мақсади фаро гирифтани илм ба сафар мебарояд. Сафарҳои оғозини вай аз Сабзавор ба шаҳрҳои Нишопур, Тӯс ва Машҳад сурат мегирад. Ин сафарҳо ба пешаи воизӣ, ки баъдҳо Ҳусайн Воиз бо он машҳур мешавад, пайванд дошт. Хатти тақдир Кошифиро ба Ҳирот мекашад ва ӯ баъд аз рафтан ба шаҳри Ҳирот то охири ҳаёт дар ҳамон шаҳр сокин мешавад. Сафарҳои дигари Кошифӣ, ки аз Ҳирот ба дигар мавзеъҳо сурат гирифта, хусусияти рафтубаргашт дошта, асосан ба супориш ва фаъолияти воизӣ иртибот доштаанд.

Баъд аз омӯзиши илму дониш, касби камол ва шуҳрат пайдо кардан дар ваъзгӯӣ Кошифӣ дигар ба шаҳри худ барои зиндагӣ кардан барнамегардад. Дар Нишопуру Тӯсу Машҳад ҳам дар ҳузури донишмандон истифода карда ва ҳам ба ваъзгӯию насиҳати мардум мепардозад. Дар асари хобе, ки дар Машҳад мебинад, ба суроғи Саъдуддини Қошғарӣ ба Ҳирот раҳсипор мешавад. Сафари Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба Ҳирот, ки дар соли 1456 ба вуқӯъ пайвастааст, муҳимтарин рӯйдоди зиндагии вай ҳисоб мешавад.

Оид ба сафари Кошифӣ ба шаҳри Ҳирот фарзандаш – Фахриддин Алии Сафӣ дар китоби “Рашаҳоти айнулҳаёт” маълумот додааст. Аз ҷумла, дар хусуси ангезаи ин сафар ӯ чунин овардааст: “Мегуфтанд, ки дар санаи ситин ва самониамиа дар Машҳади муқаддас ҳазрати имоми ҳумом Алиризо, алайҳи-т-таҳийят ва-с-саломро дар воқиа дидам, ки аз равза қадам берун ниҳодам. Азизе дар баробари ман пайдо шуд, бағоят нуронӣ, бо шукӯҳе тамом... Пеши эшон рафтаму салом кардаму ниёзмандии тамом намудам. Ҷавоб дода ва илтифот карда, фармуданд, ки: “Ба ин шаҳр кай омадаӣ?”. Гуфтам: “Ду-се рӯз шуд, ки омадаам”. Гуфтанд: “Куҷо нузул кардаӣ?” Гуфтам: “Фалон ҷо”. Гуфтанд: “Бираву иҳмолу исқоле, ки дорӣ, биёр ва дар манзили мо нузул кун, ки барои ту ҷойи нек муқаррар кардаем”. Гуфтам: “Банда шуморо мулозимат накардаам”. Фармуданд, ки: “Маро Саъдуддини Кошғарӣ мегӯянд, зуд бошу худро ба манзили мо бирасон”. Ин гуфтанду равон шудем ва ман бедор шудам” [7, с.144-145].

Аз рӯйи идомаи қавли Фахриддин Алии Сафӣ маълум мешавад, ки падараш дар пайи он хоб ба ҷустуҷӯи Саъдуддини Қошғарӣ мебарояд. Аввал ба ҷониби Саъдуддини Машҳадӣ ҳидоят мешавад, вале шахси дар суроғаш буда ӯ набуд. Дар Машҳад аз корвониёне, ки ҳамроҳи қофилае аз Ҳирот омада буданд, огоҳӣ пайдо мекунад, ки Саъдуддини ҷустуҷӯ мекардаи ӯ пири тариқати нақшбандия Саъдуддини Қошғарӣ буда, дар Ҳирот мезиста, аммо дар ҳамон айём даргузашта шуда. Бо вуҷуди ин Кошифӣ ба ҷониби Ҳирот ҳаракат мекунад.

Ба шаҳодати Маҳдӣ Фарҳонии Мунфард, Саъдуддини Қошғарӣ “ҳудуди шаш моҳ пас аз марг ба хоби ӯ (яъне, Ҳусайн Воизи Кошифӣ – С. А.) омада буд ва каме пас аз ин хоби Кошифӣ бо он ки дарёфт, ки Кошғарӣ аз дунё рафтааст, ба Ҳирот сафар кард” [8, с.196]. Маълум мешавад, ки Ҳусайн Воиз дар Машҳад зиёд таваққуф накардааст. Агар хобаш дар соли 1456 иттифоқ афтода бошад, вай, аллакай, дар соли 1457 дар Ҳирот будааст.

Сафари Кошифӣ ба шаҳри Ҳирот аз назари воқеабандии таърихӣ наздикиҳои истило ёфтани Абӯсаиди Темурӣ ба Ҳирот иттифоқ афтодааст, ки ҳодисае тасодуфӣ буда, амри мақсаднок намебошад. Ба хидмати Абӯсаиди Темурӣ ва ба дарбори вай алоқа доштани Кошифиро бояд ҳамчун як пайванди маъмулии роиҷ дар асрҳои миёна ба қалам овард, ки аксари адибон ба дарборҳо алоқамандӣ нишон медоданд.

Аз маълумоти мундариҷ дар мақолаи муҳаққиқ Маҳдӣ Фарҳонии Мунфард, ки болотар аз ӯ ёд шуда буд, чунин бармеояд, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҷониби Абӯсаиди Темурӣ соҳиби мансаби қозигӣ ҳам шудааст. Мунфард матнеро аз “Маншаъ-ул-иншо”-и Низомии Бохарзӣ нақл карда, дар ин хусус чунин натиҷагирӣ кардааст: “Ин матн нишон медиҳад, ки Воизи Кошифӣ ба Абӯсаид пайваста ва аз ҷониби ӯ ба мансаби қозиюлқузотии вилояти Байҳақ низ гуморида шудааст” [11, с.296].

Эҳтимол дорад, ҳамин фармони гуморида шудан ба мансаби қозиюлқузотӣ дар замони Султон Ҳусайни Бойқаро ҳам содир шуда бошад, аммо дар ҳар ду маврид “Воизи Кошифӣ дар Сабзавор давом наёварда ва ба Ҳирот бозгаштааст” [11, с.296], ки дар ин бора сабабҳое ҳам дар мақолаи муҳаққиқи мавриди назар зикр шудааст.

Ба ҳамин минвол Ҳусайн Воиз ба дарбори Ҳусайни Бойқаро ва Султон Мирзо ҳам наздикӣ доштааст, ки ҳодисае маъмул мебошад. Инчунин, ҳузури Амир Алишери Навоиро дар дарбор ва ҳалқаи адибони Ҳирот ҳам бояд ба эътибор гирифт, ки маҳз ба талоши ин вазири фозилу донишманд шахсиятҳои эҷодӣ ба дарбор ҷалб карда мешуданд. Аз ахбори сарчашманигорон бармеояд, ки Амир Алишери Навоӣ, ки худ донишманди эҷодкор ва шахсияти аз ҳар нигоҳ фарҳехтае буд, ба донишмандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард, бахусус, аз он ҷо, ки худ пайрави ҷараёни нақшбандия буд, ба пайравони ин фирқа ва орифон иродати тамом дошт. Дар тӯли ҳаёт ва солҳои давлатмардияш масҷидҳо, мадрасаҳо, работҳо бино ниҳода, ки ҳамаи онҳо аз ҷумлаи муҳимтарин сохтмонҳои он

замон мансуб мешудаанд. Ин биноҳо ҳамчун маконҳои маҷмаъи фозилону донишмандон ва ҳалқаи дарсу баҳсу мукошифа низ маълуму машҳур гардида буданд.

Пуштибониҳо ва роҳнамоиҳои эҷодии Алишери Навоӣ дар шаклгирии шахсияти адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, махсусан, бениҳоят бузург аст. Миёни Кошифӣ ва Алишери Навоӣ робитаи махсусе барқарор будааст. Амир Алишери Навоӣ ҷонибдории аҳли илму адабро аз Султон Ҳусайни Бойқаро омӯхта буд. Ин подшоҳи маърифатпарвар, ки наздик ба чиҳил сол салтанату ҳукумат дошт, Навоиро ба вазирии худ интихоб кард. Вазири донишдӯсту маърифатпарвари вай уламову удаборо ҳамеша ташвиқ мекард. Навоӣ ба забони форсии тоҷикӣ иноятӣ махсус дошта, нависандагонро ба таълифу таснифи асарҳо ба ин забон ташвиқ мекардааст. Аз ҷумла, бархе аз асарҳои Кошифӣ бо дархост ё супориши Навоӣ ва ё ба номи номии вай навишта шудаанд.

Мувофиқи дигар ахбори мундариҷ дар китоби “Рашаҳоти айнулҳаёт”, Кошифӣ дар моҳи зулҳиҷаи соли 860 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1455-1456 мелодӣ пешвои тариқати нақшбандия Саъдиддини Кошғариро ба хоб мебинад, ки ӯро ба хонаи худ мехонад. Дар Ҳирот шахси дар хоб дидаашро пайдо карда наметавонад, чунки вай дар моҳи ҷамодиюлохири ҳамон сол ба ҷивори раҳмати Ҳақ пайваста буд, танҳо ба зиёрати мазораш мушарраф мегардад. Дар вақти зиёрати мазори Хоҷа Саъдиддини Кошғарӣ бо Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ шинос мешавад ва мулоқоти аввалини онҳо дар ҳамин макон ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар сари оромгоҳи Саъдуддини Кошғарӣ Ҳусайн Воиз хоберо, ки дар Машҳад дида буд, ба Абдурраҳмони Ҷомӣ нақл мекунад. Ҷомӣ дар мавриди ин хоб назари Кошифиро пурсон мешавад. Ӯ дар посух мегӯяд, ки “чунин таъбир намудам, ки дар ҷанби мазори Саъдуддин ба Ҳарӣ ба хок супорида хоҳам шуд” [8, с.115]. Ҷомӣ аз ин хоб таъбири дигаре мекунад, ба ин маънӣ, ки Ҳусайн Воиз ба зудӣ бо Саъдуддин хешовандӣ ва нисбате пайдо мекунад. Бо гузашти замон таъбири Ҷомӣ, пас аз он ки писари Кошифӣ – Фахриддин Алии Сафӣ бо духтари яке аз машоихи силсилаи нақшбандия бо номи Хоҷаи Калон издивоҷ мекунад, ба Кошифӣ зоҳир мегардад. Хоҷаи Калон фарзанди Саъдуддин Кошғарӣ ва духтари ӯ, ки завҷаи Фахриддин Алӣ шуд, набераи писарии вай ҳисоб мешавад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар натиҷаи суҳбатҳои Ҷомӣ ва мулоқот бо шахсиятҳои дигаре, ба монанди Амир Алишери Навоӣ ва дигар риҷоли сиёсии замон ба тариқати нақшбандия шомил гардида, то охири умр дар Ҳирот рӯзгор ба сар мебарад. Ба ғайр аз шахсиятҳои мазкур, инчунин, вай бо сиёсатмардони маъруфи замон Султон Абӯсаиди Темурӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро ва Султон Мирзо ҳамнишин будааст, ки онҳо низ аз назари ақидатӣ бо Ҷомию Навоӣ ҳамтироз будаанд.

Дар хусуси муносибати Абдурраҳмони Ҷомию Алишери Навоӣ бо Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар сарчашмаҳо ахбори қобили таваҷҷуҳ дарҷ шудаанд, ки баррасии кулли онҳо масъалаи ҷудогона буда, фурсат ва маҷоли дигар мехоҳад, ин ҷо танҳо бо зикри як мисол иктифо мешавад. Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ дар китоби “Мақомоти Ҷомӣ” овардааст, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ аз Ҳусайн Воиз дархост карда, ки агар ба ҳангоми мутолиаи китобҳои тафсир ба нуктае даст ёбад, ки муносибу мувофиқи тариқати нақшбандия буда ва дар “кутуби қавм” низ зикр шуда бошад, онро сабт кунад [1, с. 253]. Ин дархост, бино ба овардаи Мунфард, замоне ироа шуда, ки худи Ҳусайн Воиз ба кори тафсир машғул буда ва оятеро мувофиқи таълимоти нақшбандия тафсир карда буд [8, с. 298].

Алишери Навоӣ дар тазкираи “Маҷолис-ун-нафоис”, ки таълифи он дар миёнаи солҳои 1478-1479 ба итмом расидааст, ба муддати бист сол дар Ҳирот сокин будани Ҳусайн Воизи Кошифиро зикр кардааст: “Мавлоно Ҳусайн Воиз «Кошифӣ» тахаллус мекунад ва аз вилояти Сабзвор аст ва муддати бист сол аст, ки дар шаҳри Ҳирот сокин аст” [10, с.93].Ба ин қавли Навоӣ бояд диққат кард, ки дар он тӯли зиндагии Кошифиро дар Ҳирот “муддати бист сол аст, ки...” гуфтааст, ки он то соли таълифи тазкираро дар назар дорад, на тамоми тӯли умрро. Баъзе муҳаққиқон, ба монанди Ғуломҳусайн Юсуфӣ шояд ба ин ҷузъиёт диққат надода ва навишта, ки Воизи Кошифӣ бист сол дар Ҳирот зиндагӣ кард. Ҳамин тавр, агар ба санаҳои боло нек бияндешем, маълум мешавад, ки Ҳусайн Воиз аз соли 1457 то охири ҳаёташ, ки фавти вай ба соли 1505 иттифоқ афтодааст, яъне муддати қариб ним аср дар Ҳирот зиндагӣ кардааст.

Аз ин ҷо нуктаи муҳимми дигаре, ки мубарҳан мешавад, ин аст, ки Кошифӣ бештарин муддати умри пурбаракати хешро дар Ҳирот ба сар бурдааст. Дар муддати сукунат ихтиёр кардан дар Ҳирот Кошифӣ ба шаҳрҳои дигар ҳам сафар кардааст, вале ба ғайр аз як сафар дигар сафарҳояш чандон тӯлонӣ набудаанд. Сафари нисбатан тӯлониаш ба Марв сурат гирифтааст, ки дар он сафар Кошифӣ шоҳзода Абулмуҳсин Мирзоро ҳамроҳӣ кардааст. Ин сафари Кошифиро Маҳдии Фароҳонӣ чунин ташхис кардааст: “Зоҳиран вай (Ҳусайн Воизи Кошифӣ – С. А.) рӯзгори начандон кӯтоҳро ба ҳамроҳи шоҳзода Абулмуҳсин Мирзо дар Марв гузарондааст. Аз манобеи таърихӣ наметавон бад-ин огоҳӣ даст ёфт, ки Абулмуҳсин Мирзо дар чӣ таърихе ба ҳукумати Марв фиристода

шуда, вале равшан аст, ки Кошифӣ дар Марв дар мулозимати ӯ буда ва китоби “Ахлоқи Муҳсинӣ”-ро ба номи ӯ ба риштаи нигориш даровардааст...” [8, с.199-200). Баргаштани Ҳусайн Воиз ба Марв як ё ду сол пеш аз вафоташ будааст.

Ба ҳар сурат, бахши асосии ҳаёт, махсусан, қисми огоҳона зиндагӣ кардани Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба шаҳри Ҳирот ва муҳити сиёсию адабии подшоҳони силсилаи хонадони темурӣ алоқаманд аст. Вай дар ин шаҳр, гузашта аз пайванду алоиқаш бо сиёсатмадорони замон, асосан мулозимати сарварони маънавию моддии ҳавзаи адабии Ҳирот – Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Амир Алишери Навоиро ихтиёр мекунад. Алоқаи хешовандӣ барқарор кардан бо Ҷомӣ вазъияти иҷтимоии Кошифӣ ва ҳузури пуршукӯҳашро дар шаҳри мазкур тақвият мебахшад. Нуктаи дигар ин аст, ки “мулозимат бо Ҷомӣ осори вижае бар фикру андешаи мазҳабии Кошифӣ доштааст [4, с.21].

Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ дар китоби “Мақомоти ҳазрати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ” оид ба ҳамнишинии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ бо Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар чанд маврид ишораҳо дорад, ки яке аз онҳо чунин аст: “Аз хавоси зумраи асҳоби ӯ Мавлоно Камолиддин Ҳусайн ал-Воиз ас-Сабзаворӣ ал-мутахаллис ба ал-Кошифӣ, ки дар суханони тасаввуф тасарруфе ба савоб намуда, соҳиби фанни нучум буд ва нуқуши ривоёту ахбори руқуми ҳикоёту осор бар лавҳи хотир нигошта, ба тартиб маҷолиси нисаҳу мавъизат бағоят мустаънас менамуд, чунин ахбор кард, ки...” [1, с.87].

Дар шаҳри Ҳирот Кошифӣ ҳамчун шахсияти соҳибмаърифат, адиби тавоно ва воизи машҳур соҳибном гардида, таваҷҷуҳи зиёди шахсиятҳои адабию давлатмардон ва оммаи мардумро ба худ ҷалб мекунад ва бо баъзеи онҳо алоқаи хуби дӯстӣ ва робитаи наздики хонаводагӣ ҳам барқарор мекунад. Чунонки Сафо дар мавриди ҳузури Кошифӣ дар Ҳирот ва мақому мартабаи адабии вай овардааст, Ҳусайни Кошифӣ пас аз пазируфтани тариқати нақшбандия ва мондан дар шаҳри Ҳирот “ба ваъзу тазкиру тасниф идома дод ва бо ричолу шоҳзодагон ошноию муҷолисат ёфт ва чун навбати подшоҳӣ ба Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро расид, бар мартабату шуҳрати ӯ афзуда шуд ва дар хидмати Амир Алишери Навоӣ макону мартабате бисёр ёфт ва ба тарғибу ташвиқи ӯ тасонифи бисёр пардохт ва дар ин шаҳр низ ҳамчунон мансаби ваъзу хитобатро ҳифз кард ва ҳар бомдоди одина дар Доруссайёди султонӣ ва пас аз намози ҳамон рӯз дар масҷиди ҷомеъи Алишер ва ҳар сешанбе дар Мадрасаи султонӣ ва ҳар чаҳоршанбе бар сари мазори яке аз машоих, яъне Хоҷа Абулвалид Аҳмад ваъз мекард ва рӯзгорро ба ҳамин насақ ва дар иштиғол ба таълифу тасниф мегузаронид” [5, с. 523-524].

Аз ахбори сарчашмаҳое, ки дар замони дар қайди ҳаёт будани Кошифӣ дар муҳити адабии Ҳирот таълиф шудаанд, бармеояд, ки вай бино бар соҳиби камолоти касбӣ ва маънавӣ будан, ба дараҷае мақоми росиху шуҳрате вофир пайдо карда будааст, ки гардонандагии маҷлисҳои муҳимми расмӣ ба уҳдаи ӯ вогузор мешудааст. Чунонки аз ахбори Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ бармеояд, маҷлиси азои дар фавти Абдурраҳмони Ҷомӣ барпо кардаи Амир Алишери Навоиро маҳз Ҳусайни Кошифӣ шукӯҳу шаҳомати хосса бахшидааст: “Ва дар он рӯзи қиёматаломат Мавлоно Камолуддин Ҳусайн Воиз, ки ҳеч ояндае риёзи маҷолиси нисаҳу мавъизатро чун он булбули сароянда нишон намедиҳад, оёти марсияи адимунназир, ки олиҷаноби мамлакатпаноҳӣ (яъне, Алишери Навоӣ – А. С.) дар хилоли он аҳвол ба назм оварда буд, бар фарози минбари баландпоя ба навъе адо намуд, ки нағамоти ҳойили он селоби изтироб дар ҷаҳону ҷаҳониён андохт ва нақароти мушкили он масомеъ ва абсори кибору сиғорро тираву хира сохт...” [1, с. 250].

Манзур аз назми мазкур дар ин иқтибос шеъри марсияе мебошад, ки дар марги Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфта шуда ва бо ду байти зерин оғоз мешавад:

Ҳар дам аз анҷумани чарх ҷафои дигар аст,
Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балои дигар аст.
Рӯзу шабро, ки кабуд асту сияҳ ҷома дар ӯ,
Шаб азои дигару рӯз азои дигар аст [1, с.251].

Аз ахбори сарчашманигорон мубарҳан аст, ки Ҳусайн Воиз дар касби илму дониш ва маҳорати воизӣ шахсияти бемисли замон маҳсуб мешудааст. Маҷлиси ваъзи вай ҳамеша серодам будааст. Навоӣ дар тазкираи худ дар хусуси маҳорати воизӣ ва касрати мардум дар ҷаласаи ваъзи Кошифӣ чунин хабар додааст: “Мавлоно, чунонки ҳама касро маълум аст, воизе дар ғояти хубист ва дар олам аз банӣ Одам воизе ба хубии ӯ набуда ва нест. Ва дар маҷлиси ваъзи ӯ ҳарчанд ки фасеҳу гушода бошад, аз касрати ҷамъияти мардумон ҷойи аксарият нест ва аз касрати музоҳимати халқ бими ҳалоки баъзе мардумон буда” [10, с.93, 369].

Сабаби вазъи мазкур ва “касрати издиҳоми эшон” дар он тавзеҳ шудааст, ки “овозу иншои Мавлоно дар ғояти ҳусну латофат буда ва ба ҳақиқат, маънии Ҳазрати Довуд, алайҳиссалом дар ӯ таҷаллӣ намуда ва дар уммати муҳаммадӣ (с) касе, ки сифати довудии баркамол дошта бошад, ғайри ӯ набуда” [10, с.93, 369].

Дар хусуси фаъолияти воизии Кошифӣ ва шукӯҳу шаҳомати маҷлиси вай ахбори Хондамир дар ҷилди ҳафтуми китоби “Равзат-ус-сафо” низ ҷолиб аст. Вай дар ин бора

чунин мегӯяд: “Ба овози хушу савти дилкаш ба амри ваъзу насиҳат мепардохт (Мулло Ҳусайн Воизи Кошифӣ – А. С.) ва бо иборoти лоиқа маонии оёти баййиноти каломи илоҳӣ ва ғавомизи асрори аҳодиси ҳазрати Расолатпаноҳӣ (с)-ро мубайян месохт” [9, с. 277].

Дар идомаи ҳамин иқтибос маконҳои барпо шудани маҷлиси ваъзу насиҳати Кошифӣ ба таври дақиқ дарҷ шудааст: “Сабоҳи рӯзи ҷумъа дар Доруссалтанаи султонӣ, ки дар сари чаҳорсӯқи балдаи Ҳирот воқеъ аст, ба ваъз машғулӣ мекард ва баъд аз адои намози ҷумъа дар масҷиди ҷомеи Алишер низ дар лавозими он кор шарти эҳтимом ба ҷой меовард. Дар рӯзи шанбе дар Мадрасаи султонӣ ваъз мегуфт. Чаҳоршанбе дар сари мазори Пирмуҳаммадхоҷа Абулвалид Аҳмад мерафт ва низ дар авохири вафоти ҳаёт чанд гоҳ дар хатираи Султон Аҳмад Мирзо ба он амр мепардохт” [9, с.277].

Чунонки мушоҳида мекунем, дар қавли мазбур ҳам маконҳои расмӣ ва ҳам ҷойҳои ғайрирасмӣ ёд шудаанд. Яъне, маҷлиси ваъз ва насиҳати Мулло Ҳусайн Воизи Кошифӣ доираи васеи шунавандагонро дар бар мегирифтааст. Дар маҷлисҳои расмии ваъзгӯӣ шахсан худи Султон Ҳусайни Бойқаро бо ҷамиъи фарзандонаш, умаро, вузаро, давлатмардони дигар, аркон ва аҳли дарбор ҳам ҳозир мешудаанд [13, с.157].

Дар бораи баъзе маконҳои баргузории ҷаласаҳои сухангӯии Кошифӣ Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳам ишораҳо кардааст, ки дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” дар ин бора огоҳӣ ба даст овардан мумкин аст [12, с.448].

Ҳамин тавр, ҳаёти Кошифӣ дар Ҳирот то як ё ду сол мондан то ба охири умраш, асосан ба ҳамин равиши мазкур дар фавқ, ба барпо кардани ҷаласаҳои ваъзу насиҳат ва таснифу таълиф перомуни донишҳои гуногуни роиҷ дар замонааш, ки лозимаи истифода дар воизӣ будаанд, сурат гирифтааст. Аммо дар мавриди як ё ду соли охири умри Кошифӣ дар Ҳирот ақидаи дигаре ҳам мавҷуд аст, ки тибқи он, Ҳусайн Воиз дар ин муддат аз назарҳо дур афтода будааст. Чунонки Маҳдии Фароҳонӣ овардааст, “то ҳангоми азимат ба Марв равобити Воизи Кошифӣ бо дарбори Ҳусайни Бойқаро неку буд”-а, вале ба назар мерасад, ки “пас аз бозгашт аз Марв ба Ҳирот чандон мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифта бошад” [8, с. 200]. Дар ин замон аз умри Ҳусайн Воиз, аллакай, беш аз ҳафтод сол гузашта буд ва дар ин синну сол эҳтимоли аз ҷониби худи адиб дурӣ ҷустан аз дарборро ҳам бояд ба андеша гирифт. Шояд аз ҳамин ҷиҳат охирин солҳои зиндагии Кошифӣ дар Ҳирот ба талхию сустӣ сипарӣ шуда бошад.

Муаллифи қавли мазкур дар идомаи гуфтаҳояш далеле ҳам овардааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад: “Агар таваҷҷуҳ кунем, ки Ҳусайн Воиз дар ҳоле “Ахлоқи Муҳсинӣ”-ро, ки дарбардорандаи одобу шароити салтанат аст, барои шоҳзода Абулмуҳсин Мирзо таълиф кард, ки Султон Ҳусайн Бойқаро зинда буду дар Ҳирот салтанат мекард ва ин кори ӯ наметавонист, чандон хушоянди дарбор буда бошад” [8, с. 200].

Ба ҳар ҳол, бояд ба назар гирифт, ки ин ҷо сухан танҳо дар бораи аз як то ду соли ҳаёт меравад, ки он ҳам ба охири умр дахл дорад. Ҷойи баҳс нест, ки то ҳангоми азимат ба Марв робитаи Ҳусайн Воиз бо дарбори Ҳусайн Бойқаро хубу неку будааст. Пас, метавон натиҷагирӣ кард, ки Кошифӣ дар тӯли умри пурбаракати хеш зиндагие тинҷу осоишта ба сар кардааст. Агар чунин намебуд ва муҳити адабии солиму шароити мусоид мавҷудият намедошт, таълифу таснифи асарҳои сершумор ба қалами Ҳусайн Воизи Кошифӣ имконпазир намегардид.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ зиндагиашро асосан аз рӯйи ваъзу тазкир мегузаронидааст. Аз он ҷо, ки дар ваъзгӯӣ маҳорати комил касб карда, садое хуб дошта, “баёне дилпазиру иттилооте бисёр дошт, мавоъизаш маҳалли қабули ҳамагон буд ва аз ин роҳ шуҳрате фароҳам оварда” [5, с. 523], таваҷҷуҳи мардум ба ӯ зиёд гардида буд. Баъд аз марги Ҳусайн Воиз фарзандаш – Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ “қоиммақоми волиди бузургвори хеш гардида”, амри ваъзу хитоба ба ӯ вогузор мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Боҳарзӣ, Абдулвосеъ Низомӣ. Мақомоти ҳазрати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ; таҳия ва тавзеҳи Вафо Элбойзода. – Душанбе: Дониш, 2014. – 284 саҳ.
2. Навоӣ, Амир Низомуддин Алишер. Маҷолис-ун-нафоис; тарҷумаи Фахрии Ҳиротӣ ва Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ ; ба саъю эҳтимоми Алиасғари Ҳикмат; таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомов. – Душанбе, 2018. – 528 саҳ.
3. باخرزی، عبدالواسیع. مقامات جامی/ عبدالواسع باخرزی ؛ تصحیح نجیب مایل هروی. – تهران: نشر نی، 1371.
4. جعفریان، رسول. ملا حسین واعظ کاشفی و کتاب روضة الشهدا / رسول جعفریان // آیینهٔ پژوهش. – مرداد و شهریور1374. – شمارهٔ 33. – صص. 20-38.
5. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد چارم. – تهران: فردوس، 1378. – 780 ص.
6. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد پنجم. – تهران: فردوس، 1378. – 778 ص.
7. فخرالدین صفی، علی ابن حسین کاشفی. رشحات عین الحیات / علی ابن حسین کاشفی فخرالدین صفی ؛ تصحیح دکتر علی اصغر معینیان. – تهران: بنیاد نوریان، 1357.
8. منفرد، مهدی فرهانی. نکته هایی چند در بارهٔ کمال الدین حسین واعظ کاشفی / مهدی فرهانی منفرد // مقالات و بررسی ها. – دفتر 66. – زمستان 78. – صص. 193-204.
9. میرخواند، سید برهان الدین. روضة الصّفا / سید برهان الدین میرخواند. – تهران: انتشارات وزیر خیام، 1338.
10. نوای، امیر علی شیر. مجالس النفایس / امی علی شیر نوای ؛ تصحیح علی اصغر حکمت. – تهران: منوچهری، 1363.

11. نظامی باخرزی، عبدالواسع. منشأالانشا / عبدالواسع نظامی باخرزی ؛ به کوششرکن الدین همایون فرخ. – تهران ، 1357.
12. واصفی، زین الدین محمود. بدایع الوقایع / زین الدین محمود واصفی. جلد یکم ؛ تصحیح الکسندر بلدروف. – تهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1369. – 533 ص.
13. واصفی، زین الدین محمود. بدایع الوقایع / زین الدین محمود واصفی. جلد دوم ؛ تصحیح الکسندر بلدروف. – تهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1369. – 533 ص.

ОИД БА ТАҲСИЛОТ ВА КАСБИ КАМОЛИ ҲУСАЙН ВОИЗ

Дар ин мақола масъалаҳои марбут ба таҳсилот ва касби камоли Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асоси ахбори мавҷуд дар сарчашмаҳои наздик ба замони зиндагии адиб баррасӣ шудааст. Муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки Ҳусайн Воиз оғози ҳаёт ва даврони ҷавониашро дар зодгоҳаш гузаронида, таҳсилоти худро дар Сабзавор шурӯъ карда, муқаддимоти улуми мутадовил дар замонаашро дар ҳамон ҷо фаро гирифтааст. Бино бар расми маъмул дар замонҳои гузашта, Ҳусайн Воиз ҳам баъд аз фаро гирифтани дониши муқаддимотӣ дар зодгоҳаш, бо мақсади фаро гирифтани илм ва касби камолу истифода аз маҳзари устодони бузург ба сафар мебарояд. Сафарҳои оғозини вай аз Сабзавор ба шаҳрҳои Нишопур, Тӯс ва Машҳад сурат мегирад. Ин сафарҳо ба пешаи воизӣ, ки баъдҳо Ҳусайн Воиз бо он машҳур мешавад, пайванд дошт. Хатти тақдир Кошифиро ба Ҳирот мекашад ва ӯ баъд аз рафтан ба шаҳри Ҳирот то охири ҳаёт дар ҳамон шаҳр сокин мешавад. Зиндагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба шаҳри Ҳирот ва муҳити сиёсию адабии подшоҳони силсилаи хонадони темурӣ алоқаманд аст. Вай дар ин шаҳр, гузашта аз пайванду алоиқаш бо сиёсатмадорони замон, асосан мулозимати сарварони маънавию моддии ҳавзаи адабии Ҳирот – Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Амир Алишери Навоиро ихтиёр мекунад.

Калидвожаҳо: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, таҳсилот, касби камол, сафар, Фахриддин Алии Сафӣ,Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳирот.

О ПРИОБРЕТЕНИИ ЗНАНИЙ И ДОСТИЖЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВА ХУСАЙНА ВОИЗА КОШИФИ

В данной статье рассмотрены проблемы связанные с обучением и достижением совершенства Хусайна Воиза Кошифи на основе изучения существующей литературы близкой к эпохе жизни ученого и поэта. Автор пришел к выводу о том, что Хусайн Воиз Кошифи провел свое детство и юношество в своей родине, начал свое образование в Сабзаворе и после приобретения начального образования с целью дальнейшего обучения и изучения наук начинает свое путешествие в города Нишапур, Тус и Мешхед. Эти путешествия были связаны с профессией наставника и проповедника, впоследствии которого он стал знаменитым именно в данном поприще. Судьба приводит Хусайна Воиза в город Герат, где он обоснуется до конца своей жизни. Жизнь Хусайна Воиза Кошифи была связана с Гератом, политической и литературной средой династии темуридов. Он в этом городе вел дружбу с представителями гератской литературной школы, особенно с Абдуррахманом Джами и Амиром Алишером Наваи.

Ключевые слова: Хусайн Воиз Кошифи, обуение, достижение совершенства, путешествие, Фахриддин Алии Сафи,Джами, Навои, Герат.

ON THE ACQUISITION OF KNOWLEDGE AND THE ACHIEVEMENTS OF THE PERFECTION OF HUSIN KOESHIFI

This article discusses the problems associated with the education and achievement of perfection of Husayn Voiz Kosify on the basis of studying the existing literature close to the era of the life of a scientist and poet. The author came to the conclusion that Husayn Voiz Kosifi spent his childhood and youth in his homeland, began his education at Sabzavor and after acquiring primary education with a view to further learning and studying science begins his journey to the cities of Nishapur, Tus and Mashhad. These travels were associated with the profession of a mentor and a preacher, after which he became famous precisely in this field. Fate brings Husayn Voiz to the city of Herat, where he will settle for the rest of his life. The life of Husain Voiz Kosofi was connected with Herat, the political and literary environment of the Temurids dynasty. In this city, he was friends with representatives of the Herat literary school, especially with Abdurrahman Jami and Amir Alisher Navai.

Key words: Husayn Voiz Kosofi, learning, achievement, perfection, journey, Fahriddin Aliya Safi, Jami, Navoi, Herat.

Сведения об авторе: ***Абдукодирзода Саидмукаррам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 988-31-50-50**

Information about the author: ***Abdukodirzoda Saidmukarram*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, doctoral candidate of the department of history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 988-31-50-50**

УДК: 891.550-1

РУҶӮЕ БА ТАҶАССУМИ БАДЕИИ НБО-И РОҒУН ДАР НАЗМИ САДАИ ХХ-ХХI

Ҳусейнзода Ф, Шаробова М.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар миёнаи солҳои 50-уми асри ХХ понздаҳ ҷумҳуриро муттаҳид мекард, манбаъҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дарёи пуртуғёни Вахшро омӯхта, таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаро ба он равона карда буд. Захираҳои обии Тоҷикистон дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пас аз Русия мавқеи дуюмро ишғол мекард. Тоҷикистон, ки 93 дарсад ҳудуди онро кӯҳҳои баландтарини Осиёи Марказӣ иҳота кардаву дар ин сарзамин дарёҳои хурду калон зиёданд, ба ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ аз ғанитарин кишварҳои дунё ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, диққати тамоми олимон, мутахассисон, муҳандисон ва ҳамчунин

шоирону нависандагонро ба худ ҷалб карда буд. Нахустин мутахассисе, ки ба уҳдаи ӯ роҳбарии сохтмони муҳташами неругоҳи “Роғун” вогузор гардидааст, Ненахов Виктор Яковлевич мебошад. Инчунин, вазифаи сармуҳандисии сохтмонро мутахассиси чашми кордон Карпов Виталий Яковлевич ба зимма дошт. Ин ду нафар бо ҳамкорон муносибат ва муомилаи хуб доштанд. Баробари саршавии кори сохтмон масъалаҳои ободонӣ ва бунёди инфрасохторҳои Роғун оғоз ёфтаву дар он ин ду марди меҳнатдӯст саҳми шоиста гузоштанд. Имрӯз тамоми мардуми Роғуну Оби Гарм номи В.Я.Ненаховро ҳамчун мутахассиси варзида ва дӯстдори диёри кӯҳистон арҷгузорӣ мекунанд. 25-уми декабри соли 1986 санаи фарҳунда ва тақдирсоз буд. Президиуми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои Ғоибназар Паллаев, (раис) Адолат Қосимова (котиб) фармоне ба имзо расонд, ки дар он омада буд:

“Имкониятҳои тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, суръати тези ҳаҷми корҳои бинокорӣ, васлкунӣ, шумораи зиёди коргарону мутахассисон, хизматчиён ва дар маҷмӯъ афзудани аҳолиро ба назар гирифта, бо мақсади иҷрои саривақтии масъалаҳои истеҳсолӣ, бинокорӣ, хизматрасонии маишӣ маҳаллаи бинокорони неругоҳи Роғун ба шаҳри тобеи ҷумҳурӣ табдил дода, он шаҳри Роғун номгузорӣ карда шавад”.

Ҳамин тавр, дар харитаи ҷаҳон шаҳри наве пайдо гардид, ки сокинонаш онро шаҳри бинокорон ном бурда, бо он ифтихор мекарданд. Баъд аз барҳам хӯрдани давлати абадқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ дар аксар ҷумҳуриҳо ҷангҳои шаҳрвандӣ сар зад. Аз он ҷумла дар Тоҷикистони азизи мо. Албатта, ин ҷанги шаҳрвандӣ харобиҳои зиёдеро ба вуҷуд овард. Душманони дохилӣ ва берунӣ мехостанд ин мамлакати осоиштаро қисм-қисм ҷудо кунанд. Дар байни халқи тоҷик нофаҳмиҳо ва якдигарфаҳмӣ мавҷуд набуд. Бисёри онҳо фикру мақсадҳои худро пеша карда, хунрезиҳои шадидро ба вуҷуд оварданд. Афсӯс, ки ин муносибатҳои дохилӣ ва ҷангҳо имкониятҳоро барбод доданд. Сохтмони нерӯгоҳ, ки дар даврони Шӯравӣ “Иншооти умумииттифоқӣ” унвон гирифта буд, қатъ гардида буд. Низоми зиндагӣ тағйир ёфт, нишонаи нооромиҳо дар ҷо-ҷои мамлакат ба вуҷуд омадан гирифтан оҳиста-оҳиста ҳама чиз якбора сукут кард. Тоҷикистони азизи мо дар ин гирдоб андармон шуд. Ҳамдигарнофаҳмиҳо эҳтирому арҷгузориро аз байн бурданд, хандаҳо аз лаб, умед аз дилу дидаҳо канда шуданд.

Хушбахтона, дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи навини тоҷикон сарнавиштсоз ба шумор меравад, 19-ноябри соли 1992 бо овоздиҳии пинҳонӣ вакили мардумӣ Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бо тарафдории 186 овоз Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданд. Раиси нави Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба авзои ноамни ҷомеа нигоҳ накарда, пайваста бо мардуми минтақаҳои гуногуни мамлакат мулоқот ороста, онҳоро ба сарҷамъиву муттаҳидӣ даъват намуданд. Аз суханронии аввалинашон бармеомад, ки ягона мақсадашон таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар аст. 8-май соли 1993 дар натиҷаи боронҳои сел ва аз кор баромадани нақби обгузари №2 дарғоти 40-метраи неругоҳро об шуста хароб кард, бо ҳамин сохтмони неругоҳ ба пуррагӣ қатъ гардид. Ба бахти мо кишвар истиқлолият ба даст оварду Пешвои миллат масъалаи сохтмони Роғунро ба миён гузоштанд.

Соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дод, ки сохтмони НБО-и Роғун аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ аз нав оғоз карда шавад. Дар ин сол, аллакай, дар ин неругоҳ тақрибан 6000-нафар одамон кор мекарданд. Барои он ки ин неругоҳ сохта шавад дар баъзе кишварҳои ҳамсоя алайҳи ин сохтмон эътирозҳо ба миён омад.

Дар аввал баҳона ин буд, ки бо бунёди неругоҳи Роғун баҳри Арал хушк мешавад ва ба экологияи минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Паст шудани сатҳи оби Арал ба азхудкунии садҳо ҳазор гектар заминҳои нав дар поёноби Амударё вобастааст.

Баҳонаи дигар ба ноустувории Сарбанд ва тоб наовардан ба заминларзаи 9-балла буда, ин гуфтаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Санҷишҳои сейсмологии институтҳои зилзилашиносии Тоҷикистону Қирғизистон дар миқёси заминларзаи 10-бал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чунин мушоҳидаҳо, санҷишҳо, ҳисобҳо нисбати сарбанди Роғун низ амалӣ гардиданд [5, с.27].

Ҳанӯз дар адабиёти асри XX-XXI таҷассуми НБО-и Роғун дар аксарияти эҷодиёти шоирон ва нависандагон чи дар назм ва чи дар наср дида мешавад. Масалан, шоирони ин давра Муъмин Қаноат, Аскар Ҳаким, Абдулҳамид Самад, Бозор Собир, Камол Насрулло, Гулназар Келдӣ, Муҳаммад Ғоиб, Низом Қосим, Ҳақназар Ғоиб, Гурез Сафар, Сафармуҳаммад Аюбӣ ва дигарон ин боргоҳи нурро мувофиқи завқи адабӣ ва эстетикиашон дар ашъорашон тасвир намудаанд. Шоирон “Роғун”-ро кони ганҷ ва иқтидори давлат шуморидаанд ва дар осорашон бо образ ва обуранги бадеӣ инъикос кардаанд.

Масалан, шоир Муҳаммад Ғоиб дар шеъри “Маънои Роғун” мафҳуми Роғунро чунин шарҳ додааст:

Чист Роғун?- Иқтидори давлат аст,
Кони ганҷу махзани пурсарват аст.
Боварат гар нест, шарҳаш медиҳем,
Ҳарфҳояш хосси роҳи миллат аст.
Ҳарфи Р-аш рӯшанӣ бошад фақат,
Душмани ҳар рӯшаниҷӯ зулмат аст.
Ҳарфи О бошад зи ободӣ нишон,
Балки О об аст, рӯди исмат аст.
Ғайрату ҳиммат ҳама дар халқи мост,
Ҳарфи Ғ-аш бозгӯи ғайрат аст.
Устуворию умед У-яш агар,
Ҳарфи Н номусу нангу нусрат аст [5, с.72].

Шоир дар ин шеър бо як маҳорати хосса ва обуранги бадеӣ маънидод кардааст, ки НБО-Роғун иқтидор ва боигарии давлат ва осудаҳолии мардуми Тоҷикистони азиз мебошад. Ҳарфи Р-аш равшанӣ, ҳарфи О бошад, об, ободӣ манбаи ҳаёти инсон, зиндагӣ тараққиёт, зебогии мамлакат, ҳарфи Ғ-ашон аст, ки ҳазорҳо нафар халқи тоҷик бо ғайрату матонат, далерию шуҷоат барои ободӣ заҳмат кашидаанд, ки ин ормонҳои деринаи Тоҷикистониён буд. Мардуми заҳматкаши тоҷик бо ҳарфи У-яш устуворонна, нотарсона, далерона заҳмат кашида бо ҳарфи Н, НБО-и Роғунро сохтанд ва ин аст номусу нанги миллати тоҷик.

Шоири дигар Ҳақназар Ғоиб дар “Таронаи Роғун” Роғунро ҳаматарафа маънидод кардааст:

Роғи Роғун мешавад роғи заминҳою замонҳо,
Боғи Роғун мешавад сарсабз андар ҷовидонҳо.
Миллати мо санҷад ин ҷо қадри худро, нанги худро,
Вазни худ, бозуи худ, сад вусъати садранги худро.
Асри миллат мешавад оғоз аз гардуни Роғун,
Хунраги мо буд бояд шоҳроҳи хуни Роғун.
Дасти дунёсози тоҷик бод акнун дасти Роғун,
Хуни сабзи тоҷики дунё шавад пайвасти Роғун.
Осмони номи тоҷик аз замини Роғун имруз,
Арши нав дар дини мо Арши ҷабини Роғун имрӯз.
Миллати ман! Ҷӯй аз ин ҷо ризои Кирдигорам,
Ҷовидии миллатамро мекунад Роғун нисорам [5, с.71].

Ақидаҳои олимон ва шоирон дар бораи мафҳуми Роғун ва маънию пайдоиши он серҷабҳаанд, “Роғ”, ”Роғон,” “Марғзор” Роғун аз қабили ифодаҳое ҳастанд, ки дар маъхазҳои ҷудогона ҳаргуна шарҳ дода мешаванд. Мардуми маҳал зиёиён, олимону донишмандон майдони фароху сарсабзро аксар вақт “Роғ” ва ё “Боғу роғ” ё худ Роғ-и байни кӯҳу дарё мегуфтанд. Ҳангоми номгузории шаҳр ва неругоҳи сохташаванда Роғун ном ниҳоданд [5, с.17].

Шоир Ҳақназар Ғоиб дар шеъри “Таронаи Роғун” аз жанрҳои гуногуни бадеӣ, аз ҷумла санъати ташбеҳро бо як маҳорати хеле баланд истифода бурдааст. Дар ин ҷо боғи Роғун ба сарсабзиҳо, кишту кори заминҳо, боғҳо пайдарҳам инкишоф ёфта ҷовидон мемонад. Миллати мо нангу номус, бозуи худ ва заҳмату машаққатҳои бисёреро дар бунёди Роғун санҷид. Номи миллати тоҷикро имрӯзҳо НБО-и Роғун ба арш бароварда.

Дар шеъри Сафармуҳаммад Аюбӣ “Чароғон мешавад Роғун” омадааст:

Бизан мутриб навои хуш, чароғон мешавад Роғун,
Ба монанди дили равшан, фурӯзон мешавад Роғун.
Агар ки Тоҷикистон аст боми равшани дунё,
Ба ҳар як қитъаи дунё намоён мешавад Роғун...
Ту гӯӣ медурахшад олам аз нури чароғонаш,
Дурахшон мешавад дунё, дурахшон мешавад Роғун [5, с.69].

Шоир дар ин шеъраш бо боварии пурра гуфтааст, ки Роғун чароғон мешавад, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо мекунад, аз нури ӯ мардум аз хурсандӣ ва хушбахтӣ месароянд, менавозанд, ки манбаи нур, манбаи нури Роғун ба ҳамаи хонадони Тоҷикистониён нур мебахшад, дар воҳидҳои Роғун боғу, бунёдкориҳо ташкил мешавад, шоир ба парвардигор муроҷиат карда хоҳони он мешавад, ки худоё душманонро кӯр кун то ки ба ин неругоҳи бузург осебе нарасад.

Мусаллам аст, ки ҳар шоири асил зимни эҷоди худ дар поягузорӣ ва рушду нумуи адабиёти кӯдакон, аз ҷумла бахши назми он аз устодон Садриддин Айниву Лоҳутӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, Маҳмуд Диёрӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзову Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайд Раҷабу Наримон Бақозода ва Нуъмон Розиқ хурду бузурги гузаштаву имрӯза заҳмат кашидаанду ҳиссагузорӣ кардаанд.

Яке аз ин шоирон, Нӯъмон Розиқ шоири аҷиб ва шахси наҷиб, марди хоксор ва фурӯтан буд. Асосан барои кӯдакону наврасон менавишт. Вай дар китобҳои “Лона”, “Чилчашма дар чорчинор”, “Симиганҷ”, шеърҳо ва қиссаҳо тарҷумаҳо ҳикояҳо ҷой додааст. Шеърҳои Нуъмон Розиқ диққатҷалбкунаанд аст. Шеърҳояш дар васфи “Роғун” “Шаҳр месозем”, ”Дар Роғун”, ”Аз Норак ба Роғун” ва ғайра саршори ободкорианд. Дар шеъри “Шаҳр месозем” боифтихор аз заҳмати сохтмончиён дар бунёди хонаҳои

баландошёна, мактаби барҳаво бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ҳарф мезанад ва хонандаро ба ободкор будани гузаштагони халқи тоҷик бовар мекунонад:

Мо бинокорем,
Дасти мо ҳунар.
Миёнро бастем ,
Созу маҳкамтар.
Теппаю талро,
Кардем ҳамвор
Бар шаҳр мондем
Яке подевор...
Мо бинокорем
Мо сарфарозем,
Дар деҳи Роғун
Шаҳр месозем [3, с.13].

Дар шеъри “Шаҳр месозем”, ки он вақтҳо Роғун як деҳаи на он қадар назарногир буд, дар бунёди шаҳрсозӣ тамоми мардуми он ҷо ҳунармандон деҳқонон, коргарон заҳмати бисёре кашидаанд. Ҳама талу теппаро ҳамвор карданд, бинокорон ба биносозӣ машғул шуданд, қад-қади кӯча биноҳои нав бунёд карданд, мактаб сохтанд, аз тарафи дигар клуб, ҷойи тамошо ва боғҳои нав бунёд карданд:

Дар домани кӯҳ,
Бо дастони мо.
Биноҳои нав,
Гардида барпо.
Баланду дилкаш,
Сар сӯйи осмон,
Панҷу шаш қабат
Ҳар кадоми он...
Кор андар Роғун
Ҳоло меҷӯшад
Фардо ба олам
Вай нур пошад [2, с.44].

Дар Роғун бинокорон дар доманаи кӯҳҳо бо дастони худ сангу шағал кашонда, дигаре барои бехатарӣ симтӯр мекашид ва роҳ месохтанд. Мутахассисон дар сар тоскулоҳу дар по мӯза, кранҳо бошад ҷойи дарғотро мекофтанд, биноҳои навбанави панҷу шашқабата қомат рост мекарданд. Кор дар Роғун ҷӯш мезад ва аз он шаҳодат медод, ки дар оянда ба олам нур ва равшанӣ медиҳад. Имрӯз бошад Тоҷикистон ба хотири сохтмони неругоҳи “Роғун” монанди ҷавони қавипайкар ва диловари қариб бистсолаест, ки ба мисли Фарҳоди Кӯҳкан синаи кӯҳи хороро мешикофад, пеши дарёи шухӯ саркаши Вахшро мебандад, кишвари худ ва минтақаро чароғистон мегардонад.

Неругоҳи Роғун бузургтарин ва муҳимтарин иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бе неругоҳи Роғун рушду тараққиёти босуръат ва ояндаи пурсаодати давлати Тоҷикистонро тасаввур кардан мушкил аст. Маҳз ба ҳамин хотир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд: “Роғун – ҳаёту мамоти Тоҷикистон аст”.

Роғун корзори воқеии нангу номус, арсаи ҳақиқии корнамоиву фидокории умумихалқӣ ба хотири ободӣ ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад!

Роғун – ободиву сарсабзии имрӯзу фардои Тоҷикистон, тараққиёти бесобиқаи саноату кишоварзӣ ва муҳимтар аз ҳама рӯшноиву гармии шабонарӯзии ҳар хонадони мардуми сарбаланди мо мебошад. Фурсат моро ба оғози фаъолияти яке аз бузургтарин иншооти аср – ифтитоҳи чархаи аввали неругоҳи барқи обии Роғун расонд, ки бегумон метавон ин рӯйдоди муҳимми таърихиро сароғози корнамоҳои созандаи мардуми тоҷик таҳти раҳнамоиҳои Пешвои миллат донист.

16-уми ноябри соли 2018 аввалин чархаи Роғун ба кор даромад ва ҳамаи сокинони мамлакатро хурсанд гардонд ва мардум аз шодӣ фараҳбахш гаштанд. Шоир, Озар Салим хуб гуфтааст:

Чархаи Роғун, ки мечархад,
Аз танинаш номи миллат мекашад қад,
Боз болотар,
Мешавад бар чарх наздик.
Чарх мегардад сари чарх
Аз чунин чархидани иқболи тоҷик [5, с.79].

Ҳамин тариқ, тасвири НБО-и Роғун дар назми садаи XX – XXI ҷойгоҳи махсусе дорад, ки он ба пажӯҳиши илмии махсус ниёз дорад. Аз таҳқиқи мо аниқ гардид, ки дар адабиёти бачагонаи тоҷик дар мисоли эҷодиёти У. Рачаб, Н. Розиқ ва дигарон самимияти беҳамтои ин кохи нур дар қалби кӯдакон ва наврасон низ сахт маъво гирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёт ва санъат. “Аз Зорун то Роғун ” №46, 15-уми ноябри соли 2018.
2. Нуъмон Розиқ. Чилчашма дар чорчинор-Душанбе, 1989. -174 с.
3. Нуъмон Розиқ. Лона. -Душанбе, 1977. -37 с.
4. Садои мардум. “Иҷлосияи паёмбахшандаи умеду боварӣ”. -№137-138. 15-уми ноябри соли 2018.
5. Садои шарқ . 2018. -№11. -159 с.
6. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Н.Файзуллоев. – Хуҷанд, 2010. 664 с.
7. Ҳусейнзода Ф. Таҳқиқи осори бачагонаи Убайд Рачаб – Душанбе, 2018. -189 с.

РУҶУЕ БА ТАҶАССУМИ БАДЕИИ НБО-И РОҒУН ДАР НАЗМИ САДАИ ХХ-ХХI

Ҳанӯз дар адабиёти асри ХХ-ХХ1 таҷассуми НБО-и Роғун дар аксарияти эҷодиёти шоирон ва нависандагон чи дар назм ва чи дар наср дида мешавад. Масалан, шоирони ин давра Муъмин Қаноат, Аскар Ҳаким, Абдулҳамид Самад, Бозор Собир, Камол Насрулло, Гулназар Келдӣ, Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб, Гурез Сафар, Сафармуҳаммад Аюбӣ ва дигарон ин боргоҳи нурро ба қадри имкон дар ашъорашон тасвир кардаанд. Шоирон “Роғун”-ро кони ганҷ ва иқтидори давлат шуморидаанд ва дар осорашон бо образ ва обуранги бадеӣ инъикос кардаанд. Ақидаҳои олимон ва шоирон дар бораи мафҳуми Роғун ва маънию пайдоиши он серҷабҳаанд, “Роғ”, ”Роғон,” “Марғзор” Роғун аз қабили ифодаҳое ҳастанд, ки дар маъхазҳои ҷудогона ҳар гуна шарҳ дода мешаванд. Мардуми маҳал зиёён, олимону донишмандон майдони фароху сарсабзро аксар вақт “Роғ” ва ё “Боғу роғ” ё худ Роғ-и байни кӯҳу дарё мегуфтанд. Ҳангоми номгузории шаҳр ва неругоҳи сохташаванда Роғун ном ниҳоданд. Дар мақола қайд шудааст, ки шоир Ҳақназар Ғоиб дар шеъри “Таронаи Роғун” аз жанрҳои гуногуни бадеӣ, аз ҷумла санъати ташбеҳро бо як маҳорати хеле баланд истифода бурдааст. Дар ин ҷо боғи Роғун ба сарсабзиҳо, кишту кори заминҳо, боғҳо пайдарҳам инкишоф ёфта, ҷовидон мемонад. Миллати мо нангу номус, бозуи худ ва заҳмату машаққатҳои бисёреро дар бунёди Роғун санҷид ва номи миллати тоҷикро имрӯзҳо НБО-и Роғун ба арш бароварда. 16-уми ноябри соли 2018 аввалин чархаи Роғун ба кор даромад ва ҳамаи сокинони мамлакатро хурсанд гардонид ва мардум аз шодӣ фарахбахш гаштанд. Ҳамин тариқ, тасвири НБО-и Роғун дар назми садаи ХХ – ХХI ҷойгоҳи махсусе дорад, ки он ба пажӯҳиши илмии махсус ниёз дорад. Аз таҳқиқи мо аниқ гардид, ки дар адабиёти бачагонаи тоҷик дар мисоли эҷодиёти У. Раҷаб, Н. Розиқ ва дигарон самимияти беҳамтои ин кохи нур дар қалби кӯдакон ва наврасон низ сахт маъво гирифтааст.

Калидвожа: Роғун, адабиёт, адабиёти бадеӣ, адабиёти бачагона, ободгарӣ, дуст доштани табиат, ҳимояи муҳити зист, энергияи сабз.

ВОПЛОЩЕНИЕ СТРОИТЕЛЬСТВА РОГУНСКОЙ ГЭС В ПОЭЗИИ И В ПРОЗЕ XX-XXI ВЕКОВ

В статье речь идет о воплощении в поэзии и в прозе темы стороительства Рогунской ГЭС. Еще в литературе XX-XX1 века в творчестве многих поэтов и писателей встречаются упоминания о Рогуне. К примеру, литературные деятели того периода Муъмин Каноат, Аскар Хаким, Абдулхамид Самад, Бозор Собир, Камол Насрулло, Гулназар Келди, Мухаммад Гоиб, Хакназа Гоиб, Гурез Сафар, Сафармахмад Айюби и многие другие в своих изящных стихах изображали ее как «дворец надежды». Они считают этот дворец источником сокровища и богатством нашей Родины и в своих произведениях отражали ее образно и с творческим блеском. Мнения учёных и поэтов о появлении, возникновении и понятии Рогуна разные. « Рог», «Рогон», «Маргзор», Рогун. Все эти названия имеют разные понятия. Со стороны жителей местности и интеллигенции это объясняется тем, что данное понятие означает «цветущая широкая площадь», другие подтверждают, что «Рог», «Богу рог» значит «цветущий сад». Есть ещё такое мнение, что Рогуном назвали потому, что находится между горой и рекой. В статье отмечалось, что таджикский поэт Хакназар Гоиб в своем произведении « Песня о Рогуне» использовал разные литературные жанры, в том числе и подобие. Здесь «боги Рогун» сад Рогуна изображён как цветение, засеянное поле, множество садов, которые будут у людей вечно. Наша нация честью и достоинством, силою мужества, испытывая трудности, старалась построить Рогунскую ГЭС и этим создала славу таджиков по всему миру. 16 – ноября 2018 года по всему Таджикистану радостно отмечали день, в который был завершён пуск первого агрегата Рогунской ГЭС. Таким образом описания Рогуна в прозе и поэзии XX – XX1 веков занимают важное место. По нашему исследованию стало известно, что в таджикской детской литературе, особенно в творческих трудах У. Раджаб и Н. Розык изображалась бесподобная искренность даже и в сердцах у детей к этому дворце надежды и лучей – Рогунская ГЭС.

Ключевые слова: Рогун, литература, художественная литература, детская литература, процветание, любовь к природе, охрана окружеюшей природы, энергия.

THE IMPLEMENTATION OF THE CONSTRUCTION OF THE ROGUNSK HPP IN POETRY AND IN THE PROSE OF THE XX-XXI CENTURIES

The article deals with the embodiment in poetry and images in the creative prose of poets and writers embodying the Rogun hydroelectric station. Even in the literature of the twentieth and twentieth centuries, in the works of many poets and writers there are personifications about Rogun. For example, the literary figures of that period, Mu'min Kanoat, Askar Hakim, Abdulhamid Samad, Bozor Sobir, Kamol Nasrullo, Gulnazar Keldi, Muhammad Goib, Khaknaz Goib, Gurez Safar, Safarmahmad Ayyubi, and many others in their patterns, in the use of the words, and not one of the patterns, which have not enough of the world of the patterns and the patterns of the world of the words of the world of the pictures and the words of the world, and the words of the. They consider this palace a source of treasure and wealth of our Motherland and in their works they reflected in figurative and creative brilliance. Opinions of scholars and poets about the appearance, appearance and concept of Rogun are different. "Horn", "Rogon", "Margzor", Rogun. All these names have different concepts. On the part of the inhabitants of the area and the intelligentsia, this is explained by the fact that this concept means “a blossoming broad area”, others confirm that “Horn”, “God the Horn” means a flowering garden. There is also an opinion that they called Rogun because it is located between the mountain and the river. The article noted that the Tajik poet Haknazar Goib used different literary genres in his work “A Song of Rogun”, including the similarity. Here the “battle of Rogun” Rogun’s garden is depicted as a flowering, sown field, many gardens one after the arc that will be in front of people forever. Our nation, with honor and dignity, strength, courage, experiencing difficulties, tried to build the Rogun hydropower station and this brought glory about Tajiks around the world. On November 16 - 2018, the day when the first unit of the Rogun hydropower plant was completed was joyfully celebrated throughout Tajikistan. Thus, the descriptions of Rogun in prose and poetry of the XX - XXI centuries occupy an important and visual place, which will allow us to explore, study and conduct scientific work. According to our research, it became known that Tajik children's literature, especially in the creative works of U. Rajab and N. Rozyk portrayed unmatched sincerity even in the hearts of children to this palace of hope and rays - Rogun hydroelectric station.

Key words: Rogun, literature, fiction, children's literature, prosperity, love of nature, environmental protection, energy.

Сведения об авторах: ***Хусейнзода Фарход*** – Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка и литература. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 92-753-87-65**

Шаробова М. – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 905-80-60-54**

Information about the authors: ***Huseinzoda Farhod*** - Dangara State University, doctor of philological sciences, head of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 92-753-87-65**
Sharobova M. - Dangara State University, postgraduate student of the Taiik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 905-80-60-54**

УДК: 891.550:82

РИСОЛАҲОИ РАМЗИИ ҲАКИМИ ФОРСӢ – СӮҲРАВАРДӢ

Исмоилова М.О.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ дар таърихи адабиёти ирфонии форсу тоҷик ба навиштани сенздаҳ рисолаи мухтасар муваффақ шудааст, ки дар миёни онҳо панҷ рисолае чун «Ақли сурх», «Сафири симурғ», «Овози Пари Ҷабраил» ва «Рисолат-ут-тайр» асосан дар заминаи мазмунҳои асотирии эрони бостон ба қалам омадаанд. Ҳарчанд дар ин рисолаҳо Сӯҳравардӣ аз асотири қадима ва мазмунҳои устуравӣ кор гирифтааст, аммо равшан эҳсос мегардад, ки ӯ дар заминаи таҳаввул бахшида ба ин матлабҳо тозакориҳоеро дар насри ирфонии форсу тоҷик офаридааст. Маҷмӯаи осори форсии ӯ дар Теҳрон чоп шудааст, ки дар ин китоб 13 рисола ҷамъ оварда шудааст, ва аз байни онҳо «Бӯстон ул-қулуб» («Равзат ул-қулуб») ва «Яздоншинохт», бидуни ҳеҷ шакку тардид, мансуб ба Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ дониста шудаанд. Қисме аз ин расоил мавзӯъ ва гузориши достонӣ доранд, яъне ҳомили сужет ва воқеоти пайвастаи муттасил мебошанд. Шерозаи ин андешаҳои бикр гоҳ - гоҳе бо абёти бағоят нафис музайян гардидааст. Чунончи:

Солҳо бояд, ки то як санги асле з-офтоб,
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман [1, с.34].

Мураттиби маҷмӯаи осори форсии Шайхи ишроқ дастаи дувуми расоили ин маҷмӯаро «ирфонӣ» хондааст. Қобили тазаккур аст, ки дар осори ирфонии Сӯҳравардӣ низ асари тафаккури фалсафаи ишроқия ва партави афкори ин мактаби бузурги фалсафӣ мақоми шоиста дорад. Аз ин нигоҳ, омезиши ҷанбаҳои ирфонию фалсафӣ дар афкори ин ҳаким ва файласуфи тавоно ба вуқӯъ пайвастааст, ки аз тозакориҳои фикриву зеҳнии ӯ дар баёни матолиби фалсафию ирфонӣ дар насри форсӣ шаҳодат медиҳад. Дар осори мансури Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ, бо вуҷуди зоҳири адабӣ ва ё ирфонӣ, асли матлаб фалсафаи ишроқ мебошад. Тааллуқоти осори мазкур ба фалсафаю ирфон ё дугонагии як асли онҳо аз пайвастагӣ ва умумияти ирфону фалсафаи ишроқия ё ҳикмат ул-машриқин бармеояд. Пайравони ин маслак дар даъвии маърифат ва расидан ба асли ҳақиқат бидуни васоили тааққулӣ ва мафоҳими бурҳонӣ муттафиқ мебошанд.

Рисолаҳои мансуб ба бахши ирфони Сӯҳравардӣ аз «Рисолат ут-тайр», «Овози пари Ҷабраил», «Ақли сурх», «Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён», «Фи ҳолат ут-туфулият», «Фи ҳақиқат ул-ишқ» ё «Мунис ул-ушшоқ», «Луғати мӯрон» ва «Сафари Симурғ» фароҳам омадаанд. Барои ошноӣ бо тариқи сухани Сӯҳравардӣ намунае аз фасли аввали рисолаи «Луғати мӯрон» манзур мешавад: «Мӯре чанд тезтак миён баста аз ҳазизи зулмати макман ва мустақарри аввали хеш рӯ ба саҳро ниҳоданд аз баҳри тартиби қут. Иттифоқро шохе чанд аз набот дар ҳоййизи мушоҳидаи эшон омад ва дар вақти субҳ қатароти жола бар сафаҳоти сутӯҳи он нишаста буд. Яке аз яке пурсид, ки ин чист? Ҷавоб доду гуфт, ки асли ин қатарот аз замин аст ва баъзе гуфтанд аз дарёст, алоҳозо дар маҳалли низоъ афтод. Мӯре мутасарриф дар миёни эшон буд. Гуфт: «Лаҳзае сабр кунед, то майли ӯ аз кадом ҷониб бошад, ки ҳар касеро зи ҷиҳати асли хеш кашише бошад ва ба лоҳуқи маъдан ва манбаи худ шавқе бувад. Ҳамаи чизҳо ба синхи худ мунҷазаб бошад. Набинӣ, ки кулӯхеро аз маркази замин ба ҷониби муҳит андозанд, чун асли ӯ сифлист ва қоидаи «куллу шайъин ярҷаъу ила аслиҳӣ» мумаҳҳад аст, ба оқибат кулӯх ба зер ояд. Ва дар тарфи мурулваҳийат ин қазия дар ҳаққи гавҳари шариф лоиқтар аст, таваҳҳуми иттиҳод ҳошо, ҳар чӣ равшанӣ гӯяд, ҳама аз равшанист».

Мӯрон дар ин буданд, ки офтоб гарм шуд ва шабнам аз ҳайкали наботӣ оҳанги боло кард. Мӯронро маълум гашт, ки аз замин нест, чун аз ҳаво буд, бо ҳаво рафт» [3, с.134-135].

Афзун бар тозагиҳои мавзӯъ ва гузориши мазмуну сужа рисолаҳои Сӯҳравардӣ бо забони равону нотакроре таълиф гардидаанд. Дар қиссаҳои ақлафрӯзи Шайхи ишроқ пешрафт ва такомули ҳақиқии забони форсӣ мушоҳида мешавад. Бо такя ба рисолаҳои

Ибни Сино ва Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ метавон хулоса кард, ки омезиши забони адабии бадеӣ бо сухани парваридаи андеша ва мафоҳими илмии фалсафӣ ва баёни завқии ирфонии ишроқия аз боризтарин вижагиҳои муштараки забони адабӣ ва илмии форсӣ дар асрҳои миёна ба шумор меоянд. Мусаҳҳеҳи маҷмӯаи форсии Сӯҳравардӣ Ҳусайни Наср роҷеъ ба қудрати суханварии ӯ мегӯяд, ки «ин шоҳкориҳои насри форсӣ, ки аз беҳтарин намунаҳои насри фалсафии тамоми адвори таърихи адабиёти форсӣ аст…, мақоми худро фавран дар қониби осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Бобо Афзали Кошонӣ ба унвони яке аз муҳимтарин осори насри фалсафии форсӣ эҳроз мекунад… Шояд ҳеҷ гоҳ дар таърихи ҳазорсолаи насри форсӣ касе ба ин латофат ва равонӣ аз мабоҳиси фалсафӣ сухан ба миён наёварда бошад» [2, с.39].

Воқеан ҳам сухани Сӯҳравардӣ парваридаи дилу қон аст, ки намунае аз «Рисолат ут-тайр» ин матлабро бо ваҷҳе аҳсан падидор меоварад: «Бидонед, эй бародарони ҳақиқат, ки ҷамоъате сайёдон ба саҳро омаданд ва домҳо бигустарданд ва донҳо бипошиданд ва доҳулҳо ба пой карданд ва дар хошок пинҳон шуданд. Ва ман дар миёни галаи мурғон меомадам. Чун моро бидиданд, сафири хуш мезаданд, чунонки моро ба гумон афканданд. Бингаристем, қойи назиҳу хуше дидем, ҳеҷ шак(к) дар роҳ наёмад ва ҳеҷ туҳмат моро аз саҳро бознадошт. Рӯй бад-он домгоҳ ниҳодем ва дар миёни дом афтидем. Чун нигоҳ кардем, ҳалқаҳои дом дар ҳалқҳои мо буд ва бандҳои талақа дар пойи мо буд. Ҳама қасди ҳаракат кардем, то магар аз он бало наҷот ёбем. Ҳарчанд беш қунбидем, бандҳо сахттар шуд. Пас ҳалокро тан биниҳодем ва бад-он ранҷ тан дардодем ва ҳар яке ба ранҷи хеш машғул шудем, ки парвои якдигар надоштем. Рӯй ба қустани ҳила овардем, то ба чӣ ҳилат хешро бираҳонем. Якчанд ҳам чунон будем, то бад-он ранҷ хӯ кардем ва қоидаи аввали хешро фаромӯш кардем ва бо ин бандҳо биёрамидем ва бо тангии қафас тан дардодем» [3, с.199-200].

Хонанда зимни мутолиаи достонҳои рамзии Сӯҳравардӣ дар иртибот бо содагиву равонии забони онҳо дар назари аввал гумон мекунад, ки вусъати сужаи онҳо ба қуз нақли достон ё ривоят чизе нест, вале истифодаи вожаҳои «банду қафас», «саҳро», «амалиёти сайёдону мурғон» барои аҳли ирфону фалсафа розҳои ин асари мансури Сӯҳравардиро бозгӯӣ менамояд, ки бо сабки хос ва ё забони тамсилии фалсафӣ ироа шудааст.

Мурур ба ин достонҳо баёнгари он аст, ки Сӯҳравардӣ дар ин достонҳои тамсилии хеш аз мазмунҳое, ки дар китоби ниёгони ӯ Авасто ба кор рафтаанд ва шахсиятҳои асотирии мавҷуд дар Авасто ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баҳраҳо гирифтааст. Аммо донишманди эронӣ ва яке аз муҳаққиқону шореҳони рисолаи «Ақли Сурх» Амир Ҳусайн Шоҳ Халилӣ бар ин назар аст, ки достонҳое мушобеҳ ба ин достон дар адабиёти тоисломии форсии мо мавҷуд будаанд, ки яке аз онҳо «Сафари Ҳазрати Зардушт ба Иронвич» унвон дорад. Ҷараёни мухтасари ин достон то он ҷост, ки вақте Ҳазрати Зардушт ба сисолагӣ мерасад, бо гурӯҳе ба Эронвич меравад ва Эронвич як сарзамини ҷуғрофиёии воқеъ дар курраи хокӣ нест, ки шумо онро битавонед рӯйи нақшаи ҷурофиё нишон бидиҳед. Эронвич як сарзамини малакутӣ аст, як сарзамини қадимӣ аст, ҳамон найистони вуҷуди инсон ва манзилгоҳи аслии ӯст. Ҳазрати Зардушт бо гурӯҳе вориди Эронвич мешавад ва баъд аз онҳо ҷудо мегардад ва ба танҳоӣ шурӯъ ба рафтан мекунад, зеро ин сафаре аст, ки инсон бояд танҳо ба танҳоӣ дар даруни нафси худ анҷом диҳад…» [2, с.79].

Ин донишманди соҳибнома иловатан мефармояд, ки «Дар гузашта ин навъ рисолаҳои ирфонӣ бисёр мавриди таваҷҷуҳ буда ва соликини роҳи тариқат онҳоро мутолеа мекарданд ва бардоштҳо ва таҷрибиёти шахсии худро дар мавриди онҳо мавриди баҳс ва гуфтугӯ қарор медоданд. Аммо имрӯз мо бештар дар мавриди ановини рисолаҳое ирфонӣ сӯҳбат мекунем. Масалан, дар зимни як мабҳаси ирфон мегӯем. Сӯҳравардӣ рисолае ба номи «Ақли сурх» дорад ва ё Ибни Сино рисолае ба номи «Ҳай ибни яқзон» дорад. Бидуни он ки матни ин рисолаҳоро мавриди баҳс ва баррасӣ қарор диҳем, аксар матолибашро дуруст дарк намекунанд. Намедонанд чи чизе дар он баён мешавад ва чаро ба ин сурат ва ба ин забон баён мешавад» [3, с.45]. Аз ин баҳси ӯ ҳувайдост, ки бештар дар заминаи зоҳири ин рисолаҳо андешаҳо баён мешавад ва бидуни огоҳӣ аз сарчашмаҳои таълифи ин рисолаҳо мо наметавонем рамзҳои орифонаашонро кафшу баррасӣ намоем. Ҳарчанд Тақии Пурномдориён дар рисолаи «Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ» ба румузи бархе аз ин расоил таваҷҷуҳе дорад, аммо ба назар мерасад, ки роҷеъ ба куллияи образ ва аносири рамзии ин достонҳо камтар суҳбат шудааст ва таҳқиқи вижагиҳои сабкии ин достонҳо ва кашфи рамзҳои онон баҳсе муҳим дар шинохти асолати онҳо ба ҳисоб меояд.

Воқеан, агар мо хатти сужаи ин достони тоисломии форсу тоҷикро бо ҷараёни воқеаҳои ин рисолаи Суҳравардӣ татбиқ намоем, ба мушоҳида мерасад, ки миёни ин ду асар, бавижа симои аслӣ ва марказии онҳо – Зардушт дар асари пешин ва Пири сурхмӯй дар достони Сӯҳравардӣ умумияте мавҷуд аст ва бо такя бар ҳамин робитаи миёни симоҳои марказии ҳар ду асар мо метавонем достони мазкури тоисломии форсу тоҷикро

ба унвони яке аз сарчашмаҳои аслии рисолаи Суҳравардӣ унвон намоем. Албатта, ин нуктаи назар беасос ҳам намебошад, чун ҷавҳари таълимоти Суҳравардӣ таваҷҷуҳ ба афкори фалсафии шарқ аст, ки ба он дар заминаи таҳаввулоти ирфонӣ тобишҳои маънии сӯфиёна додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолидин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ; бо муқаддимаи Ҷавод Салмосизода. - Теҳрон: Иқбол, 1384. - 1147 с.
2. Суҳравардӣ, Шиҳобуддин Яҳё ибни Ҳабаш. Қиссаҳои шайхи ишроқ; вероиши матн: Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ. - Теҳрон: Марказ, 1375. - 38+ 110 с.
3. Суҳравардӣ, Яҳё ибни Ҳабаш. Ҳашт рисолаи Суҳравардӣ; бо муқаддима, тасҳеҳу тавзеҳи Козим Муҳаммадӣ. – Теҳрон: Наҷми Кубро, 1387. – 189 с.
4. Сӯҳравардӣ, Шиҳобиддин Яҳё ибни Ҳабаш. Ҳикмат-ул-ишроқ; тарҷума ва шарҳи Саидҷаъфар Саҷҷодӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1377. - 220 с.
5. Сӯҳравардӣ, Шиҳобуддин Яҳё. Маҷмӯаи мусаннифоти Шайхи Ишроқ. Ҷилди сеюм. Муштамил бар маҷмӯаи форсии Шайхи Ишроқ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Саййид Ҳусайни Наср; бо муқаддимаву таҳлили фаронсавии Ҳонри Корбен (Анри Карбен). - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳанг, 1372. – 492 с.
6. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоға; ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аҳмади Оташ ва интиқоди Маликушшуаро Баҳор. - Теҳрон: Асотир, 1362. - 263 с.
7. Ҳусайнӣ, Атоулло. Бадоеъу-с-саноеъ. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 222 с.

РИСОЛАҲОИ РАМЗИИ ҲАКИМИ ФОРСӢ – СӮҲРАВАРДӢ

Мақола дар бораи истифодабарии моҳиронаи санъатҳои бадеӣ дар рисолаҳои форсии Шихобуддини Сӯҳравардӣ, ки нависандаи барҷастаи асри XII буд, баҳс мекунад. Нависанда барои изҳор кардани афкори ишроқии худ санъатҳои бадеиро пурмаҳсул ба кор бурдааст, ки ин нишонаи ба авҷи камол расидани забони ноби форсии он замон мебошад. Ҳонанда зимни мутолиаи достонҳои рамзии Сӯҳравардӣ дар иртибот бо содагиву равонии забони онҳо дар назари аввал гумон мекунад, ки вусъати сужаи онҳо ба ҷуз нақли достон ё ривоят чизе нест, вале истифодаи вожаҳои «банду қафас», «саҳро», «амалиёти сайёдону мурғон» барои аҳли ирфону фалсафа розҳои ин асари мансури Сӯҳравардиро бозгӯӣ менамояд, ки бо сабки хос ва ё забони тамсилии фалсафӣ ироа шудааст. Афзун бар тозагиҳои мавзӯъ ва гузориши мазмуну сужа рисолаҳои Сӯҳравардӣ бо забони равону нотакроре таълиф гардидаанд. Дар қиссаҳои ақлафрӯзи Шайхи ишроқ пешрафт ва такомули ҳақиқии забони форсӣ мушоҳида мешавад. Бо такя ба рисолаҳои Ибни Сино ва Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ метавон хулоса кард, ки омезиши забони адабии бадеӣ бо сухани парваридаи андеша ва мафоҳими илмии фалсафӣ ва баёни завқии ирфонии ишроқия аз боризтарин вижагиҳои муштараки забони адабӣ ва илмии форсӣ дар асрҳои миёна ба шумор меоянд.

Калидвожаҳо: Сӯҳравардӣ, ишроқия, санъати бадеъ, нависанда, ҳаким, забони форсӣ, Шайхи ишроқ, қиссаҳои ақлафрӯз, рамз, рисола

СИМВОЛИЧЕСКИЕ ТРАКТАТЫ ПЕРСИДСКОГО УЧЕНОГО СУХРАВАРДИ

Статья посвящена использованию художественных средств в персидских трактатах Сухраварди. Писатель XII века Сухраварди многогранно использовал художественные средства для выражения ишракийских мыслей в своих персидских трактатах. Содержание упомянутых сочинений Сухраварди свидетельствует о том, что автор обладал большим талантом в создании персидских трактатов, при изложении своих философских, мистических и научных воззрений использовал разные мифологические, религиозные и аллегорические киссы и предания. В изложении разных мистических проблем, разъяснении связи земли с Вселенной, широты внутреннего мира человека, его инстинктивных качеств, также толковании методов духовного совершенствования человечества использует научный язык, смешанный с разговорным. Такое разъяснение и толкование предмета устраняет в сознании слушателя и читателя ощущение трудности постижения науки и мистики. Таким образом, на основе анализа содержания персидских трактатов Сухраварди можно сделать вывод о том, что указанные трактаты, хотя и носят разные названия, однако имеют много общего в плане содержания. Данное соображение подтверждается структурой, содержанием, единством сюжетной линии, схожестью образов, столкновением героев и одинаковыми выводами писателя.

Ключевые слова: Сухраварди, ишракизм, художественные средства, писатель, персидский язык, Шейх ишрак, рассказы, символ, трактат

SYMBOLIC TREATISES OF PERSIAN SCHOLAR SUHRAVARDI

The article is devoted to an implementation of artistic means in Shihabuddin Suhravardi's Persian treatises. The author used them to express his Ishraki thoughts in Persian treatises. The article is devoted to the use of artistic means in the Persian treatises Sukhravardi. A twelfth-century writer, Suhravardi, used artistic means multi-facetedly to express his Ishraki thoughts in his Persian treatises. The content of the mentioned works of Suhravardi testifies that the author possessed a great talent in creating Persian treatises, while presenting his philosophical, mystical and scientific views he used various mythological, religious and allegorical kisses and traditions. In the presentation of various mystical problems, explaining the connection of the earth with the universe, the breadth of the inner world of a man, his instinctive qualities, as well as the interpretation of the methods of spiritual improvement of mankind, he uses the scientific language mixed with the spoken language. Such an explanation and interpretation of the subject eliminates in the mind of the listener and the reader a sense of the difficulty of comprehending science and mysticism. Thus, based on the analysis of the content of the Sukhravardi's Persian treatises, it can be concluded that these treatises, although they have different names, however, have much in common in terms of content. This consideration is confirmed by the structure, content, unity of the storyline, the similarity of images, the collision of characters and the same conclusions of the writer.

Key words: Suhravardi, plot, intellect, tale, literature, Ishraki. artistic means, treatises.

Сведения об авторе: ***Исмоилова Мутриба Охунджоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. И.Сомони 169. Тел.: **(+992) 927-30-21-50**

Information about the author: ***Ismoilova Mutriba Okhundzhonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni Ave. 169. Tel.: **(+992) 927-30-21-50**

УДК: 491.143.2+891.550

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ УША ПРИЯМВАДА

Раҳматуллоева З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи меъёрҳои арзиши инсон дар замони муосир дар адабиёти ҳиндӣ нисбат ба давраҳои пешин таваҷҷӯҳи адибонро бештар ба худ ҷалб мекунад. Аз аввалин асарҳои нависандаи маъруф Премчанд (1880-1936) сар карда, то ба инҷониб, муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии замон дар маркази диққати адабиёт қарор гирифта, назару андешаҳои адибон ба решаҳои иҷтимоии ҳодисаву характерҳо нигаронида шудааст. Нависандаи бомаҳорат то ҳадде бояд назари борикбин, ҷаҳонбинии васеъ ва таҷрибаи хуби рзгор дошта бошад, ки тавонад асосҳои иҷтимоии воқеаву ҳодисаҳои мухталифи ҳаётро дар таълифоти хеш мунъакис кунад ва масъала, ҳадафу мазмуни воқеии давру замонро бикушояд. Дар зумраи ин адибон метавон яке аз суханварони шинохтаи адабиёти ҳиндӣ Уша Приямвадаро ёдрас шуд, ки дар асарҳои худ асосҳои иҷтимоии ҳодисаҳои тасвиршавандаро ба таври ҷиддӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ҳиссиёту ҳаяҷони қаҳрамонҳои ҳикояҳои адиба мазмуни амиқи иҷтимоӣ гирифтаанд. Ин ягонагии инсон ва фарҳанги миллӣ, меҳр ба забони модарӣ аз таҷрибаҳои зиндагӣ дар хориҷи кишвар ба ҳам омадаанд.

Уша Приямвада яке аз бонувони суханвари хушсалиқае мебошад, ки бо ҳикояҳои ҷолиби хеш, ки дар он мавзӯоти мубрам аз ҳаёти воқеӣ интихоб шудаанд, дар миёни хонандагони сершумораш маҳбуб гаштааст. Номи дар радифи нависандагони номии адабиёти ҳиндӣ Моҳан Ракеш (1925-1972), Раҷендра Ядав (1929-2013), Камлешвар (1932-2007), Кришна Собатӣ (тав.1925), Манну Бҳандарӣ (тав.1931), Мамта Калия (тав.1940), Нирмал Варма (1940-2005) ва дигарон бо эҳтиром ба забон гирифта мешавад. Шуҳрат пайдо кардани Уша Приямвада бесабаб нест. Ӯ бо таълифоти арзишманди худ на танҳо хазинаи адабиёти ҳиндиро, балки махзани адабиёти ҷаҳониро ҳам ғанӣ мегардонад. Ҳикояҳои нависанда ба забонҳои мухталифи дунё аз ҷумла, ба забонҳои англисӣ, русӣ, тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Заминаи хуби донишу фаҳмиш, ҷаҳонбинии васеъ, андешаҳои фароху амиқ ва мақсаду назари тоза адиба Уша Приямвадаро дар овони ҷавонӣ, аллакай, муарррифӣ карда буд. Уша Приямвада аввали солҳои 60-ум ба майдони адабиёт қадам гузошт ва дар муҳити адабии он ҳамчун нависанда ташаккул ёфт. Дар натиҷаи талошу заматҳои пайваста пайроҳаи хосси эҷодии худро пайдо кард ва дар ин роҳ устуворона қадам гузошта то ба дараҷаи нависандаи боистеъдоду хушсалиқа машҳур гашт.

Уша Приямвада дар соли 1931 дар шаҳри Канпур таваллуд шудааст. Маълумоти ибтидоӣ ва миёнаро дар зодгоҳаш мегирад. Ушаи ҷавон ба адабиёт ва мутолиа дилбастагии зиёд дошт. “Дониши хуби забони англисӣ ба вай имконият дод, ки бо адабиёти Ғарб ва намояндагони он ошноӣ пайдо кунад. Муддате дар коллеҷи Леди Шрирам ба ҳайси омӯзгор кор кард ва дар баробари ин, пайваста адабиёти хориҷиро мутолиа дошт. Дар соли 1961 Уша Приямвада барои омзиш ва пажҳиши адабиёти амрикоӣ ва англис ба Амрико азми сафар мекунад. Ба сифати пажҳишгар дар донишгоҳи Висконсин қабул гашта, дар шуъбаи Осиёи ҷанубӣ ба ҳайси омӯзгор, то ба нафақа баромаданаш фаъолият намудааст” [7, с. 67]. Уша Приямвадаро дар Амрико ҳаёти ба куллӣ фарқкунанда аз зиндагии дар Ҳиндустон гузаронидааш интизор буд. Дар муҳиту фарҳанг, тарзу сохти зиндагии бегона умр ба сар бурда, Ушаро лозим омад, ки назар, афкору андешаҳои худро то ҷое иваз намояд. Бо гузашти солҳо нависанда ангезаҳои ҳаётро беҳтар, амиқтар дарк мекардагӣ шуд. Дар баробари кору фаъолияти эҷодӣ намудан бо забони англисӣ, адиба аз фарҳанг ва забони худ дур нашуд, баръакс ҳикояҳояшро ба забони модарӣ-ҳиндӣ навишта, ба ин васила хонандагонашро ба пос доштани забони модарӣ, фарҳанги миллии хеш, ҳифз намудани анъанаҳои хонаводагии суннатӣ, ки бунёди он дар эҳтироми аъзоҳои оила, дар муносибати меҳру муҳаббат ба якдигар қарор доранд, даъват мекунад. Дигар масъалаи муҳимме, ки адиба дар эҷодиёташ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст, ин мақом ва манзалати зани ҳинду дар ҷомеаи

муосири Ҳиндустон аст. Ҳикояҳои Уша Приямвада ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда рӯйи чоп омадаанд. Ӯ нависандаи сермаҳсул аст ва таълифоти эшон бештар ба жанрҳои ҳикояву роман рост омадаанд. Аз ҷумла, маҷмӯаи ҳикояҳо бо номи "Боз баҳор омад"("फिर बसंत आया" ин маҷма бо номи Уша чоп шудааст), "Зиндагӣ ва гули садбарг" ("ज़िन्दगी और गुलाब के फुल") " Панҷову ду сутуни деворҳои сурх" ("पछपन खंडे लाल दिवारें"), "Таваққуф макун Радҳика" ("रुकोगी नहीं रधिका"), "Сафари махсус" ("शेष यात्रा"), "Мубоҳиса"("अंतरवाशी"), "Дарё" ("नादी"; романҳо: "Зиндагӣ ва гули садбарг" ("ज़िन्दगी और गुलाब के फुल"), "Ягон каси дигар"("एक कोई दूसरा"); маҷмаи ҳикояҳо бо номи "Ҳикояҳои дӯстдоштаи ман"("मेरी प्रिय कहानियाँ", "Чӣ қадар фиреби сахт" ("कितना बड़ा झूठ"),"Даҳ ҳикояи интихобӣ"("दस प्रतिनिधि कहानियाँ"), Бадарға" ("बंवस") ва ғайра. Уша Приямвада бо навиштани ҳикоя шуҳратёр шудааст. Дар ҳикояҳои Уша Приямвада бештар масъалаҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар онҳо нишонаҳои услуби хос, як навъ амиқназарӣ дар пажуҳиши зиндагӣ намоён мешаванд.

Дар асарҳои адиба, дар ҳалли масоили ахлоқи иҷтимоӣ-асоси психологии тасвир қувват гирифтааст. Барои тақвияти ин андешаҳо, ба ҳикояҳои Уша Приямвада назар андохтан лозим аст, то майлу рағбати эҷодии адиба ба таври ршан ва саҳеҳ маълум шавад.

Инсон дорои зиндагии саршор аз муаммову тазод аст, ки гоҳо силоҳи муқтадир чун қалами тасвиркаш дар тафсири он оҷизӣ мекашад. Дар ин ҷода, дар кушода додани гиреҳи баъзе масъалаҳои сарбаста қалами Уша Приямвада тез ва сахт аст. Ҳикояҳои навиштаи Уша Приямвада якчанд масъалаҳо, бавижа нобаробарии иҷтимоӣ, тасвири адолат ва ноадолатии давру замон, мақому манзалати зан, муносибати оилавӣ, зрвариву хушунат дар оила, хиёнату вафодорӣ ва ғайраро дар бар мегиранд, ки нуқтаи назари адибаро ба таври возеҳ муайян кардаанд. Муҳимтарин хусусияти ҳикояҳои ӯ дар он зоҳир мегардад, ки мавзӯи ҳикояҳо аввалан аз ҳаёти воқеӣ интихоб шуда, сипас, ба василаи ниёзи иҷтимоӣ мавриди корбаст қарор дода мешаванд. Қаҳрамонҳои интихобкардаи адиба ба табақаҳои гуногуни ҷомеа тааллуқ дошта, вобаста ба тарбият ва маънавиёти муҳити худ кшиши дар зиндагӣ мақоми сазоворе пайдо карданро доранд. Аммо на ҳамаи онҳо ҷуръати ба ин ҳадаф расиданро мекунанд, зеро садди роҳи онон ҳама вақт як қатор зиддиятҳое пешор меоянд, ки онҳоро убур кардан гоҳо амри маҳол аст. Аз ин р, баъзе қаҳрамонҳои ҳикояҳои Уша Приямвада хеле заиф, бечуръат ва ҳассос ҳастанд.

Дар ҳиссиёту ҳаяҷони қаҳрамонони Уша Приямвада ҳам ғам, ҳам дарду ҳасрат, ранҷиш аз беилоҷӣ, эҳсоси танҳоӣ, бурду бохтро метавон мушоҳида кард. Адиба дар ҳикояҳояш кӯшиш намудааст, ки сабабҳои ба чунин ҳолат гирифтор шудани онҳоро ҳам, нишон диҳад. Хулқу атвори ҳар як инсон аз муносибати ӯ ба дигарон, ба зиндагӣ муайян мешавад.

Ҳикояи "Дар банди чор девор" ("चहारदीवारी", маҷмаи ҳикояҳо "बनवास" ("Сокини ҷангал", 2009)) чанд мавзуи барои ҷомеаи Ҳинд муҳимро дар бар мегирад, яъне, зиддияти шахс ва ҷомеа, номуросоии занон бо ашхосе, ки побанди анъанаҳои куҳна ҳастанд, ихтилофҳо бо одамони тирадилу кӯтоҳандеш ва амсоли ин. Аз мазмуну мавзи ҳикоя чунин савол ба миён меояд, ки дар ҷомеаи муосири босуръат пешравандаву тараққикардаистода, оё шахс, бавижа зане, ки соҳибмаърифат ва соҳиби азму ирода бошад, ба муқобили онҳое, ки сади пешравӣ, хушбахтии мешаванд, талош кунад, ғолибият ба даст оварда метавонад? Ё чаро дар ин набард худи пирз шудан намехоҳад?

Барои ба ин савол ҷавоб додан р меоварем, ба ҳикоя, ба сарнавишти қаҳрамони марказии ҳикояи "Дар банди чор девор" Манорма, ки дар муҳити хонаводагӣ ро Мино ном мебурданд. Ҳикоя пур аз ихтилофҳои иҷтимоӣ ва маишӣ мебошад. Бештари зиддиятҳо байни Минои ҷавон ва ботини пургалаёни, баъдан байни ва ноадолатиҳои рӯзгор, содир шудаанд. Аз нутқи ноқили ҳикоя (муаллифи ҳикоя), маълум мегардад, ки Мино духтари хонадони Рамдаял ном як шахси камбағал мебошад. Ӯ маълумоти миёнаи нопурраро хатм намуда бошад ҳам, дар ҷое кор намекард. Баъдан бо хоҳиши амакаш барои идомаи таҳсил ҳуҷҷатҳояшро ба коллеҷ месупорад. Тибқи анъана ва қоидаҳои мавҷудаи хонадони Рамдаял занон бо кори хона андармон шуда, ба кори давлат шомил намешуданд. То вақте ки ба шавҳар набароянд, онҳо дар чор девори хона побанди корҳои хона хоҳанд буд. Мино низ идомадиҳандаи кори хоҳарони бузургаш шуд, чун медонист, ки дигар илоҷе надорад: "उसने स्वीकार कर लिया था कि अब सारी ज़िंदगी उसे यहीं करना है, जब तक कुंआरी है, तब तक यहाँ चूल्हा सुलगाना, खाना बनाना, बर्तन धोना, झाड़ू लगाना और भतीजे, भतीजियों के गंदे कपड़े धोना है और शादी होने पर पति के घर भी यही करना होगा।" [15, с.226].

"Вай қабул карда буд, ки акнун тамоми зиндагӣ ба ҳамин корҳоро анҷом додан мебояд, то вақте ки ба шавҳар набаромадааст, то он замон оташдонро даргирондан, хрок

пухтан, зарфҳоро шустан, ҷорб задан, либосҳои ғашкардаи ҷиянҳояшро шустан ва баъди ба шавҳар баромадан ҳам ҳамин корҳоро анҷом хоҳад дод”.

Баъди он ки Мино ба шавҳар баромад, корҳои хонаро хоҳаронаш Пушпа, баъди вай Нирмала, баъди ҷиянҳо Аша, Кришна ва ҳамин тавр силсила идома хоҳад ёфт. Ба қавле “जब तक खानेवाले रहेंगे,बनानेवालों की कमी न रहेगी|” “То вақте ки хранда ҳаст, (шумораи) пазандагон кам нахоҳанд шуд” [15, с.227].

Дар ҷомеаи Ҳинд мардсолорӣ аз даврањои қадим ҳукмрон буда, то ба имрз идома дорад. Гарчанде дар сарқонуни Ҳиндустон баробарии зану мард таъкид шуда бошад ҳам, вале онро на ҳама, бахусус хонадонҳое, ки побанди анъанаҳои суннатӣ ҳастанд, эътироф мекунанд. Бо ин далел, мақоми ба мардон додашуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки тақдири занонро ҳал кунанд. Норозигӣ ва эътирози нависанда Уша Приямвада вобаста ба ин паҳлуи масъала хеле ҷиддӣ буда, ба воситаи амалҳои қаҳрамони ҳикояҳо ақидаҳои пешқадами худро изҳор мекунад. Ҳал кардани ин масъала осон нест, зери тӯли ҳазорсолаҳо ин низом дар амал татбиқ мешавад, вале замона дигар шуда истодааст, тақозои замон дигар аст.

Дар хонаводаи калони Рамдаял, ки рзгорашонро бо машаққату камбағалӣ пеш мебурданд, Мино ҳам зиндагӣ мекунад. Зиндагии якранг, беҳадаф паси сар мешуд. Аз модарбузург сар карда то тамоми занҳои дигар, ҳама хислати итоатпазириро касб карда буданд. Нафаре аз онҳо бе иҷозати мардони хона ҳуқуқи аз чор девори хона баромаданро надошт. Маҳз ҳамин тарбият буд, ки бо мурури замон дар Мино хислати итоаткорӣ устувор шудан гирифт, дар қобилияти озодандешӣ, худтаҳлилкунӣ ва фаъолмандӣ ба таври пурра нопадид гашт. Дар паси чор девори хона зиндагӣ кардани зан, ба ақидаи Рамдаялҳо барин ашхос, нуфузу обрӯи хонаводаро зиёд кардан буд. Тақдир ва ояндаи Минову хоҳаронашро бобо, падару бародараш ҳал мекарданд. Ҳамин ки Мино қадрас шуд, зиндагиаш боз ҳам мушкилтар гашт. Акнун вақти ба шавҳар баромадан расид, вале дари онҳоро касе намекфт. Аз зани бародар, хоҳарону ҳамсояҳо шарм мекард. Хомширо авло дониста худро пурра ба кори хона андармон кард. Зоҳиран орому сукут намояд ҳам, аммо дар ботини Мино қувваи пургалаён нуҳуфта буд. Духтари бечора намедонист, ки ин қувваро чӣ гуна ба кор барад, чӣ тавр худро аз маломати падар ва нигоҳҳои таҳқиромезонаи атрофиён муҳофизат кунад. Ягона таскиндиҳандаи дил модараш бошад ҳам, вале низ як зани бесавод, побанди расму русумҳои хонаводагӣ аст, ки ҳеҷ гоҳ мухолифи ақидаҳои шавҳараш намебаромад, зеро низ як умр дар бораи “обри” хонаводааш фикр мекунад. Бадбахтии Минно боз дар он аст, ки барояш шавҳари мувофиқ пайдо намешуд.Тақдир нисбат ба бераҳм аст, зеро “дар кафи дастонаш хати шавҳар карданро накашидааст”. Камбағалии аҳли байти онҳоро дониста касе бо Мино риштаи хешутабориро бастан намехост. Танҳо “сзиши дил” ва “гиря” қобилияти паст кардани мавҷҳои пуртуғёни ботини Миноро доранд. Аммо вақтҳои охир ашкҳо низ бо дили нохоҳам мебаромадагӣ шуданд ва он ҳам ду-се қатра, чун нишони хастагӣ аз ноилоҷӣ” [15, с.229].

Боре хабар омад, ки Миноро аз шаҳр як марди муҷарради тақрибан чилсола хостгор шудааст. Баъди пурсуҷӯҳо маълум мешавад, ки марди зандор буда, Миноро пинҳонӣ ба сифати зани дуюм гирифтан мехостааст. Ин зарба ба дили нозуки духтар таъсири сахти худро расонид, яъсу ноумедӣ ро ба пуррагӣ фаро гирифт, дар қалби Минои ҷавон ба ҷойи эътимод нобоваривро тавлид кард, эҳсоси рӯҳафтодагӣ тамоми вуҷудашро фаро гирифт.

Барои Мино роҳи дигар нест, ба ҷуз ба тақдир тан додан, мутобиқ шудан ба расму русум ва тарзи зиндагии садсолаҳо тайкардаи занҳои хонадонашон ва ин мероси то ба даврони расидаро акнун бояд ҳифз намояд, бидуни хоҳишу ихтиёр. Ӯ бо вуҷуди соҳиби маълумот шуданаш, боҷуръату нотарс нагардид, зеро муҳите, ки Мино дар он ба воя расида буд, ҳамеша садди роҳи пешравиаш мегашт ва дар замири Мино волидон, бахусус падар, хислатҳои итоаткорӣ, беҷуръатиро парвариш карда буданд. Ягона нафаре, ки ба Мино дасти ёрӣ дароз мекард, ин амак ва дугонаи мактабиаш Ранҷна буд. Ранҷна бо ҳар гуна баҳона Миноро аз хонаашон бароварда, ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб кардан мехост. Боре Ранҷна дугонаашро ба машқи намоишномаи коллеҷ даъват карда аз хоҳиш мекунад, ки барои фурхтани чиптаҳои намоишнома кӯмак кунад. Вале Мино аз тарси таҳдидҳои падар бо баҳонае хоҳиши ро рад кардан мешавад, аммо Ранҷна истодагарӣ карда, хоҳиш мекунад: “कुछ दुनिया भी तो देखो| क्या चहारदीवारी में घिरी हो ?”, “О, каме дунёро ҳам бин. Чӣ дар иҳотаи чор девор нишастаӣ?”

Аз мазмуни ҳикоя бармеояд, ки Ранҷна аз вазъи зиндагии Мино бохабар буда, ро аз чор девори сангини хонаводааш, ки фазои буғикунанда дорад, баровардан мехоҳад, то ки дар ҷое кор кунад ва ё таҳсилашро идома дода, дар зиндагӣ мустақилона қадам занад. Ин барои духтари ҷавон мушкил аст, чун дар ҷараёни зиндагӣ Миноро таҳдид, ҷангу фишорҳои падар чунон тарсх карда буданд, ки аз тамоми кмакҳову дастгириҳои дугонааш даст мекашад. Аммо ғамхориҳои хайрхоҳонаи Ранҷна бе фоида набаромаданд,

дар дили духтари ҷавон ангезаеро бедор намуданд. Ҳамин рӯҳия ро барои пайдо кардани кор ҳавасманд кард, гарчанде он барояш нобарор анҷом ёфта бошад ҳам, лек ҷуръат кард. Тақвияти ин гуфтаҳоро мо дар лавҳаи зерини ҳикоя дида метавонем:

“Таҳқиру миннаткуниҳои падар, ки “хранда бисёру кор мекардагӣ як кас” Миноро маҷбур сохт, ки аз пайи ҷустуҷуи кор шавад ва бо ин сабаб аз танҳоиву хонанишинӣ раҳоӣ меёбад. Ба ин хотир, ба ҷавони шиносаш Наротами сарватманд, ки бо мурури замон дар дили ҳар ду нисбат ба ҳамдигар эҳсоси меҳр тавлид шуда буд, барои пайдо кардани кор муроҷиат кард. Инро фаҳмида, падар дар ғазаб шуд ва ба сари Минои аз тарс ларзидаистода борони хашму адовати худро рехт: “हम लोग मर गए थे जो तुझे यों इज्जत बेचने जाना पड़ा ? कोई भूखों मर रहा था ? कोई मर गया था ?” [13, с.238] “Мо магар мурда будем, ки туро танфуршӣ карданат лозим омад?

Касе аз гуруснагӣ мурда истода буд? Ягон кас мурда буд, магар?”. Тирагии ҷаҳолати падар то ба дараҷае меафзояд, ки чберо аз замин бардошта бо тамоми қувва ба тарафи Мино ҳавола кард. Духтари бечора аз зарби сахти чб ба замин афтод. Ин зарба тамоми орзу ва умедҳои Миноро барбод дод. “Рангу рӯйи Мино сап-сафед канд. Чашмони пуробашро бардошта ба тарафи падар ва бобояш нигоҳ кард:-Инҳо муҳофизони обруву иззати ҳастанд, падари ҷоҳилу бародараш, ки барояш на шавҳар меҷустанд, на барои шикамашро сер кардан ба кор рафтан монданд ва ҳатто ҳуқуқи зиндагӣ карданро ҳам иҷозат намедиҳанд. Инҳо ҳамонҳоеанд, ки ро дар чордеворӣ маҳкам кардан мехоҳанд, аз чор тарафи деворҳои дурғини ҳудудиро дарҳам кардаву дар мобайн ро партофта то ба мурдан нигоҳ карданӣ буданд”[15, с. 239].

Тақдири Мино сарравал дар дасти падар аст ва баъдан агар бахташ омад кунад ба дасти шавҳараш хоҳад гузашт. Ӯ худ аз ҳама гуна ҳаққу ҳуқуқи инсонӣ маҳрум аст. Омили асосӣ дар ҷинсият, яъне дар зан будани Мино мебошад. Мино мусофиреро мемонад, ки ба заврақ нишаста, на ба хотири ба соҳили мурод расидан, балки тақдири худро ба заврақрон (падар, бобо, бародар) ва маҷрои дарё ҳавола карда, дар кадом соҳиле, ки заврақрон ро фарорад, он ҷо соҳили Мино хоҳад шуд, вале дар он соҳил ҳам озод нахоҳад буд.

Муаллифи ҳикоя Уша Приямвада ба чунин одамони маънавиёти пастдошта, ки ба разолату бераҳмӣ майл доранд ва нисбат ба занон муносибати беэътиноӣ зоҳир карда, онҳоро бо ҳар роҳу восита таҳти фишору таҳқир қарор медиҳанд, нафрати беандоза дошта, кирдори онҳоро маҳкум мекунад. Ба Мино барин духтарони қадрасу ҷавон, ки бо сабаби дахолати анъанаҳои зараровар ва фишорҳои мардон (дар сурати падар, шавҳар...) дар тӯли ҳаёт орзуҳояшонро амалӣ карда наметавонанд, ҳамдардӣ изҳор менамояд. Мино ва хоҳарони аз он қабил духтарони ноком ҳастанд, ки дар замони имрз дар миёни чаҳор девор побанд монда, зиндагии худро якранг ва бемақсад мегузаронанд. Мино дар ҳалқаи аҳли оилааш умр ба сар барад ҳам, аммо ҳама вақт кунҷи танҳоӣ меҷуст. Духтари ҷавон нисбат ба ноадолатиҳо ба воситаи оби дида ва оҳи сард эътирози худро баён карда метавонисту халос. Ӯ дар фазои носолими хонаашон ба танг омада, мисле ки таслим шудаву ба тақдири худ тан доданӣ мешавад. Ғояи ҳикоя, ки бо образҳо, бо муомилаи байни ҳамдигарии одамон ифода меёбад, дар охир бо чунин андешаҳои Мино ҷамъбаст мешавад: “...जो कहें, करूं, क्योंकि मुझे घर की इज्ज़त का ख्याल रखना है, इज्ज़त का... इज्ज़त का, इज्ज़त का| शायद नहीं, क्योंकि बाहर का संसार उसका आह्वान कर रहा था|” [15,с.239] “...Ҳар чизе гянд, ичро мекунам, барои он ки ман бояд обри хонаро фикр кунам, обр, обр, обр... Шояд инкор кунад, зеро ро дунёи беруна даъват мекард”.

Бо чунин андешаҳо хотима ёфтани ҳикояи “Дар банди чор девор” барои зоҳир гардидани характери тағйирёфтаи Мино мадад мерасонад. Хонанда боварӣ ҳосил мекунад, ки дар Мино ҷуръате пайдо шуд ва бо қатъият низ дар пайдо намудани мавқеи худ дар ҷомеа талош хоҳад кард.

Дар ҳикояи “Дар банди чор девор” ба ғайр аз Мино боз дар лаҳзаҳои гуногун персонажҳои дигар- падар, модар, Ранҷна, ҷавони сарватманд Наротам ҳам, ширкат доранд, ки бевосита ба ҷараёни зиндагии Мино дахолат намуда, таъсири мусбат ё манфии худро мерасонанд.

Образи падари Мино-Рамдаял, образи манфӣ мебошад, зеро дар хулқу атвори худ тамоми хислатҳои зиштро дорад. Ӯ дар зиндагӣ омад накард. Барои қаллобӣ карда пул гирифтанаш ба даст афтода, дар натиҷа ҷазо мегираду ҷойи корашро аз даст медиҳад. Аз як тараф, бекорӣ, аз тарафи дигар, соҳиби маънавиёти паст будан, ба Рамдаял имконият намедиҳанд, ки дар зиндагӣ мақоме пайдо кунад ва торикии афкори сабаби бадбахтии духтаронаш ҳам мегардад.

Образи модари Мино дар ҳикоя лаҳзавӣ бошад ҳам, аммо дар муайян ва ошкор намудани олами маънавии барин занҳои хонашин, бесаводу хурофотӣ, ки амсоли шумораи зиёди занҳои ҳиндустонӣ мебошанд, нақши умда мебозад. Аз хашми шавҳараш

тарс дорад, ба тамом аз вобаста аст, вале дар ҳолати зарурӣ, барои ҳимояи духтараш ҷуръат пайдо карда, Миноро аз латукби шавҳараш халос мекунад. Модар, ки худ дар чорчбаи чор девор тарбият ёфта буд, ояндаи неки духтаронашро на дар таҳсил ё кор кардан, балки танҳо дар шавҳар кардани онҳо мебинад, зеро дигар тарзи зиндагиро тасаввур карда наметавонист.

Моҳияти ҳикояи “Дар банди чор девор” ҳамин аст, ки муносибат ба зиндагӣ, ба инсон, ба зан бояд дигар карда шавад. Бино ба андешаи адиба, дар оила муомилаву муносибат нисбат ба тамоми аҳли байт як хел, баробар шуданаш лозим аст, дар ҳолати аз рӯйи ҷинс ба яке афзалият додану ба дигарӣ беэътиноӣ зоҳир кардан, появу сутуни оиларо заиф мегардонад. Дар ҳикояи мазкур муносибати бобо, падару бародар низ ба тақдири духтарону хоҳаронашон дар ниҳояти беэътиноӣ, бефаркӣ қарор дорад, ки дар натиҷа байни онҳо ягон хел меҳру муҳаббат ҳам вуҷуд дошта наметавонад. Дар ин гуна оилаҳо ба ҷойи меҳру муҳаббат, эҳсоси тарс, нафрат ва кину адоват меафзояд. Агар дар оилаи Рамдаял, аз як тараф, камбағаливу бекор гаштани худи Рамдаял фазои хонаро тиратар созад, аз тарафи дигар, духтарони ба балоғатрасида, ки ба ғайр аз кори хонаводагӣ дигар ба анҷом додани ягон коре раҳнамо нашудаанд, иқтисодиёти хонаро боз ҳам заифтар мегардонанд.

Ҳамин тариқ, Уша Приямвада дар ҳикояи “Дар банди чор девор” нисбат ба низоми зиндагӣ, номуътадилии муносибатҳои оилавӣ, поймол кардани ҳуқуқҳои занон, ки дар заминаи хушунат ва баъзе суннатҳои зарарнок бунёд шудаанд, эътироз баён карда, ҳама гуна хушунат, чӣ равонӣ ва чӣ ҷисмониро маҳкум мекунад.

Сужет ва воқеаҳое, ки Уша Приямвада дар ҳикояҳои худ қисса мекунад, аксаран заминаи ҳаётӣ дошта, аз таҷриба ва дидаву шунидаҳояш сарчашма гирифтаанд. Ӯ воқеаҳоеро аз зиндагӣ интихоб кардааст, ки дар назари инсони одӣ бениҳоят ночиз ҳастанд, аммо ба андешаи нависанда, маҳз ҳамин масъалаҳо гоҳо метавонанд тақдири инсонро ба куллӣ тағйир диҳанд. Яке аз чунин масъалаҳое, ки нависандаро ба изтироб овардааст, ин дар натиҷаи таъсири фарҳанги бегона аз фарҳанги миллии худ дур шудани насли ҷавон мебошад. Адиба дар ин ҷода таҷрибаи кофӣ дорад, зеро худ дар овони ҷавонӣ барои таҳсил намудан ба Амрико омада, бо марди америкоӣ ҳам оила бунёд мекунад. Омезиши ду фарҳанги аз ҳамдигар ба куллӣ фарқкунанда ба ҳаёт ва шахсияти Уша Приямвада бетаъсир намонд. Тамоми ҳолату эҳсосоте ки адибаро бо мурури замон фаро мегирифт, ё вазъияте, ки дар он қарор дошт, ҳамаи онро Уша дар асарҳояш бо як нозукӣ ба кор бурдааст. Ҳолатҳои равонӣ, эҳсоси танҳоӣ, пушаймониву саргардониҳои зиёд дар кишвари бегона касро бениҳоят хаставу ночор мекунад, аммо ҳаёт ин мубориза аст ва барои мавқеи худро дар ҷомеаи бегона пайдо кардан, гоҳо лозим меояд, ки аз баҳри пайвандону наздикон гузарӣ, аз фарҳанги худ даст кашӣ. Вале дар ин раванд, ақидаи Уша Приямвада тамоман дигар аст. Ӯ дар Амрико зиндагӣ ва фаъолият кардааст, вале бо забони худ беҳтарин асарҳояшро иншо намуда, аз фарҳанг, аз пайвандони худ дурӣ наҷуст, зеро мефаҳмид, ки маҳрум шудан аз ин неъмат-оқибат пушаймонист. Тақвияти ин гуфтаҳоро мо дар ҳикояи “Дар маҳтобшаби болои барф” дида метавонем. Дар ҳикояи “Дар маҳтобшаби болои барф” (“चांदनी में बर्फ पर”) якчанд масъалаи муҳим мавриди баҳсу таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳикояро нависанда дар Вискансин (Амрико), замоне ки дар он ҷо зиндагӣ ва кор мекард, иншо намуд. Моҳияти ҳикояи мазкур ба мисли ҳикояҳои “Моҳичаҳо” (“मछलियाँ”), “Барфи обшуда” (“पिघलती हुई बर्फ”) дар он зоҳир мегардад, ки он меҳру муҳаббате ки инсонҳои ба ҳам наздик доштанд, нисбист, зеро дар раванди зиндагӣ, бо таъсири ин ё он воқеаву ҳодисаҳои рзгор он алоқаҳо ба зудӣ канда шуда, муносибатҳои гарм ба сард табдил меёбанд. Дар ҳикояи “Дар маҳтобшаби болои барф” муносибати оилавии ду ҷавон Ҳеманти ҳинду ва Мираи америкоӣ, ки дар асоси ишқу муҳаббат бунёд шуда буд, оҳиста-оҳиста вайрон мешавад. Сабаби сард шудани муносибати онҳоро Уша Приямвада, пеш аз ҳама, дар фарҳангҳои мухталиф доштани онҳо мебинад. Мира, ки номи аслиаш Мери Мелник аст, америкоӣ буда, барои таҳсил ва омзиши забонҳои ҳиндӣ ва палӣ ба Банорас рафта, аз наздик бо зиндагӣ ва фарҳанги ҳиндуҳо ошноӣ пайдо мекунад. “Он солҳо мӯйҳои ктоҳи тиллоранг дошт ва либоси аврупоӣ бар тан ҷойҳои зиёди Ҳиндустонро саёҳат ҳам карда буд. Маҳз дар он замон бо ҷавони ҳинду Ҳемант шинос мешавад. Онҳо ба ҳамдигар меҳру муҳаббат карда, қарор медиҳанд, ки оиладор шаванд. Ишқи нисбат ба Ҳемант самимӣ буд. Мира бо хушӣ либоси аврупоии худро ба либоси ҳиндӣ-сарӣ иваз намуд. Агар мудохилаи Ҳемант намешуд, ҳатто мйҳояшро ранги сиёҳ мекард. Баъди хонадор шудан ҳарду қарор доданд, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ хоҳанд кард, вале бо гузашти на чандон вақти тулонӣ маълум гашт, ки бо маоши ночизи муаллимӣ рзгорро пеш бурдан, амри маҳол аст. Онҳо тарки Ҳиндустон карда, ба ватани Мира ба Амрико кӯч бастанд” [13, с. 54]. Дар фазо ва муҳити худ Мира тағйир ёфт, дар ин ҷо ҳамчун занҳои озоди ғарбӣ рафтор мекард. Бо ҷавони фаронсавӣ Пйер, ки бо ҳам дар майдони лижаронӣ шинос шуда буданд, бештар вақт мегузаронид. Ин мулоқотҳо ба

Ҳемант писанд наомада бошанд ҳам, вале ҷуръати эътироз карданро накард, танҳо худ ба худ андешид- “उस ने मीरा को इतनी स्वतंत्रता दी ही क्यों ?” “ Наход ки ба Мира ин қадар озодӣ дода бошад? ” Оҳиста –оҳиста Мира аз шавҳари худ Ҳемант дурӣ меҷяд ва ин дуриро Ҳемант низ эҳсос кард, вале дар сард шудани муносибатҳояшон худро гунаҳкор меҳисобад. Ҳемант фаҳмид, ки дар ҳаёти шахсӣ ба хатоӣ роҳ додааст, зеро дар ҷараёни зиндагӣ монеаҳои маънавӣ, равонию миллиро бартараф намудан кори басо мушкил баромад. Ӯ гоҳо рафтори Мираро бо занҳои ҳинду муқоиса карда, тафовут меҷуст. Зоҳиран назар афканем, миёни Ҳеманту Мира умумиятеро пайдо кардан мушкил аст. Ҳемант ҷавони булҳавас баромад, зеро то хонадор шудан ба Мира, бо духтари ҳамсояаш Калянӣ ошноӣ дошт. Духтари ҳамсояро ба умед намуда, худ думболи Мира тарки ватан кард. Баъди хонадор шуданаш ҳам, Ҳемант гоҳ-гоҳ аз Калянӣ ёд мекард. Ёди волидонаш ро азият медод, зеро дар ин қадар сол ҳама гуна алоқаҳоро қатъ карда буд. Охирин мактуби навиштаи падар “аз чор фарзанд, ӯ ҳоло се бача дорад, чорумин (яъне, Ҳемант) мурдааст ”ба тамом ро аз наздикону пайвандон ва зодгоҳаш дур намуд. Ӯ ба муҳити фарҳангии амрикоӣ “брендӣ”, “партӣ”ворид шуд. Ҳемант бо ҳиндуҳои дар Амрико таҳсил мекарда ҳам рафтуомад надошт, бо онҳо идҳои миллиро ҷашн намегирифт ва рафта-рафта танҳо монд, дар ҳолати яъсу ноумедӣ қарор дошт. Кч бастани собиқ дстдухтараш Калянӣ ба Амрико ҳолати ро боз ҳам мушкилтар намуд, зеро Калянӣ бо шавҳараш, ки хеши дури Ҳемант маҳсуб меёфт, омада буд. Ҳасрату надомат, пушаймонии Ҳемант охир надошт.

Уша Приямвада ба Мира ва Калянӣ бештар ҳусни таваҷҷуҳ дорад. Мира зани ҷавон аст ва дар дил орзуҳои зиёдеро парварида, бар хилофи хоҳишҳои волидонаш ба Ҳемант ба шавҳар баромад, барои пойдории оилааш зиёд кӯшиш кард, аммо Ҳемант бо ҳар баҳона аз канорачӣ намуда, худро аз Мира дур кардан гирифт. Байни Мираву Ҳемант муносибатҳо сард ва меҳр нопадид шуд. Ҳонанда Мираро гунаҳгор ҳисобида наметавонад, зеро шавҳарашро дст медошт, вале беэътиноии Ҳемантро Мира ҳам таҳаммул карда натавонист.

Дигар қаҳрамони ҳикоя Калянӣ мебошад, ки муаллиф ро танҳо дар охири ҳикоя дохил мекунад. Калянӣ мисли садҳо духтарони дигари ҳинду бо фарҳанги миллӣ баиффату шармгин тарбият ёфта буд. Оилаи онҳо дар наздикии хонаи Ҳемант зиндагӣ мекарданд ва бо хонаводаи Ҳемант дстӣ доштанд. Бузургони хона муносибати фарзандонашонро пазируфта, умед доштанд, ки пайванди Ҳемант ва Калянӣ дстии онҳоро боз ҳам мустаҳкамтар хоҳад кард, вале амали ғайричашмдошти Ҳемант умеди онҳоро барбод дод. Ишқи Калянӣ нисбат ба Ҳемант самимӣ буд. Ҳемант ҳам дар навбати худ Каляниро дст медошт, духтарро ба умед кард, вале дар охир ноҷавонмардона амал намуд. Калянии дилшикаста дигар чорае надошт, ба ҷуз оне ки ҳамаро хомшона таҳаммул карда, баъдан риштаи тақдири худро бо пешниҳоди волидонаш ба дасти ҷавони дигар, Авинаш супорад. Ӯ дар дил ҳанз меҳри Ҳемантро мепарварид, вале қадру қимати худро аз ин эҳсосоти бузург болотар донист. Вақте ки Ҳемант дар Амрико ро ба мулоқоти пинҳонӣ даъват кард, покизагиву муаддабиро, ки хосси занони шавҳардор ба ҳисоб меравад, авлотар дониста ҷавоби рад дод.

Ҷолиби диққат аст, вақте Уша Приямвада дар бораи саргузашти қаҳрамонҳояш нақл мекунад, ягон ҷузъиёте, ки ба муайян кардани шахсият, ҳолати равонии онҳо дахл дошта бошад, аз назари нодида монад. Чунончи, нишон додани вазъи ногувору камбағалона зиндагӣ кардани ҳиндуҳои дар хориҷа таҳсил ё кор карда истода ҳам, ки яке аз сабабҳои ба ҳолати маъюсӣ гирифтор шудани онҳо мебошад, ҳамеша дар таваҷҷуҳи адиба аст. Нависанда дар ҳикояи “Дар маҳтобшаби болои барф” вазъияти бади зиндагии қаҳрамононаш Калянӣ ва Авинашро чунин тавсиф медиҳад: “जानसन स्ट्रीट पर अधिकतर पुराने मकान हैं|एक-एक इमारत में कई-कई फ्लैट है| गर्द-भरी अँधेरी सीढ़ियाँ चढ़कर वे तीन नंबर के सामने पहुँचे|अविनाश ने दरवाज़े खटखटाया| यूनिवर्सिटि के आस-पास प्राय: ऐसे फ्लैट पाए जाते हैं जिन में अधिकतर एशियाई छात्र रहते हैं|अँधेरे, उदास कमरे, बेमेल फ़र्नीचर, पुराना बदरंगा कार्पेट|ऐसा ही अविनाश का फ्लैट था|” [15, с. 55].

“Дар кчаи Ҷонсон бисёртар иморатҳои куҳна ҳастанд. Дар ҳар як иморат якчанд хонаҳо. Зинапояҳои пурчангро баромада, онҳо дар рӯ ба рӯйи рақами се истоданд. Авинаш дарро тақ-тақ зад.

Дар гирду атрофи университет ҳамин хел хонаҳое ёфт мешаванд, ки дар онҳо бештар донишҷёни осиёӣ зиндагӣ доранд. Торик, таҷҳизоти фарсуда, қолини куҳнаву рангпарида. Хонаи Авинаш маҳз ҳамин хел буд”.

Барои ифода кардани ҳолати рӯҳию равонии қаҳрамонони ҳикоя Уша Приямвада инчунин, манзара ва ҳодисаҳои табиатро низ хеле бомаврид ба кор бурдааст. Дар оғози ҳикоя нависанда ҳавои зимистонро тасвир кардааст, ки он ба кушодани сюжети ҳикоя хизмат мекунад: “Тамоми рз офтоб медурахшид. Тобистон дар ҷое ки оби дарё кабуд буд, дар он ҷо ҳоло то дуриҳо танҳо барфи яхшуда ба назар мерасид”.

सारे दिन धूप खिली रही. ग्रीष्म में जहाँ झील का नीला पानी था, वहाँ अब दूर-दूर तक केवल जमी हुई बर्फ़ दिखाई देती थी ...([15, с.52].

Ин ҷумла аз муносибатҳои сардгаштаи зану шавҳари ҷавон Ҳемант ва Мира дарак медиҳанд. Калимаву ибораҳои “тобистон”, “оби кабуд” ба муносибати гарму пок ва ибораи “барфи яхшуда” ба ибораи “муносибатҳои сардшуда” муродиф шудаанд. Дар ҷойи дигар, лавҳаи мазкур: सूरज डूबने के बाद सर्दी एकाएक बढ़ गई थी और झील की ओर से आती हुई तीखी हवा हेम का शरीर बेधने लगी [15, с.53]. Баъди нишастани офтоб, хунукӣ афзуд ва аз тарафи дарё шамоли бошиддате вазида истода то ба мағзи сари Ҳем (Ҳемант) таъсир кардан гирифт”, падидаи сюжети психологӣ буда, зуҳуроти ҳаллу фасли муносибатҳои Ҳемант, завҷаи Мира ва Каляниро ифода мекунад. Адиба шиддати рҳии Ҳемантро ба ибораи “आती हुई तीखी हवा” “шамоли бошиддати вазидаистода” шабоҳат додааст.

Дар ҳикояи “Барфи обшуда истода” (“पिघलती हुई बर्फ़”) Уша Приямвада мардеро тасвир мекунад, ки бар хилофи қонунҳои ахлоқии инсонӣ баромада, ҷони ду нафарро дар хатар мемонад, ки дар натиҷа яке аз онҳо ҳалок шуда, дувумӣ маъюби якумрӣ мемонад. Кадом сабабҳо муаллими ҷавон ва олими умедбахш Акшайро (қаҳрамони марказӣ) ба чунин амали ҷиноӣ барангезониданд? Маҳз хислатҳои худхоҳӣ, тангназариву нотавонбинӣ дар тинати Акшай боло гирифту дар як лаҳзаи ктоҳ қотили хушбахтии оилаи зани шиносаш Судҳира гашт. Ин интиқоми ҷоҳилона, ки ба хотири аз тарафи Судҳира рад кардани муҳаббати Акшай сар зада буд, ҳаёти худи ро низ ба куллӣ тағйир медиҳад. Бадтарин ҷазо барои инсони соҳибақл-ин азоби виҷдон аст. Дар тӯли ҳаёт ро пушаймонӣ, ранҷҳо, шиддати рӯҳӣ, маъюсиву ноумедӣ, парешонҳолӣ, изтиробу тарс думболагирӣ хоҳанд кард.

Барои муайян намудани моҳияти иҷтимоии рйдодҳои зиндагӣ ва хулқу атвори инсон дар ҳикояҳои “Моҳичаҳо” (“मछलियाँ”), “Барфи обшуда” (“पिघलती हुई बर्फ”) ,”Алоқа” (“संबंध”) ва ғайра, Уша Приямвада ба таҷрибаи чандинсолаи халқ, фарҳанги миллӣ, тасаввуроти андешаҳои мардум ва ба мушоҳидаву қайдҳои худ муроҷиат кардааст.

Уша Приямвада дорои услуби хос буда, забонаш равон аст ва гуфтори қаҳрамонони ҳикояҳояш шево ва оммафаҳм, яъне бо назардошти завқи хонанда навишта шудааст. Таҷрибаи андхта ва чашми мушоҳидакораш ҷаҳонбинии адиба ва маҳорати нависандагии ро инкишоф дода, ба имконият дод, ки психологияи мардуми худ ва онҳоеро, ки бо амри тақдир ба Амрико кӯч бастанд, хуб фаҳмида гирад. Ин ҷиҳат барои кушода додани характери симои марказии асарҳояш, барои то зеҳни хонанда расонидани ҳадафҳои худ, кумаки худро мерасонад.

Ҳамин тариқ, ғояи асосии ҳикояҳои Уша Приямвада эътирози сахт нисбат ба ҳама гуна тазоҳуроти номатлуби иҷтимоӣ, ахлоқӣ, куҳнапарастӣ, торикии афкору андеша, маънавиёти паст ва бемаърифатӣ мебошад. Нависанда на танҳо моҳияти масъалаҳои иҷтимоиро мекушояд, балки дар ҳикояҳо оқибати фалокатбори ифротгароӣ, кинаву адоват, зрвариву хушунат, бемеҳрӣ ва бетарафӣ барин хислатҳои пасти инсонӣ мазаммат карда мешаванд. Нависанда, аз як ҷониб, норасоӣ ва омилҳои боздорандаи пешравиҳои ҷомеаро ошкор намояд, аз ҷониби дигар, тавассути андеша ва амалҳои қаҳрамонҳояш ақидаҳои пешқадами худро низ изҳор мекунад.

Дар поёни сухан, бояд таъкид кард, ки Уша Приямвада бо таълифоте, ки то имрз ба дасти хонанда расидааст, номи худро дар адабиёти муосири ҳиндӣ сабт кард ва “ин ранҷу заҳмати адибаро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҳиндустон адибаи хушсалиқаро бо мукофоти олии кишвар “Ордени Нилуфар” (“Падма Бҳушан”) сазовор донистааст. Дар ҳикояҳои Уша Приямвада масъалаҳои арзиши ҳастии инсон, тақдири , сарнавишти занон ва пайванди наслҳо, ахлоқу одоб мавқеи муҳим доранд” [3, с. 505]. Қаҳрамонҳои ҳикояҳои адиба дар инкишоф ва дигаргунии маънавӣ тасвир шудаанд, онҳо дар пайраҳаҳои зиндагӣ раҳгум мезананд, бо сабабҳои гуногун дар амалӣ намудани орзуҳои худ бечуръатӣ зоҳир кунанд ҳам, вале дар бештари маврид барои муайян кардани мавқеи худ дар зиндагӣ ё ҷомеа талош доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Раҷабов Ҳ.Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ: Рисола барои шарқшиносон ва филологҳо / Ҳ .Раҷабов. -Душанбе: Пайк, 1998.- С. 110.
2. Раҷабов Ҳ. Премчанд: Рисола барои донишҷӯён ва аспирантон / Ҳ.Раҷабов. -Душанбе: Истеъдод, 2015.-С. 214.
3. Раҷабов Ҳ. Адабиёт дар давраи нав: Рисола барои донишҷӯён ва аспирантон / Ҳ.Раҷабов. -Душанбе: “Эр граф”,2018. -С. 505.
4. Раҳматуллоева З.А.Бонувони насрнависи адабиёти ҳиндӣ / З.А. Раҳматуллоева.- //Паёми Осиё .-Душанбе: 2016. -С. 158.
5. Раҳматуллоева З.А. Нирмал Варма ва ҳикояи “Паррандаҳо” / З.А. Раҳматуллоева.- //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, 2016. - 4/4 (206) -С. 238.
6. Раҳматуллоева З.А. Ҳикояҳои ҳурди Манҷу Лата Тиварӣ / З.А. Раҳматуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, 2017.- 4/2 -С. 206.

7. Раҳматуллоева З.А. Феминизм дар адабиёти ҳиндӣ / З.А.Раҳматуллоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзи “Гаройишҳои навин дар филологияи мамлакатҳои Осиё ва Аврупо”Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: 2018. -С.67.
8. गोपाल राय. छायावादोत्तर काल/ राय गोपाल.- नगेन्द्र, हिन्दी साहित्य का इतिहास.-नयी दिल्ली: 1984.-C.693.
9. नामवार सिंह.कहानी नयी कहानी / सिंह नामवार.- कहानी नयी कहानी.-इलाहाबाद: 1982.-C.187.
10. बच्चन सिंह.स्त्री-लेखन की समानांतर दुनिया/ सिंह बच्चन.- हिन्दी साहित्य का दूसरा इतिहास.- नई दिल्ली: 2009.-C. 497.
11. राजेन्द्र यादव. उषा प्रियंवदा / यादव राजेन्द्र.-एक दुनिया समानांतर.- नयी दिल्ली:1985.-C.93.
12. राजेन्द्र यादव.आदमी की निगाह में औरत/ यादव राजेन्द्र.-नई दिल्ली:2006.-C.229. 13.विजयेन्द्र स्नाटक. प्रगतिवाद से वर्तमान युग तक/ स्नाटक विजयेन्द्र.- हिन्दी साहित्य का इतिहास.- नई दिल्ली: 2015. -C. 380.
13. गगनाण्चल.डॉ.शोभा निंबालकर/डॉ.शोभा निंबालकर.-गगनाण्चल.-नयी दिल्ली:2008 वर्ष 31.अंक 4.अक्टूबर-दिसम्बर. -C.32.
14. उषा प्रियंवादा. बनवास / प्रियंवादा उषा.- दिल्ली:2009.-C.259.

ИНъИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ УША ПРИЯМВАДА

Уша Приямвада яке аз нависандагони баркамоли адабиёти муосири ҳиндӣ ба ҳисоб меравад. Роҳи дар ҷодаи ҳаёт ва эҷод на ҳама вақт ҳамвор буд, вале дар ҳама вазъияту ҳолат Уша Приямвада дар майдони васеи адабиёт пайраҳаи хосси худро пайдо карда тавонист ва бо асарҳои ҷолиби худ хазинаи адабиро ғанӣ гардонид. Ба қалами садҳо ҳикояҳои ҷаззоб, ки дорои мавзуоти мубрами ҷомеаи Ҳинд мебошанд, тааллуқ доранд. Уша Приямвада дар ҳикояҳои худ нисбат ба ҳама гуна тазоҳуроти номатлуби иҷтимоӣ, куҳнапарастӣ, торикии афкор, маънавиёти паст, бемаърифатӣ, ноадолатӣ эътирози сахт изҳор мекунад. Нависанда на танҳо моҳияти масъалаҳои иҷтимоиро мекушояд, балки дар ҳикояҳо оқибати фалокатбори куҳнапарастӣ, кинаву адоват, зрвариву хушунат нисбат ба занон, бемеҳрӣ ва бетарафӣ барин хислатҳои пасти инсонӣ мазаммат карда мешаванд. Нависанда, аз як тараф, норасоӣ ва омилҳои боздорандаи пешравиҳои ҷомеаро ошкор намояд, аз тарафи дигар тавассути андеша ва амалҳои қаҳрамонҳояш андешаҳои пешқадами худро низ изҳор мекунад.

Калидвожаҳо: Уша Приямвада, нависанда, хусусият, масъалаҳои иҷтимоӣ, руҳафтодагӣ, ноумедӣ, характер, таҳлил, муносибатҳои оилавӣ, ҳуқуқи занон.

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ВОПРОСОВ В РАССКАЗАХ УШИ ПРИЯМВАДЫ

Уша Приямвада является одной из талантливейших писательниц современнной индийской литературы. Её жизнь и творческий путь не всегда были гладкими, но переодоливая все жизненые ситуации, она смогла найти свою творческую тропу и своими художественными произведениями обоготила индийскую литературу. Её перу принадлежат много интересных рассказов, которые тесно связаны с жизнью, думами, чаяниями, традициями индийского и западного общества. В своих рассказах Уша Приямвада поднимает важнейшие и актуальные вопросы индийской действительности. Писательница не только раскрывает суть социальных вопросов, но также в своих рассказах она показывает катастрофическое последствие противоположных сил добра-это жестокость, унижения, насилия в отношении женщин, наивные верования, безнравственность и бездушие. Если, с одной стороны, Уша Приямвада осуждает недостатки и причины, мешающие развитию и прогрессу общества, то, с другой стороны, посредством действии персонажей высказывает свои прогрессивные мысли.

Ключевые слова: Уша Приямвада, писательница, особенность, социальные вопросы, отчаяние, безнадёжность, характер, рассмотрение, семейные вопросы, женские права.

THE REFLECTION OF SOCIAL QUESTIONS IN THE USHA PRIYMVADA’S STORIES

The most talented writers of contemporary Indian literature is Usha Priyamvada. Her life and journey creativity were not always smooth, but overcoming all life situations, she was able to find her own creative path and enrich Indian literature with her works of art. She wrote many interesting stories which are closely connected with life, thoughts, aspirations, traditions of Indian and Western society. In his stories, Usha Priyamvada raises the most important and pressing issues of Indian reality. The writer not only reveals the essence of social issues, but also in her stories she reveals the disastrous consequence of the opposing forces of goodness — cruelty, humiliation, violence against women, naive beliefs, immorality, and heartlessness. If on the one hand, Usha Priyamvada discusses the shortcomings and causes that hinder the development and progress of society, on the other hand, through the action of the characters, she expresses her progressive thoughts.

Key words: Usha Priyamvada, writer, peculiarity, social issues, despair, hopelessness, character, consideration, family issues, women's rights.

Сведения об авторе: ***Рахматуллаева З.*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 907-90-70-56**

Information about the author: ***Rakhmatullaeva Z.*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Indian Philology, Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 907-90-70-56**

УДК: 891.550-1:82

ТАҲҚИҚУ БАРРАСИИ НАЗМИ МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ПАЖӮҲИШИ М.ШАКУРӢ

Набиева М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар баробари пажӯҳиши масъалаҳои жанр ва инкишофи насри давраи нави адабиёти тоҷик, инчунин ба таҳқиқу баррасии назми ин давра таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳама комёбиву махсусиятҳои давраи нави адабиёти тоҷикро ба ду шахсияти бузург устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ вобаста медонад. Дуруст аст, ки М.Шакурӣ оид ба эҷодиёти устод Лоҳутӣ асари алоҳида таълиф накардаанд, вале дар мақолаҳои алоҳида ва зимни таҳлили таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ба ашъори шоир борҳо муроҷиат карда, мақоми нигорандагӣ ва сухангустарии ӯро таъкид намудааст.

Адабиётшинос ақида дорад, Абулқосим Лоҳутӣ беҳтарин намунаҳои назми нави тоҷикро эҷод намудааст. Муҳимтарин асарҳои ӯ «Кремл», «Инқилоби сурх», «Мо зафар хоҳем кард», «Сафари Фарангистон», «Тоҷ ва байрақ» аҳаммияти бузурги ғоявию бадеӣ доштанд. Аз ин манзумаҳо тасвири реалистонаи воқеияти советӣ, тасдиқи ҳаёти имрӯза ва фардои мамлакати сотсиалистиро бомуваффақият аз худ карда истодани назми тоҷик намоён буд” [1, с.6].

Муҳаққиқ Абулқосим Лоҳутиро дар радифи барҷастатарин адибони советӣ ҳисобида, таъкид менамояд, ки ин шахсият солҳои сиюми садаи XX ба давраи камолоти эҷодӣ расида, бо эҷоди шоҳасарҳои худ пояи назми адабиёти давраи нави тоҷикро мустаҳкам намуд ва айёми ҷавонии худро дар Эрон сипарӣ намуда, дар оташи муборизаҳо обутоб ёфта, ба Иттифоқи Шӯравӣ ҳиҷрат мекунад ва дар мустаҳкам намудани сохти нави ҷамъияти сотсиалистӣ ва маданияти он нақши муассир мегузорад.

Адабиётшинос, пеш аз ҳама, ба шахсияти устод Лоҳутӣ, ба хизматҳои арзандаи ӯ дар солҳои таҳдиди аз байн рафтани халқи тоҷик, баҳои баланд додааст. Хусусан таъкид бар он дорад, ки бо кумаки устод Лоҳутӣ ба таври фаврӣ чоп гардидани тазкираи устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро бояд ҳар як халқи ватанпарвар фаромӯш насозад, чунки он вақтҳо дар сарнавишти халқи тоҷик як марҳилаи мудҳиштарин ба шумор мерафт ва ҳастии миллати тоҷик зери хатари фаношавӣ қарор дошт [1, с.5].

Адабиётшинос Абулқосим Лоҳутиро ҳамчун поягузори адабиёти советии тоҷик дониста афзудааст, ки ашъори ӯ дар тамоми дунё шуҳрат дорад ва “Ба Максим Горкий”, “Се қатра”, “Хабар”, “Ҷавоб ба иғвогарон”, “Бозгашт ба ватан”, “Ленин”, “Маънии одам”, “Бардор парда”, “Ба духтари Эрон” барин шеърҳо ва якчанд достонҳои ӯ ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шуда, номи ин шоири муъҷизаофарро зиёда машҳур гардонидаанд [2, с.6]. Қайд кардан ба маврид аст, ки ашъори Абулқосим Лоҳутӣ наздики 50 маротиба тарҷума ва нашр гардидааст.

Дар баробари ин, адабиётшинос ибрози андеша дорад, ки дар солҳои сиюм ва солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ як қатор шоирону нависандагон муборизони пешқадами роҳи озодӣ аз фашизм буданд, ки Абулқосим Лоҳутӣ низ дар ин радиф қарор дошт. Ӯ бо ашъори баландмазмуни хеш мардумро ба худшиносиву худогоҳӣ ва мубориза бурдан баҳри озодиву истиқлоли меҳан ташвиқу тарғиб менамуд.

Умуман, дар осори М.Шакурӣ сухан дар хусуси шеъри муосири тоҷик меравад. Устод Лоҳутӣ чун яке аз поягузорони шеъри нав бо муҳаббат ва самимият ном бурда мешавад: “Шуҳрате, ки шеъри Абулқосими Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода дар Тоҷикистон дошт, маҳбубияте, ки сурудаҳои дилпазири Муъмин Қаноат, Лоиқ, Бозори Собир, Гулрухсор, Аскари Ҳаким, Фарзона, Низоми Қосим ва чандин нафари дигар имрӯз дар Тоҷикистон пайдо кардааст, гувоҳӣ медиҳад, ки меҳри шеъри асил дар дили мардуми тоҷик ҳанӯз пойдор аст ва иншоаллоҳ, ки умри ҷовид хоҳад дошт” [3, с.396].

Дар радифи А.Лоҳутӣ устод Шакурии Бухороӣ инчунин, ба пажӯҳиши осори сарояндаи суруди сулҳ Мирзо Турсунзода пардохта, дар бораи фаъолияти шоир ва мавзӯву мундариҷаи шеърҳои ӯ, маҳорати шоир ва шуҳрати шеъри шоир дар аксар мамолики ҷаҳон таҳқиқоти пурмуҳтаво анҷом додааст.

Дар мақолаи “Халқияти назми Турсунзода” адабиётшинос иброз менамояд, ки аз аввалин шеърҳои Мирзо Турсунзода маълум буд, ки аз дилу ҷон шеър мегӯяд. Инчунин, муҳаққиқ ироа менамояд, ки аз аввалин шеърҳои шоир ғояи олии гуманистӣ намудор буда, мавзӯъҳои асосии дар ашъораш матраҳнамудаи ӯро ситоиши сулҳу дӯстӣ, ватанпарастиву худогоҳӣ ва хештаншиносӣ ташкил медиҳанд. “Масъалаи ҷангу сулҳ аз масъалаҳои ҷовидонии адабиёти халқҳои ҷаҳон аст. Шояд халқе ва мутафаккире набошад, ки дар сари ин андеша масъала наронда бошад” [4, с.36] “... назми Турсунзода савияи баландтари худогоҳии халқ, савия замони моро дар худ акс дод” [5, с.16].

Муҳаммадҷони Шакурӣ таҳқиқиқотро дар самти омӯзиши фаъолияти М.Турсунзода идома дода, дар мақолаи “Халқияти назми Турсунзода” заминаи халқияти назми шоирро ҳамоно дар омӯзиши фолклор ва адабиёти классикии тоҷик медонад. Ва ҳамчунин ибрози ақида менамояд, ки дар шеърҳои Мирзо Турсунзода ҳисси олии ватандӯстӣ, оҳанги пурқуввати мудофиаи Ватан ҳувайдост. Барои тақвияти фикр байтеро низ аз шоир мисол меорад:

Ту зинда бош, Ватан - хонаи умеди халқ,
Ки бе ту нест дилу ҷони шодмон ҳаргиз.
Даме, ки мешумурам пурбаҳо суханҳоро,
Баландтар зи Ватан нест дар забон ҳаргиз... [4, с.38].

Муҳаққиқ воситаи асосии ба дили халқ роҳ ёфтани шеърҳои М.Турсунзодаро, пеш аз ҳама, дар содагию равонӣ ва хушоҳангии ашъори ӯ, дар мувофиқат намудан ба табъу завқи мардум арзёбӣ мекунад. Ғайр аз ин, муаллиф таъкид бар он мекунад, ки таъсир пазируфтан аз самимият ва назокати асарҳои халқӣ, яке аз хусусиятҳои муҳимми эҷодиёти шоир Турсунзода маҳсуб меёбад. Шоир пайваста ғояи олии ватандӯстиро дар осораш тарғиб менамояд, меҳру муҳаббати хоки диёрро тараннум мекунад.

Дар навбати худ муҳаққиқ заминаи ғояи гуманистии ашъори Мирзо Турсунзодаро баргирифта аз гуманизми Саъдӣ медонад ва барои тақвияти гуфтаҳои хеш аз онҳо байтҳо мисол меорад:

Саъдӣ:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд,
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Мирзо Турсунзода:

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам торочгашта кишваре.

Устод Шакурии Бухорой Мирзо Турсунзодаро вассофи сулҳу осоиш, дӯстиву бародарии халқҳо медонад ва ӯро мунодии сулҳ ном мебарад.

Аз таълифоти М.Шакурӣ маълум мегардад, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавзӯи ватандӯстӣ дар ашъори Турсунзода боз ҳам вусъат ёфта, андешаҳои меҳандӯстии шоир дар навиштаҳои «Хайр, модари азиз», «Баҳодури тоҷик», «Ҳамшираҳо», «Роҳи оҳан», «Ба ҷанг» баръало намудор мегардад. Достони «Писари Ватан» калонтарин асари М.Турсунзода буда, мавзӯи достон иштироки фаъоли фарзандони тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва муборизаи фаъолонаи онҳо бар зидди фашистон маҳсуб меёбад. Муаллиф ҷанбаи романтикии ин достонро хеле пурқувват арзёбӣ мекунад.

Асарҳои мансуру мазмуни Мирзо Турсунзода «Мамлакати тиллоӣ», «Водии Ҳисор», «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз шарқи озод», «Ҳасани аробакаш», «Садои Осиё», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремл» бо фарогирии муҳимтарин масъалаҳои ҷомеа, эътибори ӯро миёни адибони номдори мамолики гуногуни олам зиёд гардониданд.

Ҳамин тавр, муҳаққиқи барҷаста Мирзо Турсунзодаро дар радифи машҳуртарин адибони ҷаҳон қарор дода, қайд менамояд, ки ашъори ӯ бо забонҳои гуногуни ҷаҳон борҳо нашр гардидаанд.

Аз нигоҳи М.Шакурӣ мавзӯи сулҳ ва дӯстии халқҳо дар назму публитсистикаи М.Миршакар, дар шеърҳои М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ ва дигарон низ инкишоф ёфта, фаъолияти ҷамъиятӣ ва мавзӯъҳои иҷтимоию сиёсӣ оҳанги публитсистӣ ва рӯҳияи ватандӯстии назму насрро бештар қувват додаанд ([6, с.9].

Адабиётшинос дар баробари нақду пажӯҳиши чеҳраҳои гуногуну шинохтаи адабиёти советии тоҷик, инчунин ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиёт, ба монанди таҳаввулу инкишофи жанрҳои адабӣ, умумияту махсусияти анвои адабии классикӣ бо адабиёти давраи нави тоҷик, хусусиятҳои умдаи назми ин даврон пардохта, дар ин бора таҳқиқоти фарогир анҷом додааст, ки “Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он” намунае аз онҳост.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки шеъри лирикӣ фикру ақидаи шоирро ба воситаи эҳсосоти шахсии ӯ ифода менамояд. Дар лирика, мегӯяд адабиётшинос, эҳсос ва ҳаяҷон мавқеи асосӣ дошта, шоир ҳама фикру ҳиссиёти худро аз мушоҳидаи воқеият пайдо менамояд ва бо як қувваи бузург ин ҳамаро ифода намуда, ба хонанда таассуроти амиқ мебахшад ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар лирика аҳамияти муҳим дорад. Устод Шакурӣ шеърҳои Ф.Ансорӣ “Бо ҳунар зебост ёр”, “Зебоии ҳаёт”, рубоиҳои А.Сидқӣ “Ду дил”, Б.Ҳоҷӣ “Суруди чӯпон” ва чандеи дигарро намунаҳои беҳтарин шеъри лирикӣ ҳисобидааст.

Ба қавли муҳаққиқ шоире, ки дар лирика маҳорати фавқулода дорад, ҳатман ба дунё ва ҳодисаҳои гуногуни он аз диди инсонӣ назар мекунад. Аз он сабабе, ки лирика фикру ҳаяҷони гуногуни инсониро воситаи тасвир қарор медиҳад, воқеан фалсафаи зиндагиро

хеле хуб ифода менамояд. Дар назми ҳар давра фалсафаи ҳамон замон матраҳ мегардад. Шоирони классики адабиёти форсу тоҷикро муҳаққиқ мутафаккирони бузурге меҳисобад, ки дар бораи зиндагӣ ва ҳодисаҳои гуногуни вобаста ба ҳаёти худ мулоҳизаҳо ронда ва дар навбати худ дар қолаби шеър ин андешаҳои хешро баён намудаанд. Ин аст, ки эҷодиёти онҳо аз мазмунҳои фалсафӣ бой аст ва мазмуни фалсафии шеъри тоҷик дар давраи нави адабиёт низ пурқувват гардидааст: “Адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамеша ба муаммои зиндагӣ, ба тақдири башарият майлу рағбати тамом дошт. Фалсафаписандӣ ва ҳикматпарварӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои он буд. Оҳанги публитсистӣ, муроҷиат ба умдатарин масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, ки аз солҳои револютсия хеле қувват гирифт, ба мазмуни фалсафии шеъри тоҷик сифатҳои нав илова кард, ба он як навъ бурроӣ ва тезию тундии махсуси
иҷтимоӣ ато намуд” [7, с.6].

Вобаста ба ин нуқтаи назар, яъне “дарки бадеии фалсафӣ” муҳаққиқ ашъори Лоиқ Шералиро намунаи барҷастаи ин гуна ашъор ҳисобида, иброз медорад, ки дар андешаҳои ӯ на фақат нақши боризи шеърҳои шоирони бузурги адабиёти классики тоҷик Рӯдакӣ, Хайём, Саъдӣ ва Ҳофиз баръало намудор аст, балки гоҳо дар эҷодиёти ӯ “ботинан ҳамбастагӣ” ба осори шоирону мутафаккирони бузурги ҷаҳон Гёте, Ҳайне, Витмен, Э.Межелайтис, Р.Ғамзатов ва чандин бузургони дигар ба мушоҳида мерасад [7, с.7].

Ҳамчунин, устод Шакурӣ ибрози андеша дорад, ки аз аввали пайдоишаш назми советии тоҷикро мазмуни публитсистӣ фаро гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, оҳанги публитсистӣ касб намудани назм, ин муроҷиат ба масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятию сиёсист, ки дар заминаи инқилоб қувват гирифта, ба мазмуни фалсафии шеъри тоҷик хусусиятҳои нав бахшида, ба он оҳанги махсуси иҷтимоӣ бахшид.

Адабиётшинос оҳанги публитсистии достонҳои “Тахти хунин”-и П.Сулаймонӣ, “Тоҷу байрақ”-и А.Лоҳутӣ, «Се саду шасту шаш паҳлу»-и Ғаффор Мирзоро махсус қайд намудааст.

Дар баробари ҳамаи ин, аҳамияти омӯхтани хусусиятҳои романтикии назми советии тоҷикро муҳаққиқ барои муайян кардани шаклҳои гуногуни адабӣ, методҳои адабӣ, таъйин намудани баъзе хусусиятҳои миллии адабиёти ҳозираи тоҷик муҳим арзёбӣ менамояд. “Омӯхтани хусусиятҳои романтикии назми советии тоҷик барои муайян кардани гуногунии шаклҳои адабиёти реализми сотсиалистӣ, барои таъйин намудани баъзе махсусиятҳои миллии адабиёти ҳозираи тоҷик аҳамияти калон хоҳад дошт. Ба ин муносибат боз як масъалаи муҳим тақдири таърихии анъанаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик, муқаддасоти имрӯзаи онҳо низ то андозае равшан хоҳад шуд” [7, с.90].

Вақте ки сухан оид ба услуби романтикии тасвир меравад, муҳаққиқ ин масъаларо вобаста ба қиёси ашъори гузаштагон матраҳ месозад, зеро шеъри давраи нави тоҷик дар пояи асарҳои барҷастаи адибони классикӣ рушду нуму мекунад.

Дар мақолаҳои оид ба назм навиштаи М.Шакурӣ на танҳо муқоисаи назми давраи нав ба назми гузашта, инчунин қиёси осори адибони давраи нав мавқеи назаррас дорад. Умуман, қиёсу муқобала як воситаи беҳтару хубтар муайян намудани ҳусну қубҳи асарҳои матраҳшаванда аз тарафи муҳаққиқ маҳсуб меёбад. Масалан, ӯ достонҳои “Ҷанги одаму об”-и С.Айнӣ, “Тоҷу байрақ”-и Лоҳутӣ ва “Тахти хунин”-и Пайрав Сулаймониро ба ҳам муқоиса намуда, ба натиҷа мерасад, ки: “Айнӣ дар достони “Ҷанги одаму об” ҳам ба воқеа ба рафтору ҳиссиёти қаҳрамонҳо хусусиятҳои фавқулода нисбат дода, бо санъати суханварӣ ба қиёфаи онҳо шукӯҳу азамате бахш намудааст. Лекин ӯ ба тасвири тантанадори пурҳиссиёт гоҳо оҳанги лирикӣ ва нақшу рангҳои ҷилодори назаррабо низ илова намудааст. Як фарқи достони ӯ аз достони Лоҳутӣ (“Тоҷу байрақ” – Н.М.) ҳамин аст. Дар услуби романтикии «Тахти хунин» оҳанги публитсистии патетика пурзӯртар бошад, достонҳои Лоҳутиву Айниро достони романтикии қаҳрамонӣ номидан мумкин аст, зеро онҳо ҷиҳатҳои қаҳрамононаи шахсияти меҳнаткаши одӣ ва бунёдкори ҳаёти навро падид овардаанд, онро тараннум кардаанд. Романтизми Пайрав ва романтизми Лоҳутиву Айнӣ аз якдигар фарқ дорад” [7, с.96].

Дар баробари ҳамаи ин, нуктаи ҷолиби дигар дар пажӯҳиши муҳаққиқ ин аст, ки ӯ “романтика ба тасвирҳои ҳаҷвӣ низ бегона нест, карикатура ва муболиғаву иғроқҳои ҳаҷвӣ ҳам аксаран аз парвозҳои романтикӣ баҳраманд гардидаанд” менигорад [7, с.97] ва мисоли барҷастаи ин гурӯҳро достони А. Ҳамдӣ «Каримбой дар хонаи худо» муаррифӣ мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Шукуров М., Сайфуллоев А. Раҳим Ҷалил. Очерки мухтасари эҷодиёти нависанда ба муносибати ҷашни панҷоҳсолагии ӯ / М.Шукуров, А. Сайфуллоев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. - 54 с.
2. Шукуров М., Шодиқулов Х. Пайванди дӯстӣ ва бадхоҳони он (Дар бораи дӯстони хориҷӣ ва советшиносӣ); таҳти назари М.Осимӣ / М.Шукуров, Х.Шодиқулов. - Душанбе: Дониш, 1978. – 32 с.
3. М. Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. - Душанбе, 2006. - 456 с.
4. Шукуров М. Вассофи сулҳу осоиш, таронагӯи дӯстиву бародарии халқҳо (Ба муносибати 70-умин зодрӯзи

Мирзо Турсунзода) / М. Шукуров // Коммунисти Тоҷикистон, 1981. - № 9. - С. 36-45.
5. Шукуров М. Мактаби одамият (Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият) / М. Шукуров. – Душанбе: Адиб, 1991. - 272 с.
6. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди IV / М.Шукуров. - Душанбе: Дониш, 1980. - 384 с.
7. Шукуров М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 273 с.

ТАҲҚИҚУ БАРРАСИИ НАЗМИ МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ПАЖӮҲИШИ М.ШАКУРӢ

Муаллиф дар мақола ибрози ақида менамояд, ки адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар баробари пажӯҳиши масъалаҳои жанр ва инкишофи насри даврои нави адабиёти тоҷик, инчунин ба таҳқиқу баррасии назми ин давра таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳама комёбиву махсусиятҳои даврои нави адабиёти тоҷикро ба ду шахсияти бузург устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ вобаста медонад. Инчунин, дар мақола таъкид мегардад, ки ба қавли адабиётшинос М.Шакурӣ Абулқосим Лоҳутӣ беҳтарин намунаҳои назми нави тоҷикро эҷод намудааст. Муҳимтарин асарҳои ӯ «Кремл», «Инқилоби сурх», «Мо зафар хоҳем кард», «Сафари Фарангистон», «Тоҷ ва байрақ» аҳаммияти бузурги ғоявию бадеӣ доштанд. Ҳамчунин муаллиф қайд менамояд, ки аз рӯйи аз таълифоти М.Шакурӣ маълум мегардад, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавзӯи ватандӯстӣ дар ашъори шоирон боз ҳам вусъат меёбад ва муаллиф ҷанбаи романтикии ин достонро хеле пурқувват арзёбӣ мекунад. Ҳамчунин, муаллиф нуктаи ҷолиби дигарро дар пажӯҳиши устод Шакурӣ дар он мебинад, ки ӯ "романтика ба тасвирҳои ҳаҷвӣ низ бегона нест, карикатура ва муболиғаву иғроқҳои ҳаҷвӣ ҳам аксаран аз парвозҳои романтикӣ баҳраманд гардидаанд" менигорад.

Калидвожаҳо: М.Шакурӣ, муҳаққиқ, назм, адабиёти даврои нав, М.Турсунзода, А.Лоҳутӣ, пажӯҳиш, романтика, лирика.

ИССЛЕДОВАНИЕ И РАССМОТРЕНИЕ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПРОЗЫ В ИССЛЕДОВАНИЯХ М. ШАКУРЇ

Автор в статье констатирует, что литературовед Мухаммадджон Шакури Бухороинаравне с исследованием проблем жанра и развития прозы нового периода таджикской литературы также занимался исследованием и изучением прозы данного периода и все достижения и особенности нового периода таджикской литературы связывает с именами двух великих личностей – с Садриддином Айни и Абулькасымом Лахути. Также в статье делается акцент на том, что по мнению М.Шакури Абулькасым Лахути сочинил лучшие примеры новой таджикской поэзии. Важнейшие его сочинения «Кремль», «Красная революция», «Мы победим», «Путешествие во Францию», «Корона и знамя» имеют важное идейно-художественное значение. Также автор отмечает, что по произведениям М.Шакури становится понятным, что в годы Великой Отечественной войны тема патриотизма в наследии поэтов приобретает новое еще большее значение и автор романтический аспект данного периода очень сильно оценивает. Также автор видит еще один примечательный факт в исследовании М.Шакури в том, что ему не чужды романтика и юмористические пейзажи, карикатура и смешные репризы, которые берут начало из его романтических полетов.

Ключевые слова: М.Шакури, исследователь, проза, литература нового периода, М.Турсунзаде, А.Лахутиї, исследование, романтика, лирика.

STUDY AND CONSIDERATION OF MODERN TAJIK PROSE IN RESEARCH M. SHAKURÏ

The author states that the literary scholar Muhammadjon Shakuri Bukhoroin compares to the problems of the genre and development of the prose of the new period of Tajik literature also studied and studied the prose of this period and connects all the achievements and features of the new period of Tajik literature with the names of two great personalities - Sadriddin Aini and Abulkasim Lahuti. The article also emphasizes that, in the opinion of M. Shakuri, Abulkasym Lakhuti composed the best examples of the new Tajik poetry. His most important works, the Kremlin, the Red Revolution, We Will Win, Journey to France, the Crown and the Banner, have important ideological and artistic significance. The author also notes that from the works of M. Shakuri it becomes clear that during the years of the Great Patriotic War, the topic of patriotism in the heritage of poets acquires a new and even greater significance and the author appreciates the romantic aspect of this period. The author also sees another remarkable fact in the study of M. Shakuri that he is not alien to romance and humorous landscapes, caricature and funny reprise that originate from his romantic flights.

Key words: M.Shakuri, researcher, prose, literature of the new period, M.Tursunzade, A.Lahutii, research, romance, lyrics.

Сведения об авторе: ***Набиева Мехрангез Назаровна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **mehrangez2009@mail.ru**

Information about the author: ***Nabiyeva Mehrangez Nazarovna*** - Tajik National University, Researcher of the department of the theory and the newest Tajik and Persian literature **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **mehrangez2009@mail.ru**

УДК: 491.550+491.55

НИГОҲЕ БА МАФҲУМИ «МАТНИ СИЁСӢ» ВА «ГУФТМОНИ СИЁСӢ»

Алҷуанӣ Султон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равшан аст, ки дар замони муосир тарҷума ба назардошти густариши рӯзафзуни ҳаҷму доманаи иртиботу алоқаҳои умумӣ яке аз навъҳои мубрами фаъолияти забонӣ ба шумор меравад. Забонҳои тозае вориди муоширати расмӣ мегарданд ва ба мушкилоту

монеаҳои забонӣ афзуда мешавад. Бешубҳа, мушкили асосӣ дар паҳнсозӣ ва вусъатёбии иттилоот ва махсусан иттилооти илмиву фаннӣ, ки таъйинкунандаи сатҳи рушду инкишофи тамаддуну фарҳанганд, монеаву садҳои забонӣ ба шумор мераванд.

Аз сӯйи дигар, тарҷума як падидаи забоншиносона аст, ки дар чаҳорчӯби иртиботи забонӣ сурат мегирад ва мутарҷим, ки дар ин миён нақши калидӣ дорад, фаъолияти тарҷумонии худро дар шароити мухталиф анҷом медиҳад. Маводи мавриди тарҷума низ аз нигоҳи мавзӯъ, забон, мансубияти навъӣ гуногунанд. Тарҷумаҳо тибқи маъмул ба тарзи хаттӣ ва шифоҳӣ иҷро карда мешаванд. Талаботе, ки вобаста ба дақиқу комил будани тарҷума, мутарҷимон пешорӯ доранд, мутафовит аст. Гурӯҳе аз навъи тарҷумаҳо аз мутарҷим донишу малакаи хоссеро тақозо мекунад. Вале новобаста аз он, ки тарҷума дар чӣ соҳае сурат мепазирад, мутарҷим ба матн сару кор дорад. Дар адабиёти илмӣ маъмулан филологҳоро мутахассисони матншинос медонанд. Беҳуда нест, ки асосу бунёди бисёре аз риштаҳои филологияро таҳқиқу омӯзиши матнҳои гуногунмуҳтаво ва мансуб ба риштаҳову сабку услуби мухталиф ташкил медиҳад. Ҳарчанд матн ҳамчун унсури асосии каломи башарӣ дар тӯли замон ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқону донишмандон қарор дошта, вале назарияи матн танҳо дар нимаи дуюми қарни сипаришуда ҳамчун шохае аз илми забоншиносӣ ба зуҳур расид. Имрӯз соҳаи махсусе дар забоншиносӣ зери унвони «забоншиносии матн» мавҷуд аст, ки ба таҳқиқу арзёбии тамоми ҷанбаҳои матн машғул аст. Бояд хотиррасон намуд, ки зуҳури назарияи матн ҳосили тамоми пажӯҳишҳое буд, ки дар заминаи улуми филология ва ҳусни баён дар имтидоди замон анҷом гирифта буд. Аслан улуми мазкур дар даврони антиқа шакл гирифта буданд. Вале дар он даврон матн ҳамчун мавзӯи мустақими ҳусни баён вуҷуд надошт. Зимни ҳаракату дақиқтараш амали он таваҷҷуҳи аслӣ ба хитоб ва мухотаб ё шунаванда буд, навъҳои мушаххаси матнҳо ва тасаввури умумӣ дар бораи онҳо ҳамчун падидаи мустақил мавриди назар набуд.

Мутахассисони ҳусни баён ё фанни хитоба дар таъйини унсурҳои корсози нутқ нақш доштанд. Унсурҳое, ки қонунҳои баёниро ташкил менамуданд. Аз ҷумла, халқу офариниши нутқ, сохтори нутқ ва тазйини он бо таркиботи каломӣ. Бар хилофи ҳусни баён риштаи филология, ки дар солҳои поёнии даврони антиқа ҳамчун фаъолияту пешае барои ҷамъоварӣ ва омӯзиши ёдгориҳои хаттӣ ба вуҷуд омад, танҳо ба матн сару кор дошт. Дар ибтидои зуҳури риштаи филология яке аз вазифаҳое, ки назди филологҳо қарор дошт, аз таҳлилу арзёбии заминаи пайдоиши матн, омӯзиши шароити вуруди он ба фарҳанг, дарёфти қонунмандиҳои фаҳму дарк ва шарҳи он иборат буд.

Макон ва вазъе, ки дар фазои он хитоби сурат мегирифт барои мутахассисе ҳусни баён муҳим буд, барои филолог бошад шароити вуҷудии матн. Таваққуи филолог аз матн таъмини дарку шинохти он ва мақсади мутахассиси ҳусни баён муътақид сохтани мухотаб ё шунаванда буд. Бад-ин тариқ то нимаи дувуми қарни бистум иттилооти фаровони таҷрубӣ ва пажӯҳишҳои назариявӣ дар атрофи матн гирдоварӣ шуд, ки заминаи мусоидро барои пайдоиши назарияи матн фароҳам намуд. Имрӯз дар илми забоншиносӣ яке аз бахшҳо гурӯҳбандии матнҳо аст, ки миёни анвои мавҷуд қисмати умдаро матнҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд.

Ба назардошти ин лозим медонем дар оғози ин боб чанд нуқтаеро дар атрофи мафҳуми «матни сиёсӣ ва гуфтмони сиёсӣ» зикр намоем.

Қобили зикр аст, ки рушду камоли асбобу абзори сиёсӣ, нақши рӯзафзуни воситаҳои ахбори улум, густариши бесобиқаи фаъолияту амалкардҳои сиёсӣ, заминаҳои лозимро барои ҷалби таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷомеа ба назария ва амалияи иртибототи сиёсӣ фароҳам месозанд. Дар ин росто гуфтмони сиёсӣ барҷастарин падидаест, ки бо он ҳар рӯз рӯ ба рӯ мегардем. Мавзӯъ ва ангезаи корсози ин заминаи муошират бидуни шак мубориза барои дастёбӣ ба қудрату ҳокимият аст. Фазои бозу демократии зиндагии иҷтимоӣ яке аз омилҳои ҷалби рӯзафзуни диққати ҷомеа ба забони сиёсат мегардад.

Аз ин рӯ, замоне ки сухан аз сиёсат ва масоили ходди сиёсӣ дар миён аст, таваҷҷуҳи хосси мухотабон ба калимоту таркибот ва мафҳумҳои сиёсӣ беиллат нест. Аслан фаъолияту амалкардҳои сиёсӣ ҷанбаи гуфтмонӣ доранд. Ба ин маънӣ, ки дар доираи гуфтугӯҳо ва анвои мухталифи матнҳо сурат мегиранд. Гуфтаҳо ва навиштаҳо созандаи воқеияти сиёсӣ ба шумор мераванд ва ҳар сухане, ки аз ҷониби сиёсатмадорон ба таври расмӣ эрод мегардад, ба аъмоли иҷтимоӣ мусовӣ, баробар шумурда мешавад, ҳарчанд маънии амали иҷтимоӣ ба маънои таҳтуллафзии матлаби ироашуда баробару ҳамсанг набошад.

Забони сиёсӣ аз забони маъмулӣ тафовути зиёде дорад. Забони сиёсӣ шомили вожагону истилоҳоти хосси сиёсӣ аст. Дар чаҳорчӯби ин забон калимоту таркибот ва нишонаҳои забонӣ маънии фаротаре доранд.

Пеш аз шарҳу баёни густурдае мафҳуми матни сиёсӣ муносиб ба он назар мерасад, то мафҳуми «матн»-ро мавриди арзёбӣ қарор диҳем.

Бояд зикр намуд, ки замони тӯлониест, ки мафҳуми матн зеҳну ҳуши намояндагони ришта̄ҳои гуногуни илмро аз қабили забоншиносӣ, равоншиносии забон, сабкшиноси забон ва ғайра ҳамчун воҳиди аслии муошират каломӣ ба ҳуд маътуф доштааст. Бо ин ки матн падидаи ниҳоят буғранҷу печида ва пурборест, ки то ба ҳол таъриху шинохти ҷомеа ва ягонае аз он мавҷуд нест, дидгоҳҳои пуршуморе дар таърифу табсираи матн мавҷуд аст. Ин ақидае аз соҳибназарони матн побанди муаллиф ё холиқи он аст.

Аз ҷониби андешаву ақидаҳои пуршумор дар шарҳу баён ва шарҳу тафсири матн гувоҳ бар аҳаммияту арзи моҳияти он мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқи рус М.М.Бахтин матн фарогири иттилооти муқаддамотии тафаккури фалсафиву улуми инсонӣ ва воқеияти мустақимест, ки аз домани ин фанҳо бармехезад. Масоили марбут ба моҳияти матн тавассути ин иттилоот ҳаллу фасл мегардад. Мавсуф зимни таҳлилу баррасии баён ҳамчун воҳиди воқеии муошират каломӣ ба сатҳи зоҳирии он, яъне муносибати баён ба гӯянда ва дигар ширкаткунандагони амали муошират таваҷҷуҳи вижа дошт [1, с.281].

Тарҳу баррасии матн ҳамчун нишонаи офаринандаи нутқ кашфи муҳимме буд. Маъношиносӣ имконоти густурдаеро дар таҳқиқи матн ҳамчун нишонаи комил ва мунъакискунандаи воқеияти айни фароҳам овард. Матн шомили сохтори нишона буда, фарогири шеваву усулҳои баёну муҳтавои мавриди назар аст. Асоси ҳар шарҳу тафсири нишонаии матнро мавзӯи маънишиносони сохтории падидаву рухдодҳо ташкил мекунад. Ба сифати мисол сохтори матнҳои коргузорӣ инъикоскунандаи муносиботи расмӣ ва корӣ мебошанд. Сохтори як матни илмӣ гувоҳ бар талоши илм дар шарҳу баёни ҷаҳону падидаҳои он аст. Ба дигар сухан, матн иборат аст аз тасалсул ва пайдарҳамии нишонаҳое, ки пушти ҳам дар муносиботи гуногун қарор мегиранд. Матн дорои сохтори муайян буда, мушкилоту печидагии он ба таври мустақим аз печидагии иттилооти интиқолшаванда вобаста аст. Матн аз дидгоҳи муҳаққиқи дигари рус И. Р. Галперин ба тарзи дигар фаҳмида мешавад. Мазкур бар ин назар аст, ки нутқи шифоҳӣ, ки ифодаи хаттӣ надорад, гузашта аз ин низоми хоссу тасалсул надорад, наметавонад матн шумурда шавад. Матн дорои низому тартиби хос ва низоми муайян аст. Ба қавли Л.Р.Зиндер бошад «шакли хаттии нутқ афсонае беш нест. То замоне ки нутқ бозтоби басарии нишонаӣ дорад ва аз ҷониби инсон пазируфта нашудааст, ҷисми мурдаеро мемонад. Нутқ ҳангоме аслият пайдо менамояд, ки вориди иртибот мешавад, ба дигар сухан хонда мешавад» [4, с.21].

Бар асоси шарҳи фарҳангу доиратулмаорифҳо матн иборат аз тасалсули ҷумлаҳо, вожагон (дар маъношиносии нишонаҳо) аст, ки бар мабнои қоидаҳои забони мавриди назар, низоми нишонаии мавриди назар ва иттилооти созанда ба вуҷуд меояд.

Дар ҷойи дигар таъкид шуда, ки матн асаре мебошад, ки дорои аҳдоди муайян ва раҳнамудҳои амалӣ мебошад.

Гузашта аз ин, манзур аз матн вожагону ҷумлаҳое метавонанд бошанд, ки миёни худ пайванди муайяну тасалсули пайдарҳам доранд ва баёну иншо ё санадеро халқ мекунанд.

Масъалаи дигаре, ки зимни баррасӣ ва арзёбии матн ҷалби назар менамояд, ба вижагиҳои матн пайванд мехӯрад. Масалан, аз нигоҳи муҳаққиқи рус Ю.М. Лотман матн фарогири хусусиятҳои зерин мебошад: ҳолати таҷассумӣ дорад. Ба ин маънӣ, ки бо нишонаҳои муайян мундариҷ аст ва бо ин ҷанбааш аз сохторҳои бурунматнӣ фарқ мекунад; дорои ҳадду марзи хос аст, яъне маънои ягонаи матнӣ дорад; сохтори вижа дорад [5, с.17-69].

Қобили зикр аст, ки меъёрҳои пуршуморе мавҷуданд, ки бар асоси онҳо матнҳо гурӯҳбандӣ ё тасниф мешаванд. Масалан, бо назардошти вижагиҳои сохторӣ ва нақши корбурдиву маъноӣ матнҳоро ба навъи матнҳои забоншиносона ҷудо мекунанд. Аз сӯйи дигар, матнҳо вобаста ба нишонаҳои забоншиносона ба навъҳои дигар мисли тавсифӣ, шарҳу тавзеҳӣ, мустанад ва дастурӣ ҷудо мешаванд.

Матолибе, ки ба ин навъи матнҳо мундариҷ аст, имкон дорад инъикоси падида ва тағйиру таҳаввул дар фазову макону замон, тасаввуру дарки гӯянда, муҳтавои байни гӯянда, матолиби қонунҳову санадҳои расмӣ бошад.

Бар хилофи матн, гуфтмон яке аз мафҳумҳои буғранҷу печидаи забоншиносии муосир аст, ки аслан бо номи **discursus** дар фарҳангҳои англисӣ, фаронсавӣ густаришу маъруфият пайдо намудааст. Дар забоншиносии фаронсавӣ ин истилоҳ маънирасони фаъолияти каломӣ, матн, қарина, суханронӣ ва пайванди муштараки он ба ҳолатҳои иртиботӣ мебошад.

Мафҳуми гуфтмон тарҷума аз калимаи лотинии discursus аст, ки дар асл маънояш «гурез ба самтҳои мухталиф» мебошад. Зимни тарҷума аз забони англисӣ маъниҳои дигаре аз он ҳамчун муродифи матн истифода мешавад. Дар пажӯҳишҳое, ки ба забони форсӣ таълиф шуда, онро бо вожаи «гуфтмон» тарҷума намудаанд.

Аз таърифу табсираҳое, ки дар атрофи «гуфтмон» сурат гирифта, метавон ба чанде ишорат намуд. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон гуфтмон дар маҷмӯъ матнест муртабиту омехта ба омилҳои амалӣ, фарҳангӣ- иҷтимоӣ, равоншинохтии забон. Гурӯҳи дигар

гуфтмонро нутқе донистаанд, ки амали ҳадафманди иҷтимоӣ дошта, ба сифати ҷузъе аз аҷзо дар ҳамкории мутақобилаи мардум ва шеваҳои офариниши нутқ ширкат меварзад. Гузашта аз ин, гуфтмон ваҳдати ягонаи печидаи шакли забонӣ мебошад, ки ба мафҳум «рухдоди иртиботӣ» мутобиқат дорад. Гуфтмон ба забону нутқ мутобиқат ва ҳамзамон тафовут дорад.

Азбаски гуфтмон ҳамчун фаъолияту раванди хос шинохта шуда, маҳз бо ҳамин хосияташ ба нутқ қаробат пайдо менамояд, вале дар қиёс бо матн гуфтмон низомро дар назар дорад. Ба ин маънӣ, ки хосияти тамомият, созмони дохилӣ, шакл дорад, аз анвоъ жанру услуби хос бархӯрдор аст. Хусусияти низоммандӣ гуфтмонро бо забон наздик месозад. Гуфтан бар хилофи забон, ки микронизоми умумии зеҳнӣ ба шумор меравад, мининизоми айнӣ аст. Гуфтмон ба иборати дигар каломест барсохта аз меъёрҳои фарҳангиву иҷтимоӣ, ё забоне, ки тавассути гӯянда дучори таҳаввулу дигаргунӣ шуда, ба қаринаи мушаххаси фарҳангӣ-иҷтимоӣ дохил карда шудааст. Навъшиноси гуфтмон фарогири жанрҳои адабӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва фалсафиву дигар анвои гуфтмонӣ мебошад. Мафҳуми гуфтмон дар тӯли замон дар чаҳорчӯби мактабҳои мухталифи таҳқиқӣ мавриди баррасиву арзёбӣ қарор гирифтааст. Масалан, бар мабнои суннатҳои забоншиносии англисӣ ва фаронсавӣ манзур аз гуфтмон нутқе аст, ки аз пайванду алоқаи инсиҷоми ёфтаи вожагонӣ бархӯрдор аст ва бо муколама муродиф аст. Таҳлили гуфтмонӣ ба ҳамкориҳои муштараки ду ҷониб гӯянда ва шунаванда равона шудааст.

Масалан, гуфтмон ва таҳқиқу шинохти ҷузъиёти он махсусан дар баррасиҳои забоншиносу таърихдони фаронсавӣ Мишел Фуко мақоми барҷаста дорад. Дидгоҳҳо ва нигаришҳои донишманди мазкур дар ҷомеаи илмии ҷаҳон ба андозае таъсиргузор буд, ки солҳои тӯлонӣ атрофаш баҳсу ғаврҳо сурат гирифтааст.

Муҳаққиқ Муҳамадризо Тоҷик зимни таҳлили назаргоҳҳои Фуко чунин натиҷа мегирад, ки тасвире, ки Фуко аз гуфтмон пешниҳод намуда, тасвири таъсисӣ аст. Аз ин нуқтаи назар гуфтмон дар тавлид, таҳаввулу дигаргунӣ ва бозтавлиди масоили зиндагӣ саҳим аст. Ин матлаб гувоҳи он аст, ки гуфтмон дар як робитаву пайванди фаъол бо воқеият ва низ ба сифати амалҳое, ки таври муназзаму пайгир мавзӯъҳое, ки дар бораи онон суҳбат мешавадро шакл медиҳанд, нигариста шавад. Ба ибораи дигар гуфтмон маъни бахшид ҳуввиятпардоз аст. Ба ақидаи Фуко гуфтмон чизе аст, ки сабабгори тавлид ё зуҳури чизи дигаре мешавад ва ин чизе, ки «дар худ», «аз худ» ва «барои худ» вуҷуд ёфта ва метавонад ба гунае мунфак ва бурида аз мақулоти дигар мавриди таҳлил воқеъ шавад. Донишманди фозил М. Тоҷик изҳор медорад, ки «таърихманд будан хасиса ва шохисаи боризи гуфтмони Фуко дар бораи гуфтмон аст. Аз ин манзар шароити таърихӣ (берунӣ) нақши бунёдӣ дар ҳастии як гуфтмон ифо мекунад. Бо баёни дигар шинохти моҳияти як гуфтмон мумкин намегардад, магар дар сояи шинохти аносири берунӣ ва бистару шароити таърихии он. Бад-ин сон Фуко таърихияти падидаҳо ва умуреро, ки фақиди таърих таллоқӣ шудаанд, боз менамояд ва нишон медиҳад, ки дониш вобаста ба замону макон аст. Фукои таборшинос модели ғоятшиносони Гегелро, ки дар он як амал ба гунаи деалектикӣ аз амали дигар истихроҷ мешавадро ба таъсир аз таъкиди интиқодии Нейга мавриди нақду рад қарор дода ва дар пайи кашори касрати авомири муассир бар рӯйдодҳо аз раҳгузори таъкид бар беҳамтоии онон ва худдорӣ аз таҳмили сохторҳои фаротаърихӣ бар онҳост» [2, с.11].

Фуко бо таъкид ба таърихмандии гуфтмон мехоҳад собит созад, ки гуфтмон танҳо аз маҷмӯи нишонаҳои ифодагари ашёву падидаҳо нест. Дар нигоҳи муҳаққиқ пайванду робитаи таомулӣ ва диалектикӣ аст, ки вай миёни гуфтмон, қудрат, маърифат ва ҳақиқат барқарор карда ва дар варои ҳар гузораи ҷиддӣ ва гуфтмони мусаллот шакле аз равобити фановариҳои қудратро пинҳон мебинад. Ба қавми ӯ қудрат аст, ниёзи мубрам доранд. Ҳеҷ пайванду робитаи қудрат бе таъсиси фазои ҳамзоту ҳамзамоне бо дониш вуҷуд надорад. Аз ҷониби дигар, ҳеҷ донише бидуни фарзу ташкили равобити қудрат қобилияти таҳаққуқу амалӣ шудан намеёбад.

Бояд зикр намуд, ки забоншиносон дар мутолиаи таҳлили гуфтмон ба дидгоҳ такяваранд. Нахуст дидгоҳе, ки таҳлили гуфтмонро баррасиву таҳлил воҳидҳои бузургтар аз ҷумларо таъриф мекунад. Дигаре дидгоҳест, ки таҳлили гуфтмонро таъкид ва тамаркузи хос бар чароиву чигунагии истифода аз забон медонад. Бо назардошти ин ки ҷонибдорони дидгоҳи аввал ба шаклу сурати матн диққати хос доранд, ҳамчун суратгароёну сохтгароён шинохта шудаанд. Намояндагони дидгоҳи дувумро бо сабаби ин ки ба нақшу коркарди матн таваҷҷуҳ доранд, коркардгаро медонанд.

Ба ақидаи сохторгароён гуфтмон воҳиди муайяне аз забон ва бузургтар аз ҷумла аст ва мусаллам аст, ки таҳлили гуфтмон иборат аз таҳлили ин воҳидҳост. Ба тасаввури онон забон падидаи зеҳнӣ аст ва зеҳни инсонро метавон бар асоси табақаҳои рамзии интизоӣ ва озод аз бофт таъриф кард. Сохторгароён бештар ба мутолиаи созмони занҷирӣ ва ҳамнишиниву робитаи суратҳои воҳидҳо бо якдигар машғуланд.

Коркардгароён, ки ба бофт (қарина), таҳлил ва маърифати он сарукор доранд, забонро падидаи иҷтимоӣ медонанд ва муътақиданд, ки забон қисмате аз ҷомеа аст ва падидаҳои забонӣ иҷтимоиянд ва падидаҳои иҷтимоӣ падидаҳои забонӣ ба шумор мераванд. Коркардгароён бар ин назаранд, ки таҳлили гуфтмон бояд фарогири мутолиаи ҷанбаҳои мухталифи чигунагии истифода аз забон бошад. Такяи аслии онҳо рӯйи шинохти маънии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шахсии он, нақши воҳидҳои забонӣ аст. Ба шумори матлаби болоӣ метавон чунин натиҷа гирифт, ки дар амри таҳлили гуфтмон мо бо ду унсури асосӣ сару кор дорем, ки лозим аст ба ҳардуи онҳо таваҷҷуҳ дошт: бофти матн, бофти мавқеият. Мақсад аз бофти матн иборат аз он аст, ки унсури забонӣ дар чаҳорчӯби чӣ маконе қарор гирифта ва ҷумлаҳои моқаблу мобаъди он дар дохили матн чӣ таъсире дар барҷастасозии суварӣ, коркардӣ ва маъноии он доранд. Бофти мавқеиятӣ, ки аз он ба бофти ғайризабонӣ ҳам ёд мекунанд бар ин маъност, ки як унсур ё матн дар чаҳорчӯби мавқеияти хоссе, ки тавлид шудааст, мадди назар қарор мегирад. Бофтҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, муҳитӣ ва сиёсӣ ҳамагӣ аз ин навъ ҳастанд. Дарвоқеъ, Фуко гуфтмонро ҳамчун мавҷудияти баёну гуфтаҳои пуршуморе медонад, ки мутаалиқ ба як ҷомеаи инсонианд. Аз сӯйи дигар ӯ изҳор дошта, ки баён ин баёни шифоҳӣ, таъйини пайгиронаи забоншиносонаи нишонаҳо нест, балки порае аз дониши бахши сохтори дониши ӯ ва ҳамзамон куниш ё амри гуфтмонии вай маҳсуб мешавад.

Манзур аз таҳлили гуфтмонӣ дар он зоҳир мешавад, ки бар асоси ҷойгоҳи таърихии ҳар як баёну хитоба, назария, матн, ҳар назару дидаи тоза, ба иборати дигар ҳар падидаи гуфтмони муайяну мушаххас карда шавад ва нишон дода шавад, ки бо чӣ иллате ин ё он баён ё хитоби нақши корсоз дорад.

Масъалаи дигаре, ки дар иртибот бо мавзӯи матруҳа ҷалби назар мекунад ин аст, ки як андеша, як назаргоҳ шояд як асру як замон бар асоси доштаҳои омилҳои муассири иҷтимоӣ, фаро таърихӣ имкон дорад ба сифати дидгоҳи муътабару арзишманд пазируфта гардад. Вале ҳамон дидгоҳ дар замину мавқеияти дигар шояд ба сифати назаргоҳи манфӣ арзёбӣ гардад. Ин бад он маънӣ аст, ки калимаҳо метавонанд тағйири маъно кунанд, тобишҳои тозаи маъноӣ пайдо намоянд.

Бояд хотирнишон намуд, ки дар таълифоти намояндагони мактаби олмонӣ оид ба таҳлили гуфтмон мавзӯи гуфтмон ҳамчун масъалаи адабиётшиносӣ муаррифӣ гардидааст. Масалан муҳаққиқ Ҷ. Масс бо назардошти усулҳои М. Фуко аҳкоми зеринро барои назарияи гуфтмон ихтисос медиҳад: «Ҳар матне беш аз таҷассуми амалҳои иҷтимоист, ки муайянгари дигар аз анбуҳи матнҳои имконпазир аст. Ҳамзамон таҳлили матн табдил ба таҳлилу арзёбии гуфтмоне мегардад, ки аз диди идеология ҷиҳатёфта аст ва дар пайванд бо амалияи иҷтимои таърихан собитшуда бо иҷтимои забонӣ мутобиқати комил дорад» [6, с.72].

Дар пажӯҳишҳои илмӣ навъҳои мухталифи гуфтмонро ташхис доранд, ки намунааш ба шарҳи зер аст:

а) гуфтмонҳои таъсисӣ, ки имкон медиҳанд матнро аз ғайри матн ҷудо намуд;

б) гуфтмонҳои жанрӣ-услубӣ, ки баёнгари матнҳо дар иртибот бо мутобиқати онҳо бо навъҳои корбурдии нутқ мебошанд.

в) гуфтмонҳои муҳтавогар. Ҳадаф аз ин гуфтмонҳо шарҳу тафсири маъниву моҳияти матн аст.

Тавре, ки ишора намудем, масъалаи гуфтмон ва шинохти ҷузъиёту хусусиятҳои он дар имтидоди замон ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқону донишмандон будааст. Гоҳо тафсиру шарҳи донишмандон бисёр печидаву буғранҷ ба назар мерасад. Ба гунае, ки гоҳе андешаҳо қобили дарк нестанд. Аммо дар баъзе аз маворид ба назаргоҳҳое бармехӯрем, ки дар маърифати назарияи гуфтмон бисёр арзишманданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтин М.М. Проблема текста в лингвистике, филологии и других гуманитарных науках / М.М. Бахтин // Эстетика словестного творчества. - М., 1997. - С.432.
2. Гальперин И.Р. Текст и объект линвистического исследования // И.Р. Гальперин. - М., 1981. - С.290.
3. Гуфтмон ва таҳлили гуфтмонӣ. – Теҳрон: Интишороти фарҳанги гуфтмон, 1378. – 336 с.
4. Зиндер Л.Р. Лингвистика текста и филология / Л.Р. Зиндер // Тезисы докладов научно-методической конференции «Прасодия текста». - М., 1992. – С.21.
5. Лотман Ю.М. Структура художественного текста / Ю.М. Лотман. - М., 1970. - С. 410.
6. Чернявская В.У. Дискурс власти и власть дискурса / В.У. Чернявская. - М., 2006. - С.196.

МАФҲУМИ «МАТНИ СИЁСӢ» ВА «ГУФТМОНИ СИЁСӢ»

Мақолаи мазкур ба таҳлилу шарҳи матни сиёсӣ ва гуфтмони сиёсӣ ихтсос дорад. Чи тавре ки маълум аст, тарҷума таърихи тӯлонӣ дорад. Дар интишору густариши илми тарҷума дар радифи таҳқиқоти байниришта нақши умдаро пажӯҳишҳои забоншиносӣ бозидаанд. Тарҷума, тавре ки равшан аст, дар ҳар ришта аз илм бар асоси матни муайяне сурат мегирад. Табиӣ аст, ки матнҳо дорои вижагиҳои хосси худ мебошанд. Қобили зикр аст, ки тарҷумаи матнҳои сиёсӣ навъи мубрами тарҷума ба шумор мераванд. Иллати ин амр ба рушду тавсеаи муносибати байналмилалӣ, нашри адабиёти сиёсӣ бастагӣ дорад. Ба назардошти мушкилоту печидагии мақулаи матн, дар мақола дидгоҳҳои мухталифи олимон дар пайванд бо

маънои истилоҳии матн таҳлилу арзёбӣ гаштааст. Маъмулан дар адабиёти таҳқиқӣ, махсусан пажӯҳишҳои забоншиносӣ, калимаи «гуфтмон» ба сифати муродифи матн корбурд мешавад. Аз ин рӯ, олимон бештар онро дар иртибот бо матн таҳқиқ менамоянд. Гуфтмон, ин маҷмӯи матнҳое мебошад, ки шомили дунёи хос, сарфу наҳви вижа, вожагони муносиб, қонунҳои махсуси корбурди вижагонӣ, наҳву маъношиносии дархури таваҷҷуҳ аст. Матнҳо дар гуфтмони сиёсӣ дорои мавзӯоти мушаххас буда, ба масоили гуногуни сиёсӣ бастагӣ доранд.

Калидвожаҳо: матн, сиёсӣ, гуфтмон, забоншиносӣ, тарҷума вижагӣ, маъно, забон.

ПОНЯТИЕ «ПОЛИТИЧЕСКИЙ ТЕКСТ» И «ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДИСКУРС»

Статья посвящена анализу и трактовке политического текста и политического дискурса. Как известно, перевод имеет многовековую историю. В развитие и распространение науки о переводе наряду с междисциплинарными исследованиями особый вклад внесли лингвистические исследования. Перевод в любой научной отрасли осушествляется на основе определенного текста. Естественно, тексты имеют свои специфические особенности. Следует отменить, что перевод политических текстов является одним из наиболее востребованных переводов, благодаря расширению международных контактов, изданию литературы политического содержания. Поскольку текст-очень сложный и разноплановый феномен, в статье рассмотрены взгляды ученых, касающиеся его терминологического определения. Обычно в научной литературе, особенно в лингвистических исследованиях, слово дискурс употребляется как синоним слова текст. Исходя из этого, ученные рассматривают его соотнешения с текстом. Дискурс- это совокупность текстов, за которыми стоит особый мир, т.е. особая грамматика, особый лексикон, особые правила словоупотребления и синтаксиса, специальная семантика. Тексты в политическом дискурсе обладают определенную тематикой которая связана с различными политическими событиями.

Ключевые слова: политический, дискурс, лингвистика, перевод, особенность, семантика, контакт, язык.

THE CONCEPT OF "POLITICAL TEXT" AND "POLITICAL DISCOURSE"

The article is devoted to the analysis and interpretation of the political text and political discourse. As you know, the translation has a long history. Along with interdisciplinary research, linguistic research has made a special contribution to the development and dissemination of the science of translation. Translation in any scientific branch is carried out on the basis of a specific text. Naturally, the texts have their own specific features. It should be abolished that the translation of political texts is one of the most requested translations, thanks to the expansion of international contacts, the publication of literature of political content. Since the text is a very complex and diverse phenomenon, the article considers the views of scholars regarding its terminological definition. Usually in the scientific literature, especially in linguistic studies, the word discourse is used as a synonym for the word text. On this basis, scientists consider its correlation with the text. Discourse is complex texts, for which there is a special world, that is, special grammar, special lexicon, special rules of usage and syntax, special semantics. Texts in political discourse have a specific topic that is associated with various political issues.

Key words: political, discourse, linguistics, translation, feature, semantics, contact, language.

Сведения об авторе: ***Алджуани Султон*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-78-67-11**

Information about the author: ***Aljuani Sulton*** - Tajik National University, Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-78-67-11**

УДК: 891.550:82

УСТОД АЙНӢ РОҲНАМОИ ФОТЕҲ НИЁЗӢ

Нуруллозода С.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Дар назарам Садриддин Айнӣ ҳам ҳаст ва ҳам нест. Оре, ин симои саршор аз завқ ва қареҳаву дониш, он баёни ширини дилангез, он чашмони пурфурӯғи оромбахш дар ин ҷаҳон нест, аммо осори марде, ки саросар зиндагиро вақфи хизмат ба одамизодагон кард ва партаве бар ҷаҳони маърифат тофт, ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад нишаст, дар миён ҳаст ва хоҳад буд ва ҷовидонӣ хоҳад шуд” (Саид Нафисӣ).

Ин сатрҳо симои таърихӣ ва фарҳангии Қаҳрамони Тоҷикистон, маорифпарвар, мунаққид, шоир, нависанда ва билохира сардафтари адабиёти давраи нави тоҷик устод С.Айниро басо равшану возеҳ нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, С. Айнӣ аз ҷумлаи шахсиятҳое мебошад, ки вуҷудаш барои хайрхоҳӣ ва озодандешӣ офарида шуда, тамоми талошу ҷонфидоиҳои ӯ баҳри пойдор мондани давлату миллат буд ва чун устоди роҳнамо ва падари маънавии адибон дар адабиёти тоҷик ва ӯзбек мавқеи сазоворро ишғол намуд. Махсусан, дар адабиёти муосири тоҷик шоир ва ё нависандаеро пайдо кардан мумкин нест, ки аз мактаби адабии устод Айнӣ нагузашта ва аз ин чеҳраи фарҳангӣ баҳравар нагардида бошанд.

Таърихи насри бадеии тоҷик бой ва басо ғановатманд бошад ҳам, насри реалистии тоҷик аз қалами устод С. Айнӣ оғоз ёфтааст, ки он комёбии ба назар намоёни насри муосири тоҷик мебошад. Устод Айнӣ воқеъияти замони навро хуш истиқбол кард ва ба он реалистона баҳо дод. Ӯ нафақат адабиёти нави инқилобии тоҷикро асос гузошт, балки диди тозаи бадеиро дар шинохти воқеияти дирӯзу имрӯз вазъ кард. Инсони инқилобгарро

аз арсаи таърих ба саҳни адабиёт овард. Инсонеро, ки дар фурӯғи воқеияти рӯзгори нав қадри худро шинохта, соҳибватан буданашро эҳсос кард.

Минбаъд сафи носиронро шогирдҳо ва пайравони С. Айнӣ, ки ҳар қадом дорои услуби хосси нигорандагӣ мебошанд, афзудаанд. Ба ин зумра адибон аз ҷумла Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, С. Улуғзода, Ф. Ниёзӣ, А. Баҳорӣ, баъдтар П.Толис, Ф. Муҳаммадиев, Ю. Акобиров, М. Хоҷаев шомиланд, ки ба майдони наср қадамҳои устувор гузоштанд. Ҳар адиби зикргардида дар пешрафту тараққиёти адабиёти тоҷик саҳми намоёни худро гузоштаанд.

Барои тақвият бахшидани гуфтаҳои хеш, мехоҳам адиби зиндаёд, нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А Рӯдакӣ ва мукофоти Иттифоқи нависандагони СССР ба номи А.А. Фадеев Фотеҳ Ниёзиро пеши назар биёрем. Ин адиб низ аз мактаби устод Айнӣ гузашта, маҳз бо дуои нек ва роҳнамоиҳои устод ба қуллаҳои баланди эҷод шарафёб гардидааст. Ф.Ниёзӣ ба майдони адабиёт ҳамчун шоир ворид гашта, дар ибтидо пайваста бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър эҷод мекардааст. Ба наср рӯ овардани Ф.Ниёзӣ бо ҳидоятҳои устод Айнӣ буд. Чи тавре ки худи адиб иброз менамояд: ”Бо эътимоди комил метавонам гӯям, ки дар баробари асарҳои он нависандагони барҷастаи гузаштаю ҳозира, ки мутолиа кардаам, эҷодиёти пурҷӯшу хурӯш, асарҳои безаволи устод С.Айнӣ бароям як мактаби асосии омӯзиши адабӣ гардиданд ва билохир барои дар жанри насри тоҷик қувваозмоӣ намудан болу пар бахшиданд” [1, с.43].

Ин суханони Ф.Ниёзӣ асоси воқеӣ дорад. Нависанда борҳо аз маслиҳатҳои судбахши устод С.Айнӣ фоида бурдааст ва муҳиммаш, ки бо ҳидоятҳои ин пири хирад ба наср рӯ овардааст. Аз ин ҷиҳат, роҳи эҷодӣ ва муносибати шогирдии Ф. Ниёзӣ ба фаъолияти шогирдии Ҷалол Икромӣ шабоҳат дорад. Ҷалол Икромӣ низ дастпарвари мактаби устод С.Айнӣ мебошад. Ӯ ҳам эҷодиёти худро бо шеър оғоз намуда буд. Вақте ки офаридаҳояш аз зери назари устод гузаштанд, маълум гардид, ки Ҷалол Икромӣ маҳорати хуби насрнависӣ дорад ва устод низ ӯро ба ин роҳ ҳидоят намуд. Чун ин самти эҷодро пеш гирифт, Ҷалол Икромӣ ба комёбиҳои беназир ноил гашт. Дастоварди аввалини Ҷ. Икромӣ нашр гардидани аввалин ҳикояи ӯ бо номи “Шабе дар Регистони Бухоро” мебошад, ки дар рӯзномаи “Раҳбари Дониш” чоп гардида буд. Бо дидани ҳикояи мазкур хурсандии адибро ҳадду канор набуд. Дар мавриди чопи ҳикоя худи адиб чунин иброз намудааст: ”Бале, он хурсандӣ, шодмонӣ ва ифтихореро, ки бо дидани аввалин ҳикояи худ дар журнал ба ман рух дода буд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Ман дигар ҳеҷ гоҳ он тавр шодмонӣ ва ифтихорро дар худ ҳис накардаам. Охир, воқеа ва ҳодисаҳои аз вай борҳо калонтар ва ба ифтихортар воқеъ шуданд. Китобҳо, романҳои ман чоп шуданд, песаҳои маро дар саҳнаҳои театрҳои академикӣ гузоштанд, ба ман мукофотҳо доданд ва бо номи лауреати мукофоти Рӯдакӣ ифтихорманд карданд... аммо он шодмонии чоп гардидани аввалин ҳикоя- ба худ хос ва такрор нашуданӣ буд” [3, с.79]. Яъне, ин зумра адибон кам нестанд, ки роҳнамое чун устод Айнӣ доштанд.

Бояд зикр кард, ки Фотеҳ Ниёзӣ ҳам бо ҳидояти устод Айнӣ дар ин самт рафтааст ва дар ин бора худи ӯ чунин гуфтааст: ”Рӯзе аз рӯзҳои фасли тобистони соли 1939 ман дар клуби нависандагон, ки дар бинои дуошёнаи кӯчаи Орҷоникидзеи Душанбе воқеъ буд, ба навиштани чизе машғул будам. Баногоҳ дар пеши дари клуб домулло намоён шуданд. Он рӯзҳо домулло муваққатан дар як хоначаи ҳамин хобгоҳи нависандагон истиқомат доштанд.

– Чӣ навишта истодаед?- баъд аз салому алейк савол доданд домулло.

– Барои газета як очерки хурдакак, гуфтам.

– Ҳозир шеърҳои ӯзбекӣ ҳам менависед-мӣ?- боз пурсиданд домулло.

– Баъзан.

– Ман ду-се очерки аз Канали Фарғона навиштаатонро хондам. Қатъи назар аз баъзе камбудиҳои забонӣ, гирифту монатон дуруст, ба фикрам қобилияти насрнависӣ доред, аз шеър дида насрро бештар машқ кунед, беҳтар, – орому батамкин, чашмони дурандеши худро аз ман наканда гуфтанд домулло” [1, с.44]. Ин гуфтугӯй бо устод С. Айнӣ ба Фотеҳ Ниёзӣ қувваи нав бахшид ва ёрмандӣ кард, ки дар ин роҳ ҷиддитар ва далертар қадам гузорад.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ қувваҳои ботинию маънавии мардуми тоҷик ва аҳли илму адаб ва ҳунари онро ба хурӯҷ овард, ки дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Аз як ҷониб, аҳли адабу фарҳанг на танҳо дар сафи пеши ашхоси майдонталаб қарор ёфтанд ва як қисми эшон ба ҷабҳа рафтаву яроқ ба даст гирифтанд, балки муҳимтар аз ҳама қаламро ба яроқи мубориза табдил доданд. Чун Фотеҳ Ниёзӣ аз зумраи чунин ашхос буду ҳам бо яроқу ҳам бо қалам муқобили душман мубориза мебурд, дар назди ӯ рисолати бузурге меистод, ки анҷоми он кори сода набуд. Офаридани ҷангномаҳои бунёдашон таърихӣ кори осон нест, ҳамзамон даст кашидан аз осори назмӣ ва яку якбора ба наср рӯ овардан иродаи қавиро талаб мекунад. Худи устод С. Айнӣ низ ду очерки таърихие навиштааст, ки

мавзӯъҳои онҳоро мубориза ба муқобили ғосибон дар бар мегирад. Инҳо “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Исёни Муқаннаъ” мебошанд. Дар баробари устод С.Айнӣ дигар адибони ҳамсаф, аз ҷумла Мирзо Турсунзода низ пайваста маслиҳати Айниро дастгирӣ намуда, ба Ф. Ниёзӣ фикри ба наср рӯ овардан ва нисбат ба кори эҷодӣ серталаб буданро талқин намуданд. Эҷодиёти Ф. Ниёзӣ аз назари Мирзо Турсунзода низ дур намондааст. Махсусан, романи “Вафо”-ро мутолиа намуда, ақидаҳои хешро бобати ҷилди дуюми китоб чунин иброз намудааст: “Қисми якуми романи ӯро хонандагон дӯст доштанд ва бо изтироби дил солҳои бисёр ба қисми дуюм мунтазир шуданд. Ф. Ниёзӣ дар қисми дуюми роман кӯшиш кардааст, ки муборизаи халқро ҳам дар фронт ва ҳам дар ақибгоҳ якҷоя тасвир намояд. Дар қисми дуюм хеле дуру дароз ва муфассал дар бораи ғалабаи Сталинград ҳикоя карда мешавад, баъд аз он муаллиф қаҳрамонро ба Москва меорад ва маҷбур менамояд, ки мактаби ҳарбиро тамом кунад, баъд аз мактаб Сафар аз сари нав ба фронт бармегардад, ба асирӣ меафтад, ба ёрдами партизанҳо мегурезад. Сафари ярадор дар Москва дар госпитал мехобад ва ниҳоят маъюб шуда, бе як даст ба қишлоқи модариаш бармегардад. Қатъи назар аз якчанд ҷиҳатҳои хуб роман камбудиҳои бисёре дорад. Муаллиф, пеш аз ҳама, ҳисси андозаро фаромӯш карда, даркору нодаркор асарро кашол додааст. Охир асари бадеӣ монанди резинка нест, ки онро чӣ қадаре ки хоҳед метавонед кашед ва дароз кунед. Асар амалиётро мехоҳад” [8, с.22-23].

Дар мавриди офаридаҳои минбаъдаи Фотеҳ Ниёзӣ устод С. Айнӣ муносибати хеле ҷиддӣ ва сахтгирона доштанд, ки ин ҳолатро баъди ба табъ расидани романи “Вафо” низ баръало ҳис кардан мумкин аст. Дар ин бобат худи Фотеҳ Ниёзӣ чунин ибрози андеша намудааст: ”Баъд аз нашри қисми якуми романи “Вафо” рӯзе дар боғи ҳукуматӣ ба зиёрати домулло омадам. Домулло каме нотоб буданд, бо вуҷуди ин дар дасташон китоби “Вафо” машғули мутолиаи он буданд. Маро аз рӯ ба рӯяшон шинонданд ва якбора саволборон карданд:

– Шумо амма доред?

– Дорам, - гуфтам.

– Хола чӣ?

–Хола ҳам дорам, - ҷавоб додам каме дасту по гум карда.

– Амма кию, хола кӣ?”—пурсиданд боз домулло.

– Амма , – гуфтам, – хоҳари падар, хола – хоҳари модар.

Домулло камтар оташин шуда гуфтанд:

– Модоме ки ҳамин тавр аст, чаро шумо, бародар, дар китобатон дар як саҳифа хоҳари падари қаҳрамонатон Сафарро хола меномеду дар саҳифаи дигар амма. Аз афти кор дар вақти навиштан русӣ фикр кардед, ки ба забони русӣ аммаро ҳам, холаро ҳам тӯта мегӯянд.

Дигар ҳеҷ ҷойи эътироз набуд. Аз ноэҳтиёткорию бепарвоии худ сурх шудам, сафед шудам, чӣ гуфтанро надонистам. Домулло ин вазъияти маро магар пай бурданд, ки зуд ба мулоиматӣ гуфтанд: – Албатта, ин хато аз надонистани фарқи аммаю хола нест, балки аз саросемакорӣ рӯй додааст. Нависанда бояд пухтакор бошад, ҳар саҳифаи асари навиштаашро бояд гаштаю баргашта хонад, рӯбардор кунад. На ин ки бо як-ду навиштан хотирҷамъ гардад” [1, с.46].

“Агар андешаи ҳунарӣ ба сурати ҳаяҷони ҳунарӣ надарояд, пойи фикри адиб дар чорсӯи зиндагӣ хоҳад лангид. Миёни ӯ ва хонанда пули қавие устувор нахоҳад шуд. Воқеан, наср ҳам бояд вазн дошта бошад. Наср ҳам бояд каломи мухайял бошад. Наср ҳам чун шеър гуфтугӯи ошкоро аз боби неку бад, хилқати инсон, муҳити зист ва авзои гардун бошад” [3, с.108]. Ин суханони Ф. Ниёзиро ба эҷодиёти худи ӯ татбиқ намудан мумкин аст. Фотеҳ Ниёзӣ баъди маслиҳатҳои пурқимати устод Айнӣ романи “Вафо”-ро ҷиддан таҳрир менамояд ва ба хонанда матни комили асарро пешниҳод мекунад. Фотеҳ Ниёзӣ дар кори эҷодӣ на танҳо аз маслиҳатҳои С. Айнӣ баҳравар гардидааст, инчунин аз асарҳои устод низ таъсири эҷодӣ бардоштааст. Таъсири файзбахши насри устод Айнӣ ба ӯ шароит фароҳам овард, то асарҳое офарад, ки ҳам барои адабиёти бадеӣ ҷолибу тоза бошанд, инчунин басо воқеъбинона таърихро инъикос намоянд.

Эҷодиёти устод Айнӣ фарох ва доманадор аст ва мавзӯи ҷанг низ, чи хеле ки ошора шуд, аз назари устод дур намондааст. Устод С. Айнӣ умдатарин масъалаҳои замони ҷангро дар як қатор асарҳояш, ба монанди “Чингизи асри ХХ” [1941], “Деви ҳафтсар” [1941], “Ҳар зарраҳсонандаи ба одамро нест кардан даркор аст” [1942] таҷассум намудааст. Чунончи, оғози мақолаи публитсистии устод Айнӣ “Модар-Ватан” чунин аст: “Модар-Ватан. Ин ду чиз бо ҳамдигар сахт вобаста буда, ба одам аз ҳама чиз азизтар ва наздиктаранд” [2, с.302]. Метавон гуфт, ки дар адабиёти давраи ҷанги тоҷик устод С. Айнӣ ягона адибест, ки барои нишон додани заминаҳои миллии характер, баланд бардоштани эҳсоси олии ватанхоҳӣ, нисбат ба истилогарон нафрату адоват бедор кардан ба ғановати бадеию маънавии халқи тоҷик муроҷиат кардааст. Ҳимояи Ватан- Модар дар ҳама давру замон вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар як инсон мебошад. Дар ин хусус устод С.

Айнӣ чунин гуфтааст:” Ватан ҳам монанди модар аз фарзанди худ дар муқобили он тарбияҳое, ки ӯро додааст ва муносиби он ёриҳое, ки ба ӯ расондааст, дар ҳаққи худ ҳимоят, хидмат ва фармонбардорӣ талаб мекунад. Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро барҳам надодааст, ватани худро монанди модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад ва ба ӯ хидмат менамояд ва дар роҳи ӯ аз фидо кардани ҷони худ ҳам бознамеистад. Чунки ӯ ҳамаи чиз, ҳатто ҳастии худро аз ватани худ ёфтааст” [4, с.50].

Рисолати нависанда дар назди ҷомеа ниҳоят бузург аст. Ӯ барои тарбияи завқии хонандагон масъул буда, бояд чашми мардумро ба воқеияти муҳит кушояд. Нияти эҷодияшро адиб танҳо ба воситаи образҳое, ки меофарад, амалӣ карда метавонад. Махсусияти тафаккури бадеии нависандаву драматург ва шоир низ дар ҳамин аст. Онҳо симои қаҳрамонони гуногунхилқатро офарида, бо ин амал ба воқеияти рӯзгор дахолат мекунанд. Ҷамъияти мо ба зинаи нави тараққиёт қадам гузошт, ки ҳадафи аввалини он фаъол сохтани неруҳои эҷодии халқ аст. Худи ҳамин дигаргунӣ ва равнақи тозаи эҷоди бадеӣ барои таҳаввули насри мо, шароит фароҳам меоварад. Дар ин кори нек мо ҳамон вақт комёб мешавем, ки рисолатамонро дар назди халқу ватан, имрӯз ва ҳам фардо дуруст шиносем.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Дар хотироти дӯстон ва шогирдон. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 256 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт. – Ҷ.9. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 416 с.
3. Икромӣ Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман.—Душанбе: Ирфон, 1970. -119 с.
4. Маърифати омӯзгор. Айнӣ С. – №5– 6. 2014. -С. 50.
5. Ниёзӣ Ф. Вафо.-Душанбе: Ирфон,1949. –351 с.
6. Ниёзӣ Ф. Масъалаҳои насри муосир // Садои Шарқ. – 1985. -№5. -С. 108-111.
7. Раҷабӣ М. Насри тоҷикии замони ҷанг. - Душанбе, 1990. – 96 с.
8. Турсунзода М. Ҳаёт ва адабиёт (Маърӯза дар анҷумани IV-уми нависандагони Тоҷикистон). – Сталинобод: Нашрдавлтоҷик, 1959. – 60с
9. Шарифов Ҷ. Инъикоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ / Ҷ. Шарифов // Душанбе: Дониш, 1981. -148 с.
10. Шукуров М. Насри солҳои 1945-1974 / М. Шукуров. - Душанбе: Дониш, 1980. -383 с.

УСТОД АЙНӢ РОҲНАМОИ ФОТЕҲ НИЁЗӢ

Садриддиин Айнӣ аз ҷумлаи шахсиятҳое мебошад, ки вуҷудаш барои хайрхоҳӣ ва озодандешӣ офарида шуда, тамоми талошу ҷонфидоиҳои ӯ барои пойдор мондани давлату миллат буд ва чун устоди роҳнамо ва падари маънавии адибон дар адаиёти тоҷик ва ӯзбек мавқеи сазоворро ишғол намуд. Фотеҳ Ниёзӣ маҳз бо роҳнамоиҳои хирадмандонаи устод С.Айнӣ ба наср рӯ овард ва дар ин самт комёбиҳои беназирро ноил гашт. Ин адиб низ аз мактаби устод Айнӣ гузашта, маҳз бо дуои нек ва роҳнамоиҳои устод ба қуллаҳои баланди эҷод шарафёб гардидааст. Роҳи эҷодӣ ва муносибати шогирдии Ф. Ниёзӣ ба фаъолияти шогирдии Ҷ. Икромӣ шабоҳат дорад. Ҷалол Икромӣ низ даспарвари мактаби устод С. Айнӣ мебошад. Махсусан, дар адабиёти муосири тоҷик шоир ва ё нависандаеро пайдо кардан мумкин нест, ки аз мактаби адабии устод Айнӣ нагузашта ва аз ин чеҳраи фарҳангӣ баҳравар нагардида бошанд. Ф. Ниёзӣ аз ҷумлаи ашхосе буд, ки ҳам бо яроқу ҳам бо қалам муқобили душман мубориза бурдааст. Ҷанги Бузурги Ватанӣ қувваҳои ботинию маънавии мардуми тоҷик ва аҳли илму адаб ва ҳунари онро ба хурӯҷ овард, ки дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Аз як ҷониб, аҳли адабу фарҳанг на танҳо дар сафи пеши ашхоси майдонталаб қарор ёфтанд ва як қисми эшон ба ҷабҳа рафтаву яроқ ба даст гирифтанд, балки муҳимтар аз ҳама, қаламро ба яроқи мубориза табдил доданд. Худи устод С. Айнӣ низ ду очерки таърихие навиштааст, ки мавзӯъҳои онҳоро мубориза ба муқобили ғосибон дар бар мегирад. Инҳо “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Исёни Муқаннаъ” мебошанд. Метавон гуфт, ки дар адабиёти давраи ҷанги тоҷик устод С. Айнӣ ягона адибест, ки барои нишон додани заминаҳои миллии характер, баланд бардоштани эҳсоси олии ватанхоҳӣ, нисбат ба истилогарон нафрату адоват бедор кардан ба ғановати бадеию маънавии халқи тоҷик муроҷиат кардааст.

Калидвожаҳо: устод, Садриддин Айнӣ, наср, нависанда, адабиёт,мактаб, асар, очерк, ҳунар, роман, ҷомеа.

САДРИДДИН АЙНИ - НАСТАВНИК ФОТЕХА НИЯЗИ

Садриддин Айни является одной из тех личностей, которые рождены благодатными и свободомыслящими и служают единству нации и государства. Айни признан как наставник и духовный отец поэтов и писателей как в таджикской, так и в узбекской литературе. Благодаря его мудрым наставлениям Фотех Ниязи проявил интерес к прозе и достиг больших успехов в этой области. Ниязи, как и другие молодые писатели, познал науку творения в школе Айни и его благословениями добрался до высот творческой деятельности. Творческая деятельность и ученическое отношение Ф. Ниязи к С. Айни напоминает ученическую деятельность Джалола Икрами. Дж. Икрами в свое время тоже проходил школу Айни. В общем, в современной таджикской литературе трудно найти поэта или писателя, которые не пользовались бы мудростью и знаниями этого великого наставника. Ф. Ниязи был одним из тех, кто боролся с врагом одновременно с помощью оружия и пера. Великая Отечественная война пробудила духовные силы таджикского народа, особенно деятелей литературы и культуры, и эта сила проявляется в разных образах. С одной стороны, деятели литературы и культуры трудились на фронте и, взяв в руки оружие, боролись с врагом, с другой стороны, они превратили свое перо в оружие и вели духовную борьбу. Сам Садриддин Айни написал два исторических очерка на тему борьбы с иноземными завоевателями. Эти очерки «Герой таджикского народа – Темурмалик» и «Восстание Муканны». Можно сказать, что С. Айни является единственным писателем военного периода, кто смог показать национальные особенности характера, поднять высшее чувство служения Родине, проявить ненависть к завоевателям и обращался к художественному и духовному богатству таджикского народа.

Ключевые слова: учитель, Садриддин Айни, поэт, писатель, литература, школа,искусство, эскиз, ремесло, роман, общество.

SADRIDDIN AINI – GUIDE OF FOTEH NIOZI

Sadriddin Aini had such a unique personality, that his character was full of benevolent and liberal views. All of his efforts and aspirations were only related to state and nation. That is why as a guide and a spiritual father of writers, he had taken a worthy position in tajik and uzbek literature. As a result of efforts and guide of Sadriddin Aini, Foteh Niozi paid all his attention towards prose and achieved great success in this field. With the help of wisdom and advice of Sadriddin Ayni, Foteh Niyozi had succeeded in achieving this unique aspect. This writer also has a relation with Ayni School, which is well-appreciated with the great prayers and the guidance of his Master. The creative way and the attitude of the disciple-maker of F. Niyozi has the same degree as Jalol Ikromi. Jalol Ikromi also has a same relation with the Ayni's School. Particularly, in the modern Tajik literature, it is impossible to find a poet or writer, which has no connection with Ayni's literary school. Foteh Niyozi is one of the people who fought with enemy with the help of weapons and the pen. The World War II led out all the forces of Tajik people in different forms, whether they appeared in the form of science and education or in the form of bravery. On the one hand, they went to the war zone and took weapons in the hands, and on the other hand, they took a pen as a weapon. Sadriddin Ayni also wrote two historical featured articles covering their topics against colonialism. Their names are "Qahramoni khakqi tojik" i.e. Tajik heroes and "Isyoni muqanna". It can be said that in the Tajik War literature S. Ayni is the only person who addressed the moral and spiritual riches of the Tajik people in order to demonstrate the national character of the country, to increase the supremacy of the patriotism, against the oppressors.

Key words: Sadriddin Aini, unique personality, liberal, related to state and nation, spiritual father of writers, Foteh Niozi, prose.

Сведения об авторе: ***Нуруллозода С.Н***.- Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 987-16-82-53**

Information about the author: ***Nurullozoda S.N***. - Tajik National University, postgraduate student of the Theory of Modern Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 987-16-82-53**

УДК: 891.55-1+491.155

АНЪАНА ВА СУННАТҲОИ МАРДУМИ ФОРС ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ АРАБИЗАБОН

Ҳамидова Н.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чун мардуми форсу араб аз қадимулайём дар як минтақа паҳлуи ҳам мезистанд, табиист, ки робитаҳои тиҷорӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳамҷаворӣ байни онҳо мустаҳкам буд. Тақдири ҳардуи ин мардум ба ҳам печида аст, онҳо аз илму фарҳанг ва суннату оинҳои якдигар бархӯрдор мешуданд. Ин равобит баъд аз зуҳури дини ислом ба маротиб афзуд, акнун ин ду миллатро дини ягона ба ҳам мепайваст, ки дар зиндагии онҳо умумиятҳои зиёдеро ворид кард. Дар масъалаи равобити фарҳангии миёни Арабу Аҷам, таъсири Қуръону ҳадис ва амсолу ашъори арабӣ низ зиёд мебошад [3, с.6].

Минбаъд дар рушду нумуи ислом ва улуми исломию дунявӣ мардуми аҷам саҳми босазое доштанд ва дар ин садад арабҳо дар ҳақиқат, аз истеъдоду донишмандии форсҳо қоил буданд. Аз ин ҷост, ки муаррихи бузурги араб Ибни Халдун ҳамин фикри арабҳоро чунин баён кардааст: "Ростӣ, ки бардорандагони парчами илм дар ислом аксаран аҷамиёнанд" [14, с.225].

Чизи дигаре, ки аз сарчашмаҳо бармеояд ин аст, ки дар эҷодиёти адибони аҳди ҷоҳилия тасвири боғу бӯстон, гулу булбул ва наврӯзу баҳор, ки дар адабиёти форсу тоҷик маъмул буданд, ба чашм намерасанд. Аз лиҳози мавзӯъ, ғолибан тавсифи мушкилоти сафари шоирро дар бодия, тасвири маркаби ӯ ва ҳайвоноти биёбон, нигориши манзараҳои саҳрои бе обу гиёҳ, харобаҳои манзили маъшуқа, васфи ашёву набототи хосси муҳити бодия дар бар мегирифт.

Аз нимаи дуюми асри V сар карда, шоирони арабизабон ба зикри гулу гиёҳин ва васфи онҳо рағбати беандоза зоҳир кардаанд [9, с.102].

Шоирони зиёди қавми арабу аҷам ба муносибати фаро расидани баҳор, бедории табиат, дар бораи расму оини марбут ба он, қасидаҳои дилнишину пурназокате эҷод кардаанд ва яке аз омилҳои асаргузории фарҳанги форсӣ ба адабиёти араб ҳам дар ҳамин буд [16, с.226].

Расму оини наврӯзӣ дар замони ҳукмронии Уммавиён аз нав эҳё гардида интишор ёфт. Дар замони халифаҳои аввалини аббосӣ бошад, хусусан халифа ал-Мутаваккил (ҳукм. 847/861) ин идро ҷашн гирифтанд. Аз ҷумла, соли 242/856 бо амр ва дастури ӯ рӯзи иди Наврӯз оғози ҷамъоварии хироҷ эълон гардид [12, с.8].

Хулафои аббосӣ иди Наврӯз ва суннатҳои онро ба қасрҳои худ ворид сохтанд, ки ҳамасола ҷашн гирифта мешуд. Ба гуфтаи Берунӣ “Наврӯз пеш аз ин ҳам бузургу муаззам буд” [13, с.75].

Форсҳо дар эҳёи расму оин ва урфу одатҳои наврӯзӣ дар дарборҳо ва ҷомеаи арабӣ саҳмгузор буданд. Чунонки пештар зикр карда будем, яке аз унсурҳои одоби Наврӯз оташафрӯзӣ, обпошӣ, пешкаши ҳадяҳо ва танзими базмҳо буд. Дар ҷараёни ин гуна базму маҷолис ва гулханафрӯзиҳо шоирон шавқу шӯри дил ва шодиву нишоти рӯҳи худро дар қасоиди баҳориву наврӯзӣ баён мекарданд, орзуву омоли халқро ифода менамуданд.

Бар асари омезиши арабҳо бо халқҳои дигари тобеи хилофат ва ворид шудани неруҳои адабии арабу ғайри араб чун Мутанаббӣ, Абу Нувос, Буҳтурӣ, Ибни Румӣ, Ибни Тамом, Ибн Муътазз, Шарифи Розӣ, Маҳёри Дайламӣ бархурди суннатҳои фарҳангии Эрони қадим бо адабиёти араб ба вуҷуд омада, тасвири анвои гул, базму ҷашнҳои пуршукӯҳи дарбор ва амсоли онҳо вориди шеъри арабӣ гардид [4,с.9].

Алалхусус, дар аҳди Аббосиён тасвири баҳору наврӯз дар эҷодиёти шуарои араб ривоҷ гирифт.

Буҳтурӣ, ки аз шоирони хушсалиқаи араб буд, тағйирёбии табиат ва ба гулу гулзор мубаддал гаштани табиат ва бедоршавиашро ба назм дароварда, мегӯяд:

أحلَّ فأبدى للعيون بشاشةً
و كان قذى للعين إذ كان مُحرما
و رقّ نسيم الريح، حتى حسبتُه
يَجيءُ بأنفاس اللاحبة نعّما

Аз дарахти баҳорӣ нишони шодӣ медамад,
Ҳол он ки мисли хасе дар чашм менамуд.
Насими баҳор вазид ту гумон мекунӣ,
Ки дами нафасҳои ҳабибонро ба неъмат оварда [8, с.147].

Дар осори таъриху адаб ин идҳо ба сурати хеле дақиқ тавсиф ёфтаанд, расму оин ва суннатҳо, урфу одати мардумонаш низ басе муфассал тасвир гардидаанд. Инро мо дар таълифоти бузургони таъриху адаб чун ал-Берунӣ, ан-Нувайрӣ, ал-Ҷоҳиз, ал-Қалқашандӣ, ал-Масъудӣ, ал-Мақризӣ, Таҳа Нада, ал-Хуфӣ, Ҷурҷӣ Зайдон, ал-Холисӣ, ас-Саъолибӣ ба хубӣ мушоҳида мекунем. Аъроб иди Наврӯз ва Меҳргонро аз куҳантарин замонҳо мешинохтанд [15, с.119].

Шоирони араб дар эҷодиёти худ тамоми зебоӣ ва равнақи наврӯзро васф ва мадҳ намуданд. Онҳо субҳи навдамидаи наврӯз ва интизории мардумро бо ибораҳои фаҳмо ба назм дароварда, табиати нотакрорро, бо ташбеҳоти муносиб иброз намуданд.

Чи тавре, ки Абу Тамом гуфтааст:

قد شرَّد الصبح هذا الليلَ عن أُفقِهْ
و سوغ الدهر ما قد كان من شَرَفِهْ
سيقت إلي الخلق في النيروز عافيةُ
بها شفاهم جديدُ الدهر من خَلَقِهْ

Субҳ аз даргоҳи худ шабро биронд,
Ва қабул дошт ҳар чиро, ки аз шарқ омад.
Рӯзҳои Наврӯз низ ба мардум шифо меорад,
Ва онҳо гӯё дар ҳаёт аз нав таваллуд мешаванд [5, с.402].

Абу Нувос омад-омади Наврӯзро ба дурахшонии ситораи Зӯҳро ташбеҳ намуда, хурсандиву сархушии мардумро дар рӯзи Наврӯз васф намуда мегӯяд:

يباكرنا النيروزُ في غلس الدجي
بنورٍ على الأغصانِ كالأنجم الزُّهرِ
يلوحُ كأعلام المطار في وشيه
من الصفر فوق البيض و الخضر و الحمر

Наврӯз саҳаргоҳон моро ҳанӯз дар торикӣ
Бо нури гулҳое, ки чун ситорагон дар шохҳо овезонанд, бедор мекунад.
Мисли парчамҳои рангорангу пурнақши чаманҳо
Зарду сафед ва сабзу сурх ба чашм менамоянд [1, с.222].

Дар эҳёи расму оин ва урфу одатҳои наврӯзӣ аз қабили оташафрӯзӣ, обпошӣ, пешкаши ҳадяҳо, хушҳоливу шодкомӣ, аз гулҳо омода намудани тоҷҳо ва базму тараб нақши мардуми форс дар дарборҳои арабӣ назаррас мебошад. Ин тасвирҳоро Мутанаббӣ дар қасидааш чунин ишора кардааст:

ما لبسنا فيه الأكاليل حتّى لبستها تلاعه و وهاده

Дар ин Наврӯз мо ба мисли табиат аз гулҳо бар сари худ тоҷ оростем [7,с.324].

Масалан, Ибни Румӣ расми обпоширо дар ҷашни Наврӯз ба мамдуҳи хеш чунин тараннум мекунад:

جآدت يمينك في النيروز فائضةً بالمال إذجاد فيه الناس بالماء

Дасти росташ дар Наврӯз ҷуд карду сел рехт,

Аз молу сарват мисли он, ки одамон об мерезанд [11,с.14].

Таҷассуми шоиронаи одати гулпошӣ низ дар канор намондааст. Ибн ал- Мӯътазз дар байти зер чунин тасвир кардааст:

و اغرورقت لا نسكاب الماء مقلتها جاءت بثلج كورد ابيض نثرا

Чашмони осмон пурнам гаштанд ва аз онҳо барф биборид, гӯӣ, ки садбаргҳои сафедро нисор мекарда бошанд [10, с.252].

Ин анъанаи шоирони араб дар замони муосир низ идома дорад. Аз шоирони муосири араб беш аз ҳама Амири шуаро Аҳмад Шавқӣ ба васфи баҳор ва таҳнияти Наврӯз пардохтааст:

آذار أقبل، قم بنا يا صاح حى الربيع حديقه الأرواح
و أجمع ندامى الظرف تحت لوائه وانشر بساحته بساط الراح
صفو آتيح فخز لنفسك قسطها فالصفو ليس على المدى بمتاح
و اجلس بضاحكه الرياض مصفقا لتجاوب الأوتار و الاقداح
و استانسن من السقاه برفقه غر كامثال النجوم صباح
رقت كندمان الملك خلالهم و تجملوا بموه و سماح

Эй ҳамнишин ва ҳамдами ман, моҳи Фарвардин фаро расид, бархез бо мо ба баҳоре, ки боғи ҷонҳост дуруду таҳният фирист. Надимону ҳамнишинони шӯхро фароҳам кун ва дар зери чатри баҳорон дар соҳати он бисоти айшу осойиш ва шароб бигзарон. Маҷоли осоиш ва осудагӣ муҳайё гаштааст, биё насиби худро аз он биситон, зеро макони осоиш, ҳамеша фароҳам ва дастраси инсон нест (фурсатро ғанимат дон). Дар боғҳое, ки чун маҳбубон ба рӯйи бинанда лабханд мезананд, кафзанон дастафшон бинишин, то ба кафзаданҳо ба нағмаҳои тор ва соғарҳо посухдеҳ бошӣ.

Ва бо соқиёни сапедандом, ки ҳамчун ситорагон дурахшон ба вақти бомдодон падидор мешаванд, унс бигир.

Соқиёне, ки хӯй ва рафторашон монанди надимони шоҳон нарм ва латифу зебост, бо бузургворӣ ва бахшандагӣ худро зебо оростаанд[6, с.3].

Тавре ки мулоҳиза кардем, ҷашни Наврӯзу навбаҳорон ва дигар суннатҳои бостонии мардуми форсу тоҷик аз замони бостон то ба имрӯз дар байни мардуми араб, хоссатан дар адабиёти манзуми он роиҷ аст.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки решаи таҷлили Наврӯз ба аҳди бостон мерасад ва онро мардуми ҳиндуэронӣ ва халқҳои ҳамҷавори онҳо ҷашн мегирифтанд ва ин расму оини наврӯзӣ бо ин қадар мушкилиҳо бе каму кост идома ёфта, ба замони мо омада расид, то мо онро ба наслҳои оянда мерос гузорем.

А Д А Б И Ё Т

1. Абунувос Ҳ.Ҳ. Девон. - Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1963. - 222 с.
2. Аҳмад С. Фарҳанги бузрги ҷомиъу навин; тарҷумаи Мунҷид. – Теҳрон: Хиёбони инқилоб, 1382. - Ҷ.1, Ҷ.2. - 1136 с.
3. Абдушукури Абдусаттор.Фарҳанги арабӣ ва адабиёти аҳди Ғазнавиён. Воситаи таълимӣ. - Душанбе: Бухоро, 2015. - 430 с.
4. Абдушукури Абдусаттор. Таърихи адабиёти араб. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 260 с.
5. Абутаммом. Девон; шарҳ ал-Хатиб ат-Табрезӣ. - Қоҳира: Дор ал-маориф, 1976. - 402 с.
6. Аҳмад Шавқӣ. Маҷалла; “Таърихи адабиёти араб. - Теҳрон: ал-Адад 41, 2000. – 80 с.
7. Ал-Барқуқӣ; шарҳ диван ал-Мутанаббӣ. - Бейрут: Дор ал-китобал-арабӣ, 1980. - 250 с.
8. Бухтурӣ А.Девон. - Миср: Дор ал-маориф,1964. - Ҷ. 2. – 443 с.
9. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX. Китоби дарсӣ / Н. Зоҳидов. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 444 с.
10. Ибни Муътаз.Девон; шарҳи Муҳиддин ал-Ҳаёт. - Бейрут: Матбаат ал-Иқбол, 1941. - 594 с.
11. Ибн ар-Румӣ. Диван; тарҷумаи Ҳусайн Нассор / Ибн ар-Румӣ. - ал-Қоҳира: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1973. - Ҷ.1. – 2301 с.
12. Насрин Курдин. Ал-Ҷузур ат-таърихия ли-л-иҳтифол би ид Найруз // Маҷаллат “Матин” ал-Адад 99, 2000. - 300 с.
13. Раҳмонӣ Р. Наврӯзи ориёии тоҷикон / Р. Раҳмонӣ. - Душанбе: ДМТ, 2013. - 145 с.
14. Тоҷиддин Мардонӣ.Саҳифаҳое аз равобити адабии Арабу Аҷам. - Душанбе: Ирфон, 2010. – 236 с.
15. Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз; тарҷумаи Абулқосими Поянда. - Теҳрон, 1352-1353 ш. - Душанбе, 2008. - 235 с.
16. Ҳазратқулов М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол / М. Ҳазратқулов. - Душанбе: Эр-граф, 2012. - 484 с.

АНЪАНА ВА СУННАТҲОИ МАРДУМИ ФОРС ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ АРАБИЗАБОН

Чун мардуми форсу араб аз қадимулайём дар як минтақа паҳлуи ҳам мезистанд, табиист, ки робитаҳои тиҷорӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳамҷаворӣ байни онҳо мустаҳкам буд. Ин равобит баъд аз зуҳури дини ислом ба маротиб афзуд, акнун ин ду миллатро дини ягона ба ҳам мепайваст, ки дар зиндагии онҳо умумиятҳои зиёдеро ворид кард. Дар масъалаи равобити фарҳангии миёни Арабу Аҷам, таъсири Қуръону ҳадис ва амсолу ашъори арабӣ низ зиёд мебошад. Аз ин ҷост, ки муаррихи бузурги араб Ибн Халдун ҳамин фикри арабҳоро чунин баён кардааст: “Ростӣ, ки бардорандагони парчами илм дар ислом аксаран аҷамиёнанд”. Чизи дигаре, ки аз сарчашмаҳо бармеояд ин аст, ки дар эҷодиёти адибони аҳди ҷоҳилия тасвири боғу бустон, гулу булбул ва наврӯзу баҳор, ки дар адабиёти форсу тоҷик маъмул буданд, ба чашм намерасанд. Аз лиҳози мавзӯъ ғолибан тавсифи мушкилоти сафари шоирро дар бодия, тасвири маркаби ӯ ва ҳайвоноти биёбон, нигориши манзараҳои саҳрои бе обу гиёҳ, харобаҳои манзили маъшуқа, васфи ашёву

набототи хосси муҳити бодия дар бар мегирифт. Аз нимаи дуюми асри V сар карда, шоирони арабизабон ба зикри гулу гиёҳин ва васфи онҳо рағбати беандоза зоҳир кардаанд. Қасидаҳои дилнишину пурназокате эҷод кардаанд ва яке аз омилҳои асаргузории фарҳанги форсӣ ба адабиёти араб ҳам дар ҳамин буд. Расму оини наврӯзӣ дар замони ҳукмронии Уммавиён аз нав эҳё гардида интишор ёфт. Дар замони халифаҳои аввалини аббосӣ бошад, хусусан халифа ал-Мутаваккил (ҳукм. 847/861) ин идро ҷашн мегирифтанд. Аз ҷумла, соли 242/856 бо амр ва дастури ӯ рӯзи иди Наврӯз оғози ҷамъоварии хироҷ эълон гардид. Ин анъанаи шоирони араб дар замони муосир низ идома дорад. Аз шоирони муосири араб беш аз ҳама амири шуаро Аҳмад Шавқӣ ва дигарон ба васфи баҳор ва таҳнияти Наврӯз сурудаанд.

Калидвожаҳо: тасвири боғу гулҳо, обпошӣ, суннатҳои мардумӣ, девон, баҳори хуррам, адабиёт, шоирони арабизабон, Наврӯз, шеър, робитаҳои илмию фарҳангӣ, забони форсӣ, расму русум, таъсиргузорӣ, аббосиён, тараннум, васф, мафхум, қасида, шеър.

ПЕРСИДСКИЕ ТРАДИЦИИ И ОБРЯДЫ В ТВОРЧЕСТВЕ АРАБОЯЗЫЧНЫХ ПОЭТОВ

Так как испокон веков персидский и арабский народы жили бок о бок в одном регионе, естественно, что их торговые, культурные, политические связи были прочными. Эти связи намного укрепились после появления исламской религии, теперь оба народа объединяла единая религия, вносившая в их жизнь много общего. Очень много примеров на счёт культурных связей между Арабским миром и Аджамом (Аравией и Персией), влияние Корана и его айятов, также арабской поэзии и прозы. Известный арабский историк Ибн Халтун так выразил эту точку зрения арабов: “По правде, знаменоносцами науки в исламе, в основном являются персы”. Также из источников вытекает, что в творчестве литераторов периода тьмы и заблуждения не наблюдается изображение садов, цветников, цветов и соловьёв, весны и Навруза, которое было очень распространено и известно в персидско-таджикской литературе. С точки зрения темы, преобладало изображение трудностей кочевой жизни поэта по пустыне, описание его лошади и других животных, изображение картин безводной степи, развалин жилья возлюбленной, воспевание особых растений и вещей окружающей кочевой среды. Со второй половины V века арабоязычные поэты стали проявлять большой интерес к воспеванию цветов, цветников, растений. Сочинены великолепные касыды, что является одним из факторов проникновения персидской культуры в арабскую литературу. Традиции и обряды, связанные с Наврузом, возродились во времена правления Умавидов. В период правления первых правителей Аббасидов, особенно халифа аль Мутаваккила (правл.847-861), начали праздновать Навруз. В том числе по его распоряжению и повелению день праздника Навруз стал началом сбора дани. Эта традиция арабских поэтов продолжается и в наше время. Из современных поэтов Ахмад Шавки и другие воспевали весну и Навруз.

Ключевые слова: изображение садов и цветов, народные традиции, литературное наследие, цветущая весна, литература, арабоязычные поэты, Навруз, стихотворение, научно-культурные связи, персидский язык, традиции и обряды, влияние, Аббасиды, воспевание, понятие, ода, стихотворение.

TRADITIONS AND CUSTOMS OF PERSIAN PEOPLE IN THE CREATIVE WORKS OF ARABIC SPEAKING POETS

Since the people and the Arabs of the ancient Arabian Peninsula live together in the same region, it is natural that their trade, cultural, political and religious relations were stronger among them.These relations become storngerafter the Islamic revolution, and now these two nations have joined the same religion, which has contributed to their lives.The influence of the Koran, Hadith and Arab Spring is also great in the issue of cultural relations between Arabs and Ajam. Arab great historian Ibn Khaldun expressed the opinion of the Arabs as following: “Truly, most of the Ajam brothers are the standard-bearers of science in Islam”. Another thing that comes from sources is that in the creative works of ignoranceepoch, landscape of the garden, pond, flowers and nightingale, spring and Nowruz, are not observable in Persian and Tajik literature. From the subject is coming out of story the problems of poetry travels in the desert, about image of his beloved’s deserted stopping place and desert animal, about picturesque landscape, about nature without water and flowers, about ruins of the garden, about desert nature and environment, will not get in the eye. Starting from the second half of the V century, poets showed great interest in plants, flowers and grass and their reputations. They wrote pleasant and attractive odes, which were one of the factors influencing Persian culture, was Arabic literature. The Navruz ritual was revived during the reign of the Ummah. Especially celebrated during the time of the first Abbasid caliphates, especially Khalifa al-Mutawakkil (Decree 847/861). In particular, 242/856 year was declared by hisOrder and Decree, the Day of Navruzwas announced beginning of the tax levy.

Key words: description of gardens and flowers, splashing of water, national traditions, divan,joyful spring, literature, Arab speaking poets, Nawruz, poem, Scientific-cultural relations, Persian language, tradition and custom, influence, Abbasids, singing, glorifying, sense, od.

Сведения об авторе: ***Хамидова Нилуфар Джалиловна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **hamidovanilufar1@mail.ru.** Тел.: **(+992) 931-11-08-57**

Information about the author: ***Hamidova Nilufar Jalilovna*** - Tajik National University, Doctoral Candidate Ph.D of the Department of Arabic Philology, Faculty of Languages of Asia and Europe. E-mail: **hamidovanilufar1@mail.ru.** Тел.: **(+992) 931-11-08-57**

УДК: 398. 2- 575. 32 Қ 93

РИВОЯТУ АҚИДАҲОИ АСОТИРӢ ДОИР БА КАБӮТАР

Қурбонхонова Н.М.
Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ

Маълум аст, ки ҳар як халқу кишвар вобаста ба шароити иҷтимоӣ - таърихӣ ва муҳити воқеӣ - табиӣ тасаввуроту ақидаҳо, эътиқоду боварҳои худро доир ба ҳар як

намуди ҳайвоноту парандагон дорад. Қайд кардан зарур аст, ки баъзан ин намуди бовару эътиқодот ва тасаввурот ба ҳамдигар шабоҳат низ доранд. Асотир, ки мазҳари эътиқоду бовари инсонҳо маҳсуб ёфтааст, дар натиҷаи мушоҳида ва таҷрибаи тӯлонии одамон ҳамчун як намуди тафаккури бадеии халқҳои гуногун шакл гирифтааст. Ин бовару эътиқодот сабаби ба вуҷуд омадани ақидаҳои тотемистӣ низ гардидаанд.

Асотир маҳсули ҳама гуна афкори иҷтимоӣ ва бадеии қадимии халқҳо буда, он бунёд ё худ маншаи асосии навъу намудҳои эҷодиёти бадеии лафзии онҳо низ мебошад. Устурашинос Малиновский қайд кардааст, ки устура дар навбати худ нишондиҳандаи маросим ва таҷрибаи ҷамъиятӣ аст [4, с.13].

Тибқи тадқиқоти донишмадони таърихи дунёи қадим дар замони қадим хешигарии одамон аз рӯйи тотем муайян карда мешуд. Он қабилаҳое, ки як тотемро парастиш мекарданд, худро бо ҳам хеш мегуфтанд ва қабилаашонро бо ҳамон тотем ном мебурданд. Робертсон Смит қайд кардааст, ки ҳайвони тотемӣ ин ҳайвони муқаддаси қабила буда, он рамзи қабилаи ягона ва якшавии онҳо ба худояшон мебошад [4, с.54]. Агар тотеми як қабила уқоб бошад, аз қабилаи дигар зоғ аст. Халқияти зироаткори Мисру Юнон барзагов ва дар Ҳиндустон мору говро муқаддас медонанд ва қабилаи африкоӣ агар яке фил ва гамбускакро парастиш кунанд, дигаре ба тортанак, сангпушт ё саг эътимоди комил доранд. Мардуми манотиқи Шимолии Русия бошанд, гавазнро муқаддас ҳисоб мекунанд [3, с.5]. Навъу намудҳои фолклорие, ки дар заминаи ақида ва тасаввуроти асотирӣ ба вуҷуд омада, шакл гирифтаанд, равшангари бисёре аз урфу одат, дину ойин ва унсурҳои маросимҳои суннатии мардум мебошанд. Одамон барои ба таври аёнӣ баён кардани ихлосу эътиқоди худ нисбат ба ҷинсу ашёҳои табиат, бахусус, ҳайвоноту парандаҳо таомулу оинҳо ва расму маросимҳоро ба вуҷуд оварда, бо мурури замон онҳо хусусиятҳои суннатӣ пайдо намудаанд. Агар ба таърихи халқияти дунё назар афканем, маълум мегардад, ки эътиқодот нисбати ҷонварони табиат дар байни халқияти дунё ба ҳамдигар хеле монанд аст. Дар ин ҷода мо якчанд эътиқодоти мардуми гуногунро оиди кабӯтар муқоиса менамоем.

Халқияти лезгин аз байни парандагон парасту ва кабӯтарро муқаддас ҳисобида, озор додани онҳоро гуноҳи азим ҳисоб мекунанд [1, с.14]. Дар санъати тасвирии насронӣ ва юнони қадим кабӯтарро аломати тозагӣ ва сулҳ ҳисоб мекунанд, зеро дар замони тӯфони Нӯҳ (а) вайро барои дарёфтани хушкӣ мефиристонад. Кабутар дар нули худ барги равғанӣ овард ва он замон хушкӣ ба вуҷуд омад [5, с.13]. Дар мафкураи насроният кабӯтар чун аломати рӯҳи нуронӣ аст. Ин аломат гӯё нишонаи он аст, ки рӯҳ монанди кабӯтар аз осмон фуруд омад ва Исо аз он арзи вуҷуд карда будааст [5, с.11]. Чунин ақида дар байни мардуми Бадахшон низ вуҷуд дорад.

Аз сокини деҳаи Нимофи ноҳияи Роштқалъа Раҳматшоев Асадшо (77-сола) соли 2016 чунин ривоят дастрас гардид: Барои Нӯҳ пайғамбар аз ғайб садо омад, ки дунёро об зер мекунад. Коре кардан даркор аст, ки тухми инсону ҳайвон ва наботот аз замин барканда нашавад. Нӯҳ пайғамбар ба сохтани киштӣ пардохт ва онро ба итмом расонд. Тӯфон омада, тамоми оламро зер кард. Нӯҳ пайғамбар ҳамроҳи чанд намуди парандагону ҳайвонот ва наботот бо киштиаш наҷот ёфт. Баъди чанде барои фаҳмидани сатҳи об мурғро ба замин мефиристонад. Мурғ рафта, яке донро дида, ба хӯрданаш сар кард ва дигар барнагашт. Нӯҳ кабутарро фиристонд, кабӯтар он вақт ниҳоят сустпарвоз буд. Кабӯтар рафта сатҳи обро муайян намуда ба Нӯҳ хабар дод. Нӯҳ ба вай дуо карда, кабӯтар минбаъд тезпарвоз гардидааст. Азбаски кабӯтар фармони пайғамбарро ба ҷо овардааст, вай минбаъд дар байни мардум эътимод пайдо намудааст. Кабӯтар гӯё барои хислати некаш аз тарафи пайғамбар тавқи бандагӣ гирифтааст ва он хатти сабзе, ки дар гарданаш аст, гӯё ҳамон тавқе мебошад, ки нишонаи зиндагии абадӣ аст.

Ба ғайр аз ин, аз нақлу ривоятҳои мардумӣ аён мегардад, ки то ҳанӯз ҳам баъзе ақидаҳои асотирӣ дар байни мардум вуҷуд доранд ва мардум нисбати онҳо эътиқоди қавӣ доранд. Масалан, дар соли 2015 аз сокини деҳаи Лангари ноҳияи Ишкошим Муллоев Ёдгоршо (соли таваллуд 1960) ба ин мазмун ривояте доир ба кабӯтар дастрас гардид: Вақте ки Биби Фотимаи Заҳро реҳлат кард, гиряву нолаи Ҳазрати Алӣ ба осмон печид. Кабӯтар ин манзарароро дида, матои сабзро дар гардан андохта байни мардум гашта, реҳлати Биби Фотимаи Заҳроро хабар дод. Аз ҳамон рӯз дар гардани кабутар хатти сабз вуҷуд дорад, ки он гӯё нишонае аз мотами Биби Фотимаи Заҳро боқӣ мондааст. Барои ҳамин дар Вахон расме барқарор аст, ки агар ягон кас фавтад, занон ба сарашон рӯмоли сабзро баста ба мотамхона мераванд. Мотамзадагон бошанд, муддати дароз рӯмоли сабз ба сар меандозанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар саросари Бадахшон доир ба кабӯтар ақидаи мусбат вуҷуд дорад. Вобаста ба ин, дар соли 2016 аз сокини деҳаи Ҷавшангози ноҳияи Роштқалъа Субҳонқулихонов Мирзоалихон (соли таваллуд 1964) чунин нақл дастрас гардид, бояд қайд намуд, ки он нақли воқеӣ доир ба ин паранда аст: «Падарам моли закотро ба теппаи болои деҳа пинҳон кард. Вақти супоридани он расид, ки падарамон аллакай, дар қайди ҳаёт набуд. Мо барои овардани он рафтем, ки ҷояшро гум

кардем. Ду рӯз паи ҳам кофтем, вале ҷойи пинҳонкардаи моли закоти падарамонро пайдо накардем. Рӯзи сеюм қарор додем, ки даъфаи охир ба он ҷо меравем ва агар онро пайдо кунем хуб аст, агар не дигар илоҷ нест. Вақте ки мо аз деҳа берун шудем пешопеши мо кабӯтаре хеле суст парвоз карда мерафт. Аз аввал мо диққат надодем, вале баъдтар мушоҳида кардем, ки он кабӯтар ҳамроҳи мо рафта истодааст. Дар вақти истироҳат карданамон кабӯтар низ каме аз мо дуртар парвоз карда мешинад ва интизори рафтани мо мешавад. Вақти роҳ рафтани мо бошад, вай боз пешопеши мо хеле суст парвоз карда меравад. Мо фаҳмидем, ки ин кабӯтар чизеро мефаҳмад. Вақте ки ба он теппа расидем. Кабӯтар дар як ҷое қарор гирифта, чанд бор овоз бароварда ва хокро бо нӯлаш ба ҳар тараф пош дода, дуртар рафта ҳаракати моро санҷид. Мо омада, дар он ҷо ба кандани замин машғул шудему кабӯтар якбора нопадид гашт. Мо заминро канда, моли закотро пайдо намудем». Аз як ҷо агар ривоят дастрас шуда бошад, аз ҷойи дигар нақли воқеӣ, ки шахсе худаш шоҳиди амали кабутар будааст, дастрас гардид. Аз мазмуни ин ривояту нақли воқеӣ бармеояд, ки мардум ҳанӯз аз замонҳои қадим нисбати кабӯтар ақидаи мусбат доштанд ва онро як парандаи муқаддас ҳисоб мекарданд. Ба ғайр аз ин, мардуми Бадахшон кабӯтарро тамоман шикор намекунанд. Онро парандаи хушхосият мегӯянд ва калонсолон боз ба мушоҳида гирифтаанд, ки баҳор вақте ки тухмиро ба замин мепошанд, кабӯтарон ба замини киштшуда тамоман наздик намешаванд. Кабутарон ризқу рӯзии одамонро намехӯранд, вале тирамоҳ баъди гирифтани ҳосил ба замин фуруд меояд. Ин ақида низ як хислати дигари хуби кабӯтарро нишон медиҳад. Ба ғайр аз ин, мардуми Бадахшон боз ақида доранд, ки кабӯтар як парандаи ибодаткор аст, баъзан вай сарашро муддати дуру дароз ба замин хам мекунад, ки ин гӯё нишонаи ибодати вай аст [2, с.88]. Дар алоқамандӣ ба ин гуфтаҳо Муллоев Ёдгоршо боз иброз намуданд, ки дар деҳаи мо (Лангар) Фармонбек ном шахси тақводоре зиндагӣ мекард. Дар шифти хонааш кабӯтарони сафед лона доштанд. Вақте ки Фармонбек аз дунё гузашт, кабӯтарон парвоз карда дигар барнагаштанд. Аз мазмуни ривояту нақлҳои воқеӣ, ки дар солҳои охир аз мардум гирдоварӣ гардидаанд, маълум гардид, ки ақидаҳои асотирӣ ва ривоятҳо то ҳанӯз ҳам дар байни мардум вуҷуд доранд ва онҳо баёнгарӣ воқеаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва фалсафии халқ мебошанд. Асотиру ривоят нишондиҳандаи таърихи халқ ҳастанд. Пас маълум мегардад, ки дар Кӯҳистони Бадахшон дар давоми ҳазорсолаҳо боз одамон, ки асосан аз қавму қабилаҳои гуногун таркиб ёфтаанд, сукунат доранд. Дар заминаи бархе аз бовару эътиқодот, ки бунёди онҳо ақидаҳои асотирӣ аст, нақл ё ҳикояте офарида шуда, паҳн гаштаанд, ки дар онҳо саргузаште ё ҳодисаи нақлшуда хусусияти воқеӣ касб кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гаджиев Г.А. Доисламские верования лезгин по материалам Самурской долины: автореферат дисс. уч. степ. канд. наук / Г.А. Гаджиев. - Москва, 1977. - 24 с.
2. Курбонхонова Н. Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон / Н. Қурбонхонова. - Душанбе, 2011. - 145 с.
3. Мелетинский М.Е. Палеоазиатский мифологический эпос / М.Е. Мелетинский. - Москва: Наука, 1979. - 229 с.
4. Токарев С.А. Ранние формы религии / С.А. Токарев. - Москва, 1990. - 622 с.
5. Фергюссон Д. Христианский символизм // Серия символика. Кн. 8. / Д. Фергюссон. – Москва, 1998. – 331 с.

РИВОЯТУ АҚИДАҲОИ АСОТИРӢ ДОИР БА КАБӮТАР

Дар мақола дар бораи ақидаҳои асотирӣ ва ривоятҳо оид ба кабӯтар, ки дар байни мардуми Бадахшон паҳн гаштаанд, сухан рафтааст. Ақидаҳои асотирӣ ва ривоятҳо доир ба ин паранда, ки бештар мардуми дунё онро парандаи муқаддас ҳисоб мекунанд то ҳоло ҳам арзи вуҷуд доранд. Навъу намудҳои фолклорие, ки дар заминаи ақида ва тасаввуроти асотирӣ ба вуҷуд омада, шакл гирифтаанд, равшангари бисёре аз урфу одат, дину ойин ва унсурҳои маросимҳои суннатии мардум мебошанд. Одамон барои ба таври аёнӣ баён кардани ихлосу эътиқоди худ нисбат ба ҷинсу ашёҳои табиат, бахусус ҳайвоноту парандаҳо, таомулу оинҳо ва расму маросимҳоро ба вуҷуд оварда, бо мурури замон онҳо хусусиятҳои суннатӣ пайдо намудаанд. Агар ба таърихи халқияти дунё назар афканем, маълум мегардад, ки эътиқодот нисбати ҷонварони табиат дар байни халқияти дунё ба ҳамдигар хеле монанд аст. Дар ин ҷода мо якчанд эътиқодоти мардуми гуногунро оиди кабӯтар муқоиса менамоем. Ақидаҳои асотирӣ ва ривоятҳо то ҳанӯз ҳам дар байни мардум вуҷуд доранд ва онҳо баёнгарӣ воқеаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва фалсафии халқ мебошанд. Асотиру ривоят нишондиҳандаи таърихи халқанд. Пас маълум мегардад, ки дар Кӯҳистони Бадахшон дар давоми ҳазорсолаҳо боз одамон, ки асосан аз қавму қабилаҳои гуногун таркиб ёфтаанд, сукунат доранд. Дар заминаи бархе аз бовару эътиқодот, ки бунёди онҳо ақидаҳои асотирӣ аст, нақл ё ҳикояте офарида шуда, паҳн гаштаанд, ки дар онҳо саргузаште ё ҳодисаи нақлшуда хусусияти воқеӣ касб кардаанд.

Калидвожаҳо: кабӯтар, асотир, ривоят, эътиқод, парастиш, паранда, мардум, ақида, тасаввурот, монандӣ.

РАССКАЗЫ И МИФОЛОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ О ГОЛУБЕ

В статье переданы рассказы о голубе, которые были распространены среди Бадахшанцев. Рассказы об этой птице, которую считали священной, до сих пор существуют. Типы фольклора, сформированные на основе идей и теорий мифов, являются явными признаками многих культур, религий и элементами обрядов и традиций народа. Люди выражали свои искренние убеждения в отношении живых существ и природы, особенно животных, птиц, обрядов, и что привело к появлению традиций и ритуалов, которые постепенно стали неотъемлемой частью

традиций. Если мы посмотрим на историю мира, то станет ясно, что представления о природе гораздо более распространены среди народов мира. В этом отношении мы сравниваем представления нескольких разных наций о голубях. Мифические идеи все еще существуют среди людей, и они выражают свои исторические, культурные и философские события людей. Мифическая история представляет историю нации. Таким образом становится ясно, что в Горно-Бадахшанской автономной области около тысячи лет проживают разные народности люди и племена. На основе некоторых убеждений, основой которых являются мифические идеи, были созданы и распространены истории и басни, в которых пересказанные истории и события отражали реальность жизни.
Ключевые слова: голубь, миф, история, вера, почитание, птица, люди, идеи, воображение, сходство.

STORIES AND MYTHOLOGICAL IDEAS ABOUT DOVE

This article address the mythological ideas on dove that were spread among the people of Badakhshan. Stories and ideas about this bird that the majority of people considered it sacred exist up until now. Types of folklore, formed on the basis of the ideas and theories of the myths, are clear signs of many cultures, religions and elements of the rites and traditions of the people. People have been expressing their sincere beliefs about living things and nature especially animals, birds, rites and brought about traditions and rituals as a result which then gradually became integral part of traditions. If we look at the history of the world, it is clear that the beliefs of nature are far more common among nations of the world. In this respect, we compare the beliefs of several different nations bout dove. Mythical ideas are still existent among the people, and they express their historical, cultural and philosophical events of the people. The mythical history are the representing the history of the nation. Thus it becomes clear that in Gorno-Badakhshan Autonomous Region for about thousands of years living different people and tribes. On the basis of some beliefs whose foundation is mythical ideas, stories and fables were created and spread in which retold stories and events reflected reality of life.
Key words: Dove, myth, history, belief, veneration, birds, people, idea, imagination, similarity

Сведения об авторе: ***Курбонхонова Нуриджахон Мирасановна*** - Институт гуманитарных наук им. Б. Искандарова в г.Хоруг, старший научный сотрудник. **Адрес:** 736002, Республика Таджикистан, г.Хоруг, ул. Х. Юсуфбеков 53. Тел.: **(+992) 934-60-90-93**

Information about the author: ***Kurbonhonova Nurijahon Mirasanovna*** - Institute of the humanities named after B. Iskandarov in the town of Horogue, senior researcher. **Address:** 736002, Republic of Tajikistan, Khorug, ul. H. Yusufbekov 53. Tel.: **(+992) 934-60-90-93**

УДК: 891.550-1:82

ТАҶАССУМИ ТАМАДДУН ВА ФАРҲАНГИ МАРДУМИ ЭРОННАЖОД ДАР ШЕЪРИ МИҲЁРИ ДАЙЛАМӢ

Шодиев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тамаддун ва фарҳанги мардуми эроннажод аз қадим то ба имрӯз яке аз пурғановаттарин фарҳангҳои башарӣ ба шумор рафта, дар ҳама давру замон ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор дошт, бавижа он ҳаргиз аз мадди назари шоирону адибон дур намондааст. Ҳамин бузургию шаҳомати фарҳангу тамаддуни мардуми мо буд, ки чи шоирони форсу тоҷик ва чи арабу ғайри араб дар ашъори хеш ба мавзӯи фарҳанг ва тамаддуни куҳанбунёди мардуми эронинажод муроҷиат мекарданд. Махсусан, адибони араб ва форситабори арабзабон дар давру замонҳои гуногун ба ин мавзӯъ рӯй овардаанд. Ин раванд бавижа дар даврони хилофати аббосиҳо хеле ривоҷ гирифта буд. Аз ҷумлаи он шоирони эронитабор ва араб мисли Миҳёри Дайламӣ, Абунувос, Ибни Румӣ, Мутанаббӣ, Бухтурӣ ва дигарон буданд, ки дар осори хеш ба мавзӯи фарҳанг ва тамаддуни бостони мардуми форсу тоҷик таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ин радда месазад, ки шоири тавонои аҳди аббосиён Миҳёри Дайламиро махсус ёдовар шуд. Миҳёр бо вуҷуди аз аҳли форс буданаш ашъори худро ба забони арабӣ сурудааст ва дар адабиёти араб яке аз симоҳои барҷаста ба шумор меравад, ки тавсифи онро мо метавонем дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳои муосир пайдо намоем. Аз ҷумла, дар мавриди шахсият ва осори ин шоири ширинбаён Хатиби Бағдодӣ, Ибни Ҷузӣ, Ибни Халикон, Ибн ал-Ҳуҷҷаи Ҳамавӣ, Имоди Исфаҳонӣ, Ибни Асир, Абулҳасани Бохарзӣ, Ибн Синон Хафоҷӣ, Ибн Ҳаммоди Ҳанбалӣ ва дигарон дар таълифоти худ ба тафсил ёд кардаанд [5, с.4-83].

Бо вуҷуди он ки аз ҷониби муҳаққиқони араб ва эронӣ дар атрофи осор ва аҳволи Миҳёри Дайламӣ ковишҳои зиёд анҷом дода шуда бошанд ҳам, вале дар шарқшиносии даврони шӯравӣ ин шахсият ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор нагирифта буд ва ба ҷуз ишораҳои алоҳида перомуни ин шоири тавоно чизи дигари тозае дида намешавад. Дар шарқшиносии пасошӯравии тоҷик бошад, бояд аз рисолаи Мақсудов Ҳ. [7] дар ин мавзӯъ зикр намуд, ки муаллиф дар он дар баробари баррасии зиндагинома ва осори шоир, инчунин мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори ӯро дар партави ҳаракати шуубия ва мазҳаби ташайюъ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Мавзӯе, ки он мавриди баррасӣ қарор дорад, таҷассуми тамаддун ва фарҳанги мардуми эроннажод дар шеъри Миҳёри Дайламӣ мебошад, ки дар навиштани он асосан Девони ашъори Миҳёри Дайламӣ сарчашмаи асосии омӯзиш қарор гирифт.

Абулҳасан Миҳёр ибни Марзавияи Дайламӣ, ки ҳамчун Миҳёри Дайламӣ машҳур мебошад, дар Бағдод ба дунё омадааст ва дар он ҷо ба воя расидааст. Санаи таваллуди вай дақиқан маълум нест, вале тахмин меравад, ки шояд ӯ дар ҳудуди соли 364ҳ. зода шуда бошад. Ба қавли муҳаққиқ Исом Абӯалӣ «…худи Миҳёр талвеҳан таърихи таваллуди худро 364ҳ. донистааст» [5, с.58]. Маҳалли таваллуди шоир низ дақиқ нест, ба ҳар ҳол онро Бағдод меҳисобанд. Баъзе сарчашмаҳо Миҳёри Дайламиро зодаи Дайлами Гелон низ медонанд. Шоир бештари умри хешро дар дарбори Оли Бӯя ба сифати котиб сипарӣ кардааст, бинобар ин, ӯ бо номи котиби форсӣ низ машҳур буд. Миҳёр дар ибтидо кеши зардуштӣ дошт ва сипас ба дасти устодаш Шарифи Разӣ ба ислом гаравид, чуноне ки худ мегӯяд:

Ва торику байти-н-нори ябки шароруҳу
Алаййа дамман ан сора байтӣ масҷидан [6, ҷ.1, с.233].

(Дар ҳоле оташкадаро тарк мекунам, ки шарораҳои оташ бар ман, хун мегирянд, чун хонаам масҷид шудааст).

Шоир чун ҳисси беандоза баланди эронгароӣ дошт ва аз аҷдоди хеш тафаххур мекард, ҳамеша аз ҳаракати «шуубия»[†] ҷонибдорӣ мекард, ба қавле ӯ то охири умр ба ин ҷараён содиқ мондааст. Бадхоҳони шоир сабаби ба ислом гаравидан ва шиагаро буданашро ба ҳамин вобаста медонистанд: «ҷилвае аз шуубигарӣ аст ва барои он шиъа шуда то битавонад саҳобаро дашном кунад» [5, с.57]. Миҳёри Дайламӣ дар соли 428ҳ. дар шаҳри Бағдод аз олам даргузаштааст [5, с.58].

Миҳёр баъд аз худ ашъори зиёде ба мерос гузоштааст ва он дар чаҳор ҷилд гирдоварӣ шуда, борҳо ба нашр расидааст. Ҳамчунин қасидаи «Ломия» низ аз ӯ боқӣ мондааст. «Дар бораи шеъри Миҳёр бояд гуфт, ки хушбахтона дар замони ҳаёти ӯ гирдоварӣ шуда ва муносибати сурудани ҳар шеъре маълум аст ва ҳатто тадвини он дар чаҳор муҷаллад низ қадимист ва дар кутуби қадим ба он ишора шудааст. Миҳёр шахсан девони худро барои муҳассилини адабиёт тадрис мекард» [5, с.74].

Ашъори Миҳёр асосан аз ғазал, қасида, ҳамоса, фахр, рисо (марсия), ихвониёт, мадҳ, шикоят аз рӯзгор ва ғайра иборат буда, аз ҷониби муҳаққиқони адабиёти арабу аҷам соҳиби баҳои хеле баланд гардидааст. Аз ҷумла, Ҳанно ал-Фохурӣ ашъори ӯро чунин баҳо додааст: «Ашъори ӯ рақиқ ва пур аз таҷаллиёти шеърӣ мебошад» [9, с.523]. Аксари муҳаққиқони осори Миҳёри Дайламӣ ӯро аз ҷумлаи нобиғагони адабиёти араб ва девони ӯро аз беҳтарин намунаҳои назм, ки дар фунуни шеъри арабӣ суруда шудааст эътироф кардаанд ва ҳамчунин аз ҷониби ӯ ба ҳам овардани фарҳанги форсӣ ва арабиро аз шоҳкориҳои вай меҳисобанд [1, с.250; 3, с.100]. Ба ҳамин мазмун Заркулӣ низ овардааст: «Шеъри ӯ аз назари маъонӣ шеъри навоварона ва аз ҷиҳати сабк қавӣ ва устувор аст. Ҳамчунин ҷомеи фасоҳати араб ва маъонии аҷам аст» [8, ҷ.7, с.317]. Ал-Бохарзӣ низ дар мавриди шеъри Миҳёр диди худро дорад, ӯ дар китоби «Димят ул-қаср» мегӯяд: «Дар қасидаҳояш байте надорад, ки касе битавонад бигӯяд кош чунон буд ва агар чунин буд беҳтар буд. Он (сурудаҳояш) дар қолаби дилҳо рехта шудаанд ва гӯё рӯзгори носозгор бо тақдими ин оҳанги хушнаво барои гуноҳони худ узр овардааст» [8, ҷ, с.7, с.264; 6. с.5]. Бештари муҳаққиқони осори Миҳёр бар онанд, ки шеъри ӯ дар маҷмӯъ аз шеъри устодаш Шариф Разӣ беҳтар аст, «абёти баланду зебои Миҳёр аз абёти баланду зебои Разӣ беҳтар аст» [8, ҷ.7, с.264]. Дар мавриди манзалати шоир бошад муҳаққиқи араб ал-Ҳуснӣ мегӯяд: «…дар радифи барҷастатарин шуарои араб қарор гирифт ва яке аз фасеҳтарин ва балиғтарин шоирони рӯзгораш шуд» [2, с.86]. Худи шоир низ дар нисбати ашъораш чунин мегӯяд:

Ҳалиюн мин маъдани ас-сариҳи изо
Ғашша туҷҷору-л-ашъори мо ҷалабу.
Тушаккируҳу ал-фурсу фи мадийҳак ли-л
-маъно ва тарзо лисонаҳу-л-арабу [6, ҷ.1, с.112].

(Он гоҳ ки тоҷирони шеъру гадоёни он барои инъом шеъри нохолис месароянд, порсиён мазмуни нобу асили шеърамро ситоиш мекунанд ва арабхо алфози зебои онро).

Тавре ки ёдовар шудем, мавзӯи ашъори Миҳёр гуногун аст, вале мавзӯи тамаддун ва фарҳанги мардуми эронинажод дар эҷодиёти ӯ мавқеъ ва ҷойгоҳи хосса дорад ва хизмати ин шоир дар муаррифї намудани мардуми арабзабон бо фарҳангу тамаддуни бостони мардуми эроннажод тавассути тасвири аъмолу корномаҳои шоҳону шахсиятҳои барҷастаи эронзамин, ҷашнҳо ва суннатҳои бостонии ин мардум хеле барҷаста мебошад. Дар ин маврид муҳаққиқ Муҳаммади Домғонӣ мегӯяд: «Бо таваҷҷуҳ ба эронӣ будани Миҳёр ва фахри вай ба нажоди худ, дар девони ӯ ба теъдоде аз номҳои подшоҳони силсилаҳои мухталифи иронии пеш аз ислом, калимоте чун Кисро, Яздиҷирд, Манучеҳр, Банусосон бармехӯрем…» [8, с.107]. Чунонки зикр шуд, шоир дар ашъораш аз ватан, аҷдоди хеш ва шоҳону қаҳрамонони бостони эронзамин, мисли Ҷамшед, Манучеҳр, Яздигирд, Шопуру

[†] Шуубия ҳаракатест, ки баробарҳуқуқиро дар Ислом талаб мекард ва бартарии арабҳоро эътироф надошт.

Баҳром ва Рустами ял бо ифтихор ёдовар шуда, ба табори эронии худ менозад ва мегӯяд: «ман бузургии аҷам ва дини арабро бо ҳам дорам…» ва меафзояд, ки «эрониён замоне, ки сурурe доштанд адл варзидан ва тадбиру сиёсат аз онон омӯхта шудааст». Шоир аз бузургии подшоҳони эронӣ ёд карда, сифатҳое чун шуҷоату ҷанговарӣ ва адолату кордониро ба онҳо ҷоиз медонад:

Қавмияставлав ала-д-даҳри фатан
Ва машав фавқа рууси-л-ҳиқаби.
Аммаму би-ш-шамси ҳомотиҳуму.
Ва бану абётаҳум би-ш-шуҳуби.
Ва абӣ Кисро ала ийвониҳи,
Айна фи-н-носи абун мислу абӣ? [6, ҷ.1, с.27].

(Хонадони ман бо ҷавонмардӣ бар рӯзгор ҳукумат карданд
Ва солҳои сол по бар сари сарон ниҳоданд.
Аз хуршеди осмон аммома бастанд
Ва кохи худро бар фарози ахтарон барафрохтанд.
Падарам Кисро бар айвони худ такя дорад,
Кадом кас падаре чу ман дорад…).

Ё:

Ва кафайноҳу амра «Рустама» филҳар-
би изо ъуддидат ар-риҷолу аз-зукуру.
Ва-л-лази қад сақо мина-д-дами «зулакт-
офи» ҳатто равво ас-саро «Собуру» [6, ҷ.2, с.62].

(Вақте, ки мардон омодаи набард мешуданд, фармони Рустамро дар ҷанг пазируфтем ва Шопур аз хунҳо хокро сероб кард) [4, с.112].

Манзур аз Зулактофи Шопур дар байт писари Ҳурмуз аст, ки бар зидди арабҳо исён кардааст. Дар байти зайл низ шоир Шопурро мадҳ карда мегӯяд:

Лавлока ва-л-айёму даволатун
Мо истаъбада ал-фурса ал-аъорибу [6, ҷ.1, с.119].

(Агар ту намебудӣ ва рӯзгор мечархид, арабҳо ирониёнро ба бардагӣ мекашиданд).

Ба ҳамин мазмун дар ҷойи дигар мегӯяд: «вақте ки замин бешаю найзор буд, эрониён кохҳо барафроштанд, онҳо доди ситамзада аз ситамгар меситониданд»:

Лиман ала-л-арзи – ва конат ғайзатун
Абниятун ло табтағи лиҳодим?
Ман хариса алботила билҳаққи ва ман
Арғама лилмазлуми анфу аззолим.

Манзалати подшоҳони иронӣ дар ашъори Миҳёр бисёр баланд ва пуршукӯҳ васф шудааст ва бузургии мақоми онҳо бо ситорагони осмонӣ ташбеҳ шудааст: «Баноҳу ала тоҷиҳи Ардашир ҷанобан муриъан ва ҷоран муниъан [6,ҷ.1,с.226]. (Ардашир бо тоҷаш, ҷойгоҳи тарснок ва ҳамсояи баландро бино ниҳодааст):

Раат айну Сосона фийҳо ан-нумуввун
Ва ҳийа ъала каффиҳи тушрақу [6, ҷ.2, с.335].

(Чашмони Сосон дар он рушду нумуро дид, дар ҳоле ки дар дастони ӯ хуршеде медурахшид).

Ё:

Тумассилу баҳрома-л-кавокиб қоиман
Биҳо ҳайсу Баҳрому-л-акосир қоидун [6, ҷ.2, с. 227].

(Сайёраи Баҳром дар ҷой истодааст, Баҳроми подшоҳ нишастааст).

Фахр аз вожагонест, ки дар девони Миҳёри Дайламӣ мавқеи волое дорад. Ӯ ба аҷдодаш ва ниёкони хеш, мубоҳоти зиёд мекунад ва мегӯяд:

Ва яминан ламан тамудду биаъро
Қак фи-л-фахри ан ясуда ҷадиру.
Давҳатун мин самориҳо анта ва-л-мағ
Расу минҳо «Баҳрому» ав «Ардаширу» [6, ҷ.2,с.60].

(Қасам ба касе, ки дар фахр решаи туро мегустаронад ва шоистаи бузургист. Ту дарахте аз меваҳое ҳастӣ, ки решаи он Баҳром ё Ардашер аст).

Ё:

Абноу тиҷониаласарру қавбалу
Фи-л-фахри байна марозибин ва акосир.

(Онон соҳибони тоҷу тахте ҳастанд, ки дар фахр бо марзбонон ва шоҳон баробарӣ мекунанд) [6, ҷ.2, с.73].

Иштиёқ ба Эрон-ватан мавзӯи дигарест, ки дар ашъори Миҳёр ба назар мерасад. Дар номае, ки Миҳёр ба Шарафиддин Аби Саъд навишт, фироқи худро аз кишвари хеш чунин тавсиф кардааст:

Шавқун ила-л-ватани ал-маҳбуби ҷозаба ази-

-лои ва дамъун ҷаро, мин фирқати ҷорӣ [6, ҷ.2, с.352.].
(Шавқ ба ватани маҳбуб қалбамро маҷзуби хеш месозад
Ва аз фироқи ҳамсоя ашкам ҷорӣ мешавад).

Дар баробари ин, шоир шаҳрҳо ва минтақаҳои Эронро, мисли Арок, Восит, Форс, Хузистон, Кур, Шуш ва ғайра бо як дилгармӣ ва эҳсосоти хосса тасвир кардааст:

Калайлати ас-Суси ав ал-Бизони ва мо
ҳамо би-Восита тунбийка-л-ахобийру [6, ҷ.2, с.108].
(Шабҳои Шуш ва Бизон туро аз гармои шаҳри Восит огоҳ мекунанд).‡

Мавзӯи дигаре, ки таваҷҷуҳи шоирро бештар ҷалб кардааст ин ҷашнҳои бостонии мардуми эроннажод, чун Наврӯз, Меҳргон ва Сада буд, ки онҳоро вай дар ашъораш зиёд васф намудааст. Танҳо ҷашни Наврӯз дар бештар аз ҳафтод қасидаи ӯ тавсиф шудааст. Дар порчаи шеърии зерин ӯ расидани Наврӯз ва Меҳргонро чунин сурудааст:

Ва кайфа табта ан яро фариса
Нафсан ва айёму-ш-шитои асаду.
Яҳташиму ан-Нийрузу мин атлолиҳи
Ва-л-Меҳрҷону яқтазика баъду [6, ҷ. 2, с.87].
(Чӣ гуна эҳсоси шодмонӣ мекунӣ,
чун касе шикори рӯзҳои замистон гардад,
ва сармо ӯро чун шере дар бар гирифтааст.
Наврӯз хиромон аз теппаҳо ва даштҳо фаро мерасад
Ва дар пайи он Меҳргон низ туро фаро мехонд).

Ҷашни «Сада» низ дар бештари шеъри вай омадааст:

Вакуллу норин ала-л-ушоқи музриматун
Мин нори қалбӣ ав мин лайлати-с-***«сазақ»*** [7, с.355].
(Ҳар оташи афрӯхтае, ки бар ошиқон арза мешавад,
Ё аз оташи сӯзони дили ман аст ва ё аз оташи хуҷастаи ҷашни «Сада»).

Баъзе муҳаққиқони осори Миҳёр истифода аз калимоти форсиро дар ашъораш махсус қайд кардаанд. Вале бояд гуфт, ки Миҳёр аз вожаҳои форсӣ дар ашъори худ зиёд истифода карда бошад ҳам, аммо бештари онҳо калимаҳое мебошанд, ки таърихи воридшавии онҳо ба забони арабӣ хеле куҳан аст, мисли ҷавҳар (гавҳар), барқаъ (парда), тоҷ, ҳарир, анбар, мушк, сарир ва ғайра ва наметавон ӯро дар ин самт навовар ҳисобид.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки Миҳёри Дайламӣ бо ҳифзи асолати эрониаш, яке аз ривоҷбахшандагони фарҳанг ва тамаддуни эронӣ дар адабиёти араб буд ва дар рушди шеъри ноби арабӣ, бо он ки «анвои фунуни адабиро дар шеъри худ ба кор мебаст ва латифтарину накутарин бароати истиҳлолҳо§ аз ӯст» [11, с.362], хизмати барҷаста дорад ва ӯ баъд аз шоирони тавонои араб чун Абутамом, Мутанаббӣ ва ар-Румӣ шинохта шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулмаҷид Зароқит. Қироа фи дивони Миҳёр ад-Дайламӣ. Ас-Сақофа ал-исломия. 1408. -№ 15. -С.250-272. (Ба забони арабӣ).
2. Абдураззоқ ал-Ҳуснӣ. Миҳёр ад-Дайламӣ. Ал-Муршид. Ал-Муҷалладу-с-сонӣ, 1345,- С.85-88. (Ба забони арабӣ).
3. Абдураҳмон Шукрӣ. Шиъру Миҳёр. Ар-Рисола, 1357. -№ 279. - С.100-103. (Ба забони арабӣ).
4. Алиакбари Муҳсинӣ. Баррасии ҷилваҳои тамаддун ва фарҳанги ironӣ дар шеъри Миҳёри Дайламӣ. Ковишномаи адабиёти татбиқӣ, соли савум, шумораи 10, тобистони 1392, -С.103-121.
5. Исом Абдуалӣ. Миҳёр ал-Дайламӣ, ҳаётуҳу ва шеъруҳу. -Бағдод: "Дору-л-ҳуррия", 1976. – 365 с. (Ба забони арабӣ).
6. Миҳёр Дайламӣ. Девон Миҳёр ад-Дайламӣ. Т.1-4. Ал-Қоҳира: "Дору кутуби-л-мисрия", 1344-1350ҳ.қ.- 1376 с. (Ба забони арабӣ).
7. Максудов Х.А. «Михйар ад-Дайлами и идейно-тематическая направленность его творчества»: дисс. кан. ф.н / Х.А. Максудов. - Душанбе, 2002. -183 с.
8. Муҳаммад Маҳдавии Домғонӣ. Миҳёри Дайламӣ. Нашрияи мутолиоти исломӣ, 1356. -№25. -С.213-246.
9. Хайриддин ал-Заркулӣ ад-Димашқӣ. Ал-Аълом. -Т.1-3. -Бейрут, "Дору-л-илм ли-л-малойин", 1345/2002. -1187 с. (Ба забони арабӣ).
10. Ҳанно ал-Фохурӣ. Торих ал-адаб ал-арабӣ. -Бейрут, 1427/ 1987. – 1120 с. (Ба забони арабӣ).
11. Шавқӣ Зейф. Ал-Фан ва мазоҳибуҳу фи-ш-шиъри-л-арабӣ. - Миср: "Дор-ул-маориф", 1987. – 522 с. (Ба забони арабӣ).

ТАҶАССУМИ ТАМАДДУН ВА ФАРҲАНГИ МАРДУМИ ЭРОННАЖОД ДАР ШЕЪРИ МИҲЁРИ ДАЙЛАМӢ

Дар мақола мавзӯи таҷассуми тамаддун ва фарҳанги мардуми эроннажод дар шеъри Миҳёри Дайламӣ баррасӣ шудааст. Тамаддун ва фарҳанги мардуми эроннажод аз қадим то ба имрӯз яке аз пурғановаттарин фарҳангҳои башарӣ ба шумор омада, дар ҳама давру замон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор дошт, бавижа он ҳаргиз аз мадди назари шоирону адибон дур намондааст. Ҳамин бузургию шаҳомати фарҳангу тамаддуни мардуми мо буд, ки чи шоирони форсу тоҷик ва чи арабу ғайри араб дар ашъори хеш ба мавзӯи фарҳанг ва тамаддуни куҳанбунёди мардуми эронинажод муроҷиат мекарданд. Ин раванд бавижа

‡ Сус шаҳре дар Хузистон-Шуш; ал-Бизон низ ноҳияе дар остони Хузистон аст.

§ Бароти истиҳлол - муқаддимае, ки дар он дар шакли маҷозӣ мундариҷаи асосии китоб кушода мешавад.

дар даврони хилофати аббосиҳо хеле ривоҷ гирифт ва шоирони араб ва эронитабор мисли Миҳёри Дайламӣ, Абунувос, Ибни Румӣ, Мутанаббӣ, Буҳтурӣ ва дигарон дар осори хеш ба мавзӯи фарҳанг ва тамаддуни бостони мардуми форсу тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Шоири тавонои аҳди аббосиён Миҳёри Дайламӣ (364-428ҳ.) бо вуҷуди аз аҳли форс буданаш ашъори худро ба забони арабӣ сурудааст ва дар адабиёти араб яке аз симоҳои барҷаста ба шумор меравад. Ашъори ӯ дар чаҳор ҷилд гирдоварӣ шуда, борҳо ба нашр расидааст. Ҳамчунин, қасидаи «Ломия» низ аз ӯ бокӣ мондааст. Ашъори Миҳёр асосан аз ғазал, қасида, (марсия), ихвониёт, мадҳ, шикоят аз рӯзгор ва ғайра иборат аст ва ӯ аз нобиғагони адабиёти араб ва девони ӯ аз беҳтарин намунаҳои назм, ки дар фунуни шеъри арабӣ суруда шудааст, эътироф гардидаанд. Дар ашъори Миҳёр дар баробари дигар мавзӯъҳо мавзӯи тамаддун ва фарҳанги мардуми эронинажод мавқеи хосса дорад ва хизмати ин шоир дар муаррифи намудани мардуми арабзабон бо фарҳангу тамаддуни бостонии мардуми эроннажод тавассути тасвири аъмолу корномаҳои шоҳону шахсиятҳои барҷастаи эронзамин, ҷашнҳо ва суннатҳои бостонии ин мардум хеле барҷаста мебошад. Миҳёри Дайламӣ бо ҳифзи асолати эрониаш, яке аз ривоҷбахшандагони фарҳанг ва тамаддуни эронӣ дар адабиёти араб буд ва дар рушди шеъри ноби арабӣ хизмати барҷаста дорад. Ӯ дар таърихи адабиёти араб дар радифи шоирони тавонои араб чун Абутамом, Мутанаббӣ ва Ар-Румӣ қарор дорад.

Калидвожаҳо: тамаддун, фарҳанг, назм, Миҳёри Дайламӣ, хилофати аббосиҳо, забони арабӣ, адабиёт, девон, мардумони эронӣ, эронинажод.

ОТРАЖЕНИЕ ДРЕВНЕЙ КУЛЬТУРЫ И ЦИВИЛИЗАЦИИ ИРАНСКИХ НАРОДОВ В ПОЭЗИИ МИХЙАРА ДАЙЛАМИ

В статье исследуется тема отражения древней культуры и цивилизацияи иранских народов в поэзии (стихах) Михйара Дайлами. Древняя цивилизация и культура иранских народов во все времена считались одной из самых прагматичных культур человечества, и всегда были предметом внимания ученых и авторов, особенно поэтов и литераторов. Благодаря величию и проницательностью (благородство) культуры и цивилизации нашего народа как арабские поэты, таки персидские поэты обращались к этой теме в своих стихах. Этот процесс особенно развивался в эпоху аббасидского Халифата, благодаря арабским и арабоязычным поэтам, таким как Дайлами, Абунувас, Руми, Бухтури и другим, которые воспевали в своих стихах древнюю культуру и цивилизацию иранских народов. Знаменитый поэт аббасидского периода Михйар Дайлами (364-428х.), несмотря на то, что он был персом, сочинял свои стихи на арабском языке и считается одним из выдающихся поэтов в арабской литературе. Стихи Михйара в основном состоят из касыд (оды), хаммаса (стихи о доблести), газели, ихваният, фахр (самовосхваление), рисо (элегия) и др., которые получили большую оценку со стороны литературоведов, его самого признали одним из гениальных поэтов в арабской литературе, а его диван из лучших образцов поэзии на арабском языке. В его поэзии тема культуры и цивилизации иранских народов имеет особое место, а его заслуга заключается в том, что он смог представить арабоязычному народу древнюю культуру и цивилизацию иранских народов через описание действий, поступков и героизма персидских царей, знаменитых личностей, героев, также воспевание и возвеличивание древнеиранских праздников, обрядов и обычаев. Михйар Дайлами, сохраняя свой иранский дух, постарался ввести тему культуры и цивилизацию иранских народов в арабскую литературу. Признаны его большие заслуги в развитие чистой арабской поэзии, и в истории арабской литературы его ставят наряду с известными арабскими поэтами, такими, как Абутамам, Мутанаби и Ар-Руми.

Ключевые слова: цивилизация, культура, поэзия, Михйар, Дайлами, аббасидский халифат, арабский язык, литература, диван, иранские народы.

REFLECTION OF THE ANCIENT CULTURE AND CIVILIZATION OF THE IRANIAN PEOPLES IN THE POETRY OF MIHJAR DAYLAMI

The article explores the theme of the reflection of the ancient culture and civilization of Iranian peoples in the poetry (poems) of Mihiyar Dailami. The ancient civilization and culture of the Iranian peoples in all times were considered one of the most pragmatic cultures of mankind, and have always been the subject of attention of scientists and authors, especially poets and writers. Thanks to the greatness and insight (nobility) of the culture and civilization of our people, both Arab poets and Persian poets addressed this topic in their poems. His process was especially developed in the era of the Abbasid Caliphate, thanks to Arab and Arabic-speaking poets, such as Daylami, Abunuvas, Rumi, Buhturi and others, who sang the ancient culture and civilization of Iranian peoples in their poems. The famous poet of the Abbasid period, Mihjar Daylami (364-428x), despite the fact that he was a Persian, compiled his poems in Arabic, and is considered one of the eminent poets in Arabic literature. Mihyar's poems are mainly composed of kasyds (odes), hammas (poems about valor), ghazals, ikhivaniyah, fakhr (self-praise), rice (elegy), and others, which received great appreciation from literary critics, he himself was recognized as one of the genius poets in Arabic literature, and his sofa from the best examples of poetry in Arabic. In his poetry, the theme of culture and civilization of Iranian peoples has a special place, and his merit lies in the fact that he was able to present the ancient culture and civilization of Iranian peoples to the Arabic-speaking people through a description of the actions, deeds and heroism of the Persian kings, famous personalities, heroes, and also chanting the exaltation of ancient Iranian holidays, rites and customs. Mihiyar Dailami, while maintaining his Iranian spirit, tried to introduce the theme of culture and civilization of Iranian peoples in Arabic literature. Recognized for his merit in the development of pure Arab poetry, and in the history of Arabic literature put him along with powerful Arab poets like Abutam, Mutanabi and Ar-Rumi.

Key words: civilization, culture, poetry, Mihiyar, Dailami, Abbasid Caliphate, Arabic, literature, sofa, Iranian peoples.

Сведения об авторе: ***Шодиев М.*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

Information about the author: ***Shodiev M.*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Arabic Philology, Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru**. Tel.: **(+992) 985-96-00-61**

УДК: 891.550-1:82

МАВЗӮЪҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ДАР АШЪОРИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ

Саидов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар қарни бист бар асари дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки дар Осиёи Миёна рух доданд ва давлатҳои мустақили миллӣ арзи вуҷуд карданд, дар адабиёту фарҳанг низ тағйироти назаррасе ба амал омад ва мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ашъори шоирон мавқеи муҳим пайдо кард. Ин ҳолат на танҳо дар диди шоирон таъсир гузошт, балки шуури мардумро низ дигаргун намуд. Масалан, ба таври куллӣ қайд кардан мумкин аст, ки инсон дар авоили қарни бист, агарчи ба табиат муносибати зӯроваронаву тасхиркунанда дошт, вале ҳанӯз ҳам ба фаҳми пурраи мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ нарасида будааст. Ин вазъият таваҷҷуҳи шоиронро бештар ба худ ҷалб намуд. Аз ин бармеояд, ки шеър ҳам ин таҷрибаҳоро дар худ бо вижагиҳои хос бояд биғунҷонад, заруриву манфиатбахшии онро бо инсон пайванд диҳад, то нақши инсон ва муҳити иҷтимоии ӯ муайян гардад.

Чунин дигаргунӣ дар ашъори А. Фитрат низ мушоҳида мешавад. Бояд зикр намуд, ки мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ашъори А. Фитрат вижагиҳои хос доранд. Маълум аст, ки то ҳол ашъори тоҷикии А. Фитрат ба таври комил омӯхта нашудааст. Бинобар ин мо ин мавзӯъро дар доираи ашъори дастраси ӯ ба таҳқиқ гузоштем, то тавонем мавзӯи мазбурро то ҷое ҳаллу фасл намоем.

Дар ибтидои асри XX яке аз мавзӯъҳое, ки ашъори шоирони ин даврааро фаро гирифт, ин мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва то ҷое ранги сиёсӣ гирифтани ашъори онҳо буд. Ба қавли адабиётшинос А. Маҳмадаминов «дар масъалаҳои интихоби мавзӯъҳои муҳимтарини ҳаётӣ, ҷанбаи реалистии тасвир, ҳимояи манфиатҳои мардум, тарғиби мактабу маорифи нав, усули нави тадрису таълим, таблиғи афкори пешқадам ва худшиносию худогоҳии миллӣ, эҳёи асолати шуури динии исломӣ, фасоҳату балоғати калом, услуби хоссаи тасвир, қувваи бузурги муассирияти бадеӣ ва ҳунару маҳорати олии эҷодӣ дар адабиёти ибтидои садаи бист (1905-1917) осори А. Фитрат беназиру беҳамто мебошанд» [7, с.6]. А. Фитрат, ки то соли 1917 бо тахаллуси Миҷмар (зарфе, ки барои сӯзонидани ҳар гуна хушбӯиҳо истифода мешавад – Ф.С.) ба забони тоҷикӣ шеър мегуфт ва дар хидмати адабиёти тоҷик буд, ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва гоҳе сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ашъори тоҷикии худ баён доштааст. Албатта, метавон гуфт, ки мавзӯъҳои иҷтимоию сиёсӣ дар насри тоҷикии А. Фитрат низ баён шудааст, вале мо доираи баҳси худро бо ашъори тоҷикии ӯ маҳдуд месозем, то сухан ба дарозо наравад. Дар радифи осори насрии тоҷикӣ, ки дар он мавзӯъ ва ғояҳои иҷтимоии маорифпарварию тараққихоҳии А.Фитрат таблиғ мешуданд, ӯ фаъолияти нахустини худ – шоириро низ идома медод. Вай дар назм низ мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро таблиғ намуд, ки ин осорро Садри Зиё «ашъори миллӣ» номидааст. Яке аз мавзӯъҳои иҷтимоии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ин парешонӣ ва қафомондагии мардуми Бухоро ва Осиёи Миёна буд, ки дар «майдони муборизаи ҳаёт» аз сояи ақвоми ҷаҳон «фарсах -фарсах» қафо монда буд. Ин яке аз мотивҳои осори А. Фитрат ва рӯшанфикрони дигари Бухорост, ки он як мотив ё оҳанги ғамнокӣ аст. Инсон замоне ғамгин мешавад, ки дар кори худ ё дар ҷомеаи худ дасткӯтоҳ гардад ва тадбиру чорае барои бартараф намудани камбудии худу ҷомеаи худ наёбад. Ғаму андуҳ аз кори ҷаҳон шахсӣ ва умумӣ мешавад. Андуҳи умумии замонӣ дар Бухоро дар ин солҳо, ин ошӯбҳои замон, ҷангу ҷидол, аз байн рафтани марказҳои илмӣ, бесаводӣ ва беилмии мардум ва ғайра буд. Ин мазмунро А. Фитрат дар мисоли Бухоро, ки як вақт алломаҳои асрро тарбият мекард ва акнун он ҷавлонгоҳи сутурони манғит гардидааст, дар шеъри «Хиттаи Бухор» хеле ҳузнангез тасвир менамояд:

Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор,
Эй бо ту ифтихорамӯ в-эй бо ту эътибор.
Эй кӯҳи илм, баҳри шаҳомат, фазои файз,
Саҳрои маҷд, боғи ҳунар, соҳаи виқор.
Арши шараф, сипеҳри саодат, Биҳишти адл,
Лавҳи сафо, ситораи из (з), бурҷи иқтидор.
Рӯҳӣ, чаро ҷу колбади мурда мондай
Зери сумi сутури ду-се дуни нобакор?! [1, с.21].

Ин ҷаҳон барои инсон макони будан аст. Ҳамин будани инсонҳо оромию осоиштагӣ меёбад, замоне ки инсонҳо илм дошта бошанд. А.Фитрат низ оромию осудагии Осиёи Миёнаро дар намои Бухоро, ки дар замони хонадони Сомониён дошт, ёд карда, сабаби бекарории онро, ки худ хуб медонист, бо таъаҷҷуб баён медорад, ки санъати маънавии таҷоҳули орифро ба зеҳн меорад:

Эй он ки аз ту буд қароре замонаро,

Баҳри чиат замона чунин кард бекарор?!
Умедгоҳи халқи ҷаҳон будӣ, ҳол чист?
Аз ҳар касе барои чӣ гаштӣ умедвор?! [1,с.21].

Мавзӯи асосии бисёре аз шеърҳое, ки А.Фитрат то «чингизпарастӣ» эҷод намудааст, ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва гоҳе сиёсии он давра мебошад. Дар шеърҳои «Хиттаи Бухор», «Ватани ман», «Фарёд», «Ҷанги Болқон», «Тозиёнаи таъдиб», «Як тахаттури алим», шеъри маҷозии «Тирамоҳ» ва ғайра, ки ба воқеаҳои дилрешкунандаи он замон бахшида шудаанд, аз мардуми ғамнок, авзои замона, ҳолати бади Бухоро, даъвати бухороиён ба ҳимояи шаҳри дар зери ҷаҳлу нодонӣ монда, ниҳоят аз зиндагии бади мардуми мусулмон ва ҳолати рӯҳии худи А.Фитрат сухан рафтааст. Ин масъалаҳо ва ҳолати рӯҳии шоир дар он солҳо дар шеъри «Тозиёнаи таъдиб» хуб баён шудааст. Чунончи, шоир бо «рафиқи шафоқатшиор»-и худ – Андеша гуфтугӯ намуда ин моҷароро аз ӯ мепурсад. Ин монологи А.Фитрат ҳолати рӯҳии шоирро бисёр табиӣ муайян менамояд:

Дишаб ба кунҷи ғамкадаи тангу тори ман,
Оташ гирифта буд дили бекарори ман.
Бо гиря доштам қадаре хасби ҳол лек
Андеша – он рафиқи шафоқатшиори ман...
Гуфто: «Чӣ гунай»? Ба чӣ корӣ? Ва ҳол, чист?
Бозат чунин расида малолу қадар зи кист?...
Инсоф дех, мулоҳаза кун, барнишин, бигӯй,
К-аз қавми мо барои чӣ гардонда бахт рӯй?!
«Андеша» з-ин саволи ман афтод дар шигифт,
Хандиду гиря карду сукуте намуду гуфт:
Алғофил аз дақоиқи қонуни зиндагӣ,
В-эй монда пеши чашми ту сирри ҷаҳон нуҳуфт.
Донӣ, ки даҳр маъракаи саъй асту иҷтиҳод,
Ин ҷо намедиҳанд ба кас обу нони муфт.... [1,с.29].

Инсон дар ихотаи табиӣ дар ихтиёри тақдир аст ва ба ҳукми он рафтану омадан дорад. Роҳи ягона ин ҳолро фаҳмидан ва ба низоми дурусти иҷтимоӣ баргаштан аст, ки воситаи он солор будани шахс дар зиндагӣ ва бо саъю талош зиндагӣ намудан мебошад. Яъне рӯй овардан ба ҳаёти иҷтимоӣ касро аз саҳрои танҳоӣ ва нотавонӣ берун мебарад. Бинобар ин, А.Фитрат масъалаи кӯшиш дар роҳи ба даст овардани рӯзиро ба миён гузошта, муносибати итобомези инсонро бо толеу иқбол рад мекунад. Аз ин ҷост, ки дар мисраъҳои баъдии ҳамин шеър мегӯяд:

Эзад на золим аст, на тоат ҷафошиор,
Лекин чӣ чора? Қоидаи зиндагист ин!
Он ҷаҳд карду ёфт зи Яздони хеш лутф,
В-ин суст монду дид зи иқболи хеш кин.
Бинмой ҳоли миллати худ аввал ҳисоб,
В-он гаҳ биёр толеъу иқболро итоб... [1,с.29].

Ё шоир дар таркиббанди «Як тахаттури алим» ғаму дарди иҷтимоии худро дар гиристан дида, дунёи ботинии хешро ошкор мекунад:

Бозам басар гирифта ҳавои гиристан,
Пар мезанад дилам ба фазои гиристан...
Овози зикр, қул-қули май, нағмаи рубоб,
Хуштар наёядам зи садои гиристан.
Накшода лаб ба ханда чу гул, рехтам ба хок,
Эй сад ҳазор ханда фидои гиристан!... [1, с.32].

Шеъри мазкур хеле ҳунармандона эҷод шудааст, мундариҷаи шеър ва мавзӯи асосии он иҷтимоӣ-шиквоӣ буда, ҳолати қаҳрамони лирикиро фаро гирифтааст. Азбаски бунёди тематикии он ҳолати иҷтимоист, аз ин рӯ, хусусиятҳои шаклии он низ ба мундариҷа пурра тобеият кардаанд ва ин аст, ки гиристан– ҳолати ғамгинонаи шоир ба сифати радиф қарор дода шудааст. Шоир гиристанро бар овози зикру қул-қули майю нағмаи рубоб, ки ҳамагӣ дар ҳолати хушию хурсандии шахс маънӣ доранд, тарҷеҳ додааст. Бо чашми худ дидан ва ҳис кардани зулму истисмори чандинтарафае, ки қозиёну амалдорон ба мардум раво мединанд, зиндагии қашшоқона ва гадоёнаи халқ, ашки ятимону бечорагон, нобаробарию беадолатиҳои замона ба А. Фитрат низ таъсир гузоштаанд, нафрату адовати ӯро нисбат ба зимомдорон ба вуҷуд оварда, ба муқобили золимон амал намуданро мехост:

Азбаски зулм сохта бе обу тоби мо,
Хун мечакад зи рақами ҳар китоби мо.
Мамнуни дасти соқии Кавсар намешавем,
Аз хуни золимон надиҳанд гар шароби мо [1,с.33].

Шоир дар ин шеър рӯшании хонаи мансабдоронро аз заҳмату сӯхтани халқи

заҳматкаш дониста, мегӯяд:

Мутриб, ғирев соз, ки ҳар бор мерасад,
Нохун ба ҷони ҷаҳл зи тори рубоби мо.
Мо сӯхтем хонаи орому максро,
То равшанӣ диҳад ба ҳама офтоби мо [1,с.33].

Шоир дар банди дигари ҳамин шеър мавзӯи ёди ватанро ба миён гузошта, зулму ситами зимомдорон ва ба шуълазодаи зулм бадал кардани ватанашро таъкид мекунад:

Ёди ватан гирифта саросар димоғи ман,
Заҳр фиканда зулм ҳаме дар аёғи ман.
Дар бешаи сиёҳи масоиб зи дасти ҷавр,
Пинҳон шудам чунонки наёбӣ суроғи ман.
Оташ гирифта болу пари андалеби дил,
То ошёни зоғи фасод аст боғи ман.
Иблис тахт монда ба саҳни биҳишти ман,
Оташ ба ҷойи лола бароварда доғи ман.
Чун лола сар ба боди шукуфтан намедиҳам,
Зеро, ки шуълазодаи зулм аст, доғи ман [1, с.32].

Мавзӯи дигаре, ки дар ин давра бештар хусусияти иҷтимоӣ касб карда ва мо дар ашъори тоҷикии А.Фитрат низ мушоҳида намудем, мавзӯи ватан аст. Аз ҷумла дар шеъри «Ватани ман», ки аз эҳсоси ватандӯстонаи шоир маншаъ гирифтааст, мегӯяд:

Бинмо, саҳаре азми тавофи ватани ман!
Аҳ-аҳ, чи ватан, саҷдагаҳи ҷону тани ман!
Ҳам маънию осоишу иззу шарафи ман,
Ҳам Каъбаи ман, қиблаи ман, ҳам чамани ман,
Он, к-аз ғами ошуфтагии ҳоли харобаш,
Оғушта ба хун асту хароб аст тани ман.
То панҷаи зулми дигарон дод харошаш,
Чок аст зи сарпанҷаи ғам пираҳани ман [1, с.23].

Ин ҷо ҳадафи Фитрат аз зикри Ватан ҳамчун падидаи иҷтимоӣ равшану возеҳ баён шудааст. Вай харобию ноороми ватанро ноороми худ донистааст. Дар он даврон мафҳумҳои «ватан» ва «миллат» маънои иҷтимоӣ низ пайдо карда буданд ва ошкор аст, ки ҳадафи А. Фитрат моҳиятан ба мазмуни навини ватандӯстӣ наздик шуда буд. Дуруст аст, ки он ҳангом вожаи «миллат» ҳанӯз маънои мушаххаси этникӣ надошт, чунончи мардуми тоҷикро шомил набуд, балки бештар маънои умумии «халқи кишвар»-ро дошта, аз ҳама пеш ба маънии ҳамкешону ҳаммазҳабон меомад. Инкишофи шуури иҷтимоии А. Фитрат ба сӯйи фаҳмиши зарурати мубориза, ки аз хидмати Ватану ҳамватанон иборат бошад, ба сӯйи фаҳмиши зарурати растагории халқ пеш мерафт:

Он, к-аз пайи тахлиси гиребони ҳаёташ,
Дерест фитодаст ба дӯшам кафани ман.
Рав, ҷабҳаи табҷил фурӯ мон ба хокаш,
Зан бӯса ба деворӯ дараш аз даҳани ман [1, с.23].

Аз ин шеър бовар ҳосил мешавад, ки ӯ шефтаи Бухоро ва ба гуфти худаш «Рав, ҷабҳаи табдил фурӯ мон ба хокаш, Зан бӯса ба деворӯ дараш аз даҳани ман» буда, аз дидори он сер намешудааст. Аз ин ҷиҳат, Бухоро ро саросар таҳқиқ карда ва нияте доштааст, ки шарофату тақаддуси Бухороро ба дидаҳо намоён оварад. Ба пиндори камина, ба мурод расидааст, барои ин ки дар ин шеър мукаддасӣ ва азизии Бухорои Шариф, ки қуббатулислом дар сафҳаи таърих сабт шудааст, хеле самимӣ баён шудааст:

Аввал бирасон аз тарафам арзи дуоро,
В-он гаҳ бинамо лобаву баргӯй: Бухоро! [1,с.23].

А.Фитрат дар ашъори тоҷикии худ яке аз равияҳоеро, ки дар адабиёти равшанфикрии тоҷикии форсӣ аз Аҳмади Дониш оғоз ёфта буд, идома дод. Вай мисли дигар равшанфикрон ба олам чашми ибрат кушода, тартиботи кишварҳои дигарро бо ватани худ муқоиса мекард. Рухдодҳои пурҷӯши кишварҳои дигарро аз назар мегузаронид, вале дар ғами «Ватани худ» буд:

Бас... Оҳ..! Бас ин харобӣ,
Ночориву факринтисобӣ.
Эй нури ду чашми Ибни Сино!
Бигзашт замони беҳисобӣ.
То кай ба чаҳолат ин мадоро?
То чанд зи илм чеҳра тобӣ?
Қасри шарафат фитод аз пой,
Вақт аст, ки баъди ин нахобӣ.
Бархезию бо камоли шӯриш
Бар ғафлати худ кунӣ хитобе! [1,с.25].

Бо итминон метавон гуфт, ки яке аз мавзӯъхои ҷолиб дар ашъори тоҷикии Фитрат, ин мавзӯи Ватан ва ватанпарварӣ аст. Вожаи «ватан», чунонки гуфтем, мазмуни иҷтимоӣ гирифт: акнун он на танҳо зодгоҳ ва бомгӯшаи падар, балки будгоҳи миллатро, чунончи марказҳои бузурги фарҳангу тамаддун, ба мисли Бухоро ва Самарқандро низ ифода менамуд. Бухорову Самарқанд ва фарҳанги бостонии онҳо бошад мояи ифтихори маорифпарварон буд. Яке аз беҳтарин намунаҳои шеъри ватандӯстона, метавон гуфт, ки ин шеъри А. Фитрат дар васфи Бухорост, ки матлааш ин аст:

Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор!
Эй бо ту ифтихораму в-эй бо ту эътибор!...
Умедгоҳи халқи ҷаҳон будӣ, ҳол чист?
Аз ҳар касе барои чӣ гаштӣ умедвор?! [1,с.21].

Ҳамин тавр, мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳам дар осори манзум ва ҳам мансури шоир хеле чашмрас мебошанд, вале мо доираи баҳси худро ба ашъори тоҷикии ӯ маҳдуд сохтем. Ашъори тоҷикии А. Фитрат, ки бо забони тоҷикӣ эҷод шудааст, фарогири мавзӯъҳои муҳимми ҳаёти рӯзмарраи мардуми Бухоро, яъне мавзӯъҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ мебошанд, ки ҳам аз нигоҳи хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва ҳам аз лиҳози санъату ҳунари эҷодӣ хеле ҷолиби диққатанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурауфи Фитрат. Тавофи ватан (Маҷмӯаи ашъор) (Бо пешгуфтор, таҳия, луғатнома ва тавзеҳи Муҳаммадюсуф Имомов ва Масрур Абдуллоев). – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 48 с.
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
3. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав). – Душанбе: Матбуот ва Фарҳанг, 2014. – 720 с.
4. Асрорӣ В. Халқ ва адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 174 с.
5. Гулмуродзода П. Бозгашти адиби доно ва олими тавоно // Абдурауфи Фитрат. Шӯриши Восеъ. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1992. – С. 3-6.
6. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Адиб, 2007.– 400 с.
7. Маҳмадаминов А. Раҳнамои саодату вахдати миллӣ ва умумибашарӣ / А.Маҳмадаминов // Раҳбари наҷот (Бо сарсухан, таҳия, танзим, тавзеҳ, шарҳи луғот ва феҳрастҳои Абдулҳай Маҳмадаминов). – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – С. 3-56.
8. Мирзозода Х. Абдурауфи Фитрати Бухорой // Чанд мулоҳизаи адабӣ (Маҷмӯаи илмӣ. Ҷилди 92).– Душанбе, 1974. – С. 3-31.
9. Мирзозода Х. Адабиёти ҷадида дар программа ва китобҳои дарсӣ // Мактаби советӣ. – 1990. – №10. – С. 24-27.
10. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
11. Муҳаммаҷони Шакурии Бухорой. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 480 с.
12. Набавӣ А. Нақши Абдурауфи Фитрат дар огоҳии шуури миллӣ// Рӯдакӣ. – 2009. – соли даҳум. Шумораи 23. – С. 203-218.
13. Табаров С. Ҷаҳони андешаҳои Абдурауфи Фитрат / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 715 с.

МАВЗӮЪҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ДАР АШЪОРИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ

Мақолаи мазкур ба таҳлил ва баррасии мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ашъори тоҷикии яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти ҷадида Абдурауфи Фитрати Бухорой бахшида шудааст. Ин мавзӯъ дар мисоли ашъори тоҷикии А. Фитрат ба таҳлил гирифта шудааст, ки аз ҷумлаи муҳимтарин мавзӯъҳои адабиёти нави тоҷик ба шумор меравад. Дар мақола бо мисолҳои равшан ва таҳлилу натиҷагирӣ таъкид мешавад, ки А. Фитрат дар ашъори тоҷикии худ яке аз равияҳоеро, ки дар адабиёти равшанфикрии тоҷикии форсӣ аз Аҳмади Дониш оғоз ёфта буд, идома дод. Шоир мисли дигар равшанфикрон ба олам чашми ибрат кушода, тартиботи кишварҳои дигарро бо ватани худ муқоиса мекард. Рухдодҳои пурҷӯши кишварҳои дигарро аз назар мегузаронид, вале дар ғами «Ватани худ» Бухоро буд. Ин ҷиҳатро дар шеърҳои «Хиттаи Бухор», «Ватани ман», «Фарёд», «Чанги Болқон», «Тозиёнаи таъдиб», «Як тахаттури алим», шеъри маҷозии «Тирамоҳ» ва ғайра, ки ба вокеаҳои дилрешкунандаи он замон бахшида шудаанд, аз мардуми ғамнок, авзои замона, ҳолати бади Бухоро, даъвати бухороиён ба ҳимояи шаҳри дар зери ҷаҳлу нодонӣ монда, ниҳоят аз зиндагии бади мардуми мусулмон ва ҳолати рӯҳии худи А.Фитрат шаҳодат медиҳанд, равшан метавон мушоҳида намуд. Ҳамчунин, дар мақола таъкид мегардад, ки яке аз мавзӯъҳои ҷолиб дар ашъори тоҷикии Фитрат, ин мавзӯи Ватан ва ватанпарварӣ аст. Вожаи «ватан» мазмуни иҷтимоӣ гирифт: акнун он на танҳо зодгоҳ ва бомгӯшаи падар, балки будгоҳи миллатро, чунончи марказҳои бузурги фарҳангу тамаддун, ба мисли Бухоро ва Самарқандро низ ифода менамуд. Бухорову Самарқанд ва фарҳанги бостонии онҳо бошад мояи ифтихори маорифпарварон буд. Дар мақола бо далелҳо таъкид мегардад, ки яке аз беҳтарин намунаҳои шеъри ватандӯстонаро дар замони худ дар адабиёти давраи ҷадидия А. Фитрат гуфтааст.

Калидвожаҳо: А. Фитрат, мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, Ватан, миллат, растагории халқ, заҳмату сӯхтани халқ, шуълазодаи зулм, эҳсоси ватандӯстонаи шоир, шеъри маҷозӣ.

ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ТЕМЫ В СТИХАХ АБДУРРАУФА ФИТРАТА

Данная статья посвящена анализу и рассмотрению общественно –политических тем в таджикских стихах одного из выдающихся представителей таджикской литературы Абдурауфа Фитрата Бухарского. Это тема отобрана на примере таджикских стихов Фитрата, что является одной из важнейших тем в новой таджикской литературе. В статье на конкретных примерах показано, что Фитрат в своих таджикских стихах продолжает одно из направлений в просветительской таджикско –персидской литературе, что начинается с Ахмада Дониша. Поэт как и другие просветители, давая открыв назидательный урок миру, сопоставил

социальное положение других стран со своей Родиной. Он рассматривал бурные события в других странах, но всегда болел за «свою Родину» Бухару. Этим событиям посвятил стихи «Хиттаи Бухоро», «Ватани ман» (Моя Родина), «Фаред» «Ҷанги Болқон» (Война на Балканах), «Тозиёнаи таъдиб», «Як тахаттури алим» в метоморфическом стихотворении «Тирамоҳ» (Осень) и другие, также можем четко представить об объятый горем народ, плохое состояние Бухары, призыв бухарцев на защиту города, который пребывал в невежестве и незнании, и в итоге плохую жизнь мусульман и душевное состояние самого Фитрата. Также в статье подчеркивается, что одной из ярких тем в таджикских стихах Фитрата была тема Родины и патриотизма. Словосочетание «Родина» приобретает общественный смысл: теперь это не только место рождения и отцовский кров, но и нация, отражающая Самарканд и Бухару, вековые центры культуры и цивилизации. Бухара и Самарканд являются культурной древностью и основой гордости просветителей. В статье на примерах подчеркивается, что в свое время в литературе времен джадидизма одну из лучших стихов о родине были стихи Фитрата.

Ключевые слова: А.Фитрат, общественно –политические темы, Родина, нация, освобождение народа, трудности и душевные муки народа, чувство любви к Родине поэта, метофорическое стихотворение

SOCIAL AND POLITICAL ISSUES IN VERSES BY ABDURRAUF FITRAT

This article is devoted to the analysis and consideration of social and political topics in Tajik poems by one of the prominent representatives of Tajik literature Abdurrauf Fitrat of Bukhara. This topic is selected on the example of Fitrat's Tajik poems, which is one of the most important topics in the new Tajik literature. The article with specific examples and analysis emphasizes that Fitrat continues one of the trends in Tajik-Persian literature in his Tajik poems, which begins with Ahmad Donish . The poet, like other enlighteners, opened an instructive lesson to the world and compared the order of other countries with their homeland: He considered the turbulent events of other countries, but he was always rooting for "his homeland" to Bukhara. He devoted these factors to the poems "Hittai Bukhoro", "Vatani Man" (My Homeland) , "Fared", "Kangi Balkhon" (War in Bolkan), "Toziyonai Tadib", "Yak Tahatturi Alim" in the meto-morphic poem "Tiramok" (Autumn) and others, we can also clearly consider about the people, full of time, poor condition Bukhara, the call of the Bukharians to defend the city, who was stuck in ignorance and not knowledge, and ultimately from the bad life of the Muslims and the mental state of Fitrat himself. The article also emphasizes that one of the bright themes in Fitrat's Tajik poems is the theme of the Motherland and patriotism. The phrase "Motherland" acquires a social meaning: now it is not only a place of birth and paternal shelter, but also a nation reflecting Samarkand and Bukhara, centuries-old centers of culture and civilization. Bukhara and Samarkand are cultural antiquity and the basis of the pride of the enlighteners. The article on the examples emphasizes that at one time in the literature of the time of Jadidism Fitrat sang one of the best examples of the verse about the motherland

Key words: A. Fitrat, social and political topics, Motherland, nation, liberation of people, difficulties and spiritual torment of people, feeling of love for the Motherland of the poet, metophorical poem

Сведения об авторах: ***Саидов Фирдавс Бегалиевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 938-10-10-64**

Information about the authors: ***Saidov Firdavs Begalievich*** - Tajik National University, competitor of the department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 938-10-10-64**

УДК: 891.550-1

ЗИНДАГИНОМАИ С. АЙНӢ ДАР СОЛҲОИ ТАЪҚИБОТ

(Дар асоси мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ)

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот (солҳои 30-юми садаи XX), ки дар адабиёт бо номи давраи «шахспарастии Сталин» ёд мешавад, моҷароҳоеро дар худ ниҳон дорад, ки бо фош шудани шахспарастии И.В. Сталин дар анҷумани XX Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шӯравӣ (1956) ошкор гардидаанд. Агарчи шахспарастии И.В. Сталин замони ба сари қудрат омадани Н.С. Хрушев ошкор гардида бошад ҳам, то соли 2003** ба хонандаи тоҷик сарнавишти С. Айнӣ дар солҳои 1935-1938 пӯшида буд. Яъне, бо даст ёфтани Тоҷикистон ба Истиқлолият ва густарда гардидани сарҳади андешаҳо ин масъалаҳо ҳам кушода шуданд. Аз он ки то имрӯз доир ба ин масъалаҳо андешаҳо гуногунанд, метавон ҳадс зад, ки ҳанӯз ҳам ин мавзӯъҳо таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ нашудаанд, агарчи баъзе назарҳои таҳлилӣ ироа гардидаанд. Устод Айнӣ дар солҳои таъқибот чун адибони дигар як ҳаёти маъюсона, бадбахтона ва мушкилеро аз сар гузаронидааст, вале ҳеҷ гоҳ умедашро аз пирӯзии ҳақиқату адолат наканда ва мубориза бурдааст. Мо медонем, ки устод Айнӣ баъди ин солҳои даҳшатбори шӯравӣ ба навиштани асарҳои ёддоштӣ, хусусан «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940) ва асари бузургаш «Ёддоштҳо» (1948-1954) оғоз бахшид. Агарчи дар «Ёддоштҳо» зиндагии С. Айнӣ то

**.Дар ин сол китоби «Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» ба муносибати 125 - солагии С. Айнӣ зевари табъ ба бар кард, ки баёнгари зиндагиномаи устод Айнӣ дар солҳои таъқибот аст.

солҳои 1903 - 1904 тасвир шуда бошад ҳам, вале дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» лаҳзаҳои гуногуну ибратбахш ва гоҳе фоҷиавии адибро то солҳои 1940-1950 ба таври пароканда бошанд ҳам, мушоҳида менамоем, вале аз воқеаҳои мудҳиш ва таъррузи мафкуравӣ, ки дар соли 1937 ба сараш омада буданд, маълумоте нест. Бояд гуфт, ки дар таҳқиқи фарзанди С. Айнӣ, Х. Айнӣ, ки ба архиви падараш ошно буд ва ба нақшаи илмии ӯ мавзӯи «Ҳаёти Садриддин Айнӣ» аз солҳои 70-ум дохил гардида буд, оид ба фаъолияти эҷодии ӯ дар солҳои 1933-1938 маълумот дода шудааст [1, с.24], вале дар хусуси таъррузи мафкуравии соҳибмаслакони таъсирпазир чизе гуфта нашудааст. Албатта, ин аз сиёсати давр сарчашма гирифтааст. Назар ба таҳлили адабиётшинос Х. Асозода дар китоби тарҷумаи ҳоли С. Айнӣ чанд саҳифаи нонавиштае ҳаст, ки ба зиндагии устод Айнӣ дар солҳои 1933-1938 рафта мерасад. Х. Асозода дар ҳамин замина баҳс ороста, таъкид менамояд, ки «дар китоби тарҷумаи ҳоли С. Айнӣ, ки ба қалами худи устод навишта шудааст ва рисолаву мақолаҳои фарзандонаш Х. Айниву К. Айнӣ, шогирдаш Р. Ҳошим ва дигарон чанд саҳифаи нонавишта мемонанд, ки ба сарнавишти адиб дар солҳои 1933-1938 иртибот доранд» [4, с.20]. Ҳамин тавр, Х. Асозода ба натиҷае мерасад, ки ҳуҷумҳои мафкуравии солҳои сиюм бо вуҷуди муҳим будан аз ҷониби муҳаққиқон гуфта нашудаанд. «Дар китоби хронологии Х. Айнӣ, – менависад Х. Асозода, – ин солҳои фаъолияти эҷодии С. Айнӣ зикр гардида, аммо дар бораи ҳуҷумҳои мафкуравие, ки ба сари ӯ бор карда буданд, ҳарфе гуфта нашудааст. Ҳарчанд ки Х. Айнӣ ва К. Айнӣ аз он саҳифаҳо огоҳанд ва Р. Ҳошим ҳам хеле хуб аз тақдири солҳои сиюми С. Айнӣ бохабар буд, дар ин бора қаламашон кундӣ кардааст» [4, с.20]. Мо дар ин ҷо то чӣ ҳад дуруст будани ин суханҳоро гузошта, ҳаминро қайд карданием, ки баъд аз бо таъсири Маскав ҳал шудани мавзӯъ ба манфиати С. Айнӣ ин масъала як навъ ҷамъбаст гардид. Шояд аз ин ҷиҳат аст, ки ин донишмандони муҳтарам сари он баҳс намекунанд.

Тавре ки қаблан арз доштем, мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як сарчашмаи муҳим ва дар айни он далели муътамад барои ҳалли илмии ин падидаҳои ҷомеаи шӯравист. Махсусан, мактубҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ва аз А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ ва аризаи С. Айнӣ дар ҳаҷми 30 саҳфа, ки ба Маскав равон шуда буд, арзишманд буда, таҳлили илмии ҷиддиро мехоҳанд. Мактубҳои С. Айнӣ аз 14-уми марти соли 1937, 7-уми октябри соли 1937, 6-уми ноябри соли 1937, 8-уми майи соли 1938, 25-уми майи соли 1938 ва ғайра, ки ба Москва ба суроғаи А. Лоҳутӣ ирсол гардидаанд ва дар баробари онҳо ҷавоби ин номаҳо аз ҷониби А. Лоҳутӣ пурмуҳтаво буда, бисёре аз масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикиро дар замони шӯравӣ мекушоянд. Номаҳои мазкур ба чӣ ҳолати рӯҳии маъюскунанда гирифтор гардидани С. Айнӣ ва муборизаи ӯро барои дифои худ ва зану фарзандони худ ва аз ҳама муҳим наҷоти устод Айнӣ – ин раҳбари маънавии тоҷиконро барои насли имрӯз мекушоянд. Аз ин рӯ, арзанда аст, ки ин мактубҳо дар шакли монографияи ҷудогона таҳлил ва баррасӣ гарданд. Метавон гуфт, ки моҳияти ин номаҳо то ҳанӯз ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиши шарҳиҳолӣ ва таърихию адабӣ қарор нагирифтаанд. Мо дар бахши ин кор кӯшиш намудем, ки гуфторҳои устод Айниро, ки аз як тараф, саҳифаи шарҳиҳолии ӯро рӯшан менамоянд ва аз ҷониби дигар, баёнгари як давраи фоҷиавии таъриханд, таҳлил намоем. То ба ин восита тавонем ҳолати рӯҳӣ ва чӣ қадар муборизи будани С. Айниро баён намоем.

Маълум аст, ки аз аввали солҳои сӣ таъқиби донишмандону адибон ва шахсиятҳои фарҳангӣ дар кулли Давлати Шӯравӣ оғоз гардида буд, ки яке аз онҳо устод Айнӣ буд. «Соли нохуши 37- соли махуфи истинтоқи зиёиён-домулло Садриддин Айнӣ мавриди ҳуҷумҳои ноҷавонмардона қарор гирифт, дар рӯзномаҳои маҳаллӣ «душмани халқ» эълон шуда буд, -қайд кардааст К. Айнӣ» [2, с. 68].

Албатта, шароити аҳли хирад ва адабу фарҳанг дар он солҳо дар ҳолати ногувор қарор дошт, ки дар ин мавзӯъ адибон ва донишмандон бисёр гуфтаву навиштаанд. Хусусан, дар асари тарҷумаиҳолии Ҷ. Икромӣ – «Он чӣ аз сар гузашт»[6, с. 306] дар ин боб маълумот дода шудааст. Вале мо аз таҳлили гуфтаҳои дигарон худдорӣ намуда, танҳо ба таҳлили гуфтаҳои устод Айнӣ, ки дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ ироа гардидаанд, қаноат мекунем.

Фишорҳои мафкуравие, ки соли 1937 ба сари С. Айнӣ омаданд, дар номаҳо акс ёфтаанд. Чунонки маълум аст, ин падидаи номатлуб саросари Давлати Шӯравиро фаро гирифта буд ва устод Айнӣ, ки дар ду ҷумҳурии шӯравӣ – Тоҷикистон ва Ӯзбакистон ба сифати адиб ва донишманд фаъолият мекард, дар вазъи бағоят ногувор қарор дошт. Ӯ дар ҳар ду ҷумҳурӣ ҳам ба туҳмат ва иғво гирифтор гардид. Мувофиқи гуфтаи худи адиб «...дар рӯзномаи маҳаллии Самарқанд маро ба кори Вадуд баста навиштаанд. Як бор, ки ном дар қатори одамони бадном баромад, чанд бори дигар ба корҳо ва одамоне, ки ман бо онҳо ҳеҷ муносибат надорам, баста навиштаанд. Албатта, ба ҷоҳои даркорӣ ва органҳои тафтишӣ муроҷиат кардам, ки ин корро тафтиш намоянд. Лекин то ҳол натиҷаи тафтиш маълум нест» [10, с. 31]. Дар ин гуфтор, ки 7 октябри соли 1937 навишта шудааст,

оғози иғвоангезиҳои душманони миллати тоҷик мушоҳида мешавад. Дар ин замон устод Айниро, ки дар кӯчаҳо ва маҷлисҳо беобрӯ карда мегаштанд ва ҳар вақт ҳабс шудани ӯро мегуфтанд, вале ӯ амин буд, ки аз тафтиш пок мебарояд. Аммо дар муддати як моҳ вазъият бадтар гардида, ҳолати ноумедонаеро дар гуфтори С. Айнӣ мушоҳида мекунем. С. Айнӣ дар номаи худ ба А. Лоҳутӣ, ки таърихи 6 ноябри соли 1937 - ро дорад, менависад: «Шумо маро собир медонистед, тааҷҷуб хоҳед кард, ки чаро ман ин қадар дилтанг шудаам. Дар ҳақиқат, ман хеле борбардор будам, дар вақте ки дар Арки амир маро мезаданд, гӯштҳоям мепарид, хун аз баданам мешорид ва гоҳо аз ҳуш мерафтам, лекин вақте ки ба ҳуш меомадам, нигоҳ мекардам, ки онҳо маҷбур мешуданд чашмонашонро аз ман канда ба замин дӯзанд. Аммо ман на дод мегуфтам ва на аз чашмам об мебаромад. Зеро онҳо душман буданд ва дар онҳо ҳамонро дида истода будам, ки чашм доштам ва ба интиқом ҳозир мешудам. Аммо дар шароити советӣ, ки ба вай содиқ ва самимӣ ҳастам «ту» гуфтанро бардошта наметавонам.

Имрӯз 6-уми ноябр аст, ҳамаи СССР, ҳатто меҳнаткашони хориҷ ҳам ба иди 20 - солагии Уктабри бузург тайёр мешаванд. Бачагони ман ҳам ба мошин лента баста истодаанд. Лутфияча ҳам хониши «Интернатсионал»-ро машқ карда истодааст. Аммо ман, мани бадбахт дар зарфи ин 20 сол танҳо ҳамин рӯз аст, ки дилам пурхун аст, аммо ҳеҷ зоҳир намекунам, то ки ба шодии бачагонам халал нарасонам» [10, с.35 - 36].

Вақте ки фишорҳои мафкуравӣ ба С. Айнӣ ҳам дар Ӯзбакистон ва ҳам дар Тоҷикистон зиёд гардиданд, дар ҳама ҷо бадхоҳону душманони нависанда овозаҳо паҳн мекунанд, ки С. Айнӣ ба ҳабс гирифта шудааст ва дар соли 1937 дар рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ва «Ленин йӯлӣ» дар ҳаққи устод Айнӣ мақолаҳои саропо туҳматангезе чоп шуданд ва ӯро ҳамчун «душмани халқ» эълон карданд. Номашро аз хиёбони Регистони Самарқанд бардоштанд. Аз ин туҳмати ногаҳонӣ устод Айнӣ аз хавфи зиндон шудан худро ҳабси хонагӣ мекунад. Ҳатто муаллифони ин мақолаҳо эҷодиёти Айниро тамоман ба таври дигар маънидод карда, асарҳояшро ба Ҳукумати Шӯравӣ душманона ва худи ӯро душмани синфӣ эълон карданд. Аз ҳамин ҷост, ки устод аз худ дифоъ намуда, дар номааш ба А. Лоҳутӣ менависад. Устод Айнӣ роҳи нақлот меҷуст ва балои бар сараш омадаро ба А. Лоҳутӣ огоҳ намуда, дар бораи муносибати худ бо додарарӯсаш Вадуд Маҳмудӣ мегӯяд: «Шумо медонед, ки Вадуд ба ман додарарӯс аст ва инро ҳам медонед, ки миёнаи ман ва ӯ ҳеҷ алоқаи маънавӣ ва маслакӣ нест.

Баъд аз он ки ӯ аз ҳабсу нафй халос шуд, асосан дар Тошканд меистод, аммо ҳар вақт, ки Самарқанд ояд, азбаски модараш мурдааст, пеши ҳамшираш меистод. Албатта, ҳаммаслакони ӯ ба хонаи ман рафту ой надоштанд.

Соли 36 - уми моҳи декабр ба Тошканд рафта буд, то вақти ман ба саёҳат рафтан ӯ дар Тошканд буд. Ман 7 июли соли 37 ба саёҳат рафтам, ӯ дар Тошканд буд. Ман 7 июли соли 37 баромадам, ки 11 июл дар Маскав будам. Ӯ 16 июл ба Самарқанд омадааст, бачагон дар боғ буданд ва як қисми ин боғ ҳам азони ӯст. Табиӣ дар ҳамон боғ пеши ҳамшираш мондааст ва 19 август дастгир шудааст ва ман 22 август ба Самарқанд дохил шудам» [10, с. 354]. Дар номаи 6-уми ноябри соли 1937-и худ устод Айнӣ бо он хабарҳое, ки дар газетаи «Ленин ӯйлӣ» ва «Ҳақиқати Ӯзбекистон» гуфта шудаанд, худро гунаҳгор намедонад ва ба Вадуд муносибати маънавӣ ва ё маслакӣ надоштани худро собит менамояд. Аз ҷумла мегӯяд: «Танҳо ман ба ин айбдор ҳастам, ки ба алоқаи маҷбурии Вадуд гирифтор шудам, ман ба бадбахтии шавҳари хоҳари ӯ будан гирифторам. Ман натавонистам зани бемори маларӣ, ревматизм ва порук сердсаи худро бо бачагони хурдсол бароварда пеш кунам.

Вақте ки ман ба хоҳари Вадуд (соли 1920) хонадор шудам, ӯ коммунист буд ва як коммунисти чап буд, ман муллои аз мадраса баромадагӣ будам. Партия ва инқилоб маро тарбия карда ба дараҷаи нависандаи советӣ расонд, мусоҳибатҳои одамони бад ӯро вайрон карда ба ин дараҷа расонд.

Такрор мегӯям, ки ман ба Вадуд ҳеҷ як алоқаи мафкуравӣ ва сиёсӣ надорам ва доштанам ҳам мумкин набуд» [10, с.34]. Дар ҳамин мактуб устод Айнӣ муносибаташро бо Файзулло Хоҷаев ва Акмал Икромов шарҳ дода, аз балои онҳо халос шудани худро аз хизмати А. Лоҳутӣ медонад ва менависад: «Маро бо алоқаи Файзулло Хӯҷа ва Икромуф айбдор мекунанд. Аммо шумо медонед, ки танҳо кӯшиши шумо ва ҳимояти Ҳукумати Советӣ маро аз шарри Файзулло Хӯҷа ва Икромуфҳо нигоҳ дошта омад. Шумо медонед, ки Икромуф ба «Намунаи адабиёти тоҷик» чӣ гуна ҳуҷум карда буд, шумо медонед, ки Икромуф ин масъаларо пеши Бухорин гузошта, ӯро ба майдон андохта буд» [10, с. 34]. Дар идома С. Айнӣ мегӯяд: «Имрӯз боқимондаи онҳо мехоҳанд, ки маро ба болои лошаи мурдори онҳо телла дода, мусибати аз афтидани онҳо додаашонро ба шодии аз маҳв шудани ман гирифтаашон сабук кунанд» [10, с.34]. Аз чунин буҳтонҳои ногаҳонӣ устод Айнӣ на танҳо дилтанг шуд, балки фишорҳои зиёд ӯро ба ғазаб оварда. Аз ҳамин сабаб роҳи нақлот меҷуст ва ин мусибати ба сараш омадаро танҳо ба Лоҳутӣ воқиф сохта

метавонист. Устод Айнӣ дар номае бо ғаму машаққат ва алам ба А. Лоҳутӣ доир ба ин масъала сухан ронда, дарди дилашро чунин иброз медорад: «Ман агар пир намебудам, ба ин аҳвол сабр карда метавонистам, зеро яқин дорам, ки ба тафтиши дурусти советӣ оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд. Лекин азбаски пири барҷомонда шудаам, метарсам, ки то зуҳур омадани ҳақиқат организми ман тоб наоварда маҳв шавад» [10, с.34].

С. Айнӣ дар ин номааш ба унвони роҳбарони ҳизб ва ҳукумати Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Иттиҳоди нависандагони ИҶШС аризаи муфассале навишта, ба А. Лоҳутӣ фиристодааст ва илтимос кардааст, ки дар тарҷумаи он ёрӣ расонад.

А. Лоҳутӣ хоҳиши устод Айниро бо ҷону дил қабул карда, дар пайи иҷрои он кӯшиши ҷиддӣ намуда, фаврӣ онро ба ҷойи лозима расонида, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ дар маҷлиси правленияи Иттифоқи нависандагони СССР маърӯза хондааст. Ба ин васила А. Лоҳутӣ ба пирӯзии бузург мушарраф шуд, хидмати ӯ ғалаба кард. Вақте ки И. В. Сталин аз суҳбати А. Лоҳутӣ бо шахсияти устод Айнӣ шинос мешавад ва бузургиву нишони мардуми форсизабонон буданашро дарк карда, барои ҳифозат аз ӯ бо таъкид эҳтиёт кардани С Айниро мефармояд.

Мавриди зикр ин аст, ки А. Лоҳутӣ устод Айниро аз ин укубат ва гумномии тӯлонӣ наҷот дод, номи неки ӯро ҳифз кард.

Дӯстии беназири ин устодони мумтоз аз номаҳо возеҳ аст, ки бештар барои ҳимоят аз якдигар, ҳимояти фарҳангу миллати хеш аст. Бамаврид сухани адабиётшинос Х. Отахонова қобили зикр аст, ки менависад: «...Ҳаёти шахсии одамони бузург аз ҳаёти ҷамъиятиашон ҷудонашаванда буда, он ҳам аҳаммияти таърихӣ ва ҳам аҳаммияти адабӣ ва тарбиявӣ дорад. Ҳар чизе, ки аз зери қалами ин нобиғаҳои давр таровидааст, як ҷиҳати ҳаёти онҳо, хислатҳои инсонӣ, муносибати онҳоро ба аъзои оила ва атрофиён мунъакис менамоянд. Онҳо розҳои ниҳонии якдигарро бо ҳам изҳор мекарданд ва аз якдигар дасти ёрӣ металабиданд ва дар душвортарин рӯзҳо дастгири ҳамдигар буданд» [12, с. 3].

Мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз хусуси як қатор хислатҳои поквиҷдонӣ ва хизмат кардан ба якдигар, ки ниҳоят муваффақият ва комёбиҳо ба эҷодиёти худ ва адабиёти муосир овардаанд, дарак медиҳанд. Онҳо ҳамеша аз дарду алам, шодию масрурии якдигар огоҳ буданд ва ҳамеша барои ёрии якдигар тайёр буданд. «Ман яқин дорам, ки ба сахтиҳо таслим нашуда, асарҳои хуби ба манфиати халқи фотеҳи шӯроӣ, ба манфиати Ҳукумати Советӣ ва Партияи Коммунистӣ хоҳед навишт,-менависад А. Лоҳутӣ 4 апрели 1938 ба устод Айнӣ. Шумо дар мактуби худатон гила кардаед, ки «одамони поёнӣ ҳарчи тавонистаанд дар ҳаққи шумо бадӣ кардаанд» [10, с. 37].

“Охир, домуллоҷон, одамони поёнӣ дар ҳаққи ки бадӣ накардаанд? Албатта, мо «поёни» -ро нисбат ба сифат ва ахлоқи онҳо мегирем.

Шумо мебинед ба он марди бузурги замонӣ, ба Максим Горкий чиҳо кардаанд? Ва шумо медонед, ки то дақиқаи мурдан ба хидмати коргару деҳқон, ба хидмати ватани сусиёлистӣ машғул буд. Ин барои мо бояд дарс шавад. Агар хидмати мо ба халқу ба Партияи Коммунистӣ содиқона бошад, он вақт кори мо фоиданок, ҳаёти мо қиматдор ва асари мо ҷовидона аст ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз набояд битарсем. Мунтазири хондани асарҳои нави шӯроии шумо мухлисатон: Лоҳутӣ» [10, с. 37].

Мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ки саршори суханони дӯстона ҳастанд, баъзеашон ду, се, ҳатто чор саҳифаро ҳам дар бар мегиранд ва бо ҳам роз гуфтану аз дарди дили якдигар огоҳ шудан, ин барои фарҳангу маданияти миллати тоҷик бисёр манфиатҳои муфид овардаанд, хусусан дар солҳои таъқибот. Устод Айнӣ аз худ боварии комил дошт, аз ҳамин сабаб ба Лоҳутӣ дар номаи қаблӣ қайд карда буд, ки «... оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд» [10, с. 34]. Дарвоқеъ ҳамин тавр ҳам шуд, ҳақиқате, ки устод Айнӣ бо як умед ва таҳаммули беандоза интизораш буд, рӯйи об баромад, аз ин хусус дар номаи дигараш аҳволи саломатиашро нисбат ба коргоҳи эҷодии худ баъд аз ошкор шудани ҳақиқат хусусан, дар бораи шахсоне, ки ӯро туҳмат зада буданд ва аз пушаймонии онҳо огоҳ мешаваду бо далелҳои аниқ ва дилпурӣ ба Лоҳутӣ хеле суханаш тафсил меёбад. Ӯ аз ҷумла менависад: «...Дар якуми мой ҳарчанд дар намоиш иштирок карда наметавонистам, ба пеши дарвозаам баромада намоишчиёнро тамошо кардам. Аз 7 мой тавонистам қалам ба даст гирам, ин аст, ки дар 8 мой ба шумо ҷавоб менависам.

Албатта, аз он ҳуҷумҳо, хусусан, ки ҳамааш дурӯғ баромад, дар матбуот эълон карданд ва нависандагони мақолаҳо айбашонро ба гардан гирифтанд, рӯҳи ман наафтод, ҳатто аз аввалӣ зиёдтар қувват гирифт. Аммо чӣ кунам, ки бадан, хусусан ин бадани пири фарсуда, ба қуввати аввала наомада истодааст. Одам танҳо бо шавқ ва қувваи рӯҳ кор карда наметавонад, бадани солим ҳам даркор аст, ки ба фармони рӯҳ ва шавқ итоат кунад.

Чунонки дар мактуби худ ишора кардаед, барои бартараф шудан ва дуруст шудани кори ман қисмати шумо ба воситаи секретариот ва шахсан ба воситаи рафиқ Ставский роли калон бозӣ кард.

Рафиқ Ставский ба Тоҷикистон ҳам телегроф карда будаанд.

Корҳои дар замони сонӣ дар Ӯзбекистон дар ҳаққи ман шуда ин аст: Дар Тошканд, дар ҳар маҷлисҳое муносибате бароварда номи маро ба некӣ ёд карданд ва қайд кардаанд, ки ба ман ноҳақ ҳуҷум шудааст. Дар рӯзҳои бемории ман аз Союзи нависандагони Ӯзбекистон ба Самарқанд одами махсус омада, дар 23 апрел ба муносибати шашсолагии қарори СК дар бораи адабиёт як маҷлиси калон гузаронида ҳуҷумкунандагон ба манро фош кардааст. (Зам. директори собиқи газетаи Самарқанд ва мудири култпропи собиқи Самарқанд ба гуноҳҳои аксулинқилобии худ кайҳо ба подвол рафтаанд).

Рӯзномаи «Ленин йӯлӣ» -и Самарқанд, ки ташкилотчии ҳуҷум буд, расман эълон кард, ки ҳуҷумҳо нодуруст аст.

Инчунин дар 5 мой ба муносибати рӯзи матбуот дар Самарқанд маҷлиси умумии шаҳрӣ гузарониданд ва дар он маҷлис маро ҳам даъват карда ба маҷлиси президиум гузарониданд. Дар он ҷоҳо мудири ҳозираи газета ва мудири ҳозираи култпропоблуси Самарқанд баромада ноҳақ шудани ҳуҷумҳо ба манро ва аз тарафи киҳо шудани он ҳуҷумҳоро ба омма гуфтанд ва таклиф карданд, ки нависандагони он мақолаҳо баромада гап зананд. Баъзе аз он нависандагони мақола, ки дар маҷлис буданд, аз он ҷумла Валӣ Карим ном, ки дар Тошканд дар маҷлисе, ки шумо будед, ба ман ҳуҷум карда будааст, баромада иқрор кард, ки ман ба фармуни редактури собиқ, ки ҳоло дар ҳабс ҳаст, он мақоларо навишта будам ва боз редактур баъзе чизҳоро худаш илова кардааст. Ба вай мудири култпроп гап парронд, ки «агар редактур ба ту мегуфт, ки худатро аз бом парто, магар ту мепартофтӣ?...». Албатта, соҳиби мақола ба ин сухан ҷавоб гуфта натавонист. Ва инчунин дар рӯзи матбуот дар зовуд ва фабрикаҳо, дар колхозҳои Самарқанд маҷлис гузаронида ноҳақ будани ҳуҷум ба манро эълон карданд.

Хулоса, дар Ӯзбекистон ва аз ин ҷумла дар Самарқанд, ки маркази ҳуҷум ба ман буд, гуфта метавонам, ки корҳо тамоман дуруст шуд. Зотан ҳам идораҳои расмӣ, аз ин ҷумла Союзи нависандагони Ӯзбекистон мутлақо ба ман беҳурматӣ накардааст» [10, с. 38 -39]. Ва дар байни ин мактубаш устод Айнӣ бо як шеъри дилнишин аз адибоне меоварад, ки бисёр диққатҷалбкунанда ва мақбулу писандида, бо як муҳаббати беандоза дар байни суханонаш лутфкорона истифода карда, ба Лоҳутӣ менависад: «Бо вуҷуди беморӣ, бисёр гап зада шуморо дарди сар додам, мебахшед. Аммо «Бе субҳ шабе хоҳам, бо ту ғами дил гӯям, ман гиряму ту хандӣ, танҳо Ману танҳо ту» [10, с. 41].

Ин аст, ки суханроniҳои ин абармардони бузурги адабиёт як кайфияти хубе доранд, ки касро ба олами андеша нисбат ба дӯстиву рафоқат, ваҳдату иттифоқ ва рушду фарҳангу адабиёт ҳавола мекунанд.

Хулоса, дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти эҷодии ин суханварони забардаст бо санаду далелҳои қотеъ баён шудаанд, ки бисёр масоили таърихи адабиёти нави тоҷикро равшан мекунанд. Ин ҷиҳати масъала, хусусан дар нисбати сарнавишти С. Айнӣ бағоят қобили таваҷҷуҳ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айни Х. Жизнь Садриддина Айни. - Душанбе: Дониш, 1982. - 121 с.
2. Айнӣ К. Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас // Бист гуфтор аз маънавият. - Душанбе: Адиб, 2004. – 240 с.
3. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - 127 с.
4. Асозода Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ. - Душанбе: Деваштич, 2004. – 92 с.
5. Брагинский И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. - 196 с.
6. Икромӣ Ҷ. Он чи аз сар гузашт. Ёдоштҳо. - Душанбе: Шарқи озод, 2009. - 360 с.
7. Лоҳутӣ А. Номаҳо; мураттиб ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова. - Душанбе: Адиб, 2004. - 112 с.
8. Маҳмадаминов А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира / А.Маҳмадаминов. - Душанбе: Эҷод, 2005. - 160 с.
9. Маҳмадаминов А. Садриддини Айнӣ - олим / А.Маҳмадаминов. - Душанбе: Истеъдод, 2010. - 64 с.
10. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ; ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова. - Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.
11. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург. - Душанбе: Адиб, 2006. - 340 с.
12. Отахонова Х. Сарсухан / Х. Отахонова // Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. - Душанбе: Деваштич, 2003. - С. 3-4.
13. Фиш Р. Рахим Х. Глазами совести. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 296 с.

ЗИНДАГИНОМАИ С. АЙНӢ ДАР СОЛҲОИ ТАЪҚИБОТ

Дар мақола зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот (солҳои 30- юми садаи XX), ки дар адабиёт бо номи давраи «шахспарастии Сталин» ёд мешавад, дар асоси маводи номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бо масоилҳои мушаххас ва далелҳои муътамад саҳифаҳои то кунун номаълуми зиндагии С. Айнӣ таҳлил шудааст. Муаллиф ин масъаларо бо диди нав, ки зодаи даврони Истиқлолияти Тоҷикистон аст, ба риштаи таҳқиқ гирифтааст. Дар ҳамин замина таъкид мегардад, ки бо вуҷуди он ки дар китоби тарҷумаиҳолии С. Айнӣ, ки аз ҷониби худи ӯ навишта шудааст ва рисолаву мақолаҳои фарзандонаш Х. Айнӣ, К. Айнӣ, шогирдаш Р. Ҳошим ва дигарон таҳия шудааст, чанд саҳифаи дурахшоне мавҷуд аст, ки ба сарнавишти С. Айнӣ дар солҳои 1933-1938 марбут аст. Муаллиф барои ҳалли ин мавзӯъ аз мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ки сарчашмаи муҳим ва дорои далелҳои муътамад барои ҳалли илмии бисёре аз падидаҳои ҷомеаи шӯравист, кор гирифта, андешаҳои худро дар ҳамин асос ба миён мегузорад. Ҳамчунин дар мақола таъкид мегардад, ки вақте ки фишорҳои мафкуравӣ ба С. Айнӣ ҳам дар Ӯзбекистон ва ҳам дар

Тоҷикистон зиёд гардиданд, дар ҳама ҷо бадхоҳону душманони нависанда овозаҳои туҳматангез паҳн мекунанд. Дар аввал устод Айнӣ худро ҳабси хонагӣ мекунад, вале баъдан ба мубориза гузашта, барои дифоъ аз худ ва зану фарзандон умедро аз Маскав меҷӯяд. Ин роҳбари маънавии тоҷикон бо кӯшишҳои А. Лоҳутӣ аз туҳматҳо раҳо мешавад.

Калидвожаҳо: С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, мактубҳо, рӯзгору осор, солҳои таъқибот.

АВТОБИОГРАФИЯ С.АЙНИ В ГОДЫ РЕПРЕССИЙ

В статье рассматривается автобиография С. Айни в годы репрессий (30-ые годы XX столетия), который в литературе упоминается как период «культа личности Сталина» на основе изучения писем Садриддина Айни и Абулькасыма Лахути, анализированы неизвестные страницы жизни Айни на основе неопровержимых фактови доказательств. Автор смотрит на данную проблему новым взглядом так как сам является потомком периода независимости Таджикистана. На этой основе утверждается тот факт, что в автобиографической книге С. Айни, который написан им самым, статях и сочинениях его детей Х. Айни, К. Айни, его ученика Р. Хашима и других существуют стрницы, которые относятся к данному периоду его жизни - 1933-1938 годам. Автор для решения данной темы изучил материалы переписки С. Айни и А. Лахути, которые являются важным первоисточником исодержат очень ценные достоверные сведения о том периоде их жизни. Также в статье констатируется тот факт, что когда усилились идеологические давления на С.Айни и в Узбекистане и в Таджикистане, враги писателя стали везде распространять клеветнические слухи. Сначала устод Айни подсаживает себя под домашний арест, но потом вступив в борьбу ищет защиту себе и своей семье в Москве. Этот духовный лидер таджиков благодаря Абулькасыму Лахути освобождается от всех клеветнических заговоров.

Ключевые слова: С. Айни, А. Лахути, письма, жизнь и творчество, годы репрессий.

AUTOBIOGRAPHY OF S.AINI DURING REPRESSIONS

The article deals with the autobiography of S. Aini during the years of repression (30s of the 20th century), which is referred to in the literature as the period of the “personality cult of Stalin” based on the study of the letters of Sadriddin Aini and Abulkasym Lakhuti, analyzed the unknown pages of Aini’s life based on irrefutable facts and evidence . The author looks at this problem with a new look as he is a descendant of the period of independence of Tajikistan. On this basis, the fact is affirmed that in the autobiographical book of S. Aini, which he himself wrote, the articles and writings of his children H. Aini, K. Aini, his student R. Hashim and others have pages that relate to a given period of his life - 1933-1938 years. The author for the solution of this topic studied the materials of the correspondence of S. Aini and A. Lakhuti, which are an important primary source and contain very valuable reliable information about that period of their life. The article also states the fact that when ideological pressure on S. Aini increased in Uzbekistan and Tajikistan, the enemies of the writer began to spread slanderous rumors everywhere. First, the Aynod ushod puts himself under house arrest, but then joining the struggle seeks protection for himself and his family in Moscow. Thanks to Abulkasym Lakhuti, this spiritual leader of the Tajiks is freed from all slanderous conspiracies.

Key words: S. Aini, A. Lahuti, letters, life and work, years of repression.

Сведения об авторе: ***Наимова Фарзона*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 901-09-21-00**

Information about the author: ***Naimova Farzona*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 901-09-21-00**

УДК: 891.55-1:82 (55)

НОЗИК АЛ-МАЛОИКА БУНЁНГУЗОРИ ШЕЪРИ «ҲУРР»-И (ШЕЪРИ ОЗОД) АРАБ

Шарипова Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нимаи аввали қарни XX-ум адабиёти бисёре аз қавму миллатҳо бар асари таҳаввулоти сиёсие, ки дар конуни иҷтимоъ ба вуқӯъ пайваст, дучори дигаргуниҳои амиқе гардидааст. Воқеан, тағйироту инқилоботи иҷтимоӣ аст, ки дар хилоли замон симои як кишварро дар тамоми абъодаш дучори тағйиру таҳаввул намудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ А.Ҳикмат «Агар шеъри форсӣ аз он ҳангом ки Рӯдакӣ дар Ҳирот уди худро менавохт ва Фирдавсӣ дар канори киштзорҳои Тӯс размномаи бостонии худро иншо мефармуд, то охири қарни сездаҳуми ҳиҷрӣ таҳаввули сареъ надошта ва анвои шеъри форсӣ аз қасидаву ғазал, маснавиву рубоӣ бешу кам ба як наҳаҷу ба як минвол суруда шудааст, аз он руст, ки авзоъ ва аҳволи иҷтимоӣ ва мадании кишвари Эрон дар тӯли муддати даҳ қарн ба як равишу ба як насақ ҷараён меёфт ва ҳаргоҳ ҳаводисе чанд дар таърихи Эрон рӯй дод, бадон сон муассир набуд, ки дастгоҳи иҷтимоӣ ва мадании Эронро мунқалиб созад. Аз ин сабаб ҳам дар таърихи адабии ин мамлакат дар пайравии вақоси сиёсӣ инқилобе рух нанамуд ва назму насри форсӣ ба як сурати собиту мустақар монд» [7, с.12].

Аз ин лиҳоз, агар нигоҳи иҷмолие ба таърихи мамолики дунё сурат бигирад, ба зудӣ ошкор мешавад, ки дар ағлаби кишварҳо дар нахустин солҳои қарни XX даргириҳову инқилоботи азими иҷтимоӣ ва сиёсӣ падид омадааст. Ба сифати мисол Россияи подшоҳӣ, ки соли 1917 дар марзи он инқилоби Октябр сурат гирифт. Бар асари он дар сарзаминҳои мо инқилоби Бухоро ва дар Эрон инқилоби Машрута ба вуқӯъ пайваст. Дар натиҷаи ин

инқилобот тамоми шууни иҷтимоӣ дар кишварҳо дигаргуниҳои куллиро мутаҳаммил гардид, ки адабиёт низ аз он бенасиб намонд. Чун ҳадафи мо дар ин мақола шеър аст, аз ин рӯ, таъкиди мо низ бештар рӯйи масоиле сурат мегирад, ки бо шеър ва пешгомони шеъри нав марбут аст. Агар ба адабиёти рус дар ибтидои қарни сипаришуда назар андозем, қабл аз ҳама, номи В.В. Маяковский ба зеҳн мерасад, ки иқдомоти ибтикоромезеро дар шеъри русӣ ба анҷом расонид. Дар радифи эҷоди намунаҳои боризи шеъри нав, дидгоҳҳои назарии қобили мулоҳизае барои ҷомеаи илмиву адабии аср арза намуд. Чунин амреро дар адабиёти муосири мо нахуст устод С.Айнӣ бо шеъри машҳури «Марши ҳуррият» оғоз намуд ва иқдоми ӯ баъдан аз ҷониби шоирони дигар, мисли П.Сулаймонӣ, А.Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ идома пайдо кард. Аммо ногуфта намонад, ки дар адабиётшиносии Эрон замоне ки аз шеъри нав ё шеъри озод сухан дар миён меафтад, нахуст аз А.Лоҳутӣ ҳамчун пешгоми шеъри нав ёд мекунанд. Ба андешаи муҳаққиқ Ш.Лангрудӣ Лоҳутӣ буд, ки дар адабиёти Эрон нахустин шеъри навро гуфт. Дар боло зикр намудем, ки дар ибтидои қарни ХХ-ум дар Эрон низ рухдоди бузурги таърихӣ, инқилоби Машрута рух дод ва дар қатори дигар соҳоти иҷтимоъ маҷрои адабиётро низ тағйир дод. Дар паҳнаи адабиёт ҷараёни тозае бо номи шеъри нав ё озод падид омад, ки баъдан бо номи «шеъри нимоӣ» маъруфият пайдо кард, зеро бунёнгузори он Нимо Юшиҷ, ки яке аз маъруфтарин чеҳраҳои адабиёти имрӯз аст, маҳсуб меёфт. Аз замони зиндагӣ ва эҷоди ӯ беш аз сад сол мегузарад. Дар адабиётшиносии ҷаҳон ба таври расмӣ ӯро ҳамчун мухтареи шеъри нав шинохтаанд, вале пажӯҳишу таҳқиқ дар атрофи шеъру ҷаҳони андешааш бо гузашти замон рӯ ба фузунист.

Шеъри ӯро дар адабиётшиносии татбиқӣ ағлаб бо ашъори шоироне, ки дар ихтирои роҳи тоза дар адабиёти дигар кишварҳо нақш доштаанд, қиёс мекунанд. Аксар нукоти ҷолибу шабоҳатҳои қобили мулоҳиза зимни ин пажӯҳишҳо пайдо мешавад, ки тафсилу ташреҳи ҷузъиёташ масъалаи дигарест. Бояд хотирнишон намуд, ки дар адабиёти имрӯзи араб шоироне, ки даст ба навпардозиву ибдоъ задаанд, зиёданд. Вале миёни онҳо аз нигоҳи муҳаққиқони адабиёт танҳо Нозик ал-Малоика аст, ки ҳамчун поягузори «шеъри ҳурр» ё шеъри озоди араб ба расмият шинохта шудааст. Дарвоқеъ, дар адабиёти муосири араб Нозик ал-Малоика чеҳраи ошност. Ӯ аз зумраи шоиронест, ки дар шеъри муосири араб таҳаввулоти шигарферо бунён гузоштааст. Тавре ки гуфтем, дар адабиётшиносии араб ва дар шарқшиносии ҷаҳон мавсуфро ҳамчун бунёнгузори шеъри нави арабӣ шинохтаанд. Тозагиҳо ва навгониҳое, ки мавсуф дар пайкари шеъри арабӣ ворид намуда, ҳамсонӣ ва шабоҳатҳои зиёде бо шеъри нави форсӣ дорад. Маҳзи хотири ин бисёре аз муҳаққиқону донишмандони адабиёти форсӣ зимни таҳқиқи шеъри имрӯз осори ӯро бо сурудаҳои пешгомони шеъри муосир ё шеъри модерни форсӣ, мисли Нимо Юшиҷ, Фурӯғи Фаррухзод қиёсу татбиқ мекунанд. Муҳаққиқон Абӯзар Қосимӣ ва Зиннат Хуррамободӣ дар мақолае зимни қиёси шахсияти Нимо Юшиҷ ва Нозик ал-Малоика зикр намуда, ки «Миёни Нимо Юшиҷ (падари шеъри нави форсӣ) ва Нозик ал-Малоика шоираи муосири Ироқ ва аз пешгомони шеъри озоди арабӣ, мушобиҳатҳое аз лиҳози замониву ҷуғрофиёӣ ва адабӣ вуҷуд дорад, ки қобили тааммул ва баррасианд. Ин ду шоир оғозгари шууру эҳсоси нав дар миёни миллати худ шуданд ва ҳарду замони хешро бидуни канор гузоштани суннатҳо, эҳё карданд ва ба наҳве намудори рӯҳи таҷаддудхоҳӣ шуданд. Ошноии ҳар ду шоир бо забон ва шеъри урупоӣ ва шароити иҷтимоиву сиёсии ҳоким ба давру ҷомеа, ҳамчунин таъсирпазирии ҳарду шоир аз шоирони самбулизму румонтизми ғарбӣ ва бахусус мутолиаи шеъри англисӣ муваффақ ба анҷоми чунин коре гаштаанд ва боиси ашъору дарунмояҳои муштараке миёни онҳо шудааст» [6, 53-54] .

Нақши шохиси шоира аз назари муҳаққиқони муосири Эрон дур намондааст. Донишманди фозил Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ аз зумраи пажӯҳандагонест, ки дар бисёре аз таълифоти худ зимни арзёбии шеъри арабӣ ба ҷойгоҳи вижаи Нозик ал-Малоика ишора намудааст. Масалан, зимни баррасии мавзӯи «Банд дар шеъри арабӣ», номбурда изҳор медорад, ки «гурӯҳе аз ноқидон ва муаррихони адабӣ бар ин ақида ҳастанд, ки решаҳои шеъри нави арабӣ аз «банд» сарчашма мегирад. Ба бовари ин гурӯҳ «банд» наздиктарин шакли шеъри арабӣ ба шеъри нав мебошад. Дар сурудани банд шоир ҳеҷ гоҳ мулзам нест, ки шеъри худро дар қолаби мисраъҳои мусовӣ қарор диҳад, балки ӯ метавонад тӯли мисраъҳоро кӯтоҳу баланд кунад. Чи басо як сатр дар тафъила ва сатри дигар, се ё чаҳор ва ё ҳатто даҳ тафъила бошад. Яъне, теъдоди тафъилот дар як сатри шеърӣ бастагӣ ба маонӣ дорад, ки дар зеҳну фикри шоир аст. Бандсароён бар ҳасби одат бандро ба сурати наср менигоштанд, бинобар ин, вақте дар ваҳлаи нахуст ба банд назар меандозем, чунин мепиндорем, ки як насри одӣ дар пеши рӯйи худ дорем» [1, с. 132] .

Адабиётшиноси араб Ҳилол Ғанимӣ дар мақолае, ки ба масоили адабиёти татбиқӣ ихтисос дорад, изҳор медорад, ки пайванди густурдаву пурдоманаи забони форсиву арабӣ дар миёни дигар забонҳо беназир аст ва ҳамин иртиботу пайванд сабабгори он шуда, ки адабиёти онҳо ба гунаи чашмгире аз ҳам таъсир пазируфта «дархури пажӯҳишҳои тадбиқӣ гардад» [8, с. 43].

Сайидӣ Ҳусейн аз дигар адабиётшиносонест, ки сурудаҳои Нозик ал-Малоикаро нақд намуда, ҳамзамон шеваи кор ва сохтори шеърашро бо эҷодиёти Нимо Юшиҷ, бунёнгузори шеъри нави форсӣ, муқоиса намудааст.

Бояд гуфт, ки дар ин авохир таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҷавон ба шеъру ҷаҳони андешаи Нозик ал-Малоика доманаи тозае пайдо намудааст. Ҳамзамон, ҷойи таъкид аст, ки пажӯҳишҳо бештар ҷанбаи қиёсӣ доранд. Масалан, муҳаққиқон Абӯзар Қосимӣ ва Зиннат Хуррамободӣ дар мақолаи худ саъй намудаанд, вижагиҳои умдаи шеъри Нозик ал-Малоика ва Ниморо таъйин намоянд. Ба андешаи донишмандони мазкур нахустин хусусияти маҳсусу муштараки шеъри Нозик ал-Малоика ва Нимо нобаробарии тӯлии мисраъҳо ба шумор меравад. Арӯзе, ки Нозик ал-Малоика дар шеъри ибдоъомезаш «Вабо» истифода намуда, сабаби тааҷҷуб ва тамасхури падараш воқеъ мегардад. Мавзӯи аслӣ дар шеъри мазкур тааммул дар атрофи марг аст. Марге, ки дар ин шеър шоира бо он гиребонгир, як унсури калидӣ маҳсуб мешавад ва бо унвони саҳнаоро дар шеър дахил аст. Ҳар чӣ бештар шеърро мехонем, чи дар матни форсӣ ва чи дар матни арабии он вожаи «марг» ва ё «ал-мавт» ба як мавзӯъ табдил мешавад. Марге, ки кулли тамаддуну адабиёти арабро дар бар мегирад.

Нуктаи дигаре, ки адабиётшиносони ёдшуда ба он таъкид меварзанд, ин аст ки, чи Нимо ва чи Нозик ал-Малоика наметавонанд вазнро ба унвони як хосияти пешинӣ барои шеър комилан аз байн бибаранд.

Хосияти кори онҳо аз он иборат аст, ки бо истифода аз як вазн дар корбурди афоилҳо таҷдиди назар мекунанд. Нозик ал-Малоика дар муқаддимаи китоби худ бо унвони «Қазоё аш-шеър ал-муосир (масоили шеъри муосир)» чунин мегӯяд: «Бузургтарин шолудаи шеъри нав он чизе аст, ки маъруф ба банд аст, на балки банд ба далоили зер ҳамон шеъри нав аст.

1. Банди шеър тафъила аст на шеъри шатр
2. Шатрҳо дар он аз ҷиҳати тӯл мусовӣ нестанд
3.Қофия дар он яксон нест, шоир аз қофияе ба қофияи дигар бидуни ҳеҷ гуна назме ё намунаи маҳдуде мунтақил мешаванд» [4, с.12].

Тавре ки дида мешавад, назариёти номбурда бо дидгоҳҳои Нимо Юшиҷ дар қисмати корбурди қофия дар шеър ва тасовии тӯлии мисраъҳо дар матни як қитъаи адабӣ бо ҳам ҳамхониву яксонӣ доранд. Ҷаввод Ранҷбар ва Довуд Наҷотӣ аз дигар муҳаққиқоне мебошанд, ки мақолаи мабсутеро ба тадбиқу қиёси шеъри Нимо ва Нозик ал-Малоика ихтисос додаанд. Бояд гуфт, ки эшон масъалаи мазоҳири шабро дар сурудаҳои шоирони мазкур мавриди баррасиву арзёбӣ қарор додаанд. Аз ҷумла дар мақола зикр шуда, ки «Унсури шаб ба унвони яке аз намудҳои табиат, дар шеъри муосир бино ба фарохӯри тафаккур ва ҷаҳонбинӣ вижаи шоирони навгаро, бо авотиф, андешаҳо ва мафоҳими мухталифе даромехта шуда ва ба унвони абзоре самбулик барои бозтоби масоили иҷтимоию сиёсӣ ба кор меравад, ки дар адабиёти классик мисдоқҳои он камтар ёфт мешавад. Ин нумод ба унвони яке аз мафоҳиму калидвожаҳои муштараки ашъори ду адиби форсӣ ва арабӣ Нимо ва Нозик ал-Малоика ҷилваи хоссе ба шеъри ду шоир бахшидаанд» [9, с.90].

Хулосаи донишмандони ёдшуда ин аст, ки чи дар ашъори Нимо ва чи дар девони Нозик ал-Малоика он ҷо, ки сухан аз «шаб» дар миён аст, таъсири романтизми ғарбӣ маҳсус аст. Албатта, ҳамсониҳои мазмунӣ дар шабномаҳои ҳар ду шоир зиёд аст. Ҳар ду барои ба тасвир кашидани шароити хавфангезу ҳолоти яъсу ноумедӣ аз коркарди нумодини шаб дар тасвири шеърии худ ба хубӣ баҳра бурдаанд. Тасвири шаб дар шеъри Нимо дар бештар маворид ҳайати мавҷудии сангдилро ба худ мегирад, ки хушбахтии шоирро фурӯ мебарад.

Ҷолиб ин аст, ки мурури мавзӯоте, ки дар иртибот бо шеъри шоирони мавриди қиёс анҷомшуда, касро ба натиҷае мерасонад, ки шабоҳатҳо танҳо хосси офаридаҳо ва ашъори шоирони мавриди назар нестанд, балки ағлаб зиндагии шахсии онҳо бар асоси конуни иҷтимоъ ҳамсониву монандиҳои зиёде дошта, ки аз диди мӯшикофонаи муҳаққиқон дур намондааст. Дар пайванд бо ин муҳаққиқ Мунир Зебоӣ масъалаи «нустолжи»-ро (дилтангӣ ба ёди шукӯҳу мафохири пешин, ёди ширини рӯзгори сипаришуда ва мазоҳири хурду бузурги он) дар сурудаҳои шоирон Нозик ал-Малоика ва Маҳди Ахавони Солис мавриди таҳлилу арзёбии қиёсӣ қарор додааст. Маълум аст, ки мавзӯи «нустолжӣ» яке аз баҳсҳои калидии илми равоншиносӣ аст, вале бо доштани ҷойгоҳу аркони муҳим дар адабиёти ҷаҳон ҳамвора мавриди назари шоирон қарор дорад. Муҳаққиқи ёдшуда хотирнишон месозад, ки «Аз ҷумла шоирони муосире, ки ҳасрати гузаштаҳои хуши аздастрафта ва ёдкарди онҳо дар ашъорашон басомади фаровоне дошта Нозик ал-Малоика ва Маҳдӣ Ахавони Солис аст. Шароити зиндагӣ ва ҷомеа, андеша ва отифаи қавию ошноие бо шоирону бузургон мунҷар ба барангехта шудани ҳисси нустолжике қавӣ дар ин ду шоир шудааст» [3, с.181].

Дар идомаи мақола муаллиф перомуни иллату далоили гироиши шоирони мазкурро ба мавзӯи ёдшуда ба таври амиқ таҳқиқ менамояд.

Дар поён ҷойи таъкид аст, ки дидгоҳҳо перомуни шеъри Нозик ал-Малоика ва пайванду иртиботи мазомини шеъраш бо шеъри шоирони муосири Эрон пуршуморанд, ки таҳқиқи густардаро тақозо доранд. Андешаву натиҷаи ҷомеъ дар ҳар пажӯҳише ин аст, ки Нозик ал-Малоика бунёнгузори ростини «шеъри ҳурр»-и араб аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Кадканӣ Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър. - Порис. - 680 с.
2. Кадканӣ Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. - Теҳрон: Нигоҳ. - 311 с.
3. Мунир Зебоӣ. Нигариши тадбиқӣ ба рӯйкарди нустолжик дар сурудаҳои Нозик ал-Малоика ва Маҳдӣ Ахавони Солис. Мутолиоти адабиёти тадбиқӣ, соли дувоздаҳум шумораи 45, баҳори 1397. -
4. Нозик ал-Малоика. Қазоё аш-шеър ал-муосир. - Бейрут, 1374.
5. Пурномдориён Тақӣ. Хонаам абрист. - Теҳрон: Суруш, 1377. - 410 с.
6. Қосимӣ Абӯзар. Пешгомони шеъри муосири форсӣ ва арабӣ. Нимо ва Нозик-ал Малоика. Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии забон ва адабиёти форсӣ-Донишгоҳои адабиёт ва забонҳои хориҷии Донишгоҳи озоди исломӣ, соли ҳафтум-шумораи 22 баҳори 1394.
7. Ҳикмат Алиасғар. Нахустин кунгураи нависандагони Эрон. - Теҳрон, 1946. - 198 с.
8. Ҳилол Ғанимӣ. Адабиёти тадбиқӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1373.
9. Ҷаввод Ранҷбар, Довуд Наҷотӣ. Ҷилваҳои нумодини «шаб» дар шеъри Нимо ва Нозик ал–Малоика. Пажӯҳишҳои нақди адабӣ ва сабкшиносӣ (илмӣ-пажӯҳишӣ) шумораи 3 баҳори 1392.

НОЗИК АЛ-МАЛОИКА БУНЁНГУЗОРИ ШЕЪРИ «ҲУРР»-И (ШЕЪРИ ОЗОД) АРАБ

Равшан аст, ки дар даҳсолаҳои нахустини асри гузашта дар бархе аз кишварҳо тағйироти бузурги сиёсиву иҷтимоӣ ба вуқӯъ пайваст. Намунаи чунин таҳаввулоти иҷтимоӣ инқилоби кабири Октябр дар Россия, инқилоби Машрута дар Эрон ва инқилоби халқии Бухоро мебошад. Ин тағйироти сиёсӣ таъсири амиқе ба раванди умумии таърих ва шууни иҷтимоӣ гузоштанд. Табиӣ аст, ки аз ин шумор адабиёт низ истисно набуд. Ба дигар суҳан, ҳар инқилобе заминаҳои мусоидро барои зуҳуру шаклгирии адабиёти хосси худ фароҳам сохта буд. Ҷараёнҳои тозаи шеърӣ шакл гирифтанд ва мактабҳои модернистӣ ба зуҳур расиданд. Шеъри нав дар Россия бо номи шоири шаҳири рус М.М.Маяковский гиреҳ мехӯрад. Маяковский шоири назарияпардоз буд ва китоби машҳури «Чӣ гуна бояд шеър сохт?» мутааллиқ ба ӯст. Ба андешаи ноқидони адабӣ нахустин намунаи шеъри нав дар Эрон тавассути шоир Лоҳутӣ суруда шуд. Ҳарчанд Нимо Юшиҷро ҳамчун бунёдгузору «падари шеъри нав» шинохтаанд. Дар адабиёти муосири араб пешоҳанги «шеъри ҳурр» ё шеъри озод Нозик-ал Малоикаро медонанд. Мақолаи мазкур ба таҳлили андешаҳои муҳаққиқон дар иртибот бо ҷойгоҳи Нозик-ал Малоика дар шеъри модернистии араб ихтисос дорад.

Калидвожаҳо: Нозик ал-Малоика, нақди адабӣ, шеъри ҳурр, Нимо, бунёнгузор, шеъри арабӣ, таҳлили муқоисавӣ, адабиёти тадбиқӣ, модернизм, инқилоб, таҳаввулот.

НАЗИК АЛ-МАЛАИКА ОСНОВОПОЛОЖНИК СВОБОДНОГО СТИХА (ШЕЪРИ ҺУРР) СОВРЕМЕННОЙ АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Общеизвестно, что в первые десятилетия прошедшего века в некоторых странах мира произошли большие социально-политические перемены. Примером этих общественных потрясений является великая Октябрьская революция в России, Конституционная революция (Машруте) в Иране, народная революция в Бухаре. Эти политические трансформации существенно повлияли на ход истории во всех общественных сферах. Естественно, из этого числа литература не была исключена. Другими словами, каждая революция создала почву для появления своей литературы. Формировались новые литературные течения, появились модернистские школы. Новая поэзия в России связана с именем великого поэта М.М.Маяковского. Маяковский был поэтом - теоретиком новой поэзии. Его перу принадлежит книга «Как сделать стихи?». По мнению литературных критиков, в Иране первое стихотворение в новом стиле было написано Лахути, хотя Нимо Юшиджа признают «отцом новой поэзии». В современной арабской литературе пионером «свободной поэзии» (шеъри хурр) считают Назик-ал Малаика. Данная статья посвящена анализу взглядов учёных литературоведов, касающихся места Назик-ал Малаика в появлении и формировании современной модернистской арабской поэзии.

Ключевые слова: Новая поэзия, Назик ал-Малаика, сравнительный анализ, арабская поэзия, «свободный стих», модернизм, революция, трансформация

NOZIK AL-MALAIKA, THE FOUNDER OF FREE VERSE (SHERI HURR) OF MODERN ARABIC LITERATURE

There were great social and political changes in the first decades of the past century in some countries of the world. An example of these social upheavals is the great October revolution in Russia, the constitutional revolution (Mashrute) in Iran, the people's revolution in Bukhara. These political transformations significantly influenced the course of history, in all public spheres. Naturally from this number of literature was not excluded. In other words, each revolution created the ground for the appearance of its literature. New poetic currents were formed, modernist schools appeared. New poetry in Russia is associated with the name of the great poet M.Mayakovsky. Mayakovsky was a poet, a theorist of new poetry. He wrote the book "How to make poems?". According to literary critics in Iran, the first poems in a new style were written by Lakhuti, although Nimo Yushija is recognized as the “father of the new poetry”. In modern Arabic literature, Nozik-al Malaik is considered the pioneer of “free poetry” (sheri hurr). This article is devoted to the analysis of the views of scholars of literature on the place of Nozik-al Malaik in the emergence and formation of modern modernist arabic poetry.

Key words: New Poetry, Nozik al-Malaika, comparative analysis, arabic poetry, “free verse”, modernism, revolution, transformation

Сведения об авторе: ***Шарипова Гулноз Бахтиёровна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **farzod-2013@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-40-00-95**

Information about author: ***Sharipova Gulnoz Bakhtiyorovna*** - Tajik National University, postgraduate of department of arabic philology of Asia and Europe languages faculty. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe city, avenue Rudaki 17. E-mail: **farzod-2013@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-40-00-95**

УДК: 891.550-1:82

ВУРУДИ АЛОУДДАВЛАИ СИМНОНӢ БА ТАСАВВУФ ВА ФАРҶОМИ ЗИНДАГОНИИ Ӯ

Халисов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

I. Муқаддима. Аҳволи Алоуддавлаи Симнонӣ, бавижа ҳаёти баъдимулозиматӣ ва тасаввуфгузиниаш таваҷҷуҳи муҳаққиқони адабу ирфон ва тазкиранависонро ба худ кашидааст. Муҳимтарин манбаъ дар ин мақтаи ҳаёти Симнонӣ навиштаҳои худаш ва осори муаррихону тазкиранигорон ва маноқибнависони муосиру баъдинаанд. “Чиҳил маҷлис” аз асарҳои муҳим дар ин мақтаи таърихи рӯзгори Шайх аст, ки Иқболи Систонӣ онро китобат кардааст. Сарчашмаҳои дигари адабиву таърихӣ низ ба фаъолияти Алоуддавла дахли маънодору муфиде кардаанд, мисли: “Ад-дурар”, “Нафаҳот-ул-унс”, “Сафинат-ул-авлиё”, “Риёз-ул-орифин”, “Хазинат-ул-асфиё” ва чанди дигар.

I. 1. Баёни масъала. Дар ин мақола дар пайи ҳалли масъалаҳои зерин ҳастем: Симнонӣ кай расман ба тасаввуф гаравид? Ин гаравидан ногаҳонӣ буд ё замина ва майли пешинае дошт? Дар интихобу амалкарди тариқи тасаввуф мабнову асосро чӣ қарор дод? Кадом пир ва тариқро интихоб кард? Хирқаи хилофату шайхиро дар кадом син ба бар карду изни иршод ёфт? Ба куҷоҳо сафар дошт? Ҳаёти шайх дар куҷо ва кай ба фарҷом расид? Ва аз ҳамин даст масоиле, ки то вафоти Алоуддавла матраҳ мегарданд.

I. 2. Пешинаи таҳқиқ. Дар миёни муҳаққиқони замони нав аввалин кӯшишро дар баёни рӯзгору шарҳи осори Симнонӣ, Саид Нафисӣ кардааст. Сипас, Забеҳуллоҳи Сафо Симнониро дар “Таърихи адабиёт”-и худ ҷой додааст. Абдуррафеи Ҳақиқат аз муҳаққиқони Симнонист, ки дар китоби “Таърихи ирфон ва орифони эронӣ” кӯшидааст, аҳволи Алоуддавларо шарҳ диҳад. Илова бар ин, асарҳои алоҳидаи таҳқиқотие чун: “Пири орифон” аз Муҳаммадии Боғмуллоӣ, “Баррасии оро ва андешаҳои Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ” аз Майсам Насруллоҳиро метавон ном бурд. Аммо то ҳол масъалаи матраҳнамудаи мо ба таври муфассал ва ҷамъбастӣ ҳалли худро наёфтааст. Таҳқиқи мавзӯи мазкур дар боз намудани бархе аз масъалаҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Симнонӣ хеле муҳим дониста мешавад.

Мақола бо равишҳои таҳқиқии шарҳиҳолӣ, татбиқӣ-муқоисавӣ ва истидлолӣ баррасӣ шудааст.

II. Баррасӣ.

II.1. Тарки мулозимат ва рӯоварӣ ба тасаввуф

Умарову хонони элхонӣ, пас аз панҷоҳ соли ҳокимият бар Мовароуннаҳру Хуросон, яке пас аз дигаре мусалмон шуданд; аз аввалини онҳо Аҳмади Такудор буд. Бо ин, миёни умарои элхонӣ мунозиаву ихтилоф падид омада, ба ҳадди масофу лашкаркашӣ расид. Шонздаҳуми моҳи сафари соли 683 (11 майи 1284) миёни лашкари султон Аҳмади Такудор ва Арғунхон дар қарибии Қазвин – саҳрои Ромҳоҷа (Оқҳоҷа) ҷанге ба амал омад [2, с.439]. Таърихнигорон ангезаи ҷангро ба ислом гаравидани Такудор медонанд, дар ҳоле ки Арғун аз бахшиён (пешвоёни будоӣ) коми диёнат меёфт. Ҳамин кор сабаби низоъ шуд.

Он замон Алоуддавлаи ҷавон, чун мулозиму муҳофизи Арғунхон, дар рикоби ӯ меҷангид. Моҷарое, ки аз ин ҷанг ба сар овард, ӯро аз бузургони машоихи сӯфия ва орифону шоирон гардонид. Симнонӣ ин рухдодро борҳо ба муносибатҳои гуногун, дар расоилу мақолот (гуфтаҳо)-и худ ёд мекунад.

Сарчашмаҳо моҷарои таҳаввули ҳоли Симнониро дар ин масоф чунин баён кардаанд: Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар “Таърихи гузида” овардааст: “Чун ӯ тоиб шуд, дар сулук омад. Дар роҳи Ҳақ дараҷаи олӣ ёфт ва аз машоҳир (-и сӯфиён) гашт” [11, с.676]. Абдурраҳмони Ҷомӣ низ мегӯяд: “Дар яке аз ҳуруб, ки султонро бо аъдо буд, вайро ҷазбае расид” [24, с.441].

Дар ин корзор Алоуддавла бисту чаҳорсола буд. Ӯ иштироку амал дар ин муҳорибаро шуҷоату диловарӣ медонист. Чунончи, дар “Мусаннифоти форсӣ” мастур аст: “Чун дар наздикии Қазвин сипоҳи Арғун ба лашкари Султон Аҳмад расид, ман низ такбир гуфтам, ки ҳамла барам. Дар ин ҳангом, зоҷири ҳаққонӣ фародид омаду доияе дар ботини ман пайдо шуд, чунонки ҳиҷоб аз пеши чашмонам бардошта шуд ва ҷамоли охирату он чӣ дар ӯст, ба ман намуда шуд. Ва ман натавонистам дар задухӯрди ду сипоҳи мазкур ширкат чӯям; мутаҳайир бар ҷойи худ мондам ва он доия ҳамчунон мусоҳиби ботинам буд. То фардо чоштгоҳ, ки чун бар сари хӯрдан рафтам, зоҷири ҳаққонӣ нопайдо

шуд. Аммо асари он дар ҷонам боқӣ буд, чунонки на танҳо ба мулозимати султон ҳеч рағбате надоштам, балки малолате низ дар ман, аз хидмати дастгоҳи Арғун падидор мегашт” [23: даҳ, 252].

Алоуддавла ин ҷазба ва танаббуҳро иноятиилоҳӣ дониста, аз он рӯз ба баъд, аз хидмати дарбор худро дур дошт ва пас аз муддате, мӯҷиби дилсардиву тарки дарбору мулозиматаш гардид. Дар ин бора худ менависад:

“Бо ин ҳол, наметавонистам худро қонеъ кунам, ки аз суҳбату мулозимати Арғун бибураму дур шавам. Аз ин рӯ, дар дастгоҳи Арғун ба қазои тоатҳои фавтшуда эҳтимом кардам; ҳар шаб қазои намозҳои ду рӯзро бар худ лозим гардонидам ва Қуръон мехондам ва панҷ оя дар шабонарӯз, фароёд медодам. Аз маноҳиву малоҳии дастгоҳи Арғун тавба кардам, то ҷое ки гоҳ будӣ, ки як ҳафта мегузашту ман чизе намехӯрдам... Муддате, наздик ба як солу ду моҳ, дар ҳоле ки қабоҳу кулоҳи девонӣ доштам, ба ин сурат гузаронидам. То дар 685 (ҳ.) бемор шудам, ба тавре ки табибони дастгоҳи Арғун аз мудовои ман оҷизу нотавон монданд” [23: ёздаҳ, 253; 21: 358].

Оқибат, Симнонӣ, ки солҳо на ба ихтиёр ба сафар мерафту на тарки мулозимат дошт, озод гардиду ба сафарҳои зоҳириву ботинӣ пардохт. Шонздаҳуми шаъбони 685/14 октябри 1286/ бо рухсати Арғун, аз Табрез ба Симнон рафт. Норасида ба Симнон, дар аснои сафар сиҳат ёфт: “Чун ба Увҷон расидам, асари сиҳату саломат дар худ дидам. Донистам, ки он беморӣ аз мулозимату суҳбати шуми девониён буд” [23: ёздаҳ, 253].

Давлатшоҳи Самарқандӣ бар он аст, ки Алоуддавла пас аз ҷанг билофосила тарки дарбор карда, бе иҷозати Арғун раҳ сӯйи Симнон гирифт [14, с.252]. Аммо матлаби “Тазкират-уш-шуаро” бо таълифоти Симнонӣ, чунонки дар боло омад, татобуқ надорад.

Эърозу дилсардии Алоуддавла аз дарбор, аз рӯйи эътиқод буда, чунонки аз ибораи “чӣ бувад мулозимати касе, ки бут мепарастид” фаҳм мегардад. Инчунин, нахустиқдоме, ки пас аз тарки мулозимат кард, “ҷомаи солеҳон” пӯшиду камар бар ибодат барбасту ба омӯзиши амиқу дақиқи шариат ва ирфон пардохт:

“Дар ғарраи рамазони ҳамон сол (685 ҳ.) ба Симнон расидам. Бар сари оромгоҳи Шайх Ҳасани Саккокӣ қабоҳу кулоҳу камари девонӣ боз кардаму ба дур андохтам ва ҷомаи солеҳон пӯшидам” [23: ёздаҳ, 253].

Симнонӣ пас аз истиқрор дар Симнон ба ниёзмандон моли зиёд бахшиду канизу ғуломони худро озод кард. Сарчашмаҳои таърихӣ ва ирфонӣ аз ин амал бо ибораҳои исор, бахшиш ва вақфи амвол ёд мекунанд. Муаррихи муосири Симнонӣ – Салоҳуддини Сафдӣ миқдори моли бахшидаи шайхро болиғ бар навад ҳазор динор медонад [15, с. 321]. Мударриси Табрезӣ дар “Райҳонат-ул-адаб” мегӯяд: “Тамомии амлоки худро, ки арзиши як курур (чизи бисёр/панҷсад ҳазор) туман дошта, вақфи даровешу фуқаро намуд” [10, с.157].

Дар ин бора Симнонӣ худ чунин мегӯяд: “Ҳар чӣ доштам, ки медонистам ҳаққи касе дар он ҳаст, боз додам ва он чӣ маълум набуд, ба фатвои фақеҳон вақфу садақа кардам. Ва ғуломону канизон, ки дар хона доштам, озод кардам ва ҳаққи зану фарзандро ба онон супурдам. Ва хонақоҳи Саккокияро иморат кардам. Ва хонақоҳҳои дигар бино кардам. Ва ба тарку таҷрид эҳтимом доштам.” (23: давоздаҳ).

Шайхи Биёбонакӣ, ба ҷид дар ҷустуҷӯи тариқи дурусти диндорӣ буд. Он чӣ ӯро ба такопӯ ва омӯзишу таҳқиқ во дошт, ба даст овардани оромиш ва итминони қалбӣ буд. Дар ин бобат худ чунин фармудааст:

“То дар ин ҳангом толеъ шуд субҳи саодат аз уфуқи иқбол ва султони илҳом дар саҳифаи садр даромаду бар ман равшан кард, ки одамиро дар такмили нафс чора нест, аз се чиз: яке сиёсат, аз барои забти амвол ва ҳифзи нуфусу амри маош; дувум таҳорат, то аз ҳайвон мумтоз гардад, ки ин покиро инсон ба табъ дӯст доштааст; севум ибодати маъбуду мувҷиди худ, ки табъи салиму ақли мустақим илзом мекунад, ки моро мувҷиде розиқи холиқ ҳаст. Пас, воҷиб аст ӯро фармон бурдан. Чун Одам аз дунё риҳлат кард, ихтилоф карданд, ки зоҳири ин се шарт муътабар аст ё ботини он ва ё ҷамъи байни зоҳиру ботин. Пас, чун ин илҳом ба дил расид, нафс ором гирифт дар риояти ин се шарт. Ва ба таҳқиқ донистам, ки ҷамъ кардан миёни зоҳиру ботин беҳтар аст.

Пас аз он, дар аҳволу орои гурӯҳҳо ва фирқаҳои мухталиф ба илҳоми раббонӣ ҷустуҷӯ кардам. То ба гурӯҳе расидам, ки ононро сӯфия мегӯянд. Ва сурату маънии шартҳои сегона – сиёсату таҳорат ва ибодатро ба ҷой меоранд. Чун ба худ омадам, иштиёқи пайвастан ба сӯфияро дар худ ёфтам ва муштоқ шудам ба дидори онон” [23: сездаҳ].

Дар ҷойи дигари навиштаҳояш мехонем: “Ба таҳсили улуми ибодӣ эҳтимом кардам ва ба сулуки тариқ, бар вифқи дастурамалҳои мундариҷ дар “Қут-ул-қулуб”-и Абӯтолиби Маккӣ пардохтам. Дар зимни сулук ҳолоте хуш даст медод ва ба таҷрид муштоқам мекард” [23: ёздаҳ].

Симнонӣ наздик ба ду сол бе пир, аз рӯйи дастуру таълифоти сӯфия, хусусан, “Қут-ул-қулуб” ва “Эҳё-ул-улум” амал мекарду ба зикру ибодат шуғл меварзид.

II.2. Интихоби пири тариқат. Алоуддавлаи Симнонӣ барои иршоду фарогирии маърифат дар ҷустуҷӯи пиру мурод буд. Бо ин ки аз рӯйи китобҳои таълимии тасаввуфӣ амал мекард, вале дар худ ҳолотеро дид, ки тафсиру таъвил мехост. Чунончи, аҳволи худро чунин шарҳ медиҳад:

“Чун ин бечора, рӯй аз дунё бигардониду ишқи Ҳақ субҳонаҳу ва таоло, ҷайби дили ин муфлис бигрифт, муддате аз сабаби он ки пешвое (пире – Ш.Х.) набуд, ба ҳар даре гардидаму аҳволи ҳар тоифа медидам. Ва аз содиру ворид, аз ҳар касе, ки тарбияте тавонад кард, дар атрофу акноф пурсидам, ҳеч нишоне наёфтам” [12, с.39]. “То он ки дар муҳаррами 686 ҳичрӣ ҳол бар ман ғалаба карду ба хилват нишастам... Дар ин мавқеъ, Аҳӣ Шарафуддин, ки муриду халифаи Нуруддин Абдурраҳмони Исфароинӣ (639–717 ҳ.) буд, аз Хуросон ба Симнон омад ва мусоҳиби ман шуд. Шабе дидам ӯро, ки бар сари танӯр нишаста, зикр мегӯяду сар меҷунбонад... Гуфтаҳояш омӯхтаму ба шеваи ӯ, ба зикр гуфтан машғул шудам, то ними шаб. Ногоҳ аз пеши синаи чап шарорае чанд зоҳир шуд... хостам, ки тарки зикр гуфтан кунам, муяссарам нашуд ва зикр маро даррабуд то ба вақти саҳар... Пас аз он, истифсор кардам аз Аҳӣ Шарафуддин, ки ин тариқ аз чӣ касе омӯхтӣ? Гуфт: Ба назди шайх Абдурраҳмон дар Ҳичоз омӯхтам. Ва Шайх (Исфароинӣ – Ш.Х.) маро фармуд, ки ба Хуросон рав. Ва чун яке аз абнои мулук дарёбӣ, ки ба ҷазбаи макрамати Ҳақ таолло мукаррам гашта бошад, бо ӯ биншину мусоҳибати ӯ воҷиб дон... Шавқи дидори шайх Исфароинӣ дар ман падидор гашт” [23: понздаҳ].

Таҳқиқи мо нишон дод, ки Симнонӣ пири тариқати худ Абдурраҳмони Исфароинии Касрақиро ба воситаи Шарафуддин, соли 686/1287 ғоибона интихоб кардааст. Ҳарчанд пас аз як сол ба дидори ӯ мушарраф шуд. Муаллифи “Хазинат-ул-асфиё” ин таърихро 674 ҳ. ва соҳиби “Сафинат-ул-авлиё” 677ҳ. навиштаанд, ки табъан иштибоҳ аст [8, с.288; 3, с.107]. Эҳтимоли наздик ба яқин ин аст, ки онҳо ба ҷойи “ҳаштод” ба хато “ҳафтод” навиштаанд.

Бино бар нақли худи Симнонӣ дар “Урва”, “Чиҳил маҷлис” ва рисолаи “Фатҳу-л-мубин” маълум мешавад, ки ӯ санаи 27 муҳаррами 687 ҳ. (10 марти 1288) бо роҳи Ҳамадон қасди Бағдод кардааст. Арғунхон, ки дар Ҳамадон иқомат дошт, аз омадани Алоуддавла хабар ёфт, фармуд, ки ӯро ба наздаш оваранд. Дар ин бора фармудаи Шайх: “Ҷабран маро боз гардонид ва муддати ҳаштод рӯз маро пеши худ боз дошту бахшиёнро бо ман дар баҳс андохт. Дар он ҷо донишманду уламои бахшӣ (будоӣ – Ш.Х.) аз Ҳинду Кашмиру Тибету Уюғур ҳозир кард, то бо ман мунозира кунанд.” [23: шонздаҳ, 255].

Бахшиён ба мунозира ҳозир гардиданд. Арғун бахширо фармуд, ки суол кунад аз Алоуддавла. Гуфт: Ин ки ӯро Алоуддавла мегӯянд ва ишорат ба ту мекунанд, кадом узви туст?

Симнонӣ дар посухи ӯ гуфт: Ин маҷмӯъ, ки мебинӣ, манам.

Шайхи ҷавон, ба Арғун насиҳат мегӯяд, ки ин бахшиён, ки тарбият мекунад ба умеди дуову наздикӣ бо Худо, чун онҳо (бахшиён) худ аз Худо дуранд ва сухани Шомкунӣ (Будои чаҳорум – Ш.Х.) намешунаванд подшоҳро аз дуои ӯву мутобиати ӯ чӣ фоида диҳад?!

Бахшӣ бишниду гуфт: Чӣ чиз аст, ки ман сухани Шомкунӣ хилоф кардаам? Гуфтам (Симнонӣ – Ш.Х.): Шомкунӣ дар “Нун” (рисолаву қонуни мазҳабӣ – Ш.Х.) нагуфтааст, ки агар пой бар гиёҳи тар ниҳад, чунонки хаста шаваду роҳи обхӯрӣ он дарбанд шавад, миёни он касу Худо роҳ дарбанд шавад?... Чанд шохи гиёҳ бошад, ки ғуломони ту бубридаанд... чанд гиёҳ дар зери қадами ту шикаста шудааст?!” [23: ҳабдаҳ; 20: 132].

Ғавр бар ҳамин лаҳзаи ҳаёти Симнонӣ маро ба натиҷае расонд, ки ӯ пас аз поёни баҳс бо бахшиён, ҳамроҳи Арғун аз хаймагоҳ берун мешавад. Ҳоким саъй мекунад, ки Алоуддавла боз ба мулозимат баргардад, вале натиҷа намедиҳад. Дар ин бора гуфтаҳои худи Симнонӣ ҷолибанд:

“Баъд аз он Арғун гуфт: Барои дили ман мулозими ман бош, ки дили ман туро дӯст медорад... Ҳар чӣ хоҳӣ, туро бидиҳам ва ҳеч кас ба ҷойи ту надорам. Гуфтам: – Рубъи маскун бисту чаҳор ҳазор фарсанг асту ин мулки ту ҳазор фарсанг беш нест... Агар Худои таоло фармояд, ки ин бисту чаҳор ҳазор фарсангро ба ту медиҳам ва ҳазор сол туро умр бошад ва чун бимирӣ, туро аз ҳеч напурсам ва ба биҳишт дарорам, ман мамлакатро аз Худой қабул накунам ва тарки ин роҳу лаззат, ки дар онам, нагирам... Чун ин бишнид, донист, ки кор навъи дигар аст” [23: нуздаҳ].

Бо чанд рӯз таваққуф дар дарбори Арғун, Алоуддавла бе иҷоза аз он ҷо хориҷ мегардад. Арғун дар пайӣ Шайх сарбоз мефиристад, то агар ба Бағдод равад ӯро боздорад ва агар ба Симнон, то он ҷо ӯро ҳамроҳӣ кунад.

Ахиран, Алоуддавла ба дидори Абдурраҳмон тавфиқ наёфту ба Сӯфиободи Симнон бозгашт. Чун ба Симнон расид, бо мактубе арзи ҳол ва ихлосу иродати худро ба

Исфароинӣ баён дошт. Пас аз муддате, Исфароинӣ ба номаи Симнонӣ ҷавоби мусбат дод. Дар ин бора худи Симнонӣ навишта: “Баъд аз он, дар авохири шаъбон (687 ҳ.) Ахӣ Шарафуддин биёмад ва мактуби шайхи моро (Исфароиниро – Ш.Х.) биёвард, ки дар он маро иҷоза дода буд, ки ба хилват дароям. Ҳам ба дасти Ахӣ хирқае муламмаъ бароям фиристода буд. Хирқаро пӯшидаму дар ғарраи зилқаъда ба арбаини мусавӣ (чиланишинӣ – Ш.Х.) даромадам. Ва аҷоибҳо дидам, ки ақл аз дарки он оҷиз гашт” [23: нуздаҳ; 12: 49].

Пас аз муддате иштиёқи Симнонӣ ба Исфароинӣ фузун гашта, соли 687/1288 роҳи Бағдодро пеш мегирад: Чунончи, дар манобеъ мастур аст: “То он ки, дар бистуҳаштсолагӣ, пинҳон аз Арғун, равонаи Бағдод шудам ва шайхи худ (Исфароинӣ – Ш.Х.)-ро дидор кардам. Моҳи рамазон буд, ки он ҷо расида будам, ба эътикоф ишорат фармуд, дар масҷиди Халифа ва талқини зикр доду дар хилват нишонд ин фақирро, баъд аз бисту шашуми рамазон. Чунонки шаби ид буд, берун овард аз хилват ва амр фармуд ба зиёрати Каъбаи муборака... Пас бирафтаму давлати он манофеи машҳуда дарёфтам... ва ба Бағдод бозгаштам. Чунонки намози аср, охири моҳи муҳаррами санаи тисъа ва самонина ва ситтамиа (689 ҳ.), дигарбора ба шарафи пойбӯсӣ мукаррам шудам... Ба дастури ӯ дар Шунизияи Бағдод ба хилват нишастам, ба тариқи Сарои Сақтӣ, ба нияти ду ҳафта [18, с.324]. Чун берун омадам, шайх амр кард ба муроҷиа ба Симнон ва машғул гаштан ба хидмати волида (модар – Ш.Х.) ва иҷозат фармуд ба иршоди соликони роҳи Ҳақ” [23: нуздаҳ; 21, с.362].

Аз ин иттилооти дасти аввал дониста мешавад, ки Симнонӣ бо Абдурраҳмони Исфароинӣ, то соли 699/1300, робитаи муридӣ дошт. Ин матлабро Забеҳуллоҳи Сафо бо истидлол аз гуфтори Шайх дар девонаш, чунин исбот мекунад: “Чунонки аз ин ёддошт (ишора ба матни арабии Шайх) бармеояд, ки вай то соли 699 ҳ. ҳанӯз дар хидмати Абдурраҳмони Исфароинӣ ба сар мебурд ва воридоти замир (файзу илҳоми қалбӣ)-ро монанди дигарон (муридони Исфароинӣ) бар муроди хеш арза медошт.” [17, с.804].

Аз фармудаи Сафо, чунин бардошт мешавад, ки Алоуддавла баъд аз соли 699/1300 изни иршод ёфтааст. Вале Ҷомӣ дар “Нафаҳот”, Наҷиб Моили Ҳиравӣ дар “Мусаннифоти форсии Алоуддавлаи Симнонӣ”, Ҳайдархони Муштоқъалӣ дар муқаддимаи “Манозир-ул-маҳозир” ва Абдуррафеи Ҳақиқат дар муқаддимаи “Чиҳил маҷлис” бар онанд, ки Алоуддавла аз шайх Абдурраҳмон ҳамоно соли 689/1300 изни иршод ёфт [24, с.442; 23: нуздаҳ; 12, с.50; 19, с. 52; 20, с.21]. Гарчи Симнонӣ худ, дар номае, ки дар ҷавоб ба Абдурраззоқ Кошонӣ навишта, ишораҳо дорад, ки муддати сиву ду сол суҳбати Нуруддини Исфароинӣ доштааст [23, с. 343].

Маҷмӯан, давраи сулуку суҳбати Симнонӣ дар маҳзари Исфароинӣ, агар сиву ду сол бошад, пас аз соли 686/1287 то вафоти Исфароинӣ (1317) аст. Он чӣ аз гуфтори Алоуддавла бармеояд, сиву ду сол на мудовим, балки бо фосилаи замонӣ дар ҳузури шайхи худ будааст. Чунки он ҳангом дар Сӯфиободи Симнон муршиду муаллим буд. Пас ҳар аз гоҳе, дар тӯли сиву ду сол, барои таҷдиди байату ибрози иродату ихлос ба зиёрати Исфароинӣ мерафтааст.

II.3. Аз муридӣ ба муродӣ. Алоуддавлаи Симнонӣ пас аз тайи сулуки маънавӣ дар Бағдод ва анҷоми ҳаҷ, соли 689/1290 дар симои муаллиму муршид ва халифаи Исфароинӣ, ба Симнон боз гашт. Гарчи Симнонӣ сисола буд, аммо таҷрибаи маънавӣ ва истеъдоди ботинӣ таълиму тарбияро барояш муяссар гардонид. Аз худаш мешунавем, ки гуфтааст: “Чун ба Симнон омадам ба иршод машғул шудам. Толибон аз ҳама тараф рӯй ба хонақоҳи ман оварданд ва ман ҳар якро мутобиқи истеъдоде, ки дошт, ба сайру сулук машғул гардонидам (23: нуздаҳ). ...Аҳли талабро ба муҷарради воқеоти хушу дидани аҳволи ғайб кор рост наёяд, то модоме ки ҳама ақволу афъол ва аҳволи солики восил, мутобиқу мутобеи ҳабибуллоҳ (Муҳаммад(с) – Ш.Х.) набошад” [12, с.50].

Симнонӣ дар зимни тарбияву таълим ба ободониву бунёди боғу масҷид ва хонақоҳҳо низ ҳиммат гуморидаву харҷи мол кардааст. Яке аз ин биноҳо Сӯфиободи худодод аст, ки худ дар он сулук меварзидаву соликонро иршод менамудааст. Дар Сӯфиобод ба ҷуз хонақоҳ, боғу мазореъ низ бунёд кардааст. Чунончи, худ фармуда: “Ман ба феъли “эҳё”, ки аз сифати “муҳйит”-и ман содир шуда, шӯристонеро дар биёбоне дур аз иморат, қобили иморат гардонидам ва ба феъли тасмия Сӯфиободаш ном ниҳодам... ва чӯби дарҳои онро аз кӯҳистон оварда ва ниҳолҳову бузур (гиёҳ – Ш.Х.)-и онро аз диёри Шому Моваруннаҳру Хуросон ва Ироқ он ҷо кашида” [23, с. 47].

Ҳосили дастранҷи Симнонӣ, бӯстони ишқободи ишқ, ки Сӯфиобод аст, бисёр писанди Алоуддавла гардида, ки дар васфу ситоиши он чанд шеър дорад:

Софӣ аст аз ширки ширкат Сӯфиобод, эй Имод,
Кардаам бар лутфи Эзад, дар бинояш эътимод [22, с.62].

Пас аз иморати Сӯфиобод ва иштиғол ба тарбияву иршоди соликони тариқату толибони маърифат, овозаи Алоуддавла дар билоди атроф, аз Хуросону Ҳинд то Моваруннаҳр мепечад. Чандон, ки бархе хонақоҳҳо таътил карда, шайхон бо ҷамъи

муридон ба Сӯфиобод кӯч мебанданд ва дар силки соликони Симнонӣ медароянд. Дар ин бобат рубоие дорад:

Ҳар ринд, ки дар мастаба маскан дорад,
Сӯзе зи мани сӯхтахирман дорад.
Ҳар ҷо, ки сияҳгилему ошуфтадилест,
Шогирди ман асту хирқа аз ман дорад [22, с.31].

II.4. Сафарҳои Симнонӣ. Алоуддавла аз мусофирати худ дар даврони кӯдакӣ ва мулозимат ёд намекунад, магар рафтанаш ба Қазвин, барои ҷанг дар рикоби Арғун. Вале аз мазмуни фармудаҳои ӯ метавон натиҷа гирифт, ки чун дар Симнон ба дунё омадаву парвариш ёфта, пас барои мулозимат ба дарбор, ба Ҳамадон ва Табрез сафар кардаст. Эҳтимолан, сабаби ёд накардан аз ин мусофиратҳо ба хотири муассир набудан дар илму маърифат ва шахсияташ буда бошад. Аз бистучаҳорсолагӣ (683/1284) сар карда ҳар сафареро бо ваҷҳу мақсади он дарҷ кардааст. Чунонки пас аз тарки Табрез (дарбори Арғун), сана ва мақсадро зикр мекунад, ё ҳангоме ки бори аввал озими Бағдод мегардад. Аммо маълум мешавад, ки Симнонӣ сафарҳои дигаре ҳам доштааст, зеро дар ин хусус дар ҷо-ҷойи таълифоту эҷодиёташ ёд кардааст. Дар матлаи ғазале сафари худро ба Шом ва Фаластин чунин зикр намуда:

Вақти он омад, ки дар бӯстони ҷонмастон шавем,
Тарки Қудсу Шом гирему сӯйи Симнон шавем [22, с. 30].

Аз фармудаҳои Шайх, дар расоилу ашъораш, чунин ҷамъбандӣ метавон кард, ки се бор Ҳаҷ карда ва беш аз се бор ба Бағдод рафтааст.

Симнонӣ, ба Машҳади Тӯс, барои зиёрати хоки Ҳазрати Ризо, ба Хуросон ҳам рафтааст. Дар аснои ин мусофират, ҳокими Хуросон Амир Наврӯз ба дидорбинии Алоуддавла омадаву ибрози иродату ихлос намудааст. Ҳарчанд санаи ин ҳодисаро Амир Иқбол дар “Чиҳил маҷлис” зикр накарда, вале вуқӯи ин мусофират бояд аз соли 689 то 696/1290 то 1297 бошад. Чунки ин сафар ба даъвати Амир Наврӯз, ки солҳои 683–696ҳ., ҳокими Хуросон буд, иттифоқ афтодааст [12, с. 56]. Алоуддавла, ки соли 689 ҳ. иҷозаи иршоду тарбият ёфту хирқаи халифагӣ пӯшид ва ҳаҷ гузорид, мақоми як шахсияти рӯҳониро гирифта буд. Мақому овозааш сабаби ҷазби дигарон шудааст. Амир Наврӯз ҳам ба ин ифтихор мекард, ки Симнонӣ боре ҳамсуҳбату меҳмонаш бошад.

Аз мусофиратҳои дигари Симнонӣ, сафар ба шаҳри Султония, ба даъвати Султон Аҳмади Улҷойту Худобанда будааст. Султон чун ин шаҳр обод сохта, барои ифтитоҳи он аз акобиру уламо ва фузалои кишвар даъват кардаву маросиме ба по сохта буд. Санаи ин ҳодиса баҳори соли 705 ё 706/1306 ё 1307 аст. Симнонӣ ба дархости Амир Чӯпон, барои ҳалли ихтилоф ва васотат соли 727/1327, бори дигар ба Султония рафтааст.

Охирин мусофират – сеюмин ҳаҷҷи Шайх Алоуддавла соли 732/1332 ба вуқӯъ омадааст [17, с.807]. Симнонӣ пас аз ин, сафари дигаре накардааст. Пири Биёбонакӣ то охири умр, шамъвор дар ҳалқаи шогирдон машғули тарбияву парвариша; як даст, бар сари иршоди соликон, дасти дигар бар қаламу коғаз, гоҳ рисолае менавишт, ки баъзе румузи ирфон боз намояд ва гоҳ аз оташи шавқи дӯст иншои шеър ва самоъ мекарда.

II.5. Вафоти Шайх. Шайх Рукнуддин Алоуддавлаи Симнонӣ, дар шаби ҷумъа, 22 раҷаби 736/14 марти 1336, дар Бурҷи аҳрори Сӯфиобод ба ҷавори Ҳақ пайваста, муридону мухлисонро аз ҳаззи ҳузуру файзи нафаси худ муҳрум гардонидааст [24, с.442], (23: бист), [17, с. 807].

Дар таъйини соли вафоти Пири Биёбонакӣ низ ихтилоф кардаанд, ки ё 736/1336 ё 746/1345 ва ё 763/1362 бошад, ҳатто дар “Ҳафт иқлим” 786/1384 сабт шудааст [13, с.1239]. Мусаннифони “Муъҷам-ул-муаллифин” ва “Сирри най” соли вафоти шайхро 735/1335 зикр кардаанд. Дар “Муъҷам-ул-муаллифин” низ дар поварақ 736/1336 мастур аст [6, с.291; 5, с.766]. Абдулҳусайни Зарринкӯб дар “Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон” валодатро ҳамон санаи мавриди қабули аксари сарчашмаҳо – зулҳиҷҷаи 659 ва вафотро 22 раҷаби 736 ҳ. медонад вале тӯли умри Алоуддавларо 87 сол нигошта, ки эҳтимолан, хатое дар навишт сурат гирифтааст [4, с.169, 173].

Лекин Абдурраҳмони Ҷомӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, муқаддамтар аз онҳо мусаннифони “ал-Вофӣ бил-вафиёт”, “Аъён-ул-аср” ва “ад-Дурар”, ки муосири Симнонӣ буданд, санаи вафоти Шайхро ҳамон моҳи раҷаби соли 736 ҳ. медонанд. Мударриси Табрезӣ санаи вафоти Симнониро моддаи таърихии “Ҷойи ӯ бод биҳишт” (736) ва тӯли умрашро “Обид” (77) дарҷ кардааст [10, с.158].

Давлатшоҳи Самарқандӣ тӯли умри Шайхро ҳафтоду ҳафт солу ду моҳу чаҳор рӯз навишта, ин қитъаро дар санаи вафоташ бе зикри нозими он овардаанд:

Таърихи вафоти шайхи аъзам,
Султони муҳаққиқони олам,
Қутбулҳаққу дин Алоуддавла,
Бар маснади худ нишаста хуррам.

Бисту дувуми маҳи раҷаб буд,
Андар шаби ҷумъаи мукаррам.
Аз ҳичрати Хотамуннабийин,
Ҳафсад бигузашту сиву шаш ҳам.
Бар бӯи висоли дӯст ҷон дод,
Сад ҷони ҷаҳон фидои он дам [22, с.35].

Нахуст Фасеҳи Хавофӣ қитъаи мазкурро оварда, вале дар матне, ки қабл аз қитъа санаи фавти Симнониро зикр намуда, 21 раҷаб дониста, ки рӯзи чаҳоршанбе мешавад, ҳарчанд ибораи “фи лайлату-л-ҷумуа” (дар шаби ҷумъа – Ш.Х.) дарҷ гаштааст [21, с.912].

Мусаннифони “Тазкират-уш-шуаро” ва “Тароиқ-ул-ҳақоиқ” мисраи панҷумро “Бисту савум маҳи раҷаб” нигоштаанд (14, с.252; 9, с.653). Сабаби сабти ин сана он аст, ки онҳо вафоти вайро рӯзи ҷумъа донистаанд. Инчунин, Нуруллоҳи Шуштарӣ дар “Маҷолис-ул-муъминин” реҳлати Симнониро дувуми раҷаб навиштааст [25, с.135]. Гумон меравад, ки ӯ ҳангоми навишт калимаи бистро фаромӯш кардааст.

Манобеи муътамад, аз қабили “Нафаҳот” “Аддурар”, “Алвофӣ” ва “Таърихи гузида” бар онанд, ки шаби ҷумъа, яъне қисмати охири рӯзи панҷшанбе 22 раҷаб реҳлати Симнонӣ рух додааст. Ҳамин тартиб санаи даргузашти Симнонӣ 22 раҷаби 736/14 марти 1336 аст. Пас Симнонӣ ба ҳисоби ҳичрӣ 77 сол ва бо ҳисоби мелодӣ 75 сол умр дидааст.

Маҳалли дафни Алоуддавларо ҳамаи сарчашмаҳо ва муҳаққиқони рӯзгору осораш Сӯфиобод – Бурҷи Аҳрор (мақбараи Имодуддин Абдулваҳҳоб) гуфтаанд [7, с.158; 24, с. 442; 3, с.107]. Алҳол мазори Алоуддавлаи Симнонӣ дар зодгоҳаш побарҷо ва зиёратгоҳи аҳли маънӣ аст.

III. Хулоса. Омӯзишу таҳқиқи рӯзгору фаолияти эҷодӣ ва тарбиявии фарҳехтагону орифони адиб ва корбасту бозгӯи нуктаҳои ноби афкорашон, барои ошноӣ бо гузаштаи пурифтихори адабиёту ирфони форсу тоҷик фазои мусоид фароҳам меоварад. Алоуддавлаи Симнонӣ, аз тарози он орифони муршиду адибони носеҳ аст, ки ҳам ба забони назм ва ҳам наср аз муриду мухотабони худ истидъои кори хайр, нияти наку, пойбандӣ ба дин ва сидқ дар корро дорад. Ҳарчанд, ки Симнонӣ ба таснифу эҷод майли вофир надоштааст. Бо ин вуҷуд, ҳаҷми таълифоташро беш аз сесад рисола ном мебаранд. Дар назар кароҳат аз таълиф, дар амал навиштани ин ҳама осор, зоҳиран як танокуз менамояд. Аммо, чун хуб дида шавад, дурангиву зиддияте дар кор нест. Он чи Алоуддавларо боз медошта, вуҷуди ағёри ҳангомаҷӯй буд. Симнонӣ дар баёни матлаб эҳтиёткор буд, ки накунад, ҳарф нопухта занад ё гуфтаҳояш дигаронро ба каҷфаҳмиву роҳи носавоб баранд. Ба ин хотир, ҳар ҳарфи худро агар таъвиле аз оят ё ҳадис ё истилоҳе аз тасаввуф буд, онро бештар тавзеҳ медод, ки мабод, як тан аз ҳарфу ҳадисаш бардошти нобаҷо кунад. Хусусан, ҷое, ки аз мақомоти ирфониву шатҳиёти сӯфиёна ва аволими вуҷудӣ қалам бар қоғаз ронда, ба таъкид ин ибора ва мазмуни онро такрор мекунад: “Ин бечора (Симнонӣ – Ш.Х.) мехост то ин асрор аз чашми ағёр мастур бошад” [22, с.301].

Аз таҳқиқи рӯзгори Алоуддавлаи Симнонӣ натиҷа ин аст, ки ин шахсияти бузурги ирфониву адабӣ зиндагонии пурмоҷарое доштааст. Ҳаёт ва фаъолияти Симнонӣ вобаста ба таҳаввулоти моддиву маънавиаш, фарогири ду давра мебошад: дар дарбор ва баъди тарки дарбор. Пурбортарин даврони ҳаёти ӯ пас аз тарки дарбор буд, ки ҳам таълиму тарбия ва мавъизаи мардум мекард ва ҳам таълифи китобу рисола ва иншои шеър.

А Д А Б И Ё Т

1. Асқалонӣ, Ибни Ҳаҷар. Ад-дурар-ул-комана. Дар чаҳор ҷилд. –Ҷ.1. – Ҳайдаробод: Доиратулмаорифи Усмония, 1972. – 548 с.
2. Банокатӣ, Фахруддин. Таърхи Банокатӣ; ба кушиши Ҷаъфари Шиъор. – Теҳрон: Анҷумани осори миллии Эрон, 1348 ҳ.ш. – 598 с.
3. Дорошукӯҳ, Муҳаммад. Сафинат-ул-авлиё. - Лакҳнав: Нувалкишвар, 1884. – 216 с.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи эрон. – Теҳрон: Амиркабир, 1393 ҳ.ш. -412 с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сирри най. Дар ду ҷилд.– Теҳрон: Илмӣ, 1386 ҳ.ш. Ҷ. 2. – 766 с.
6. Каҳҳола, Умар Ризо. Муъҷам-ул-муаллифин. Дар 15 ҷилд.– Бейрут, 1957. Ҷ. 8. – 291с.
7. Қазвинӣ, Фахруззамонӣ. Тазкираи майхона; ба эҳтимоми Гулчини Маонӣ. –Теҳрон: Ширкати насабии Ҳочӣ Муҳаммадҳусайни Иқбол ва шурако, 1340 ҳ.ш. – 1012 с.
8. Лоҳурӣ, Ғуломсарвар. **Х**азинат-ул-асфиё. Дар ду ҷилд, Ҷ. 2. – Лакҳнав: Нувалкишвар, 1884. – 452 с.
9. Маъсумалишоҳ, Муҳаммадмаъсум. Тароиқ-ул-ҳақоиқ. Тасҳеҳи Муҳаммадчаъфари Маҳҷуб. Дар се ҷилд. Ҷ. 2. – Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ, 1341 ҳ.ш. – 772 с.
10. Мударрис, Мирзо. **Р**айҳонат-ул-адаб. Дар ҳашт ҷилд. Ҷ. 4. – Теҳрон: Хайём, 1374 ҳ.ш. –501 с.
11. Муставфӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида. – Теҳрон: Амирикабир, 1364 ҳ.ш. – 816 с.
12. Насруллоҳӣ, Майсам. Баррасии оро ва андешаҳои Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ. – Қум: Адён, 1391 ҳ.ш. – 365 с.
13. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафтиқлим. Дар се ҷилд. Ҷ.2. –Теҳрон: Суруш, 1389 ҳ.ш. – 1829 с.
14. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро; ба ҳиммати Муҳаммади Рамазонӣ. – Теҳрон: Ховар, 1338 ҳ ш. – 431с.
15. Сафдӣ, Салоҳуддин. Ал-вофӣ би-л-вафиёт. Дар 29 ҷилд. Ҷ.1. – Бейрут: Дорулэҳё, 2000. –284 с.
16. Сафдӣ, Салоҳуддин. Аъён-ул-аср ва аъвон-ун-наср. Дар 6 ҷилд, Ҷ.1. – Димишқ: Дорулфикр, 1998. – 752 с.

17. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.2. – Теҳрон: Фирдавс, 1387 ҳ.ш. – 1398 с.
18. Симнонӣ, Алоуддавла. Ал-урва ли аҳл-ил-хилвати ва-л-ҷилва; ба тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳиравӣ, – Теҳрон: Мавло,1362 ҳ.ш. – 644 с.
19. Симнонӣ, Алоуддавла. Манозир-ул-маҳозир лил манозир-ил ҳозир; ба эҳтимони Ҳусайни Ҳайдархонӣ. – Теҳрон: Марвӣ, 1371ҳ.ш. – 216 с.
20. Симнонӣ, Алоуддавла. Чиҳил маҷлис; ба эҳтимоми Ҳақиқат. – Теҳрон: Асотир, 1379 ҳ.ш. – 248 с.
21. Хавофӣ, Фасеҳ. Муҷмали Фасеҳӣ. Дар се ҷилд. Ҷ. 2. – Теҳрон: Асотир, 1386 ҳ.ш. – 528 с.
22. Ҳақиқат, Абдуррафеъ. Хумхонаи ваҳдати Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ. – Теҳрон: Кӯмиш, 1385 ҳ.ш. –176 с.
23. Ҳиравӣ, Наҷиб Моил. Мусаннифоти форсии Алоуддавлаи Симнонӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ фарҳангӣ, 1390 ҳ.ш. – 470 с.
24. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс; ба муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Маҳмуд Обидӣ. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ.ш. – 1214 с.
25. Шуштарӣ, Қозӣ Нуруллоҳ. Маҷолис-ул-муъминин. Дар ду ҷилд. Ҷ. 2. –Теҳрон: Исломия, 1377 ҳ.ш. – 700 с.

ВУРУДИ АЛОУДДАВЛАИ СИМНОНӢ БА ТАСАВВУФ ВА ФАРҶОМИ ЗИНДАГИИ Ӯ

Мақолаи мазкур натиҷаи таҳқиқи зиндагонии Алоуддавлаи Симнонӣ пас аз тарки дарбору вуруд ба тасаввуфро фарогир аст. Дар мақола сабабҳои вуруди Симнонӣ ба тариқати тасаввуф, таъйини пираш, мусофиратҳояш, ошкор намудани санаи вафот ва тӯли умри ӯ баррасӣ шудааст. Таъйин карда мешавад, ки Симнонӣ муҳаррами соли 687/1288 барои дидорбинии Исфароинӣ қасди Бағдод намуда, ки Арғунхон дар Ҳамадон ӯро боз доштааст. Дар он ҷо бо буддоиён мунозира кард ва пас аз чанд рӯз ба Симнон боз гашт. Алоуддавла моҳи рамазони ҳамон сол аз роҳи дигар ба Бағдод рафт. Ӯ, пас аз таълими тасаввуфу нишастани чанд чила, роҳии Шому Қудс ва Маккаву Мадина шудааст. Пас аз чанд моҳ сайру саёҳат ва адои ҳаҷ моҳи муҳаррами соли 689/1290 ба Бағдод боз мегардад. Бо камтар аз як моҳ таваққуф дар Бағдод, Исфароинӣ ба Симнонӣ иҷозаи иршод дода, ӯро бар халифагии ҳуд дар Хуросон бармегузинад ва ба Симнон мефиристад. Симнонӣ аз сисолагӣ иҷозаи иршод ёфта ва то поёни умр дар Сӯфиобод ба тарбияи муридон пардохтааст. Алоуддавла байни солҳои 689–696/1290–1297 бо даъвати амир Наврӯз як бор ба Тӯс рафтааст. Ӯ бо даъвати султон Аҳмади Улҷойту баҳори соли 705 ё 706/1306 ё 1307 барои ифтитоҳи навшаҳри Султония, ба он ҷо сафар кард. Инчунин, Алоуддавла бо дархости амир Чӯпон, барои васотат ва ҳалли ихтилоф бо султон Аҳмад соли 727/1327, бори дигар ба Султония рафт. Охирин мусофирати Симнонӣ соли 732/1332 барои адои ҳаҷ аст. Алоуддавла боқии умрро шамъвор дар ҳалқаи шогирдон бо тарбияву парвариш сипарӣ намуд. Рукнуддини Симнонӣ, шаби ҷумъаи 22 раҷаби 736/14 марти 1336, дар Сӯфиободи Симнон вафот ёфтааст. Ин шахсияти ирфониву адабӣ пас аз тарки дарбор зиндагонии пурмоҷарое доштааст. Дар ин давра ҳам ба таълиму тарбия ва ҳам ба таълифи рисолаву иншои шеър машғул гардида, мероси адабии пурборе аз худ ба мерос гузоштааст.

Калидвожаҳо: Симнонӣ, ориф, шоир, тасаввуф, Исфароинӣ, ҷазб, мурид, иршод.

ВСТУПЛЕНИЕ АЛОУДДАВЛА СИМНАНИ В СУФИЗМ И КОНЕЦ ЕГО ЖИЗНИ

Данная статья является результатом исследования жизни и творчества Алоудавла Симнани, после оставления им двора и его вступления в суфизм. В статье рассматриваются причины вступления Симнани в суфизм, назначение его мастером, странствия, а также дата его смерти. Выясняется, что Симнани в 1288 году намеревается ехать в Багдад с целью встретиться с Исфароини, однако Аргунхан задерживает его в Хамадане. Здесь в Хамадане Симнани вступает в полемику с буддистами и спустя несколько дней возвращается в Симнан. Алоудавла в рамадане того же года, выбирая другой маршрут, отправляется в Багдад. В Багдаде он, постигая азы суфизма, проводит сорокодневное уединение для поста и молитв. Затем через Шом и Кудс направляется в Мекку и Медину. После несколько месяцев странствий и завершения паломничества в 1290 году опять возвращается в Багдад. Спустя меньше чем месяц, получив у своего мастера – Исфароини -разрешения на наставление своих учеников, назначается также его наместником в Хорасане и отправляется в Симнан. В 30-летнем возрасте, получив разрешение на наставление молодых суфиев, Симнани до конца своих дней занимается воспитанием своих учеников в Суфиабаде. Алоудавла примерно в 1290–1297 гг., по приглашению эмира Навруза, отправляется в Тус. Также, по приглашению султана Ахмед Улджойту, весною 1306–1307 гг. для открытия нового города Султония отправляется в этот город. Второй раз Алоуддавла по просьбе эмира Чупона для разрешения разногласий с султаном Ахмадом направляется в Султония. Последнее странствование Симнание происходит в 1332 году, когда он снова намеревается идти в хадж. По возвращению из паломничества, Симнани свои оставшиеся дни проводил в кругу своих учеников и в пятницу ночью 14 марта 1336 года покинул сей мир и был похоронен в Суфиобод Симнана. Эта выдающаяся личность, представитель литературы суфизма, после отречения от двора вел непростую жизнь. В этот период своей жизни он не только занимался воспитанием своих учеников, но и плодотворно работал над сочинением трактатов и стихотворений, оставив после себя богатое литературное наследие.

Ключевые слова: Симнани, ариф, поэт, суфизм, Исфароини, притягивание, ученик, наставление.

INTRODUCTION OF ALOUDDAVLA SIMNANI IN SUFISM AND END OF HIS LIFE

This article is the result of a study of the life and work of Aloudavl Simnani after he left the court and entered into Sufism. The article discusses the reasons for Simnani's entry into Sufism, the appointment of his master, his travels, and the date of his death. It turns out that Simnani in 1288 intends to go to Baghdad to meet with Isfaroini, but Argunkhan detains him in Hamadan. Here in Hamadan, Simnani enters into polemics with Buddhists and after a few days returns to Simnan. Aloudawla in Ramadan of the same year, choosing another route, goes to Baghdad. In Baghdad, he, learning the basics of Sufism, chooses a few forty-day retreat for fasting and prayer. Then he goes to Mecca and Medina through Shome and Quds. After several months of wandering and the completion of the pilgrimage in 1290, he again returns to Baghdad. After less than a month, having received the permission of his master Isfaroini to instruct his students, he was also appointed his deputy in Khorasan and sent to Simnan. At the age of 30, having received permission to instruct young Sufis, Simnani until the end of his days was engaged in educating his students in Sufiabad. Aloudawla approximately in 1290-1297 at the invitation of the emir of Navruz, goes to Tus. Also at the invitation of Sultan Ahmed Uljoytu in the spring of 1306 he goes to new city – Sultonia in order to open it. The second time Alouddavlah, at the request of Emir Chupon to resolve differences with Sultan Ahmad, he goes to Sultonia. Simnanius's last journey takes place in 1332 when he again intends to go on the haj.

Upon returning from the pilgrimage, Simnani spent his remaining days in a circle of his disciples and left the world on Friday, March 14, 1336, and was buried in Sufióbod village, near of Simnan city. This outstanding personality of literature and Sufism after the abdication of the court had a non-easy life. In this period of his life, he not only educated his students, but also fruitfully worked on writing treatises and poems, leaving behind a rich literary heritage.

Key words: Simnani, arif, poet, Sufism, Isfaroini, attraction, disciple, instruction.

Сведения об авторе: ***Халисов Шамсуло*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **halevard@mail.ru.** Тел.: **(+992) 888-86-55-89**

Information about the author: ***Shamsulo Khalisov*** – Tajik National University, postgraduate of the history of Tajik literature department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 888-86-55-89**

УДК: 891.55:398:82

ТАСНИФОТИ МАВЗӮИИ «ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ»-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар канори таҳлили мавзӯии амсол дар китоби «Латоиф-ул-амсол» нишон дода мешавад, ки Ватвот зимни гузиниши масалҳо ва тарҷумаву тавзеҳи онҳо амсоли дорои мавзӯъ ва мундариҷаи мухталифро мунтахаб намудааст.

Аз ин рӯ, дар ҷараёни баррасии мавзӯоти амсол равшан мегардад, ки дар онҳо мавзӯоти мухталифи ахлоқӣ, ҳикамӣ, адабӣ, мазҳабӣ ва амсоли ин баррасӣ ва шарҳу тавзеҳ шудаанд. Зимнан ба таври умумӣ метавон муҳимтарин мавзӯоти амсолро дар китоби «Латоиф-ул-амсол» аз рӯйи тартиби танзими масалҳо ба таври зайл шарҳу тавзеҳ намуд.

Шеър ва шеваҳои сухан гуфтан. Тавре худи Ватвот низ ишорат мекунад, аслан ду масали аввали китоб, ки мавзӯи асолати шеър ва ҷаззобияти гуфтор ё каломро фаро мегиранд, дар бархе аз кутуби амсоли қадим ба таври як масал тавзеҳ ёфтаанд ва аммо Ватвот онро дар китоби худ чун ду масал тарҷума ва шарҳ кардааст. Шояд шеваи кори Ватвот дуруст аст, чун масали аввал, ки «ба дурустӣ ки шеър ҳикмат аст» асолати шеърро муқаррар мекунад ва масали дувум бошад бештар ба балоғати сухан ва пайдо кардани ибороти худ дар гуфтор пайванд дорад ва, албатта, навъе робитае умум дар миёни ҳар ду масал вуҷуд дорад, ки ин ду масал дар асл як ҳадис ба шумор меравад. Бо ин ҳама дидгоҳи қудамо бар асоси ин масали аввал дар бораи шеър муқаррар мегардад, ки дар гузашта танҳо шеъри фарогири ҳикмат шеър дониста мешудааст. Агар аз ин нигоҳ таҳлили қиёсии масали аввал ва дувум ҷараён гирад, нуктаи дигаре равшан мешавад, ки аз назари дақиқ намудани асолати шеър миёни онҳо навъе ихтилоф ҷой дорад ва бар асоси ин метавон шеваи кори Ватвотро саҳеҳ шумурд. Маълум аст, ки аввал ба ҳикмат будани асли шеър таъкид мекунад, аммо масали дувум каломи ороста бо ибороти хубро навъе ҷодуӣ мешуморад, на шеър. Ҳамин гуна, бо такя бар суханони Паёмбари Акрам (с) дар масали аввал мавзӯи асли шеър баррасӣ мегардад:

إنَّ من الشّعْرِ لَحِكْماً - Ба дурустӣ ва ростӣ, ки шеър ҳикмат аст.

Ин аз лафзи Пайғамбар (с) аст ва Ибни Хатоӣ (р) дар шарҳи ин лафз чунин гӯяд: «ки дар шеър сухане бошад нофеъ ва панде бошад ноҷеъ, ки мардумро шунидани он аз маворидиҷаҳолат ва маросиди залолат манъ кунад ва боздорад. Ва Ибни Дурайд (р) чунин гӯяд, ки ҳар калимае, ки мардумро ба афъоли маҳмуд хонад ё аз афъоли мазмум дур гардонад, он калимаро ҳикмат ва ҳукм гӯянд.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе шеъре хуб ороста ба алтофи ҳикмат ва аснофи мавъизат ривоят кунад» [2, с.55/56]

Пас, мавзӯи муҳим дар ин масал он бошад, ки шеъри хуб бояд ороста ба ҳикмат ва мавъиза бошад. Бар пояи ин масал ҷойгоҳи нақду сухансанҷӣ дар амсоли қадимаи арабӣ низ равшан мегардад, ки шинохти асолати шеърро ҳамчун ҳикмат нишон медиҳад.

Дар масали чаҳорум бошад шеваи сухан гуфтан баррасӣ шудааст, ки он ҳам сухани пӯшида гуфтан аз дурӯғ гуфтан болотар дониста мешавад:

إنَّ فى المَعَارِيضِ لَمَنْدوحَةٌ عن الكذبِ “Ба дурустӣ дар суханони сарбаста фарохӣ ва бениёзӣ аст аз дурӯғ”[1, с.60/61].

Дар робита ба ин мавзӯъ метавон таъкид намуд, ки ҷойгоҳи уламо ва фазилату хислати аслии эшон низ дар амсоли китоби “Латоиф –ул- амсол” зикр шудааст, ки метавон онро низ дар шумори мавзӯъоти асар шомил намуд. Аз ҷумла, дар масали 106 омадааст:

زَلَّةُ العالِم زَلَّةُ الْعالَم- Лағзидан ва хато кардани олим лағзидани олам ва дунёст [2, с.136/137].

Ҳадафи аслии ин масал он бошад, ки олимон бояд дар гуфтани ҷавоби масъалаҳо ва зикри мавъизаҳо эҳтиёткор бошанд, чун ҷавоби нодуруст ва носаҳеҳи онон метавонад барои ҷомеа хатар эҷод кунад ва ҳатто дигаронро аз роҳ бубарад. Ин масалро Ватвот аз китоби Майдонӣ нақл карда ва шарҳаш ба сурати комил дар китоби "Латоиф –ул-амсол"рафтааст.

Накуҳиши уҷбу такаббур. Дар "Латоиф –ул- амсол" яке аз мавзӯоти асосии амсол накуҳиши такаббуру ғурур ва наҳват аст, ки дар масалҳои зиёде он шарҳу тафсир шудааст. Аз ҷумла, дар масали 6-ум:

آفَةُ الجمَالِ الْخُيَلاءُ - Офати некуи хиромишу уҷб аст.

Уҷбу ғурур офати накуӣ шуморида мешавад ва он ҷо барои ифодаи вожаи уҷбу ғурур ё бо ғурур роҳ рафтан калимаи арабии "хуялоъ" ба кор рафтааст ва Ватвот бар асоси овардани як ҳикоят аз Паёмбари Акрам (с) таъкид намудааст, ки ин хуялоъ ду навъ аст, ки яке Худои азза ва ҷалла дӯст дорад ва дигарро душман. Яъне: "Он гуна хуялоъ, ки Худои азза ва ҷалла онро дӯст дорад, он аст, ки пеши душманони дин бошад дар мавтини ҳарб ва мавоқифи таъну зарб". Пас барои субути ин назар аз Паёмбари Акрам (с) ҳикояте зикр шудааст: "Ва аммо он хуялоъ, ки Худои таъоло онро душман дорад, нозидан аст ба корҳои накӯҳидаю амалҳои нописандида ва хиромидан аст аз сари уҷбу ғурур ва кибру фуҷур". [1, с.63/65].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе ба ҷамолу камоли хеш бинозад ва аз хештанбинию хиромиш ба муроотту риояти ҷониби дӯстону ёрони худ напардозад.

Пас, равшан мегардад, ки ҳар кӣ ба ҷамолу камоли хеш бинозад ва хештанбиниву хиромиш намояд, амали вай ғайри қобили қабул буда ба таъкид дар масал боиси офати некуиҳояш гардад.

Дар масали 36–ум аз боби чаҳорум бошад зикр мешавад:

ثمرة العجب المقت - Меваи дарахти хештанбинӣ, душманрӯйӣ аст.

Ҳосили сухан он бошад, ки ҳар ки уҷбу такаббур варзад ва ба хештан бинозад, халқ бо вай душман гардад [2, с. 87]. Зимнан дар ин масал низ такаббуру ғурур ва хештанбинӣ мавриди интиқод қарор гирифтааст.

Накуӣ кардан ва дур будан аз шарру шур. Аз мавзӯоти дигари муҳим дар амсоли омада дар китоби "Латоиф –ул- амсол" талқини накуӣ, некӣ кардан ва зимнан дур будан аз шарру шурур маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, дар масали 13 аз боби дувум талқин мешавад:

بالبِرِّ يُسْتَعْبَدُ الْحُرّ - Ба некӯӣ кардан банда шавад мардуми озод. [1, с.72]

Зимнан дар ин масал талқини амали некӯӣ мешавад ва Ватвот дар мавриди ҷойгоҳи истифодаи масал таъкид дорад, ки "Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз касе некуи дида бошад ва рӯй ба мидҳату сано ва хидмату дуои ӯ оварда бувад" [1, с. 72/73]. Яъне ҳар, кӣ аз нафари дигар некие бинад, ба мадҳу санои нафари некукор бипардозад ва танҳо амали нек аст, ки инсони бандаро аз ғуломиву бандагӣ озод ва ороста гардонад.

Дурӣ аз амалҳои бад низ навъе некӣ кардан ба шумор ояд. Дар масали 26 аз боби савуми "Латоиф –ул- амсол" талқин мешавад, ки:

أُتْرُكِ الشَرَّ يترَكْكَ - Бигзор шарро, то шарр туро бигзорад.

Маънии ин масал он аст, ки шарр он кас расад, ки тааррузи шар кунанд ва перомуни он гардад ва аз мавоизи Луқмони Ҳаким мар писари хешро яке ин аст, ки гуфт: «Эй писар أترك الشر كما يتركك أى كيما يتركك- – шарро бигзор то шар туро бигзорад» [2, с.82].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро насиҳат кунӣ ва хоҳӣ, ки дар балое наюфтад.

Асли маънии масал талқини ин нукта аст, ки агар инсон аз ичрои амал даст бикашад, шарр ҳам ӯро бигузорад ва дар вуҷуди вай таъсире нагузорад. Барои ҳамин зимнан дар ин масал фурӯгузорӣ аз амалҳои шарр талқин мегардад.

Ин маънӣ дар масалҳои 77 ва 78 низ наздик ба ҳамин маънӣ ифода ёфтааст, ки яке ба сурати:

دع الشر يعبر - Бигзор шарро то бигзарад омадааст ва дигаре ба таври:

دع العورا تخطأك - Бигзор хислати зишт то аз ту даргузарад [1, с.116 /117].

Ҳар ду ин масал низ асосан инсонҳоро барои вогузор намудани аъмоли бад ва кӯшиши анҷоми амалҳои некро кардан даъват мекунанд.

Дар масали 74–ум низ дур кардани бадӣ ба ҳар роҳу воситае талқин мегардад, ки он ба сурати зайл ифода гардидааст:

"إِدْفَعْ عنْكَ الشَر بِعودٍ أوْ عمود - Дафъ кун бадӣ аз хештан ё ба чӯб ё ба амуд.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро соиле дароззабон пеш ояд ва он касро гӯйӣ, ки ба андак ё бисёр шарри забон ӯро дар хештан дафъ кун, яъне ӯро чизе бидеҳ [1, с.115].

Маънии дигари ин масал дар он низ таҷассум меёбад, ки агар туро ҳар ранҷу заҳмат ва бадие бирасад, ба ҳар роҳу васила бикӯш то онро аз худ дур бисозӣ ва дар амали рафъ ва маҳви бадӣ иқдом намоӣ, ки ин амал ҳам навъе худ некӣ кардан бошад.

Дар канори ин, некӣ маҳвкунанда ва поксозандаи бадӣ дониста мешавад, ки ин ҳикмати ҷовидона дар масали 28 ба сурати зайл таъкид ёфтааст:

أَتْبِعِ الحَسَنَةَ السيئة تمْحُها – **“**Сипас фирист некӣ бадиро , то онро маҳв кунад ва пок гардонад.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз ҷурме, ки карда бошад, баргардад ва тавба кунад ва баъд аз он дар некӯӣ кардан ояд ва рӯй ба салоҳ орад” [2, с.83].

Тавре таъкид мешавад, ин масал ифодагари он аст, ки ҳар ки аз бадӣ худ бипарҳезад ва даст ба некӯӣ кардан биоварад, ин амалҳои шоистаи вай тамоми бадиҳояшро маҳв созанд.

Дар масали 30 бошад некукорӣ ва хоксорӣ афсари мардумӣ дониста мешавад, ки ин ҷо баробари некукорӣ хислатҳои хоксориву фурӯтанӣ низ талқин мешаванд ва зимнан гуфтан мумкин аст, ки дар маънии амсоли китоби мавриди назари мо талқини фурӯтаниву хоксорӣ низ метавонад яке аз мавзӯоти муҳим дониста шавад:

تاجَ المُرُوَّةِ التَّوَاضُعُ - Афсари мардумӣ ва некӯкорӣ фурӯтанӣ аст.

Тафсири ин масал он аст, ки фурӯтанӣ ва тавозӯъ аз ҳама хисоли гузида ва ахлоқи писандида беҳ аст [2, с.84].

Дар масали 75-ум вобаста ба анҷоми амалҳои нек як ҳикмати муҳим талқин шудаст, ки он ҳам ба некӣ раҳнамоӣ намудани инсонҳо худ як навъе некӣ дониста мешавад:

الدالّ على الخير كفاعله - Раҳнамоӣ бар некӣ ҳамчун кунандаи он некӣ аст.

“Ин масал аз Пайғамбар (с) дар аснои ҳадисе ривоят мекунанд ва Муфаззал мегӯяд, ки аввал касе, ки ин масал гуфт марде будааст аз Банӣ Ярбуъ” [2, с.116].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе мар касеро бар некӣ ва хайре ҳидоят кунад. Зимнан бо овардани ин масал андешаи талқини инсонҳо ба самти анҷоми амалҳои нек пеш гузошта мешавад, ки худ як шеваи некӣ кардан бошад.

Бадӣ ҳарчанд андак бошад, аммо он бисёр дониста мешавад. Барои ҳамин дар масали 128 чунин омадааст:

الشر قليله كثير - Шарри андаки ӯ бисёр аст. Дар зимни шарҳи ин масал Ватвот як байти хешро низ зикр мекунад, ки маънии он низ кинаи андак метавонад ҷаҳонеро хароб созад, монанди он ки заҳри андак метавонад ба фаровонӣ зарареро бар вуҷуди инсонҳо бирасонад:

Як зарра кинаи ту ҷаҳоне кунад хароб,

Заҳр арчӣ андак аст, фаровон кунад зарар [1, с. 148].

Зимнан дар ниҳояти зикри ин масал Ватвот мавриди истифодаи онро таъкид намуда меафзояд, ки шарр агарчи андак ва хурд бошад ба андозаи дирамсанг, аммо ҳамоно он зиёд дониста мешавад. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе шарро ва агарчи андак бошад хурд ангорад ва ба хотир нагузаронад, ки як дирамсанг заҳр даҳ касро бикушад ва даҳ ман тарёқ як мурдаро зинда накунад.

Накӯҳиши бухлу ҳасад. Аз мавзӯи дигари муҳим дар амсоли ворид ба китоби “Латоиф –ул- амсол” накуҳиши бухлу ҳасад мебошад. Аз ҷумла дар масали 16 афроде, ки аз рӯи бухлу ҳасад ва заннати мол нигоҳ доранд ва онро на худ бихуранд ва на ба кас бибахшанд, мавриди накуҳиш қарор мегиранд:

بشِّرْ مَلَ البَخِيلِ بِحادِثٍ أوْ وارِثٍ - Мужда деҳ моли бахилро ба ҳодисае, ки онро бибарад ё ба ворисе, ки онро бихӯрад.

“Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз сари бухл ва заннати мол нигоҳ дорад ва нахӯрад ва ба кас набахшад”[1, с.75].

Гоҳо маворид дар амсол афроди мумсик ва бахил ба шахсиятҳои ҳамсони онҳо дар қаламрави таърих монанд ё аз он болотар дар ин амал дониста мешаванд ва чанд масал ба ин сурат дар “Латоиф –ул- амсол” зикр шудааст. Аз ҷумла, дар масали 19 омадааст:

أبخل من مادر - Зуфттар ва бахилтар аст аз Модир.

Пас аз овардани ин масал шахсияти Модир равшан карда мешавад, ки ба таъкиди Ватвот: “Марде будааст номи ӯ Мухориқ аз қабилаи Банӣ ҳилол ибни Омир ибни Саъсаъа ва дар бухл бад-он дараҷа будааст, ки вақте шутурони ӯ об дода буданд, пораи об, ки аз шурби шутурони ӯ ба сар омада буд, дар ин ҳавз боқӣ монд. Ӯ дар он боқӣ оби палиде рехт ва

« مدر به الحوض» яъне, ки мадара зад ва биёлуд ҷумлаи ҳавзро бад-он об бо палидӣ, то касе аз он об нахӯрад ва ӯро бад-он сабаб модир хонданд ва ин лақаб бар ӯ бимонд ва номи аслии ӯ маҳҷур гашт” [2, с.78].

Ин масал он ҷо истеъмол бояд кард, ки бахиле мумсикеро бихоҳанд накӯҳид ва ҷое улувви муболағат равад бар бухл ва заннати шахсе.

Бухлу ҳасад ва кина аз ҷумла хислатҳои бади инсонӣ ҳастанд, ки ҳамеша ба ҳам пайванд дошта, мавриди накуҳиш қарор доранд. Дар масали 38 ум меваи дарахти баддилӣ, ки манзур аз он ҳамоно бухлу ҳасад ва кинаварзӣ бошад, на суд ва на зиён дониста мешавад. Маҷмӯан, баддилӣ як амали нораво ва ношоиставу бад талқин мешавад:

ثَمرة الجبن لا ربح و لا خسر - Меваи дарахти баддилӣ на суд асту на зиён.

Яъне ҳар, кӣ бимдил бошад, на суд бад ӯ расад ва на зиён ва монанди ин масал он аст, ки омма гӯянд: « **«التاجر الجبانُ لا بُرجَحُ و لا يَخسَرَ» .**

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки бимдилеро бинакӯҳӣ ва баддилонро гӯйӣ, ки аз шумо коре наёяд ва шуморо дар ҳеч ҳисоб наёранд [2, с.88].

Сабру таҳаммул. Талқини сабур будан ва таҳаммал варзидан дар ҳамаи корҳо низ дар шумори мавзӯоти меҳварии амсол дар китоби “Латоиф –ул- амсол” қарор дорад. Маъруф аст, ки гузаштагон сабрро калиди ҳамаи кушоишҳо донистаанд. Дар масали 35 айни ҳамин матлаб ба сурати зайл талқин гардидааст:

ثمرة الصبر نجح الظفر - Меваи дарахти сабр ёфтани пирӯзӣ аст.

Яъне, ки ҳар ки сабр кунад ба матлубу мақсуд бирасад ва он чӣ маъшуқу маҳбуби ӯст, биёбад.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро ба сабр таҳриз кунӣ [1, с.87].

Ҷавонмардӣ ва футувват. Дар адабиёти гузаштаи мо симои Ҳотами Той ҳамчун шахсияти муҷассамгари оини ҷавонмардӣ ва сахову карам эътироф гардидааст. Аз ин рӯ, дар амсоли мавҷуд дар китоби “Латоиф –ул- амсол” гоҳо маврид ҷавонмардӣ ва футувват дар муқоиса ба шахсияти Ҳотами Той талқин мешавад. Аз ҷумла дар масали 49 омадааст:

أجود من حاتم - Ҷавонмардтар аст аз Ҳотам.

Барои субути назар нахуст роҷеъ ба Ҳотами Той иттилоъ дода мешавад, ки ба “Номи ӯ ҳотам ибни Абдуллоҳ ибни Саъд ибн ал- ҳашрач аст, ваҳҳобтар ва наҳҳобтари рӯзгори хеш буд ва номи ӯ дар саховат машҳур аст ва ҳоли ӯ дар шуҷоат мазкур ва шоиру фасеҳ будааст ва дар вақоеву ҳуруб музаффару мансур. ҳаргиз касеро, ки модари он касро ҷуз ӯ писар набуд, накушт ва бар ин аҳду савганд дошт” [2, с. 93]. Баъдан дар мавриди мавҷудияти ҳикоёту ривоят оид ба сахову ҷавонмардии Ҳотам ишорат мешавад, ки воқеан фаровон ҳастанд ва дар китоби “Латоиф –ул- амсол” ду ҳикоят аз онҳо нақл шуда, ки зикри яке барои шарҳи масал муфид аст ва аз ҳадиси карами ӯ яке он аст, ки ӯ дар моҳи ҳаром ба талаби ҳоҷате аз қабилаи хеш берун шуда буд, ба замини Анза бирасид. Асире ӯро овоз дод, ки : Ё Абосафона, маро фарёд рас, ки асириву банд ва шапуш маро хӯрд. ҳотам гуфт: бад кардӣ, эй асир, ки номи ман бурдӣ, чи ман дар билоди хеш нестам ва бо худ чизе надорам. Бо ин ҳама аз роҳи карам гузаштан аз ту написандам. Аз мардумони Анза ӯро бихарид ва озод кард ва ба ҷои ӯ дар банд ва ҳабс биншаст, то моли фидо аз Тай биёваранд ва бигзорданд. Пас аз ҳабс берун омад.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро ба ғояти ҷавонмардӣ ва мурувват сифат кунӣ” [2, с.94/95].

Дар мавриди дигар, дар масали дигаре ҳамин шева дар муносибат ба чунин шахсияти дигари таърихӣ, ки бо ҷавонмардиву сахо шуҳратёр буда, Каъб писари Мома баён мегардад. Дар масали 50 чунин омадааст:

أجود من كعب بن مامة - Ҷавонмардтар аз Каъб, ки писари Мома аст.

Бо ҳамон шеваи марсум ин ҷо низ сухан дар мавриди Каъб меравад ва пас аз он барои дақиқ намудани фазилати вай дар карам ва ҷавонмардӣ ҳикояти зерин нақл мегардад:

Ҳикоят: “Чунин гӯянд, ки Каъб ибни Мома бо корвоне берун шуда ба вақти гармо ва дар ин корвон марде буд аз Намир Ибни Қосит. Роҳ гум карданд ва он об дар миёни эшон танг шуд.Қадаҳеро меъёр сохтанд ва санге дар он қадаҳ афкандand ва ҳар шахсеро аз корвониён ҳар рӯзе аз он қадаҳ чандон об, ки сангро бипӯшидӣ, додан гирифтанд. Магар рӯзи аввал ин марди намрӣ қадаҳи оби хеш бихӯрд.Чун навбат ба Каъб ибни Мома расид чашм дар қадаҳи Каъб ибни Мома ниҳод. Ғуломро гуфт: « إسق أخاك النّمرىً », яъне ки об бад-он марди намрӣ деҳ. Ғулом об ба намрӣ дод. Рӯзи дигар ҳамчунин оби хеш бихӯрд ва чашм дар оби Каъб ниҳод. Каъб ибни Мома ғуломро гуфт: « إسق أخاك النّمرىً ». Ғулом об ба намрӣ дод. Чун вақти рафтани корвон омад Каъб ибни Момаро аз ташнагӣ чандон тоқат намонда буд, ки бар худ биҷунбидӣ. ҳар чанд ӯро гуфтанд, ки об наздик аст, қуввате дар хештан ор, ҷавоб натавон дод ва ҳамон ҷо бимурд”[2, с.96].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро ба ғояти ҷавонмардӣ сифат кунӣ.

Дар шумори мавзӯоти дар боло зикршуда дар таснифоти мавзӯии амсоли китоби мавриди назар матолибе дар заминаи накуҳиши ҳирсу оз, нигоҳ доштани забон, оини интихоби дӯст ва дӯстӣ низ ба чашм мерасанд, ки ҳамагӣ ба танаввуъи мавзӯии амсол таъкид меварзанд. Дар ҷумла, дар масали 58 амалҳои зишти ҳирсу оз чунин накуҳиш шуданд: **الحرص قاءد الحرمان -** ҳарис будан кашандаи маҳрумӣ аст.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе бар талаби чизе ҳирс намояд ва он чиз ӯро ба даст наёяд [2, с. 101].

Ба ибораи дигар, афроди ҳарис ва дар талаби моли дунё буда аз бисёр фазилатҳои инсонӣ ва ҳатто аз бештари неъматҳо маҳрум хоҳанд монд, ҳарчанд дар талаби молу маноли дунёанд.

Дар канори ин, дар масали 67 нигоҳ доштани забон дар шумори беҳтарин фазилат ва хислатҳо дониста мешавад:

"خير الخلال حفظ اللسان" - Беҳтарин хислатҳо нигоҳ доштани забон аст.

"Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро бар хомӯшӣ таҳриз кунӣ, то ба сабаби гуфтори беҳуда дар балое наяфтад" [1, с.111].

Ҳосили аслии сухан он бошад, ки дар мавориде, ки сухани беҳуда метавонад сабаби сар задани балоҳое гардад, беҳтар он аст, ки дар хомӯшӣ бикӯшӣ.

Шеваи интихоби дӯст ва тақвияти дӯстӣ низ дар амсоли китоб талқин шудаанд ва муҳимтарин омили таҳкимбахшид дӯстӣ ин зиёрати дӯстон ва бештар ба дидори онҳо шитофтан бошад, ки сарчашма дар ҳадиси Паёмбари Акрам (с) дорад. Дар масали 102 аз ҷумла омадааст:

زُرْ غِبًّا تَزْدَد حُبًّ - Зиёрат кун гоҳ-гоҳ то афзуда шавад дӯстӣ.

Ин лафз дар аҳодиси Пайғамбар (с) аст. Муфаззал гӯяд аввал касе, ки ин масал гуфтааст Муоз ибни Сирм ал-Хузоъӣ будааст ва дар ин қиссае дароз аст ва лоиқи ин мухтасар нест ва дар арабият иғбоб -гоҳ- гоҳ омадан бошад ва маънии лафз он аст, ки гоҳ-гоҳе зиёрат кунӣ, то зиёдат гардӣ ба дӯстӣ [2, с.134].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро дер -дер бирасӣ ва узри тақсир хоҳӣ ё он ҷо бояд гуфт, ки касеро аз зиёрат кардани бисёр ва заҳмат намудани бешумор манъ кунӣ.

Албатта, тавре дар мавриди истифодаи масал ҳам омада, аммо дар ин зиёрат набояд зиёдаравӣ шавад, чунки зиёд рафтан дар зиёрати дӯстӣ метавонад боиси заҳмат намудани дӯст ҳам гардад, ки ин метавонад сабаби харобии дӯстиҳо гардад. Барои хамин ҳадди эътидол дар зиёрати дӯст, ки боиси афзудани сидқу ихлос шавад, нуктаи муҳим дониста мешавад.

Дар маҷмӯъ, зимни баррасии таснифоти мавзӯии амсоли китоби «Латоиф-ул-амсол» равшан мегардад, ки дар доираи зикри ин масалҳо масъалаҳои фаровоне шарҳу тафсир шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо шеъру шоирӣ, шеваи баён, мавориди сухан гуфтан, фазилати хомӯшӣ ва мазаррати сухани беҳуда, накуҳиши уҷбу такаббур, ҳирсу бухл ва кина, шарҳу баёни фазоили сабру таҳаммул, оини интихоби дӯст ва дӯстӣ, некуӣ ва некукорӣ ва дури ҷустан аз амалҳои шарр ва амсоли он маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин, метавон таъкид дошт, ки ҳарчанд аз диди шумора китоби «Латоиф-ул-амсол» ҳамагӣ 281 масалро фаро гирифта, нисбат ба осоре ҳаммисли худ амсоле камтарро дар худ ҷой додааст, аммо аз нигоҳи танаввӯи мавзӯи масалҳои баргузидашуда қобили мулоҳиза мебошанд. Ин гуногунрангии мавзӯии амсоли баргузидашуда нуфуз ва арзиши китобро аз нигоҳи фарогирии масъалаҳои муҳимми адабиву ахлоқӣ ва ҳикамӣ боз бештар пешорӯи хонандаи он ҷилвагар месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ватвот, Рашидуддин "Латоиф-ул-амсол"; ба кӯшиши Ҳабиба Донишомӯз. Теҳрон, муассисаи интишороти "Мероси мактуб" 1391. -290 с.
2. Ватвот, Рашидуддин "Латоиф-ул-амсол"; таҳия ва тавзеҳи Анварова М, ва Оқилов О. Хуҷанд: Ношир, 2016. -264 с.
3. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / М.Баҳор, Ҷилди дуюм.–Теҳрон: Амири Кабир, 1373.–432 с
4. Деҳхудо, Алиакбар. Амсол ва ҳикам. - Теҳрон: Амири Кабир. -Ҷ.1. -1363 с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ . -Теҳрон: Сухан, 1384.-600 с.
6. Калонтаров Я.Ю. Мудрость трех народов / Я. Калонтаров.- Душанбе: Адиб,1989.- 432с.
7. Раковский М. Пословицы и поговорки и мудрые мысли / М. Раковский.-Душанбе: Ирфон,1968. - 167с.
8. Сарбулатов И. Арабские пословицы и поговорки, перевод с арабского / И.Сарбулатов.- Казань: - 132 с.
9. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. - Теҳрон: Фирдавсӣ, 1373 ҳ. -Ҷ.2,3,4,5.
10. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. –Душанбе: Дониш, 1976. – 375 с.
11. Фозилов М. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо / М.Фозилов. –Душанбе: Ирфон,1973. –160 с.
12. رودلف زلهام .الامثال العربية القديمة مع اعتناء خاص بكتاب الامثال لابي عبيد\ ترجمة رمضان عبد التواب, دار امانة: 543ص
13. الزمخشري ، المستقصى فى الامثال العرب /جار الله محمود بن عمر الزمخشري. دار الكتب العلمية. بيروت: 1408هـ-1987م.
14. سعيد احمد هاشمى، سحر الحلل فى الحكم و الامثال /تحقيق انتونيبوس بتروس، بيروت: مؤسسه معارف، طبع اوّل 1421\ 1993.
15. صائب تبريزى. ديوان \با اهتمام جهانكير منصور.1جلد. تهران: نكاه, 1374\656ص.
16. عنايت الله شهرانى /امثال و حكم فارسى، عنايت الله شهرانى. چاپ در مطبعهٔ دولتى كابل، ١٣٥٤ هـ.
17. كازورانى ابو القاسم. سلم السموات / ابوالقاسم بن ابى حامد كازرونى. مركز نشر ميراث مكتوب ,تهران: 1386-549 ص.
18. محمّد ابن ابو بكر عبدالقادر راضى، امثال و حكم/ تصحيح فيروز حريرچي دانشگاه تهران: 1375.
19. نزهتول متّقين/ شرح رياض الصالحين، لُبنان :مؤسسه رسالت و ناشران 1422\2001. ج. 1، 2/ 816ص.
20. وطواط رشيد الدين، لطائف الامثال و طرائف الاقوال/ به كوشش حبيبه دانش‌آموز.تهران:مؤسسه انتشارات ميراث مكتوب1391/ 290 ص.

ТАСНИФОТИ МАВЗӮИИ АМСОЛ ДАР "ЛАТОИФ АЛ-АМСОЛ"-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи таснифоти мавзӯии амсол дар фарҳанги "Латоиф ал-амсол"-и Рашидуддини Ватвот дар маърази таҳлил қарор дода шудааст, ки дар он Ватвот тариқи амсол ба баррасии

масоили муҳимми ахлоқӣ, динӣ, адабӣ ва дигар рӯ овардааст. Дар мақола доираи мавзӯоти масалҳои аз ҷониби Ватвот ҷамъоваришуда, шарҳи онҳо, таъйинот ва мавриди корбурди онҳо таҳлил гардидааст. Муаллифи мақола масъалаи тафсири масал дар давраи Ватвот ва шаклгирии минбаъдаи онҳоро таҳлил намудааст. Дар доираи мақола зикр шудааст, ки аксарияти масалҳои дар "Латоиф ал-амсол" овардашуда минбаъд дар доираи васеъ ва баъзан дар якчанд фарзияи он дар адабиёти форсу тоҷик паҳн гардиданд. Муаллифи мақолаи илмӣ як қатор масалҳои беназирро аз маҷмӯаи Ватвот овардааст, ки тариқи тафаҳҳуми фалсафӣ мундариҷаи онро дар доираи мавзӯоти адабӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ, эҳсонкорӣ, тазаллул, истинкори хислатҳои манфӣ ошкор кардааст. Мақола дар баробари шарҳи масал, инчунин бо зикри намунаҳои шеърӣ ҳамрадиф аст, ки далели истихдоми онҳо дар адабиёти классикӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур масалҳои беҳамтои маҷмӯи амсол мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ба доираи истифодаи адабиёти форс туфайли китоби Ватвот ворид шудаанд.

Калидвожаҳо: таснифоти мавзӯӣ, тафсир, шарҳ, мавриди истифода, адабиёти форс, фарҳанги амсолу ҳикам.

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ПОСЛОВИЦ В «ЛАТАИФ АЛ-АМСАЛ» РАШИДУДДИНА ВАТВАТА

В статье затронуты вопросы тематической классификации пословиц в паремиологическом словаре Рашидуддина Ватвата, в котором посредством пословиц затронуты разные нравственные, этические, религиозные, литературные и другие проблемы. Проанализирована тематика пословиц, собранных Ватватом, их толкование и предназначение, ситуативность применения пословиц. В статье рассматривается вопрос трактовки пословиц в период жизни Ватвата, их вариативность и взаимосвязь во времени. В статье указано, что большинство пословиц и изречений, приведённых в книге «Латаиф ал-амсал», в дальнейшем получили распространение, иногда и в нескольких вариантах в персидской литературе. Автор публикации приводит ряд оригинальных пословиц из сборника Ватвата, посредством философского осмысления раскрывает суть пословиц, посвященных теме поэзии, нравственности и морали, благотворительности, смирения, порицания отрицательных качеств. Статья, наряду с буквальным пояснением пословиц, также сопровождена примерами из поэзии, свидетельствующими о повсеместной применимости пословиц в классической литературе. В данной статье автором исследованы уникальные пословицы паремиологического сборника, вошедшие в научно-литературный обиход персидской литературы благодаря сочинениям Ватвата.

Ключевые слова: тематическая классификация, трактовка, толкование, ситуативность применения, персидская литература, паремиологический словарь.

THEMATIC CLASSIFICATION OF PROVERBS IN "LATAIF AL-AMSOL" BY RASHIDUDDIN VATVAT

The article dwells on the issue associated with thematic classification of proverbs in the paremiological dictionary belonging to Rashiduddin Vatvat in which by virtue of proverbs the author touched upon the following problems, such as: moral, ethnic, religious, literary ones. In her article the author analyzes themantics of proverbs those one collected by Vatvat and their interpretation and predestination, situativeness of proverbs application being taken into account as well. The article deals with the issue related to proverbs treatments referring to the period of Vatvat`s life, their certain variants and interconnection in time.The author of the article shows that the majority of proverbs and fables adduced in the book of "Lataif al-amsol" further on diffused in several variants in Persian literature rarely. She adduces the number of original proverbs out of Vatvat`s collection by means of philosophical comprehension discloses the essence of proverbs devoted to the following themes, such as: poetry, morality, charity, peace, reprehend of negative qualities, upon the whole. Unique proverbs of paremiological collection which due to Vatvat`s composition included into scientific-literary tradition of Persian literature are explored by the author of the article under consideration.

Key words: thematic classification, treatments, interpretation, situativeness of application, Persian literature, paremiological dictionary.

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**.

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, senior teacher at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891.550-1

АФКОРИ АХЛОҚИЮ ТАРБИЯВӢ ДАР ШЕЪРИ САБРИН

Саъдуллоева М.Ф.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Мардумони суханшинос аксар вақтҳо каломи худро бо дурдонаҳои суфтаю зебо, пур аз тарбияву ахлоқ ва инчунин лаҳни ширину шевои равон оғоз менамоянд.

Дар таърихи тамаддуни куҳанбунёди халқҳои тоҷику форс таълимоту осори адибони бузурги ин мардумонро ҳикмати ахлоқ ташкил медиҳад. Намояндагони афкори пешқадам Абӯнасри Форобӣ, Муҳаммад Ғазолӣ, Берунӣ, Сино ва дигарон пайваста дар пайи эҷоди ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошанд.

Ба ақидаи Берунӣ, инсон бояд танҳо ба корҳои некаш такя кунад, чунки ҳамин накуйии ӯ дар ин ҳаёти гузаро ёдгории асосӣ хоҳад буд. [4, с.100].

Ба ин маъно устод Абулқосими Лоҳутӣ гуфтааст:

Биё то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Аз ин бармеояд, ки устод Лоҳути низ дар эҷодиёти хеш некию накукориро яке аз хислатҳои хуб ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ шумурда, дар бисёр мисраъҳои шеърии худ доир ба ин масъала ибрози ақида намудааст.

Бонуи хушкалом, нависанда, шоир, рӯзноманигор ва ноширии шинохтаи тоҷик Латофат Кенҷаева, ки ӯро аҳли эҷод бо номи Сабрин, ки тааллуқ ба тахаллуси шоирии ӯст, мешиносанд, инчунин аз он шахсиятҳое мебошад, ки дар осмони паҳновари илму адаби форсу тоҷик, яке аз ситораҳои дурахшон буда, бо андешаҳои олӣ, неруи тавонои сухани воло, дар тарбияи насли наврас саҳми босазое дорад. Ӯ бо роҳи насиҳат, тарғибу суханҳои таскинбахши дилҳо ва мазаммат намудани хислатҳои бади инсонӣ, мехоҳад дар ривоҷи ахлоқи ҳамидаву инсондӯстӣ ва баркандани решаи ахлоқи разилаи одамӣ дар ҷомеаи имрӯза кӯмак расонида бошад.

Инсон бояд ки ҳамеша некбину накуандеш ва росткор бошад. Зеро ҳар неку баде, ки аз инсон ба вуҷуд меояд, бозгашти он худи ӯст. Чуноне ки устоди зиндаёд Мавлавии бузург дар порчае аз шеърҳояш мегӯяд:

Бад мекунию нек тамаъ медорӣ,
Ҳам бад бувад сазои бадкирдорӣ.

Бонуи накуандеши тоҷик Сабрин низ дар ин хусус мегӯяд:

_ Ҳар яки мо бояд дар худ сифатҳои неки инсониро дошта бошем, ба монанди хоксорӣ, саховатмандӣ, дӯстӣ, ҷавонмардӣ...

Одобу ахлоқ бошад аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва ҷовидонии зиндагӣ ба шумор рафта, имрӯз дар замони сохтмони пуравҷи ҷамъиятӣ ин мавзӯъ ба таври нав ба миён гузошта мешавад. Масъалаи инсон ва моҳияти инсонии ӯ, аз нав тарбият кардани инсони даврони имрӯза ва ғайра… [5, с.161].

Аз ин ҷост, ки эҷодиёти Сабрин саропо ахлоқ асту тарбия. Ба замми ин боз аз тахаллуси шоирии ӯ маълум мегардад, ки таҳаммул ва пурсабрӣ пешаи зиндагии ӯст. Баръало шоҳид ба ин гуфтаҳо метавонад мисраъҳои шеърии ӯ бошад:

Хонаи танги дил бубин,
Розгаҳи фароз шуд.
Сабр аз оҳ чора ҷуст,
Атри гули ниёз шуд [2, с.51].

Дар ҳақиқат, беҳуда нест, ки гузаштагонамон чунин гуфтаанд, « Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад». Сабру тоқат беҳтарин хислатҳои фазилаи инсонӣ буда ва касро метавонад ба қуллаҳои баланди зиндагӣ расонад.

Дар мисраъҳои дигари шеърии хеш, бонуи накуандеши тоҷик, барои тасаллӣ бахшидани дилҳои ғамолуд, ки дар баробари шодӣ ғам низ ба инсонҳо наздик шуда, онҳоро паруболшикаста месозад, аз ин рӯ дар чунин лаҳзаҳо эҳтиёҷ ба оне доранд, ки дили онҳоро таскин ва тасаллӣ бахшад, мегӯяд:

Бахти маро чу фол шуд,
Хотири ман малол шуд.

Ё худ мегӯяд:

Чу абри ғам фишондам оҳ аз боми фалак имшаб,
Ки борони тасаллӣ резад аз коми фалак имшаб [1, с.171].

Сухани ӯ такрори маҳи гузаштагон набуда, тарзи баён ва шевои ширини гуфтори худро дорад. Аз ин ҷост, ки дар шеъри Сабрин нишонае аз сабки сухани Аттор, Сайидо ва Мавлоно падидор мешавад. Чунончи, дар ҷойи дигар мегӯяд:

Аз нолаву ғусса ҳосиле нест,
Дарёи равон намекунад ист.
Дил оина аз сафо намекард,
Борони баҳори ман намезист [1, с.109].

Латофат Кенҷаева худ беҳтарин хислатҳои некуи инсонӣ - меҳнатдӯстӣ, дӯстии беғараз, фурӯтанӣ, самимияту садоқат, зебоии табиат ва зиндагиро мепарастад. Як чизро фаромӯш набояд кард, ки дар мавзӯи одобу ахлоқ бузургони гузаштаамон ба монанди Афлотун, Ардашер, Анушервон ва бисёре аз хирадмандони дигар, суханони барҷо ва хирадмандона гуфтаанд. Ин бузургон қайд кардаанд, ки интизом ва ахлоқи ҳар шахсият аз муҳити зиндагии ӯ вобастагии зиёд дорад. Суханронӣ ва гуфтор низ асоси ахлоқ аст [4, с.79].

Ибни Мискавайҳ менависад: «Сухане, ки инсон дар назди мардум мегӯяд, бояд неку бошад, то ки ба шунавандагон писанд ояд. Чунки бузургонро бо суханонашон

мешиносанд. Касоне, ки бо ростию росткорӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд ва онрор ҳадафи зиндагии хеш қарор медиҳанд, мақбули атрофиён ва тамоми ҷомеа мегарданд» [4, с. 50].

Латофат Кенҷаева шоир ва рӯзноманигори бузургест, ки тамоми эҷодиёташро ба васфи инсони комил ва ба манфияти мардум бахшида, барои насли наврас тарбияи волову маънавиро тарғиб намудааст. Ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти ин шахсияти бузург дар масъалаҳои эстетикию ахлоқӣ нигаронида шудааст. Назми Латофат Кенҷаева шеъри парварда мавзун ва хаёлангез аст. Дар зинату зикр ва андешаҳои бикр, рӯҳи кас бинвозад ва дардаш бисозад. Мисраъҳои шеърии ин шоираи хушкалом дар баробари ҷанбаи ахлоқӣ доштанаш, саропо меҳр асту муҳаббат, ишқ асту меҳрубонӣ. Шоира дар ҷодаи шеъргӯйи сухани волову беҳамто дорад.

Инчунин, шеърҳои тарбиявию ғояҳои инсонидошта дар эҷодиёти Сабрин хеле ва хеле зиёданд. Ҳикматгӯй пешаи шоирони мутафаккир аст ва наметавонад ҳар кас ин шарафи бузургро дошта бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Кенҷаева Л. Шамими меҳр / Л.Кенҷаева. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 195 с.
2. 2.Сабрин. Хилвати гесу. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2009. – 79 с.
3. Ҷустуҷӯйи эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980. – 167 с.
4. Содиқов А.У. Ҷаҳонбини ва ахлоқ аз назари мутафаккирони тоҷик / А.У. Содиқов.– Душнбе, 2004. – 203 с.

АФКОРИ АХЛОҚИЮ ТАРБИЯВӢ ДАР ШЕЪРИ САБРИН

Бонуи хушкалом, нависанда, шоир, рӯзноманигор ва ношири шинохтаи тоҷик Латофат Кенҷаева, ки ӯро аҳли эҷод бо номи Сабрин, ки тааллуқ ба тахаллуси шоирии ӯст, мешиносанд, инчунин аз он шахсиятҳое мебошад, ки дар осмони паҳновари илму адаби форсу тоҷик, яке аз ситораҳои дурахшон буда, бо андешаҳои олӣ, неруи тавонои сухани воло, дар тарбияи насли наврас саҳми босазое дорад. Ӯ бо роҳи насиҳат, тарғибу суханҳои таскинбахши дилҳо ва мазаммат намудани хислатҳои бади инсонӣ, мехоҳад дар ривоҷи ахлоқи ҳамидаву инсондӯстӣ ва баркандани решаи ахлоқи разилаи одамӣ дар ҷомеаи имрӯза кӯмак расонида бошад. Эҷодиёти Сабрин саропо ахлоқ асту тарбия. Ба замми ин боз аз тахаллуси шоирии ӯ маълум мегардад, ки таҳаммул ва пурсабрӣ пешаи зиндагии ӯст. Латофат Кенҷаева шоир ва рӯзноманигори бузургест, ки тамоми эҷодиёташро ба васфи инсони комил ва ба манфияти мардум бахшида, барои насли наврас тарбияи волову маънавиро тарғиб намудааст. Ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти ин шахсияти бузург дар масъалаҳои эстетикию ахлоқӣ нигаронида шудааст. Назми Латофат Кенҷаева шеъри парварда мавзун ва хаёлангез аст. Дар зинату зикр ва андешаҳои бикр, рӯҳи кас бинвозад ва дардаш бисозад. Мисраъҳои шеърии ин шоираи хушкалом дар баробари ҷанбаи ахлоқӣ доштанаш, саропо меҳр асту муҳаббат, ишқ асту меҳрубонӣ. Шоира дар ҷодаи шеъргӯйи сухани волову беҳамто дорад.

Калидвожаҳо: Латофат Кенҷаева, шоир ва рӯзноманигори бузург, эҷодиёти Сабрин,шеърҳои тарбиявию ғояҳои инсонидошта.

НРАВСТВЕННО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ ИДЕИ В ПОЭЗИИ САБРИН

Красноречивая писательница, поэтесса и известный таджикский издатель Латофат Кенджаева, которую литературный круг знает по поэтическому псевдониму Сабрин, является одной из тех личностей, которая имеет очень известную славу на бесконечных просторах персидско-таджикской науки и литературы является путеводной звездой и своими высшими изречениями и мыслями, своим превосходным искусством красноречия нашла путь в сердце подрастающего поколения. Она своими нравоучительными и воспитательными сочинениями хочет приносит в мир только красоту, радость, одухотворение и воспитывать в людях прекраснейшие человеческие качества Ее поэзия полна нравственности и воспитательных изречений, терпение и толерантность являются целью ее жизни. . Латофат Кенджаева великая поэтесса и журналист, которая посвятила всю свою жизнь воспеванию совершенного человека и пропаганде воспитания подрастающего поколения в духе гуманизма и трудолюбия. Все стороны творчества этого прекрасного человека и поэта направлены на решение эстетических и нравственных проблем общества. Поэзия Латофат Кенджаевой очень изящна и ритмична. В его стихотворных строках наравне с воспитательным аспектом также присутствует любовь, вера и очень много ярких и бесценных высказываний о жизни и любви.

Ключевые слова: Латофат Кенджаева, поэтесса и журналист, творчество Сабрин, воспитательные стихи имеющие гуманистические идеи.

MORAL EDUCATIONAL IDEAS IN SABRIN'S POETRY

The eloquent writer, poetess and well-known Tajik publisher Latofat Kendzhaeva, whom the literary circle knows from the poetic pseudonym Sabrin, is one of those personalities that has a very famous reputation in the endless expanses of Persian-Tajik science and literature is a guiding star and its highest sayings and thoughts, With its excellent art of eloquence, it has found its way into the heart of the younger generation. With her moral and educational writings, she wants to bring only beauty, joy, inspiration into the world, and cultivate the finest human qualities in people. Her poetry is full of morality and educational sayings, patience and tolerance are the goals of her life. . Latofat Kendzhaeva is a great poet and journalist who devoted her entire life to chanting a perfect person and promoting propaganda of the younger generation in the spirit of humanism and hard work. All aspects of the creativity of this wonderful man and poet are aimed at solving aesthetic and moral problems of society. Poetry Latofat Kendzhaeva very elegant and rhythmic. In his verse lines, along with the educational aspect, there is also love, faith and a lot of bright and priceless statements about life and love.

Key words: Latofat Kendzhaeva, poetess and journalist, creativity Sabrin, educational poems with humanistic ideas.

Сведения об авторе: ***Саъдуллоева Муродгул Файзибековна*** **–** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры таджиксого языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 985-59-41-79**

Information about the author: ***Sadulloeva Murodgul Fayzibekovna*** - Dangara State University, the applicant of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 985-59-41-79**

УДК: 891.550:016:929

АФКОРИ РИНДИИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ ДАР “РИСОЛАИ ДИЛКУШО” – БОЗГӮКУНАНДАИ АВЗОИ ИҶТИМОИИ ДАВРОНИ ВАЙ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асри XIV даврони инҳитоти истибдод ва ситами бесобиқаи саҳронавардони чингизӣ ва аъқоби онон, раҳоӣ ёфтан аз “тавқи муғулӣ” ва рӯйи саҳнаи сиёсат омадани ҳукуматҳо ва мулукуттавоифи маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин ки дар ин даврон аҳволи иҷтимоии мардуми гирифтор дар гирдаи инҳисори аҷнабиён беҳ нагардид ва, ҳатто, дар баъзе минтақаҳои ҳудуди мазкур ба ҳамон минвол боқӣ монд, то дараҷае мунҷар бар эҳёи фарҳангу адабиёти моқабли ҳуҷуми муғул ва рӯйи саҳнаи адаб омадани чеҳраҳои мондагори форсу тоҷик гардид, ки Хоҷуи Кирмонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совачӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Имоди Кирмонӣ аз гурӯҳи дурахшонтарини ин чеҳраҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар даврони мазкур, бо ин ки Эрону Мовароуннаҳр аз сиёсати ҳокимони аҷнабӣ ба сиёсати хонадонҳои маҳаллӣ интиқол ёфт, авзои умумӣ дар минтақаҳои фавқуззикр ҳамчунон ноором буд, чун миёни тамоми хонадонҳои маҳаллӣ баҳри соҳиб шудани сарзаминҳои мухталифи дуру наздик доимо ҷангу ҷидолҳои сиёсиву ҳарбӣ мудовимат мекард. Зуҳури Темури Ланг дар ҳавзаи сиёсии Осиёи Миёна ва кӯшишҳои ҷаҳонталабонаи вай авзои сиёсиву иҷтимоиро дар паҳнои интишори адабу фарҳанги форсизабон боз ҳам мушкилтар гардонида буд. Ин буд, ки дар қисмати Ироқи Форс, ки дар ҳитаи ҳукми хонадонҳои муғулӣ қарор дошт, пас аз инҳитоти султаи муғулон нооромӣ беш аз пеш авҷ гирифт. Зулму истибдоди аз андоза беруни феодалон, ки аксари онро ҳоло ҳам аъқоби муғул ташкил медоданд, ҳамчунин, ба роҳзаниву ғорати корвонҳои тиҷоратӣ ва ахзи мулки мардум машғул гардидани қудратталабон ва ҳокимону давлатмардони маҳаллӣ, – ин ҳама боиси инҳитоти ахлоқии ҷомеаи Форси Эрон дар даврони гузариш аз занҷири ситами муғулон ба салосили ҳукуматҳои мулукуттавоифи маҳаллӣ гардида буд [5, 6; 8, 404].

Бо ин ки дар давраи ҳукумати Оли Музаффар дар қисмати Эрони Ҷанубӣ як навъ тамаркузи сиёсӣ барқарор гардид, аммо бо сабаби он ки намояндагони асосгузори ҳукумати маҳаллии ин қисмат – Оли Музаффар худ аслан “аъқоби эронишудаи фотеҳони араб” буданд ва, аз сӯйи дигар, робитаи хешутаборӣ бо фотеҳони муғулро меҷустанд ва, ҳатто, намояндаи барҷастаи он Амир Муборизиддин Муҳаммад бо шоҳзодаҳонуми муғул издивоҷ карда буд [8, с. 404], нисбат ба мардуми маҳаллии эронӣ ҳисси муҳаббат ва ҳусни таваҷҷуҳ надоштанд.

Даврони ҳукумати Ҷамолуддин Абӯисҳоқи Инҷӯ, ки намояндаи охирини Элхонони Форс буд ва мазкур ба муддати 16 сол – аз соли 1341 то 1357 зимоми салтанати қисмати ҷануби Эронро дар даст дошт, замони нисбатан ором ба ҳисоб мерафт, ки шароити мусоидеро баҳри рушду инкишофи адабу фарҳанг ба вуҷуд оварда буд. Аммо, чунонки Хоҷа Ҳофиз зикр карда, ин давра ба зудӣ аз сафҳаи таърихи Эрон зудуда шуд:

Ростӣ, хотами фирӯзаи Бӯисҳоқӣ
Хуш дурахшид, вале давлат мустаъҷил буд [11, с.171].

Солҳои ҳукумати Абӯисҳоқ даврони нисбатан фараҳманди ҷомеаи Форси Эрон ва, хусусан, аҳли ҳунару фазл маҳсуб мешуд. Дар ҳамин даврон буд, ки фазои мусоиди эҷод барои адибоне ҳамчун Убайди Зоконӣ ва Ҳофизи Шерозӣ фароҳам омад. Убайд то соли 1352 ба муддати 12 сол дар силки мадҳияпардозони Абӯисҳоқ қарор дошт ва ин давра марҳалаи нисбатан фараҳманди ҳаёти вай ба шумор мерафт [7, с.199]. Шоирпарвариву адабдӯстии Абӯисҳоқ буд, ки шоирони замон ба вай қасоиди зиёди мадҳиявӣ бахшида буданд, ки қасидаҳои Убайд намунаҳои равшане аз онҳо ба ҳисоб хоҳанд рафт. Аммо, баъдтар ҳокимияти Абӯисҳоқ аз ҷониби Амир Муборизиддин барандохта шуд ва замона, чунонки Хоҷа Ҳофиз гуфта, “чу чашми суроҳӣ хунрез” гашт.

Чунин вазъи ноҳинҷор ва сахт нигароникунандаи сиёсӣ, албатта, бар пастравии сатҳи ахлоқи ҷомеа ва бадахлоқии қишрҳои гуногуни он бетаъсир намемонад. Дар асрҳои XIII-XIV пайдоиши риндӣ ё риндигарӣ, ки мутақаддимин аз намояндагони он ба аҳли рунуд низ ном мебаранд ва, дар пайи он, зуҳури ақидаҳои риндӣ, айёшӣ ва қаландарӣ, бешубҳа, натиҷаи инҳитоти сахти ахлоқи ҷомеа ба ҳисоб хоҳад рафт, ки зойидаи вазъи

ноорому печдарпечи сиёсӣ ва, хусусан, таассуботи сахти диниву мазҳабӣ ва раво дидани зулму истибдоди сахт нисбат ба мардуми заҳматкаш мебошад [6, с. 176].

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик, бештар аз ҳама даврон, дар асри XIV, ки даврони зиндагонии Убайди Зоконӣ ва муосирони вай Хоҷуи Кирмонӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мебошад, ақидаи риндӣ рушду инкишоф ёфтааст. Дар ин даврон дар назм Хоҷа Ҳофиз ва дар наср Убайди Зоконӣ парчами ақоиди риндиро барафрошта, тавассути андешаҳои истиқлолҷӯёнаву бепарвоёна кӯшишҳои зиёд бар бепарда кардани авзои иҷтимоии хеш намудаанд. Холиқ Мирзозода дар мавриди мароҳили рушду инкишофи риндӣ, ки аз он ба унвони ҷараёни риндӣ ном гирифтааст, дуруст қайд мекунад, ки он маншаи худро аз ашъори устод Рӯдакӣ гирифта, дар рубоиёти Умари Хайём инкишоф ёфта ва дар эҷодиёти Хоҷа Ҳофизу Убайди Зоконӣ ба ҳадди баланди худ расидааст [6, с.183].

Бояд қайд кард, ки дар эҷодиёти Хоҷа Ҳофиз ва Убайди Зоконӣ андешаҳои риндӣ аз ҳам бо хусусиёте фарқ мекунанд. Дар шеъри Ҳофиз ба ҷиҳати мавқеи ниҳоят баланд доштани рамзу маҷоз андешаҳои риндӣ имтизоҷи сахт бо рамзу киноя ва тарзи ниҳоят малеҳу латифи сухан дорад. Аммо дар эҷодиёти ҳам назмӣ ва ҳам насрии Убайд вуҷуди рамзу киноя, агарчи назаррас аст, бепардатар аз он аст, ки онро сухани мармузу мавҳум тавон ном гузошт, чун он ба ҳақиқату воқеият пайванди бештар дорад, то бар хаёлот. Мавзӯоти матраҳнамудаи Убайд, ки дар осори насрияш ноираи онҳо бештар ҷилвагарӣ мекунад, омезиши сахт бо гуфтори саъби нақдии омехта бо тамасхури тамоман бепарвоёна ва лаҳни сахту дурушти хориҷ аз анъаноти марсуму муътадил доранд ва дар мавориди зиёде убури муаллифи онҳо аз сарҳадоти ахлоқу эътидолоти роиҷи ҳам шоирӣ ва ҳам носирӣ бас маҳсус аст.

Андешаҳои риндии Убайд дар ҳадди ниҳоят бепарда, қаллошона ва сахт эътидолситезона аст, ки дар таърихи адаби порсӣ ҳеч адибе чун вай чунин суханонеро эҷод накардааст. “Ушшоқнома”- и Убайд намунаи беназири ашъори бадахлоқона дар адабиёти форсу тоҷик аст, ки шиносоӣ бо он, ба андешаи мо, бояд танҳо барои муҳаққиқон иҷоза бошаду бас. Зеро дар он вожаҳои ниҳоят зиёди қабеҳу ғайриахлоқӣ истифода шудаанд, ки дар тарбияи маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа нақши бас манфиро барҷой мегузоранд ва дар кунҳи худ, дар ҳақиқат, риндиёнаи бепарда, хароботиву айёшона ва фаҳшанд. Суханони фаҳшу хароботӣ то ҳадде бар андешаи муаллифи “Ушшоқнома” нуфуз пайдо кардаанд, ки абёти зер, ки ҳам риндиву хароботиянд, дар қиболи онҳо нарму муътадил ба назар мерасанд:

Вақти он шуд, ки азми кор кунем,	Соате бе майю муғона мабош.
Расми илҳод ошкор кунем.	Некбахт он кас аст, к-аз мастӣ
Хона дар кӯчаи муғон гирам,	Набвад як замон ба худ парво-ш...
Рӯй дар қиблаи татор кунем...	Мо ҳама ҷимриёни қалмоқем,
Рӯзу шаб гирди шаҳр мепӯем,	Ринду никоту дузду сақроқем.
Хонаи майфурӯш мечӯем...	Рӯзу шаб ҳамвисоқи маъшуқем,
То тавон, бо қаландару қаллош	Солу маҳ ҳамнишини ушшоқем...
Айш мерону бода мехӯр фош.	Мункири воизони дамсардем,
Соғаре бе дафу чағона манӯш,	Душмани шаҳнагони зарроқем [4, с.123-125].

Чунонки аз ашъори боло бармеояд, дар суханони Убайд нишоне аз рамзҳои ҳофизона, ки дар ҳар яке аз вожаҳои хароботӣ истилоҳе аз маорифи урафо ва андешаҳои ирфонӣ нуҳуфта бошад, нест. Дар суханони Убайд, ҳам дар назм ва ҳам дар насраш, як чиз мақоми баланд доранд: афкори риндии бепарда. Аммо бибояд донист, ки ин афкор низ, агарчи бар шахси Убайд ва ахлоқи вай низ талаққӣ мешаванд, танзӣ ва киноӣ низ ҳастанд, чун бозгӯкунандаи ахлоқи иҷтимои даврони вай ва, хусусан, ошкоркунандаи ахлоқи аҳли дарбор: ҳокимон, вазирону кабирон, шоирону олимони дарборӣ ва, махсусан, зимомдорони дину шариат мебошанд. Ҳамин баёни танзомези Убайд ба авзои нофизи замонаи вай нигаронида шудаанд. Дар ҳамин нуқта аст, ки суханони Убайд қадру қимат ва мақоме пайдо мекунанд, вагарна афкори риндиёнаи вайро чуз фаҳшиёт ва гуфтори аҳли хароботи воқеӣ бар чизи дигаре наметавон талаққӣ кард.

Дар насри Убайд афкори риндӣ ва хароботӣ ва бепарвоёнааш ҷилваи назаррастар доранд. Убайд тавассути ҳамчунин афкор дар шахси зимомдорони шариат, ҳокимону акобир ва шоирону уламои дин ашхоси замони худро масхара мекунад. Суханони вай дар тамомии ҳикоёташ танзомез аст ва ба ашхоси давраи зиндагонии худаш нигаронида шудааст. Убайд малакаи махсуси тасвири воқеиятро дорад, ки он ба василаи танзу масхараи ашхоси моқаблаш матраҳ мегардад, зеро ҳадаф ва нуқтаи нишонгирии вай аз тасвироти бо танз имтизоҷёфта, аслан, шахсони даврони худи ваянд, на пешиниён. Вагарна ҳамчунин суханон таъсири ҳадафрас ва муассире надоранд ва гуфтаҳои хушку холие беш нестанд. Ин ки Убайд халифаҳоро тасвир мекунад, манзури вай зимомдорони

дину мазҳаби даврони ӯянд, ин ки султонҳову ҳокимонро мисол меорад, мақсуд аз он ҳукуматдорони замони ваянд ва ин ки дар хусуси шоирону уламои пешин сухан мегӯяд, аҳли илму адаби муосири хешро дар назар дорад. Ин яке аз хусусиёти ҳикоёти Убайди Зоконӣ ба шумор меравад, ки меҳвари онро интиқоди шадиди авзои иҷтимоии замони муаллиф ташкил медиҳад.

Хусусияти дигари назаррастари ҳикоёти Убайд дар он мунъакис мегардад, ки дар онҳо ашхоси зиёди муосири вай нақшбозӣ мекунанд, ки иборатанд аз аҳли дин ва намояндагони илму адаб, ки дар даврони ӯ ва ё наздик ба даврони вай зиндагонӣ кардаанд. Яъне, онон ашхоси воқеӣ ва ё, ба истилоҳ, конкретианд, ки тавассути осори гуногуни динӣ ва адабияшон дар назди мардум маъруфият пайдо кардаанд ва ё ба василаи рафтору орои муаддабонаи хеш дар назди ҷомеаи даврони худ шуҳрат ёфтаанд. Аммо, Убайд сохтакориву зоҳирпардозӣ ва ё тазоҳури ононро кашф карда, ҳадафи суханони сахти интиқодӣ ва тамасхури бегузашти худ қарор додааст ва дар шахси онҳо содагӣ, ҷаҳолат, бадахлоқии сахт ва монанди инҳоро дарёфтааст. Ин вижагии ҳикоятпардозии Убайд ҷолибтару муассиртар аст, чун ҳадафи танзу интиқоди вай шахси воқеиву зинда қарор мегирад, на шабаҳ ва ашхоси мавҳуму хаёлӣ.

Аммо, дар ҳар сурат, чи истифодаи инсонҳои ғайривоқеии пешин, ки ҷиҳати тасвири муканнои авзои замони муаллиф корбурд шудаанд, чи бакоргирии инсонҳои воқеӣ, ки ҷиҳати тасвири бепардаи ҳолоти иҷтимои даврони вай мавриди истифода қарор гирифтаанд, суханони Убайд ҳадафмандона мебошанд. Ҳадафи Убайд ҷуз аз баррасии ахлоқ ва русуми зиндагонии ҷомеаи даврони худ чизе дигар нест. Дар ҳикоёти Убайд Маҳдӣ-халифа шароб менӯшад ва аъробӣ ӯро масхара мекунад [4, с.184], Султон Маҳмуди Ғазнавӣ лавота мекунад ва зери масхараи Талҳак қарор мегирад [4, с.184], шахси мавҳуме даъвои худоӣ мекунад ва бо ин кирдораш ҷаҳолати халифаро ошкор месозад [4, с.185], Атобаки Сағларшоҳ мудом май менӯшад ва Маҷдуддини Ҳамгар ӯро мазоҳ насиҳатомезона мекунад [4, с.185-186], Атобаки Сағларшоҳ дар назди Маҷдуддини Ҳамгар дунҳимматии хешро нишон медиҳад [4, с. 186], Мавлоно Шарафуддин, ки аз уламои маъруфи дин буд, масҷидгурезӣ мекунад [4, с.190], Толибилми мадраса дар рамазон ба шаробнӯшӣ машғул мешавад ва ба саволи шаҳнаеро, ки ӯро дастгир карда буд, ҷавоби тамасхурона медиҳад [4, с.192], қозӣ дар назди шавҳари зане, ки барои шикоят назди вай омада буд, бадахлоқии худро нишон медиҳад [4, с.192], Мавлоно Қутбиддини Шерозӣ ба василаи писараки китобхон анин будани худро мефаҳмад [4, с.193], Мавлоно Маҷдуддин Алӣ маст дохили мадраса мешавад ва дар саҳни он бадкорӣ мекунад [4, с.195], Ҷӯҳӣ ба ҷойи падараш дар рахти хоби падар медарояд ва худро ба канизи падараш ҳамчун падар муаррифӣ мекунад [4, с.197], Ду олим: Мавлоно Рукниддини Бакронӣ ва Шамсиддин Музаффар бо ҳам мунозиа мекунанд, ки, дар натиҷа дувумӣ аввалиро ба муханнасӣ муттаҳам мекунад [4, с.197], Муаззине аз сари содагӣ бонгзанон медавад, то ки овози худро аз дур шунида лаззат бубарад [4, с.199], Мавлоно Ҷалолуддин дар фасли зимистон фоҳишаеро ба занӣ гирифтанӣ мешавад ва мавриди масхараи Амир Саид Сайиди разиуддин воқеъ мегардад [4, с.201], Шахсе, ки даъвои масхара мекард, дар суоли халифа, ки чӣ муъҷизае дорад, ӯро масхара мекунад [4, с.202], Зани бозаргон бар вай хиёнат мекунад ва бозаргон мавриди масхараи ходимаш қарор мегирад [4, с.208]...

Суханони боло ҳадди муътадили суханони риндиёнаи Убайд мебошанд. Агар миёни осори манзуми Убайд суханони сахт бепарвоёна ва эътидолситезонаи вай дар манзумаи “Ушшоқнома”- аш бозтоби махсус дошта бошад, дар байни асарҳои насрии ӯ “Рисолаи дилкушо”- яш ҷилваи вижа дорад. Дар “Рисолаи дилкушо” тамоми қаҳру ситезаи Убайд нисбат ба ашхоси бадахлоқи давр, ки намояндаи замонҳо, маконҳо, динҳо, синҳои мутафовит ва қишрҳои гуногуни ҷомеаи даврони ӯ буданд, равона карда мешавад. Барои ӯ фарқе надорад, ки шахси ҳадаф-ул-фикри вай мозӣ аст ё муосир, халифа аст ё амир, шоҳ аст ё султон, қозӣ аст ё муфтӣ, олими намоёни дин аст ё суханвари маъруф, мусулмон аст ё яҳудӣ, қазвинӣ аст ё исфаҳонӣ, пир аст ё тифл, мард аст ё зан, солим-ул-ҷинс аст ё муханнасу анину ноқис, ҳушёр аст ё маст, солимақл аст ё девона.

Афкори риндиёнаи Убайд дар “Рисолаи дилкушо” агар, аз як тараф, бозгӯкунандаи аҳволи иҷтимоии даврони вай ба ҳисоб раванд, аз сӯйи дигар, рашаҳоти фикриву ҳикматӣ ва фалсафиву ақидатии ӯ маҳсуб хоҳанд шуд. Гоҳе афкори мазкур суханҳои дурушти Умари Хайёмро ба хотир меоранд, гоҳ суханони тамасхуронаи ҳикоёти бепардае аз “Маснавии маънавӣ”- и Ҷалолуддини Балхиро. Аммо дар танз суханони Убайд наздикии бештар бар танзиёти Хоҷа Ҳофизро дорад. Вале, бо ин ҳама қаробат, суханони Убайд махсус танҳо бар тарзи нигориш ва сабку салиқаи вай аст, ки миёни тамоми шоирону нависандагони классикӣ ӯро ба таври возеҳ ҳамчун ойина ҷудо месозанд. Суханони бепардатарин, сахттарин, қабеҳтарин, намунаҳои бесобиқаи беадабтарин вожаҳо ва ифодаҳои форсӣ-тоҷикӣ, ки ба ҳайси мисолҳои шоҳид овардани онҳо ҳеч мумкин нест, илло бо овардани ҳарфи аввали он бо се нуқтаи ахир ва он ҳам ноилоҷу ночор, чун ҷиҳати лузуми далел ва эҳтиёҷ бар бурҳон.

Аммо, бояд дар хотир дошт, ки афкори риндии Убайд аз қалами шахсе таровидаанд, ки соҳиби тафаккур ва илми қавӣ аст, дар фиқҳу калом, илми Қуръону ҳадис, сарфу наҳви форсиву арабӣ ва дигар илмҳои роиҷи замона дасти қавӣ дорад, аз шеъру насри форсиву арабӣ бархурдории зиёд дорад, дар эҷод бо забонҳои мазкур истеъдоди нодир дорад, олимону шоирони давр бар истеъдоди фитрии вай қоиланд, яке аз ахтарони адаби даврони худ дар баробари Салмони Совақӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба ҳисоб меравад. Ин – ҳама бозгӯкунандаи он аст, ки суханони Убайд ва рашаҳоти қалами тези ӯ – ҳамагӣ ҳадафмандона, танзомезона ва, дар ҳақиқат, инъикоскунандаи авзои роиҷи замони ӯянд ва ҷуз ин нестанд ва риндиёти ӯ суханони томотиву газоф ва тазоҳуру такаллуф аз ҳунари қаламфарсоии вай нестанд.

Дар ҳикояти “Шерозӣ ва ходими масҷид”, ки нишоне аз андешаҳои риндонаи Убайд мебошад, ӯ бебокона даст бар мавзӯи хилқат мезанад:

“Шерозӣ дар масҷиде банг мепухт. Ходими масҷид бад-ӯ расид, бо ӯ дар сафоат омад. Шерозӣ дар ӯ нигоҳ кард, шакле ваҳиш дид: кару кӯр. Наърае кашид ва гуфт: “Эй мардак, Худо дар ҳаққи ту лутфи бисёр фармудааст, ки дар хонаи ӯ чандин таассуб мекунӣ?” [4, с.191].

Мақсуди Убайд аз овардани ҳикояти мазкур, албатта, на беэҳтиромӣ бар мавзӯи офариниши инсон аст – дар намои ходими масҷид, балки масхара ва ба риштаи интиқод гирифтани як хидматгузори масҷид аст, ки тамоман ноҷо ба чунин фаъолият вогузор шудааст. Ҳикмати ҳикояи нақлшуда, аз як сӯ, агар иборат бошад аз нишон додани авзои бадахлоқона ва ҷиноятолуди замона ва нақди танзомези ахлоқи роиҷи даврон, аз ҷониби дигар, иборат аст аз ин нукта, ки дар муассисоте, ки ҷомеа дар он омадушуд мекунанд ва рӯзмарра дар он фаъолият менамоянд, набояд ашхоси ноқисулҷисм ва ё дорои нуқсонҳои ҳиссӣ ба шуғл вобаста карда шаванд.

Риндиёти Убайд бар мавзӯи таассубот дар муқаддасоти динӣ бештар коргир мешавад. Убайд яке аз аркони муқаддаси дин – рӯзаро истифода карда, бар таассубот тозидааст:

“Шахсеро дар понздаҳуми рамазон баргирифтанд, ки ту рӯза хӯрдаӣ ва тааддияш мекарданд. Гуфт: “Аз рамазон чанд гузаштааст?” Гуфтанд: “Понздаҳ рӯз”. Гуфт: “Чанди моҳ мондааст?”. Гуфтанд: “Пондаҳ рӯз”. Гуфт: “Пас, ман аз миёна чӣ хӯрдаам?” [4, с.191].

Ҳикояи мазкур чанд нуктаи ҳикматомезро бозгӯйӣ мекунад: манзури якуми Убайд – ин бозгӯйии таассуби мардум дар сари аркони муқаддас аст. Чун мардум, бе он ки узри касеро фаҳмиданӣ шаванд, дарҳол бо таассуб бар он кас дармеафтанд ва ӯро бар қоидаситезӣ муттаҳам месозанд; дувум, ҷаҳолати мардум дар мавзӯи ҳисобу шумор кардан; савум масхараи ҷоҳилон аз ҷониби шахси зираку ҳозирҷавоб. Аммо, бояд дар назар гирифт, ки ҳадафи асосии муаллиф аз ин ҳикоят нақди мутаассибон аст. Убайд таассуб дар мавзӯи диниро низ, ки ҳарчанд худ яке аз намояндагони ҷомеаи мутадаййин буд, қабул надорад ва беибову бепарвоёна онро ҳадафи нақди танзомези хеш қарор медиҳад.

Дар ҳикояи дигар Убайд бар яке аз пешгомони ахлоқи тадайюнӣ – воиз метозад. Бо ин ки воиз сухан аз ахлоқ мегӯяд ва дар такя бар аҳодису ривоёти динӣ суханони хешро таъсирбахштар мегардонад, то ки мардум бар асари мавъизаҳои вай таҳтушшуури ӯ қарор бигиранд, Убайд тавассути марди гирянда воизро масхара мекунад:

“Воизе бар минбар сухан мегуфт. Яке аз маҷлисиён гиряи сахт мекард. Воиз гуфт: “Эй мардумон, сидқ аз ин мард биёмӯзед, ки ин ҳама гиря ба сӯз мекунад”. Мард бархост ва гуфт: “Мавлоно, ман намедонам, ту чӣ мегӯйӣ. Аммо, бузаке сурх доштам. Риши ту ба риши он бузак мемонад ва дар ин ду рӯз сақат шуд. Ҳар гаҳ ки ту риш меҷунбонӣ, маро аз он бузак ёд меояд ва гиря бар ман ғолиб мешавад” [4, с. 194].

Мақсуди Убайд аз ҳикояи мазбур се нукта аст: аввал ин ки Убайд хоҳишҳои дуконталабонаи аҳли рикобдори динро дар шахси воиз ошкор мекунад, ки ба ҳар роҳе мехоҳанд бозори харидории хешро гармтар бикунанд. Воиз гиряи мардро истифода карда, мехоҳад сомеин ва аҳли маҷлисро бар ин бовар кунонад, ки гиряи мард бар асари суханони вай аст; дувум ин ки Убайд ин нуктаро кушодан мехоҳад, ки мардум ноогоҳ ва бе мақсади шунидани мавъизаҳо, ҳамин хел аз рӯйи анъанаву расм дар маҷлиси воизон менишинанд, то хилофи қоида муаррифиашон накунанд; савум ин ки сурхии риши воиз шояд ишора бар истифодаи навъи кашиш ё кашидание, масалан тамоку ё чизи дигаре бошад, ки бар асари истеъмоли зиёд бар риши воиз асар намудааст.

Дар ҳикояи зер ақидаи риндонаи Убайд ба масҷид меравад ва хонаи Худоро танзомезона ҳадафи худ қарор медиҳад:

“Дари хонаи Ҷуҳӣ бидуздиданд. Ӯ бирафт ва дари масҷид барканд ва ба хона мебурд. Гуфтанд: “Чаро дари масҷид баркандаӣ?” Гуфт: “Дари хонаи ман дуздидаанд ва Худованди ин хона дуздро мешиносад. Дуздро ба ман бисупорад ва дари хонаи худ бозситонад” [4, с.200].

Дар ҳикояи мазбур агар, аз як сӯ, ахлоқи пасти даврони муаллиф, ки дар намои кирдори дуздӣ бозтоб меёбад, мавриди накд воқеъ гардида бошад, аз тарафи дигар, вуҷуди ҳадди баланди кирдори дуздӣ дар даврони муаллиф: аз хонаи Худо дуздидан (!) маҳалли танз қарор гирифтааст ва, аз сӯйи дигар, бепарвоиву бебокии Убайд дар мавриди ҳамадон будани зоти Худо инъикос гардидааст, ки онро ба таври танзу киноя аз даҳони Ҷуҳӣ баён кардааст.

Бояд қайд кард, ки дар аксаре аз ҳикоёти “Рисолаи дилкушо”- и Убайд як рӯҳи сахти бепарвои муаллиф нисбат ба дину мазҳаб, аркони муқаддаси динӣ, ашхоси муътабари диниву мазҳабӣ ҷилвагар мегардад. Гӯйӣ, Убайд эҳтироми сахт ва аз андоза берун бар он чиро, ки зикр шуд, як навъ таассуб ва ё тазоҳуру муносибати ғайривоқеӣ ва ғайритабиӣ мешуморад. Вуҷуди ҳамчунин рӯҳия дар иртибот бар муқаддасоти ақидативу имонӣ, албатта, натиҷаи авзои сахт муташанниҷи сиёсиву иҷтимоии ҳоким бар даврони Убайди Зоконӣ буд, ки бо ҳамлаи муғул аз ҳайси замон бисёр наздик буд ва, аз сӯйи дигар, муосир бо кӯшишҳои ишғолгаронаву кушторҳои аз шумор беруни Темури Ланг буд. Натиҷаи ҷангу ҷидолҳо ва қатлу кушторҳои бешумор ҳам сабаб бар қаҳту гуруснагиҳои ҷомеа ва ҳам мӯҷиби дар сатҳи ниҳоят паст қарор гирифтани ахлоқи мардуми даврони зиндагонии Убайди Зоконӣ ва ғӯтавар гардидани мардум дар маноҳиву кароҳӣ ва бадахлоқии боварнокардани гардида буд. Бинобар ин, тасвироти Убайд дар ҳикоёти “Рисолаи дилкушо”, агарчи сахту талх, бепардаву ошкор ва берун аз русуми анъанавии нависандагиянд ва дар аксари мавридҳо доираи муътадили ахлоқро рахна мекунанд, ойинаи равшани вазъи иҷтимоии даврони вай ба ҳисоб хоҳанд рафт.

А Д А Б И Ё Т

1. Ассамарқандӣ, Амир Давлатшоҳ бинни Алоуддавла Бахтишоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Бо саъй ва эҳтимом ва тасҳеҳи Э.Браун. - Лондон, 1318 мутобиқ ба 1900 милодӣ
2. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV.- Қисми дуюм. Муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода.- Душанбе: Дониш, 1983.- 229 саҳ.
3. Дурдонаҳои наср (Намунаҳои насри форсу тоҷик. Асрҳои XV то аввали асри XVIII). Тартибдиҳанда: Ш. Нуриддинов, 1991.- 575 саҳ.
4. Зоконӣ, Убайд. Осор; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев. Зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: “Дониш”, 1991.- 212 саҳ. (бо хатти форсӣ)
5. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // “Газетаи муаллимон”.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон.- №32 (594), 14-уми июли 1939.- С. 6.
6. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XII). - Китоби I (III).- Душанбе: Маориф, 1989.- 421 с.
7. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (Асрҳои XIII-XV). Китоби 2. - Душанбе: Маориф, 1977.- 399 с.
8. Пигулевская, Н.В. ва диг. Таърихи Эрон (Аз даврони бостон то поёни садаи ҳеҷдаҳуми милодӣ) / Н.В. Пигулевская. Тарҷумаи Карим Кишоварз.- Теҳрон: интишороти “Хайём”, 1363 ҳ.- 713 с.
9. Сабо, Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайн. Рӯзи рӯшан; ба тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Ҳусайн Рукнзодаи Одамият.- Теҳрон: Китобхонаи Розӣ, 1343.- 976 с.
10. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳичрӣ.- Ҷилди савум. Бахши дувум.- Теҳрон: Фирдавсӣ, 1363. - 1461 с.
11. Ҳофизи Шерозӣ, Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад. Девон; ба тасҳеҳи Абдурраҳим Халхолӣ. -Теҳрон: Ҳофиз, бидуни соли нашр.- 440 с.

АФКОРИ РИНДИИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ ДАР “РИСОЛАИ ДИЛҚУШО” – БОЗГӮКУНАНДАИ АВЗОИ ИҶТИМОИИ ДАВРОНИ ВАЙ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки дар “Рисолаи дилкушо”- и Убайди Зоконӣ афкори риндии вай, ки иборатанд аз суханони бепарво нисбат ба муқаддасоти диниву мазҳабӣ, масҷид, рӯза, ашхоси баландмақоми динӣ монанди: шайх, қозӣ, воиз ва ғ. дар ҳадди баланди худ ҷилвагар мегарданд. Қабл аз Убайди Зоконӣ, зикр мекунад муаллиф,- фикрҳои бепарвоёна нисбат ба муқаддасоти диниву мазҳабӣ ва ашхоси баландмақом ё пешоҳангони ахлоқии ҷомеаи исломӣ дар рубоиёти Умари Хайём ба назар мерасиданд. Аммо, бояд қайд кард, ки ҳамчунин афкор дар рубоиёти Умари Хайём дар қиёс бо андешаҳои волои фалсафияш бисёр кам мебошанд. Мувофиқи нишондоди муаллиф, аз шоирони дигари форсизабон афкори риндиёна дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ бештар аз ҳама таҷассум ёфтаанд. Шеъри Ҳофизро, ҳатто, баъзе муҳаққиқони адаби форсӣ шеъри риндӣ унвон кардаанд. Аммо, бояд зикр намуд, ки афкори риндонаи Ҳофиз, аксаран, дар пардаи рамзу маҷоз ва тарзи баёни бисёр латифу малеҳ баён гардидаанд. Дар шеъри Ҳофиз дарпардагӯйӣ ва ибҳом мақоми аввалдараҷа дорад. Аз ин нигоҳ аксари андешаҳои Ҳофиз маънои духӯра ва рамзӣ доранд. Андешаҳои риндонаи Убайди Зоконӣ бошад, дар бисёр маворид бепарда ва рӯшоду рӯирост ҷилвагар мегарданд. Зимнан, бояд қайд намуд, ки Убайди Зоконӣ андешаҳои риндонаи хешро бо ду роҳ: ҳам тавассути назм ва ҳам ба воситаи наср иброз доштааст. Дар осори манзуми Убайд, бештар аз ҳама, дар “Ушшоқнома”- аш ва дар эҷодиёти насрии вай дар “Рисолаи дилкушо” беш аз дигар асарҳои мансураш андешаҳои риндонаи ӯ бозтоб меёбанд. Муаллифи мақола, ҳамчунин, қайд менамояд, ки “Рисолаи дилкушо” намунаи беназири андешаҳои риндона, махзани вожаҳои дурушту қабеҳ ва инъикоскунандаи суханони берун аз доираи ахлоқ на танҳо дар адабиёти даврони зиндагонии Убайд, дар тамоми даврaҳои насри форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Аз сӯйи дигар, “Рисолаи дилкушо” ойинаи иҷтимоӣ ва ахлоқии асри XIV- и Форси Эрон ва бузургтарин марокизи сиёсӣ ва илмиву фарҳангии он – шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон ва атрофи онҳо мебошад. Бо шиносоӣ аз ҳикоёти рисолаи мазкур, агар, аз як тараф, вазъи иҷтимоӣ ва пояи ахлоқи даврони муаллифи он муайян карда шавад, аз сӯйи дигар, андешаҳои риндонаи Убайди Зоконӣ,

суханони бепарвоёна ва бепардаи вай нисбат ба дину мазҳаб, муқаддасоти динӣ ва ашхоси пешоҳанги диниву ахлоқӣ маълум мегарданд.

Калидвожаҳо: афкори риндӣ, ринд, суханони бепарвоёна, суханони талху дурушт, Убайди Зоконӣ, авзои иҷтимоӣ, баёни танзомез, суханони рамзӣ, тасвироти бепардаву ошкор.

НИГИЛИЗМ И СВОБОДОМЫСЛИЕ УБАЙДА ЗОКОНИ В “РИСОЛАИ ДИЛКУШО” – ПОКАЗАТЕЛЬ СОЦИАЛЬНОГО ПОЛОЖЕНИЯ ЕГО ВРЕМЕНИ

Автор статьи отмечает, что трактат “Рисолаи дилкушо” Убайда Зокони отражает его нигилизм и свободомыслие, которые состоят из беспечных высказываний относительно религиозных святин, таких как мечеть, пост, высокопоставленные религиозные личности: шейх, казий (судья), ваиз (проповедник) и т.п. До Убайда Зокони, - как отметит автор,- беспечные высказывания относительно религиозных святин и личностей, которые в мусульманских обществах считались предводителями нравственности, встречались в четверостишиях Умара Хайяма. Но следует отметить, что подобные высказывания в рубаи Хайяма, по сравнению с его философическими взглядами не так уж значительны, так как основной теоретической особенностью поэзии Хайяма, являются его взгляды относительно бытия, создания и Абсолютного сущего. По словам автора, из других персоязычных поэтов нигилистические взгляды и свободомыслие больше всего отражены в газелях Хафиза Ширази. Некоторые исследователи персидской литературы стихи Хафиза даже охарактеризовали как отражение блестящего нигилизма и наилучшего примера средневекового свободомыслия. Но нужно также отметить, что нигилизм Хафиза, изложен строго символически, так как в его газелях аллегория, переносное значение слов и изобразительное средство персидского красноречия ибхом (неясность и двусмысленность) занимают особое место. Поэтому большинство поэтических мыслей Хафиза имеют двоякое значение. Нигилистические мысли Убайда Зокони, по сравнению с Хафизом, в большинсте случаев отражены ясно и четко, без применения символических средств и двусмысленных выражений. Вместе с тем, следует подчеркнуть, что нигилизм и свободомыслие Убайда, по сравнению с вышеупомянутым мастером персидского красноречия, творчество которого состоит только из поэзии, изложены в двух формах: поэзии и прозы. В поэтических произведениях Убайда его нигилистические взгляды больше всего встречаются в “Ушшокнома” (“Книга влюбленных”), а в прозаических – в “Рисолаи дилкушо”. Автор также подчеркивает, что “Рисолаи дилкушо” является бесспорным примером его нигилистических взглядов, кладом вулгарных слов и ненравственных высказываний не только литературы эпохи Убайда Зокони, но и всех времен классической персидско-таджикской литературы. С другой стороны, “Рисолаи дилкушо” является социальным и нравственным зеркалом XIV века политических и научных центров Ирана – Шираза и Исфагана и других знаменитых городов вышеупомянутой эпохи, которые в свое время составили округ Фарс Ирана. С ознакомлением рассказов “Рисолаи дилкушо”, если, с одной стороны, выясняется социальное положение и степень нравственности эпохи Убайда, с другой стороны, определяются свободомыслие его автора и беспечные взгляды относительно религии и ее нравственных устоев.

Ключевые слова: нигилизм и свободомыслие, беспечные слова, вульгарные слова, Убайд Зокони, социальное положение, насмешка, ясное изображение, ясное изображение.

NIHILISM AND FREEDOM OF UBAYDA ZOKONI IN “RISOLAI DILKUSHO” - THE INDICATOR OF THE SOCIAL SITUATION OF ITS TIME

The author of the article notes that the treatise “Risolai dilkusho” by Ubaid Zokoni reflects his nihilism and free-thinking, which consist of careless statements about religious shrines, such as a mosque, fasting, high-ranking religious personalities: the sheikh, Qazi (judge), vaiz (preacher), and t .P. Before Ubaid Zokoni, - as the author notes, - careless statements about religious shrines and personalities who were considered leaders of morality in Muslim societies, were met in Umar Khayyam's quatrains. But it should be noted that such statements in ruby and Khayyam, compared with his philosophical views are not so significant, since the main theoretical feature of Khayyam's poetry is his views on being, creation, and the Absolute Being. According to the author, from other Persian-speaking poets, nihilistic views and free-thinking are most reflected in Hafiz Shirazi ghazals. Some researchers of Persian literature even described Hafiz’s poems as a reflection of brilliant nihilism and the best example of medieval free-thinking. But it should also be noted that Hafiz’s nihilism is set forth strictly symbolically, since in its ghazals an allegory, the figurative meaning of words, and the visual means of Persian eloquence by ibhom (ambiguity and ambiguity) occupy a special place. Therefore, most of Hafiz's poetic thoughts have a double meaning. The nihilistic thoughts of Ubaid Zokoni, compared to Hafiz, are reflected in most cases clearly and precisely, without the use of symbolic means and ambiguous expressions. At the same time, it should be emphasized that the nihilism and freethinking of Ubaid, compared with the above-mentioned master of Persian eloquence, whose work consists only of poetry, is presented in two forms: poetry and prose. In the poetic works of Ubaid, his nihilistic views are most often found in “Ushoknoma” (“The Book of Lovers”), and in prosaic - in “Risolai dilkusho”. The author also emphasizes that “Risolai dilkusho” is an indisputable example of his nihilistic views, a treasure trove of vulgar words and non-moral utterances not only of the literature of the Ubaid Zokoni era, but of all times of classical Persian-Tajik literature. On the other hand, “Risolai dilkusho” is a social and moral mirror of the 14th century political and scientific centers of Iran - Shiraz and Isfahan and other famous cities of the aforementioned epoch, which at one time formed the Fars district of Iran. With the acquaintance of the stories “Risolai dilkusho”, if, on the one hand, the social status and morality of the Ubaiba era is clarified, on the other hand, the author’s free-thinking and nonchalant views on religion and its moral principles are determined.

Key words: nihilism and free-thinking, careless words, vulgar words, Ubaid Zokoni, social status, ridicule, clear image, clear image.

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методика преподавания таджикскогоязыка и литературы**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shokhrukh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language Department and the Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 891.550-1:82

СОХТУ МУҲТАВОИ ҚАСИДАҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКИИ АЛИШЕРИ НАВОӢ (ФОНӢ)

Додарова Т.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Амир Низомиддин Алишери Навоӣ (1441-1501), ки ашъору осори форсии тоҷикиашро бо тахаллуси Фонӣ эҷод кардааст, аз ситорагони дурахшони адабу фарҳанг ва маданияти қарни XV-и Хуросон ба шумор рафта, аз худ бо забони форсии тоҷикӣ ва забони модарияш -туркии чиғатоӣ, ки ҳоло онро ӯзбекии қадим мехонанд, осори гаронмоя ба мерос гузоштааст. Дар миёни офаридаҳои бадеии вай «Девони форсӣ»-яш яке аз шоҳкориҳои назарраси бадеии замони эҷодкор ба шумор меравад, ки аслан баъд аз солҳои 50-уми асри гузашта маълум ва ба риштаи таҳқиқ кашида шуда буд. Ин ба он маъност, ки баъди Инқилоби Октябр аввалин касе, ки ба «Девони форсӣ»-и Алишери Навоӣ (Фонӣ) дар заминаи омӯзишу пажӯҳиши рӯзгору осори ӯ таваҷҷуҳи алоҳида равона намуда, баъзе паҳлуҳои онро кушодааст, устод С.Айнӣ буд [1, с.265-470]. Ин муҳаққиқи нуктасанҷ дар баробари ёдовар шудан аз ашъори форсии тоҷикии Алишери Навоӣ аз нусхаҳои «Девони форсӣ» сухан меронад ва чанд девонеро бо номи Девони Фонӣ дарёфта, ба адиби зуллисонайн нисбат медиҳад ва алоқамандона ба қасидаҳои форсии тоҷикии ӯ таъкид менамояд, ки «Дар ин девонҳо қасидаҳо нестанд, қитъаҳо ва рубоиҳое ҳам, ки ба Алишер нисбат додани онҳо мумкин бошад, бисёр каманд. Ва ҳол он ки Алишер «дар форсӣ ҳамаи сифатҳои шеърро рақам кардам», мегӯяд. Дар ин девонҳо ҳатто қасидаи машҳури «Туҳфат-ул-афкор», таркибанде, ки ба вафоти Абдурраҳмони Ҷомӣ навиштааст ва мусаддасе, ки ба як шеъри Ҷомӣ бастааст, низ нестанд. Ва ҳол он ки Алишер дар «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и худ ин порчаҳоро махсусан қайд карда, матлаи онҳоро нишон медиҳад ва таркиббанди мазкурро тамоман нақл мекунад.

Дар ин девонҳо шеърҳое, ки ба Алишер нисбат додани онҳо мумкин бошад, аз ҳазор байт зиёд нестанд ва ҳол он ки мебоист девони форсии ӯ шаш ҳазор байт мешуд» [1, с.415]. Ин шубҳаҳои устод Садриддин Айнӣ нисбат ба ашъори форсии тоҷикии Алишери навоӣ (Фонӣ) дар он замоне, ки муҳаққиқ ба маъхазҳои асосии он ошноӣ надошт, бамаврид буданд. Яъне, ӯ аҳли таҳқиқи рӯзгору осори Навоӣ-Фониро огоҳ намуда буд, ки минбаъд ба ин масъала таваҷҷуҳи алоҳида равона намоянд, девони асили форсии тоҷикии ӯро дарёбанд ва ба майдони таҳқиқу тадқиқ бикашанд.

Тавре дида шуд, аз осори форсии тоҷикии шоир муҳимтаринаш «Девони форсӣ»-и Алишери Навоӣ (Фонӣ) мебошад, ки ҳаҷми умумии онро худи вай 6000 байт хабар медиҳад. Аз иттилои яке аз навоишиносони тоҷик А.Афсаҳзод маълум мегардад, ки дар бораи осори форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ дар рисолаи доктории Ҳамид Сулаймонов «Тадқиқоти матншиносии лирикии Навоӣ» маълумотҳои ҷолиб мавҷуданд. Муаллифи рисола таркиби нусхаи нисбатан пурраи девони форсии тоҷикии Навоӣ-Фониро, ки дар китобхонаи миллии Парижи Фаронса маҳфуз мебошад, чунин муайян кардааст: дебоча, 8 адад қасида, 555 адад ғазал, 1 адад мусаддас, 75 адад қитъа, 73 адад рубоӣ, 16 адад таърих, 397 адад муаммо, 9 адад луғз, ки ҷамъан 1131 адад шеър буда, фарогии 6197 байт мебошад [2, с.101]. Ҳанӯз дар илм матни илмӣ-интиқодии «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ ба вуҷуд наомадааст, вале дастовардҳои минбаъда нишон медиҳанд, ки мавсуф 11 адад қасида доштааст ва ӯ дар кори худ матлаи онҳоро оварда мухтасаран шарҳ медиҳад [2, с.96-98].

Ҷойи ишора аст, ки заҳмати Ҳамид Сулаймон дар дастрас намудан, омӯзишу пажӯҳиши ашъори форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ беш аз дигар навоишиносон назаррас мебошад. «Ӯ баъди нашри «Девони форсӣ» дар 15 ҷилдаи Алишери Навоӣ ҷустуҷӯи худро доир ба ашъори форсӣ-тоҷикии сардафтари адабиёти классикии ӯзбек идома дода, соли 1968 дар шумораи аввали маҷаллаи «Адабий мерос» силсилаи қасоиди адибро бо номи «Фусули арбаъа» (иборат аз чаҳор қасида, 231 байт) ва худи ҳамон сол дар маҷмӯаи мақолаҳои «Навоий арғувон» силсилаи қасоиди «Ситтаи зарурия» (иборат аз шаш қасида, 724 байт)-ро аз Фаронса ва Туркия дарёфт намуда, ба ҳуруфи арабӣ ба табъ мерасонад» [3, с.198-199]. То ин заҳмат мо танҳо матни қасидаи ӯ «Туҳфату-л-афкор»-ро зери даст доштему халос.

Қасидаи ёздаҳум, ки муҳаққиқи афғонӣ Воҳиди Ҷузҷонӣ дар рисолаи худ «Амир Алишери Навоӣ» (Кобул, 1346ҳ.ҷ.) ба Алишери Навоӣ нисбат медиҳад, тибқи маълумоти ӯ дар пайравии қасидаи маснӯъи Салмони Соҷавӣ эҷод гардидаву мутаассифона, танҳо байти матлаи онро иқтибос намудаасту беш аз ин лаб ба хомӯшӣ бастааст. Он байт ин аст:

Чунон вазид ба бӯстон насими фасли баҳор,
К-аз он расид ба ёрон шамими васли нигор [5, с. 199].

Алишери Навоӣ-Фонӣ сабаби навиштани қасидаҳои форсии тоҷикияш, бахусус силсилаи «Ситтаи зарурия»-ро аз ташвиқу талқини устодаш Мавлоно Абдурраҳмони

Ҷомӣ дониста, аз ҷумла менависад: «Аммо баъд, маърузи ройи соиб ва марфуъи фитрат, ки шукуфаи риёзи олам, балки самараи шаҷараи банӣ-Одаманд, ба он ки чун риштаи хулуси иродат ва каманди рухуси иродати ин каминаи бебизоат ба ҳаблу матни тасарруф ва иқтидори ҳазрати ҳидоятманзалат ва вилоятманқамат, байт:

Дури яктои баҳри некномӣ,
Имоми зумраи ақтоб Ҷомӣ.

… Ҳамвора фармони лозимулишоъа ва амри воҷибулитоъаи он ҳазрат ин камтаринро бад-он маъмур медошт, ки гоҳе инони суханро аз водии туркӣ ба савби форсӣ мунсариф гардонад ба зимоми назмро аз адои туркона ба ҷониби луғати форс мунъатиф созад…» [5, с.227].

Ҳамин тавр, мо имрӯз дар дасти худ даҳ қасидаи пурраи форсӣ-тоҷикии Навоӣ-Фониро дорем ва тасмим гирифтем, ки дар ин мақола аҳли илм ва ниёзмандонро то ҷое бо сохту муҳтавои онҳо, ки як паҳлуи маҳорати шоирии ӯ дар эҷоди шеъри форсии тоҷикиаш аст, ошно созем.

Пеш аз ҳама, сохти қасидаҳои Навоӣ-Фониро вазн ва қофияву радиф дар онҳо ташкил медиҳанд. Аз силсилаи қасоиди «Ситтаи зарурия» (Шаш ҷиҳат) қасидаи «Рӯҳ-ул-қудс» дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни аслам эҷод гардида, бо ин байт оғоз мешавад:

Зиҳӣ бо хомаи қудрат мусаввири ашё,
Ҳазор нақши аҷаб ҳар замон аз ӯ пайдо [4, с.229].

Мисраъҳои байт 14-ҳиҷоӣ мебошанд, ки афоил ва аркони арӯзашон чунин аст:

Ма-фо-и-лун Фа-и-ло-тун Ма-фо-и-лун Фаъ-лун
Ма-фо-и-лун Фа-и-ло-тун Ма-фо-и-лун фаъулун
V - V - / V V - - / V V - / - -
V - V- / V V - - / V - V - / - -

Қофияи қасида бидуни радиф қофиябандии маъмулӣ дошта ба ин зайл аст: **ашё, пайдо, дарё, байзо, обо, ақво, Азро, ӯро** ва ғ.Қасида бидуни радиф суруда шудааст.

Аз ин силсила қасидаи дувум «Айн-ул-ҳаёт» дар баҳри рамали мусаммани солими маҳфуз (мусаммани садру ибтидову ҳавошиҳо солим ва арӯзу зарб-маҳфуз) навишта шудааст бо ин матлаъ:

Ҳоҷибони шаб чу шодурвони савдо афкананд,
Ҷилва дар хайли бутони моҳсимо афкананд [4, с.239].

Мисраъҳои байт 15-ҳиҷоӣ буда, афоил ва аркони арӯзашон ин аст:

Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-лун
Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-лун
- V - - / - V - - / - V - - / - V -
- V - - / - V - - / - V - - / - V -

Дар ин қасида қофия **савдо, симо, ғабро, хазро, осо** ва ғ. буда, **афкананд** радиф шуда омадааст.

Қасидаи севуми силсилаи «Ситтаи зарурия», «Туҳфат-ул-афкор» чун қасидаи дувуми он дар баҳри рамали мусаммани солими маҳфуз (мусаммани садру ибтидову ҳавошиҳо-солим ва арӯзу зарб-маҳфуз) аст, бо матлаи зер:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахтаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст [4, с.248].

Мисраъҳои байт 15-ҳиҷоӣ буда, афоил ва аркони арӯзиаш чунин мебошад:

Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-лун
Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-ло-тун Фо-и-лун
- V - - / - V - - / - V - - / - V -
- V - - / - V - - / -V- - / - V -

Дар қасидаи мазкур қофия **зевар, дар, кишвар, тар, сар, бар** ва ғ. ва **аст** радифи он мебошад.

Қасидаи чаҳорум «Қут-ул-қулуб» дар баҳри муҷтасси мусаммани маҳбуни маҳзуф ё мақсуд бо ин матлаъ навишта шудааст:

Ҷаҳон, ки марҳалаи танги шоҳроҳи фаност,
Дар он маҷӯй иқомат, ки роҳи шоҳу гадост [4, с.256].

Мисраҳои байт 15-ҳиҷоӣ буда, афоил ва аркони арӯзашон ин аст:

Ма-фо-и-лун Фа-и-ло-тун Ма-фо-и-лун Фа-и-лун
Ма-фо-и-лун Фа-и-ло-тун Ма-фо-и-лун Фа-и-лун
V - V - / V V- - / V - V - / V V -
V – V - / V V - - / V - V - / V V -

Дар охири ин қасида агар зиҳоф «мақул» бошад зиҳофи он Фа-и-лон (V V -) хонда мешавад ва қофияҳояш **фаност, гадост, яғмост, ғавғост, пайдост, ҳаввост** ва ғ. мебошад.

Қасидаи панҷуми силсилаи «Ситтаи зарурия», «Минҳоҷ-ун-наҷот» дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (дар як байт 8 бор Мафоӣлун) гуфта шуда, бо матлаи зер сар мешавад:

Зиҳӣ, аз шамъи рӯят чашми мардум гашта рӯҳонӣ,
Ҷаҳонро мардуми чашм омадӣ аз айни инсонӣ [4, с.265].

Мисраъҳои байт 16-ҳиҷоӣ буда, афоилу тафоили арӯзиаш чунин мебошад:

Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун, Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун
Ма-фо-ӣ-лун ма-фо-ӣ-лун ма-фо-ӣ-лун ма-фо-ӣ-лун
V - - - / V - - - / V - - - / V - - -
V - - - / V - - - / V - - - / V - - -

Қофияҳои ин қасида **нуронӣ, инсонӣ, медонӣ, пинҳонӣ, пурдонӣ** ва ғ. буда, бидуни радиф эҷод шудааст.

Қасидаи шашуми ин силсила «Насим-ул-хулд» буда, низ дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (дар як байт 8 бор Мафоилун) бо ин матлаъ эҷод гардидааст:

Муаллим ишқу пири ақл шуд тифли дабистонаш,
Фалак баҳри таъдиби вай инак чархи гардонаш [4, с.276].

Дар он мисраъҳои байт 16 ҳиҷо буда, афоилу тафоилаш ин аст:

Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун
Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун
V - - - / V - - - / V - - - / V - - -
V - - - / V - - - / V - - - / V - - -

Шоир дар ин ҷо аз қофияҳои машҳур ва серистеъмоли забони форсии тоҷикӣ, монанди **дабистон, гардон, айвон, осон, исён, нодон** …ва ғ. истифода карда, дар он **–аш** ба сифати радиф кор фармуда шудааст.

Акнун чаҳор қасидаи силсилаи «Фусули арбаъа» (Чаҳор фасл)-ро аз нигоҳи сохт дида мебароем.

Қасидаи аввали силсилақасидаҳои «Фусули арбаъа» «Саратон» аст. Ин қасида дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳфуз эҷод шудааст, ки матлааш ин аст:

Боз оташи ҳур сохт Самандар саратонро,
Афрӯхт чу оташкада гулзори ҷаҳонро [4, с.208].

Мисраъҳои байт 14-ҳиҷоӣ буда, афоилу тафоили он чунин мебошад:

Маф-ъӯ-лу Ма-фо-ӣ-лу Ма-фо-ӣ-лу Фа-ӯ-лун
Маф-ъӯ-лу Ма-фо-ӣ-лу Ма-фо-ӣ-лу фа-ӯ-лун
- - - V / V - -V / V - -V / V- -
- - - V / V - -V / V --V V--

Дар ин қасида низ қофияҳои суннати шеъри форсии тоҷикӣ монанди «саратон», «ҷаҳон», «ниҳон», «қирон», «дукон» , «сон» ва ғ. мавриди истифода қарор гирифта, пасоянди–ро вазифаи радифро иҷро намудааст.

Қасидаи сонӣ «Хазон» дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (дар як байт 8-бор Мафоӣлун) бо ин матлаъ рӯйи коғаз омада:

Дигар шуд баҳри санҷидан баробар адл давронро,
Зи кофуру зи мушки рӯзу шаб ду палла мизонро [4, с.214].

Мисраъҳои байти ин қасида 16 –ҳиҷоӣ буда, афоил ва аркони арӯзашон бо таври зайл мебошад:

Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ -лун Ма-фо-ӣ-лун
Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун Ма-фо-ӣ-лун
V - - - / V - - - / V - - - / V - - -
V - - - / V - - - / V - - - / V - - -

Қофияҳои ин қасида **«даврон», «мизон», «биёбон», «урён», «афғон», «бустон»** ва ғ. бо истифодаи пасоянди **–ро** ба сифати радиф мебошанд.

Қасидаи севуми силсилаи «Фусули арбаъа» низ чун қасидаи «Хазон» [4, с.216-221] дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (дар як байт 8 бор Мафоӣлун) эҷод гардида, дар қофияву радиф низ якхела мебошанд, ки ҳоҷат ба нишон додани афоилу аркони арӯзаш нест.

Қасидаи охирини силсилаи «Фусули арбаъа» «Дай» дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни мақсур ва маҳфуз бо матлаи зайл гуфта шудааст:

Зи хиргаҳи фалак оташи нуҳуфт дуди саҳоб,
Дар ба хиргаҳу оташ фурӯз аз майи ноб [4, с.221].

Мисраъҳои байт 15-ҳиҷоянд ва афоилу аркони арӯзиашон чунин бошад:

Ма-фо-ӣ-лун Фа-и –ло-тун Ма-фо-ӣ-лун Фа-ӣ-лон
Ма-фо-ӣ-лун Фа-ӣ-ло-тун Ма-фо-и-лун Фа-и-лон
V - - - / V V - - / V - - - /V - -
V - - - / V V - - / V - - - /V - -

Баъзан дар мисраъҳои аввали ин қасида рукни мақсур (V V -) низ омадааст.

Ҳамин тавр аз 10 қасидаи форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ, ки дар даст дорем, 5-тоашон бо баҳри муҷтасс ва 2-тоашон бо баҳри рамал навишта шудаанд. Аз инҳо 6 қасида бо радиф ва 4 қасида танҳо бо қофиябандӣ, бидуни истифода аз радиф, эҷод гардидааст.

Муҳтавои қасидаҳои форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ мувофиқи рӯҳияи замони шоир ва талаботи вақт буда, соли эҷод ва шарҳи мухтасару мушаххаси силсилаи «Ситтаи зарурия» -ро эҷодкор дар муқаддимаи мансури он ба таври зайл баён кардааст: «Ва баъд аз имдоди тавфиқ ва саодати таъйид дар таърихи санаи иснайн ва тисъу-л-миа (902\1497) тасвиди қасидае чанд, ки тасдири инчунин назм бад-он лоиқ буд ва тастири он дар мубодии ин услуб муносиб менамуд, бар вақфи адад ҷиҳати ситта иттифоқ афтод. Қасидаи аввал, ки сухангузории он мубтанӣ бар адои мақомиди Ҳазрати Борӣ буд, тасмияшро «Рӯҳ-ул-қудс» нозил гашт ва сонӣ ки аз рамҳи зулоли наъти набавӣ ва файзи сарчашмаи мадҳи мустафӣ мутарашшеҳ буд, ба «Айн-ул-хайём» муттисом ёфт. Ва солис, ки бар тариқи «Баҳр-ул-аброр» -и Амир Хусрави Деҳлавӣ бар «Туҳфа»…-и Нигори Ҳазрати Махдумӣ (Ҷомӣ) қутб-ул-аномӣ муҳтавӣ буд, аз лисони фикрат ба «Туҳфат-ул-афкор» мавсум шуд. Ва робеъ, ки мавоизи судманд ва насоеҳи дилписандаш аҳли дилро сармояи футӯҳ ва арбоби риёзатро ба масобан ғизои рӯҳ буд, ба «Қутб-ул-қулуб» номзад гашт ва хомие, ки ба шарафи мадҳгузории шаҳриёрӣ, ки шукри неъматаш мусталзими саодати абадӣ ва дуои давлаташ мустатбеи наҷоти сармадӣ аст, музайян ба «Минҳоҷ-ун-наҷот» тасмим пазируфт. Ва содис, ки ба имдоди насоими риёзи фазл ва ато шарафи татаббуи қасидаи «Миръот-ус-сафо» ёфта буд, ба «Насим-ул-хулд» мухотаб гашт ва маҷмӯаи онҳо ба «Ситтаи зарурия» номвар омад» [4, с.227-228].

Қасидаҳои «Фусули арбаъа» бошад дар навбати аввал ба тавсифи хусусиятҳои чаҳор фасли сол тобистон, тирамоҳ ва баҳору зимистон бахшида шудаанду онҳо бе муқаддимаи мансур мебошанд.

Тавре дида шуд, дар қасидаи «Рӯҳ-ул-қудс» асосан сухан аз сипосгузории офаридгори дунё буда, шоир огоҳона бар он аст, ки оламро «аз зарра то байзо» Офаридгор сохтааст ҳам инсу ҳам ҷинс дар мутеи ваянд:

Чӣ қудратест, ки дар боргоҳи чархи баланд,
Нагашта бо сабаби ӯ зи зарра то байзо.
Мутеи амри ту, гар сифлият, агар улвӣ,
Иёти ҷуди ту, гар уммаҳост, агар обо… [4, с.229].

Шоир некиҳои Офаридгорро барои сохту бунёди олам дар қасида якояк барчида, билохира умед бар он дорад, ки Худо ба ӯ забони гӯё баҳри ҳамду сано мебахшад:

Умед он ки ба анфоси қудсиян бахшӣ
Такаллуме, ки сароям паи ту ҳамду сано [4, с.239].

Дар қасидаи «Айн-ул-ҳаёт» бошад, асосан ташвиқу талқин бар он аст, ки бедорон дар роҳи шинохти Офаридгор аз дунболи пешравону пайравӣ аз пайғамбари Худо Муҳаммади Мустафо (с) гармтару боҷуръат қадам гузоранд, худро шиносанд ва на танҳо ин, балки хуфтагонро тавониста бошанд бедор намоянду ба роҳ дароранд.

Аз қасидаҳои форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ, ки баробари эҷод шуданаш шуҳрати вижа пайдо намуда буд, қасидаи «Туҳфат-ул-афкор» мебошад. Ин қасида дар пайравии «Дарёи аброр» -и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва «Луҷат-ул-асрор» -и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар 99 байт навишта шудааст ва бо арзиши бадеию шеваи нигорандагӣ имрӯз ҳам аҳаммиятнок дониста мешавад.

Дар ин қасида масъалаҳои зиёди ҳикмату ахлоқ, дину ирфон ва иҷтимоёту сиёсати замони эҷодкор, баҳри беҳдошти тамоми паҳлуҳои зиндагӣ, ошкор гардонида шудааст. Сухани шоир, шиддати сухани шоир, ки ба аҳли ҷамъият, чи шоҳу чи гадо равона шудааст, аз байтҳои аввал то ба охири қасида якоҳанг ва бозарб баён ёфтааст:

Оташи лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахтаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Шаҳ, ки ёд аз марг н-орад, з-ӯст вайронии мулк,
Хусрави беоқибат хусри билоду кишвар аст… [4, с.248].

Вобаста ба рӯҳи замон шиддати ӯ то бад-он ҷост, ки дар ғуломи нафс будан воизону тамаъкоронро дар як поя медонад ва бо ҷасорати ба худаш хос овоз баланд менамояду мегӯяд:

Воизу томеъ гадои нон бувад, фарқаш ҳамӣ-ст,
К-ин ба зери минбар омад, он фарози минбар аст [4, с.248].

Навоӣ-Фонӣ дар ин қасидаҳои худ ба бештари аҳли исломи замони худ шак бар он дорад, ки гуфторашон ба рафторашон рост намеояд. Ин ҷо бо овардани як мисоли равшан иктифо меварзем. Дар маросими ба ҷой овардани «Ҳаҷ ва ҳаҷгузорӣ» ашхосу тоифаҳои гуногун бо ахлоқи гуногун ширкат менамоянд. Ҳама бо умеди судҷӯӣ, аммо судҳои мухталиф. Яке бо амали ҳаҷ умед бар он дорад, ки фардо-рӯзи растохез Худованд дастгираш мешавад, дигаре дурро дида натавониста, пойбанди ҳавову ҳаваси чандрӯза дар ин дунё будан аст, севумӣ барои суди иқтисодӣ рахти Ҳаҷ мебандад. Ва онҳое, ки ба

хонаи ҳаҷ даст ба савдо мезананду авомфиребӣ мекунанд, дар адабиёти мо зери тозиёнаи танқид гирифта шудаанд [6, с.251-252]. Ҳамин ҳолат, ки адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ аз ашъори шоирони форс-тоҷик ба мушоҳида гирифтааст, дар қасидаҳои Навоӣ-Фонӣ низ дида мешавад. Ин шоири аз ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии замонаш ҳамаҷониба бохабар ҳоҷиёни худнамову «савдогар»-ро хеле сахт ба зери тозиёнаи танқид мегирад ва дар қасидаи «Қут-ул-қулуб» мегӯяд:

В-агар зи махзани Қоруният ба ним дирам
Халал расад, ҳама рӯзаш гизофу лофи сахост.
В-арат ба хотири савм аст рӯзӣ аз ин рӯз
Ғизои шоми ту аз хони бевазан яғмост.
В-арат азимати ҳаҷ шуд мурод, аз он сафарат
Умеди даҳ сию чил суд кардани савдост… [4, с.262].

Ҳамин андешаро дар қасидаи «Минҳоҷ-ун-наҷот»-и шоир қавитар дармеёбем:

В-агар аз ғояти ислом майли ҳаҷ кунӣ ногоҳ,
Матоъи Макка пурсӣ аз гаронӣ ё худ арзонӣ.
Агар суди накӯ уммед бошад, бор барбандӣ,
Дар ин ҳаҷ фарқ кай бошад дар исломию насронӣ.
В-агар суди умеди нафъ некӯ набвадат, сад узр
Зи хавфи роҳу камсармоягиву заъфи ҷисмонӣ.
Бувад имонатон, исломат ин, ай мунъими муслим,
Ҷуз ин ҳам кофириҳо бошадат дар парда пинҳонӣ… [4, с.269].

Ин фошофош гуфтанҳои Навоӣ-Фонӣ ҳоҷат ба шарҳ надоранд. Дар ҳамин замина оҳангҳои ахлоқӣ ва ҷомеаро бо роҳи рости зиндагӣ ҳидоят намудан мағзи қасидаҳои форсии тоҷикии шоиронро ташкил менамоянд, монанди:

Аҳли ҳимматро зи ноҳамвории гардун чӣ бок
Сайри анҷумро чӣ ғам, к-андар Замин ҷӯю ҷар аст! [4, с.252].

Ва ё:

Агар марди раҳӣ, аз нафси нопокат гузар в-он гаҳ
Даро дар шореи даште, ки паймуданд поконаш [4, с.276].

Боз:

Бо даҳони хушку чашми тар қаноат кун, аз он-к
Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст [4, с.248].

Тавре ишорат рафт, силсилаи «Фусули арбаъа» дар навбати аввал сифати чаҳор фасли солро дар худ фаро гирифтааст. Эҷодкор зебоиҳои хосси ҳар фаслро муъҷизакорона ба тасвир кашида, зимни он аз неку бади ҷаҳон ба масоили иҷтимоӣ ва ҳаёти халқ дахл мекунад. Вай дар абёти фароварди қасидаи «Саратон» арзи эҳтироми худро нисбат ба шоҳи вақт Султон Ҳусейн Бойқаро, ба хотири дастгириҳояш нисбат ба шоир, баён доштааст. Дар қасидаи «Хазон» бошад, дар баробари файзи тирамоҳ ин абётро мехонем:

Ба боғ аз булбули достонсаро гарчи асар набвад,
Муғаннӣ, гӯ бад-ин матлаъ музайян соз дастонро.
Хазон з-авроқ беҳ з-акнун, ки зинат дод бӯстонро,
Хуш ояд сурхрӯӣ аз шароби зард мастонро.
Бидеҳ, соқӣ, майи асфар ба ранги шуълаи озар,
Ки бошад рӯшноиҳо майи рангини деҳқонро [4, с.215].

Қасидаҳои «Баҳор»-у «Дай» низ дар баробари тавсифи ин фаслҳои сол дар худ оҳангҳои нозук ва эҳсосшавандаи мадеҳавиро доранду аз муҳтавои умумии онҳо пайдост, ки бар мадҳи султони вақт Ҳусейн Бойқароянд.

Ҷиҳати аз ҳама бештар диққатҷалбкунанда будани ин ду силсила қасидаҳои шоир дар он аст, ки онҳо бо забони равон, ифодаҳои ширину шинам ва бо истифода аз санъатҳои маънавию лафзӣ ороста шудаанд.

Ниҳоят, аз сохту муҳтавои қасидаҳои форсии тоҷикии Алишер Навоӣ-Фонӣ бармеояд, ки ин суханвари зуллисонайн дар гуфтани шеъри форсии тоҷикӣ дасти тавоно ва ҳунари беҳамто доштааст. Бахусус, андешаҳои ӯ дар бораи оламу одам, ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи ва паҳлуҳои он, давлату давлатдорӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонҳо имрӯз низ беаҳаммият нестанду дархурди замони мо низ мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, Садриддин. Алишер Навоӣ. Куллиёт. Ҷилди II. Китоби якум. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 506 с.
2. Афсаҳзод А. Навоӣ ва адабиёти тоҷик // Пайванди қарнҳо. Маҷӯаи мақолаҳо. - Душанбе: Адиб, 1989. - С.92.-131.
3. Валихуҷаев Б. Эпик поэзияси таърихидан / Б. Валихуҷаев. - Ташкент: Фан, 1974. - 152 с.
4. Фонӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ (Мунтахаб). Мураттиб ва муаллифи сарсухан Алии Муҳаммадӣ (ба хуруфи форсӣ). - Душанбе: Ирфон, 1993. - 320 с.

5. Хуросонӣ А.М. Суханвари зуллисонайн // Меҳру Муштарӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе: Адиб, 2010. - С.185-208.
6. Хуросонӣ А.М. Ҳаҷ ва амали он аз дидгоҳи суханварони форсигӯй // Меҳру муштарӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе: Адиб, 2010. - С. 244-254.

СОХТУ МУҲТАВОИ ҚАСИДАҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКИИ АЛИШЕРИ НАВОӢ (ФОНӢ)

Сардафтари адабиёти классикии ӯзбек Амир Низомуддин Алишери Навоӣ (1441-1501) дар баробари ба забони модарӣ эҷод намудан, бо забони форсии тоҷикӣ бо тахаллуси Фонӣ аз худ «Девони форсӣ» ба мерос гузоштааст. Ин девон беш аз 6000 байт буда, дар он дар баробари ҷой доштани анвои гуногуни шеъри ғиноӣ қасида низ мавқеи вижа дорад. Қасидаҳои шоир дар ин девон айни ҳол аз 10 адад иборат мебошанд ва дар ду силсила: «Ситтаи зарурия» (шаш ҷиҳат) ва «Фусули арбаъа» (Чаҳор фасл) фароҳам омадаанд. Дар мақола муаллиф авзони қасидаҳои Навоӣ-Фониро бароварда, доир ба қофия ва вазн дар онҳо ибрози ақида намуда, мухтасаран муҳтавои онҳоро баён менамояд. Маълум мегардад, ки қасидаҳои форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ ҳам аз нигоҳи сохт ва ҳам аз нигоҳи муҳтаво дар адабиёти мо аз аҳаммият холӣ набуда, минбаъд бояд ҳамаҷониба омӯхтаву таҳқиқ гарданд

Калидвожаҳо: Навоӣ-Фонӣ, қасида, Ситтаи зарурия, Фусули арбаъа, вазн, қофия, радиф, муҳтаво, андешаҳои иҷтимоӣ, забон, ҳусни баён, санъатҳои бадеӣ.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ КАСЫД АЛИШЕРА НАВОИ (ФОНИ)

Основоположник узбекской классической литературы Амир Низомуддин Алишер Навои (1441-1501) наряду с творениями на родном языке, на персидско-таджикском языке оставил в наследство сборник стихов «Персидский диван». Этот диван (сборник стихов) составляет 6000 бейтов (стих, состоящий из двух строк), наряду с тем, что в нём присутствуют разные лирические стихи, касыда также занимает особое место. Касыды поэта в этом диване в настоящее время состоят из 10 единиц и собраны в два ряда: «Ситтаи зарурия» (шесть направлений) и «Фусули арбаъа» (Времена года). В статье автор, показывая положение касыд Алишера Навои (Фони), пишет о правилах ритмики и рифмовки в них и краткое их содержание превращает в бейт. Становится очевидным, что персидско-таджикские касыды Навои-Фони в нашей литературе имеют важное значение и в дальнейшем их изучение и исследование необходимо (5 сатр илова кардан даркор).

Ключевые слова: Навои-Фони, ода, Ситтаи зарурия, Времена года, ритм, рифма, радиф (слово, повторяющее в конце стиха), содержание, социальные мысли, язык, изложение, художественное искусство.

STRUKTURE AND MAINTENANCE OF THE PERSIAN – TAJIK POEMS OF ALISHER NFVOI (FONI)

The founder of the Uzbek classical literature Amir Nizomuddi Alisher Navoi (1441 – 1501) left his creation not in to native language but also info Persion – Tajik language left enheritance his collection of poems «the persion divans». Tis divan (collection of poems) consists of 6000 poems (poems consists of 2 lines), but there is variety lyric poems, also it takes main place. The poems of this divan in present consists of 10 unit and collected ento 2 lines: «Six directions and the seasons». In this article the author showing position poems of Alisher Navoi also about his rhythmic and rhyme of poems and shont about maintenance of poems. It becomes evident that the Persian – Tajik poems of Navoi – Foni in our literature has the main meaning and in furtherets necessary to learn and research them.

Key words: Navoi - Foni, ode, six directions, the seasons, rhythm, radif (words which repeats in the end of the poem), maintenance, social, ideas, language, interpretation, art craft.

Сведения об авторе: ***Додарова Тобон Шерхоновна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-907-05-73**

Information about the author: ***Dodarova Tobon Sherkhonovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Tajik Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Nakhimov 64/14. Tel.: **(+992) 93-907-05-73**

УДК: 891.550:82

ИНЪИКОСИ ПАҲЛУҲОИ ҲАЁТИЮ ВОҚЕИИ МАВЛОНО РУМӢ ДАР АСАРИ “МАКТУБОТ”

Наҷмиддинова У.
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Яке аз асарҳои насриии Мавлоно Румӣ “Мактубот» буда, дар ин асар номаҳои мутафаккир аз ҷониби шогирдон, ёру дӯстонаш ҷамъ гардида ба шакли китоби алоҳида ҷилд шудааст. Бояд қайд кард, ки ҳангоми мутолиаи номаҳои Мавлоно метавонем хусусиятҳои тарбиявӣ, ахлоқию динӣ ва вазъи иҷтимоии замони зиндагии ин донишманди дунёи маърифатро дарк намоем. Ҷиҳати ин мавзӯъ зарур донистем, то чанд номаи Мавлоноро аз асари насрии “Мактубот” мавриди таҳлил қарор диҳем.

“Онро, ки Худои меҳрубон ихтиёр карда ва хилъати сифати карами худ дар ӯ пӯшидаву тоҷи **ва лақад ихтарнаҳум ало илмин алал оламин бар фарқи сари ӯ ниҳода одамаллоҳу фил оламина зилаҳҳу** ӯ бандanавозию кеҳтарпарварӣ накунад чӣ кунад? Сад бор гуноҳ гирифтам халқрову Холиқро, ки ҳар чи он махдум андеша кунад, мунтаҳои андешаи ман аст ва ҳар чи он бифармояду хитоб кунад хулосаи хитобати ман. Ҳақ орзуҳои рӯҳи маро чун хост, ки даво кунад сурати муборакашро мусаввар кард ҳар чӣ орзуи ҷони мо бошад он шакка дар хитобу ишорати махдуми Ҳисомуддин, “**ло золла**

махдуман” ломеъ бошад. Агар он мурод барояд ба зоҳир ва агар барнаояд Баҳоуддинро ва усули ӯро он шарафу иззат бас кунад, ки муовинату шафқати он хотири офтобсифат ёрии ӯ кунад ҳар чӣ шумо фармоянд ҳар кӣ гӯяд, ки Мавлоно нагуфтааст, Чалабӣ мегӯяд: [1, с.140].

Аз ҳар ду кавн гӯшаи хилват гузидаӣ
Берун зи куфру дин раҳи дигар гирифтаӣ
Вон чашмаи ҳаёт, ки дар кӯи дӯст буд
То рӯзи ҳашр мулки Сулаймон гирифтаӣ

*Гар шукр шавам шукри ту натвонам гуф*т
Вар узр шавам узри ту натвонам хонд.

Баъд аз ҳазорон салому шукронамутолиа фармоянд ва орзумандӣ рӯзафзун асту ба дуои саодату хайр машғул мебошам. Он давлат, ки паноҳи толибону муқассирони аср асту мадади мададхоҳ он аст аз камоли марҳамат моломол аст ва бадбардорию тақсирпазирию узри шафоатандешӣ ва он мурувват **ло яъламу иллал лоҳ**азодам мунқатеъ мабод, омин. Ва он ҳазрати акрам, ки дофеъ балийёти охирзамон аст, маҳфузу маҳруз бод, **омин, ё раббал оламин.** Аз ҳиммати шумо шукри шукрҳо дорам узрашро ҳам шумо бихоҳед, **вас саллом** [1, с.19].

Мактуби зикршуда ба яке аз шогирдони мутафаккир Ҳисомиддини Чалабӣ с.в.1284 навишта шудааст. Ин шогирди Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ асари “Маснавии маънавӣ-ро замони таълифаш китобат кардааст ва баъди даргузашти Мавлоно Румӣ яке аз сарварони тариқати мавлавия буда. Шоир аз доштани ин дӯсти фарҳангдӯсту маърифатпеша Худойро шукру сипос мекунад ва мефармояд, ки ҳар он чӣ, ки ман гуфта натавонистам дӯсти шарифу меҳрубон Ҳисомиддин баҳри кушиш ва камоли марҳамати ман сайъ намудааст ва он ҳазрати акрам (Муҳаммад с.а.в.-ро дар назар дорад), ки дофеъу балийёти охирзамон аст, ҳамеша мададгори ӯ бувад ва бошад, ки ҳама вақт маҳрузу маҳфуз аз бадиҳо бошад. Маълум аст, ки Мавлоно дар навиштани мактубҳояш меҳрубонию сидқу сафоро тараннум намуда, ҳар кори Худовандро тариқи сабабу таҳният дар интихоби дӯст ва башорати некию баходарӣ мебинад. Ҳазорон шукрона ва орзумандии рӯзафзунро ба дуои саодату хайр ба Ҳисомиддин дӯст ва шогирди маънавию ирфонияш таманно месозад. Чунин мактубҳо, ки моломол аз лутфу меҳрубонӣ ва фироқу ҷонгудозиҳо аз ёрону дӯстон аст дар мактубҳои дигари мутафаккир зиёд дида мешавад.

Ба андешаи Мавлонои Рум, борӣ таъоло чун хоҳад, ки иноятy лутф ва нусрату давлат ва саодатро бар бандагони хеш муқим ва пайваста гардонад, ӯро тавфиқ ба шукр диҳад, ки агар сад бор талхӣ ба ӯ расад ва як бор ширинӣ, он як ширинро сад бор ба сад иборат ва сад мақом боз гӯяд. Ва он сад талхиро як бор нагӯяд илло талхии фироқи ёрони дин, ки афғон кардан аз фироқи ёрони дин тасбеҳ аст ва Қуръон хондан.

Ҷое дар мактубаш зикр карда: “қадру завқи ёрони дин ҳар кӣ омӯзад аз фарзанди амир одили муқбил Наҷмиддини динпарвар, худотарси **ҳалими карим руҳулумаро муқаррибулмулук васалотиннул мустағнӣ, анис санои ли шуҳратиҳи фиддини вассидқ вассафои валяқин, ҳакқи алим** аст ва гувоҳӣ диҳад, ки он фарзанди азиз чунонки дар ин сафари дуру дароз ғариб будааст, дар шаҳри хеш ва миёни хешон ва таҳаммули хеш ҳам ғариб аст. Худой донад он падар аз огози давлати оламорои шаҳриёри ростин дар чӣ ҳол аст.

Ман андаруни дилу ҷон хавохоҳи давлаташ будам. Аллоҳ таолло ба иллате агарчи мулозими сурат набудам дар он ҳазрате, ки ҳама ҳазратҳо дам ба дам муҳтоҷу мададхоҳ ва дарюзагари он ҳазрат аст. Ва ин арзи дӯстӣ ва ҳавохоҳӣ ба дастуре ва фармони садри рисолат (с) афтод, ки яке аз саҳоба ба хидмати расул нишаста буд, бузурге аз дари масҷид гузар кард, он саҳоба гуфт : Ё расулаллоҳ ман аз дил дӯст медорам ин азизро, ки гузашт. Расул (а) фармуд, ки бирав ӯро эълом деҳ ва агар ҳикмат ва сирри ин ишоратро дар қалам оранд дарозтар шавад. Дар ҳаждаҳ олам ҳар як муҳи, ошиқи чизест. Шарафи ҳар ошиқе ба қадри шарафи маъшуқи ӯст, маъшуқи ҳар кӣ латифтару зарифтар ва шарифҷавҳар, ошиқи ӯ азизтар” [1, с.140].

Аз мактуби боло маълум аст, ки яке аз дӯстони Мавлоно Румӣ Наҷмиддин, писари яке аз амирони шинохтаи давр, ки бисёр шоҳи одил ва саховатманд будааст, мебошад. Мавлоно ӯро чун дӯсти Худованд, ҳалиму саховатманд, давлатманду шуҳратёр, бениёз, сафои сидқи дин ва илму амал тавсиф намудааст. Аз нома айён аст, ки Наҷмиддин чандин сол дур аз диёру салотини падар дар ғарибӣ умр ба сар бурдааст ва дар мактуб ниёзу рози Мавлоно аз номи худу падари Наҷмиддинро, ки аз фироқи ин фарзандаш азоби рӯҳӣ мекашид, зикр ёфтааст. Дар иртибот ба номаи нигорида, Ҷалолиддини Румӣ ҳикояеро ба тариқи тамсил аз рӯзгори ҳазрати расул барои тақвияти андеша илова месозад. Ва менигорад, ки ҳар муҳибе, яъне ҳар ҳабиберо ошиқест, яъне муроди Мавлонои Рум ҳамон меҳру сидқу ихлос ва эҳтироми падари Наҷмиддин-подшоҳи одил аст, ки боис ба меҳру муҳаббат ва ситоиши фарзанди ягонаи ӯ гардидааст ва дар идомаи мактуб Мавлоно аз

навиди омадани писари подшоҳи райиятппарвар, ки дар ин фироқу ҷудоӣ месӯхт, изҳори фараҳмандӣ месозад ва ҷое менигорад, ки: “Мақсад аз ин он аст, ки ҳар боре лутфу раҳмате ва навиде ба ҷаноби мустабдод, шоҳи олам аълол лоҳу раъятаҳу нав ба нав ба самъи падар мерасад, шод мешудам.”

Баъзе номаҳои Мавлоно Румӣ тариқи назм буда, шоир бо мисраъҳои шеърӣ матлаби хешро баён менамояд. Чунончи: “Ёд мекунам Худованди дил, Худованди аҳли дил, қутбул кавнайн Салоҳуддинро мадал лоҳу зиллаҳу, ки шикоят мефармояд аз он модда, ки дар нохунҳои муборакаш мутаммакин шудааст, чандин гоҳ афокал лоҳу таоло фа фи муофоти муофотул муъминина аҷмаин. Воҳид ка алфи аммара аннӣ

Эй сарви равон, боди хазонат марасад
Эй чашми ҷаҳон, чашми бадонат нарасад”.

Аз нома маълум аст, ки яке аз дӯстони Мавлоно Салоҳуддин аз бемории хеш ба Мавлоно арза намудааст ва ин нома ҷавоб ба номаи Салоҳуддин аст.

Ҷойи дигар: нома, ки малики Ягонтегин, раҳаммал лоҳу, ҷаддӣ Хоразмшоҳро ҳазрати Баҳоувалад фиристода буд, ҷиҳати шафоати Қозии Румӣ, ки ҳабсаш карда буданд:

Баъд аз салому дуо ба ҳазрати малике, ки мулкдорияшро саъду наҳси анҷум ба кор наояд, ҳеҷ коре камол нагирад магар накукорӣ. Майл ба ғалаба ва қувват набояд кардан, ки ғалаба дар ҳақиқат дину тақворост, ки “ли язҳара алад дина кулаҳҳу”. Қозии имоми Румӣ юърафу биҳи ба диёнат ва салоҳ ороста аст ва саодат ва муовинат ва бар ӯ тақво боз бастааст, ки “таъовану алол барри ват тақво, вассалому ало ман иттабаъал ҳуддо. Таммат” Ҳамон соат малики Ягонтегин, Қозии имоми Румӣ ташриф фармуда, дилдориҳо кард [3, с.57].

Хулоса, “Мактубот”-и Мавлоно пур аз мавзӯъҳои ҷолиби тарбиявӣ, иҷтимоию динӣ ва шарҳиҳолӣ буда, инъикоскунандаи паҳлуҳои ҳаёти воқеии ин мутафаккири аз лиҳози афкор оламгир аст. Ин китоб айни ҳол дар Истамбул дар китобхонаҳои Туркия маҳфуз аст. Дастхатҳои ин китоб ба шакли алоҳидагӣ дар соли 1356 ҳиҷрии қамарӣ дар Истамбул нашр гардид ва баргардони номаҳои Мавлоно бошад, аз хатти форсии арабӣ ба хатти кирилиасоси тоҷикӣ дар нашрияи эронӣ ба чоп расидааст. Қисмати мактуб ё номаҳои Мавлоно ба фарзандон, хешу табор, ёрону дӯстон, амирону вазирон, малику маликаҳо ва ё ашхоси дигар бахшида шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон мактубҳое низ вуҷуд доранд, ки шояд ба худи Мавлоно аз ҷониби касони дигар навишта шудаанд ё нома набуда, мулоҳизоти сабтшудаи муаллифро оид ба ин ё он мавзӯъ дар бар мегиранд, ё дар чанд маврид такрори ҳамдигаранд. Дар таърихи илму фарҳанги тоҷик бо хатти кириллиасос бори аввал дар соли 2017 ба таври комил ба чоп расидааст. Масъулони нашри тоҷикии «Мактубот» ба он 3 мактуби дар китоби чопи Теҳрон иловашударо низ шомил кардаанд, ки яке аз онҳо мактуби худи Мавлоно дар зикри Салоҳуддини Заркӯб буда, дуюмӣ мактуби падари Мавлоно - Баҳоуддини Валад ё Баҳовалад (1149/1150-1231) ба малик Ягонтекин - бобои Муҳаммади Хоразмшоҳ оид ба шафоати Қозии Румӣ аст. Ҳар ду нома аз тазкираи «Маноқиб-ул орифин»-и Аҳмади Афлокӣ гирифта шудаанд. Номаи сеюмӣ бошад, аз китоби «Русум-ур расоил ва нуҷум-ул фазоил», ки дар яке аз китобхонаҳои Туркия маҳфуз аст, гирифта шуда, аз тарафи яке аз аберагони Мавлоно - Бурҳониддини Чалабӣ ба амирони маҳаллӣ ҷиҳати таъйини Ҳоҷӣ Иброҳим ибни Ахӣ Аҳмад ба вазифаи шайхи хонақоҳе нигорида шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Мактубот. – Душанбе, 2017. - 244 с.
2. Вебер М. Избранное. Образ общества. - М., 1994. - С. 113.
3. Афлокӣ Аҳмад. Маноқиб-ул-орифин. - Теҳрон, 1896. - С. 57.

ИНЪИКОСИ ПАҲЛУҲОИ ҲАЁТИЮ ВОҚЕИИ МАВЛОНО РУМӢ ДАР АСАРИ “МАКТУБОТ”

Яке аз асарҳои насриии Мавлоно Румӣ “Мактубот» буда, дар ин асар номаҳои мутафаккир аз ҷониби шогирдон, ёру дӯстонаш ҷамъ гардида ба шакли китоби алоҳида ҷилд шудааст. Бояд қайд кард, ки ҳангоми мутолиаи номаҳои Мавлоно метавонем хусусиятҳои тарбиявӣ, ахлоқию динӣ ва вазъи иҷтимоии замони зиндагии ин донишманди дунёи маърифатро дарк намоем. Ҷиҳати ин мавзӯъ зарур донистем, то чанд номаи Мавлоноро аз асари насрии “Мактубот” мавриди таҳлил қарор диҳем. “Мактубот”-и Мавлоно пур аз мавзӯъҳои ҷолиби тарбиявӣ, иҷтимоию динӣ ва шарҳи ҳолӣ буда, инъикоскунандаи паҳлуҳои ҳаёти воқеии ин мутафаккири аз лиҳози афкор оламгир аст. Ин китоб айни ҳол дар Истамбул дар китобхонаҳои Туркия маҳфуз аст. Дастхатҳои ин китоб ба шакли алоҳида дар соли 1356 ҳиҷрии қамарӣ дар Истамбул нашр гардид ва баргардони номаҳои Мавлоно бошад аз хатти форсии арабӣ ба хатти кириллиасоси тоҷикӣ дар нашрияи эронӣ ба чоп расидааст. Қисмати мактуб ё номаҳои Мавлоно ба фарзандон, хешу табор, ёрону дӯстон, амирону вазирон, малику маликаҳо ва ё ашхоси дигар бахшида шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон мактубҳое низ вуҷуд доранд, ки шояд ба худи Мавлоно аз ҷониби касони дигар навишта шудаанд ё нома набуда, мулоҳизоти сабтшудаи муаллифро оид ба ин ё он мавзӯъ дар бар мегиранд, ё дар чанд маврид такрори ҳамдигаранд.

Калидвожаҳо: Мавлоно Румӣ, “Мактубот», вазъи иҷтимоии замони зиндагии донишманд, мактубҳои донишманд, мулоҳизоти сабтшудаи муаллиф.

ОТРАЖЕНИЕ ЖИЗНЕННЫХ И ДОСТОВЕРНЫХ СТОРОН ЖИЗНИ МАВЛОНО РУМИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ “ПИСЬМА”

Одним из произаических произведений Мавлоно Руми является “Письма”, где помещены письма великого мыслителя, собранные его близкими друзьями и учениками, изданные отдельной книгой. Следует отметить, что, прочитав письма мыслителя, можно будет составить представление о воспитательной моральной, религиозной специфике, а также социальном положении времён Мавлоно Руми. Исходя из этого, автором статьи подвергаются анализу несколько писем Мавлоно Руми. Письма Мавлоно Руми богаты превлекательными воспитательными, социальными, религиозными комментариями и являются отражением действительных сторон жизни мыслителя и всего мира. В настоящее время это книга существует в Истамбуле в библиотеках Турции. Рукописные экземпляры данной книги в отдельном виде были изданы в Истамбуле в 1356 году мусульманского календарного летоисчесления. Перевод “Писем” Мавлоно с персидско-арабской графики на таджикский язык с графикой кириллицы был печатан в иранских издательствах.Часть писем Мавлоно адресованы детям, родственникам, близким друзьям, владыкам и визирям, царям и царицам или другим лицам. По мнению иследователей, существуют также писма, которые были адресованы самому Мавлоно другими лицами, или же не являтся письмами и содержат размышления автора на какие-либо темы, или в нескольких случаях просто являются повторение других писем.

Ключевые слова: Мавлоно Руми, произведение “Письма”, социальное положение времён Мавлоно Руми, письма мыслителя, религиозные комментарии, размышления автора.

REFLECTION OF LIFE AND RELIABLE PARTIES OF LIFE OF MAVLONO RUMI IN THE WORK “LETTERS”

One of the works by Mavlono Rumi is “Letters”, where letters of the great thinker, collected by his close friends and students are published in a separate book. It should be noted that after reading the letters of the thinker, one can acquire an idea of the educational, moral and religious specificity, as well as the social state of life of Mavlono Rumi's time. Based on this, the author of the article tries to analyze several letters by Mavlono Rumi. Mavlono Rumi’s letters are rich in relevant topics fascinating educational and social, religious circustances and commenting on reflection of the real aspects of the thinker's life and from the point of view of the society, being global. Currently this book exists in Istanbul in the libraries of Turkey. Handwritten copies of this book were published in Istanbul in 1356 of the Muslim calendar year in a separate form. The Translation of Mavlono' s “Letters” from Persian-Arabic graphics into the Tajik language in Cyrillic graphics was printed in Iranian publishing houses. Some of the letters by Mavlono are addressed to children, relatives, close friends, masters and viziers, kings and queens or other persons. According to the opinion of the investigators, there are also letters that were addressed by Mavlono to others, or not being letters, contain outlined thoughts of the author on any topics, or in some cases are simply repetitions.

Key words: Mavlono Rumi, the work “Letters”, the social situation of the times of Mavlono Rumi, letters of the thinker, religious commentaries, thoughts of the author.

Сведения об авторе: ***Наджмиддинова У.*** - Таджикский институт предпринимательства и сервиса, кандидат филологических наук, доцент кафедры культурологии и языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 93-873-74-66**

Information about the author: ***Najmiddinova U.*** - Tajik Institute of Business and Service, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Cultural Science and Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave. 48/5. Tel.: **(+992) 93-873-74-66**

УДК: 8т1

ШАРҲҲОИ АРАБИИ ҚАСИДАИ «БУРДА»-И КАЪБ ИБНИ ЗУҲАЙР

Раҳматова Ш.Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Шарҳнависӣ ба қасидаи «Бурда»- и Каъб ибни Зуҳайр бахши умдаи шурӯҳи қасоиди арабиро ба худ ихтисос додааст. Нахуст бояд қайд намуд, ки Каъб ибни Зуҳайр ибни Абӯсалмо яке аз шоирони баландмартабаи асри VII ба ҳисоб рафта, бо қасидаи «Бурда»-и худ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Қасида бо таъбири «Бонат Суод» оғоз меёбад ва бо ин унвон низ маъруф шудааст. Сабаби машҳур гардидани қасидаи мазкур дар он аст, ки Каъб ибни Зуҳайр баъди Паёмбари исломро (с) ҳаҷв карданаш, барои узрхоҳӣ аз эшон қасидае эҷод мекунад. Баъди он ки Каъб ибни Зуҳайр ин қасидаро назди Паёмбар хонда медиҳад, аз ҷониби ҳазрати Рисолатпаноҳ (с) на танҳо бахшида мешавад, балки соҳиби бурдаи он ҳазрат (с) мегардад. Беҳуда нест, ки қасидаи «Бурда» ҳамчун «шеъри тиллоӣ» ёд гардидааст [7, с.620]. Мақоми баланди ин қасида сабаб гардида, то аз он тазмину ташъир, мухаммас, тасбеъ, тасдир, таъҷиз ва ғ. сурат бибандад. Ба қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр бештар аз сад шарҳи арабӣ навишта шудааст. Ин ҷо маъруфтарини онҳоро бо шаммае аз рӯзгори муаллифон муаррифӣ менамоем.

1. Шарҳи Абӯшома, Абдурраҳмон ибни Исмоили Шофеӣ (ваф. 665/1267). Ӯ аз нахустин шореҳони қасидаи «Бурда» мебошад. Нусхаҳои хаттии шарҳи ӯ дар Китобхонаи миллии Париж ва Китобхонаи Мюнхин мавҷуд аст. Иддае Абӯшомаро нахустин шореҳи қасидаи «Бурда» донистаанд [8, с.692].

2. Шарҳи Ибни Ҳишоми Наҳвӣ (тав. 708/1309 – ваф. 761/1360). Шарҳи ӯ ба қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр соли 756/1355 навишта шудааст. Дар шарҳаш аз оёту аҳодис ва гуфтору зарбулмасалҳо фаровон истифода бурдааст. Ӯ асосан масъалаҳои сарфиву наҳвӣ, луғату адаб, балоғиву арӯзии қасидаро таҳлил кардааст. Ибни Ҳишом шарҳи қасидаро ба ду фасл тақсим намудааст. Фасли якум, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Каъб ибни Зуҳайр ва сабаби таълиф намудани қасидаи «Бурда» мебошад. Фасли дуюм, дар баёни вазну қофия ва масоили сарфию наҳвӣ ва балоғӣ мебошад [4, с.35]. Ибни Ҳишом дар шарҳаш аз манбаъҳои муҳим истифода бурда, ки «ал-Муҳкам»-и Ибни Сайид, «ас-Сиҳоҳ фӣ ал-луғат»-и Ҷавҳарӣ, шарҳи Ибни Анборӣ ва Хатиби Табрезӣ ба қасидаи «Бурда», «ал-Арӯз»-и Ибни Исҳоқ, «Шарҳи ғарибу-л-ҳадис»-и Абдулатифи Бағдодӣ аз муҳимтарини онҳо мебошанд. Қобили тазаккур аст, ки шарҳи қасидаи «Бурда»-и Ибни Ҳишом сарчашма ва манбаи илҳоми шореҳони минбаъдаи қасидаи мазкур қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар шарҳҳои «Мухтасару шарҳу «Бонат Суод» ва эъробуҳо»-и Лахмӣ (ваф. 790/1388), «Кунҳу-л-мурод фӣ баёни «Бонат Суод»-и Ҷалолуддин ас-Суютӣ (ваф. 911/1505), «Ҳошияту ъало шарҳи «Бонат Суод» ли Ибни Ҳишом»-и Аллома Абдулқодири Бағдодӣ (ваф. 1093/1682), «Булуғу-л-мурод ъало «Бонат Суод»-и Шайх Муҳаммад ибни Ҳафновӣ, «Мухтасар мин шарҳи «Бонат Суод»-и Шайх Зайниддин Абдулазиз ибни Халили Хатиб (ваф. дар асри XVII) [4, с.33-34].

3. Шарҳи Ҷамолиддини Лахмӣ, мурод Шайх Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Абдурраҳим ибни Иброҳим Яҳё ибн ал-Маҷди Лахмӣ (тав. 715/1315 – ваф. 790/1388) аст. Аз шореҳони қасидаи «Бурда» буда, шарҳе бо номи «Мухтасару шарҳу «Бонат Суод» ва эъробуҳо» навиштааст [4, с.109]. Ӯ барои шарҳ додани қасида ба устоди худ Ибни Ҳишом пайравӣ кардааст. Мавсуф дар аввал олими наҳвии на он қадар машҳур буд, аммо баъди навиштани «Мухтасару шарҳу «Бонат Суод» ва эъробуҳо» ҳамчун наҳвӣ машҳур гардид. Дар шарҳи қасида бештар ба наҳву луғат ва баъзан ба масъалаҳои адабию балоғӣ аҳаммияти ҷиддӣ додааст. Лахмӣ шарҳро аз эъроби калимот сар карда, сипас баъзеи муфрадоти байтро тафсири луғавӣ кардааст. Лахмӣ дар шарҳ аз андешаву ақволи даҳҳо донишманд, ба мисли Ҳасан Басрӣ, Абӯамр ибни Аъло, Асмаъӣ, Замахшарӣ, Сибавайҳ, Зуҷоҷӣ ва ғ. суд ҷустааст [4, с.121]. Дастхати қасидаи Лахмӣ дар Китобхонаи Асад дар Сурия таҳти шумораи 5482 нигоҳдорӣ мешавад. Ин нусха дорои 38 варақ буда, абёти он бо ранги сурх ва шарҳу эъроби он бо ранги сиёҳ навишта шудааст. Лахмӣ ягона пажӯҳишгаре мебошад, ки тамоми калимоти қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайрро ҳаракатгузорӣ намудааст.

4. Шарҳи Ибни Ҳиҷҷа, манзур Абӯбакр ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ Тақиуддини Ҳамавӣ (тав. 767/1365 – ваф. 837/1433) аст. Мутарҷимон зикр накардаанд, ки Ибни Ҳиҷҷа шарҳе ба қасидаи «Бурда» дорад. Аммо Карл Броккелман ва Фуод Сезгин зимни гузориш дар бораи «Каъбия» ва шарҳҳои он чунин ибрози ақида доранд: «Ибни Ҳиҷҷаи Ҳамавӣ ба қасидаи Каъб шарҳе дорад». Карл Броккелман гуфтааст, ки шарҳи Ибни Ҳиҷҷа таҳти шумораи 7493 дар Берлин маҳфуз аст, Фуод Сезгин шумораи ин нусхаро 7495 навиштааст [11, с.13]. Ибни Ҳиҷҷа дар шарҳи қасида аз гузаштагон баҳра бурдааст. Аммо ба шарҳи Табрезӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, аз ӯ бисёртар нақли матолиб кардааст. Дар таҳқиқи матни қасида ва шарҳи он ба якчанд китобҳо такя намуда, ки муҳимтарини онҳо аз ин қабил аст: «ас-Сирату-н-набавия»-и Ибни Ҳишом, «Равзу-л-анф»-и Суҳайлӣ, «Сирату-н-набавия»-и Ибни Касир, «Ҷамҳарату ашъори-л-араб»-и Қурашӣ, «Шарҳи девон»-и Каъб, ки ба Суккарӣ нисбат дода мешавад, шарҳҳои «Қасидаи «Бурда»-и Табрезӣ, Ибни Анборӣ ва Ибни Ҳишоми Ансорӣ [11, с.16]. Дар мавриди алфоз ва тартиби байтҳои қасида дар сарчашмаҳо ихтилоф ба чашм мерасад. Байтҳое, ки аз мадди назари Ибни Ҳиҷҷа дур мондаанд дар дигар сарчашмаҳо оварда шудаанд.

5. Шарҳи Тилимсонӣ, куняву ному насабаш Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Марзуқи Тилимсонӣ (ваф. 842/1438) аст. Абӯабдуллоҳи Тилимсонӣ яке аз шореҳони маъруфи қасидаи «Бурда» буда, шарҳашро бо унвони «ал-Исттийоб лимо фиҳо мина-л-баён ва-л-эъроб» мусаммо сохтааст. Ӯ қасидаро на танҳо аз чиҳати луғавӣ, балки аз нигоҳи сӯфиён низ шарҳ додааст [8, с.692].

6. Шарҳи Аҳмад ибни Абӯбакр ибни Муҳаммад. Шарҳи ӯ «Нузҳат-ут-толибин ва туҳфат-ур-роғибин» ном дорад. Ӯ қасидаро пурра ба забони арабӣ шарҳ намудааст. Муаллиф дар оғози китоб зикр мекунад, ки шарҳро дар моҳи шаъбони соли 809/1406 таълиф кардааст. Ӯ ҳар байтро дар панҷ бахш маъникушоӣ намудааст:

а) Мабодӣ (муқаддима);
б) Мақсад;
в) Тарҷума;
г) Тақтеъот;
ғ) Эъробот.

Муаллиф танҳо дар бахши сеюм, яъне шеърро ба забони форсӣ тарҷума кардааст. Ин китоб шарҳи олимонаву муфассал аст [6, с.19].

7. Шарҳи Алӣ Садруддин ибни Аҳмад Низомуддин ал-Ҳусайнии Ҳасанӣ. Номи китоб «ал-Ламъату-л-Муҳаммадийа фӣ мадҳи хайри-л-барийа» аст. Таърихи итмоми шарҳи қасида оғози моҳи рабеъуссонии соли 1060-1650 буда, таърихи рӯнависии он моҳи рабеъулаввали соли 1064/1653 ва таърихи итмоми назми қасида, ки ҷавобия ба қасидаи «Бурда» аст, оғози моҳи раҷаби соли 1089/1678 мебошад. Шарҳи мазкур ба забони арабӣ таълиф ёфтааст [6, с.17-18].

Ҳосили баррасии шарҳҳои арабии қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр бар ин назар меоварад, ки сайри таърихӣ ва марҳилаҳои шарҳнависӣ ба қасидаи мазкур дар дарозои ҳазор сол ҷараёни назаррас доштааст.

Дар ибтидои асри Х, яъне дар аҳди Сомониён, ба қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр на он қадар бисёр шарҳ навишта шуда буд. Теъдоди шореҳони ин давра камтар аст. Маъруфтарини онҳо Ибни Дурайд (ваф. 321/933), Абдуллоҳ Нафтавайҳ (ваф. 323/934), Абӯбакр ибни Анборӣ (ваф. 327/938), Ибни Холивайҳ (ваф. 370/980) мебошанд. Дар асрҳои XI-XIII, яъне дар аҳди Ғазнавиён ва Хоразмшоҳиён низ шореҳон ба қасидаи «Бурда» зиёд набуданд. Шореҳоне чун Хатиби Табрезӣ (тав. 421/1030 – ваф. 502/1108), Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Марзуқӣ (ваф. 421/1030), Абулбаракоти Анборӣ (ваф. 577/1181), Исо ибни Абдулазиз ал-Ғазулӣ (ваф. 607/1210), Муваффақуддини Бағдодӣ, маъруф ба Ибни Луббод (ваф. 629/1232) дар ин аҳд зистаанд. Шарҳнависӣ ба қасидаи «Бурда» дар аҳди Темуриён ва Шайбониён низ назаррас аст. Шореҳони маъруфи ин давра инҳоянд: Муҳаммад ибни Алии Ҷурҷонӣ, маъруф ба Сайид Шариф (ваф. 816/1413), Абӯтоҳири Фирӯзободӣ (ваф. 817/1414), Ибни Ҳиҷҷаи Ҳамавӣ (тав. 767/1365 – ваф. 837/1433), Шиҳобуддин ибни Умари Зовулӣ (ваф. 849/1443), Абдулҳодии Мақдисӣ (ваф. 880/1475), Абдулқодири Маҳаллӣ (ваф. 907/1502), Муҳаммад Иброҳим ас-Суютӣ (ваф. 911/1505), Муҳаммад ибн ас-Садиқ Сироҷи Ҳанафӣ (920/1514), Ибни Ҳаҷари Ҳайсамӣ (ваф. 973/1565), Иброҳим ибни Сулаймон, маъруф ба Ибни Сафия (ваф. 973/1565), Муҳаммад Афандӣ ал-Муншӣ (ваф. 974/1566), Алӣ ибни Аҳмади Яманӣ (975/1568) ва ғ.

Аз баррасии суратгирифта метавон чунин хулоса бароварда:

а) Қасидаи «Бурда» яке аз мадҳияҳои дурахшони набавӣ ва қасидаҳои ҷовидона ба ҳисоб меравад;

б) Шарҳҳои фаровоне, ки ба қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр навишта шудааст, мақоми ин қасидаро дар ташаккули шарҳнигории араб ошкор месозад;

в) Шурӯҳи оғозини қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр маншаъ ва сарчашмаи илҳоми шореҳони минбаъдаи осори арабӣ қарор гирифтааст;

г) Бо вуҷуди арзиши баланди илмиву адабӣ, ҳанӯз аксари шарҳҳои қасида нашр наёфтаанд. Бояд бар ин амр таваҷҷуҳ намуд ва нашрҳои илмиву интиқодии онҳоро фароҳам овард.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ, Ҳасан. Фарҳанги фишурдаи сухан.–Теҳрон: Сухан, –Ҷ.2. 1382.
2. Брокелман, Карл. Ториху адаби-л-арабӣ / К.Брокелман. - Қоҳира: Дору-л-маориф, 1119. –Ҷ.1. – 320 с.
3. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома.– Теҳрон: Фирдавсӣ, 1335. –Ҷ.9. – 1655 с.
4. Зиёуддин, Ҳамза Абдусалом ал-Ғул. Шарҳи қасидаи Бонат Суод // Рисолаи магистрӣ. -Ғазза: 2009. - 104 с.
5. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ (Иборат аз 10 ҷилд).–Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382. –Ҷ.6. – 907 с.
6. Муҳаддис, Алӣ. Шарҳи қасидаи «Бурда». – Теҳрон: Маркази интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1361. - 143 с.
7. Муҳаммаднасир, Ибни Ҷаъфар. Осори аҷам. –Теҳрон: Амири Кабир, 1377. – Ҷ. 2. –724 с.
8. Озарнӯш, Озартош. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Бурда. - Ҷ.11. – Теҳрон, 1381. –766 с.
9. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Теҳрон: Фирдавс, 1369. – Ҷ.3. – 690 с.
10. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро; таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
11. Ҳамавӣ, Ибни Ҳиҷҷа. Шарҳи қасидаи «Бонат Суод»-и Каъб ибни Зуҳайр / Таҳқиқи Алӣ Ҳусайн ал-Баввоб. – Риёз: Мактабату-л-маориф, 1406. –70 с.

ШАРҲҲОИ АРАБИИ ҚАСИДАИ «БУРДА»-И КАЪБ ИБНИ ЗУҲАЙР

Дар мақола шарҳҳои арабии қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр ва марҳилаҳои шарҳнависӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид намуда, ки дар ибтидои асри Х, яъне дар аҳди Сомониён, ба қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр чандин шарҳ навишта шуда, ки маъруфтарини онҳо ба қалами Ибни Дурайд, Абдуллоҳи Нафтавайҳ, Абӯбакр ибни Анборӣ, Ибни Холавайҳ мутааллиқ мебошанд. Дар асрҳои XI-XIII низ донишмандон ба шарҳи қасидаи «Бурда» таваҷҷуҳи назаррас доштанд. Шореҳоне, чун Хатиби Табрезӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Марзуқӣ, Абулбаракоти Анборӣ, Исо ибни Абдулазиз ал-Ғазулӣ, Муваффақуддини Бағдодӣ, маъруф ба Ибни Луббод дар ин замина хидматҳои шоиста анҷом додаанд. Шарҳнависӣ ба қасидаи «Бурда» дар асрҳои XIV-XVI хеле рушд ёфтааст. Шореҳони маъруфе, чун Муҳаммад ибни Алии Ҷурҷонӣ, маъруф ба Сайид Шариф, Абӯтоҳири Фирӯзободӣ, Ибни Ҳиҷҷаи Ҳамавӣ, Шиҳобуддин ибни Умари Зовулӣ, Абдулҳодии Мақдисӣ, Абдулқодири Маҳаллӣ, Муҳаммад Иброҳим ас-Суютӣ, Муҳаммад ибн ас-Садиқ Сироҷи Ҳанафӣ, Ибни Ҳаҷари Ҳайсамӣ, Иброҳим ибни Сулаймон, маъруф ба Ибни Сафия, Муҳаммад Афандӣ ал-Муншӣ, Алӣ ибни Аҳмади Яманӣ ва ғ. дар ҳамин давра ба қасидаи мавриди назар шарҳ навиштаанд. Дар анҷоми мақола ба чунин нуктаҳо таъкид гардидааст: а) Шарҳҳои фаровоне, ки ба қасидаи «Бурда»-и Каъб ибни Зуҳайр навишта шудааст, мақоми ин қасидаро дар ташаккули

шарҳнигории араб ошкор месозад; б) Шарҳҳои арабии ин қасида равшан месозад, ки фозилони ин забон дар густаришу наҳзати шарҳнигорӣ саҳми босазо гузоштаанд; в) Шурӯҳи оғозини қасидаи «Бурда»-и Каъб Ибни Зуҳайр маншаъ ва сарчашмаи илҳоми шореҳони минбаъдаи осори адабӣ қарор гирифтааст; г) Бо вуҷуди арзиши баланди илмиву адабӣ, ҳанӯз аксари шарҳҳои қасида нашр наёфтаанд. Бояд бар ин амр таваҷҷуҳ намуд ва нашрҳои илмиву интиқодии онҳоро фароҳам овард.

Калидвожаҳо: қасида, шарҳи арабӣ, Каъб ибни Зуҳайр, Бурда, шарҳнависӣ, Сомониён.

АРАБСКИЕ КОММЕНТАРИИ ОБ ОДЕ «БУРДА» КАЪБ ИБН ЗУХАЙР

В этой статье рассматриваются арабские комментарии и этапы комментариев об оде «Бурда» Каъб ибн Зухайр. Автор подчёркивает, что в начале X века, то есть в эпоху Саманидов было написано несколько комментариев к касыде (оде) «Бурда» Каъб ибн Зухайр, самые известные из них относятся к Ибн Дурайд, Абдуллах Нафтавайх, Абубакр ибн Анбори и Ибн Холивайх. А также в XI-XIII веках учёные обращали внимание на комментарии к касыде «Бурда». Учёные, написавшие комментарии, такие как Хатиб Табрези, Ахмад ибн Мухаммад ал-Марзуки, Абулбаракот Анбори, Исо ибн Абдулазиз ал-Газули, Муваффакуддин Багдади, известен как Ибн Луббод, внесли заметный вклад в это дело. В XIV-XVI веках комментарии к касыде «Бурда» значительно пополнились. В этот период известные учёные писали свои комментарии, такие как Мухаммад ибн Али Джурджони, известен как Сайид Шариф, Абутохир Фирузободи, Ибн Хиджа Хамави, Шихобуддин ибн Умар Зовули, Абдулходи Макдиси, Абулкодир Махалли, Мухаммад Иброхим ас-Суюти, Мухаммад ибн ас-Садик Сиродж Ханафи, Ибн Хаджар Хайсами, Иброхим ибн Сулаймон, известен как Ибн Сафия, Мухаммад Афанди ал-Мунши, Али ибн Ахмад Ямани и другие. В конце статьи делаются следующие выводы: а) многие комментарии, написанные об оде «Бурда» Каъб Ибн Зухайр, показывают большую значимость в развитии написания комментариев в арабской литературе; б) арабские комментарии к касыде показывают, что эти учёные внесли свой вклад в развитие комментариев; в) комментарии к касыде (оде) «Бурда» Каъб ибн Зухайр рассматриваются как источник и ключ для других арабских учёных, писавших комментарии; г) несмотря на высокую научную и литературную ценность, большинство комментариев к касыде до сих пор не публиковались. Необходимо обратить внимание и собрать научные и критические материалы по данной касиде.

Ключевые слова: касида (ода), комментарий, Каъб ибн Зухайр, Бурда, написание комментариев, Саманиды.

COMMENTS ON ODE "BURDA" BY KA'B IBN ZUHAIR IN ARABIC

The comments to qasida (ode) "Burda" by Ka'b ibn Zuhair and stages of his commentaries are considered in this article. The author highlights that at the beginning of X century, i.e. in the period of the Samanids several comments were written on Ka'b ibn Zuhair's "Burda". The most famous among them were Ibn Duraid, Abdullah Naftavaih, Abubakr ibn Anbori and Ibn Holivaih. The scholars paid attention to the comment on the ode of "Burda" in the XI-XIII centuries as well. Those who made commentaries on the ode as Hatibi Tabrizi, Ahmad ibn Muhammad al-Marzuki, Abulbarakoti Anbori, Iso ibn Abdulaziz al-Gazuli, Muvaffaquddin Bagdodi, famous as Ibn Lubbod made worthy contribution. Comments on the "Burda" ode developed sufficiently in XIV-XVI centuries. Well-khown scholars, such as Muhammad ibn Ali Jurjoni, famous as Sayyid Sharif, Abutohir Firuzobodi, Ibn Hijja Hamavi, Shihobuddin ibn Umar Zovuli, Abulhodi Maqdisi, Abulqodir Mahhali, Muhammad Ibrohim as-Suuti, Muhammad ibn as-Sadiq Siroji Hanafi, Ibn Hajari Haisami, Ibrohim ibn Sulaimon, famous as Ibn Safiya, Muhammad Afandi al-Munshi and Ali ibn Ahmadi Yamani wrote their comments on this ode in this period. The following ideas are expressed the conclusion of the article: Many comments written on Ka'b ibn Zuhair's "Burda" indicates the significance of it in the development of comments in Arabic; Comments throw light upon the worthy contribution of the scholars in the development of comment writing; Ka'b ibn Zuhair's comments served as a source and clue for other Arabic comment writers; Despite high scholarly and literary values of the ode most of the comments on it have not still been published. It is necessary to pay attention and collect scientific and critical materials for publishing the ode.

Key words: qasida (ode), comment, Ka'b ibn Zuhair, Burda, commentary, Samanids.

Сведения об авторе: ***Рахматова Шарифахон Шарифовна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 92-721-22-38**

Information about the author: ***Rakhmatova Sharifakhon Sharifovna*** - Khujand State University named after B. Gafurov, claimant for doctoral degree of the department of Tajik language and literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. Tel.: **(+992) 92-721-22-38**

УДК: 821.35.

ҶОЙГОҲИ ИЛМҲОИ БАЁН ВА МАОНӢ ДАР КИТОБИ «МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ»- И ВОҶИДАЛИИ МУҶМАЛӢ

Файзиева Ш.М.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ

Илми маонӣ ва баён аз улуми зарурист, то калом бо фасоҳату балоғат зуҳур намояд. Доир ба фасоҳату балоғат бузургони адаб осори арзишманду касире эҷод намудаанд, ки то ҳол мавриди истифодаи аҳли таҳқиқ қарор доранд. Донишманди соҳибноми тоҷик Абдунабӣ Сатторзода дар китоби худ «Такмилаи бадеии форсии тоҷикӣ» «Матлаъ-ул-улум»-ро дар қатори сарчашмаҳои асосӣ дар назарияи бадеъ қайд намуда, аз осоре, ки ба улуми арабӣ мутааллиқанд, зикр менамояд ва таҳаввулоте, ки дигарон ба улуми сегона – маонӣ, баён ва бадеъ даровардаанд, тазаккур менамояд. Аз «Таърихчаи назариёти адабии

форсии тоҷикӣ» то «Такмилаи бадеии форсии тоҷикӣ» Абдунабӣ Сатторзода назарияи адабии форсии тоҷикиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бояд гуфт, ки Муҷмалӣ боби даҳуми «Матлаъ-ул-улум» - ро ба илми маонӣ бахшида, дар таърифи ин илм мегӯяд: «Илми маонӣ иборат аз чизест, ки шинохта мешавад аз он кайфияти татбиқи мақол ба муқтазои ҳол ва ғояти он сиёнати зеҳн аст аз хато дар татбиқи калом ба ҳасби мақом» [4, с.137]. Қобили зикр аст, ки адабиётшиноси барҷаста Худоӣ Шарифов дар китоби «Каломи бадеъ» ва «Назарияи наср» дар ташреҳи илми бадеъ ва маониву баён аз ин китоб васеъ истифода бурдаанд. Муҷмалӣ зимни баёни маонӣ аз андешаи ниёгон доир ба фасоҳату балоғат ибрози назар намуда, ақидаи уламои арабро тазаккур медиҳад ва мегӯяд, ки эшон миёни илми маониву баён ва бадеъ фарқ нагузоштаанд ва аладдавом мегӯяд: «Аммо ҷамъе аз мутааххирон, мисли Сироҷиддини Саккокӣ ва ғайра илми маонӣ ва баёнро аз санооти балоғат муқаррар кардаанд ва илми бадеъро аз мутаммимоти он. Ва баъзе дигар илми бадеъро аз саноату фасоҳат гирифтаанд ва маониву баёнро аз саноати балоғат» [4, с. 137]. Маълум аст, ки Муҷмалӣ аз «Мифтоҳ-ул-улум»-и Сироҷиддини Саккокӣ бардоште намудааст ва мо низ андешаи ахирро меписандем. Зеро аксари улумои адаб ин назарияро тасдиқ намудаанд. Воҷидалии Муҷмалӣ инчунин дар пайравии «Нафоис-ул-фунун»-и Шамсиддин Маҳмуди Омулӣ асарашро нигоштааст, дар баёни илми маонӣ азбаски таърифи пешиниёнро такрор мекунад, аммо бо муқаддимае дар ин боб илми маониро шарҳ дода, мисолҳоро бештар ба забони форсӣ меорад. Аксари мисоли Омулӣ ба забони арабӣ сурат гирифтааст. Ҳамчунонки Х.Шарифов қайд мекунад, шарҳи илми маонӣ дар китоби «Нафоис-ул-фунун» нисбат ба дигар китобҳо муфассалтар аст [11, с.67]. Муҷмалӣ дар ин боб мухтасар мегӯяд ва қоил аст, ки байни фасоҳату балоғат фарқ аст ва ин мабоҳису андеша дар китоби донишномавии Омулӣ мушоҳида намешавад. Муаллиф моро вориди ин боб хонда, зикр мекунад, ки ҳусни калом ба 2 қисм ҷудо мешавад: зотӣ ва арзӣ. Ва алфози фасеҳу маънои балеғро чунин таъриф мекунад. «Ҳусни зотӣ, - мегӯяд ӯ, - ба алфози фасеҳу маонии балеғ ҳосил шавад… ва ҳусни арзӣ ба латофати тамҳидоту риояти муносиботи саноот дар калом ҷилвагар шавад» [4, с. 139]. Ба андешаи Муҷмалӣ алфози фасеҳ каломе, ки мувофиқи муҳовара ва рӯзмарраи аҳли забон бошад ва ҳоҷат ба қомусу луғат наафтад ва маънои балеғро дар алфозе, ки маънияш бар ҳасби марому муносиби мақом бошад, гуфтааст. Ва аз хатоҳои калом заъфи таълиф, ихлол, танофури калимот, исқоли калом, таъқид, такрори алфоз, тафоли изофот, тазҳиб, мухолифати қиёси луғавӣ, мубтазил ва ғаробатро ташреҳ дода, бо мисолҳо тақвият мебахшад. Зимни шарҳ аз байтҳои шоирони зерин истифода бурдааст: Рӯдакӣ, Шайх Алии Ҳазин, Саъдӣ, Ҷомӣ ва баъзе байтҳое меорад, ки муаллифаш номаълум аст. Муаллиф ба ашъори шоирон эрод гирифта, масалан, дар шарҳи таъқиди маънавӣ байти Ҷомиро меорад:

Ба як ҷайбаш дубора сар насуда,
Ҷу моҳ ҳар рӯз аз бурҷе намуда.

Муҷмалӣ меорад: «Дар мисраи дувум таъқиди маънавист, чи моҳ ҳар рӯз аз як бурҷ тулӯъ намешавад, балки аз манозили бистуҳаштгона, ки тафсили он дар илми нуҷум навиштаам. Ҳар рӯз як аз манзил зоҳир мешавад. Агар ба ҷойи лафзи «бурҷ» лафзи манзил меовард, таъқиди маънавӣ намешуд» [4, с. 139]. Ба андешаи мо азбаски дастур ва асарҳои донишномавӣ ахбори кӯтоҳу дақиқро медиҳанд, дар «Матлаъ-ул-улум» низ бо забони фасеҳ хеле муҷаз ва фаҳмо маълумот оварда мешавад. Инчунин, вобаста ба дарки фаҳмиши мутааллимон маълумотро мухтасар мекунад. Муҷмалӣ дуруст мегӯяд, ки «дар илми маонӣ баҳс аз калом аст». Дар ин маврид Омулӣ печида, аммо Муҷмалӣ кӯтоҳу осон шарҳ медиҳад.

Илми бадеъ аз бахшҳои илми фасоҳат буда, ба қавли Муҷмалӣ «илми бадеъ иборат аст аз маърифати қавонине, ки аз он фасоҳати тарокиби калом маълум кунанд, то бад-он муҳтариз бошанд аз хато дар татбиқи калом ба муқтазои ҳол ва табйини муроду тазйини алфоз ба эроди саноеъ ва бадоеъ» [4, с. 145]. Яъне илми бадеъ донистани қонунҳое, ки аз он фасоҳати таркиби калом маълум кунанд, то аз хато барҳазар бошанд ва баёни калому ҳусни он аз санъатҳои бадеӣ зинат гирад. Ин ҷо Муҷмалӣ каломро ба назму наср тақсим намуда, насрро аз се қисм иборат медонад: мураҷҷаз, мусаҷҷаъ ва орӣ. Ва ҳар якеро таъриф дода, назмро ба 10 қисм ҳисса менамояд: ғазал, қасида, ташбиб, қитъа, рубоӣ, фард, маснавӣ, тарҷеъбанд, мусаммат, мустазод. Дар таърифи ғазал шарҳи муфассал оварда, аз Ҳофиз мисол меорад. Матлаи ғазал ин аст:

Офтоб аз рӯйи ӯ шуд дар ҳиҷоб,
Сояро бошад ҳиҷоб аз офтоб [4, с. 145].

Муҷмалӣ дар таърифи қисмҳои назм гуфтаи пешиниёнро такрор кунад ҳам, лекин аз «Нафоис-ул-фунун»- и Омулӣ фарқ он аст, ки аксари мисолҳои Омулӣ бо забони арабӣ буда, муфассалу мураккаб баён мешавад. Аммо Муҷмалӣ муҷазу фаҳмо маълумот медиҳад, ки дар поён бо мисолҳо мушаххас хоҳем кард. Инчунин, Муҷмалӣ мисолҳоро аз Ҳофиз ва Фоиқ оварда, аксари маврид муаллифи байтҳоро маълум накардааст. Муҷмалӣ

дар чанд ҷо ҳамчун шореҳ байтҳоро маънидод мекунад. Масалан, дар санъати тарсеъ маа-т-таҷнис байтеро барои мисол меорад ва чунин шарҳ медиҳад:

Ман ниёз орам ар ту ноз орӣ,
Ман наёзорам ар ту н-озорӣ.

«Маънии мисраи аввал ин аст, ки ман ниёз орам, яъне ниёз кунам, агар ту ноз кунӣ бо ман. Ва маънии мисраи дувум ин аст, ки ман туро озор надиҳам, агар ту маро озор надиҳӣ ва наёзорам» [4, с.147]. Муҷмалӣ дар шарҳи таҷнис 7 қисм аз ин санъатро меоварад: таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мукаррар, таҷниси мутарраф, таҷниси хат.

Муҷмалӣ дар ташреҳи санъатҳои лафзӣ 22-тои онро номбар мекунад, ки инҳоянд: тарсеъ, таҷнис, илтизом, тавшеҳ, талмеҳ, тазмин, зуқофиятайн, мураббаъ, тасҳиф, табйин, зубаҳрайн, мақлуби муставӣ, манқута, ғайриманқута, мунфасилулҳуруф, муттасилулҳуруф, зуллисонайн, риқто, восеъутшафатайн, васлулшафатайн, фавқун-нуқот, таҳту-т-нуқот. Бояд қайд намуд, ки Омулӣ 25 фасоҳати лафзиро номбар мекунад, ки баъзе номҳои санъатҳо бо дигар ном ин ҷо зикр шудаанд: таҷнис, иштиқоқ, тарсеъ, тарсеъ бо ҷанис, тасҷеъ, қалб, раддулаҷз алассадр, эътоб, тазмини муздавоҷ, тавшеҳ, тарбеъ, тасмит, талмеъ, тақтеъ, тавсил, ҳазф, тарқит, тахйиф, тасҳиф, тазалзул, мураддаф, ташреъ (зуқофиятайн), тарҷеъ, акс, такрор. Аммо бояд илова намуд, ки Омулӣ бисёр байтҳоро бо забони арабӣ меорад ва инчунин аз ашъори худ низ намунаҳоеро тазаккур медиҳад. Дар бораи санъатҳои маънавӣ низ Омулӣ муфассал ахбор дода, аз 35 намуди ин санъат суҳан мекунад ва муҳтавою моҳияти онҳоро шарҳу тафсир медиҳад. Муҷмалӣ дар ҷараёни таърифи санъатҳо ба унвони абёти шоҳид бештар сурудаҳои Ҳофизро меорад, ки чанд намунае аз он дар боло зикр шуд.

Муҷмалӣ дар таърифи санъатҳои лафзӣ мухтасар ҳарф зада, бо овардани як ё ду мисол иктифо намудааст. Баъдан ба бадоеъи маънавӣ мепардозад ва онро аз «маҳосини он дар маънӣ» меҳисобад. Муҷмалӣ 11 санъатҳои маънавиро оварда, аксари байтро шарҳ медиҳад. Мисол, дар шарҳи иғроқ меоварад:

Гар чарад дар чамани ҳусни ту занбӯри асал,
Чӣ аҷаб гар зи гули шамъ бигиред гулоби [4, с.150].

«Маънии шеър он аст, ки агар занбӯри асал дар чамани ҳусни ту чарида шон асал тайёр кунанд, муме, ки аз он шон асал барояд, аз он мум шамъ тайёр карда, рӯшан кунанд. Ҳар гоҳ дар он шамъ гул баста шавад, аз он гул агар гулоб кашанд, аҷаб набошад» [4, с.150].

Таърифе, ки Муҷмалӣ ба илми бадеъ додааст, ба таърифи Шамсиддин Маҳмуди Омулӣ монанд аст. Омулӣ дар фасли илми бадеъ муқаддима мекунад, ки ҳамин маъноро Муҷмалӣ дар баёни маонӣ зикр менамояд. Дар фасоҳати маънавӣ аввал мутобиқаро меорад. Омулӣ дар шарҳи мисолҳо аз абёти хеш низ мисол меорад. Мисол. «В-ин заиф гӯяд:

Аз оташи савдои ту гар хок шавам,
Обам надиҳӣ, валек барбод диҳӣ» [7, с. 104].

Тавре ки таъкид шуд, ҳанӯз дар асри XIV асари донишномавии «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн»- и Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ иншо шуда, ки дар пайравии он «Матлаъ-ул-улум» таълиф шудааст. Вай улуми адабиро аз 15 фан иборат донистааст. Инҳо: 1-илми хат, 2- луғат, 3- тасриф, 4- иштиқоқ, 5-илми наҳв, 6- илми маонӣ, 7- баён, 8- бадеъ, 9- арӯз, 10- қавофӣ, 11- такриз, 12- амсол, 13- давовин, 14- илми иншо, 15- истифо. Муҷмалӣ илми давовин, такриз ва амсолро алоҳида наоварда бошад ҳам, дар таркиби якдигар ҷой додааст. Омулӣ оёти Қуръонӣ, ақволи паёмбар ва асҳоби эшонро, ки дар ҳукми масал мустафиданд, дар баёни илми амсол меорад. Дар боби дувуми асари Муҷмалӣ зарбулмасалҳо бо тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба забони фасеҳи тоҷикӣ баён гаштаанд. Ё ки дар бахши илми давовин дар фасли алоҳида ашъори латифи шоирон ҷой дода шуда бошад, Муҷмалӣ дар боби иншо фасли сездаҳумро бо унвони «Дар ашъори устодон» ихтисос дода, васфи тану андоми ёрро дар абёти шоирон мисол овардааст. Инчунин Омулӣ васфи макорими ахлоқро ин ҷо фароҳам карда, ки дар Муҷмалӣ дар боби илми ахлоқ ҷойгузин аст. Яъне, маълум мегардад, ки ҳар яке аз ин муаллифон аз рӯйи идроку фаҳми хеш бобҳоро тасниф намуда, улуми адабиро муаррифӣ намудаанд. Муҷмалӣ дар боби иншо илми хатро низ ҷой додааст. Такризро дар боби маонӣ ва баён тавзеҳ медиҳад. Дар боби мазкур Муҷмалӣ киноёт ва мусталеҳоти форсиро шарҳ медиҳад ва луғотро бо 3 забон - форсӣ, арабӣ, ҳиндӣ шарҳ додааст, ки ин муҳассанотро дар «Нафоис» дида наметавонем. Аз ҷумла, «одарафш ба фатҳи доли муҳмала ва сукуни фо сӯзане, ки бад – он дар чарм сӯрох кунанд ва ба ҳиндӣ сутолӣ номанд [4, с.118]. Дар фарҷоми луғот тазаккур медиҳад, ки аз кутуби "Ғиёс-ул-луғот", "Нафс-ун-нафоис", "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ" ва "Бурҳони қотеъ" истифода бурдааст. Инчунин ташбеҳоте, ки ӯ меорад, дар ҳамин боб ҷой дорад. Зеро дар мавриди номанависӣ аз киноёт ва мусталеҳоти форсӣ, ташбеҳот истифода бурданро тавсия медиҳад. Мисол, Муҷмалӣ менависад: «Оби

оташзайл ва оби оташзой ва оби оташин ва оташиноб ва оби оташзад ва оби оташнамой ва оби офаросо ва оби арғувонӣ ва оби гулрангу оби оташи абла – киноя аз либоси хушранг ва ашки гулгун бошад. Оби бодаранг киноя – аз ашки хунист, об дар ҷигар надоштан – киноя аз муфлисӣ аст. Об дар ҷигар доштан иборат аз тавонгарист» [4, с.112].

Ин ҷо муфассалтар дар мавриди фаслҳои 11, 12 ва 13-уми боби иншо, ки аз фаслҳои муҳимманд, таваққуф менамоем. Муҷмалӣ дар фасли 11 оид ба мӯйи сар, фарқи маъшуқ, зулфу кокул, қомат, рух, хол, ҷабин, чини ҷабин, чашм, мижгон, гардан, хат, даҳон, дандон, лаб, бинӣ, ханда, занахдон, ғабғаб, бару дӯш, соид, панҷа, кафи даст, хатҳои кафи даст, нохуни тарошида ва ғайритарошида, лутф, хулқ, қаҳру ғазаби маъшуқро дар ҳудуди 189 ташбеҳ оварда, ки аз ҳама бештар ташбеҳи рух аст. Дар ифодаи чеҳра 16 ташбеҳро ба тариқи зайл овардааст: «Рухи маъшуқонро бо моҳу офтобу шамъу чароғу Каъба ва Мусҳафу шуъла ва машъалу шуълаи Тур ва лолаи арғувон ва субҳу гулистон, гулшан, гулзору чаман ва биҳишт ташбеҳ диҳанд» [4, с. 123].

Фасли 12 дар тасҳеҳи алфози саҳеҳ бо замми ғалат дар ҷадвал нишон додааст. Ҳамин тариқ, Муҷмалӣ 141 калимаи саҳеҳро нишон додааст. Баъзе алфозро маъруф шуморидааст. Ба монанди ҷомадон, абрешим, шаби қадр ва ғайра. Аз ҳиссаҳои нутқ исм, сифат, шумора, зарф, пешоянд мисол оварда шудаанд. Масалан, шумораҳоро дар шакли «дуюм», «сеюм», «шонздаҳум» хато ҳисобида, «дувум», «савум», «шоздаҳум»-ро саҳеҳ мешуморад. Ё ин ки зарфи «шабонарӯз» бояд ба шакли «шаборӯз», исми «Шустар» ба шакли «Шуштар» навишта шавад ва ғайра. Дар канори калимаҳои форсӣ шакли ҳиндии баъзе калимаҳо омадаанд. Фасли 13-и ин боб ҷолиб буда, ашъори устодон дар васфи сару пойи маъшуқ, ҳиҷрон ва ахлоқи ҳамида оварда шудааст. Муаллиф дар ин фасл аз ашъори Боқиралихони Мумтоз, Мавлоно Ҷомӣ, Шайх Алӣ Ҳазин, Мирзо Ҷалили Асир, Саъдӣ, Рисо, Авҳадӣ, Муҳаммад Боқир, Калим, Зуҳурӣ, Мир Шамсиддин, Файзӣ, Қосимбек, Валӣ, Назирӣ, Мир Абдулҳасан, Абдурраззоқ, Мирҳодии Яздиҷурдӣ, Ҳашмат, Қудрати Шерозӣ, Мирзо Бедил, Соиб, Аҳлии Шерозӣ, Завқӣ, Ҳасанхони Шомлу, Мирзо Ашрафи Ҷаҳон, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Қосими Анвор, Камоли Хуҷандӣ, Маҳвӣ, Мавлоно Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Низомӣ мисолҳо овардааст. Бо тавақҷуҳ ба абёти шоҳид мо муайян намудем, ки муаллиф аз 33 шоир абёт баргузидааст. Аз онҳо 26 нафарашон аз шоирони Шибҳи қора маҳсуб меёбанд ва тавақҷуҳи Муҷмалӣ ба эҷодиёти Ҷомиву Мумтоз ва Саъдӣ бештар ва чунонки мушоҳида шуд, аз Мумтоз 64 байт аз Ҷомӣ 33 байт ва аз Саъдӣ 17 байт гузидааст. Аз дигарон ба 1, 2 ва 3 байт иктифо намудааст. Инчунин, байтҳое меорад, ки муаллифашон номаълуманд ва бо ифодаи «дигар касе гуфта» ва «ло аъламу» зикр менамояд. Инчунин, худи муаллиф дар баёни сӯзу гудоз ғазале оварда, ки аз 9 байт иборат аст ва оид ба ашъори муаллиф дар фасли дигар таваққуф намудаем.

Байтҳое, ки Муҷмалӣ баргузидааст, мисраъҳои ҷолибу маъниҳои наву балеғро дорост. Аз қабили:

Аз Қосимбек:

Мо агар мактуб нанвисем, айби мо макун,
Дар миёни рози муштоқон қалам номаҳрам аст [4, с. 128].

Ҷойи дигар аз муаллифи номаълуме меорад:

Шарҳи шавқат менавиштам, дидаи хунбор гуфт,
Ҷойи сурхиҳош бигзорӣ, ки мехоҳам навишт [4, с. 128].

Чунин бахшҳо дар аксар донишномаҳои пешин вонамехӯранд. Масалан, дар «Нафоис-ул-фунун»-и Омулӣ дар боби иншо танҳо намунаи номаҳо нигошта шуда, дар фанни давовин намунаи ашъори латиф бо абёти арабӣ оварда шудаанд. Албатта, анъанаи адабие, ки дар боло мазкур шуд, дар «Матлаъ-ул-улум» нав нест. Чунки ҳанӯз дар асри XIV аз ҷониби Шарафуддин Ромии Табрезӣ китобе бо номи «Анис-ул-ушшоқ» вуҷуд дошт, ки порчаҳои шеърии шоиронро дар бораи мӯй, чашм, абрӯ, хат, лаб, дандон ва ғайра дар бар мегирифт. Чунин анъанаи адабӣ минбаъд дар донишномаҳо низ идома ёфт. Аз муҳассаноти ин боб ва ашъори баргузидаи Муҷмалӣ метавон чунин дастабандӣ кард:

1. Ашъори баргузидаи шоирон барои муайян намудани таърихи адабиёт, таҳаввули жанрҳои адабӣ, масъалаҳои назарияи адабӣ ҳамчун сарчашмаи муҳим хизмат менамоянд.
2. Аз таърихи забон ва аз таҳаввули забон иттилоъ медиҳанд.
3. Муаллиф ба ихтиёри номанавис барои ба ҳадди зебоӣ ва лутф нигошта шудани мактуб ташбеҳоти мухталифро пешниҳод менамояд.
4. Луғоти сезабонаро меорад, ки барои сатҳи забондонии мубтадиён хизмат мекунад.
5. Аз нусхаҳои девонҳои мавҷудбудаи шоирони он давр огоҳ мешавем.
6. Бо намунаи ашъори шоирони Шибҳи қора шинос мегардем.
7. Аз тавақҷуҳи шоир ба осори шоирони он давр шаҳодат медиҳад.
8. Аз киноёт ва истилоҳоте, ки он замон дар Шибҳи қора мустаъмалу роиҷ буд, маълумот мегирем.

Дар маҷмӯъ, аз баҳсу баррасии масоили мавриди назар бармеояд, ки Воҷидалии Муҷмалӣ дар заминаи таълифи асари хеш, пеш аз ҳама, ба нусахи хаттӣ ва чопии осори суханварони фаровоне дастрасӣ доштааст ва ин амр ба вай имкон дода, дар мавориди зарурӣ аз намунаҳои ашъор ва каломи шоирони мухталиф барои таълифоти хеш фаровон истифода барад. Истиноди ашъор дар асари Муҷмалӣ ба ҳукми санад барои тасбити афкор ва ҳам нишон додани намунаҳои шеърӣ дар ҷараёни корбурди шеваи тазкиранависӣ мавриди истифода қарор гирифта, ки ин амр низ дар самти бозтоби хусусиёти тазкира ва ғановатмандии китоб аз намунаҳои шеърӣ нақши муассир дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс Е. Э. История литературы и культуры Ирана / Е.Э.Бертельс. – Москва, Наука, 1988.–558 с.
2. Бечка, Иржи. Таджикская литература с XVI до начала XX вв. Клима О., Рипка Я., Бечка И. История персидской и таджикской литературы / Иржи Бечка. - Москва: Прогресс, 1970.
3. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литературы / И.С.Брагинский. - М: Наука, 1972.
4. Муҷмалӣ, Воҷидалихон. Матлаъ-ул-улум фӣ маҷмаъ-ул-фунун. – Конпур: Нувал Кишур, 1902. -440 с.
5. Назари Муҳаммадҳоҷа. Баҳси анвои шеър дар «Бадоеъ-ул-афкор»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - 2015. - №4/3(167).- С. 108-113.
6. Николсон Р. Маснавии маънавӣ. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад Балхии Мавлавӣ/ Р.Николсон. - Теҳрон, 1372, 1092 с.
7. Омулӣ, Шамсиддин Муҳаммад бинни Маҳмуд. Нафоис-ун-фунун фӣ ароис-ун-уюн; бо тасҳеҳи оқои Ҳоҷӣ Мирзо Абулҳасани Шеъронӣ. - Теҳрон, 1381ҳ. қ.1, -595 с.
8. Сатторзода, Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ. - Душанбе: Адиб, 2011. -379 с.
9. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. Мураттиб Ҷ. Шанбезода. –Душанбе, 1983. -669 с.
10. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. - Душанбе, 2002. - 276 с.
11. 11.Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе, 1981. 160 саҳ.
12. Шарифов Х. Назарияи наср / Х. Шарифов. - Душанбе, 2004. -319 с.

ҶОЙГОҲИ ИЛМҲОИ БАЁН ВА МАОНӢ ДАР КИТОБИ «МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ»- И ВОҶИДАЛИИ МУҶМАЛӢ

Дар мақолаи мазкур афкори назариявии Воҷидалии Муҷмалӣ доир ба илми маонӣ ва баён матраҳ гардида, муҳассаноти кори ӯ таъкид гардидааст. Инчунин, зимни баррасии мавзӯъ аз донишномаи дигар, минҷумла аз «Нафоис-ул-фунун»-и Маҳмуди Омулӣ мисолҳо оварда шуда, бо сарчашма мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Қобили зикр аст, ки муаллифи асар дар таснифоти улуми адабӣ нуқтаи назари худро дошта, навоварӣ ворид намудааст.

Калидвожаҳо: улуми адабӣ, маонӣ, баён, бадеъ, балоғат, фасоҳат, санъатҳои лафзӣ, санъатҳои маънавӣ.

МЕСТО ПОЭТИЧЕСКОЙ РЕЧИ И РИТОРИКИ В КНИГЕ «МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ» ВОДЖИДАЛИ МУДЖМАЛИ

В статье рассматривается вопрос о теоретических взглядах Воджидали Муджмали в соответствии с планом содержания и планом выражения поэтической речи, а также приводятся лучшие моменты его творчества. Во время исследования проблемы в сравнении с источником использовалась другая энциклопедия, такая как «Нафоис уль-фунун» Махмуда Омули. Упоминается, что автор имел свою точку зрения в классификации литературных наук и внес существенный вклад в их развитие.

Ключевые слова: литературная наука, поэтическая речь, риторика, художественность, красноречие, связность речи, устное творчество,

THE PLACE OF POETIC SPEECH AND RHETORICS IN THE BOOK "MATLA-UL-ULUM" VODGIDALI MUJMALI

The article deals with the issue of Vojidalii Mujmali’s theoritical views according to the plan of content and plan of expression in poetic speech and the best points of his work are given. During the researching of problem the other encyclopedia such as “Nafois-ul-funun” by Mahmudi Omuli was used in the comparison with the source. It is mentioned that the author had his own point of view in classification of literary sciences and made significient contribution on them.

Key words: literary sciences, plan of content, plan of expression.

Сведения об авторе*: Файзиева Шафоатджон Мама–закировна* – Политехнический институт Таджикско-технический университет им. М.С.Осими, старший преподователь кафедры государственного языка и обществоведения, соискатель ХГУ им. Б.Гафурова. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Худжанд, улица Бехзода 4. E-mail: **fayzieva72bk.ru.** Тел.: **(+992) 927-93-99-60**

Information about the author: ***Fayzieva Shafoatdzhon Mama – zakirovna*** - Polytechnic Institute Tajik-Technical University named after MS Osimi, Senior Lecturer of the Department of State Language and Social Sciences, Applicant for KSU named after B. Gafurov. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Khujand, Behzod Street 4. E-mail: **fayzieva72bk.ru**. Tel: **(+992) 927-93-99-60**

УДК: 891.550+891.55

ШИБЛИИ НУЪМОНӢ – ШОИРИ ФОРСИГӮ

Ҳамроқулова З.У.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккул ва такомули ҳар як адабиёт омӯзишу баҳрабардорӣ аз адабиёти халқҳои дигар ва робитаи байниҳамдигарии адабиёти халқҳои ҳамҷавор мебошад. Осори бо забони тоҷикӣ офаридаи ниёкони мо ҳамзамон мероси муштараки мардумонест, ки дар кишварҳои мухталиф бо забони форсии тоҷикӣ сухан мегӯянд. Ҳамзистию ҳамкории мардуми форситабор бо кишвари Ҳинд ҳанӯз аз даврaҳои хеле пеш оғоз гардида то имрӯз идома дорад, ки дар саҳифоти фарҳангии он садҳо адибони форсигӯ ва муҳаққиқони каломи бадеъ арзи ҳастӣ намудаанд.

Аллома Шиблии Нуъмонӣ аз зумраи адибону донишмандони барҷастаи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX мебошад ва бо осори пурмуҳтавою гуногунҷабҳааш, на танҳо дар мамлакатҳои Осиё, балки дар Аврупо низ шуҳрати беандоза дорад. Ӯ шахсияте буд бо дониши ниҳоят фаровон ва аз таърихи фарҳангу адабиёт, фалсафа ва тамаддуни исломӣ огоҳ, ки ҳамзамононаш ҳамчун Аллома, Мавлоно ва Шамсулуламо бо эҳтироми беандоза ном мегирифтанд. Вале айни замон мо мехостем самти дигари фаъолияти ӯро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, роҷеъ ба истеъдоди шоирии ӯ сухане чанд гуфта бошем.

Бояд қайд намуд, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар сарзамини Ҳинд мавқеи забони форсӣ ҳамчун забони расмӣ суст гашта, бо кӯшиши мустамликадорони англис мавқеи забони англисӣ таҳким меёфт. Вале бо вуҷуди он адибоне, ки забони модариашон урду, ҳиндӣ, панҷобӣ, кашмирӣ, синдҳӣ ва банғолӣ буд, бо забони форсӣ низ эҷод намудани осори манзумро идома медоданд [5, с. 39]. Дар байни адибону донишмандони форсигӯйи музофоти Аъзамгарҳ (штати Уттар-Прадеш) Шиблии Нуъмонӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Аллома Шиблӣ ба забони форсӣ ва шуарои форсизабон муҳаббати беандоза ва эҳтироми самимӣ дошт, аз ин рӯ, тамоми андешаҳои бикру тозаи худро дар ашъори оливу дилпазираш тасвир намудааст. Тавре ки донишманди тоҷик Абдуллоҷон Ғаффоров изҳор менамояд: “Вай дар сурудани шеърҳои форсӣ қобилияти хуб дорад” [5, с.46] ва “махсусан дар форсӣ соҳибдевон” [7, с.16] будани ӯро мутарҷими форсии “Шеър-ул-Аҷам” Сайидмуҳаммад Фахри Доии Гелонӣ низ қайд намудааст. Худи аллома Шиблӣ дар яке аз шеърҳояш маҳорати шоириящро эътироф намуда мегӯяд:

Шиблӣ имрӯз бувад булбули бӯстони сухан,
Ки аз ӯ гулкадаи Ҳинд пур аз савту навост [5, с.46].

Шеърҳои аввалини Шиблии Нуъмонӣ, ки бо тахаллуси Тасним эҷод намудааст, мазмуни шарҳиҳолӣ дошта, дар бораи зиндагии номусоид, айёми ношоду хотири парешонаш ҳикоят мекунанд. Шиблӣ он лаҳзаҳои рӯзгорашро дар яке аз шеърҳояш чунин тасвир намудааст:

Нигоҳе бар мани мискин Худоро,
Ки гоҳе шоҳ бинвозад гадоро.
Фиғон к-аз баҳри тобу сабру ором,
Ғамат нагзошт, дар дил ҳеҷ ҷоро.
На ёд орӣ гаҳе аз хастаи хеш,
Фаромӯш сохтӣ ҳарфи вафоро.
Суханро раҳ набошад дар даҳонат,
Зи тангӣ ҳамчу дар ғунча саборо.
Куҷо дар боргоҳаш бор бахшанд,
Ту Тасними ғариби бенаворо (5,с. 122).

Ё дар ҷойи дигар изҳор менамояд:

... Дар бекасӣ акнун ҳаме хуш кардаам кунҷи ғаме,
Не мӯнисе, не ҳамдаме, то рози дил гӯям ҳаме.
Оваҳ, ки сӯзи мотаме нагзошт дар чашмам наме,
Захми диламро марҳаме набвад дар ин байтулҳазан...[5, с39-40].

Дар айёми таҳсилу омӯзиш устоди ҳикмату риёзии аллома, ки мафтуни истеъдоди фавқулодааш гашта буд, ҳангоми машғулият ҳамеша ба ӯ «…анта шиблӣ, яъне шербачча» гӯён хитоб мекард. Ва баъдан Шиблӣ онро барои худ тахаллуси адабӣ интихоб менамояд. Шиблии Нуъмонӣ донандаи варзидаи забонҳои туркӣ, форсӣ ва арабӣ будааст, ки ин маҳорату қобилияти ӯ дар эҷоди шеър бо ин забонҳо низ хеле назаррас аст. Ба ин маънӣ худи аллома ишора карда мегӯяд:

Ба ҳар майдон намудам турктозӣ.
Бихондам номаи туркию тозӣ.
Гаҳе аз «Лавҳ»- и Розӣ хондаам ҳарф,

Гаҳе аз ҳарфи тозӣ бастаам тарф.
Гаҳе андар мақоми лаҳни Шероз
Шудам бо Аҳлию Саъдӣ ҳамовоз.
Гаҳе дар базмгоҳи нағмасозӣ
Сухан рондам ба оҳанги ҳиҷозӣ.
Ҳасудо, он фурӯзон гавҳарам ман,
Ки шамъи ман ба ҳар базмест, равшан [5, с.39].

Сайидмуҳаммад Тақии Фахри Доии Гелонӣ ҳангоми дар Ҳиндустон зистанаш ба дидори ин марди наҷиб шарафёб мегардад ва дар бораи хислатҳои ҳамидаи инсониву шеърдӯстии ӯ ёдовар гашта, чунин менигорад: «Бо ҳамаи улувви мақом, беҳад мутавозеъ, бетакаллуф, вораста ва беолоиш буд... Дар зарофати табъ, базлагӯйӣ, ҳусни мазҳар, лутфи баён назир надошт. Шеърро зиёд дӯст медошт. Шеъри хуб дар вуҷуди ӯ аз ҳар чизе бештар таъсир мебахшид» [7, с.27] Боре ҳангоми суҳбат, вақте ки аз ашъори Хоҷа Ҳофиз порае мехонад, саропо ба ваҷд омада бо табассум изҳор менамояд: “Агар Эронро ба ман бидиҳанд, он қадар кайф намекардам, ба қадре ки аз ин се шеър лаззат бурда, кайф мекунам” [7, с.27]. Ин ҳама баёнгари эътиқоду эҳтироми ин донишманди бузург нисбат ба шеър, алалхусус, шеъри форсии тоҷикӣ мебошад.

Шиблии Нуъмонӣ ба мисли аксар шоирони форсизабони Ҳинд бештар ба ашъори Хоҷа Ҳофиз таваҷҷуҳи хосса дошт ва дар ин бора чунин мегӯяд:

Гар худовандӣ ҳавас дорӣ дар иқлими сухан,
Бандагии Ҳофизи Шероз мебоист кард [5, с.47].

Шиблӣ дар ҷавоби ғазали машҳури Ҳофизи Шерозӣ, ки матлааш чунин аст:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро [9, с.75].

ғазали дилпазире суруда, дар он мисли Ҳофиз, ки Шерозу нозанинони онро меситояд, шаҳри Бомбаю дилбарони зардуштиоин ва гулгашту хиёбонҳои хуррами онро тасвир менамояд:

Нисори Бомбай кун ҳар матои куҳнаву навро,
Тирози маснади Ҷамшеду фарри тоҷи Хисравро.
Ба ҳар сӯ аз ҳуҷуми дилбарони шӯхи бепарво,
Гузаштан аз сари раҳ мушкил афтодаст раҳравро.
Фиғон аз гармии ҳангомаи хубони зардуштӣ,
Ба ҳам омехта аз зулфу ораз зулмату завро.
“Бидеҳ соқӣ маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт”,
Канори оби Чавпотию гулгашти Аполавро.
Биё, Шиблӣ ба ёди панҷаи гирои мижгонаш,
Дигар раҳ пора созам, ин қабои зӯҳди садтавро [5, с.47-48].

Ё дар ҷойи дигар аз ғазали Ҳофиз, ки чунин оғоз меёбад:

Бе ту эй сарви равон, бо гулу гулшан чӣ кунам?
Зулфи сунбул чӣ кашам, орази савсан чӣ кунам? [9, с.211].

илҳом гирифта, мегӯяд:

Ман, ки дар сина диле дораму шайдо чӣ кунам?
Майл бо лоларухон гар накунам, то чӣ кунам? [5, с.48].

Дар баробари ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ҳамзамон ашъори Соиби Исфаҳонӣ низ мақбули назари Шиблӣ буда, дар ин бора изҳор менамояд:

Ҳамон кард дар сухан дар Ҳинд Шиблӣ,
Ки Соиб дар саводи Исфаҳон кард [5, с.47].

Шиблӣ ҳамчун яке аз равшанфикрони замони худ ҳамеша барои бомаърифат гаштани аҳли ҷомеа, бахусус ҷавонон кӯшиш менамуд ва дар мактабиби олӣ таҳсил намудану ба омӯхтани илму дониш рӯ овардани онҳоро даъват мекард, ки дар ин мисраъҳо ба таври зерин менигорад:

То худ аз донишу фан ному нишон хоҳад буд,
Бӯйи ин файз бад-ин гуна равон хоҳад буд,
То абад толиби фан рӯй бад-ӯ хоҳад кард,
То абад қиблаи доништамандон хоҳад буд [5, с.42].

Аллома Шиблӣ худ низ доимо дар пайи ҷустуҷӯйи илму дониш буд ва бо мақсади мукаммал намудани он ва ошноӣ бо фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамеша ба кишварҳои гуногун сафар мекард, ки дар яке аз қасидаҳояш ба ин ишора намуда, мегӯяд:

Баҳри такмили фану ҳам паи таҳсили ибар,
Рӯзгорест, ки медоштам оҳанги сафар [5, с.43].

Шиблии Нуъмонӣ дар коллеҷу донишгоҳҳои мухталифи кишвараш фаъолият мекард ва барои пешравию рушди онҳо кӯшиш ба харҷ дода, итминони комил дошт, ки онҳо ба марказҳои илму маърифат Ғарнотаву Уммон ва Бағдоду Исфаҳон баробар хоҳанд шуд ва мегӯяд:

Баррасад бар дили мо ҳар кӣ бувад ғолиби фан,
Он кӣ гавҳар талабад, ҷониби Уммон гузарад.
Гар бад-ин гуна бувад гармии ҳангома мурод,
Худ зи Ғарнотаву Бағдоду Сифоҳон гузарад [5, с.42].

Аллома Шиблӣ ҳамеша андешаҳои пешқадаму равшанфикрона дошт, ки дар тамоми ашъораш эҳсос карда мешавад. Ӯ барои маҳви бесаводӣ, аз ҷоҳиливу нодонӣ наҷот додани мардум ва аз хоби ғафлат бедор намудани онҳо, дар мамлакат ҷорӣ кардани тарзу усули пешқадами таълиму тарбия ва омӯзиши илмҳои муосирро ба ҳаммаслаконаш ироа менамуд. Албатта, ин пешниҳодот мақбули дили ҳамаи аъзоёни ҷамъият, ки ҷонибдори ақидаҳои гуногун буданд, набуд. Зеро дар байни онҳо мутаассибони динӣ мавқеи калон дошта, ба ин ақидаҳои озодфикрон розӣ намешуданд. Аз ин рӯ, Шиблӣ дар як таркиббанди худ ин рафтори онҳоро коҳиш менамояд:

Бар чунин ҳодисаи саъб, ки бар мо афтод,
Чора он нест, ки аз аҳди куҳан дорӣ ёд.
Чора он нест, ки бар расми куҳан тарҳ ниҳӣ,
Мактабу мадрасаҳо дар ҳама атрофу билод
То чӣ судат диҳад он шеваи таълими қадим,
Ки ба рӯят дари ризқе натавонист кушод.
Ин на хорӣ бувад охир, ки пас аз касби улум,
Дар раҳи ваъз ба дарюза бароӣ ношод!..[5, с.44].

Тавре зикр намудем, худи Шиблӣ тарафдори пешрав ва замонавӣ сохтани таълиму тарбия дар баробари омӯзиши илмҳои пешина буда, барои дар амал ҷорӣ намудани он кӯшишу заҳмат мекашид. Ва хеле мураккаб будани ҳалли ин масъаларо ба хубӣ дарк намуда, дар мисраъҳои зер чунин ишора менамояд:

Гарчи ин марҳила душворгузар афтодаст,
Пойро кор дар ин роҳ ба хор афтодаст.
Дину дунё ба ҳам омехтан осон набувад,
Гӯиё киштию гирдоб ба ҳам афтодаст…[5, с.44].

Ҳамзамон дар тамоми ашъори форсии Шиблии Нуъмонӣ тасвири зебои табиат, дӯст доштани зиндагиву афкори тарбиявию ахлоқӣ ва фалсафии ӯ ба назар мерасад, ки дар маҷмӯаҳои «Дастаи гул», «Бӯйи гул», «Барги гул», «Девони Шиблӣ» ва “Куллиёти Шиблӣ” гирдоварӣ ва нашр шудаанд. Дар маҷмӯаи “Бӯйи гул”-и аллома аксар ғазалҳое, ки ба Атиябегим ном зани бофазлу камол ва маърифатпарвар бахшида будааст, гирд оварда шудааст, ки дар яке аз онҳо бо эҳсоси шодиву нишот чунин мегӯяд:

Пайки фархундақадам муждасаро меояд,
К-аз сафар ёри сафаркардаи мо меояд.

Рафт аз шаҳр бад-он сон, ки баҳорон зи чаман,
Омад он гуна, ки дар боғ сабо меояд...
Рафтанаш гарчи ба коми дили аҳбоб набуд,
Чун биёяд ба муроди дили мо меояд...
Шиблии ғамзада овард дилу дин ба нисор,
Ғайр аз ин чист, ки аз дасти гадо меояд [2, с.30].

Аллома Шиблӣ шахсияте буд, ки на танҳо дар байни аҳли илму хирад ва фарҳанг, балки миёни ҳукуматдорон ва сиёсатмадорони замон низ нуфузу эътибори зиёд пайдо карда буд. Вале ӯ ҳеҷ гоҳ дар мадҳу ситоиши касе шеър нагуфтааст. Боре ба ӯ навиштани қасидаеро барои яке аз ҳокимони сарватманди Ҳайдаробод пешниҳод менамоянд, вале ҷавоби рад мегиранд. Маротибаи дувум, ки бо фишороварӣ изҳор медоранд, Шиблӣ посух медиҳад: «Мумкин нест, ки ман касеро мадҳ бигӯям» [7, с.27].

Бояд гуфт, ки ба муҳити ниҳоят мураккаб ва пурталотуми сиёсиву иҷтимоӣ ва зиддиятҳои динӣ нигоҳ накарда, Шиблӣ ҳамеша афкору андешаи озоду бидуни таассубро ҷонибдорӣ менамуд ва дар ин бора А. Ғаффоров чунин менависад: “Шиблӣ табиист, ки аз мафкураи ҳукмрони асраш озод набуд, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ дар масъалаҳои динӣ наметавон таассубро ба ӯ илқо намуд. Ӯ одами зиндадилу ҳаётдӯст буд ва дар эҷодиёташ ин маъниро тасвир ва тарғиб намудааст” [5, с.48]. Худи ӯ низ дар ин бора чунин менигорад:

Ин намедонам, ки габрам ё мусулмон нестам,
Ин қадар донам, ки зоҳид он чӣ ҳаст, он нестам [5, с.48].

Ё дар ҷойи дигар:

Ман на аз арбоби тақво будаам,
Бо маю най будаам, то будаам [5, с.48].

Шиблӣ шефтаи шеъри форсӣ буд ва бо шоирони форсигӯйи пешгоми ҳамзамонаш, аз ҷумла Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ, Азизи Лакҳнавӣ, Иқбол Аҳмади Суҳайл, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва дигарон, ки дар рушду нумуи назми форсизабони Ҳинду Покистон нақши мондагор гузоштаанд, робитаи наздик дошт. Ҳамин аст, ки аз вафоти бармаҳали аллома

Шиблӣ дӯстони ӯ хеле андуҳгин шуда, марсияҳои пурсӯзу гудоз эҷод намудаанд, аз ҷумла Азизи Лакҳнавӣ дарду ҳасрати худро нисбати дӯсти азизаш чунин баён месозад:

Оҳ, сардафтари арбоби камол,
Ки зи дафтаркадаи фонӣ рафт.
Ҳокими маҳкамаи илму ҳикам,
Нозими мулки сухандонӣ рафт.
Фозилу афзалу бемисл намонд,
Комилу акмалу лосонӣ рафт.
Бо камоле, ки ту огоҳӣ аз ӯ,
Ҳамадоне, ки ту медонӣ, рафт.
Ба дилу ҷон ман аз рафтани ӯ,
Ранҷи рӯҳонию ҷисмонӣ рафт.
Хост чун аз сари ҷон ҳотиф гуфт:
“Мавлавӣ Шиблии Нуъмонӣ рафт” [5, с.46].

Бояд гуфт, ки тамоми умр аллома Шиблии Нуъмонӣ дар баробари таълифоти гуногунсоҳааш бо ашъори дилпазири худ ҳамеша мардумро ба сӯйи илму дониш, растагорӣ аз таассубу хурофот ва бандагию ақибмондагӣ роҳнамоӣ намуда, дар қалби мардум нури орзуву умедро баҳри зиндагии озод ва ҳақиқату адолат мунаввар сохтааст. Ҳамзамон зикр бояд кард, ки Шиблии Нуъмонӣ бо осори гаронбаҳояш барои пойдорӣ ва рушду нумуи забони форсии тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд саҳми босазое гузоштааст. Аз ин рӯ, мебояд осори манзуми форсии ин шоир ва мутафаккири барҷаста ба таври пурра мавриди пажӯҳишу омӯзиш бошад ва умед бар он мебандем, ки дар оянда муҳаққиқон барои таҳқиқи ашъори форсии аллома Шиблии Нуъмонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кулли осорашро ба ҳаводорони шеъри форсии тоҷикӣ ироа менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев Г.Ю. Персоязычная литература Индии / Г.Ю. Алиев. - Москва: Наука, 1968. - 248 с.
2. Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Туҳфат-ул–амон фӣ сирати-н-Нуъмон / Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. - Душанбе, 2009. – 626 с.
3. Бертелс Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертелс. - Москва: ИВМ, 1960. - 556 с.
4. Ғаффоров А. Назми форсии ҳиндӣ / А. Ғаффоров. Садои Шарқ, 1974. - №7. -С.134-145.
5. Ғаффоров А. Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуввуми асри XIX ва аввали асри XX / А.Ғаффоров. -Душанбе: Дониш, 1975. -143 с.
6. Ғаффорова З. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Ҳиндустон. Ҳавзаи адабии Кашмир дар асрхои XVI-XVII / З.Ғаффорова. -Душанбе, 2002. -574 с.
7. Нуъмонӣ Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷ.1-2. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақии Фахри Доии Гелонӣ. Таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. Зери назари Носирҷон Салимӣ.- Душанбе, 2016. -543 с.
8. Нуъмонӣ Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷилди 4. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақии Фахри Доии Гелонӣ. Таҳияи матн бо луғоту тавзеҳоти Ҳамроқулова З.У. ва Одинаев Н.С. Зери назари Мирзо Муллоаҳмад - Душанбе, 2016. -313 с.
9. Шерозӣ Ҳофиз. Куллиёт. Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан Ҷамшед Шанбезода. - Душанбе: Ирфон, 1983. -672 с.

ШИБЛИИ НУЪМОНӢ – ШОИРИ ФОРСИГӮ

Шиблии Нуъмонӣ олими маъруф, муҳаққиқи барҷастаи адабиёти форсӣ, шоири форсигӯ ва ходими ҷамъиятии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX кишвари Ҳинд мебошад. Ӯ дар баробари таълифи осори пурмуҳтавою гуногунҷабҳааш, ҳамзамон ба шеъри форсӣ муҳаббати зиёд дошт ва бо ин забон ашъори дилпазире офаридааст. Шеърҳои аввалинашро Шиблии Нуъмонӣ бо тахаллуси Тасним эҷод намудааст. Шиблии Нуъмонӣ ба мисли аксар шоирони форсизабони Ҳинд бештар ба ашъори Ҳофизи Шерозӣ таваҷҷуҳи хосса дошт. Шиблӣ шахсияти равшанфикру пешгоми замонаш буд ва андешаҳои маорифпарваронааш дар тамоми ашъораш таҷассум ёфтаанд. Ашъори форсии Шиблии Нуъмонӣ ҳамеша мардумро ба сӯйи илму дониш, озодиву адолат ва растагорӣ аз таассубу хурофот ва бандагию ақибмондагӣ роҳнамоӣ менамояд. Аллома Шиблӣ аз шоирони ҳамзамонаш тасвири масоили мубрами ҳаёти мардумро дар эҷодиёташон талаб менамуд. Аз нигоҳи ӯ, ҳатто ғазалҳо низ бояд инъикоскунандаи ҳақиқату воқеият бошанд. Шиблӣ кишвари гуногунмазҳабу бисёрмиллати худро дӯст медошт ва дар шеърҳояш афкори интиқодиашро нисбати сиёсати Лигаи мусулмонҳо, ки манфиати кишвари Ҳинд ва мардуми онро сарфи назар мекард, баён намудааст.

Калидвожаҳо: Аллома Шиблии Нуъмонӣ, шоири форсигӯ, Тасним, ашъор, илму дониш, озодӣ, адолат.

ШИБЛИ НУМАНИ - ПЕРСОЯЗЫЧНЫЙ ПОЭТ

Шибли Нумани-известный ученый, неутомимый исследователь литературы на фарси, общественный деятель, персоязычный поэт и прозаик конца XIX и начала XX столетия. Под влиянием персидской классической литературы, наряду со своим богатым и содержательным научным наследием, он является автором многих стихов на языке фарси. Первые его стихотворения были под псевдонимом Тасним. Шибли Нумани, как и множество персоязычных поэтов Индии, уделял большое внимание к творчеству Хафиза Ширази. Шибли был прогрессивной личностью, и все его просветительские взгляды отражены в поэтических произведениях. Стремление к науке и знаниям, свободе и справедливости, освобождение от рабства и предрассудков составляют главное содержание персидской поэзии Шибли Нумани. Аллама Шибли требовал от современных поэтов отражения в художественном творчестве актуальных проблем жизни народа. По его мнению, даже в традиционной классической газели, сочиненной современным

автором, должна отражаться действительность. Шибли очень любил свою многонациональную страну и во многих своих поэтических произведениях критикует политику Мусульманской лиги как не служащую интересам Индии и индийцев.

Ключевые слова: Шибли Нумани, персоязычный поэт, Тасним, поэзия, наука, свобода, справедливость.

SHIBLI NUMANI – PERSIAN POET

Shibli Numani indian scientist, literary critic, poet and public figure of the late XIX and early XX century. Along with his extensive and rich scientific heritage, he also influenced by Persian classical literature wrote verses in farsi. His first poems under the pseudonym Tasnim. Shibli Numani like a lot of persian poets in India gave great interest to the works of Hafiz Shirazi. Shibli was progressive person and all of his educational views are reflected in Persian works. The pursuit of science and knowledge, freedom and justice, liberation from slavery and prejudice constitute the main content of Persian works Shibli Numani. Allamah Shibli demanded from modern poets to reflect in the artistic work of the actual problems of peoples life. In his opinion, even in a traditional ghazal composed by modern authors should reflect the reality. Shibli loved his multinational country and in many of his works criticizes the policy of Muslim League as not serving the interests of India and the Indians.

Key words: Shibli Numani, persian poet, Tasnim, poem, science, freedom, justice.

Сведения об авторе: ***Хамрокулова Зебуннисо Усмоновна*** - Технологический университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Карабаева 63/3. E-mail: **mumtoz 2007@mail.ru.** Тел.: **(+992) 777-17-78-42**

Information about author: ***Hamroqulova Zebunniso Usmonovna*** – Tajik Technological University, Senior Lecturer of the Tajik language Department. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Karabaev Str., 63/3. E-mail: **mumtoz-2007@mail.ru**. Tel.: **(+992) 777-17-78-42**

УДК: 891.550-1:82

ВЕЖАГИҲОИ ЗАБОНӢ ВА УСЛУБӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Юнусова Д.Т.
Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Бо кӯдакону наврасон сухани табъи дил ва мутобиқи завқу салиқаашон гуфтан, худ масъулияти азим металабад, вале аз боби муқаддасоту арзишҳо ва рамзҳои давлатию ормонҳои миллӣ сухани бобу ширин ва гуворою завқбахш ёфта гуфтану ин мафҳумҳоро аз хурдӣ дар дилу дидаи онҳо ҷо додану тарбият кардан, боз бештар масъулияту ҷавобгарӣ тақозо мекунад. Чунонки аз ашъори муқаддасотии давраи Истиқлолият бармеояд, шоирони тоҷик ин масъулиятро бар дӯш гирифтаанд.

Яке аз суханварони маъруфи ин давр Камол Насрулло роҷеъ ба муқаддасот ба кӯдакону наврасон бештар ибрози андеша кардааст ва тарзу услуби сухани ӯ ба бачагон қобили дарк асту бинобар зебову пок ва беолоишу равон буданашон, зуд ҳифзу аз бар мешаванд. Модом ки дар гузашта дар мактабу мадрасаҳои тоинқилобии мо осори мураккабу гаронқадри Аттору Саъдию Ҳофизу Бедил ва дигарон ба кӯдакону наврасон қобили ҳифзу дарк бошад, пас чаро дар рӯзгори ба суръати баланд боло рафтани фанну фановарӣ ашъори ҳамзамонон ба онҳо фаҳмо набошад?

Ба андешаи мо, кулли шеърҳои ба инъикоси муқаддасот ва рамзҳои давлатӣ бахшидаи Камол Насрулло, ки дар маҷмӯаи «Баҳои ҷон» гирд омадааст, аз нигоҳи забон ва тарзи баён ба завқу салиқа ва дараҷаи дарку фаҳмиши кӯдакону наврасон созгору мувофиқ аст. Дар ин шеърҳо муаллиф кӯшиш кардааст, ки ба корбурди таркибу ибораҳои номафҳум ё худ калимаҳои душворфаҳми классикӣ роҳ надиҳад, балки бештар вожаҳоеро ба кор гирад, ки аз лиҳози маънову мазмун дастрасу фаҳмо ва аз нигоҳи шеърият ҷолиби диққат бошад. Ба мисраъҳои зерин, ки аз шеъри «Дар баҳои ҷон» аст, таваҷҷуҳ фармоед:

Он чист, ки марзи шаъну шон аст? – Ватан!
Имону амони мо дар он аст? – Ватан!
Он чист, ки бе вай ҳама чизи олам
Бе ҳусну таровату равон аст? – Ватан!… [9, с.4].

Чунонки мебинем, муҳимтарин хусусияти услубии ин шеър аз тариқи саволу ҷавоб сурат гирифтани тасвир мебошад. Муаллиф тавассути вожаҳои осонфаҳм ва сатрҳои равон андешаҳои хешро оид ба ин рукни муқаддасоти миллии мо равшану возеҳ ифода карда тавонистааст. Ин ҷо, бахусус, мухотаби таъкидии «Ватан!», ки дар охири ҳар мисраву байт такрор ба такрор омада, як навъ вазифаи посух ба пурсишро ба ҷо овардааст, таъсири ҳиссии шеър ва мазмуну муҳтавои онро ба маротиб қувват додааст.

Агар дар шеъри боло вожаи муқаддаси «Ватан» дар охири ҳар мисраву байт такрор шуда, фикри муаллифро хулоса карда бошад, пас дар шеъри «Ватан дар ҷон», ки аз 16 мисраъ фароҳам омадааст, ин вожа дар оғози 13 мисраи он пайиҳам ба кор рафта, ба яке аз хусусиятҳои барҷастаи услубии назми кӯдакон, ки иборат аз такрори калимаҳои

калидист, мутобиқ гардидааст, зеро такрори ин қабил вожаҳо дар шеъри бачагон маъмулан бо ҳадафҳои муайяни ғоявию эстетикӣ сурат мегирад:

Ватан ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан ноне, ки дар хони ману туст,
Ватан ойинаи оби зулол аст
Ватан покии виҷдони ману туст… [9, с.9].

Камол Насрулло дар ин шеър бо мақсадҳои муайяни ғоявию услубӣ вожаи «Ватан»-ро чаҳордаҳ маротиба ба забон оварда, ҳар бор маъноҳои наву тозаи ин мафҳумро дарку таъбир кардааст ва тавассути ин вожаи калидӣ, ки такрор ба такрор омадааст, меҳру самимият ва эҳсоси гарми ватанхоҳонаи хонандагонро тақвият додан хостааст. Шеър саршор аз васоити тасвири бадеӣ, амсоли ташбеҳ, тавсиф, истиора ва орӣ аз таркибу ибораҳои муғлақ аст, бинобар ин, мутобиқ ба махсусиятҳои забониву услубии адабиёти бачагон мебошад.

Чунонки таҷрибаи эҷодии Камол Насрулло ва дигар суханварони тоҷик собит менамояд, умдатарин вежагии услубии назми муосири кӯдакону наврасон дар корбурди фаровони васоити бадеии тасвир ба зуҳур омадааст. Шоирон ба ин васила забони ашъори хешро рангину дилнишин ва шираву шарбати онро тақвият бахшидаанд. Аз ин ҷост, ки васоити тасвири бадеӣ чун муҳимтарин унсури услуби эҷодии адибон дар ағлаби ашъори муқаддасотии давраи Истиқлолият нақши муҳим пайдо кардааст.

Агар аз ин дидгоҳ ба эҷодиёти яке аз тарғибгарони номии муқаддасоту арзишҳои миллӣ Шаҳрияи Адҳамзод назар андозем, маълум мегардад, ки ӯ дар шеърҳояш ҷиҳати таъмини бадеияти калом ба корбурди васоити тасвир аҳаммияти вежа медиҳад. Масалан, як қисми ашъори муқаддасотии эшон, ки дар маҷмӯаи «Ватан. Истиқлол. Ваҳдат» гирд омадааст, бо сабки равону мавзуни саршор аз саноеи бадеӣ эҷод шуда, ба васфу ситоиши қиматтарин арзиши миллии мо – Истиқлол бахшида шудааст. Ӯ дар шеъри аввал, ки «Васфи Истиқлол» унвон гирифтааст, чунин овардааст:

Месароям маснади волои Истиқлол,
Медамад хуршед аз фардои Истиқлол.
Зери бори миннати ғайре будан талх аст,
Коми мо ширин шуд аз ҳалвои Истиқлол.
Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Аз ҷаҳони ишқ буд ҷӯёи Истиқлол.
Пири Тӯсӣ кард эҳё то Хуросонам,
«Шоҳнома» худ бувад эҳёи Истиқлол…
Сураҳои ишқ орам ман ба номаш беш,
Оят-оят мекунам ифшо Истиқлол.
Ҳамватан! Ай ҷони ман, дастобадаст имрӯз
Саҷда бояд кард ба хоки пойи Истиқлол [14, с.4].

Чунонки мебинем, ин шеър аз нигоҳи забон ва услуб нисбатан мураккаб буда, он барои хонандагони синни миёна ва калони мактабӣ мувофиқтар аст. Муҳимтарин хусусияти сабкии шеъри мазкур фаровон истифода шудани санъатҳои бадеӣ, амсоли ташбеҳу тавсиф, такрору истиора ва, бахусус, талмеҳ мебошад. Ин ҷо «Ҳафт шаҳри ишқро гаштани Аттор», «Хуросонро эҳё кардани Пири Тӯсӣ», «Эҳёи Истиқлол будани «Шоҳнома» ва таркибу ибораҳои «Сураи ишқ», «Оят-оят» ва «Саҷда бояд кард» ба арзишҳои таърихии адабиву динии мо ишорат мекунанд, ки ҳама барои барҷастатар ифода ёфтани фикру андешаҳои иҷтимоиву таърихии муаллиф ба кор омадаанд. Ҳамчунин байти дуюми ин шеър комилан дар заминаи зарбулмасалу мақоли тоҷикӣ сурат гирифта, бадеияти тасвир ва халқияти каломро афзудааст.

Чунонки мебинем, дар ағлаби ашъори муқаддасотии Камол Насрулло ва Шаҳрияи Адҳамзод қолаби жанри анъанавии ғазал мавриди истифода қарор гирифтааст ва пайдост, ки ба табиати ин шакли маъмули шеърӣ вазну оҳанг ва услуби нисбатан мураккаби баён хос аст. Шоирони мо кӯшиш кардаанд, ки ҳини таълифи шеърҳояшон ин хусусияти забониву услубии ғазал то ҳадди имкон риоя шавад, вале ғолибан бо корбурди калимаву ибораҳои замонии тасвир, ки қобили дарку фаҳми наврасон аст. Аз ин ҷост, ки дар ашъори эшон ба ҷуз баъзе мафҳумҳои классикӣ, аз қабили «Оли Сомон», «Пири Тӯс», «Ҷоми Ҷам», ки он ҳам ба хотири баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати хонандагон оварда шудааст, дигар вожаву таркибҳои муғлақу душворфаҳм ё худ байту мисраъҳои мураккабмаъно чандон ба назар намерасанд.

Агар дар ашъори барои кӯдакону наврасон эҷодкардаи Камол Насрулло ва Шаҳрияи Адҳамзод, асосан, шаклҳои классикии назм – ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ корбаст шуда бошад, пас шоирон Латофати Кенҷа, Ҷӯра Ҳошимӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Муродалӣ Собир, Халифабобо Ҷумъазода, Шарифи Муҳаммадёр ва дигарон дар шеърҳояшон бештар тарзи қофиябандии маснавӣ ва услуби нисбатан содатари баёнро ба кор гирифтаанд. Аз ин лиҳоз, шеъри Сафар Аюбзодаи Маҳзун «Нишони Тоҷикистон», ки бо

риояи қатъии хусусиятҳои услубии сирф назми кӯдакон эҷод шудааст, ҷолиби диққат мебошад:

Нишони Тоҷикистон, Хӯшаи гандум ба бар.
Гирдак чу «О»-и калон. Пахтаҳои шукуфон
Кулчаву нон барин аст, Зебоӣ бахшад ба он.
Моҳи тобон барин аст. Ҳама дороии мо
Дар дарунаш офтоб аст, Дар он гирифта маъво.
Кушода як китоб аст. Бошад фахри тоҷикон,
Тоҷи ситора дар сар, Нишони Тоҷикистон [1, с.8].

Дар ин шеъри сабуку равони ҳафтҳиҷоӣ, ки аз нигоҳи забону ҳусни баён намунаи хуби ашъори кӯдакона мебошад, муаллиф «Нишони Тоҷикистон»-ро, ки ҷузъи муҳимми муқаддасоти миллии мост, бо меҳру самимияти хосса ба тасвир гирифта, дар дили хурдсолон нисбат ба он як ҷаҳон муҳаббат парвариш кардан хостааст. Бунёди ин шеър ба тасвир, тасвири рамзҳои «Нишон» ва тафсиру маънидоди онҳост. Шоир дар ин ҷода санъатҳои ташбеҳу тавсиф ва тарзи қофиябандии маснавиро ҷиҳати таъмини бадеият ва рехтаву суфтагии баён муваффақона ба кор гирифтааст.

Дар маҷмӯаи «Шеърҳо»-и шоираи хушбаён Латофати Кенҷа чанд шеър, аз қабили «Пораи боғи биҳишт», «Тоҷикистони ман» ва «Наврӯз» ба инъикоси бадеии арзишу муқаддасоти миллии мо бахшида шудааст. Дар ин шеърҳо муаллиф кӯшиш кардааст, ки қоидаҳои маъмули забони тоҷикӣ ва услуби содаву равони ба дарку фаҳмиши кӯдакон мувофиқ ҷиддан риоя гардад. Бинобар ин, дар шеърҳои мазкур таркибу ибораҳои муғлақу душворфаҳм ё худ мисраву байтҳои каммаънову бемантиқ дучор намеояд. Шеъри аввали ин силсила аз чаҳор банди шашмисраӣ иборат буда, дар ҳар кадоми ин бандҳо байти охир вазифаи нақаротро ба ҷо оварда, оҳангнокии шеърро таъмин намудааст:

Ғунчае аз бӯстонӣ, Ҷон диҳам дар обу хокат,
Ёдгор аз бостонӣ. Ҷовидона сарнавиштӣ.
Хонаи ман, остонам, Ту фурӯғи нури чашмӣ,
Бар сари ман осмонӣ. Пораи боғи биҳиштӣ.
Тоҷикистонам – умедам, Тоҷикистонам – умедам,
Машъали роҳи сафедам… Машъали роҳи сафедам [7, с. 4].

Шеъри дуюм «Тоҷикистони ман» аз лиҳози вазн боз ҳам сабуктар буда, аз се банди чаҳормисраӣ ва байти василавӣ таркиб ёфтааст. Ин ҷо ҳам шоира дар харҷи сухан «хасис», вале дар ифодаи маънои баланд ҳиммат гуморида, бо роҳи тавсифу сифатчинии ҳусни ватан рафтааст ва бад-ин минвол меҳру дилбастагии кӯдаконро нисбат ба диёри хеш афзудан хостааст. Шеър аз нигоҳи забон ва услуб ба хусусиятҳои назми кӯдакон мутобиқ аст. Ин ҷо муаллиф ба хотири сабукии вазн бандаки феълии «аст»-ро ба воситаи аломати « - » ифода кардааст:

Хоки ту - ганҷхез, Қуллаат – нукрасо,
Субҳи ту - атрбез, Чашмаат – пурсафо,
Рӯи дашту чаман Меваат – шаккарин
Лолаат – хандарез Ҳар гиёҳат – даво.
Ай Ватан, Ай Ватан, Ай Ватан, Ай Ватан,
Тоҷикистони ман! Тоҷикистони ман! [7, с.55].

Дар шеъри сеюм, ки «Наврӯз» унвон гирифтааст, фаро расидани ин Ҷашни бузурги миллӣ мавриди васфу ситоиш қарор гирифтааст. Муаллиф тавассути таркибу ибораҳои сифатӣ, аз қабили «Наврӯзи тозарӯ», «Наврӯзи нозанин», «Оби зулол» ва ғайра ҳусни зиндаи ин фасли дилангези солро ба ҷилва оварда, аз забони қаҳрамони хурдсол онро ба чеҳраи гарми модар монанд кардааст, ки бисёр табиӣ ва самимист:

Наврӯзи тозарӯ Гул рехт ҳар тараф
Омад ба дашту кӯ. Аз хандаи баҳор.
Оби зулоли рӯд Зебо шуд осмон,
Шуст кокулони ӯ. Зебо шуд ин диёр.

Бедор шуда замин Наврӯзи нозанин,
Аз накҳати баҳор. Наврӯзи кишварам.
Булбул таронахон Тобӣ ба чашми ман
Бо қалби беқарор. Зебо чу модарам [7, с. 15].

Чунонки мебинем, дар ҳарду шеър ҳам муаллиф ба забон ва ҳусни баён эътибор зоҳир намуда, асосан, вазни сабуки шашҳиҷоӣ ва калимаву таркибҳои маъмулу осонфаҳмро ба кор гирифтааст. Ин ҷо ҳамчунин бартарият доштани ҳиҷоҳои кушода нисбат ба ҳиҷоҳои баста ба равонию оҳангнокии калом мусоидат намуда, зуд аз бар кардани шеърҳоро осон гардонидааст. Фақат дар баъзе байтҳо чандон риоя нашудани таносуби ҳиҷоҳо ва дар шеъри дуюм се маротиба истеъмол шудани вожаи «Зебо» ҳусни умумии ин шеърҳои тасвириро андаке халалдор кардааст. Умуман дар маҷмӯаи мавриди

назар зиёда аз 100 шеъру суруду чистон гирд омадааст, ки ағлаби он аз лиҳози забону тарзи баён, корбурди ибораҳои фразеологӣ, вазну оҳанг ва дигар унсурҳои шеърият бо назардошти қобилияти шеърфаҳмии хонандагони хурдсол рӯйи саҳфа омадааст.

Дигар аз масъалаҳои марказии ғоявию бадеии ҳар адабиёт, аз ҷумла адабиёти тоҷик, тарбияи эҳсоси баланди ватандӯстӣ, ҳифзу ҳимоя ва дифоъ аз хоку буми кишвар аст. Бояд гуфт, ки маъруфтарин намунаи осори ватандӯстонаи адабиёти атфоли тоҷик шеъри Мирсаид Миршакар «Қаҳрамон мешавам» аст, ки беш аз 70 сол муқаддам эҷод шуда буд. Ҳарчанд он ба Ватани бузург «СССР» бахшида шудааст, ҳанӯз ҳам аз лиҳози забону тарзи ифода беҳтарин шеъри кӯдакони тоҷик маҳсуб мешавад. Ин шеъри равон дар қаринаи аввал чунин садо медод:

Ман калон мешавам, Посбон мешавам.
Қаҳрамон мешавам . Ватанам – СССР,
Бар диёри худам, Гулшанам – СССР [8, с.11].

Пас аз фаро расидани Истиқлолияти давлатӣ шоир байти нақаротро бо хоҳишу маслиҳати устод Убайд Раҷаб таҳрир карда буд. Дар ин бора шоир Ҷӯра Ҳошимӣ чунин гуфтааст: «Кӯдакони тоҷик ва адибони кӯдакон бояд аз устод Убайд Раҷаб сипосгузор бошанд, ки маҳз бо далолати ӯ ҳангоми барҳаёт буданаш Мирсаид Миршакар суруди машҳуртарини кӯдакони мо «Қаҳрамон мешавам» -ро таҳрир кард ва бо ҳамин ин шеърро ҳаёти тозае бахшид» [2, с.3].

Ҳамин тавр, байти нақаротии ин шеъри машҳур, ки ду бор такрор мешавад, ба тариқи «Ҷисми ман, ҷони ман, Тоҷикистони ман» сурат гирифта, забони шеърро комилан тоҷикӣ ва талаффузи онро нисбатан осон гардонд:

Ҳамчу гул дар чаман Маҳкам аст ин сухан,
Бишкуфад бахти ман, Ҷисми ман, ҷони ман,
Доимо дар дилам Тоҷикистони ман [4, с.7].

Мусаллам аст, ки бо ин шеъри равону салиси дилангез, ки ҳамагӣ аз шаш ҳиҷо таркиб ёфта, як олам маъноро ифода кардааст, дар зарфи зиёда аз 70 сол чандин насли кӯдакони тоҷик ин шеър дар лаб ба камол расида, орзуи ба Ватани ҷоноҷон содиқона хизмат карданро дар дил парваридаанд. Таҷрибаи эҷодии устод Мирсаид Миршакар собит менамояд, ки таълифи шеърҳои асили ҳарбию ватандӯстӣ, шеъри даъват ба ҳифзу ҳимоя ва азиздошти Ватан, ки аз ҷумлаи муқаддасоти миллии мост, имрӯз низ дорои аҳаммияти хосса мебошад.

Ин аст, ки дар даврони Истиқлолият чанде аз шоирони бачагон, бахусус, Раҳмони Бобо ва Ҷӯра Ҳошимӣ дар ин мавзӯъ як силсила шеърҳо ва ҳатто маҷмӯаи алоҳидаи ашъор интишор доданд, ки он офаридаҳо аз ҷиҳати забону ҳусни баён, корбурди вожаву таркибҳо ва дигар хусусиятҳои услубӣ мутобиқ ба сатҳу савияи дониши хурдсолон мебошанд. Аз ин лиҳоз, маҷмӯаи ашъори Ҷӯра Ҳошимӣ «Бачаҳову кӯчаҳо», ки соли 2012 сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ гардид, нисбатан ҷолибтар аст. Дар он силсилае бо номи «Аскар чӣ менависад?» ҳаст, ки аз 20 шеър иборат буда, дар он тамоми лаҳзаҳои ҳаёту фаъолият, кору кирдор, фикру андеша ва буду боши аскар – ҳимоятгари Ватан аз шарҳи маънии истилоҳии аскар, зӯрию тавоноӣ ва фидокории ӯ сар карда, то суруду мазмуни суруди ӯ бо забони қобили дарки кӯдакон ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Силсилаи «Аскар чӣ менависад?», ки чанд шеъри онро аз нигоҳи ғояву мазмун дар фасли якуми боби аввал мавриди омӯзиш қарор додем, бо шеъри мутантани «Суруди наваскарон» хотима ёфтааст, ки фарогири се банди алоҳидаи чаҳормисраӣ ва ду байти нақаротӣ мебошад ва аз лиҳози оҳангу услуб жанри сурудро мемонад. Дар он ҳадафи асосии шоир моҳияту маънии хидмати аскаронро дар сафҳои Артиши миллӣ як навъ ҷамъбаст ва натиҷагирӣ кардан аст. Метавон гуфт, ки бино ба ғоя ва тарзу услуби нигориш муаллиф ба ҳадафи хеш расидааст:

Мо, аскарони навҷавон, То пуштибони халқи хеш,
Як радда чун як тан равон, То бораи кишвар шавем,
Дар машқи ҳарбӣ мешавем Устоди касби аскарӣ
Ҳар як далеру паҳлавон. Сар то сари лашкар шавем.
Дар машқ доно мешавем, Ҳомии марзу буми хеш
Зӯру тавоно мешавем, Дар рӯйи дунё мешавем [12, с.104].

Ба андешаи мо, ин шеъри мутантан аз нигоҳи забон ва ҳусни баён ба вежагиҳои услубии назми бачагон комилан мутобиқ аст. Зеро дар он, пеш аз ҳама, вазни сабуки ҳаштҳиҷоӣ ба кор рафта, дар таркиби калимаву ибораҳо бештар ҳарфҳои садонок омадааст, ки ба оҳангнокии шеър мусоидат мекунад. Ин ҷо ҳамчунин маънои луғавии вожаву таркибу ибораҳо равшану фаҳмост ва созгор ба қобилияти азбаркунии хонандагон аст. Танҳо ибораи классикии «Бораи кишвар», ки ба маънои девор аст, барои хурдсолон нисбатан душвору нофаҳмо буда, шарҳу эзоҳ металабад. Лекин ин ибора дар шеъри мазкур ҷойи худро дарёфтааст.

Ҷӯра Ҳошимӣ ба воситаи ин силсилаи омӯзанда барои ҳарбиён ва артиши миллии ҷавони тоҷик барномаи фаъолият, омӯзишу парвариш ва обутоби ҷисмонию равонӣ, дарси ҷасорату матонат ва садоқату вафодорӣ ба Ватани азиз мураттаб сохтааст, ки қобили таваҷҷӯҳи хос аст. Ашъори ин силсила **аз нигоҳи забон ва тарзи баён** низ ба қобилият ва таҷрибаи шеъргӯии муаллиф барои кӯдакону наврасон ишорат мекунад, зеро аксари шеърҳои он дар доираи вазни сабуки ҳиҷоӣ, услуби мутобиқ ба дарку фаҳми бачагон ва риояи унсурҳои бадеияту шеърияти калом ба миён омада, муҷиби таваҷҷуҳи хонандагони синни хурду миёнаи мактабӣ гаштааст.

Вежагиҳои забонӣ ва услубии назми муосири кӯдакону наврасон дар баробари ашъори муқаддасотии давр дар дигар офаридаҳои бадеии шоирон равшану муассир ба зуҳур омадааст, ки яке аз барҷастатарин намунаҳои он шеъри «Азизи хона» - и Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим мебошад. Ин шоири тавоно, ки асосан барои калонсолон эҷод мекунад, солҳои охир ба адабиёти кӯдакон низ таваҷҷуҳ намуда, барои эшон маҷмӯае таҳти унвони «Маҳвора дар гаҳвора» интишор дод, ки аз як идда шеърҳои хубу марғуб фароҳам омадааст. Дар шеъри мавриди назар, ки ҳамагӣ аз ҳафт ҳиҷо иборат аст, шеваи роҳгардӣ омӯхтани тифли маъсум хеле табииву воқеӣ ба тасвир омадааст:

Мехезаду меафтад,
Меафтаду мехезад
«Кис-кис»-ҳояш раҳ ба раҳ
Аз киссааш мерезад.
По ба зинаҳо монда,
Ба зинаҳо по монда,
Шафоати ҷон ояд,
Афтону хезон ояд.
Саропояш пури хок,
Дилу дастаконаш пок.
Ояд ба хонаи мо,
Шафоатҷони бобо.
Тоҷикӣ – дилу ҷонаш,
Яponӣ – чашмаконаш.
Бо худ шодӣ меорад,
Дилкушодӣ меорад.
Дилкаш асту дилчӯй аст,
Хушзабону хушгӯй аст.
Кӣ гуфт: - Ӯ бегона аст?
Азизи ин хона аст… [3, с.8].

Муҳимтарин хусусияти услубии ин шеъри равону мавзун серистеъмолии ҳиссаи номии нутқ **феъл** мебошад, ки ҷанбаи таҳаррукотии шеърро ба маротиб тақвият бахшидааст. Ба ин маънӣ маъруфтарин шоири бачагони рус Корней Чуковский дар китоби машҳури хеш «От двух до пяти», ки беш аз сӣ маротиба нашр шудааст, гуфта буд, ки: «Маленького ребёнка по- настоящему волнует в литературе лишь действие, лишь быстрое чередование событий. А если так, то побольше **глаголов** и возможно меньше прилагательных!» [13, с.385]. Дар шеъри мавриди назар ҳамин вежагии сабкии назми кӯдакон риоя шудааст, зеро он пур аз ҳаракату амал буда, манзараҳои тавассути **феъл** тасвиршуда бачагонро ба шавқу завқ ва шодию нишот меоварад.

Дар шеъри дигари Низом Қосим «Қофиябозӣ», ки матни он ба ҷилди аввали китоби «Тазкираи адабиёти бачаҳо» ворид шудааст, боз як хусусияти умдаи услубии назми кӯдакон ба мушоҳида мерасад. Дар назми хурдсолон муҳим он аст, ки унсурҳои поягузори шеър- радифу қофия дар охири мисраъҳо маъмулан ҳампаҳлу омада, мағзу маънои ҳар сатри шеъриро ташкил диҳанд ва ба тасвироти бадеӣ рӯҳу оҳанги махсуси шавқу бозӣ бахшанд. Ин сифат дар услуби нигориши шеъри мазкур аз мисраи аввал то ба охир риоя шудааст:

«Гул» гуфтему «гул»-гуфтем,
«Овози булбул» - гуфтем.
«Мурғаку дона» - гуфтем,
«Мӯяку шона» - гуфтем.
«Очаву додо» - гуфтем,
«Ҷону дили мо» - гуфтем.
«Додару хоҳар» - гуфтем,
«Ба ҷон баробар» - гуфтем.
«Моҳу Фарзона» - гуфтем,
«Ҳар ду дугона» - гуфтем…
Мо бехабар, худ ба худ,
Як шеъри нав пайдо шуд! [11, с.174].

Чунонки мебинем, дар ин шеър қофияҳо дар фосилаи бисёр наздик ҷойгир шуда, бори асосии маъноии сатрҳои шеъриро бар дӯш гирифтааст ва, муҳим аз ҳама, дар ниҳоди кӯдакон шавқи бозиро ба ангезиш овардааст. Зеро бачагон аз рӯйи табиат ва хусусиятҳои равонии худ бо ҳама чиз, минҷумла бо шеър, бо каломи муқаффо бозӣ мекунанд ва олами гирду атрофро, пеш аз ҳама ва осонтар аз ҳама, дар бозӣ ва тавассути бозӣ дарку эҳсос мекунанд. Ба қавли нависандаи маъруфи рус Максим Горкий: «Именно на игре словом ребёнок учится тонкостям родного языка, усваивает музыку его и то, что филологи называют «духом языка» [5, с. 113]. Дар илми адабиётшиносии мансуб ба адабиёти бачагон ин гуна офаридаҳоро, ки дар назми давраи Истиқлолият ба нудрат дучор меояд, «шеъри бозӣ» ё худ «шеър барои бозӣ» меноманд.

Дар шеъри завқбахшу сурурангези Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб «Меҳмон», ки дар қолаби маснавӣ рехта шудааст, ин сифатҳои услубии тасвир равшан ба назар мерасад. Ин ҷо маҳз интихоби шакли мувофиқи шеърӣ, яъне сохти маснавӣ имкон додааст, ки радифу қофия фаровон ба кор рафта, дар фосилаи ба ҳам наздик ҷой гиранд ва вазифаи муайяни ғоявию эстетикиро ба ҷо оранд. Забони содаву фаҳмо ва услуби равону

салиси шеър, ки имкони тез азбаркунӣ фароҳам овардааст, ба шеър хосияти бозӣ ато кардааст:

Ба хона доя омад, Хурду калон омаданд,
Зани ҳамсоя омад. Пеши меҳмон омаданд.
Як деҳа бохабар шуд, Меҳмон дар гаҳвора буд,
Муборакбодӣ сар шуд. Ба гиря овора буд [11, с.121].

Чунонки аз ин шеър низ собит мегардад, серистеъмолии **феъл** як рукни муҳимми услубии назми муосири кӯдакон буда, дар эҷодиёти ағлаби шоирони давр ба мушоҳида меояд. Масалан, дар яке аз шеърҳои шоир Камоли Рӯмонӣ (муаллифи беш аз даҳ маҷмӯаи ашъор барои хонандагони хурдсол) «Наврӯз омад», ки ба васфу ситоиши ин арзиши миллии мо бахшида шудааст, такрор ба такрор истифода шудани феъли **«Омад»**, ки вазифаи радифро бар дӯш гирифтааст, ҷанбаи таҳаррукотии шеърро ба маротиб тақвият дода, дар ниҳоди кӯдакон ҳисси шодию бозиро дар оғӯши табиат афзун сохтааст. Ин ҷо ҳамчунин мавҷудияти қофияҳои дохилӣ ва байти василавӣ ё худ нақарот, ки се маротиба омадааст, равонию мавзунии шеър ва оҳангнокии онро таъмин кардааст:

Боз иди Наврӯз омад, Садо аз Сайҳун омад,
Иди дилафрӯз омад, Басо меҳрафзун омад.
Шаби дарози сармо Ҳусни тару тоза боз
Баробар ба рӯз омад. Ба кӯҳу ҳомун омад.
Муборак бод иди гул, Муборак бод иди гул,
Муборак тавлиди гул! Муборак тавлиди гул!.. [6, с.10].

Ин шеъри сабуки ҳафтҳиҷоӣ айнан дар вазну қолаби шеъри серқаринаи халқии «Аз боло ғубор омад, Чил аспи бабор омад», ки дорои сабки хоссаи ифода мебошад, рехта шудааст. Муаллиф дар роҳи ифодаи мазмунҳои тозаи замонавӣ услуб ва тарзи баёни осори манзуми лафзиро бо дарки арзиши бадеии он хеле бамавқеъ корбаст карда тавонистааст.

Бояд гуфт, ки ин қабил шеърҳои хубу марғуб ва муассиру дилнишин, ки **аз нигоҳи забон ва тарзу услуби баён** қобили дарку фаҳми кӯдакону наврасонанд, дар эҷодиёти аксари шоирони соҳибному соҳибтаҷрибаи мо, ки фаъолияти адабиашон дар давраи Истиқлолият вусъат гирифтааст, торафт бештар гардида истодааст. Ин падидаи матлуби бадеию услубӣ шаҳодат бар он медиҳад, ки адибони давр дар кори эҷоди асарҳо барои бачагон бо шавқу рағбат ва ҳисси масъулият муносибат карда, тавассути ашъори рангину пурмоя ва сабки равону салиси хеш дар сайқалу густариш ёфтани таркиби луғавии забони кӯдакону наврасон, рушду такомули қобилияти забондонию забонфаҳмии эшон ва боло рафтани сатҳи маърифату маънавиёти онҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аюбзода С. Фардои Ватан (оҳанги Қ.Яҳёев). Чашма, 2011. - №2. - 16 с.
2. Бобоҷон А. Алифбои парандаҳо. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 32 с.
3. Бобоҷон А.Пайғоми парасту. - Душанбе: Адиб, 2003. - 39 с.
4. Бобоҷон А. Забони модарӣ // Ворисони Сомониён, 2008. - №7. - С.1.
5. Бузургбонуи матбуоти тоҷикӣ (Ёдномаи Бӯринисо Бердиева). - Душанбе: Адиб, 2012. - 359 с.
6. Камол Р. Ҳамеша зинда бошӣ! - Хуҷанд: Лочин, 2014. - 10 с.
7. Латофат К. Шеъро. - Душанбе: ТҶБ Истиқбол, 2010. - 103 с.
8. Миршакар М. Ғунчаҳои хандо. - Душанбе: Маориф, 1981. - 211 с.
9. Насрулло К. Баҳои ҷон. - Душанбе: ТҶБ Истиқбол, 2012. - 10 с.
10. Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ. Мураттиб Нақиб Муродов). - Душанбе: Ирфон, 2012. - 108 с.
11. Тазкираи адабиёти бачаҳо. Китоби дуюм (Мураттибон: Алӣ Бобоҷон ва Ҷӯра Ҳошимӣ). - Душанбе: Адаиёти бачагона, 2013. - 216 с.
12. Ҳошимӣ Ҷ. Бачаҳову кӯчаҳо. - Душанбе: Адиб, 2008. - 272 с.
13. Ҳусейнзода Ф. Таҳқиқи қиссаҳои реалии Убайд Рачаб. Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2015. - № 1. -С. 74-75.
14. Шаҳрия.Ватан.Истиқлол.Ваҳдат. -Душанбе: Адабиёти бачагона, 2013. -55 с.

ВЕЖАГИҲОИ ЗАБОНӢ ВА УСЛУБӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Бо кӯдакону наврасон сухани табъи дил ва мутобиқи завқу салиқаашон гуфтан, худ масъулияти азим металабад, вале аз боби муқаддасоту арзишҳо ва рамзҳои давлатию ормонҳои миллӣ сухани бобу ширин ва гуворою завқбахш ёфта гуфтану ин мафҳумҳоро аз хурдӣ дар дилу дидаи онҳо ҷо додану тарбият кардан, боз бештар масъулияту ҷавобгарӣ тақозо мекунад. Чунонки аз ашъори муқаддасотии давраи Истиқлолият бармеояд, шоирони тоҷик ин масъулиятро бар дӯш гирифтаанд. Яке аз суханварони маъруфи ин давр Камол Насрулло роҷеъ ба муқаддасот ба кӯдакону наврасон бештар ибрози андеша кардааст ва тарзу услуби сухани ӯ ба бачагон қобили дарк асту бинобар зебову пок ва беолоишу равон буданашон, зуд ҳифзу аз бар мешаванд. Модом ки дар гузашта дар мактабу мадрасаҳои тоинқилобии мо осори мураккабу гаронқадри Аттору Саъдию Ҳофизу Бедил ва дигарон ба кӯдакону наврасон қобили ҳифзу дарк бошад, пас чаро дар рӯзгори ба суръати баланд боло рафтани фанну фановарӣ ашъори ҳамзамонон ба онҳо фаҳмо набошад?

Калидвожаҳо: забони модарӣ, муқаддасоти миллӣ, ғояву мундариҷа, забон ва услуб, бадеият, васоити тасвир, Истиқлолият, арзишҳои миллӣ, эҳсоси худогоҳиву хештаншиносӣ, ифтихор ва нангу номуси миллӣ.

ЯЗЫКОВЫЕ И СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ

Говорит детям и подросткам слова близкие их сердцу и в соотвествии с их интересами и способностями требует большой ответственности, но говорит нужные и своевременные слова о святынях и ценностях и государственных символах и национальных чаяниях и с детства вложит значение этих понятий в их сердца и воспитывать в них чувство ответственности и любви требует еще большей ответственности. Как видно из наследия периода независимости таджикские поэты взяли эту ответственность на себя. Один из известнейших литераторов современной эпохи Камол Насрулло написал очень много произведений на данную тему для детей и юношества и стиль и манера его произведений понятна для детского познания. Так как в прошлом в дореволюционных школах и медресе изучали очень сложные и бесценные произведения Аттара, Саади Хафиза, Бедиля и других и они были понятны нашим детям, так почему в этот высокотехнологический период произведения современников не долны быть им понятны?

Ключевые слова: родной язык, национальные ценности, идея и содержание, язык и стиль, средства изображения, Независимость, национальные ценности, чувство самосознания и самопознания, национальная гордость и честь и достоинство.

LANGUAGE AND STYLISTIC CHARACTERISTICS IN MODERN TAJIK POETRY

Says children and adolescents words close to their hearts and in accordance with their interests and abilities requires great responsibility, but says the necessary and timely words about shrines and values and state symbols and national aspirations and from childhood will put the meaning of these concepts into their hearts and educate them a sense of responsibility and love requires even more responsibility. As can be seen from the heritage of the period of independence, Tajik poets took this responsibility upon themselves. One of the most famous writers of the modern era, Kamol Nasrullo, wrote many works on this topic for children and youth, and the style and manner of his works are understandable for children's knowledge. Since in the past, in pre-revolutionary schools and madrasas, they studied very complex and invaluable works of Attar, Saadi Hafiz, Bedil and others, and they were understandable to our children, so why didn't they understand this works of high-tech works?

Key words: mother tongue, national values, idea and content, language and style, means of representation, Independence, national values, sense of self-awareness and self-knowledge, national pride and honor and dignity.

Сведения об авторе: ***Юнусова Дилрабо Толибджоновна*** – Педагогический колледж Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова, преподаватель. **Тел.: (+992) 92-606-31-37**

Information about the author: ***Yunusova Dilrabo Tolibdzhonovna*** - Pedagogical College of Khujand State University named after B. Gafurov, teacher. Tel.: **(+992) 92-606-31-37**

УДК: 891.550:82

МУШКИЛОТИ МАСОИЛИ ШАРҚ ВА ИФОДАИ ОН ДАР АНДЕШАҲОИ АДИБОНИ ҶАҲОН

Киромиддинов З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Вусъати доираи мавзӯи ашъори шоирони замони шӯравӣ дар заминаи дӯстӣ, рафоқат ва пайвандҳои мутаҳками адабӣ сурат гирифта буд. Доираи ин мавзӯот аз ормонҳои умумибашарӣ иборат буда, бахусус Мирзо Турсунзода ва Николай Тихонов аз рӯзи таъсиси Кумитаи сулҳ дар собиқ шӯравӣ то охирин лаҳзаи ҳаёти худ барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии кишварҳо зери асорат монда, муборизa бурдаанд. Воқеан, Мирсаид Миршакар дар хотирае дар бораи Н.Тихонов - шоири муборизи рус бархе аз лаҳзаҳои хотирмонашро инъикос намудааст. Маълум аст, ки ҳангоми ба Осиёи Марказӣ сафар намуданаш ӯро шоирони тоҷик низ ҳамраҳӣ менамуданд ва чун аз кишвари мо аҳли илму адаб ба Маскав мерафтанд, бешубҳа бо даъвати Н. Тихонов ба хонаи ӯ ташриф меоварданд. Мирсаид Миршакар дар ин номаи хотиравӣ ёдоварӣ аз он мекунад, ки ҳангоми дар минтақаҳо ҳамсафар буданаш бо Н.С. Тихонов бисёр масъалаҳои аҳаммияти таърихидоштаро мавриди таҳқиқ қарор дода ва чун дар кишваре бо ҳам сафар менамудаанд, ғолибан адабиёти он кишварро бо ҳам баррасӣ намуда, сатҳи шеъри миллиро тадқиқ мекарданд [2, с.4]. Масалан, ҳангоми дар Покистон буданашон аз зумраи мавзӯъҳое, ки боиси баҳси дурудароз шудааст, ин ашъори Аллома Муҳаммад Иқбол аст, ки дар кишвари мо осори адабии ӯ бори аввал аз ҷониби Мирсаид Миршакар солҳои 70 – уми асри гузашта таҳия шуда, ба чоп расидааст. Дар ин хотирот Н. Тихонов дар мавриди ошно будани тоҷикон бо осори Иқболи Лоҳурӣ суол менамояд, ки дар ҷавоб Мирсаид Миршакар посух медиҳад, ки "Иқбол барои тоҷикон як симои нав аст" [2, с.4].

Николай Тихонов маҳбубияти Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро дар Ҳиндустон, махсусан дар Покистон тазаккур дода, зикр менамояд, ки ҷавонони ин кишвар агарчи ғолибан соҳибмаълумот нестанд, аммо шеърҳои Иқболро ҳифз карда, онҳоро замзама мекунанд. Н. Тихонов Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро чи дар замони ҷанги Бузурги Ватанӣ ва чи баъд аз он нерубахши рӯҳу ҷони худ медонад [2, с.4].

Худи Николай Тихонов дар ёддоштҳояш аз сафари Покистон манзараи боздид аз марқади Иқболи Лоҳуриро чунин тасвир менамояд: "Ин мақбара- менависад Тихонов,- аз

мармарҳои чоркунҷа сохта шуда бо нақшу нигори кандакорӣ ороиш ёфтааст. Истеъдоди ҳақиқии устоди забардастро доштан лозим аст, ки мармар ин тавр ороста шавад, расми печдарпечи кандакорӣ зебу зинат ёбад” [7, с.44]. Н.Тихонов бо муҳаббати самимӣ дар бораи маҳбубияти Иқболи Лоҳурӣ ва аз ашъораш оншо буданашро ёд менамояд.

Дигар аз қиссаҳое, ки Миршакар зарур донистааст, онро ифшо кунад, таваҷҷуҳи се нафар панҷобист, ки ба шоири тоҷик Мирзо Турсунзода эҳтироми хосса дошта, Турсунзодаро гарм истиқбол намудаанд ва шоир ба онҳо аз ашъори лирикӣ пораҳо қироат намудааст, аммо онҳо хостаанд, ки шоир аз ашъори озодихоҳонаи хеш қироат кунад. Аз мушоҳидаҳои Миршакар бармеояд, ки Николай Семёнович Тихонов нисбат ба вазъи шеър ва муҳтавои ашъори шоирони гуногун мутафовит набуд ва талош меварзид, ки аз аҳволи ҳамкасбони хеш ҳамеша воқиф бошад.

Дарвоқеъ, Мирсаид Миршакар соли 1958 ба Ҳиндустон меравад ва вақти бозгашт ашъори Муҳаммад Иқболро оварда, баъдан онро таҳия намуда, мардуми тоҷикро бо муҳтавои он шинос менамояд. Анатолий Сафронов, ки дар сафарҳои Покистону Ҳиндустон бо шоирон Н.Тихонов ва М.Турсунзода ҳамроҳӣ мекард, дар ёддоштҳои худ роҷеъ ба тааҷҷуби сарҳадбонон бинобар бо забони форсӣ ҳарф задани Мирзо Турсунзода ва ашъори Иқболи Лоҳуриро аз ёд донистани ӯ сухан намудааст. [3, с.38].

Гуфтан ҷоиз аст, ки Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ шоирест, ки шеърашро дар Ҳинду Покистон, Эрону Афғонистон, Тоҷикистон ва берун аз ин марзҳо мешиносанд. Замоне, ки ин шоир зиндагӣ мекард, нимҷазираи Ҳиндустон ба тасарруфи Инглис гирифтор буд. Британия ҳамеша саъй менамуд, ки мардуми худогоҳро зери назорат қарор диҳад ва арзишҳои маънавии онҳоро поймол намояд. Дар маҷмӯаи ашъори Алома Иқболи Лоҳурӣ «Асрори худӣ», «Румузи беҳудӣ», «Паёми Машриқ», «Забури Аҷам», манзумаи «Ҷовиднома», маснавии «Мусофир» ва маснавии «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?» мушкилоти мардуми ин минтақа хеле барҷаста таҷассум гардида, фазои тасвири шоир аз ҳудуди Покистон баромада, ба кулли дарди Шарқи ғафлатзадаро ифода менамояд. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз машҳуртарин ва номовартарин шоири садаи гузашта буда, бар муосирин ва озодандешони милали Шарқ таъсиргузор будааст. Аммо воситаи иртибот пайдо кардани шоирони тоҷик бо ӯ маҳз ҳамин ашъори камзавол ва шӯровару инсонбарангези шоири урду мебошад, ки дар Шарқ пайравону ҷонибдорони мутааддиде дорад. Чунонки шоир мегӯяд:

Пас аз ман шеъри ман хонанду дарёбанду мегӯянд:
Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе [3, с.355].

Мирзо Турсунзода низ ба ҳайси раиси Комитети советии якдилӣ бо халқҳои Осиё зиндагии худро асосан дар сафарҳои хидматӣ гузаронидааст. Силсилашеърҳои ба Ҳиндустон бахшидааш аз зумраи натиҷаҳои сафари шоир мебошад, ки дар он проблемаҳои асосии мардуми Ҳиндустон дарҷ мегарданд. Мирзо Турсунзода пас аз бозгашт шеърҳои ин силсиларо дар байни солҳои 1947-1949 эҷод намуд, ки аз 13 шеъри хурду калон иборат мебошанд. Шеърҳои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», «Меҳмони мағрибӣ», «Рӯди Ганг», «Боғи муаллақ», «Тара Чандрӣ», «Дар ёди кас», «Сайёҳи Ҳинд», «Тоҷмаҳал», «Дар орзуи ошён», «Қадаҳи ман», «Кулоҳи профессор Ахвледианӣ» ва «Ду роҳ» ба шумор мераванд. Шоир дар ашъораш тазаккур мекунад, ки бо вуҷуди шод буданаш ҳамеша дар фикри кишварҳои торуҷгардидааст.

Силсилаи ашъори «Қиссаи Ҳиндустон» дар ҳамон солҳо ба забони ҳинду, урду ва англисӣ тарҷума гардида буд. Ин асар, аз як тараф, зебоиҳои афсонавии Ҳиндустонро тасвир намояд, аз ҷониби дигар, вазъи ногувори зиндагии мардумро таҷассум намудааст. Махсусан, дар шеъри «Меҳмони мағрибӣ» мустамликадорони англисро, ки тӯли як аср зиёд мардуми ҳиндро озор медоданд, тасвир менамояд, ки шикасти онҳоро ғалабаи мардуми Ҳинд меҳисобад:

Фурсат он аст, ки ин «меҳмон».
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон!
Чунки дар ин мамлакат ин зарпараст.
Ҳеҷ ба чизи дигаре дил набаст.
Сар назад аз мағрибии бекарам.
Чизи дигар ғайри ҷафою ситам.
Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз ба ин оила бегона монд.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост! [1, с. 17].

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ низ ин найранги мағрибиёнро бо нидои шӯрангез инъикос менамояд ва агарчи ба миллати худ бонг зада бошад ҳам, мазмунан ба ҳама мардуми Шарқ нигаронида шудааст:

Донӣ аз Афрангу аз кори Фаранг,
То куҷо дар қайди зуннори Фаранг?
… Эй зи кори асри ҳозир бехабар,
Чарбдастиҳои Юрупро нигар.
Қолӣ аз абрешими ту сохтаанд,
Боз онро пеши ту андохтаанд [3, с.629].

«Садои Осиё» мисли «Қиссаи Ҳиндустон» ва «Ман аз Шарқи озодам» ифодагари воқеаҳои сиёсии нимаи дувуми асри ХХ буда, дар он шоир ҳодисаҳои мустақил гардидани як қатор кишварҳои Шарқро аз асорати мустамликаи аҷнабӣ ба ҳамагон воқиф месозад:

Осиё бедор шуд, бедор, тарки хоб кард,
Ростию дӯстиро оқибат дарёб кард.
Меваҳо аз меваҳо гиранд пайванди наве,
Гирад аз ҳамсояҳо ҳамсоя ҳам панди наве [5, с.171].

Дар навбати худ, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ мушкилоти Осиёи Марказиро дигар хел тасвир менамояд ва дар ашъори ӯ омилҳои пешрафт накардани ин марз аз ғафлати мардуми ин сарзамин изҳор гардидааст Иқболи Лоҳурӣ меорад:

Осиё, он марзу буми офтоб,
Ғайрбин аз хештан андар ҳиҷоб.
Қалби ӯ бе воридоти нав ба нав
Ҳосилашро кас нагирад бо ҷав...
Сайди муллоёну нахчири мулук,
Оҳуи андешаи ӯ лангу лук.
Ақлу дину донишу номусу нанг,
Бастаи фитроки лордони Фаранг [3, с.579].

Мавзӯе, ки Иқбол онро дар сартосари ашъори худ пайгирӣ кардааст, масъалаи дар султаи аҷнабӣ қарор гирифтани давлатҳои Шарқ мебошад ва шоир роҳҳои пайдо намудани саодатро танҳо дар таъмин намудани истиқлолияти давлатӣ мебинад. Ҳатто дар тасвири ҳақиқат чандон сахткӯш аст, ки омили қашшоқии як миллатро дар миллати дигар ҷустуҷӯ намуда, ба хулосае меояд, ки мутаассифона, донаро яке мекорад, аммо ҳосилро дигарӣ мебардорад. Иқболи Лоҳурӣ дар ашъори форсияш Шарқро бо тамоми нуқси зиндагияш аз дигар манотиқ боло медонад ва менигорад:

Сӯзу созу дарду доғ Осиёст,
Ҳам шаробу ҳам аёғ аз Осиёст.
Ишқро мо дилбарӣ омӯхтем,
Шеваи одамгарӣ омӯхтем.
Ҳам ҳунар, ҳам дин зи хоки Ховар аст,
Рашки гардун хоки поки Ховар аст[3, с.627].

Нахустин қадамҳои Н.Тихонов дар тасвири вазъи пасти мардуми ҳинд дар манзумаи “Сомӣ” сурат гирифтааст, ки ин манзума сои 1922 иншо гардида, ба дигар осори ба Шарқ бахшидаи шоир заминае гузоштааст. Дар ин манзума як писарчаи ҳиндӣ, ки бар зидди мустамликадорони англис муборизаро мебарад, рамзан таҷассумкунандаи афкори тамоми мардуми бедори Ҳиндустон мебошад. Дар асар Сомӣ аз ҷониби Соҳиб - хӯҷаини ҳуд ҳамеша таҳқир мегардад ва дар дилаш озодиро мепарварад ва мехоҳад, ки гурехта, ба кишвари шӯравӣ биёяд. Дар ин манзума баҳси Сомӣ бо аҷнабиёни англис дар мавриди барпо гардидани кишвари шӯроҳо ва орзуи дидори Ленин аз ҷониби ин кӯдак меравад. Албатта, мавзӯъ идеалогияи замони шӯравӣ бошад ҳам, аммо баҳси байни лорди англис ва Сомӣ тазоди зиндагии мардуми ҳинд дар иртибот ба оини онҳо роҷеъ ба такроршавии зиндагии нав пас аз марг мебошад, ки бо ин роҳ ақшори нотавон умед ба ҳаёти дигар дар ғафлат мемонанд. Дар порчаи зерин ин муносибат боз ҳам равшантар баён гардидааст:

Ты рождён, чтобы быть послушным: Греть мне воду, вставая рано, Бегать с почтой, следить за конюшней. Я властитель твой, обезьяна! [8, с. 287].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:

Ту тавлид шудӣ, то ки итоат кунӣ,
Об бароям сабо гарм кунӣ,
Почта биравӣ, аспҳоро бубин,
Ман ҳокими туям, ту маймун.

Боиси тазаккур аст, ки ин манзума ба манзумаи “Аз Ганг то Кремл”-и Мирзо Турсунзода аз лиҳози мавзӯъ монандӣ дорад, аммо дар манзумаи “Аз Ганг то Кремл” қаҳрамони он Пратап ба Кремл омада, ба дидори Ленин мушарраф мегардад.

1. *Анисимова Е.Е.* Паралингвистика и текст (к проблеме креолизованных и гибридных текстов) // В.я. – 1992. – № 1. - С.71 – 78.
2. *Емельяненко В.* Слова за решеткой [Электронный ресурс] / URL: https://www.russkiymir.ru.
3. Инстаграм [Электронный ресурс] / URL: https://www.instagram.com.
4. *Мамонова Н.В., Юхмина Е.А.* Линейный и нелинейный тексты в глобальной сети интернет // Актуальные проблемы науки и образования в современном вузе Материалы III Международной научно-практической конференции. Ответственный редактор А.И. Филиппов. – 2017. – С. 33 – 38.
5. *Хачецукова З.К.* Реклама в интернете: когнитивно-прагматический аспект [Электронный ресурс] / URL: https://cyberleninka.ru/article/n/reklama-v-internete-kognitivno-pragmaticheskiy-aspekt.
6. *Asmukovich I. V.* Semantic and pragmatic peculiarities of aviation slogans [Электронный ресурс] / URL: http://eprints.zu.edu.ua/17873/1/24.pdf
7. *Cook G.* The discourse of advertising / G. Cook. – London and New York; Oxford: Oxford University Press, 1992. – 250 p.
8. *Dr. R. Kannan, Dr. Sarika Tyagi.* Use of Language in Advertisements [Электронный ресурс] / URL: http://www.esp-world.info/articles_37/kannan_use_of_language_in_advertisements.pdf.
9. *Leech G. N.* English in Advertisements: A linguistic study of advertising in Great Britain. – London: Longman, 1966. – 270 p.
10. *Maedeh Dohaei, Saeed Ketabi.* A Discourse Analysis of Coffee and Chocolate Print Advertisements: Persian EFL Learner's Problems in Focus [Электронный ресурс] / URL: http://www.mcser.org/journal/index.php/mjss/article/viewFile/6399/6133.

ПОСТҲОИ РЕКЛАМАВИИ БО ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ШАБАКАИ ИНСТАГРАМ: ҶАНБАИ КОГНИТИВӢ-ПРАГМАТИКӢ

Дар мақола постҳои бо забони англисии шабакаи Инстаграм аз мавқеи муносибати когнитивӣ – прагматикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, таҳлили лингвосохтории постҳои рекламавии бо забони англисии шабакаи Инстаграм амалӣ карда мешавад, махсусиятҳои прагмалингвистикӣ ва паралингвистики постҳои

рекламавӣ баррасӣ гардида, категорияи Инстаграм-постҳои рекламавӣ ва гурӯҳбандии онҳо қайд карда шудаанд. Тамоми гуногуншаклии постҳои рекламавӣ вобаста аз шакли пешниҳоди маводи рекламавӣ, мазмуни он ва аудиторияи мақсаднок ба ду категорияи асосӣ тақсим карда мешаванд: постҳои шахсӣ –рекламавӣ ва ё постҳои мақсаднок ва постҳои дӯстона барои гурӯҳ, ки дорои рекламаи пӯшида мебошанд. Дар худи постҳои рекламавӣ постҳо – эътиқодҳо, постҳо-пешниҳодот ва постҳо - даъватҳо баррасӣ мегарданд. Постҳои дӯстона ба постҳои иртиботӣ, постҳо – маълумотномаҳо ва постҳо – тафсирҳо тақсим мешаванд. Барои ҳар як категорияи постҳо намунаҳо дода шуда, таҳлили онҳо гузаронида мешавад. Диққати махсус ба ҷанбаҳои семантикӣ, синтаксисӣ ва фонологии забон дар постҳои рекламавӣ дода мешавад. Дар охир маълумотҳои таҳлили оморӣ мавод оварда мешавад, ки он тақсимоти постҳои навъҳои гуногунро дар шабаки англисзабони шабакаи Инстаграм равшануу возеҳ нишон медиҳад..

Калидвожаҳо: постҳои тарғиботии забони англисӣ, ҷанбаи когнитивӣ-прагматикӣ, Инстаграм, воситаҳои паралингвистикӣ, матни реклама, воситаҳои прагмалингвистикӣ, сатҳҳои забонӣ.

АНГЛОЯЗЫЧНЫЕ РЕКЛАМНЫЕ ПОСТЫ СЕТИ ИНСТАГРАМ: КОГНИТИВНО-ПРАГМАТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ

В статье рассматриваются англоязычные рекламные посты Инстаграм с позиции когнитивно-прагматического подхода, осуществляется лингво-структурный анализ англоязычных рекламных постов социальной сети Инстаграм, рассматриваются прагмалингвистические и паралингвистические особенности рекламных постов, выделяются категории рекламных Инстаграм-постов и критерии их классификации. Все многообразие рекламных постов в зависимости от формы подачи рекламного материала, его содержания и целевой аудитории распределяются на две основные категории: собственно-рекламные посты или таргетированные посты и дружеские посты для группы подписчиков, содержащие скрытую рекламу. В собственно-рекламных постах рассматриваются посты-убеждения, посты-предложения и посты-призывы. Дружеские посты делятся на коммуникативные посты, посты-справки и посты-обзоры. На каждую категорию постов даются примеры, проводится их анализ. Особое внимание уделяется семантическим, синтаксическим и фонологическим аспектам языка в рекламных постах. В заключении приводятся данные статистического анализа материала, который наглядно демонстрирует распределение постов разного типа в англоязычной социальной сети Инстаграм.

Ключевые слова англоязычные рекламные посты, когнитивно-прагматический аспект, Инстаграм, паралингвистические средства, рекламный текст, прагмалингвистические средства, языковые уровни.

ENGLISH ADVERTISING POSTS OF INSTAGRAM: COGNITIVE-PRAGMATIC APPROACH

The article considers Instagram advertising posts in the English language from the perspective of the cognitive-pragmatic approach. There are distinguished some main functions of advertising posts and their meanings. A special attention is paid to the semantic, syntactic and phonological aspects of the English language in the advertising posts. There is offered the classification of the advertising posts depending on their category. All the variety of advertising posts, depending on the form of presentation of advertising material, its content and the target audience are divided into two main categories: targeted posts and friendly-like posts. The latter are for the hidden advertising posts. Targeted posts are further subdivided into persuasion posts, posts-offers and posts-appeals. Friendly-like posts are divided into communication posts, information posts and posts-reviews. There are given examples for each category of posts and their analysis. Special attention is paid to the semantic, syntactic and phonological aspects of the language in the English advertising posts. In conclusion, there is given the data of the statistical analysis, which demonstrates the distribution of posts of different types in the English social network Instagram.

Key words: English advertising posts, cognitive-pragmatic approach, Instagram, paralinguistic means, advertising text, pragmalinguistic means, linguistic levels.

Сведения об авторе: ***Юхмина Елена Александровна*** – Челябинский государственный университет, доцент кафедры делового иностранного языка. **Адрес**: 454001, Россия, г.Челябинск, ул. Братьев Кашириных, 129. E-mail: **alen_vitamin@mail.ru.** Тел.: **+79518149996**

Information about the author: ***Yukhmina Elena Alexandrovna*** – Chelyabinsk State University, Associate Professor of the Departmant of Foreign Languages. **Adress:** 454001, Russia, Chelyabinsk, Bratyev Kashirinykh Str., 129, E-mail: **alen_vitamin@mail.ru.** Tel.: **+79518149996**

УДК: 070.1

ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА ДО ЭПОХИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

Абдуллозода М.А., Рахимов А.А.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

В разных странах и регионах мира средства массовой информации появились в различные периоды их исторического развития, а потому, как отмечает Е.П. Прохоров, «формирование структуры системы журналистики осуществлялось разными путями» [9, с.253]. Исходя из этого, в познании специфики функционирования системных особенностей СМИ различных стран, необходимо учесть исторические пути формирования системы СМИ. Только через понимание исторического фактора можно определить эволюционные пути становления системы средств массовой информации и их нынешнего состояния.

«Разные пути», о которых говорит Е.П. Прохоров, на наш взгляд, заключается во временном измерении формирования системы журналистики в различных странах. Если за

XVII-XIX века в России, странах Европы и Северной Америки печатные СМИ оформились в целостную систему, то в других регионах мира, в том числе и в Центральной Азии, печатные издания делали свои первые шаги во второй половине XIX-го - начале XX-го веков.

В Центральной Азии с последней четверти XIX века началось формирование четырех направлений периодических изданий:

1. Периодическая печать, учрежденная властями Туркестанского генерал-губернаторства.
2. Периодическая печать русской политической оппозиции, прежде всего, социал-демократическая пресса.
3. Мусульманская периодическая печать на персидском и тюркском языках, которая доставлялась из Индии, Афганистана, Ирана, Турции, Египта; также из тюркоязычных территорий - Крым и Татарстан, - подконтрольных Российской империи.
4. Собственная периодическая печать, учрежденная местной передовой интеллигенцией, известной в истории как джадиды.

Как отмечают И. Усмонов и Д. Давронов, «типография и пресса в Средней Азии были учреждены русскими, после завоевания региона Российской империей» [11, с.25]. Это были такие периодические издания, как «Туркестанские ведомости», «Окраина», «Туркестанская туземная газета» на русском языке и «Туркистон вилоятининг газети» на узбекском языке. Эти издания, выражая позицию местной царской власти, «имели простой официальный характер» [11, с.28].

Последняя также имела киргизскую версию, таджикская так и не увидела свет. Академик В.В. Бартольд в своем очерке «Таджики» сообщает, что наряду с узбекским и киргизским языками первоначально было запланировано издание приложения «Туркестанских ведомостей» также и на таджикском языке, но оно не было реализовано [7, с.468].

К оппозиционным политическим изданиям принадлежала следующая пресса: «Рабочий», «Рабочий листок «Молот», «Солдатский листок «Правда», «Самарканд», «Русский Туркестан», «Асхабад», «Красное солнышко», «Ташкентский рабочий». Эти периодические издания пропагандировали социал-демократические, большевистские идеи, призывающие к революции и коренным изменениям. Они издавались в основном на русском языке, и их аудиторией были русскоязычные читатели из рабочей среды, а также политические активисты.

Местная массовая аудитория являлась читателем общемусульманской периодической печати. Под термином «общемусульманский» необходимо понять периодическую печать на персидском и тюркском языках, приходившая извне в центральноазиатский регион. Следует учесть, что «общеперсидская» или «общетюркская» пресса, была частью общемусульманской печати.

Двуязычье в Центральной Азии являлось обычным явлением, а потому массовая аудитория региона была читателем как персоязычных, так и тюркоязычных газет и журналов. К ним относились такие периодические издания, как «Ахбор», «Джоми джахоннамо», «Хабл-ул-матин», «Конун», «Тарджумон», «Мулла Насреддин», «Шуро», «Вакт» и другие. Образованные туркестанцы[††] и бухарцы[‡‡], прежде всего из числа новой буржуазии и джадидов подписывались на эти издания, читали их, а также начали сотрудничать с их редакциями.

Особенно были популярны газеты «Вакт», «Тарджумон» и журнал «Мулла Насреддин», активно освещающие плачевную бухарскую действительность и поддерживающие новые начинания джадидов в проведении необходимых реформ. Некоторые джадиды активно печатались в этих периодических изданиях. Например, А. Мухиддинов писал пламенные статьи в газете «Вакт» под псевдонимом «Бухорои» («Бухарец»), знакомя широкий круг читателей с действительностью тогдашнего бухарского общества [6, с.72-79].

Вместе с тем, «постепенно джадиды стали осознавать, что только пришедшей извне прессой просветить народ невозможно. Они начали понимать, что внешняя пресса, какая бы она ни была передовая или прогрессивная, не может в полной мере удовлетворить насущные потребности бухарского общества. Поэтому начали, активно бороться за создание местной прессы на родном языке» [2, с.100].

Первая таджикская газета «Бухорои шариф» («Священная Бухара») вышла с свет 11 марта (23 марта по новому стилю) 1912 года в городе Каган-Новая Бухара. Инициаторами создания газеты выступили известные джадиды Мирзо Сиродж Хаким и Мирзо Мухиддин Мансуров. Издание газеты продолжалось около восьми месяцев и прекратилось 2 января (14 января по новому стилю) по инициативе реакционного бухарского правительства и царского консульства. Хотя свет увидели только 153 номера газеты, но именно на их страницах «были заложены основы таджикской журналистики и публицистики» [2, с.101].

[††] Под «туркестанцами» здесь имеются в виду жители Туркестанского генерал-губернаторства

[‡‡] Под «бухарцами» имеется в виду население Бухарского эмирата

После закрытия «Бухороишариф» и до падения Бухарского эмирата и установления Советской власти другое периодическое издание сугубо на таджикском языке не появилось. Такие периодические издания, как, например «Самарканд» и «Ойина» («Зеркало») Махмудходжи Бехбуди были, во-первых, двуязычными, а во-вторых, издавались на территории Туркестанского генерал-губернаторства.

В советское время СМИ Таджикистана функционировали как часть общесоюзной системы, а потому были подчинены общим закономерностям того периода. Если в центре и некоторых союзных республиках были развиты как печатные, так и электронные СМИ, то в среднеазиатских республиках, в том числе в Таджикистане была развита именно периодическая печать. Массовая аудитория была нацелена на информационный продукт печатных СМИ и в целом доверяла печатному слову.

История таджикской советской и официальной печати начинается с 1919 года в Самарканде, на территории Туркестанской АССР с созданием журнала «Шуълаиинкилоб» («Пламя революции») 10 апреля 1919 года. Данный журнал внес большой вклад в формирование национального и социального сознания таджикского народа. Публицистический талант Садриддина Айни проявился именно на страницах данного журнала. Помимо стихов он в этом журнале опубликовал 93 статьи, очерки и переводные материалы.

Журнал просуществовал до 8 декабря 1921 года и после выхода 91-ого номера его издание прекратилось. Формальной причиной закрытия журнала были экономические проблемы, но истинным мотивом являлось противодействие пантюркистских элементов, не желающих развития таджикского языка, литературы, прессы и в целом таджикской культуры.Итогом такого противодействия было то, что на территории Центральной Азии в течение почти трех лет не существовало прессы на таджикском языке.

В то же время передовая таджикская интеллигенция, несмотря на отсутствие прессы на родном языке, продолжала свою борьбу по двум направлениям. Во-первых, для защиты национальных интересов таджикского народа она стала использовать узбекоязычную прессу, а во-вторых, прилагала все усилия для возрождения таджикской прессы.

Материалы, опубликованные по таджикскому вопросу в узбекоязычных газетах того времени «Зерафшан» (Самарканд) и «Туркестан» (Ташкент), показывают, что «в этот период исторической жизни таджикского народа хорошее знание узбекского языка помогло передовой таджикской интеллигенции встать на защиту национальных интересов таджиков в условиях отсутствия периодической печати на таджикском языке. Особую роль в этом процессе сыграл Али Исмоилзода, который являлся главным редактором газеты «Зерафшан».

Также следует отметить, что объявление об издании газеты «Овози тоджик» было сообщено на страницах газеты «Зерафшан»: «ЦК ВКП (б) принял решение одновременно с созданием автономной республики Таджикистан учредить также сугубо таджикскую газету под названием «Овози тоджик» («Голос таджика»), первый номер которой под названием «Овози тоджики камбагал» («Голос таджика - бедняка») увидел свет 25 августа 1924 года. До этого знаменательного дня в истории таджикского народа именно узбекская газета «Зерафшан», во главе с ярким публицистом Али Исмоилзода предоставила свои страницы для объявления о том, что скоро будет издаваться газета на таджикском языке «Овози тоджик». Объявления начинаются с № 169 (31.07.1924 г.) и продолжаются до № 172 (10.08.1924 г.), причем текст объявления опубликован на таджикском языке: «*Эълон. Барои газетаи њафтагии «Овози тољик» аз авали моњи август обуна ќабул мешавад. Љои идора дар идораи газетаи «Зарафшон» мебошад».(«Объявление. С начала августа принимается подписка на еженедельную газету «Голос таджика». Редакция находится в здании редакции газеты «Зерафшан»»*[4, с.152].

С учетом такой ситуации вокруг таджикской прессы, выход в свет газеты «Овози тоджик» было знаковым событием, так как у таджиков появилось периодическое издание, которое, в отличие от «Бухорои шариф» и «Шуълаи инкилоб», отражало зародившуюся таджикскую этнонациональную идентичность. Впервые именно в названии этой газеты этноним «таджик» начал приобретать общенациональный характер.

А потому совсем не случайно С. Айни в статье «Таджикская народность и пресса» опубликованной в первом номере «Овози тоджик», написал такие исторические слова: «Газета каждой народности и нации - это ее язык. Народность, у которой нет своей газеты, у нее как будто нет и языка. То есть народность без газеты, подобна человеку без языка. Эта газета, конечно же, как ее название, будет таджиком. Теперь можно сказать, что таджикская народность истинно стала носителем своего языка. Теперь сможет обо всех этих проблемах написать в своей газете. Теперь сможет узнать обо всех мировых событиях. Теперь сможет через свою газету, которая является языком таджиков, говорить всем о своих сердечных болях и печалях» [5, с.270-271].

Через год, в 1925 году, была образована другая таджикская газета под названием «Бедории тоджик» («Пробуждение таджика»), первый номер которой назывался «Иди тоджик» («Праздник таджика»). В названии этой газеты также фигурирует этноним «таджик», что указывает на продолжение традиции «Овози тоджик».

Историческое значение газеты «Бедории тоджик» было в том, что она являлась первым полноформатным периодическим изданием в пределах Восточной Бухары, на территории которой была образована Таджикская АССР. Центром Таджикской автономной республики был выбран кишлак Душанбе, который еще до ее образования являлся неофициальным центром данного региона (официальным был Гиссар). А потому первые печатные издания начали выходить в свет именно в Душанбе с 1923 года.

Первой из них была красноармейская газета «По басмачу», являющаяся органом 13-ого стрелкового корпуса. Она вышла 13 декабря на четырех страницах малого формата, а тираж ее не превышал 400 экземпляров. Кроме этой газеты в Восточной Бухаре до 1924 года выходили еще две армейские газеты: «Полковой набат» и «Красный Каратегин». Все три газеты выходили на русском языке и, соответственно, типографические шрифты были также на этом языке.

В июле 1924 года впервые в Восточную Бухару были привезены арабо-таджикские типографические шрифты, а в августе была организована первая национальная типография. В этой типографии в августе 1924 года в свет был выпущен первый номер газеты «Овози Шарк» («Голос Востока») на таджикском языке.

Один из сотрудников этой газеты Г. Нурмухаммедов впоследствии вспоминал: «В июле 1924 года мы погрузили в поезд достаточное количество арабских шрифтов и печатную машинку «Американка» и поехали из Бухары в Термез. От Термеза до Душанбе добирались верхом на верблюдах, через опасную дорогу за 31 день добрались до Душанбе» [10, с.14].

15 марта 1925 года, в день официального провозглашения Таджикской АССР вышел первый номер газеты «Иди тоджик» (Праздник таджика»), которая в последующие годы стала центральным партийно-правительственным изданием республики. Первый номер газеты так был назван совсем неслучайно, потому что образование Таджикской АССР для таджиков действительно являлось национальным праздником. Через тысячу лет после распада государства Саманидов, на территории Восточной Бухары был создан Таджикистан, и хотя он был автономным государственным образованием, но для таджиков это означало возрождение государственности.

С 5 апреля 1925 года, начиная со второго номера, газета вышла в свет под названием «Бедории тоджик» («Пробуждение таджика»). Это название тоже было выбрано осознанно, так как таджики должны были выйти из эйфории праздника, начать работу по строительству новой национальной жизни и двигаться по направлению к национальному пробуждению.

За год до создания Таджикской ССР, с 8 октября 1928 года газета была переименована в «Тоджикистони сурх» («Красный Таджикистан»), а с 1 января 1955 года в «Тоджикистони совети» («Советский Таджикистан»). В последующие годы газета поменяла название на «Тоджикистони шурави» и «Джумхурият», и ныне под последним названием ежедневно выходит в свет как официальный орган независимого Таджикистана.

С периода преобразования Таджикской АССР в союзную республику в сентябре 1929 года начинается процесс дифференциации печати. Было возобновлено издание русскоязычной газеты «Советский Таджикистан»; с 1930 года она стала выходить под названием «Коммунист Таджикистана», а ныне называется «Народная газета». Узбекское приложение газеты «Тоджикистони сурх» было преобразовано в самостоятельную газету «Кизил Тоджикистон» («Красный Таджикистан»), которая впоследствии начала выходит под названием «Совет Тоджикистони» («Советский Таджикистан»), а ныне выходит под названием «Халк овози» («Голос народа»).

К маю 1937 года в республике выпускалось уже 8 республиканских газет, 7 журналов, 55 районных газет, несколько многотиражных ударных строек и колхозов, общий тираж которых составлял свыше 250 тыс. экземпляров.

В эти годы возникла и начала развиваться молодежная и детская печать. 5 апреля 1930 года вышла газета «Комсомоли Тоджикистон» («Комсомолец Таджикистана»), которая ныне выходит под названием «Джавонони Тоджикистон». Спустя два года началось издание пионерской газеты под названием «Пионери Тоджикистон». Молодежная газета республики стала школой мастерства молодых писателей республики. Поэты и писатели поколения комсомола Мирсаид Миршакар, С.Улуг-заде, Хаким Карим, Х. Юсуфи, Пайрав Сулаймони и многие другие проходили через эту школу.

В 30-е годы в Таджикистане кроме партийных, женских и молодежных изданий выходили и такие, в которых в республике нужда отпала. Среди них журнал «Октябрь», специально выпускавшийся для лиц безграмотных и малограмотных.

Годы довоенных пятилеток в истории нашей республики являются годами строительства индустрии, освоения новых земель, коллективизации сельского хозяйства, культурной революции. Именно эти темы характеризуют содержание публикуемых материалов печати. В них отражена борьба нового со старым.

Вместе с тем, 30-е годы XX века в нашей истории (как и в истории всех советских народов) также были годами репрессий и безосновательных обвинений, которые нашли свое выражение во множестве публикаций тех лет. Следует отметить, что эта сторона таджикской прессы, вкратце затронута в монографии М.А. Абдуллаева [4, с.240-251], но до сих пор развернуто не подвергалась изучению.

В связи с началом Отечественной войны задачи прессы и публицистики в корне изменились. Они были направлены на поднятие национального духа и самосознания советских народов. Следует отметить, что в трудные годы войны все периодические издания были закрыты, за исключением двух главных партийных газет: «Тоджикистони сурх» и «Коммунист Таджикистана». Именно на страницах этих двух газет журналисты и писатели, такие как С. Айни, Дж. Икроми, Х. Карим, Р. Джалил и другие публиковали свои статьи на патриотические темы».

Вместе с тем в военные годы самым активным публицистом таджикской прессы был С. Айни, который в газете «Тоджикистони сурх» опубликовал более десяти публицистических статей. И это помимо двух исторических очерков, написанных им в 1944 году: «Герой таджикского народа - Тимурмалик» и «Восстание Муканны».

После войны газеты и журналы, которые приостанавливали свое издание, возобновили деятельность. Год от года увеличивались их количество и тираж, а содержание становилось разнообразным и интересным. В общей сложности «в конце 1948 года в Таджикистане выпускались 7 республиканских, 8 областных и 44 районных газет» [11, с.206].

В 50-е годы были учреждены такие периодические, издания как «Машъал», «Хорпуштак», «Точикистон», «Журналист». Некоторые издания изменили свои названия: «Точикистони сурх» на «Точикистони совети», «Кизил Точикистон» на «Совет Точикистони». Произошли определенные передвижки в региональной прессе. Статистика показывает, что «в конце 1956 года в Таджикистане на свет выходили 5 городских и 42 районных газеты»[11, с.208].

В 60-70-е годы XX века СМИ Таджикистана, особенно периодическая печать, находились на подъеме. В Ленинабаде (ныне Худжанд), Кургантюбе (ныне Бохтар) и Кулябе были учреждены три областные газеты. В Душанбе были созданы газета «Вечерний Душанбе», журнал «Агитатор Таджикистана», а литературный журнал «Памир» начал выходить ежемесячно.

Одной из характерных черт периодической печати этих десятилетий было то, что произошли определенные изменения в содержательно-тематическом плане. Например, это можно наблюдать в освещении национального праздника Навруз, который ранее был запрещен и«в застойную эпоху был возрожден на страницах газеты «Маориф ва маданият» [1, с.273]. Изучение динамики освещения праздника Навруз в номерах вышеназванной газеты от 21-22 марта 1963, 1968, 1973, 1979, 1980 годов показало, что «в течение более 20 лет из года в год материалов становилось больше, охват вопросов, связанных с Наврузом, расширялся, а номера газеты становились красочными и действительно праздничными» [1, с.276].

В начале 80-х годов в таджикской периодической печати стали происходить качественные изменения. Это особенно можно наблюдать в сфере просвещения, культуры и литературы. В 1981 году газета «Маориф ва маданият» («Просвещение и культура») разделилась на две самостоятельные издания: «Маданияти Точикистон» («Культура Таджикистана») и «Газетаи муаллимон» («Учительская газета»). Последняя с 1982 года поменяла название на «Адабиёт ва санъат» («Литература и искусство»), которая издается до сего времени.

Кроме того, еще одним интересным моментом является то, что в отличие от центра (Москвы и Ленинграда) и ряда национальных республик бывшего СССР (особенно Прибалтики и Закавказья) «до наступления гласности в Таджикистане не существовало ни самиздата, ни «тамиздата». Все проявления национального и патриотического сознания выражались в дозволенных рамках официальной таджикской прессы» [3, с.14].

Со второй половины 80-х годов XX века в СССР и соответственно, в Таджикистане началась политика перестройки и гласности, которая стала одним из главных факторов демократического развития и свободы слова. В годы перестройки газеты и журналы стали очень интересными, их воздействие на массовую аудиторию стало возрастать, так как они поднимали десятилетиями замалчиваемые проблемы.

Основными темами периодической печати эпохи перестройки являлись:

- история 20-х годов XX века и борьба вокруг создания Таджикистана;
- несправедливое национально-территориальное размежевание и проблема древних столичных центров таджикского народа;

- положительная и негативная роль отдельных личностей в борьбе за права таджикского народа;
- проблемы двукратного изменения таджикского алфавита и сужение использования таджикского языка в общественной жизни;
- репрессии деятелей политики, культуры и религии в 30-е годы, а также уничтожение культурно наследия, особенно древних рукописей и т.п.[§§].

Вокруг этих и ряда других проблем печатались статьи, интервью и происходили дискуссии между отдельными авторами. Но главной темой дискуссии, которая приобрела действительно массовый характер, была полемика по приданию государственного статуса таджикскому языку.Анализ публикаций вокруг этого вопроса показывает, что авторы разделились на три группы:

1. Авторы, которые обосновывали идею придания таджикскому языку статуса государственного;
2. Авторы, которые хотели придать статус государственного двум языкам: таджикскому и русскому;
3. Противники придания таджикскому языку государственного статуса.

Итогом бурных дискуссий стало принятие Закона о языке, которое объявило таджикский язык государственным языком, а русский языком межнационального общения.

Знаковым законом, которым можно сказать завершилась советская эпоха для СМИ республики,был Закон Республики Таджикистан«О печати и других средствах массовой информации, принятый 14 декабря 1990 года. В связи с этим, как отмечает проф. А.Н. Нуралиев, «данный закон послужил мощным фактором в закреплении демократических основ для формирования независимых газет, журналов и телерадиокомпаний, как в годы гражданского противостояния, так и в постконфликтный период. Получили определенную ясность права и обязанности самих журналистов, определены статус СМИ, порядок регистрации и прекращения их деятельности, правовые основы их функционирования, закреплены основные права и свободы, а также ответственность журналистов, других лиц, работающих в СМИ, компетенция государственных органов и должностных лиц, имеющих отношение к СМИ» [8, с.8-9].

Это правильное утверждение А.Н. Нуралиева подтверждается тем, что данный закон успешно действовал в течение двадцати трех лет, пока не был принять Закон Республики Таджикистан «О периодической печати и других средствах массовой информации » от 19 марта 2013 года.

Таким образом, из всего сказанного выше следует, что до эпохи независимости таджикская периодическая печать прошла свой собственный исторический путь зарождения, становления и развития. Этот исторический путь до сих пор имеет определенное воздействие на современный облик таджикской прессы в XXI веке, с точки зрения типологии, жанровой палитры, тематики и содержания.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдуллаев М.А. Эволюция освещения национального самосознания в таджикской прессе 60-80-х годов XX века / М.А.Абдуллаев // Вестник ТНУ (научный журнал). Серия филология. № 4/3(113). – Душанбе: Сино, 2013. – 270-277 с.
2. Абдуллаев М.А. «Бухорои шариф»: трудный путь зарождения таджикской журналистики / М.А. Абдуллаев // Актуальные проблемы журналистики. Выпуск 6. – Душанбе: РТСУ, 2013. – 135 с.
3. Абдуллаев М.А. Освещение темы национальной идентичности в таджикской публицистике перестроечной эпохи (1986-1990 гг.) / М.А. Абдуллаев // Актуальные проблемы журналистики. Выпуск 7. – Душанбе: РТСУ, 2014. – 13-20 с.
4. Абдуллаев М.А. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М.А. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
5. Айни С. Осори баргузида. Љилди 1. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 478 с.
6. Айнї С. Таърихи инќилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
7. Бартольд В.В. Сочинения. Т.II. Ч 1 / В.В. Бартольд. - М.: Изд-во восточной литературы, 1963. – 1020 с.
8. Нуралиев А. Правовые основы журналистики / А.Нуралиев. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 240 с.
9. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики / Е.П. Прохоров. – М.: Аспект Пресс, 2011. - 351с.
10. Усмонов И. Печать Советского Таджикистана / И.Усмонов // Распространение печати 1980. - № 6. – 12-15 с.
11. Усмонов И. Давронов Д. Таърихи журналистикаи тољик / И. Усмонов, Д.Давронов. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – 280 с.

ВЕЖАГИҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИКИСТОН ТО МАРҲАЛАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

[§§] Пятьдесят восемь знаковых статьей этого периода объединены в двух томах сборника «Уроки самопознания» (Дарси хештаншиносӣ. Китоби якум. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 272 с.; Китоби дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1991. – 400 с.)

Дар мақола вежагиҳои таърихии пайдоиш, ташаккул ва рушди матбуоти даврии Тоҷикистон то марҳалаи истиқлолияти давлатии кишвар пайгирӣ шудааст. Тазаккур дода мешавад, ки дар охири қарни XIX – аввали қарни XX ба қаламрави Осиёи Марказӣ матбуоти умумимусулмонӣ ва россиягӣ паҳн мегардид, ки дар ин минтақа хонандагони худро дошт. Таъкид шудааст, ки таҳти таъсири ин падида қишрҳои пешқадами ҷомеа ба хулосае омаданд, ки бояд матбуоти маҳаллӣ таъсис дода шавад. Дар замони шӯравӣ матбуоти даврии тоҷик бо суръати тез, ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам навъ инкишоф ёфт, аз ҷиҳати сохтор чун низоми ягона шакл гирифта, роҳи махсуси таърихии хешро тай намуд, ки то кунун, қисман идомати худро ҳифз кардааст.

Калидвожаҳо: вежагии таърихӣ, махсусиятҳои системавии ВАО, матбуоти даврӣ, нашрияҳои даврӣ, публитсистика, журналистика, роҳи таърихӣ.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА ДО ЭПОХИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье прослеживаются исторические особенности зарождения, становления и развития периодической печати Таджикистана до достижения страной государственной независимости. Отмечается, что в конце XIX и начале XX веков на территории Центральной Азии стали распространяться общемусульманская и российская пресса, которые имели свою аудиторию в данном регионе. Подчеркивается, что под воздействием этого явления передовые слои общества пришли к выводу о создании местной прессы. В советское время таджикская периодическая печать стала быстрыми темпами развиваться, как по количеству, так и по типу, структурно оформилась в единую систему, проходя особый исторический путь становления, которая и поныне отчасти сохранила свою преемственность.

Ключевые слова: историческая особенность, системные особенности СМИ, периодическая печать, периодические издания, журналистика, публицистика, исторический путь.

THE HISTORICAL PECULIARITIES OF THE FORMATION OF THE PERIODICAL PRESS OF TAJIKISTAN TO THE ERA OF STATE INDEPENDENCE

The article traces the historical features of the origin, formation and development of the periodical press of Tajikistan before the country's independence. It is noted that in the late XIX and early XX centuries on the territory of Central Asia began to spread the Muslim and Russian press, which had an audience in the region. It is emphasized that under the influence of this phenomenon, the advanced strata of society came to the conclusion about the creation of the local press. In Soviet times, the Tajik periodical press began to develop rapidly, both in number and in type, structurally formed into a single system, passing a special historical path of formation, which to this day has partially preserved its continuity.

Key words: historical feature, system features of mass media, periodicals, periodicals, journalism, journalism, historical way.

Сведения об авторах: ***Абдуллозода Масрур Ахмад*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30. E-mail: **masrur_a@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-06-86-01**
Рахимов Абдухамид Абдубосирович - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой отечественной и международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30. E-mail: **rtsuok@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-62-21-21**

Information about authors: ***Abdullozoda Masrur Ahmad*** – Russian-Tajik (Slavonic) University, Doctor of Philological Sciences, Professor at the Department of national and international journalism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzadest. 30. E-mail: **masrur_a@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-06-86-01**
Rakhimov Abduhamid Abdubosirovich - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological Sciences, associate Professor, head of the Department of national and international journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade str. 30. E-mail: **rtsuok@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-62-21-21**

УДК: 070:891.550:82

МОҲИЯТ ВА РИСОЛАТИ МАҶАЛЛАИ «БО РОҲИ ЛЕНИНӢ»

Азимов А.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солҳои сиюми асри XX барои халқи тоҷик солҳои пешрафти фарҳанг ва маданият маҳсуб меёбад. Аввалан, соли 1929 Тоҷикистон мустақил гардид ва дар ҳамин замина дар тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Халқи тоҷик барои пешбурди иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, таърих, маданият, мактабу маориф, тарбияи кадрҳои гуногун барои хоҷагии халқ, маҳви бесаводӣ, озодии занон, сохтмони мактабҳо, донишкадаҳо, техникумҳо замина мегузошт ва ба ин васила таъсису ташкил намудани матбуоти гуногунсоҳа дар қаламрави ҷумҳурӣ шароитҳои моддиву маънавӣ муҳайё мегардид. Дар ин роҳ барои амалӣ намудани чунин мақсадҳо давлати Шӯравӣ барои Тоҷикистони ҷавон ҳаматарафа кумак ва ёрмандӣ менамуд. Дар давоми даҳ сол, яъне аз соли 1930 то 1940, аниқтараш то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷумҳурии мо даҳҳо рӯзномаву маҷаллаҳои гуногунсоҳа табъ диданд, ки пешрафти фарҳанг ва тамаддуни моро таъмин мекард. Чоп шудани рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун барои халқи тоҷик ва бедории шуури онҳо заминаҳои кофӣ гузошт. Дар қатори таъсиси рӯзномаҳо

маҷаллаҳои зиёди гуногунсоҳа рӯйи кор омаданд, ки нақши ҳудро дар пешбурди ҷомеаи навини тоҷик мегузоштанд ва ходимону нигорандагони он бошад вазифаҳои таърихии ҳудро дар як давраи ҳассоси таърихӣ чун фарзандони фидоии миллат адо менамуданд. Маҳз дар ҳамин давра, яъне, солҳои сиюм, алалхусус дар панҷсолаи дувум таъсис ёфтани маҷаллаҳои «Инқилоби маданӣ», «Револютсияи маданӣ», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Коркуни партиявӣ», «Бо ёрии коркунони партиявӣ», «Калтак», «Бо роҳи ленинӣ», «Блокноти агитатор», «Мактаби советӣ», «Ҳуқуқшиноси шӯроӣ», «Октябр», «Ҷаҳоннамо» ва ғайраҳо гувоҳи он аст, ки матбуоти даврагии РСС Тоҷикистон инкишоф ва пеш рафтааст. Чунин як нашрияе, ки ҳаёти занону духтарони тоҷикро дар он давраи таърихӣ инъикос намояд, маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» буд.

Таъсис ва ташкил намудани маҷалла бо номи «Бо роҳи ленинӣ», ки ифодакунандаи ҳаёту фаъолияти занон буд, талаботи давру замон ва ба ин васила масъалаҳои марбут ба занону духтаронро дар ҷомеа инъикос менамуд. Ҳизбу давлати Шӯравӣ зарурияти таъсиси чунин маҷаллаҳоро дарк намуд ва бюрои иҷроияи КМ ҲК (б) Тоҷикистон 14 марти соли 1932 дар бораи нашр намудани маҷаллаи ҳармоҳаи оммавӣ барои занони коргару деҳқон қарор баровард ва дар қарор чунин омадааст:

1. Нашри маҷаллаи ҳармоҳаи оммавӣ - нашрияи КМ ПК (б) Тоҷикистон барои занони коргару деҳқон ба забони тоҷикӣ (бо ҳуруфи лотинӣ) зарур дониста шавад;
2. Нашри маҷалла ба Нашриёти давлатии Тоҷикистон супорида шавад;
3. Муҳаррири маҷалла рафиқа Ортиқбоева, ҷонишини муҳаррир рафиқа Носирова ва котиби масъул рафиқа Қосимова ва аъзоёни ҳайати таҳририя: Ортиқова, Носирова, Қосимова, Дайламӣ ва Баҳромӣ тасдиқ карда шаванд;
4. Маҷалла дар ҳаҷми 1,5 ҷузъи чопӣ муқаррар карда шавад;
5. Ба Шӯрои Комиссарони Халқӣ таклиф карда шавад, ки нашри маҷалларо бо кумаки пулии (дотатсияи) лозимӣ таъмин намояд, нархи ҳар як шумораи маҷалла аз 25-30 тин зиёд набошад;
6. Ба нашри маҷалла аз 1 майи соли 1932 шурӯъ карда шавад;
7. Қарори мазкурро барои тасдиқ ба КМ ВКП (б) ва Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП (б) пешниҳод намояд [4].

Шумораи аввали маҷаллаи оммавӣ - сиёсӣ барои занони коргару деҳқон бо номи «Бо роҳи ленинӣ» нашрияи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, ки муҳаррираш Ортиқбоева буд, 1 маи соли 1932 дар шаҳри Душанбе ба табъ расид. Соли аввал маҷалла ҳамагӣ се шумора чоп шуд. Шумораи аввал агар моҳи май нашр шуда бошад, ду шумораи дигар № 2-3 якҷоя ба табъ расидааст.

Маҷалла ду даврароз сар гузаронидааст, давраи аввал то соли 1935 ва давраи дувум баъд аз соли 1936 то соли 1941. Дар байн маҷалла қариб як сол чоп нашудааст. Дар ин муддат фазои холие ба вуҷуд омадааст. Маҷалла дар се соли фаъолияташ 21 шумора баромадаасту халос. Аз ин ҳафт шумора ба таври алоҳида ва ҳафт маротибаи дигар дар шакли якҷоя, яъне 14 шумора чоп шудааст.

Дар ҳамин вақт қарори бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 1934 дар бораи нақшаи нашри рӯзномаву маҷаллаҳо барои соли 1935 мебарояд. Дар банди панҷуми ҳамин қарор омадааст, ки: «Маҷаллаҳои «Барои адабиёти сотсиалистӣ», (нашрияи Иттифоқи нависандагони шӯроӣ) ва «Бо роҳи ленинӣ» (занона) баста шуда, ба ҷойи онҳо як маҷаллаи нави иҷтимоӣ, оммавӣ бо шуъбаи махсус барои занон ва бачагон ба сифати нашрияи Иттифоқи нависандагони шӯроӣ ва Коммиссияи фавқулода доир ба маҳви бесаводӣ ва чаласаводӣ ташкил карда шавад» [4].

Маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» қариб як сол чоп нашуд, вале аз моҳи марти соли 1936 аз нав ба нашр оғоз кард. Маҷалла рӯ ба инкишоф намуда, солҳои минбаъда теъдоди нашраш хеле зиёд гардида, қариб ҳар моҳ мунтазам чоп мешуд ва он то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, яъне соли 1941 давом кард. Дар ин муддат маҷалла хонандагони зиёде пайдо намуд ва маҳбуби занону духтарон гардид. Муҳарририи маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» аввал ба зиммаи Ортиқбоева, баъдтар ба зиммаи Фотима Алиева ва Музаффара Қосимова гузошта шуда буд.

Маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» дар зарфи шаш сол (аз соли 1936 то 1941 - А. А.) 59 шумора нашр гардидааст, ки аз он 45 шумора ба тарзи алоҳида ва 7 маротиба тариқи якҷоя чоп шудааст. Дар нуҳ соли мавҷудияташ маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» 80 шумора ба табъ расидааст. Теъдоди маҷалла дар солҳои охир хеле афзуд ва ин гувоҳи он аст, ки маҷалла истиқболи хуб дидааст.

Маҷалла ягона воситаи нашрӣ барои занону духтарон буд, ки фаъолияти ҳамарӯзаи онҳоро инъикос менамуд. Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» дар бораи иштироки занон дар корҳои ҷамъиятӣ, корҳои давлатӣ, ошкор намудани поймолкунандагони ҳуқуқи онҳо, нест кардани маҳви бесаводӣ, ҷалб кардани онҳо ба корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, клубҳои маданӣ-равшаннамоӣ, барҳам додани урфу одатҳои куҳна, фаранҷипартоӣ, озодии занон, илмомӯзӣ, мактабу маориф, баробарҳуқуқӣ,

ҳифзи иҷтимоии занон хабару мақолаҳо, лавҳаву очеркҳо, шеъру ҳикояҳо чоп шудаанд. Ҳалу фасл намудани мақсадҳои дар пеш гузоштаи инқилоби маданӣ бо суръати суст амалӣ мешуд. Занҳоро аз асорати дин ва урфу одатҳои кӯҳна раҳо намудан, аз нобаробарии маънавӣ, фикрӣ ва иҷтимоӣ халос кардан, ба хондану саводнок шудани онҳо мусоидат намудан аз вазифаҳои асосии маҷалла ва ноширону нигорандагони он ба ҳисоб мерафт. Дар як вақт маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» нақши тарғиботчӣ, ташвиқотчӣ ва ташкилотчигиро низ адо мекард.

Яке аз мавзӯъҳои муҳимми рӯз ин фаранҷӣ пӯшидани занҳо аст, ки маҷалла дар ин бора хабару мақолаҳои зиёдеро аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ ба табъ расонидааст. Ҳанӯз аз солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ин мавӯъ матраҳ гардида, шиори «Ҳуҷум ба фаранҷӣ» маъмул буд ва он то солҳои чилуми асри гузашта давом кард. Дар мақолаи М. Авезова, ки дар рӯзномаи «Правда» чоп шуда буд, ба занони Осиёи Миёна муроҷиат карда, дархост карда мешуд, ки фаранҷиро партоянд. Ин муроҷиатномаро занҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла занҳову духтарони Тоҷикистон хуш пазируфта, баъдтар мақола бо номи «Фаранҷӣ тамоман несту нобуд карда шавад» дар маҷаллаи мазкур чоп гардидааст. Баъди чопи мақола маҷалла даста- даста аз хонандагони худ мактуб мегирифт, ки дар онҳо аҳволи занон, духтарон ва оқибатҳои партофтани фаранҷӣ баён ёфтааст. Руқия Бобоҷонова дар мактубаш ба идораи маҷалла, ки бо номи «Фаранҷӣ душмани занон аст» аз шаҳри Конибодом чунин менависад: «Махсусан, ин гуна ҳадисаҳоро дар райони Конибодом пай бурдан мумкин аст. Занон ба сарашон фаранҷӣ гирифта, худро аз кори ҷамъиятӣ канор мегиранд» [2]. Ё дар ҷойи дигар менависад: «Ҳоло вақти он расидааст, ки занҳо аз бори гарони фаранҷӣ, ки онҳоро аз ҳаёти равшан ва зиндагонии осудаҳолона маҳрум кардааст, абадан озод карда шаванд» [2]. Бо ҳамин маънӣ мухбирони коргару деҳқон, бахусус занҳо хабару мақолаҳои зиёдеро ба унвони идора ирсол намудаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои М. Қосимова «Оташ ба решаи фаранҷӣ» [6], А. Юсупов «Фаранҷипартоӣ дар Ленинобод» [8] ва ғайраҳо гувоҳи фикри фавқ аст.

Ба ғайр аз хабару мақолаҳо дар саҳифаҳои маҷалла дар ин мавзӯъ шоиру нависандагон, адибон бо шеъру ҳикоя, латифаю очеркҳои худ баромад намудаанд. Шеъри устод М. Турсунзода «Нанги фаранҷӣ» [8], А. Иброҳимзода «Ба ҳамшираи бофаранҷӣ» [5], ки дар маҷалла чоп шудааст, мисоли равшан аст. Масалан, шоир М. Турсунзода шеъри аҷибе таълиф намудааст, ки аз он овардани мақтаву матлаашро зарур донистем:

Ҷонона, мабардор дигар нанги фаранҷӣ,
Бархезу баро аз қафаси танги фаранҷӣ.
Мардӣ куну каш доманат аз чанги фаранҷӣ,
Бас кун, санамо, одати рӯйпӯшии худро.
Сархамкунии куҳнаву хомӯшии худро…
… Бовар накунӣ гар ту ба ин бахту саодат,
Мастураи мо медиҳадат нағз шаҳодат.
Беҳтар, ки гапро набароварда зи ёдат,
Бас кун, санамо, одати рӯйпӯшии худро … [8].

Иштироки занҳо дар корҳои ҷамъиятӣ ва вазифаҳои хидматиашон водор менамуд, ки худи онҳо ба байни халқ раванд, барои ба мактабҳои маҳви бесаводӣ ҷалб намудани занҳо ёрӣ диҳанд. Хотираи куҳансолтарин журналисти тоҷик Қосим Дайламӣ дар бораи аҳли қалами маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ», бахусус дар бораи бонувони эҷодкори он дар рӯшанӣ андохтан ба саҳифаҳои торикӣ ин маҷалла хеле ва хеле муфид аст. Ӯ менависад: «Аввалин зан, ки дар редаксияи журнали «Бо роҳи ленинӣ», хизмати муовини муҳаррир ва котибро адо мекард, Музаффара Қосимова буд. Ин ҷавонзан табиатан хеле ҳалим, ғайратманд ва меҳрубон буд. Рӯзҳои аввал аз сабаби набудани таҷрибаи кофӣ чӣ кор карданашро намедонист, вале шароити замон, ҳаёт ба ӯ устод гардиданд. Чанде нагузашта бо ташаббуси Қосимова гурӯҳи калоне аз занони пешқадами тоҷик (аз қабили Фотима Алиева, Ҷаҳонгирова, Исмоилова, Халилова, Ортиқбоева, Ҳомидова, Кабирова, Саидова, Шаропова ва Темурова) аз ҳар гӯшаю канори республика дар бораи кору бори занон хабару мақолаҳо менавиштанд» [3].

Чунин занҳои фаъол кам набуданд. Муҳаррири баъдинаи (1932-1933) маҷалла Фотима Алиева низ аз чунин занҳои пешқадам маҳсуб меёфт. Душманони сохти сотсиалистӣ ва думравони онҳо аз фаъол шудани занҳои тоҷик норизоӣ намуда, садди роҳи онҳо мешуданд. Онҳоро таъқиб ва ваҳшиёна қатл мекарданд. Даҳҳо хабару мақолаҳо аз фоҷиаҳои рухдода дар ин ё он гӯшаи Тоҷикистон дар саҳифаҳои маҷалла чоп шудааст.

Маҷалла ба маҳви бесаводӣ дар байни занони тоҷик аҳаммияти махсус дода, тарғибу ташвиқро дар байни онҳо хеле пурзӯр намуд. «Муқобили бесаводӣ- мубориза барои сотсиализм» шиори умумӣ гардида буд. Бо ин мақсад мактабҳои зиёди маҳви бесаводӣ ва чаласаводӣ кушода шуда, дар онҳо занону духтарон савод мебароварданд. Мактабҳои махсуси занона амал мекард. Сол ба сол саводнокшавии занҳо боло мерафт ва ба ин

восита онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешуданд. Аз байни онҳо муаллимаҳо, ходимони давлатӣ, кормандони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба воя расида буданд. Дар ҳар шумораи маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» зери рубрика ва шиорҳои «Занон ва духтарон савод омӯзед!», «Ҳамаи мо бояд бихонем!», «Нест бод бесаводӣ!» хабару мақолаҳо чоп мешуд.

Бо вуҷуди ин муваффақиятҳо мухбирони коргару деҳқон, хусусан мухбирзанҳо камбудиву норасоиҳоро кушоду равшан менавиштанд ва онҳо дар саҳифаҳои маҷалла чоп шудааст.

Ба ғайр аз ин, маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» саҳифаи адабӣ дошт, ки дар он шеъру ҳикоя, лавҳаву очерк, повесту достонҳои шоирону нависандагон ва навқаламон - адибони ҷавон чоп мешуданд.

Шоиру нависандагон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Тоҷӣ Усмон, Қосим Дайламӣ, Воҳид Асрорӣ, Сотим Улуғзода, Обид Умаров, Шариф Файз, С. Саидзода, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ ва дигарон бештар асарҳои худро дар саҳифаҳои маҷалла чоп мекарданд. Баробари таъсис ёфтани маҷалла духтарон ва занони эҷодкор бо шеъру ҳикоя ва навиштаҳои худ дар саҳифаҳои маҷалла баромад мекарданд.

Аввалин маротиба шеъри «Ниқоб»-и устод А. Лоҳутӣ дар ҳамин маҷалла чоп шудааст, ки матлаи он чунин аст:

Тоҷикистон шуд мунаввар, то ту гаштӣ бениқоб,
Оламе равшан шавад, чун маҳ барояд аз саҳоб.
Офарин бар фирқае, к-аз парда озодат намуд,
Ҳайф буд ин ҳусни оламгир монад дар ҳиҷоб.
Аз барои маст кардан як нигоҳат бас бувад,
Ошиқи рӯи туро ҳоҷат набошад бо шароб [7].

Шеъри ба В.И.Ленин бахшидаи шоираи навқалам Амина Маҳмудова, ҳикояҳои «Булбул аз хонаи акка»-и Р. Ҷалил, «Озодӣ»-и С. Саидзода, «Муҳаббати ман»-и В. Асрорӣ, «Зебо»-и Тоҳирӣ, «Лутфӣ»-и Адолат Тоҷиева, шеърҳои «Духтари шарқ»-и Музаффара Рустамова ва дигарон дар бораи проблемаҳои гуногуни зан ба табъ расидаанд. Ғояи асосии навиштаҳои саҳифаи адабии маҷалла озодии занон, босавод гардондани онҳо ва ба ин васила ҷалб кардани онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Хулоса, маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» дар давраи муайяни таърихи халқамон дар инъикоси воқеияти ҳодисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, пешбурди корҳои инқилоби маданӣ, маҳви бесаводӣ нақши бузургеро бозид.

Умуман, матбуоти ҳизбӣ-шӯроии тоҷик- «Тоҷикистони сурх», «Қизил Тоҷикистон», «Советский Таджикистан», «Деҳқони камбағал», маҷаллаҳои «Блокноти агитатор», «Бо роҳи ленинӣ» дар солҳои сиюм барои бомуваффақият амалӣ шудани қарору нишондодҳои ҳизбу давлат, амалӣ намудани маромҳои Ҳукумати Шӯроӣ, ба ин васила сохтани як ҷамъияти пешрафта хизмат намуда, афкори сиёсии халқи тоҷикро доир ба шинохти ҳуқуқи сиёсӣ ва миллии худ бедор намудааст. Матбуоти ҳизбӣ-шӯроӣ бо вуҷуди дар доираи идеологияи муайян буданаш, инъикосгари як давраи хеле мураккаби халқи тоҷик гардидааст, ки имрӯз мо ҳамаи ниёзмандиҳои худро аз саҳифаҳои он ҷустуҷӯву пайдо карда метавонем.

А Д А Б И Ё Т

1. Авезова М. Фаранҷӣ несту нобуд карда шавад / М.Авезова // Бо роҳи ленинӣ, 1940. -№2.- С. 30- 31.
2. Бобоҷонова Р. Фаранҷӣ душмани занон аст / Р. Бобоҷонова // Бо роҳи ленинӣ, 1940. -№2.- С. 30- 31.
3. Дайламӣ Қ. Оғози кор // Комсомоли Тоҷикистон. -1968, 24 январ.
4. Из истории культурного строительство в Таджикистане. Сб. документов.- Душанбе:
5. Ирфон, 1966.- С. 570- 571.
6. Иброҳимзода А. Ба ҳамшаҳрии бофаранҷӣ // Бо роҳи ленинӣ, 1940. -№2. - С. 28.
7. Қосимова М. Оташ ба решаи фаранҷӣ / М. Қосимова //Бо роҳи ленинӣ, 1940. -№2. - С. 27.
8. Лоҳутӣ А. Ниқоб // Бо роҳи ленинӣ, 1938. -№10.- С. 16.
9. Турсунзода М. Нанги фаранҷӣ // Бо роҳи Ленинӣ, 1940. -№2.- С. 16.
10. Юсупов А. Фаранҷпартоӣ дар Ленинобод / А. Юсупов // Бо роҳи ленинӣ, 1938. -№9.

МОҲИЯТ ВА РИСОЛАТИ МАҶАЛЛАИ «БО РОҲИ ЛЕНИНӢ»

Маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» дар солҳои сиюми нимаи дуюми асри ХХ дар низоми воситаҳои ахбори умум ҷойгоҳи хоссаи худро дошт ва рисолати худро дар як марҳилаи таърихӣ, яъне инъикоси масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҳамарӯзаи занони тоҷик пайваста адо намудааст. Фаъолияти маҷалла ду даврароро фаро гирифтааст, ки давраи аввал таъсису ташаккул, камбуду норасоиҳо, набудани кадрҳои ихтисосиро ташкил диҳад, дар давраи дувум беҳтаршавии фазои эҷодӣ, таъмини маводҳои зарурӣ, беҳтаршавии тиражи маҷалла, ба ин восита зиёдшавии муштариён, ҳамкории мухбирзанони коргару деҳқон, бою рангин шудани саҳифаҳои маҷалла мушоҳида мешавад. Дар саҳифаҳои маҷалла мавзӯъҳое баррасӣ мешуданд, ки ҳаёту фаъолияти занону духтарони кишварро фарогир буданд. Аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ маводҳои гуногун оид ба проблемаҳои маҳви бесаводӣ, озодии занон, нақши занон дар пешбурди ҷомеаи навин, партофтани фаранҷӣ, иштироки духтарон дар корҳои ҷамъиятӣ, хондани онҳо ба редаксия мерасид ва онҳо ҳатман дар саҳифаҳои маҷалла чоп мешуд. Кормандон ва ходимони эҷодии маҷалла пайваста кӯшиш

мекарданд, ки ҳарчӣ бештар мухбирзанони ғайриштатӣ аз маҳалҳо нависанд. Дар ҳамин маврид ходимони маҷалла ба онҳо тарзи навишт ва таҳияи маводро ёд медоданд. Ба ғайр аз ин, дар саҳифаҳои маҷалла шоирон, нависандагон, публитсистон бо эҷоди худ баромад мекарданд. Маҷалла, махсусан, ба занҳои фаъол такя мекард ва дар саҳифаҳои худ доир ба маҳви бесаводӣ, фаранҷипартоӣ, халосӣ аз урфу одатҳои куҳна маводҳои зиёде чоп кардааст. Маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» вазифаҳои дар назди худ гузоштаи давлату ҳукумат ва ҳизбро сарбаландона иҷро карда, дар як вақт нақши тарғиботчӣ, ташвиқотчӣ ва ташкилотчигии худро адо намудааст.

Калидвожаҳо: матбуот, занон, сиёсат, ҳизб, бесаводӣ, чаласаводӣ, фарҳанг, фаранҷӣ, мактаб, маориф, ҳуқуқ, ношир, муҳаррир, маҷалла.

СУЩНОСТЬ И ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ ЖУРНАЛА «БО РОҲИ ЛЕНИНӢ» (ПО ЛЕНИНСКОМУ ПУТИ)

Журнал «По ленинскому пути» в 30-ые годы второй половины XX века занимал устойчивую позицию в системе средств массовой информации и выполнял своё предназначение на протяжении целого исторического периода, а именно в отражении вопросов ежедневной жизнедеятельности таджикских женщин. Деятельность журнала охватывает два этапа: первый этап – это период становления и развития, недостатков и пробелов, отсутствие профессиональных кадров, во втором этапе наблюдается улучшение творческой сферы, обеспечение необходимым материалом, увлечение числа читателей, сотрудничество женщин- корреспондентов, насыщенность материалом страниц журнала. На страницах журнала рассматривались темы, связанные с деятельностью девушек и женщин страны. Со всех уголках республики в редакцию поступали материалы о проблемах ликвидации безграмотности, свободы женщин, роли женщин в развитии нового общества, снятия паранджи, участия женщин в общественной работе, которые печатались на страницах журнала. Сотрудники журнала постоянно стремились привлечь больше внештатных региональных корреспондентов из числа женщин. Таким образом сотрудники журнала обучали их работе журналиста. Кроме того, на страницах журнала поэты, писатели, публицисты демонстрировали своё творчество. Журнал в основном опирался на активных женщин и на своих страницах напечатал огромный материал на темы ликвидации безграмотности, снятия паранджи, освобождения от старых предрассудков. Журнал «По ленинскому пути», достойно выполняя задачи правительства и партии, одновременно играл агитационно-пропагандистскую и организационную роль.

Ключевые слова: печать, женщины, политика, партия, безграмотность, малограмотность, культура, паранджа, школа, просвещения, юреспруденция, редактор, журнал, издатель.

ESSENCE AND PURPOSE OF THE MAGAZINE "BO ROI AND LENIN" (ON THE LENIN WAY)

In the 30s of the second half of the twentieth century, the magazine “Along the Leninist Way” held a stable position in the mass media system and fulfilled its purpose for a whole historical period, namely, in reflecting the daily life of Tajik women. The journal covers two stages: the first stage is the period of formation and development, shortcomings and gaps, the lack of professional staff, the second stage shows improvement in the creative sphere, provision of necessary material, fascination of readership, cooperation of women correspondents, material saturation of the magazine pages. The magazine covered topics related to the activities of girls and women of the country. From all corners of the republic, the editorial office received materials on the problems of the elimination of illiteracy, women's freedom, the role of women in the development of the new society, the removal of the burqa, and the participation of women in public work, which were published on the pages of the magazine. Journal staff consistently sought to attract more freelance female regional correspondents. Thus, the staff of the magazine taught them the work of a journalist. In addition, on the pages of the magazine poets, writers, publicists demonstrated their creativity. The magazine mainly relied on active women and on its pages printed a huge amount of material on the topic of eradicating illiteracy, removing the burqa, and getting rid of old prejudices. The magazine “On the Leninist Way”, adequately fulfilling the tasks of the government and the party, at the same time played an agitation, propaganda and organizational role.

Key words: press, women, politics, party, illiteracy, illiteracy, culture, burqa, school, education, law, editor, magazine, publisher.

Сведения об авторе: ***Азимов А.Х.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры телерадиовешания. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 918-67-03-20**

Information about the author: ***Azimov A.Kh.*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor at the Department of TV and Radio Awareness. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 918-67-03-20**

УДК: 070:327 (1-87)

ТАРҒИБОТИ РАСОНАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ИМА БА ҶУМҲУРИИ КУБА

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикӣ нақши воситаҳои ахбори омма зиёд аст. Зеро тавассути ВАО таъсири иттилоъ ба ташаккули инсон ва тафаккури он самараноктар сурат мегирад. Тафаккури инсон чунин сохта шудааст, ки вай иттилоъро қабул карда, бо таъсири вай дар баъзе ҳолатҳо худ куллан тағйир меёбад [4, с.4]. Ин дар ҳолест, ки як иттилоъ созанда асту иттилои дигар сӯзанда. Иттилои созанда нерӯи пешбаранда дорад. Иттилои дурӯғ ва барои тахрибкорӣ истифодашаванда метавонад ҷомеаро аз раванди табиии пешрафташ берун бикунад.

ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли Телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), радио ва телевизиони «Мартӣ» (барои Куба), Радиои «Аврупои озод»/«Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад [3, с.267].

Идораи пахши барномаҳо барои Куба як бахши Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ буда, ба манфиати сиёсати ин кишвар хизмат мекунад. Идораи пахши барномаҳо барои Куба дар шаҳри Майамии иёлоти Флорида ҷойгир буда, фаъолияти радио ва телевизиони «Марти»-ро назорат мекунад. Шабакаи мазкур маркази чандрасонаии иттилоотӣ ва таҳлилӣ буда, барои бурдани тарғибот ба Ҷумҳурии Куба таъсис ёфтааст. «Ин амал тавассути пахши барномаҳо аз тариқи телевизиони моҳворавӣ, мавҷи радиоии кӯтоҳу миёна, флежкаҳои иттилоотӣ, дискҳои DVD, матни SMS, номаҳои электронӣ, платформаи онлайнии martinoticias.com ва ғайра сурат мегирад» [16].

Бояд гуфт, ки аз солҳои аввали таъсиси Идораи пахши барномаҳо барои Куба то имрӯз он дар ҳамдастӣ бо мухолифини Ҳукумати Ҷумҳурии Куба фаъолият мекунад.

Радиои «Мартӣ». Радио дар давраи мавҷудияти худ аз воситаи иттилоърасонӣ ба дастгоҳи пурқудрати муборизаи идеологӣ табдил ёфтааст [1, с. 7].

Дар ибтидои солҳои 80-ми асри XX Ҳукумати ИМА таъсиси Радиои «Кубаи озод»-ро ба мисли Радиои «Аврупои озод»/»Озодӣ» ба нақша гирифт, то ҳукумати коммунистии Фидел Кастроро дар «Ҷазираи озодӣ» аз байн барад. Вале номи онро ба шарафи адиби Куба Хосе Мартӣ (1853-1895), ки барои мустақилияти Куба аз Испания ва ИМА мубориза бурда буд, Радиои «Мартӣ» номиданд. Радиои мазкур бо ибтикори президенти ИМА Роналд Рейган соли 1983 таъсис дода шуд. 20-уми майи соли 1985 пахши барномаҳои Радиои «Мартӣ» ба забони испанӣ барои Куба шурӯъ шуд. Ин рӯзро барои он муассисон интихоб карданд, ки 83 сол қабл, 20-уми майи соли 1902 Куба аз тобеияти ИМА мустақилияти худро ба даст оварда буд. Он вақт редаксияи Радиои «Мартӣ» дар шаҳри Вашингтон, дар бинои Радиои «Садои Америка» ҷойгир буд ва барномаҳо дар студияҳои радиои мазкур сабту танзим мешуданд.

Пахшкунандагони барномаҳои радиоии ИМА зидди тасмими президент шуданд, зеро роҳбарияти Ҷумҳурии Куба ба ин иқдом метавонист аксуламал нишон диҳад ва радиошунавониро дар худи иёлот халалдор намояд. Воқеан ҳам, ин пешгӯии онҳо рост баромад. Баъди оғози пахши барномаҳои Радиои «Мартӣ» ҷониби Куба ба мавҷзании ин радио шурӯъ кард. Дар натиҷа радиошунавонии тиҷоратӣ дар мавҷҳои миёна дар якчанд штати ИМА халалдор шуд [22].

Соли 1996 идораи Радиои «Мартӣ» аз Вашингтон ба шаҳри Майамии иёлоти Флорида, наздиктар ба Ҷумҳурии Куба кӯчонида шуд.

Ҳоло радиои мазкур шабонарӯзӣ – 24 соат дар мавҷи кӯтоҳ ва миёна барнома пахш мекунад. Мавҷафканҳои кӯтоҳмавҷи он дар шаҳри Деланои иёлоти Калифорния ва шаҳри Гринвилли иёлоти Королинаи Шимолӣ ва мавҷафкани миёнамавҷ дар шаҳри Маратони иёлоти Флорида ҷойгиранд. Вале Куба ин мавҷҳоро мезанад ва радио қариб, ки дар дохили Куба шунида намешавад. Дар ҳамин ҳол барномаҳо дар мавҷи кӯтоҳ дар тамоми Америкаи Марказӣ ва Америкаи Ҷанубӣ дастрас аст. Баъзан барномаҳои радиоро дар мавҷҳои миёна дар пойтахти ИМА - шаҳри Вашингтон низ метавон шунид.

Радиои «Мартӣ» дар платформаи martinoticias.com мустақиман пахш гардида, замимаи мазкур дар андроидҳо низ дастрас мебошад.

Чӣ хеле ки қаблан ишора кардем, Радиои «Мартӣ» шабонарӯзӣ буда, аз соати 5 то соати 24 барномаҳои аслӣ ва шабона такрори баъзе барномаҳо пахш мешаванд. Моҳи январи соли 2019 Радиои «Мартӣ» ҳафтае 32 барномаи асл пахш мекард [17].

Барномаҳои субҳонаи Радиои «Мартӣ» соати 5 оғоз мешавад. Рӯзҳои душанбе-ҷумъа аз соати 5 то соати 6 маҷаллаи иттилоотиву фарҳангии «Contigo a las 5» (Бо ту дар соати 5) пахш мешавад, ки аз бахшҳои гуногун иборат аст. Рӯзҳои шанбе ва якшанбе дар ин вақт барномаи кишоварзии «Alborada Guajira» пахш шуда, дар он мусоҳибаҳо ва мусиқӣ садо медиҳанд.

Як қисми асосии барномаҳои Радиои «Мартӣ»-ро ахбор ташкил медиҳад. Аз ҷумла, соатҳои 10:00 - 10:05, 11:00 - 11:05, 14:00 - 14:05, 15:00 - 15:05, 16:00 - 16:05, 21:00 - 21:05 ва 22:00 - 22:05 дар радио «Boletín de Noticias de Radio Martí» (Бюллетени хабарии Радиои «Мартӣ») пахш мешавад, ки аз ахбори кӯтоҳи Куба ва ҷаҳон иборат аст.

Ба ғайр аз ин соатҳои 06:00 - 08:00, 12:00 - 13:00, 18:00 - 19:00, 23:00 - 00:00 барномаи иттилоотии «Noticiero de Radio Martí» (Ахбори Радиои «Мартӣ») пахш мешавад.

Ҳамчунин аз рӯзи душанбе то ҷумъа ҳамарӯза аз соати 14:05 то соати 15:00 барномаи «Hoy en Cuba» (Имрӯз дар Куба) пахш мешавад. Дар он иттилои гуногун аз Куба ва ҷаҳон садо медиҳад.

Ба ғайр аз ин рӯзҳои душанбе - ҷумъа аз соати 17:00 то 18:00 дар радио барномаи «Noticiero Televisión Martí» (Ахбори Телевизиони «Мартӣ») пахш мешавад.

Моҳи апрели соли 2018 дар барномасозии Идораи пахши барномаҳо барои Куба тағйироти нав ба амал омад. Дар маҷаллаҳои иттилоотии субҳонаи радио ва телевизиони «Мартӣ» пахши шоуи «Levántate Cuba» («Бедор бишав, Куба») оғоз шуд, ки дар он ахбори ҷолибу сонсурнашуда вобаста ба ҳодисаҳои Куба, ИМА ва тамоми олам бо ачзои варзиш, сиҳатӣ, фарҳангу тафреҳ ва технологияҳо пешниҳод мегардад [15].

Бояд гуфт, ки баъзе барномаҳои Телевизиони «Мартӣ» дар радио низ пахш мешаванд. Масалан, «Programas Especiales» (Барномаҳои вижа) ки 26-уми январи соли 2019 аз соати 18:30 то 19:00 ҳамзамон пешниҳод гардид, ба ҳаёту фаъолияти адиб ва муборизи мустақилияти Куба, дар нимаи дуюми асри XIX Хосе Мартӣ бахшида шуда буд [14].

Дар Радиои «Мартӣ» ҳудуди 100 нафар фаъолият мекунанд ва буҷаи солонаи он 15 миллион доллар аст. Рисолати радио ба қавли худи он таъмини ахбори озоди сонсурнашуда оид ба воқеаҳои рӯз аст.

Дар бораи самаранокии фаъолияти радиои мазкур аз аввали ташкилшавиаш то ба имрӯз баҳсҳо мавҷуданд. Зеро теъдоди воқеии аудиторияи Радиои «Мартӣ» ҳанӯз ҳам маълум нест. Дар маърӯзаи кумитаи муносибатҳои хориҷии Палатаи намояндагон соли 2010 теъдоди шунавандаҳои Радиои «Мартӣ»-ро 2 фоизи аҳолии Куба (аз 11 миллиону 302 ҳазору 788 нафар) номиданд, ки нишондиҳандаи мазкур он вақт ба 22604 нафар баробар буд. Узви Палатаи намояндагони ИМА Бетти МакКоллум ҳамон вақт пешниҳод намуд, ки харҷи беҳудаи маблағи андозсупорандагон барои пахши барномаҳо барои Куба қатъ карда шавад.

Рӯзномаи мустақили «Havana Times» 26-уми июни соли 2014 навишта буд, ки маъмурияти радио ва телевизиони «Мартӣ» мегӯяд, ки дар Куба беш аз 3 миллион аҳолии кишвар (аз 11,2 млн.) барномаҳои онҳоро гӯш ва тамошо мекунанд. Дар асл ин асоси воқеӣ надорад.

Ҳатто диссидент Амадор Бланко аз музофоти Куба ба рӯзномаи «Ню-Ҳералд» дар Майамӣ, изҳор дошт, ки «мо ҳеҷ гоҳ Телевизиони «Мартӣ»-ро надидаем. Агар касе тасдиқ кунад, ки онҳо тамошо мекунанд, дурӯғ аст. Аудиторияи Радиои «Мартӣ» низ хеле ночиз аст» [13].

Телевизиони «Мартӣ». Ҳоло телевизион яке аз расонаҳои муассир аст, ки ҳамчун расонандаи идеяҳои муайян дар қолаби барномаҳои рангоранги иттилоотӣ ва ахборӣ хизмат мекунад [2, с. 251].

Телевизиони «Мартӣ» фаъолияташро дар давраи сари қудрат будани президенти вақти ИМА Ҷорҷ Х. У. Буш оғоз кардааст. Соли 1990 Ҳукумати ИМА барои бурдани тарғибот ба Ҷумҳурии Куба Телевизиони «Мартӣ»-ро таъсис дод. Телевизиони мазкур 27-уми марти ҳамон сол ба пахши барномаҳояш ба забони испанӣ шурӯъ кард. Дар аввал барномаҳо тавассути мавҷафкан, ки дар аэростат ҷойгир шуда буд, паҳн карда мешуданд. Ин курраи ҳавоиро, ки «Алберти фарбеҳ» меномиданд, дар баландии 3,048 метр болои мавзеи Cudjoe Key дар иёлоти Флорида баста буданд. Аэростат аз шамол ҷунбида ба пахши барномаҳо халал мерасонид. Соли 2005 аэростат аз тӯфон вайрон шуд.

Қарор дар бораи ретранслятсияи барномаҳои радио ва телевизиони «Мартӣ» аз ҷониби президент Буш ҳанӯз моҳи майи соли 2004 қабул шуда буд. 21 августи соли 2004 аввалин сигнали радио ва телевизион якчанд соат тавассути тайёраҳои махсус ҷиҳозонидашудаи Гвардияи миллии ИМА, ки берун аз ҳарами ҳавоии Куба парвоз доштанд, пахш карда шуданд [5]. Аз моҳи октябри соли 2006 мавҷи Телевизиони «Мартӣ» тавассути тайёраи ҳарбии «Ҳеркулес» паҳн карда мешуд. Ин амал хеле гарон буд. Сипас аз таёраҳои камхарҷ истифода бурданд.

Моҳи майи соли 2013 Конгресси ИМА маблағгузории амалиёти «Aero Martí», тайёраи яккаро қатъ кард, вале ҳанӯз ҳам маблағгузории нигоҳдорӣ ва хизматрасонии тайёраи мазкур идома дорад ва дар лаҳзаи зарурӣ он омодаи парвоз аст [11].

Аввалин барномаҳои Телевизиони «Мартӣ» субҳи барвақт пахш мешуданд, то ки ба барномаҳои дохилии Куба халал ворид накунанд. Албатта, дар ин ҳолат онро тамошо намекарданд. Пурсишҳои телефоние, ки Ҳукумати ИМА дар солҳои 1990, 2003, 2006 ва 2008 гузаронид, маълум шуд, ки муштариёни Телевизиони «Мартӣ» камтар аз як фоизи аҳолии мамлакат аст. Баъди ин Ҳукумати ИМА бо сабаби он ки омори дақиқи муштариёнро ҳисоб кардан мушкил аст, пурсишҳоро қатъ кард. [11].

Телевизиони «Мартӣ» моҳи январи соли 2019 ҳафтае 20 номгӯй барнома пешниҳод мекард, ки баъзеашон рӯзҳои корӣ ва баъзеашон рӯзҳои истироҳат пахш мешаванд [18].

Масалан, Телевизиони «Мартӣ» аз рӯзи душанбе то ҷумъа, аз соати 17 то 18 барномаи «Noticiero Televisión Martí» (Ахбори Телевизиони «Мартӣ»)-ро пешниҳод

мекунад. Дар он хабарҳои муҳими Куба ва ҷаҳон аз ҷониби хонум Карен Кабалеро ва ҷаноби Алфредо Жакомино манзури бинандагон мегардад.

Ҳамчунин аз рӯзи душанбе то ҷумъа шабона аз соати 22 то 22-30 дақиқа барномаи иттилоотии «Noticiero Televisión Martí - Edición Nocturna» (Барномаи ахбори Телевизиони «Марти» - нашри шабона) пахш мешавад. Дар он хабарҳои муҳими Куба ва ҷаҳонро Томас Н. Регаладо пешниҳод менамояд.

Барномаи «Noticiero Televisión Martí en 60 Minutos» (Ахбори Телевизиони «Мартӣ» дар 60 дақиқа) ҳафтае як маротиба чун ҷамъбасти ахбори ҳафта рӯзҳои шанбе пахш мешавад. Барандаҳои ахбори телевизион Карен Кабалеро, Алфредо Жакомино ва Томас Н. Регаладо дар ин барнома ахбори муҳими ҳафтаро таҳлилу баррасӣ мекунанд.

Барномаи «Libertad y Democracia» (Озодӣ ва демократия) ҳафтае як маротиба, рӯзҳои шанбе ҳудуди 28 дақиқа пахш мешавад. Ин барномаи Пажӯҳишгоҳи байниамерикоии демократия дар радио ва телевизиони «Мартӣ» мебошад, ки ба дастгирӣ, паҳншавӣ ва ҳимояи арзишҳои озодӣ, демократия, ҳуқуқи инсон дар Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ бахшида мешавад.

«Programas Especiales» (Барномаҳои вижа) ба ҳодисаҳову шахсони алоҳида ва мавзӯъҳое бахшида мешаванд, ки барои бинандагон ҷолибанд. Ин барномаҳо моҳе 2 ё 3 маротиба ҳам дар телевизион ва радиои «Мартӣ» пахш мешаванд.

«Temas y Opiniones» (Мавзӯъҳо ва ақидаҳо) барномаест, ки дар он меҳмонон озодона ва бе сонсур ақидаи худро оид ба мавзӯъҳои мадди назар дар ҳамбастагӣ ба воқеият баён медоранд. Ин барнома низ ҳафтае як маротиба рӯзҳои шанбе ҳудуди 28 дақиқа пахш мешавад.

Қобили зикр аст, ки як қисми барномаҳои рӯзонаи рӯзи шанбе ва аксари барномаҳои рӯзона ва шабонаи якшанбеи телевизиони мазкур такрор мебошанд.

Дар барномасозии радио ва телевизиони «Мартӣ» баъзан ширкатҳои беруна низ ҷалб карда мешаванд. Масалан, рӯзномаи мустақили «Havana Times» 27 ноябри соли 2014 иттилоъ пахш кард, ки Ҳукумати ИМА бо Ширкати «Canyon Communications» бе эълони тендер барои барномасозии махсус ба маблағи 1,4 миллион доллар созишнома имзо кард. Ширкат барномаҳои махсусро барои телевизион ва радио месозад, то ки онҳо тавассути радио ва телевизиони «Мартӣ» дар Куба пахш карда шаванд. Ин барномаҳо ба соҳаи бизнес бахшида шуда, дар бораи чӣ тавр ба соҳибкорӣ машғул шуданро таблиғ мекунад [7]. Ҷефрӣ Клайн, роҳбари ширкати мазкур дер боз пудратчии ҳукуматӣ аст ва солҳои охир бо лоиҳаҳои Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ ҳамкорӣ дорад.

Ҳанӯз соли 2004 намояндаи Департаменти давлатии ИМА Адам Эрелӣ изҳор дошта буд, ки ҳадафи пахши барномаҳо барои Куба, ин тезонидани таназзули режими коммунистии Фидел Кастро мебошад. [5].

Бояд гуфт, ки тибқи Конвенсияи соли 1936 «Дар бораи истифодаи радио ба мақсади осоишта» барномаҳое, ки барои даъват кардан ба вайрон кардани тартиботи дохилии ягон давлат равона шудаанд, манъ аст [1, с. 7].

Фабио Лейте, муовини директори Бюрои радиоалоқаи Иттиҳоди байналхалқии алоқаи барқӣ ҳанӯз моҳи феврали соли 2007 пахши барномаҳоро ба Ҷумҳурии Куба маҳкум карда, гуфта буд, ки ин амали ИМА, ки барои барангехтани низои дохилӣ дар ин кишвар равона шудааст, ғайриқонунӣ мебошад. Ба қавли ӯ ин амал зидди қоидаи Иттиҳоди байналхалқии алоқаи барқӣ аст [9].

Ҳукумати Куба низ ин амалро вайронкунии ҳуқуқи байналмилалӣ медонад ва мавҷҳои радио ва телевизиони «Мартӣ»-ро хомӯш мекунад. Воқеан, пахши барномаҳои радиоҳои хориҷии ИМА дар дохили худи кишвар тибқи қонун манъ аст. Вале, барномаҳои Радиои «Мартӣ» дар дар тамоми Америкаи Марказӣ ва ҳатто баъзан дар пойтахти ИМА- ш. Вашингтон шунида мешавад.

15-уми ноябри соли 2007 вакилони Конфронси байналхалқии алоқаи радиоӣ истифодаи тайёраҳоро барои пахш кардани барномаҳои радио ва телевизиони «Мартӣ» ғайриқонунӣ дониста, иброз доштанд, ки бе иҷозати давлати муайян ба марзи вай пахш кардани барномҳо манъ аст [23].

Дар мақомоти ҳукуматии ИМА низ пахши барномаҳои радио ва телевизиони «Мартӣ» барои Куба маҳкум карда мешаванд. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки ин расонаҳо тарғиботи сиёсӣ мебаранд, ахбори ғайривоқеӣ ва ғаразнок пахш карда, баъзе ақидаҳоро ҳамчун хабар пешниҳод мекунанд [6].

Дар ҳамин ҳол ғайриҳирфаӣ будани барномаҳоро роҳбарони ин расонаҳо эътироф намекунанд. 18-уми сентябри соли 2016 сомонаи рӯзномаи мустақили «Havana Times» (havanatimes.org) навишт, ки хабарнигорони радио ва телевизиони «Мартӣ» одоби журналистиро дар пахши хабарҳои воқеӣ ва беғараз, ки худи ин шабака муайян кардааст, риоя намекунанд. Маҳз дар давраи президентии Барак Обама ин проблема бештар ба назар мерасад. Масалан, шабака бо унвони «Иттиҳоди Аврупо тағйиру иловаҳои

Фаринасро ҷонибдорӣ мекунад» маводеро пахш кард, ки сарчашмааш номаълум ва худи он нодуруст буд.

Дар сомонаи radiotelevisionmarti.com чопи хабарҳои дурӯғ ягона нест. Махсусан маводи «журналистони мустақил», ки дар сомона чоп мешаванд, сарчашмаи аниқ надоранд ва санҷида нашудаанд. Шикоятҳо дар бораи ин амал солҳо боз идома доранд, вале Ҳукумати ИМА чорае намеандешад, менависад сомонаи ин расонаи мустақил [20].

Бояд гуфт, ки Идораи пахши барномаҳо барои Куба қаблан дар моҷарои ғайриқонунӣ пардохт кардани маблағ ба журналистон дар Майамӣ барои навиштани маводҳои «душманона ва беобрӯкунанда» дар бораи Куба дар солҳои 1998 -2002 муттаҳам шудааст [21].

Коршиносон бар он ақидаанд, ки теъдоди шунавандагон ва бинандагони радио ва телевизиони «Мартӣ» хеле кам аст ва бинобар ин барномаҳои онҳо чандон таъсире надоранд. Масалан, Радиои миллии ҷамъиятии ИМА 18-уми августи соли 2006 изҳор дошта буд, ки ИМА барои тарғиб ба Куба ҳудуди ним миллард доллар сарф кардааст, вале тибқи як пажӯҳиш аз 10 нафар кубагиҳо 9 нафарашон ҳатто дар бораи радио ва телевизиони «Мартӣ» огоҳ нестанд [12].

Ҷон С. Николс, мутахассис оид ба робитаҳои байналхалқии Донишгоҳи Пенсилвании ИМА, ки фаъолияти Идораи пахши барномаҳо барои Кубаро пажӯҳиш кардааст, дар бораи фаъолияти ташкилоти мазкур мегӯяд, ки «Танҳо хароҷот буд ва манфиат сифр»[19].

Новобаста аз камбинанда будани Телевизиони «Мартӣ» ҷонибдорони он ба иддаое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Куба мавҷҳои телевизиони мазкурро хомӯш мекунад, аҳамиятнок будани онро дастгирӣ мекунанд.

Воқеан, ҳанӯз соли 2012 маъмурияти президент Барак Обама аз Конгресси ИМА дархост кард, ки маблағгузориро ба Телевизиони «Мартӣ» қатъ бикунад. Вале то ба ҳанӯз маблағгузорӣ ба ин расонаи таблиғотӣ идома дорад.

28-уми сентябри соли 2015 президенти вақти Ҷумҳурии Куба Раул Кастро дар маърӯзаи аввалини худ дар Ассамблеяи генералии СММ талаб кард, ки пахши барномаҳои зиддиҳукуматии телевизион ва радиоҳои ИМА нисбати Куба қатъ карда шаванд. Вале ИМА бурдани тарғиботи густурдаро тавассути телевизион ва радиои «Мартӣ» идома медиҳад.

Ба қавли рӯзномаи мустақили «Havana Times» Ҳукумати Куба изҳори нигаронӣ кардааст, ки радио ва телевизиони «Мартӣ» аз 13 августи соли 2018, дар рӯзи вафоти роҳбари собиқи ҷумҳурӣ Фидел Кастро пахши сартосарии барномаҳояшро дар ҷазираи «Озодӣ» ба роҳ мемонад. «Ҳукумат ин амалро маҳкум карда, изҳор кардааст, ки ҳуҷуми радиоэлектронӣ фаъолияти телекоммуникатсионии миллиро халалдор карда, зидди созишномаҳои байналхалқӣ мебошад» [21].

Қабл аз ин директори нави Идораи пахши барномаҳо барои Куба Томас Регалдо изҳор дошта буд, ки ба қарибӣ мавҷҳои радио ва телевизиони «Мартӣ» дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Куба бе ягон мамониат пахш карда мешаванд. У дар баромадаш тавассути Телевизиони «Miami Mega TV» гуфт, ки лоиҳаи мазкур, ин «инқилоби технологӣ» аст. Он имконият медиҳад, ки дар муддати 6 моҳ ба тамоми ҷазира мавҷи кӯтоҳ роҳ ёбад [21].

Ба қавли Т. Регалдо ин технологияи нави пахш буда, онро амалан наметавон масдуд кард. Сигнали барномаҳо ҳатто ба телефонҳои мобилӣ дастрас буда, он аллакай дар Гавана санҷида шудааст.

Ҳадафи радио ва телевизиони «Мартӣ» чун аз рӯзи таъсисёбиаш тағйир наёфта, ба мардуми ин кишвар пешниҳод кардани иттилои сонсурнашудаи режими Куба аст, гуфта мешавад дар сомонаи расмии ин расонаҳо: https://www.radiotelevisionmarti.com

«Рисолати радио ва телевизиони «Мартӣ» то он вақт идома меёбад, ки ҳамаи кубагиҳо аз моддаи 19-уми Ҳуқуқи башар оид ба ба озодии ақида ва баёни он, ҳуқуқ ба гирифтани иттилоъ ва озод паҳн кардани он бархурдор нашаванд» [8].

Ҳамин аст, ки буҷаи Идораи пахши барномаҳо барои Куба сол то сол афзоиш меёбад. Масалан, он дар соли 2014 ҳудуди 27 млн. доллари ИМА буд. Буҷаи соли 2018-и Идораи пахши барномаҳо барои Куба, ки моҳи марти ҳамон сол Конгресси ИМА тасдиқ кард, 29 миллион долларро ташкил дод [10].

А Д А Б И Ё Т

1. Муким Дж. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография. - Душанбе: Деваштич, – 2005. – 181 с.
2. Муқимов М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2018. -№ 2 - С. 251 – 255.
3. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017.- 4/2. - С. 266.-271.
4. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006.- 71 с.

5. Радио и ТВ Марти расширяют вещание на Кубу:/Голос Америки. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/a-33-a-2004-08-24-1-1/633659.html (Санаи истифодабарӣ: 15.12. 2018).
6. Adams, David. "Time to scrap TV Marti, critics say"/ David Adams. //St. Petersburg Times, 2009.- February 15.
7. Big Cuba Communications Contract Awarded:/ Havana Times. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://havanatimes.org/?p=107629 (Санаи истифодабарӣ: 30.01.2019).
8. Conócenos:/ Radio Televisión Martí. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.radiotelevisionmarti.com/p/393.html (Санаи истифодабарӣ: 20.01.2019).
9. Davalos, Gabriel. "Radio-electronic aggression of Cuba condemned"// Granma, 2007. - February 14.
10. Director of Radio and TV Martí resigns amid internal crisis — Regalado applies for the job:/ Miami Herald. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.miamiherald.com/news/nation-world/world/americas/cuba/article207363084.html (Санаи истифодабарӣ: 29.01.2019).
11. Fahrenthold, David. "Grounded TV Marti plane a monument to the limits of American austerity"/ David Fahrenthold. //The Washington Post, 2013. - September 2.
12. Garfield, Bob. John Nichols. "Straits Flush". On the Media/ Bob Garfield. New York City: WNYC/National Public Radio, 2006. – August 18.
13. “Looking for a Handout” Between Miami and Cuba:/ Havana Times. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://havanatimes.org/?p=104503 (Санаи истифодабарӣ: 24.01.2019).
14. Nacimiento, presidio, destierro, José Martí:/ Radio Televisión Martí. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.radiotelevisionmarti.com/a/nacimiento-presidio-destierro-jos%C3%A9-mart%C3%AD/226816.html (Санаи истифодабарӣ: 30.01.2019).
15. New morning lineup rejuvenates the Martís:/ US Agency for Global Media. 2018. . [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/2018/04/04/new-morning-lineup-rejuvenates-martis/(Санаи истифодабарӣ: 14.11.2018).
16. Office of Cuba broadcasting:/ US Agency for Global Media. 2018. [Манбаи электронӣ] https://www.usagm.gov/networks/ocb/(Санаи истифодабарӣ: 25.11.2018).
17. Programas radio:/ Radio Televisión Martí. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.radiotelevisionmarti.com/radio/programs (Санаи истифодабарӣ: 28.01.2019).
18. Programas TV:/ Radio Televisión Martí. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.radiotelevisionmarti.com/programs/tv (Санаи истифодабарӣ: 25.01.2019).
19. Radio and TV Martí, U.S. Broadcasters to Cuba, Emerge From Cold War Past Facing Uneasy Future:/ The New York Times Company. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.nytimes.com/2015/03/25/us/radio-tv-marti-cuba.html (Санаи истифодабарӣ: 30.12.2018).
20. Radio Marti’s Credibility Hits New Low:/ Havana Times. 2019. [Манбаи электронӣ] - URL: https://havanatimes.org/?p=121076 (Санаи истифодабарӣ: 20.01.2019).
21. Radio and TV Marti’s New Attempt to Penetrate Cuba:/ Havana Times. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://havanatimes.org/?p=139478 (Санаи истифодабарӣ: 21.12.2018).
22. Radio y Televisión Martí:/ Wikimedia Foundation, Inc. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Radio_y_Televisi%C3%B3n_Mart%C3%AD (Санаи истифодабарӣ: 11.12.2018).
23. US Radio Bombing of Cuba Found Illegal"//Prensa Latina, 2007. - November 14.

ТАРҒИБОТИ РАСОНАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ИМА БА ҶУМҲУРИИ КУБА

Дар мақола нақши Идораи пахши барномаҳо барои Куба дар амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикии ИМА баррасӣ гардидааст. Он дар шаҳри Майамии иёлоти Флорида ҷойгир буда, фаъолияти радио ва телевизиони «Мартӣ»-ро, ки барои бурдани тарғибот ба Ҷумҳурии Куба таъсис ёфтаанд, назорат мекунад. 20-уми майи соли 1985 пахши барномаҳои Радиои «Мартӣ» ба забони испанӣ барои Куба шурӯъ шуд. Ҳоло радиои мазкур 24 соат дар як шабонарӯз дар мавҷи кӯтоҳ ва миёна барнома пахш мекунад. Радиои «Мартӣ» дар платформаи martinoticias.com мустақиман пахш гардида, замимаи мазкур дар андроидҳо низ дастрас мебошад. Дар Радиои «Мартӣ» аз соати 5 то 24 барномаҳои аслӣ ва шабона такрори баъзе барномаҳо пахш мешаванд. Моҳи январи соли 2019 Радиои «Мартӣ» ҳафтае 32 барномаи асл пахш мекард. 27-уми марти соли 1990 Ҳукумати ИМА барои бурдани тарғибот ба Ҷумҳурии Куба Телевизиони «Мартӣ»-ро ба забони испанӣ таъсис дод. Телевизиони «Мартӣ» моҳи январи соли 2019 ҳафтае 20 номгӯй барнома пешниҳод мекард, ки баъзеашон рӯзҳои корӣ ва баъзеашон рӯзҳои истироҳат пахш мешаванд.Коршиносон бар он ақидаанд, ки теъдоди шунавандагон ва бинандагони радио ва Телевизиони «Мартӣ» хеле кам аст ва бинобар ин барномаҳои онҳо чандон таъсире надоранд. Ҷон С. Николс, мутахассис оид ба робитаҳои байналхалқии Донишгоҳи Пенсилвании ИМА, ки фаъолияти Идораи пахши барномаҳо барои Кубаро пажӯҳиш кардааст, дар бораи фаъолияти ташкилоти мазкур мегӯяд, ки танҳо харочот буд ва манфиат сифр. Воқеан, буҷаи соли 2018-и Идораи пахши барномаҳо барои Куба 29 миллион долларро ташкил медод. 28-уми сентябри соли 2015 президенти Ҷумҳурии Куба Раул Кастро дар маърӯзаи аввалини худ дар Ассамблеяи генералии СММ талаб кард, ки пахши барномаҳои зиддиҳукуматии телевизион ва радиоҳои ИМА нисбати Куба қатъ карда шаванд. Вале ИМА бурдани тарғиботи густурдаро тавассути телевизион ва радиои «Мартӣ» идома медиҳад.

Калидвожаҳо: Телевизиони «Мартӣ», Радиои «Мартӣ», Идораи пахши барномаҳо барои Куба, Радиои «Озодӣ», «Granma» «Havana Times» шабакаи иҷтимоӣ, ҷанги иттилоотӣ, тарғибот, ИМА, Куба.

ПРОПАГАНДА ЭЛЕКТРОННЫХ СМИ США, НАПРАВЛЕННЫХ НА КУБУ

В статье анализируется роль Управления телерадиовещания Кубы в ведении пропаганды для решения геополитических целей США. Оно находится в Майами, штат Флорида и контролирует радио и телевидение «Марти». 20 мая 1985 года началось вещание передач Радио «Марти» на испанском языке, направленное на Республику Куба. Сейчас это радио вещает 24 часа в сутки на коротких и средних волнах. Радио «Марти» также доступно онлайн на платформе martinoticias.com. Это приложение также доступно на андроидах. На Радио «Марти» с 5 часов до 24 часов передаются оригинальные программы, а ночью транслируется повтор некоторых передач. В январе 2019 года Радио «Марти» в неделю имело 32 оригинальные программы. 27 марта 1990 года Правительство США для ведения пропаганды на Кубу создало Телевидение «Марти» на испанском языке. Телевидение «Марти» в январе 2019 года предлагало зрителям 20 наименований программ, которые передавались в эфир в будние и выходные дни. По мнению экспертов, слушатели и зрители радио и телевидения «Марти» очень

малочисленны, и поэтому их программы малоэффективны. Джон С. Николс, эксперт по международным отношениям Университета Пенсильвании США, который исследовал деятельность Управления телерадиовещания Кубы, пишет, что есть расходы, но эффективность равна нулю. Кстати, бюджет Управления телерадиовещания Кубы на 2018 год составлял 29 миллионов долларов США. 28 сентября 2015 президент Республики Куба Раул Кастро в своем первом докладе на сессии Генеральной ассамблеи ООН потребовал, что бы США перекратили антиправительственные передачи радио и телевидения, направленные на Кубу. Но США продолжают вести целенаправленную пропаганду по радио и телевидению «Марти».

Ключевые слова: телевидение «Марти», радио «Марти», управление телерадиовещания Кубы, радио «Свобода», «Granma» «Havana Times» социальные сеты, информационная война, пропаганда, США, Куба.

PROPAGANDA US ELECTRONIC MEDIA AIMED AT CUBA

The article analyzes the role of the Broadcasting Authority of Cuba in the conduct of propaganda to address the geopolitical goals of the United States. She is located in Miami, Florida and controls the radio and television "Marty".On May 20, 1985, the broadcast of Radio “Marti” broadcasts in Spanish aimed at the Republic of Cuba began. Now this radio broadcasts 24 hours a day on short and medium waves. Radio "Marty" is also available online on the platform martinoticias.com this application is also available on androids.In Radio "Marty", original programs are broadcast from 5:00 to 24:00, and some programs are repeated at night. In January 2019, Radio "Marty" had 32 original programs per week. On March 27, 1990, the US Government set up Television "Marti" in Spanish to conduct propaganda in Cuba. Television "Marty" in January 2019 offered viewers 20 titles of programs that were broadcast on weekdays and weekends.According to experts, listeners and viewers of radio and television "Marty" are very few, and therefore their programs are ineffective. John S. Nichols, an expert on international relations at the University of Pennsylvania, USA, who investigated the activities of the Broadcasting Authority of Cuba, writes that he eats the costs, but the efficiency is equal to zero. By the way, the budget of the Office of Television and Radio Broadcasting of Cuba for 2018 was $ 29 million.On September 28, 2015, President of the Republic of Cuba, Raul Castro, in his first report to the session of the UN General Assembly, demanded that the United States cut off anti-government broadcasts of radio and television to Cuba. But the United States continues to carry out targeted propaganda through radio and television "Marty".

Key words: Television "Marty", Radio "Marty", Office of Cuba Broadcasting, Radio «Liberty», «Granma», «Havana Times», social networks, information war, propaganda, USA, Cuba.

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 9 (575.3)

ТАШАККУЛИ ЖАНРИИ МАҚОЛА ДАР РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Атоев М.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз асоситарин жанрҳои таҳлилии матбуот мақола мебошад. Ин жанр дар матбуоти ҷаҳон ҳамчун қолаби таблиғи афкору ақида истифода мешавад, зеро он дар такя бо андеша, ақида, фикр ва ҳадсу фарзия нигошта шуда, асоси онро проблема ташкил медиҳад.

Таърихи ташаккули жанри мақола дар ҳар як кишвари олам бо матбуоти он пайваст мебошад, чунки ҳадаф аз таъсиси матбуот таблиғи ғояи муайян ва таъсир ба мафкураи ҷамъият аст, ки мақола ҳамчун қолаби эҷод барои татбиқи ин марому мақсад василаи мусоид мебошад.

Дар матбуоти тоҷик низ ҳарчанд «нишонаҳои мақолаи публитсистӣ дар осори тожурналистӣ дар шаклҳои гуногун» [2, с.148] намоён мешавад, вале ба шакли комил падид омадани жанри мақоларо муҳаққиқон аз ҷумла, А.Саъдуллоев, П.Гулмуродзода ва Муродов М. ба нашри «Бухорои шариф» алоқаманд донистаанд.

Аз ташхису таҳлили нусхаҳои «Бухорои шариф» маълум мешавад, ки мақола дар қиёс ба жанрҳои хабар, репортаж, мусоҳиба, мухбирнома ва дигар қолабҳои эҷоди публитсистӣ дар шакли нисбатан комил мавриди истифода қарор гирифтааст. Махсусан, аз ду мақолаи шумораи аввали рӯзнома («Ғояи Омол» ва «Баъзе фавоиди рӯзнома») бармеояд, ки мақолаҳо ба талаботи ин жанр мувофиқ буда, дар онҳо проблема ва идеяи таълиф ба таври комил зоҳир шудааст.

Бино ба таҳқиқоти мо ба таври нисбатан комил истифода шудани жанри мақола дар «Бухорои шариф» ба се омил вобастагӣ дорад:

- муҳаррири рӯзнома Мирзоҷалол Юсуфзода, ки барои нашри рӯзнома ба Бухоро даъват шуда буд, қаблан дар матбуоти Эрон ва Озарбойҷон, махсусан, дар «нашрияҳои «Кашкул» (Тифлис), «Носирӣ» (Табрез), «Ғайрат» (Тифлис) ва маҷаллаи «Мулло Насриддин» ба навиштани мақолаҳои илмию оммавӣ» [3, с.10] таҷрибаи ғанӣ бардошта,

масъалаҳои мубрамро дар қолаби жанри мақола таҳлилу баррасӣ ва бо далелҳои суфтаи ақлӣ пешниҳоди омма мекард;

- то нашри «Бухорои шариф» Мирзо Муҳиддин Мансурзода ва Мирзосироҷи Ҳаким, ки аз муассисони рӯзнома маҳсуб мешаванд аз кори қаламу нигориш огаҳ буданд ва аз рӯзномаҳои осиёию аврупоӣ, пайваста истифода мекарданд. Махсусан, Мирзосироҷи Ҳаким дар саёҳатҳои худ ба кишварҳои мутараққии ҷаҳон шоҳиди бевоситаи муборизаҳои фикрӣ, сиёсӣ ва мубоҳисаи фирқаву аҳзоби мухталиф гардида буд, ки ҳамагӣ аз тариқи рӯзнома пешкаш мешуданд. Ин таҷрибаи андӯхта боис ба он гардид, ки Мирзосироҷи Ҳаким ва Мирзо Муҳиддин Мансурзода жанри мақоларо дар таблиғу ташвиқи андешаҳои навгароӣ истифода намоянд;

- мавҷуд будани аҳдофи муайян, ки хонандаи закиро ба андеша водор кунад ва фикри ҷадидро дар зеҳни хонанда тавлид созад аз масъалаҳои асосие мебошанд, ки аҳли қаламро ба ин қолаби мусоиди эҷод ҷалб намояд. Маҳз ҳадафҳои муайяни таҷаддудхоҳӣ ва ғояи мушаххаси маорифпарварӣ боис гардидааст, ки аҳли адабу сухан андешаҳои худро дар қолаби мақола бирезанд.

Ду омили аввал боис шудааст, ки мақола ҳамчун жанри нисбатан шаклгирифта ба рӯзномаи «Бухорои шариф» ворид шавад. Омили сеюм, ки мавҷуд будани ғояи муайян аст ва дар маркази он тараққихоҳӣ, рушди мактабу маориф, илму фарҳанг, тиҷорату савдо, тартибу низом, имону покӣ ва дар маҷмӯъ зиндагии шоиста меистад, жанри мақоларо дар муҳити адабии Бухоро маъмул кард, зеро мақола «беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи ақида аст» [5, с.59].

Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки муҳаррирон ва муассисони рӯзнома аснои иншои афкори худ ба жанри мақола такя намуда, марому мақсади худро дар қолаби ин жанр таълиф намудаанд ва саҳифаи аввали рӯзнома низ ҳамеша ба мақолаҳои худӣ (редаксионӣ) бахшида шудааст.

Мақолаҳои мунташираи «Бухорои шариф»-ро вобаста ба шаклу қолаби эҷодашон ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: сармақола ва мақолаҳои умумитаҳлилӣ. Ҳарчанд муҳаққиқон дар адабиёти соҳавӣ гурӯҳе 3 ва иддаи дигар 4 навъи мақоларо муайян намудаанд, вале омӯзиш ва таҳлили маводи «Бухорои шариф» аз нигоҳи жанрӣ нишон дод, ки дар он ду навъи мақола истифода шудааст.

Ба гурӯҳи аввал гӯшаи муҳаррир шомил мешавад, ки аз асоситарин маводи таҳлилии рӯзнома маҳсуб шуда, дар аксари шумораҳо дар саҳифаи аввал нашр шуда, «дар ҳамин шумора ба вай арзиши аз ҳама зиёд қоил шудаанд » [5, с.64].

Дар сармақолаҳои рӯзнома ду хусусияти нигоришӣ ба мушоҳида мерасад, ки иддае ба таври умумию кӯтоҳ таълиф гардида, қисми дигари маводи ин бахш аз рӯйи ҳаҷм васеъ буда, доманаи таҳлилашон низ фаррох аст. Бинобар ин вижагӣ сармақолаҳоро низ дар навбати худ шартан ба ду гурӯҳ – сармақолаҳои муфрад ва сармақолаҳои силсилавӣ ҷудо номидем.

Сармақолаҳои муфрад аз рӯйи шакл кӯтоҳ буда, аз 55 - 60 сатр оғоз шуда, қисмати камтари онҳо то 90 ва 100 сатр мерасанд. Дар ин мақолаҳо андеша ва назар дар асоси проблема таълиф шуда, проблема дар шакли умум матраҳ мегардад ва афкору таҳлилҳои муаллиф кӯтоҳу мухтасаранд. Ба ин навъ, сармақолаҳои «Ғояи омол» (№1), «Ифтитоҳ» (№2), «Чӣ бояд кард?» (№3), «Дигарон чӣ карданд?» (№4), «Эътизор» (№12), «Ҳиммат» (№16), «Такрор» (№17), «Пиллагирӣ» (№30), «Таҳайюр» (№35) ва монанди инҳо шомил мешаванд.

Ин сармақолаҳо вижагии фикрофаринӣ дошта, барои хонандаи рӯзнома василае барои шинохт ва дарки проблемаҳои замон маҳсуб мешуданд ва ба таъбири профессор Муродов М. «хусусияти раҳнамоӣ» доранд.

Сармақолаҳои силсилавӣ бошанд дар муқоиса ба навъи аввал доманаи таҳлилу ташхисро васеъ гирифта, проблемаҳоро на танҳо дар як масъала, балки аз чанд зовия мушоҳида ва таҳлилу баррасӣ мекунанд. Дар онҳо проблема махсуси як соҳаи зиндагӣ нест, балки хосси кулли соҳаҳои иҷтимоию фарҳангию иқтисодӣ ва илмию сиёсии давр ва марбути тафаккури миллат ва ҷамъият мебошад, ки ба ин зумра анъана, одат, масъулият, имон, низом, адолат, шариат ва ғайра шомил мешаванд.

Дар сармақолаҳои силсилавӣ назари нигорандагон ба муҳиммияти масъала равона шуда, заминаҳои пайдоиш, вазъ ва ҳолатҳои гуногуни факт, таҳлилу баррасӣ шудааст, аз ашхоси алоҳидаву манотиқи мухталиф мисолу далелҳо оварда, ташхису қиёс ва баҳогузорӣ гардидааст. Ин навъи баррасӣ ва масъалагузорӣ табиатан на дар як сармақола ва гӯша ҷойгир шуда, балки баръакси сармақолаву калонкаҳои матбуоти муосир доманаи нигоришашон васеъ мебошад. Агар дар рӯзномаҳои муосир сармақола ва калонкаҳо дар як шумора бо таҳлилу масъалагузории як факт ҷамъбаст шаванд, вале дар «Бухорои шариф» доманаи таҳлил густариш пайдо намуда, силсилаи мақолаҳоро ташкил медиҳад, ки аз 2 то 14 шумораро дар бар гирифтаанд. Аз ҷумла, сармақолаҳои «Тартиб лозим аст!» (№5, 6, 7), «Мулоҳиза» (№8, 9, 10, 11), «Таҷдиди матлаъ» (№13, 14, 15), «Татмими саодат»

(№38, 39, 40), «Боиси тараққӣ» (№46, 47), «Вақт азиз аст» (№42, 43), «Тадайюн ва тамаддун» (№49, 50), «Ҷӯянда ёбанда» (№51, 52), «Дин ва мазҳаб» (№77, 78, 79, 80, 81, 82), «Муаллим ва таълим» (№100, 101, 102, 103), «Салоҳи мадорис» (№97, 98, 99) ва амсоли инҳоро метавон сармақолаҳои силсилавӣ номид.

Дар ин навъ мақолаҳо проблема як бошад ҳам, вале майдони таҳлил, шохаҳои он ва таҳқиқу баррасии муаммо фароху густурда аст. Дар онҳо назар, ақида, андеша, далел, мисол ва қиёс дар асоси проблема таълиф шуда, таҳлил мӯшикофона анҷом шудааст.

Барои намуна мақолаи «Вазоиф»-ро метавон мисол оварда, ки дар 14 шумора (№53, 54, 55, 56, 57, 58, 59, 60, 61, 62, 63, 64, 65, 86) ба табъ расидааст. Проблемаи асосии ин силсиламақола уҳдадорӣ ва масъулиятшиносӣ дар ҷомеаи исломии Бухоро мебошад. Муаллиф вазифаҳои роҳбарон, раисон, сиёсатмадорон, уламои дин, омӯзгорон, қозию тоҷир, ширкатҳо, рӯзномаву рӯзноманигорон ва дар маҷмӯъ, масъулияту вазифаҳои инсонии ҳар як фардро дар шумораҳои алоҳида ба таҳлил гирифтааст. Ӯ вобаста ба проблемаи асосии мақола масъаларо чунин баррасӣ намудааст: «Бузург дорем, кӯчак дорем, шоҳ дорем, раъият дорем, шореъ, муташореъ, олим, оммӣ, муаллим, мутааллим, тоҷир, касиба, санъаткор, деҳқон ва ғайраву ғайра дорем. Ҳар синф аз асноф ва ҳар табақа аз табақоти инсонӣ вазифаи махсусе дорад. Ҳар як аз вазифаҳо ҳам ба тағйири азмана ва айём мутағайир мегардад. Пас, модом ки дар дори таклиф ва олами кавну фасод ҳастем вазифаҳои бешумор дорем, ки бояд фаҳмида амал намоем!» [7, с.1].

Дар мақола муалиф аз ҳаёти кишварҳои мутараққии аврупоӣ ва шаҳру вилоёти Қафқоз мисолҳо оварда, зиндагии бонизом ва масъулиятшиносию уҳдадориҳои шаҳрвандии мардуми он ҷойҳоро нишон додааст.

Ин навъ мақолаҳо дар муқоиса ба мақолаҳои дигар хусусияти таҷаддудияшон ошкор буда, масъалаҳо вижагии хос доранд. Дар ин сармақолаҳо интиқод аз улламои хасакӣ, рӯҳониёни ҷоҳталаб ва одату анъанаҳои номашруъ, ки ба воситаи муллоҳои камдониш ба ҳукми шариат ва аҳкоми динӣ даромадаанд, ба таври шадид сурат гирифтааст.

Сармақолаҳо дар бештари шумораҳо бо имзои Ҷалол ба нашр расидаанд, ки муҳаррир Мирзоҷалол Юсуфзода мебошад. Як давраи муайян сармақолаҳои рӯзнома ҳамчунин бо имзоҳои мустаори М.Р. ва Хайрхоҳ ба нашр расидаанд. Ин сармақолаҳо ба замони сафари Мирзоҷалол Юсуфзода ба Боку рост меояд ва фарогири шумораҳои №21, 22, 23, 24, 29, 30, 31, 32 мебошад.

Аз шумораҳои аввали рӯзнома услуби нигориш, талаботи жанрӣ ва хусусиятҳои асосии сармақола, ки таҳлили масъала дар доираи андешаву факт сурат мегирад, ба таври ҳирфаӣ истифода гардидааст. А. Набавӣ низ дар ин росто дуруст навиштааст: «Бояд гуфт, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳунари сармақоланависӣ хеле хуб оғоз ниҳода шуд ва шакл гирифт» [4, с.41].

Ба гурӯҳи мақолаҳои дуюм, ки умумитаҳлилӣ унвон кардем, мақолаҳое ворид мешаванд, ки дар саҳифаҳои дуюму сеюм ба нашр расида, маводи муназзам, гӯшаи муайян ва ё рубрикаи ягона надоранд. Ин мақолаҳо дар муқоиса ба сармақолаҳо чандон маводи мунтазираи хонандагон нестанд. Ин гурӯҳи мақолаҳо бо имзои муаллифони худӣ ва беруна нашр шуда, аксаран имзоҳои мустаор доранд. Аз ҷумла, имзоҳои М.С., М.Р., М.Б., М.Ҳ., С.Ъ., Б.Х., Қ.Л., БТД, Н.А.Х.Н., Сиёҳпӯш, Ҷалол, Сироҷ, Амин ибни Расул, С. Мирзо Хурдоф, Зиндақул Лутфуллоҳи Бухороӣ ва дигарон аз ҷумлаи муаллифони ин мақолаҳо мебошанд.

Ин навъи мақолаҳо дар асоси як масъала иншо гардида, бо мисолу далелҳои муайян асоснок карда шудааст. Дар онҳо масъалаи муҳокимашаванда бо таклифу пешниҳод ва назару андешаи ҳамраъёна доир ба соҳаҳои муайян иброз шудааст. Муҳтавои проблемаҳо иборат аз мактабу маориф, тиҷорату савдо, мақоми рӯзнома ва рӯзномадорӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, таълиму тадрис бо усули нав, иттиҳоду ҳамдилӣ, пахтакорию пиллапарварӣ, саёҳату солимӣ, боғкорию тайёрасозӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Дар мақолаҳои умумитаҳлилӣ чун дигар навъи мақолаҳо таҳлил ва ибрози фикр бартарӣ дорад. Дар ин навъи мақолаҳо проблемаи асосӣ таҳлил гардида, даврaҳои муайян, заминаҳои таърихӣ ва инкишофи масъалаҳо баррасӣ шудааст. Ин усулро дар мақолаҳои «Осмонпаймоӣ» ва «Ба кадом дарди худамон даво ҷӯем?» баръало мушоҳида мекунем.

Дар мақолаи аввал проблемаи асосӣ ихтирои ҳавопаймоҳо ва рушди истеҳсоли он дар кишварҳои мутараққӣ аст. Дар ин мақолаҳо дар баробари таҳлилу таҳқиқ гоҳо ҷанбаи иттилоотӣ низ ба назар мерасад, ки мухтасаран баён шуда, андешаву назар ва таҳлилу баррасиҳои муаллифонро рӯҳи воқеӣ бахшидааст. Чунончи, дар мақолаи «Осмонпаймоӣ» баён гардидааст: «ин айём дар ҳамаи олам, ҳамаи миллал ба қадри андозаи худ дар зиёд кардану таъсис намудани флоти (қавоии ҷангӣ) ҳавоӣ саъйю кӯшиш мекунанд. Масъалаи ҳавоӣ аз ҳамаи масоили ҷангии ҳоло муҳимтару лозимтар маҳсуб мешавад» [6, с.3].

Ҷумлаи боло дар мақола дар баробари иттилоот буданаш даричае барои шинохт ва дарки таҳлилу таҳқиқи мобақии мавод маҳсуб мешавад.

Ин мақола дар се шумора (№24, 27, 29) нашр шуда, дар асоси факту далел, назар, таҳлил ва таҳқиқи умумӣ таълиф шудааст. Масъалаи истифодаи ҳавопаймо дар ҷангҳо, хароҷоти молиявӣ, ҷалби сармояи мардумӣ ба истеҳсоли ҳавопаймоҳо, зиёд шудани талафоти ҷонӣ дар натиҷаи истифодаи ҳавопаймоҳо дар муҳорибаҳо, навъҳои ҳавопаймо, вижагӣ, зарфият, даврaҳои рушди истеҳсолот, такмили сохт ва ғайра аз ҷанбаҳои гуногуни ин масъала маҳсуб мешавад, ки муаллиф дар мақолаи худ таҳлил намудааст.

Мақолаи мазкур то андозае вазъи иҷтимоӣ, раванди зиндагӣ, имконияти молиявӣ, ҳузури мардум дар равандҳои сиёсӣ ва сатҳи тафаккури ҷамъияти Аврупоро низ бозгӯ мекунад.

Аз лиҳози сохтори жанрӣ ин мақола аз се қисм иборат мебошад, ки бахши аввали он аз маълумоти умумӣ иборат буда, бахши дуюм назару андешаи муаллифро доир ба сохтани ҳавопаймоҳо ва зарурати истифодаи онҳо дар раванди муборизаҳои байнидавлатӣ ва бахши сеюм ҷанбаи таърихӣ ва даврaҳои ташаккули ҳавопаймосозӣ дар кишварҳои аврупоиро дар бар гирифтааст.

Бо чунин тарз дар мақолаҳои «Пунбакорӣ» ва «Таманнои инсоф» масъалаҳо ба таври муайян ва мушкилоти асосии соҳаҳо мушаххас карда шуда, ба масъулин равона шудааст. Хусусияти фарқкунандаи мақолаҳои умумитаҳлилӣ аз сармақолаҳо дар он аст, ки конкретизатсияи мавзӯъ ва проблема зикр шудааст. Яъне, проблема ҳам барои андешаву фаҳм таълиф гардида, ҳам барои ҳаллу фасл пешниҳод шудааст.

Омӯзиш нишон дод, ки навъи мақолаҳои умумитаҳлилӣ дар нашрия хеле зиёд аст. Аз ҷумла, мақолаҳои «Баъзе фавоиди рӯзнома» (№1), «Оинаи олам» (№4), «Лузуми ҷамъияти нашри маориф» (№16), «Мастӣ» (№17), «Мазияти миллӣ» (№17), «Таҷдиди Бухоро» (№40), «Тиҷорати пиллагирӣ» (№42), «Пунбакорӣ» (№42,44), «Таманнои инсоф» (№43) ва даҳҳои дигар аз зумраи мақолаҳои умумитаҳлилӣ мебошанд.

Дар ин мақолаҳо масъалаҳо мушаххасан таҳлил ва бо хулосаи мутақоид манзури хонанда шудаанд, ки аз лиҳози шурути жанрии мақола низ яке аз талаботи ин жанр маҳсуб мешавад. Зеро дар онҳо «назару андеша, таҳлили васеву амиқ, фарохии хулосаву ҷамъбаст рукнҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд» [2, с. 149-150].

Дар рӯзнома дар баробари ин ду навъи мақола намунаҳое аз навъи мақолаҳои мубоҳисавӣ низ дучор омад, ки онҳоро дар мисоли сармақолаҳои «Мусоҳибаи илмия» (73, 74, 75, 76), ки миёни Мирзоҷалол Юсуфзода ва Сулаймонхоҷаи Қарокулӣ ба вуҷуд омадааст ва мақолаҳои дар хусуси забон нигоштаи Мирзоҷалол муайян карданамон мумкин аст. Дар мақолаҳои боло сухан перомуни мавқеи тарафҳо ва афзалияти назари якдигар рафта, ду ҷониб талош намудаанд, ки мавқеи худро вобаста ба масъалаҳои динӣ ва забону тамаддун нишон диҳанд. Вале чун намунаҳо ва шумораҳои мақола нисбатан камтар аст, онро ба бахши алоҳида ҷудо накардем.

Бо чунин равиш мақола ҳамчун жанри андешазо дар «Бухорои шариф» ба ҳайси воситаи ибрози андешаву мавқеъ истифода шуда, такомули шаклӣ пайдо намудааст ва ҳамчун василаи тарғибу ташвиқ ташаккул ёфта, рӯҳияи мардумиро ба масъалаҳои муҳим бедор намуда, дар рушду таблиғи ғояҳои тараққихоҳӣ муфид истифодаи шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Саъдулло, П. Гулмурод. Жанрҳои таҳлилии матбуот. – Душанбе, 1994. – 64 с.
2. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов.– Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
3. Муродов М. Аз се шоҳаи як илм / М. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 250 с.
4. Набавӣ А. «Бухорои Шариф» сарогози матбуоти миллӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 182 с.
5. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика / И.Усмонов. – Душанбе. –2009. – 140 с.
6. М. Р. «Бухорои шариф», 08. 04. 1912. -№24.
7. Ҷалол (Мирзоҷалол Юсуфзода). «Бухорои шариф», 13. 05. 1912. -№53.

ТАШАККУЛИ ЖАНРИИ МАҚОЛА ДАР РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Дар ин таҳқиқ ташаккули хусусиятҳои жанри мақола дар нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» бо назардошти моҳият, мавзӯот ва услуби баён таҳлил шудааст. Муаллиф заминаҳои пайдоиш, вижагиҳои шаклӣ, услуби нигориши матолиби рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро баррасӣ намуда, хулоса кардааст, ки мақола ба матбуоти тоҷик ҳамчун жанри шаклёфта аз нашрияҳои форсӣ ворид шуда, дар саҳифаҳои «Бухорои шариф» ҳамчун василаи таблиғи афкори навгароӣ фаровон истифода шуда, хусусиятҳои жанриашро инкишоф додааст. Дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ду навъи мақола: сармақола ва мақолаҳои умумитаҳлилӣ бештар корбаст шудаанд, ки аз вазъияти замон, муаммову мушкилот, рӯҳияи иҷтимоии мардум, шароити иқтисодию фарҳангӣ ва сиёсию ахлоқии Аморати Бухороро бозгӯ мекунанд. Дар сармақолаҳо назари нигорандагон ба муҳиммияти масъала равона шуда, заминаҳои пайдоиш, вазъ ва ҳолатҳои гуногуни факт таҳлилу баррасӣ шудааст, аз ашхоси алоҳидаву манотиқи мухталиф мисолу далелҳо оварда, ташхису қиёс ва баҳогузорӣ гардидааст. Дар мақолаҳои умумитаҳлилӣ масъала ва ибрози фикр бартарӣ дорад. Дар ин навъи мақолаҳо проблемаи асосӣ таҳлил гардида, даврaҳои муайян, заминаҳои таърихӣ ва инкишофи масъалаҳо баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: рӯзнома, жанр, ташаккули жанрӣ, мақола, мавзӯъ, таърих, афкор, факт, масъала, таҳлил, муаллиф.

ЖАНРОВОЕ ФОРМИРОВАНИЕ СТАТЬИ В ГАЗЕТЕ «БУХОРОИ ШАРИФ»

В данной статье автором проанализировано форсмирование жанровых особенностей статьи в первойгазете «Бухорои шариф» на таджикском языке с учетом сущности, тематики и стиляизложения. Автор рассматривая основы появления, особенности форм, стиль изложения материалов в газете «Бухорои шариф» приходит к выводу о том, что статья вошла в таджикскую печать как уже сформированный жанр из персидских изданий и на страницах газеты «Бухорои шариф» очень широко использовался как средство пропаганды новаторской мысли и развил свои жанровые особенности. В газете «Бухорои шариф» в основном использовались два типа статьи: передовая статья и общеаналитические статьи, которые отражали положение времени, проблемы и трудности, социальных дух народа, культурно-экономическое и политическое положение Бухарского Эмирата. В передовых статьях взгляды авторов были направлены на важность проблемы, анализировались основы появления, состояние и различные ситуации фактов, приведены примеры об отдельных личностях. В общеаналитических статьях проблема стоит выше выражения мнений. В данном типе статей анализировались основные проблемы и рассматривались определенные периоды, исторические предпосылки и развитие проблем.

Ключевые слова: газета, жанр, жанровое формирование, статья, тема, история, мнение, факт, проблема, анализ, автор.

GENERAL FORMATION OF THE ARTICLE IN THE NEWSPAPER "BUKHOROI SHARIF"

In this article, the author analyzed the forcing of genre features of the article in the first newspaper “Bukhoroi Sharif” in the Tajik language, taking into account the essence, themes and style of presentation. The author examines the basics of appearance, features of forms, style of presentation of materials in the newspaper "Bukhoroi Sharif" concludes that the article entered the Tajik press as an already formed genre from Persian publications and on the pages of the newspaper "Bukhoroi Sharif" was very widely used as a means of propaganda innovative thought and developed its genre features. The Bukhoroi Sharif newspaper mainly used two types of articles: an editorial and general analytical articles that reflected the situation of the time, problems and difficulties, the social spirit of the people, the cultural, economic and political situation of the Bukhara Emirate. In the leading articles, the authors' views focused on the importance of the problem, analyzed the basis of the appearance, state and various situations of facts, and gave examples about individual personalities. In general analytical articles, the problem is higher than the expression of opinions. In this type of articles, the main problems were analyzed and certain periods, historical background and the development of problems were considered.

Key words: newspaper, genre, genre formation, article, topic, history, opinion, fact, problem, analysis, author.

Сведения об автора: ***Атоев Мухаммадикбол Имомиддинович*** – Таджикский национальный университет. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, Рудаки, 17. E-mail: **m-iqbol-87@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 934-25-26-55**

Information about the author: ***Atoev Muhammadikbol Imomiddinovich*** - Tajik National University. **Address:** Республика Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. E-mail: **m-iqbol-87@mail.ru.** Tel.: **(+992) 934-25-26-55**

УДК: 070 (575.3)

«МИНБАРИ ХАЛК» - ТРИБУНА ОБЩЕСТВЕННОГО ДИАЛОГА: ПОИСК НАЦИОНАЛЬНЫХ ИДЕЙ И ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

Божко И.Г.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Издание «Минбари халк» занимает особое место в жизни таджикского общества, является органом печати Народно-демократической партии Таджикистана. НДПТ была основана в 1994 году, поддерживает основной политический курс Президента республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Ключевой задачей партии является сплочение всех групп и слоёв общества страны под девизом «свободный и независимый Таджикистан – наша любимая Родина», что служит основным связующим звеном и объединяющим фактором всех народов страны, невзирая на нацию, язык, религию, политическую позицию, и является средством укрепления свободного и независимого Таджикистана.

В условиях строительства нового суверенного государства, поиска путей достижения мира и согласия, национального единства издание «Минбари халк» стало той важной «ареной» трудного диалога власти и представителей различных социальных групп, а также полемики этих групп между собой. За короткий срок газета завоевала популярность среди народных масс.

Издание освещает деятельность всех государственных структур, отражает проблемы молодежи, духовно - нравственного развития, образования, трудовой миграции, внося весомый вклад в воспитание высокого национального духа, самосознания и патриотизма, нравственности, воспитания уважения к родителям и старшим, изучения наук и современных специальностей, соблюдения верховенства закона.

Защита независимости и обеспечения систематического социально-экономического развития страны с учетом национальных интересов, возможностей и реальных ресурсов, национального опыта государственного управления, и соблюдение принятых международных норм является одним из важных направлений в деятельности рассматриваемой газеты.

На этой основе, важную часть в содержании издания «Минбари халк» как отражение политики и стратегии государства занимает:

- воспитание национального самосознания, чувства патриотизма народа, повышение правовой и политической просвещенности населения страны, в частности подростков и молодежи;

- разъяснение важности направлений внутренней и внешней политики, корыстных целей внешних сил, стратегических планов и программ нашего государства;

- укрепление государственной независимости, повышение уровня жизни народа;

- развитие и пропаганда культуры мира, и привитие национального мира и единства как уникального достижения народа Таджикистана;

- привитие чувства глубокого преклонения и уважения к государственному языку - изящному, красивому поэтическому таджикскому языку, организация и освещение необходимых мероприятий, направленных на укрепление литературного языка и его всесторонне развитие;

- пропаганда среди подростков и молодёжи изучения иностранных языков, в частности русского и английского и др.

С первых выпусков на страницах издания публиковались материалы о партии и решались важные вопросы. Основные рубрики, под названиями «Мавзӯи рӯз» («Тема дня»), «Нигохи дигар» («Другой взгляд»), «Нигох аз ошёнаи 9-ум» («Взгляд с 9-го этажа»), «Номҳои фаромӯшшуда» («Забытые имена»), «Номаи бетаҳрир» («Неотредактированное письмо») и другие стали пользоваться особой популярностью среди читателей.

Сегодня «Минбари халқ» является изданием с самой большой читательской аудиторией, тираж составляет примерно 65 тысяч экземпляров.

Процесс глобализации, наряду со своими положительными сторонами, стал причиной столкновения разных ценностей и культур человечества. Таджики, как древняя и развитая нация со своей оригинальной культурой, являются сторонниками исследования, продвижения и использования научных и культурных достижений народов Запада и Востока, укрепления системы развития страны как светского государства. Но мир стоит перед различными опасностями, среди которых самое страшное - это угроза политического экстремизма, терроризм, давление и прямое вмешательство в жизнь и судьбы других народов. Рассмотренные материалы издания «Минбари халк» позволяют прийти к выводу, что на протяжении всей своей деятельности этот печатный орган Правительства Таджикистана всегда стоял на страже осуществления стратегических, миротворческих задач государства.

Несмотря на то, что со времени обретения государственной независимости прошло не более 26 лет, однако мы уже стали свидетелями развития таких важных направлений таджикского общества, как политический плюрализм, интенсивный рост деятельности политических сил и различных объединений гражданского общества. В нашей стране, судя по материалам газеты «Минбари халк» в этом направлении со стороны Правительства Таджикистана созданы все необходимые условия.

В материалах издания можно найти факты того, что за короткое время на основе конституции Республики Таджикистан и других правовых и законодательных актов страны было объявлено и обеспечено функционирование многочисленных решений правительства, направленных на становление демократической основы государства и структуры всех форм власти, подчёркивающих важность соблюдения прав и свобод человека и гражданина, политического плюрализма, организации профессионального парламента, гарантии судебной справедливости, равноправия и свободы совести.

В конституции Таджикистана отмечено, что ни одна идеология той или иной партии, общественного, религиозного движений или групп не может быть признана в качестве государственной идеологии.

Конечно, каждая партия функционирует согласно своей программе и имеет свое особое политическое мнение. Но при законном условии, все политические партии и общественные движения также как, и все жители страны, священно чтят высшие интересы и ценности нации, такие как государственная независимость, территориальная целостность, социальный мир и национальное единство и прилагают старания для их сохранения и укрепления.

Важно отметить, что большинство публикаций «Минбари халк», формируют общественное мнение в ключе ответственности каждого гражданина республики за долгожданный мир и согласие, за независимость, системное социально-экономическое и культурное развитие нашей страны. Согласно принятым государственным нормам, все обязаны следовать политики государства, выстроенной с учетом национальных интересов страны, её потенциальных и реальных возможностей.

Всестороннее развитие национального самопознания и чувства патриотизма народа, повышение политической и правовой просвещенности населения страны, в частности

подростков и молодежи, как уже было отмечено, также является наиважнейшей стратегией анализируемого издания.

Выбранная стратегия ставит перед газетой «Минбари халқ» ряд задач, в частности, таких, как просвещение и информирование народа о внутренней и внешней политике страны, планов программ государства, а также о достижениях и результатах действий органов власти и общественных организаций.

Наряду с необходимым информированием общества, некоторые СМИ, в том числе и ряд международных медиа оказывают негативное влияние на формирование общественного мнения в Таджикистане, подрывая имидж нации и угрожая продвижению государства по основному общественно-политическому курсу развития страны.

Обществу важно донести основную суть деятельности правящей партии страны без лишних неверных интерпретаций. Поэтому характер издания «Минбари халк», его тематическая направленность и информационная насыщенность-неотъемлемая часть реализации программы НДПТ.

Объединить все группы и слои населения под девизом «Свободный, независимый Таджикистан - наша любимая Родина», является основным направлением деятельности «Минбари халк».

Идейно-правовая сформированность населения республики, в частности подросткового и молодого поколения, есть залог успешного развития нации и обеспечения достижения поставленных целей во всех сферах жизни гражданского общества Таджикистана.

Особого внимания заслуживают ряд публикаций издания в области восстановления и развития культуры и образования страны, достижений уникальных результатов народа в этих сферах. А также реализация возможностей и ресурсов Таджикистана на пути к намеченным целям.

Таджикский народ приобрёл мир и взаимопонимание, пройдя тяжёлый путь лишений и жертв, ценой жизни десятков тысяч людей в период гражданской войны. Поэтому издание «Минбари халк» каждым своим материалом призывает чтить мир и стабильность в республике и демонстрирует уважение каждого слоя общества друг к другу. В газете публикуются материалы на трёх языках: таджикском, русском, узбекском. Это ещё раз подтверждает направленность этого органа печати.

В издании особое значение уделяется рассмотрению важных вопросов науки, культуры, образования и медицины, красочные страницы истории предков, важным культурным вопросам и проблемам современного мира. На страницах «Минбари халк» часто можно встретить публикации, посвященные проблемам государственного языка, сохранения лучших традиций таджикского литературного языка, а знание его определяется как обязательное условие закрепления национальной самобытности Таджикистана.

Богатство таджикского языка, наряду с другими национальными святынями, определяется как символ государственности, национального менталитета, гарант существования таджикской культуры и гордость таджиков.

Родной язык в неспокойные исторические этапы страны всегда играл судьбоносную роль. Поэтому со дня приобретения независимости в Таджикистане был реализован целый цикл мер по возрождению и развитию государственного языка.

Наряду с этим, публикации газеты «Минбари халк» отображают необходимость изучения и поддержания гражданами других языков, в частности русского и английского языков, так как для подростков и молодежи это сегодня является требованием времени.

Однако, как отмечает издание, эта тенденция не должна стать причиной появления в таджикском языке ненужных элементов. Поэтому в будущем необходимо проводить мероприятия по сохранению и несмешиванию государственного языка, а также для его всестороннего развития.

Ответственное отношение авторов издания к реализации поставленных задач играет ключевую роль в передаче и анализе информации. В материалах газеты часто подчеркивается, что СМИ обязаны отражать основы мировой культуры, как неотъемлемую часть культурной жизни народа с целью воспитания подрастающего поколения и молодежи в духе патриотизма, миролюбия и созидания, а также для передачи будущему поколению священных достижений народа.

На пути достижения этой цели каждому члену общества должны быть созданы необходимые условия для улучшения духовно-нравственного развития молодежи, их обучения и трудовой деятельности.

Руководство издания состоит из числа известных писателей и журналистов, таких как Бахтиёр Муртазоев, Мухаммадшариф Бобошоев, Мансур Сайфиддинов, Абдусамад Махмадкаримов. В настоящее время главным редактором одного из самых авторитетных изданий республики «Минбари халқ» является известный журналист, кандидат

филологических наук Бахтиёр Хамдамов. Как исследователь таджикской классической литературы, Бахтиёр Хамдамов демонстрирует стремление расширить тематику издания, а также осуществляет необходимые меры и контроль качества материалов газеты.

Одна из важных задач издания - это своевременное информирование о деятельности партии и ее управления. Бесспорно, что газета «Минбари халқ» сыграла важную роль в парламентских выборах, где НДПТ получило большинство голосов избирателей республики. На сегодняшний день члены партии функционируют в ключевых органах государства и принимают участие в выполнении важных программ по развитию страны.

Тираж издания «Минбари халқ» постепенно увеличиваясь, достиг тиража в 65 тысяч экземпляров, с этим тиражом не сравнится ни одно другое издание республики. Это ещё раз подтверждает высокий профессионализм и уровень подготовки ответственных сотрудников газеты.

Об издании «Минбари халк» положительно отозвались многие деятели различных общественно-политических и др. отраслей республики. К примеру, в феврале 2006 года Народный Артист Таджикистана Зафар Нозимов в одном из своих интервью в еженедельнике «Чархи гардун» отметил следующее: «Издание «Минбари халқ» стало читабельным. Лично мне критика по нраву, но главное, чтобы не затрагивали личность, издание, как некоторые газеты, не играет «в одни ворота», учитывает разнообразие мнений и взглядов, дает возможность всем выражать свое мнение, другими словами, гость может с богатого стола выбрать то, что он хочет, газета дает возможность читателям выбрать то, что они хотят читать, начиная от политики, заканчивая экономическими и спортивными новостями».

Разнообразие материалов издания, важные страницы «Партийной жизни», «Неотредактированных писем», новости и другие являются результатом стараний ответственного редактора издания известного журналиста, обладателя награды Союза журналистов Таджикистана и многих журналистских конкурсов Алиджона Джураева. Следует отметить его активную позицию в поддержании информационных каналов с отделами НДПТ во всех регионах страны.

Наряду с опытными журналистами в издании работают и молодые кадры. Толиб Лукмон и Мохрухсор Рахим всего второй год работают в издании. Как новое поколение, они несут и новый взгляд, также вносят свой вклад в рассмотрение важных событий общества.

На страницах издания наряду с материалами о деятельности правительства и НДПТ также встечаются аналитические и критические статьи относительно разных органов государства и даже некоторых партийных организаций. Правительство, для повышения экономики, развития культуры по всей стране, прилагает множество стараний и усилий. Но многие проблемы из года в год продолжают оставаться наиболее острыми, требуя регулярного разрешения. Поэтому данное издание рассматривает важность проблем с аналитической точки зрения и публикует их на всеобщее обозрение. Это требует особой подготовки журналистских кадров. В связи с этим по инициативе руководства партии и сотрудников издания «Минбари халк» при редакции начала функционировать профессиональная школа для молодых творческих деятелей – Съезд молодых журналистов.

Таким образом, подводя итоги, важно ещё раз подчеркнуть важность миссии и функционирования издания «Минбари халқ». Публикации газеты несут в себе, не только основу деятельности НДПТ, но и основу истории, культуры, медицины, образования, экономики, производства и других аспектов общественно-политической жизни республики Таджикистан, чем вносит огромный вклад в ее развитие, укрепление и процветание.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Муаррифии китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» // Минбари халқ. – 2016. – №28, 12 июл.
2. Машварат дар назди Пешвои миллат // Минбари халқ. – 2016. – №7, 10 феврал.
3. Самизода Ф. Сиёсати байналмилалӣ. Марҳилаи нав дар касби эҳтиром ва ҷойгоҳи ҷаҳонӣ // Минбари халқ. – 2016. – №7, 13 феврал.
4. Тоҷикистон барои пайвастан ба Конвенсияи Гаага талош дорад // Минбари халқ. – 2014. – №25, 23 июн.
5. Фарходи К. Меваҳои ширини дарахти Истиклол // Минбари халқ. – 2013. – №17, 25 апрел.

«МИНБАРИ ХАЛҚ» - МИНБАРИ ГУФТУГӮЙИ ҶАМЪИЯТӢ: ҶУСТУҶӮЙӢ ИДЕЯҲОИ МИЛЛӢ ВА ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур фаъолияти нашрияи «Минбари халқ» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, инъикоси сиёсати Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон оид ба ташвиқи сулҳу вахдат, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҷаҳондӯстӣ ва созандагию ободкорӣ дар нашрияи мазкур баррасӣ гардида, инчунин нақши нашрия дар рушди фарҳанг ва сулҳофарӣ нишон дода шудааст. Нашрияи мазкур дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон мавқеи хеле муҳимро ишғол намуда, дар ҳаёти сиёсию идеологии мамлакат нақши калидӣ дорад. Нашрияи «Минбари халқ» ҳамчун нашрияи давлатӣ дар раванди амалигардонӣ ва ҳимояи манфиатҳои олӣ ва арзишҳои миллӣ, ба монанди истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, сулҳи иҷтимоӣ ва вахдати миллӣ саҳми арзанда мегузорад ва барои ҳифзу таҳкими онҳо талош меварзад.

Калидвожаҳо: нашрияи «Минбари халқ», андеша, сиёсат, фарҳанг, ваҳдат, худшиносӣ, ватандӯстӣ, халқ, Тоҷикистон.

«МИНБАРИ ХАЛК» - ТРИБУНА ОБЩЕСТВЕННОГО ДИАЛОГА: ПОИСК НАЦИОНАЛЬНЫХ ИДЕЙ И ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

В статье анализируется деятельность издания «Минбари халќ» («Народная трибуна»), рупора политики Народно-демократической партии Таджикистана по пропаганде мира и единства, воспитанию нового поколения в духе патриотизма, миролюбия и созидательного благоустройства, рассматривается роль газеты в развитии культуры и миротворчества. Данное печатное издание занимает особое место в жизни таджикского общества и играет важную роль в политико-идеологической жизни Таджикистана. Издание «Минбари халк» как государственное издание вносит свой вклад в реализацию и защиту высших интересов страны и ценностей нации, таких как государственная независимость, территориальная целостность, социальный мир и национальное единство, и прилагают старания для их сохранения и укрепления.

Ключевые слова: издание «Минбари халк», идея, политика, культура, единство, самосознание, патриотизм, народ, Таджикистан.

«MINBARI KHALK» – A PLATFORM FOR PUBLIC DIALOGUE: THE SEARCH FOR NATIONAL IDEAS AND THE DEMOCRATIZATION OF TAJIK SOCIETY

The article analyzes the activities of the Minbari Khalk publication of the mouthpiece of the Democratic Party's policy of promoting peace and unity, educating the new generation in the spirit of patriotism, peace and creative improvement, examines the role of the newspaper in the development of culture and peacemaking. Therefore, this print edition has a special place in the life of Tajik society and plays an important role in the political and ideological life of Tajikistan. The Minbari Khalk publication as a state publication contributes to the realization and protection of the country's highest interests and values of the nation, such as state independence, territorial integrity, social peace and national unity and makes efforts to preserve and strengthen them.

Key words: edition «Minbari Khalk», idea, politics, culture, unity, self-consciousness, patriotism, people, Tajikistan.

Сведения об авторе: ***Божко Ирина Георгиевна*** **–** Российско-Таджикский (Славянский) университет, аспирант кафедры печатных СМИ и PR. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30.
E-mail: **irinabozhko.26.02.1980@yandex.ru.** Тел.: **(+992) 989-10-84-32**

Information about the author: ***Bozhko Irina Georgievna*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, graduate student of the department of print media and PR. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzade Str. 30.
E-mail: **irinabozhko.26.02.1980@yandex.ru**. Tel.: **(+992) 989-10-84-32**

УДК: 37.01:002.(575.3)

НАҚШИ МАОРИФ ДАР ТАЪСИСИ МАТБУОТИ МИЛЛӢ

Ноилшоҳ Нурализода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон вобаста ба таърихи матбуоти тоҷик асарҳои зиёди илмӣ таълиф гардидаанд. Масъалаи таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик ҳам дар давраи Шӯравӣ ва ҳам дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик М. Шукуров, З. Раҷабов, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, Д. Давронов, П. Гулмуродзода, Ҷ. Усмонов, У. Ғаффоров, М. Муродов, Ш. Муллоев, А. Набавӣ, А. Азимов ва дигарон мавриди пажӯҳишҳои гуногун қарор гирифтааст. Дар такя ба нишондоди ин таҳқиқҳо метавон гуфт, ки матбуоти даврии тоҷик вобаста ба талаботи сохти иҷтимоӣ ва тараққиёту рушди соҳаҳои ҷомеа ба типҳои гуногуни ҷудо шудааст. Ба таъкиди профессор Мурод Муродов: «…дар ҷараёни инкишофи худ (матбуоти даврӣ-Н.Н.) на танҳо бо таъсиси анвоъ ва типҳои мухталифи нашрияҳо рангоранг гардидааст, балки бо ташаккули низоми мукаммал мактаби бузурги эҷодиро ба шакл дароварда, дар бедории фикрии мардум, боло бурдани ҳисси ватанпарастӣ, худшиносию худогоҳии шаҳрвандон ва шукуфоии кишвар нақши бориз гузоштаву мегузоранд» [3, с.76].

Нашрияҳои соҳавӣ як ҷузъи таркибии матбуоти даврӣ буда, аз нимаи дуюми солҳои 20 ва оғози солҳои 30-юми асри XX дар Тоҷикистон ба вуҷуд омаданд, ки дар саргаҳи он нашрияҳои соҳаи маориф қарор доштанд. Нашрияҳои наҳустини соҳаи маориф маҷаллаҳои «Дониш ва омӯзгор» (1926), «Раҳбари дониш» (1927) ва рӯзномаи «Барои маорифи коммунистӣ» (1932) мебошанд. Дар мавриди таърихи таъсиси ин типи нашрияҳо ва нақши онҳо дар рушди соҳаи маориф дар марҳилаҳои гуногун таҳқиқоти зиёди илмиву оммавӣ ба анҷом расонида шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқон таъсиси матбуоти тоҷик, ки нашрияҳои соҳаи маориф як ҷузъи он мебошад, ба ҷараёни маорифпарварӣ иртиботи қавӣ дорад. Албатта, ҳаракати маорифпарварии мардуми тоҷикро бидуни андешаҳои пешқадами Аҳмади Дониш тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба таъкиди муҳаққиқ Пайванди Гулмуродзода, «Ба туфайли аллома Аҳмади Дониш дар ҳаёти иҷтимоии тоҷикон дигаргунии куллие рух дод,

ки ба мактабу маориф ба диди тоза назар дӯхтани мунавварфикрон, равшанфикрон оғоз гардид» [2, с.152].

Бояд гуфт, ки устод Айнӣ яке аз хонандаҳои асосии «Бухорои шариф» буда, дар робита ба таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар байни аҳолии Бухоро чунин изҳори андеша кардааст: « … ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар Бухоро таъсири хуб кард. Филҷумла, инқилоби фикриву илмӣ рӯй дод. Дар мадрасаҳои куҳна дар байни талаба сухан аз ислоҳи макотиб ва мадорис мерафт, ғайринофеъ будани ҷадвали дарсҳои ҳозира музокира меёфт (агар рақамҳои авохири «Бухорои Шариф» мутолиа карда шавад, чанд ариза ва талабнома барои ислоҳи мадорис ба имзои мутааддид аз талабагон дида мешавад)» [1, с.130-131]. Ҳамчунин, дар заминаи рӯзномаи «Бухорои шариф» нашрияҳои сезабонаи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ – «Самарқанд», «Оина» ва нашрияи ҳукуматии «Рӯзномаи моварои баҳри Хазар» рӯйи чоп омаданд. Мундариҷаи ин нашрияҳо низ аслан ба масъалаҳои мактабу маориф нигаронида шуда буд ва минбаъд онҳо на танҳо барои кушодани мактабҳои усули нав, балки ҷиҳати таъсиси нашрияҳои «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик» ва замимаҳои он мусоидат карданд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродов, «…ин нашрияҳо дар пайдоиши матбуоти соҳаи маориф ҳамчун замина хидмат кардаанд» [3, с.78].

Аз ҳамин нигоҳ рӯзноманигор Муҳаммадшариф Рустамзода низ таъкид мекунад, ки: …«Бухорои шариф» ба як маънӣ на танҳо аввалин нашрияи тоҷикӣ-зодрӯзи матбуоти тоҷик, балки нахустнашрияи соҳаи маориф низ маҳсуб меёбад» [6, с.28].

25 августи соли 1924 баъди ташкили Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп гардид, ки дар оғоз «Овози тоҷики камбағал» ном дошт. Инъикоси масъалаҳои мактабу маориф аз мавзӯъҳои марказии рӯзномаи мазкур маҳсуб меёфт. Тавре муҳаққиқон И. Усмонов ва Д. Давронов таъкид мекунанд: «Яке аз хизматҳои асосии ин нашрияи бонуфуз («Овози тоҷик»- Н.Н.) дар тайёр кардани муаллимони тоҷик, кушодани мактабҳои тоҷикӣ, нашри китобҳои тоҷикӣ… зоҳир мегардад» [7, с.101].

Шоистаи таъкид аст, ки маҳз бо фаъолияти публитсистии худ устод Садриддин Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» оид ба мушкилоти мактабҳои навтаъсис, ҷалби ҷавонон ба мактаб, тарбияи омӯзгорони ҷавони мактабҳои тоҷикӣ, нашри китобҳои дарсӣ, забону адабиёти тоҷикӣ масъалагузорӣ кардааст. Дигар аз фидоиёни соҳаи маориф, муҳаррири маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (1919) Саидризо Ализода низ баъди баста шудани маҷалла ба сифати котиби масъул дар рӯзномаи «Овози тоҷик» кор кардааст. Ҳамчунин, фаъолияти публитсистии Қурбӣ, Азизӣ, Роҷӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва Зеҳнӣ маҳз дар ҳамин рӯзнома инкишоф ёфтааст.

Моҳи декабри соли 1924 қарор дар бораи таъсиси Назорати маорифи Тоҷикистон ба тасвиб расид ва Аббос Алиев аввалин нозири маорифи Тоҷикистон таъйин гардид. Бо сабаби он ки кадрҳои соҳаи маориф намерасиданд, Назорати маориф аз 5 марти соли 1925 ба кор шурӯъ кард. Аз рӯзҳои аввали ба фаъолият пардохтани Назорати маориф ва талошҳои нозири он Аббос Алиев яке аз масъалаҳои асосии ташкили нашрияҳо буд. 15 марти соли 1925 рӯзномаи «Иди тоҷик» аз чоп баромад. Шумораи нахустини он, ки идона буд ва аз номаш низ маълум аст, дар рӯзҳои аввали ба кор оғоз кардани Ҳукумати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон интишор шуд. «Иди тоҷик» тақрибан баъди як моҳ 5 апрели соли 1925 бо номи «Бедории тоҷик» табдили ном мекунад ва баъдан «Тоҷикистони сурх», «Тоҷикистони советӣ» ва ахиран дар даврони соҳибистиқлолӣ номи «Ҷумҳурият»-ро мегирад. Тавре муҳаққиқон И. Усмонов Д. Давронов қайд мекунанд: «… аввалин муҳаррири «Бедории тоҷик» Аббос Алиев буд. Ин бесабаб не. Аббос Алиев ҳанӯз аз ибтидои соли 20 дар кори матбуот иштирок мекард ва таҷрибаи муайяни публитсистӣ дошт. Вай яке аз аввалин муҳаррирони «Озод Бухоро» мебошад» [7, с.114-115]. Ин маъниро рӯзноманигор М. Рустамзода тақвият бахшида, бар он андеша аст, ки: «Пас, вақте ки муҳаррири шумораи аввалин нозири маорифи Тоҷикистон аст, рӯзномаи таҳти таҳрири ӯ чоп шуда низ нашрияи Назорати маориф бояд бошад» [6, с.49].

Сабаби дигари муҳаррири масъул таъйин шудани Аббос Алиевро Қосим Дайламӣ, ки ба ҳайати таҳририяи «Бедории тоҷик» шомил буд, ин тавр шарҳ медиҳад: «… соли аввал редаксияи «Бедории тоҷик»-ро аз ҷиҳати кадру воситаҳои техникӣ комиссариати халқи маорифи Тоҷикистон идора мекард. Зеро 95 фоизи ширкаткунандагони нашри рӯзномаи мазкур коркунони масъули ин комиссариат буда, илова бар ин, худи матбаа ҳам дар ихтиёри вай (Аббос Алиев-Н.Н) буд» [7, с.114-115].

Мавриди зикр аст, ки дар давраҳои гуногун таҳрири рӯзномаи мазкур ба зиммаи шахсиятҳои воқеан ҳам фидоии соҳаи маорифу миллат Аббос Алиев, Алӣ Исмоилзода, Абдулқосим Лоҳутӣ, Қосим Дайламӣ, Қулӣ Обидов, Муҳаммад Мусавӣ буд, ки ҷиҳати чопи рӯзнома ва омода кардани мухбирон аз ҳисоби омӯзгорон дар мактабҳо саҳми шоиста гузоштаанд. Ҳамчунин, бо ибтикори Назорати маориф соли 1925 дар техникуми омӯзгории шаҳри Душанбе курсҳои 9 моҳаи тайёр кардани мухбирон ва кормандони матбаа ташкил мешавад. Баъди хатми ин курсҳо хатмкунандагон ба деҳот баргашта, дар

баробари дар матабҳои маҳви бесаводӣ дарс гуфтан дар мавриди воқеаҳои деҳот ба идораҳои рӯзномаҳо аз ҷумла, «Бедории тоҷик» хабару мақолаҳо навишта мефиристоданд.

Биноан, яке аз ҳадафҳои асосии рӯзномаи «Бедории тоҷик», ки инъикоси масъалаҳои соҳаи маориф буд, то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1941) дар ифтитоҳи мактабҳои нав, омода кардани омӯзгорон, маҳви бесаводӣ ва умуман, тараққӣ додани маорифи Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Хидмати аввалин нозири маориф Аббос Алиев, ки қофиласолори ин корзор буд, мондагору таърихӣ мебошад.

Баъди як соли таъсиси нахустин рӯзномаи ҳукуматӣ дар ҳудуди Тоҷикистон бо номи «Иди тоҷик» (1925) Назорати маорифи Тоҷикистон аввалин маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии соҳаи маориф – «Дониш ва омӯзгор»-ро таъсис медиҳад, ки шумораи нахустини он 1 марти соли 1926 чоп мешавад. Нахустин шумораи маҷаллаи мазкур ба муносибати яксолагии Назорати маориф рӯйи чоп омад ва муҳаррири он Аббос Алиев буд. Бояд гуфт, ки маҷаллаи мазкур аввалин нашрияи соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон чоп шудааст.

Дар муроҷиатномае, ки дар шумораи аввали маҷалла бо номи «Мақсади мо» чоп шудааст, бо назардошти ислоҳоту инкишофи соҳаи маориф ҳайати таҳририя мақсаду мароми худро чунин баён кардаанд: «… маҷаллаи мо махсуси муаллимони Тоҷикистон аст. Чун дар Тоҷикистон имкони табъ кардани китобҳои лозимаро надорем, мехоҳем бо ин маҷалла ба муаллимон роҳбарӣ карда, онҳоро бо аҳволи вақт, усулҳои тоза ва роҳи таълим ва тарбия ошно намоем» [4, с.8].

Дар шумораи нахустини маҷалла муроҷиати Раиси Ҳукумати Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва аъзои ҳукумат бо номи «Ба тамоми ходимони маориф», мақолаи раиси Кумитаи инқилобӣ Нусратулло Махсум «Вазифаи муаллим дар Тоҷикистон» ҷой дода шудаанд. Ҳамчунин, мақолаҳои Аббос Алиев «Иди яксолаи мо», Чинор Имомов «Иди таърихии Тоҷикистон», Раҳимӣ «Мактаби куҳна ва мо», Миртолиб Саидзода «Даврaҳои тарбияи иҷтимоӣ» ба табъ расидаанд, ки меҳвари навиштаҳои онҳо рушду инкишофи соҳаи маорифи Тоҷикистон, ёрӣ ба муаллимон, мубориза бар зидди бесаводӣ, таърихи ҳалқи тоҷик ба ҳисоб мерафт. Тавре аз шиносномаи маҷалла маълум мегардад, он маҷмӯаи адабӣ ва илмӣ низ мебошад. Дар гӯшаи адабӣ ва илмӣ намунаи эҷодиёти адибони тоҷик ва мақолаҳои илмии олимон ҷой дода шудааст. Аз ҷумла, намунаи онҳо шеърҳои устодон Садриддин Айнӣ «Ахгари инқилоб», «Инқилоб», Абулқосим Лоҳутӣ «Сангари хунин» (аз таърихи Каммуни Порис) ва мақолаи профессор Бартолд «Тоҷикон» (дар тарҷумаи Қосим Дайламӣ) мебошанд. Минбаъд ин иқдомро нашрия идома дода, дар баробари мавзӯъҳои мактабу маориф ба мавзӯъҳои адабиву фарҳангӣ ва илмӣ низ аҳаммияти хосса додааст.

Тавре дар нишонаи маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» дарҷ гардидааст, маҷалла бояд аз тарафи Назорати маорифи Тоҷикистон дар ҳар понздаҳ рӯз як бор нашр мешуд, вале бо сабабҳои мушкилоти фаннию техникии нашриёти ҳукуматӣ ин ҳадаф иҷро нашуд ва то моҳи июли соли 1926, яъне дар давоми панҷ моҳ чор шумораи он чоп шуду халос (шумораҳои 3 ва 4 якҷоя чоп шудааст).

Бо мушкилоти техникӣ аввалин нашрияи соҳаи маориф маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» аз чоп бозмонд ва баъди як сол – моҳи августи соли 1927 дар соли сеюми таъсиси Ҳукумати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон бо тавсияи Совети Комиссарони халқии Тоҷикистон кормандони Назорати маорифи Тоҷикистон дар шаҳри Самарқанд шумораи аввалини маҷаллаи илмӣ – адабӣ «Дониш-биниш»-ро дар ҳаҷми 40 саҳифа бо теъдоди 1500 нусха (минбаъд «Раҳбари дониш» ва маҷаллаи имрӯзаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Маърифати омӯзгор») аз чоп баровардаанд. Ҳайати таҳририяи маҷалла Муҳаммад Мусавӣ, Муҳаммадҷон Ҳасанӣ, Нарзуллоҳ Бектош, Уйғур ва Ҷабборӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Собит Манофзода баъди мутолиаи маҷаллаи «Дониш – биниш» 8 сентябри соли 1927 дар шумораи 172-и рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаи интиқодие ба чоп мерасонад, ки арзиши баланди илмӣ дорад. Дар оғози мақола С. Манофзода дар бораи мушкилоти гузаштани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, идораҳо ва ташкилотҳои ҳизбӣ ба забони тоҷикӣ ва сабаби қатъ гардидани чопи маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» андешаҳояшро баён карда, сипас, бевосита камбудиҳои маҷаллаи «Дониш-биниш» - ро дар ҳафт банд, ки ба сифати чоп, таҳия, ҷобаҷогузории мақолаву расмҳо, забону мунадариҷаи мақолаҳо, сохтор ва интихоби номи маҷалла рабт дорад, таҳлилу баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, дар банди 7 –ум омадааст: «Дар ҳар як шумораҳои маҷалла барои огоҳии муаллимони қишлоқ бояд як мақолаи машруҳ ва муфассал дар бораи аҳволи сиёсӣ-иқтисодӣ ва вазъияти баналмилалии ҳукуматҳои шӯравӣ навишта шавад ва дар пеши ин вазъиятҳо вазифаи иҷтимоии ҳар як коргар ва деҳқони меҳнаткаш ҳам бо забони сода фаҳмонида шавад, то ин ки муаллими қишлоқ битавонад нисбат ба вазъиятҳои гуногун ҳар вақт барои деҳқонон

роҳбарии дуруст намояд. Агарчи мақолаи рафиқ Мусавӣ (саҳифаи 3) тақрибан дар ҳамин заминаҳо аст, вале тамоми он шартҳоро, ки дар боло зикр намудем, ҷомеъ нест…» [5].

Ба ҳамин минвол минбаъд хидмати маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар тарғибу инъикоси масъалаҳои маориф ва адабиёту фарҳанг дар марҳилаҳои гуногун бо роҳнамоии ҳайати эҷодӣ, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ, Собит Манофзода, Муҳаммад Мусавӣ, Абдулқосим Лоҳутӣ, Ҷалол Икромӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Азизӣ, Турақул Зеҳнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҷавҳаризода ва дигарон дар таърихи матбуоти тоҷик бузург аст. «Маҷалла («Раҳбари дониш» - Н.Н.) аз як тараф, ба масъалаи мактабу маорифи тоҷикон таваҷҷуҳ намуда, мақолаҳои зиёдеро оид ба таълиму тарбия ба табъ расонида, аз ҷониби дигар, ба адабиёту фарҳанг эътибори вижа додааст, ки ҳам ба таври мунтазам намунаҳои осори адибони ҷавонро нашр кардааст ва ҳам масъалаҳои муҳимми адабиётшиносиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст» [2, с.152].

Аз солҳои сиюми садаи XX вобаста ба талаботи замон, аз ҷумла супоришҳои ҳизбу давлат дар назди матбуот вазифаҳои нав гузошта мешаванд. То охири солҳои бистум инъикоси соҳаҳои гуногун: маориф, илм, фарҳанг, адабиёт ва ҳатто кишоварзӣ ба зиммаи «Раҳбари дониш» (аз нимаи дуюми соли 1929) буд ва аз соли 1932 маҷалла ба ду қисмат ҷудо мешавад: маориф ва адабиёт. Қисмати маориф бо номи «Инқилоби маданӣ» (аз ноябри соли 1930) интишор мегардид ва қисмати дувум яъне, адабиёт «Барои адабиёти сотсиалистӣ» номгузорӣ шуд, ки маҷаллаи «Садои Шарқ»-и имрӯза мебошад. «Дониш-биниш», «Раҳбари дониш», «Инқилоби маданӣ» ва «Мактаби советӣ» номҳои собиқи маҷаллаи аҳли маорифи кишвар «Маърифати омӯзгор» мебошанд.

Ҳамин тариқ, тақдири нахустин рӯзномаи соҳавии маориф «Иди тоҷик» («Бедории тоҷик») ҳал гардид - он ба «Тоҷикистони сурх» табдил ёфт ва нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият»-и имрӯза мебошад. Маҷаллаи «Дониш - биниш» («Раҳбари дониш») низ тақсим шуд («Инқилоби маданӣ» ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ»).

Вобаста ба он ки фаъолияти соҳаи маориф фарогир мешуд, соли 1932 Комиссариати халқи маорифи Тоҷикистон тасмим гирифт, ки рӯзномаи соҳавии худро таъсис диҳад ва он мунтазам чоп шаваду ахбору маълумоти заруриро сари вақт ба кормандони соҳаи маориф пешниҳод кунад.

Аввалин рӯзномаи соҳаи маориф «Барои маорифи коммунистӣ» (имрӯза ҳафтаномаи «Омӯзгор») моҳи июли соли 1932 аз чоп баромад, ки муҳаррири он адабиётшинос Баҳром Сирус таъйин мегардад.

Шумораи нахустини он 5 июли соли 1932 аз чоп баромада, то охири сол 11 шумораи он нашр гардид. Мутаассифона, шумораҳои соли аввал дастрас нестанд. Бастаҳои соли 1933 ҳам нопурраанд. Муҳаққиқон И. Усмонов, Д. Давронов иттилоъ додаанд, ки 1 ноябри соли 1934 бюрои КМ ПК Тоҷикистон плани нашри газетаву журналҳоро муҳокима карда, дар яке аз қисматҳояш ба ин мазмун қарор қабул кардааст: «3. Газетаи «Барои маорифи коммунистӣ» баста, чопи журнали «Инқилоби маданӣ» нигоҳ дошта, номи ӯ минбаъд «Ба ёрии муаллимон» номида шавад» [7, с.154]. Дар бойгонии Китобхонаи миллии Тоҷикистон бастаи соли 1934 мавҷуд нест. Гумон меравад, ки дар он сол тибқи қарори номбурда чоп нашудаанд. Вале маълум мешавад, ки рӯзнома дар соли 1934 низ чоп шудааст. Зеро агар шумораи охирини мавҷуда дар соли 1933 аз 6 декабр (№56 (67) бошад, бастаи соли 1935 аз рақами 19 (152) шурӯъ мешавад, пас, соли 1934 он 66 шумора чоп шудааст. Дар бораи он ки чаро қарори мазкур дар бораи бастани газета иҷро нашуд, низ чизе гуфта намешавад. Маълум мегардад, ки барои идомаи нашри рӯзномаи «Барои маорифи коммунистӣ» Нозироти маориф пофишорӣ намудааст ва идомаи чопи онро зарур донистааст.

Баъдтар вобаста ба талаботи замон дар тӯли солҳои гуногун ин рӯзнома низ табдили ном кардааст. Аз ҷумла, аз соли 1932 то соли 1938 «Барои маорифи коммунистӣ», аз 7 ноябри соли 1938 «Газетаи муаллимон», аз соли 1959 «Маориф ва маданият», аз соли 1981 боз «Газетаи муаллимон» ва аз соли 1989 «Омӯзгор» номгузорӣ мешавад. Вобаста ба табдили ном шудани нашрияҳои соҳавӣ муҳаққиқ Мурод Муродов чунин андеша дорад: «… онҳо (нашрияҳои соҳавӣ – Н.Н.) дар ҷараёни инкишоф вобаста ба рӯҳияи ҷомеа ва ғояи иҷтимоии замон тағйири ном карда, мақсаду маром ва вазифаҳои худро ба сиёсати ҳукумату давлати вақт мувофиқ гардонидаанд. Ин усул дар шароити имрӯз низ ба назар мерасад» [3, с.81].

Вобаста ба ҳадафу вазифа, масъалаҳое, ки дар назди соҳаи маориф ва нашрияи асосии он гузошта шуда буданд, давраҳои фаъолияти нашрияро шартан ба 4 гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

– давраи аввал, маҳви бесаводӣ – яке аз унсурҳои асосии муборизаи сиёсӣ (1932-1941);

– давраи дуюм, инъикоси давраи барқароркунӣ дар «Газетаи муаллимон», яъне баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон (1946-1959);

– давраи сеюм, «Маориф ва маданият» ва «Газетаи муаллимон» - минбари зиёиёни тоҷик (1959-1989);

– давраи чорум, фаъолияти нашрияи «Омӯзгор» дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Умуман, аз оғози фаъолият ин нашрия дар тарғиби сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла, маҳви бесаводӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, тарғиби таҷрибаи пешқадам, истифодаи усулҳои фаъол дар таълим, рушди мактабшиносӣ, таъмини сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, ташаккули қобилияти донишандӯзӣ, масъалаҳои тарбиявӣ, омода кардани на танҳо мутахассиси соҳаи омӯзгорӣ, балки дигар соҳаҳо, рушди илм ва дар баррасии масъалаҳои марбут ба масъалаҳои забони давлатӣ ва фарҳангу адабиёти тоҷик нақши созанда гузоштааст.

Нашрияҳои соҳаи маориф на танҳо дар мукаммал гардонидан ва шакл гирифтани матбуоти даврӣ, балки дар ташаккули мактаби журналистикаи амалӣ, бахусус, рӯзноманигории касбӣ ва минбаъд таъсис ёфтани рӯзномаву ҳафтаномаҳои дигари соҳавӣ дар Тоҷикистон нақши муассир доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт. – Душанбе, 2005. - Ҷ. 4. – 270 с.
2. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон. – Душанбе, 2006. – 152 с.
3. Муродов М.Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе, 2017. – 224 с.
4. Ниҳоли тоза дар баҳори тоҷик. Баргардон ва шарҳу тавзеҳоти Рустамзода М. – Душанбе, 2014. – 280 с.
5. Овози тоҷик. - №172, 8 сентябри соли 1927.
6. Рустамзода М. Нахустматбуоти соҳаи маориф. – Душанбе, 2016. – 174.
7. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе, 2008. – 302 с.

НАҚШИ МАОРИФ ДАР ТАЪСИСИ МАТБУОТИ МИЛЛӢ

Дар мақола бо такя ба осорӣ илмӣ нақши маориф дар таъсиси матбуоти миллӣ нишон дода шудааст. Зимни таҳлили аввалин рӯзномаи сифр тоҷикӣ – «Бухорои шариф», ки мақсади асосии он саводнок намудани мардум маҳсуб меёфт, муаллиф ба хулосае мерасад, ки бештари навиштаҷоти он ба мавзӯю масоили мактабу маориф ва маҳви бесаводӣ нигаронида шуда буданд. Аз ин рӯ, метавон рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро натанҳо аввалин рӯзномаи тоҷикӣ, балки нашрияи соҳаи маориф низ номид. Муаллиф бо истинод аз он ки дар саргаҳи аввалин нашрияҳо маорифпарварон қарор доштанд ва маҳз мақсади онҳо саводнок намудани мардум ба ҳисоб мерафт, таъкид мекунад, ки дар давраҳои ташаккули матбуоти тоҷик мактабу маориф ҳамеша дар меҳвари фаъолияти нашрияҳо қарор дошт. Ҳамин тариқ, зина ба зина то таъсиси аввалин нашрияҳои соҳавӣ ва ҳадафҳои онҳо муҳаққиқ маълумоти илмӣ медиҳад. Пажӯҳишгар вобаста ба ҳадафу вазифа ва масъалаҳое, ки дар назди соҳаи маориф ва нашрияи асосии он гузошта шуда буданд, давраҳои фаъолияти нашрияро шартан ба 4 гурӯҳ тақсим кардааст: а) давраи аввал, маҳви бесаводӣ – яке аз унсурҳои асосии муборизаи сиёсӣ (1932-1941); б) давраи дуюм, инъикоси давраи барқароркунӣ дар «Газетаи муаллимон», яъне баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон (1946-1959); в) давраи сеюм, «Маориф ва маданият» ва «Газетаи муаллимон» - минбари зиёиёни тоҷик (1959-1989); г) давраи чорум, фаъолияти нашрияи «Омӯзгор» дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Калидвожаҳо: нашрия, нашрияҳои соҳавӣ, ВАО, журналистика, маориф, таҳқиқ, таҳлил, муаллиф, нақш, таъсис, маорифпарварон.

РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В УЧРЕЖДЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЕЧАТИ

В статье с упором на научное наследие показана роль оборазования в учреждении национальной печати. При анализе первой таджикской газеты – «Бухорои шариф», основной целью которой явилось обучение грамоте населения , автор приходит к выводу о том,,что основное количество ее публикаций посвящены сфере образования и ликвидации безграмотности. Поэтому, газету «Бухорои шариф» можно назвать не только первой аджикской газетой, но и первым изданием сферы образования. Автор с упором на то, что на истоках первых изданий стояли просветители и их целью было обучение грамоте, напоминает, что в периоды формирования таджикской печати школа и образование являлись основным стержнем деятельности данных изданий. Поэтому, от ступени к ступени, до учреждения первого отраслевого издания и и относительно их целей автор приводит научные сведения. Исследователь в зависимости от цели и задач и проблем, которые стояли перед сферой образования и его основного издания, периоды деятельности издания условно разделяет на 4 периода: а). Первый период, ликвидация безграмотности– один из основных элементов политической борьбы (1932-1941); б). Второй период, отражение периода восстановления в «Газетаи муаллимон», тоесть после Второй Мировой войны (1946-1959); в) третий период, «Маориф ва маданият» и «Газетаи муаллимон» - трибуна таджикской интеллегенции (1959-1989); г). Четвёртый период, деятельность газеты «Омӯзгор» в период Независимости республики Таджикистан.

Ключевые слова: издание, отраслевые издания, СМИ, журналистика, образование, исследование, анализ, автор,роль, образование, просветители.

THE ROLE OF EDUCATION IN THE ESTABLISHMENT OF THE NATIONAL PRINT

An article focusing on scientific heritage shows the role of education in the national press institution. When analyzing the first Tajik newspaper, Bukhoroi Sharif, the main purpose of which was to teach people how to read, the author comes to the conclusion that the majority of her publications are devoted to the field of education and the elimination of illiteracy. Therefore, the newspaper “Bukhoroi Sharif” can be called not only the first Ajik newspaper, but also the first edition of the educational sphere. The author, with an emphasis on the fact that the enlighteners were at the beginning of the first publications and their goal was to teach literacy, recalls that during the formation of the Tajik press, school and education were the main core of these publications. Therefore, from stage to stage, to the establishment of the first sectoral publication and about their goals, the author cites scientific information. The researcher, depending on the purpose and tasks and problems that confronted the field of

education and its main publication, periodically divides the activities of the publication into 4 periods: a). The first period, the elimination of illiteracy is one of the main elements of the political struggle (1932-1941); b). The second period, a reflection of the recovery period in Gazetai Muallimon, that is, after the Second World War (1946-1959); c) the third period, “Maorif wa Madaniyat” and “Gazetai muallimon” - tribune of the Tajik intellectuals (1959-1989); d). The fourth period, the activities of the newspaper "Omuzgor" in the period of independence of the Republic of Tajikistan.

Key words: publication, industry publications, media, journalism, education, research, analysis, author, role, education, enlighteners.

Сведения об авторе: ***Нурализода Ноилшох*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры периодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **noilsho@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-849-05-05**

Information about the author: ***Nuralizoda Noilshoh*** - Tajik National University, applicant for the Department of Periodical Press. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **noilsho@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-849-05-05**

УДК: 070. (575.3)

НИГОҲЕ БА БАҲСҲОИ МАТБУОТИ ТОҶИК
(солҳои 20-30)

Расулова Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф» ба масъалаи содагиву оммафаҳмии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хосса дошт. Дар ин замина дар нашрия баҳсҳои доманадоре низ сурат гирифта буд, ки доираи васеи публитсистон ва равшанфикронро ба худ ҷалб кард. Муҳаррири рӯзнома Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар мақолаи «Муҷмалӣ дар хусуси забон» дар ин хусус чунин ибрози андеша намудааст: «Мо бояд муносиби ҳоли оммаи мардум сухан гӯем, салоҳи амри умумро дар назар дошта бошем». Ин суханони муҳаррир аз рӯзноманигорон тақозо менамуд, ки ба содаву оммафаҳм будани навиштаҳояшон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Пас, бо итминон метавон гуфт, ки кӯшиши содаву оммафаҳм кардани забони матбуоти тоҷик аз ҳамин ҷо сарчашма гирифтааст.

Муҳаққиқони шинохта И. Усмонов, П. Гулмуродзода, А. Набавӣ, С. Назарзода ва чанде дигарон дар бораи мубоҳисаҳое, ки дар масъалаи забони адабии тоҷикӣ дар ин солҳо рӯйи чоп омадаанд, изҳори андеша намудаанд. Аксари донишмандон нақши барозандаи матбуоти даҳаи дувум ва савуми қарни бистро дар шаклгирӣ ва барқарор намудани мақому манзалати забони адабии тоҷикӣ таъкид мекунанд.

Мубоҳисаҳо дар атрофи забони адабии тоҷикӣ ва меъёрҳои он аз умдатарин мавзӯоти матбуоти ин давра ба шумор мераванд. Маҷаллаи «Раҳбари дониш», ки нашри он дар ҳаёти тоҷикони Осиёи Миёна ҳодисаи муҳимми таърихӣ ба ҳисоб меравад, дар қатори мавзӯъҳои муҳимми рӯз, аз қабили вазъи мактабу маориф, тавлиди адабиёти шӯроии тоҷик ва ташкил шудани Шӯроҳо дар гӯшаҳои дурдаст ба масъалаи алифбои нав ва забони содаи тоҷикӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Дар саҳифае, ки зери унвони «Забони адабии тоҷик» чоп мешуд, нашрия баҳсу мунозираҳоро доир ба забони тоҷикӣ дарҷ менамуд ва ба ҳамин васила имконияте фароҳам меомад, ки мубоҳиса бештар доман густурда, андешаҳои мухталиф мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор гиранд. Мубоҳисаҳое, ки дар атрофи асари безаволи устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» ва забони форсии тоҷикӣ дар ин маҷалла ва нашрияҳои «Овози тоҷик», «Тоҷикистони сурх» рӯйи чоп омаданд, бо мазмуну муҳтавои худ қудрати онро доштанд, ки инқилоберо дар ҷаҳони андешаҳои ҳар фарди равшанзамир ба вуҷуд оваранд.

Баъд аз Инқилоби Октябр масъалаи забон ба яке аз масъалаҳои мубрам дар таърихи фарҳанги мардуми тоҷик мубаддал гардида, дар маърази таваҷҷуҳи ҳукумати навтаъсиси Туркистон ва мунавварфикрони ин сарзамини қарор гирифт. Ҳукумати шӯравӣ дар баробари дар ихтиёри халқ қарор додани сарватҳои моддӣ ва маънавии сарзамини шӯроҳо барномаи оммавӣ кардани забон ва адабиёти даврони навинро низ роҳандозӣ намуд. Ба ин васила болшевикон мехостанд ба мардум ҳарчи пештару бештар ҳадафҳои сиёсии ҳукумати навтаъсисро фаҳмонда диҳанд ва оммаи меҳнаткашро дар атрофи давлат ва ҳукумати шӯравӣ муттаҳид созанд. Маҳз дар ҳамин айёми мушкилсоз масъалаи «сохтмони забонҳо» («языковое строительство») ба миён гузошта шуд ва ин аз як ҷиҳат ба ибораи устод Айнӣ-омили муҳимме барои ба гӯш расидани «овози тоҷик» гардид. Маҳз дар ҳамин давра, ки айёми авҷи ҷараёни туркпарастӣ буд, ба майдони мубоҳиса кашида шудани масъалаи забони тоҷикӣ метавонист омили хубе барои бедор намудани ҳисси худшиносии миллии тоҷикон гардад.

Даҳаи дувуми садаи ХХ барои мардуми тоҷик ва забону фарҳанги он давраи мушкилзову пуртасодуфе буд. Тасарруфи Бухоро аз ҷониби аскарони сурх (соли 1920) ва ӯзбекӣ эълон шудани забони Ҷумҳурии Халқии Бухоро барои ҳадафи ҳамлаҳои ғаразнок ва душманона қарор гирифтани забони тоҷикӣ замина фароҳам овард. Иддае ҳастии ин забон ва адабиёту фарҳанги ин миллатро зери суол мебурданд, мавҷудияти онро инкор мекарданд ва барои ба забони тоҷикӣ нашр гардидани матбуот монеаҳо бунёд мекарданд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо монеасозиҳо дар роҳи табъу нашри ҷаридаи «Шуълаи инқилоб» аст, ки онро Саидризо Ализода дар мақолаҳои «Як сӯйиқасди ғаразкорона ба нашрияи мо» равшану возеҳ шарҳ додааст. Ин даврае буд, ки душманони забони тоҷикӣ – форсӣ «…барои буридани забони як ҷамоаи Туркистон, ки тақрибан ду миллиюн нуфус дорад, шамшерҳои худро тез карданд» [2, с.74]. Вале ин ҳама садду марзмониҳо иродаи зиёиёни тоҷикро шикаста натавонист, баръакс, онҳо бо азму талоши бештар аз забон ва фарҳанги хеш дифоъ намуда, дар роҳи рушду такомули он хидмат менамуданд.

Дар матбуоти ин давра мақолаҳои зиёде дар масъалаи забони тоҷикӣ интишор гардида, тобиши сиёсӣ касб мекунад. Аз сиёсатмадорони давр ва донишмандон сар карда, то муаллимону хонандагони одӣ дар баҳс ширкат мекунанд. Аз ҷониби устод Айнӣ, Р. Ҳошим, Е.Э. Бертелс, Т. Зеҳнӣ, Б. Азизӣ, О. Сухарева, Н. Бектош, А. Деҳотӣ, О Исматӣ, Б. Икромӣ, Ҳ. Бақозода ва дигарон мақолаҳое ба табъ расиданд, ки нуқтаи назари ҳар яке арзиши ба худ хосро дошт.

Аз нигоҳи андеша ва таклифу пешниҳод оид ба чигунагии забони адабии тоҷикӣ донишмандони мубоҳиси ин даврараро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд. Гурӯҳи аввал ба хотири он, ки ин забон барои тарғиби ғояҳои инқилобӣ ба ҳамзабонони мо дар мамолики Шарқ хизмат кунад, ҷонибдори он буданд, ки забони адабии тоҷик дар асоси меъёрҳои ягонаи забони умумифорсӣ ташаккул ёбад. Гурӯҳи дигар иддаои онро доштанд, ки яке аз лаҳҷаҳои маъруф ба ҳайси забони адабии тоҷик пазируфта шавад, то он барои ҳамагон фаҳмо бошад. Шарқшинос Дяков, ки яке аз ҷонибдорони ин ақида буд, дар асоси забони адабии тоҷикӣ интихоб намудани яке аз лаҳҷаҳои тоҷикии машҳур ва бештар фаҳмида мешудагиро пешниҳод намуд. Вале Думбол, ки намояндаи гурӯҳи байналмилалчиён буд, бо Музаффар ба баҳс пардохта, зарурати қабул кардани забони умумии форсиро тақозо мекунад, зеро ба ақидаи ӯ ин забон метавонад дар мубориза бо мустамликахоҳони англис яроқи тавоное гардад.

Фарзандони фидокору миллатдӯсти тоҷик дар ин айёми беадолативу нобасомониҳо барои исботи ҳастии миллат, забону адабиёт ва фарҳанги куҳанбунёди он ҷаҳду талошҳои ҷонфидоёна намуданд. Аз ҷумла устод Айнӣ, дар баробари омода намудани асари тақдирсози худ «Намунаи адабиёти тоҷик», ки муҳре бар даҳони душманони миллати тоҷик гардид, ҳамчунин як қатор мақолаҳои пурарзишеро ба қалам додааст, ки дар муайян намудани мақому манзалати забони адабии тоҷик нақши муҳим доранд.

Устод Айнӣ аз забони омма ҷонибдорӣ намуда, дар ин бора навишта буд: «Худи ман тарафдори фикри дувумӣ ҳастам, зеро «аввал хеш, дувум дарвеш» аз масалҳои машҳури тоҷикӣ аст… Агар мо дар навбати аввал худи тоҷикони Тоҷикистон ва Ӯзбакистонро дар назар нагирифта, ба доно кардани оммаи форсизабонони беруна кӯшиш кунем, монанди он кас мешавем, ки аҳли хонаводаи худро гушна гузошта, ба гушнагони беруна садақа медиҳад. Агар мо роҳи кор фармудани забони авоми тоҷикро ёбем, меҳнаткашони форсизабони беруна ҳам тамоман маҳрум нахоҳанд монд» [5, с.90-91].

Ба андешаи устод забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, бояд барои соҳибони ин забон - оммаи меҳнаткашон фаҳмо бошад. Забоне, ки барои тоҷикони одии сарзаминии Туркистон қобили қабул бошад, дарку фаҳмиши он аз ҷониби ҳамзабонони бурунмарзиашон кори саҳл аст. Ин андешаро А. Муҳиддинов тақвият дода, чунин изҳори назар намудааст: «Мақсади мо ба вуҷуд овардани забони адабии маҳаллӣ нест. Бояд мо як забони адабӣ ба вуҷуд орем, ки фаҳмиданаш барои ҳама тоҷикзабонони шӯроӣ осон бошад. Забоне, ки барои оммаи мо фаҳмиданаш осон бошад, он забон барои мардуми порсигӯи Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон ҳамчун забони адабии умумӣ пазируфта хоҳад шуд» [2, с.397].

Агар ба таърих назар андозем, мебинем, ки замоне ин забон дар Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар манотиқи форсзабонон нуфузи баланд дошта, дар марҳилаҳои муайян ба дараҷаи баланди инкишофи худ расидааст. «Инкишофи забони адабии мо дар ҳар марҳала ба таърихи ворисони забон, инкишофи адабиёти мо, афкори илмию ҷамъиятии мо, маданияти инсондӯстонаи мардуми мо, ба пайдо шудани марказҳои калони сиёсию иқтисодӣ ва маданӣ, обод шудани шаҳрҳо, паҳн шудани савод дар байни мардум, саъю кӯшиши аҳли илму адаб барои эҷоди асар ба забони тоҷикӣ сахт алоқаманд будааст» [6, с. 3]. Ин забон дар оғози қарни ХХ, ки талошҳои зиёде барои инкор кардани он анҷом дода мешуд, тавонист мақоми худро нигаҳ дорад ва дар муқобили фишору маҳдудсозиҳои бешумори душманонаш истодагарӣ кунад.

Устод Айнӣ дар мақолаи «Забони тоҷикӣ» дар бораи гуногунии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маълумот дода, маслиҳат медиҳад, ки аз байни он калимаҳои заруриро «хуш карда гирифта», сипас мавриди истифода қарор гиранд. Ӯ кори саҳл набудани интихоб ва қабул карда гирифтани лаҳҷаҳои умумитарро таъкид месозад. Зеро барои ба роҳ андохтани забони оммафаҳми тоҷикӣ лаҳҷаи ҷоеро асос гирифта, онро бо лаҳҷаҳои ҷойҳои дигар пурра ва дуруст кардан лозим меояд.

Дар мақолае, ки маҷаллаи «Раҳбари дониш» таҳти унвони «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ба табъ расонидааст, устод масъалаи душворфаҳм будани забони матбуоти Эрон ва пайвастагиҳои забони тоҷикиву форсиро мавриди муҳокима қарор медиҳад. Дар забони матбуоти Эрони солҳои 20-30 калимаҳои зиёди арабӣ ва туркӣ истифода шуда, дарку фаҳмиши он барои мардуми одӣ душвор буд. Навиштаҳои онҳо дар сатҳи идроки қишри босавод ва таҳсилдида буданд. Устод Айнӣ барои тақвияти ин андеша мактуберо мисол меорад, ки ба идораи маҷаллаи «Раҳбари дониш» аз номи мудири китобхона ва қироатхонаи «Саодат», воқеъ дар шаҳри Кирмоншоҳи Эрон омадааст. Мактуб аз калимаҳо ва ибораҳои душворфаҳм ва мушкилбаёни арабӣ мураттаб гардида, гумон меравад, ки дарки маънии он на танҳо барои оммаи камсавод, балки барои қишри босаводи ҷомеа низ мушкил аст. Аз ду мактубе, ки ба идораи маҷаллаи мазкур омадааст, маълум мегардад, ки забони матбуоти Эрон оммафаҳм набуда, агар ба ибораи Мирзо Ҷалол Юсуфзода гӯем, «салоҳи амри умум» дар назар дошта нашудааст. Далели ин гуфтаҳо навиштаи муаллифи мактуб аст, ки дар мақолаи мазкур айнан оварда шудааст: «…ҷароиди Эрон мавриди истифодаи умумӣ намебошад ва муҳимтарин рӯзномаи ин мамлакат шояд мутаҷовиз аз ҳазор хонанда дар байни миллион нуфус надошта бошад…» [4, с.164].

Нигорандаи мактуб дар номаи аввал аз кормандони маҷалла хоҳиш ба амал меорад, ки забони форсиашонро қадре мутобиқ ба маҷаллаву рӯзномаҳои Эрон нависанд, вале баъд аз ирсол гардидани ҷавоби нома аз ҷониби мудир, ки дар он забон ва услуби баёни маҷалла мавриди баррасӣ қарор мегирад, дар мактуби дувум иброз медорад, ки «Далоили мазкураи роҷеъ ба тарзи таҳрири маҷаллаи «Раҳбари дониш» мутобиқ бо ақл ва мантиқ аст». Устод Айнӣ бо далоили муътамад ин андешаро барои ҳамагон талқин менамояд, ки забони адабии тоҷик бояд барои тамоми қишри ҷомеа, ҳам барои мардуми одӣ ва ҳам барои аҳли саводу маърифат - барои соҳибони он, ки ақаллиятро ташкил медиҳанд, фаҳмо бошад. Ба андешаи устод «… забони тоҷикӣ худи ҳамон аст, ки қисман ба майдони матбуот ва адабиёти нави тоҷикӣ қадам мондааст. Бо гузаштани замон ва зиёдатии таҷрибаи нависандагон боз ҳам содатар ва авомтар хоҳад шуд. Яъне, забони матбуоти тоҷик рафта – рафта аз ҳозирааш ҳам содатар хоҳад гардид, ки ин мешавад забони форсии сода» [5, с.166-167].

Устод Айнӣ ҳамеша барои сода ва равшану фаҳмо шудани забони тоҷикӣ талош мекард ва садди роҳи ворид намудани калимаҳои бегонаву душворфаҳм ба он буд. Ӯ аз повести «Одина» сар карда то «Ёддоштҳо» ба сабки соданависии худ содиқ монда, инро аз нависандагони ҷавоне, ки ба арсаи адабиёт қадамҳои аввалини худро мегузоштанд ҷиддан талаб мекард. «Айнӣ дар тамоми асарҳо ва мақолаҳои худ ба принсипи содданависӣ содиқ буда, онро пайгирона таъқиб мекард» [8, с.34]. Соли 1928 вақте ки масъалаи содакунии забон ба миён гузошта шуд, Айнӣ дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» барои намуна чанд пора матне навишта буд, ки он ҳамчун далел чигунагии забони содаи тоҷикиро нишон медод. Маҳз дар атрофи ҳамин порчаҳои матнӣ байни ӯ ва дӯсти шарикдарсаш Абдулвоҳиди Мунзим баҳсе сурат мегирад, ки басо ҷолиб ва судманд аст. Дар мубоҳисаи ин ду марди фозил ва донишманд оид ба истифодабарии калимаву ибораҳое изҳори назар карда мешавад, ки дар байни мардуми авом мавриди истифода қарор дошта, барояшон дарки он мафҳум мушкил нест. Айнӣ ҳар як калимаеро, ки мубоҳисаш ба он эрод мегирад, бо шарҳу далели боэътимод тавзеҳ дода, ҷоиз будани истифодаи онро дар забони тоҷикӣ таъкид мекунад.

Раҳим Ҳошим ду ҷиҳати асосии услуб ва тарзи ифодаи устод Айниро дар баҳси мазкур чунин қайд менамояд:

«1) дар мубоҳиса чӣ қадар моҳир будан ва барои мулзам кардани тарафи худ ба гуфтаҳои худ чӣ тавр далелҳои илмӣ, мантиқӣ ва киноямез овардан;

2) дар навиштаҳои ҳуд чӣ қадар дақиқ ва мулоҳизакор будан, ҳар як калимаро дониставу фаҳмида, аз рӯйи мантиқ ҷо ба ҷо гузоштан ва дар мавриди даркорӣ онро бо далелҳои қаноатбахш исбот карда тавонистан» [8, с.33].

Фикру мулоҳизаҳое, ки дар мубоҳисаҳои матбуоти ин солҳо мунавварфикрони тоҷик С. Айнӣ, А. Мунзим, А. Фитрат, А. Муҳиддинов, Н. Бектош, Р. Ҳошим, Т. Зеҳнӣ, А. Семёнов, С. Манофзода ва дигарон иброз доштанд, барои шаклгирии забони адабии тоҷикӣ, ки дархӯрди замон ва ҷавобгӯи талаботи он бошад, нақши муҳим дошт.

Масъалаи забон ва ҳусни баён имрӯз низ мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад. Забони адабиёт ва матбуот бо мурури замон боз ҳам пурғановату пуробуранг гардида, рисолати

аввалиндарачаи худро, ки баланд бардоштани маърифати омма аст, сарбаландона иҷро мекунад. Баъзан кӯшишҳои мураккабаёнӣ, истифодаи калимаву истилоҳҳое, ки хосси забони тоҷикӣ нестанд дар навиштаҳои баъе қаламкашон ба назар мерасад. Вале дар ҳама ҳолат як нуктаро дар назар дошта бошем: бо халқ ба забони барои ӯ фаҳмо сухан бояд гуфт. Забони тоҷикӣ баҳри беканореро мемонад, ки дар умқи он ганҷҳои бебаҳо бешуморанд ва барои фурӯ рафтан ба қаъри он, истифода бурдан аз ғановати нодираш ғаввоси хубе бояд буд. Дар мавод истифодаи калимаву ибороте, ки ҳусни забон ва услуби баёнро халалдор мекунад, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф ғаввоси ноуҳдабароест дар баҳри маонӣ. Аз ин рӯ, ҳама соҳибони забон, бахусус кормандони васоити ахбори оммаро зарур аст, ки барои равону сода ва оммафаҳм будани забони ноби тоҷикӣ саъй дошта бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ахгари инқилоб. - Душанбе: Ирфон. - 264 с.
2. Гулмуродзода П. Маорифпаварӣ ва низоми нави ҷаҳон. – Душанбе: Ирфон, 2006. - 164 с.
3. Муродов М. Аз замон то замон / М.Муродов. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 248 с.
4. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо: маҷмӯи мақолаҳо: мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 720 с.
5. Забон ва худшиносии миллӣ. Маҷмӯи мақолаҳо: мураттиб Гулмуродзода П. - Душанбе, 2007. – 231 с.
6. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷикӣ асри Х. – Душанбе, 1979. - 96 с.
7. Дарси хештаншиносӣ. Маҷмӯи мақолаҳо. Қ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 272 с.
8. Ҳошим Р. Сухан аз устодон ва дӯстон. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 272 с.
9. Усмонов И. Баҳси алифбои тоҷикӣ / И.Усмонов. - Душанбе: Эр–граф, 2008. - 48 с.

НИГОҲЕ БА БАҲСҲОИ МАТБУОТИ ТОҶИК (СОЛҲОИ 1920-1930)

Дар мақолаи мазкур масоили баҳсбарангези марбут ба забони тоҷикӣ дар матбуоти солҳои 20-30-юми садаи ХХ мавриди муҳокима қарор мегирад. Муҳаққиқ мубоҳисаҳоеро, ки дар атрофи забони адабии тоҷикӣ ва меъёрҳои он дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба табъ расида буданд, мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар таҳқиқоти анҷомдодашудаи ин солҳо назаррас будани нақши устод Айниро таъкид менамояд. Ҷиҳати муҳимми ба доираи баҳс кашидани забон дар матбуоти ин давр дар он зуҳур меёбад, ки дар айёми авҷ гирифани ҷараёни туркпарастӣ ҳисси худшиносии мардуми тоҷикро боло бурда, ба ин васила арзи намояндагони ин миллатро ба гӯши масъулин мерасонид. Тобиши сиёсӣ касб кардани баҳси забон ва иштироки фаъолонаи сиёсатмадорону равшанфикрони давр низ дар мақола зикр гардидааст. Ҳамчунин, раванди содакунии забони тоҷикӣ ва дар робита бо ин баҳси устод Айнӣ бо Мунзим мавриди баррасӣ қарор гирифта, фикру мулоҳизаҳои ин ду донишманд оид ба истифодабарии калимаву ибораҳои оммафаҳм ироа мегардад. Андешаҳои муҳаққиқ Раҳим Ҳошим доир ба ин баҳс ёдрас гардида, сода будани услуби забони асарҳои устод Айниро таъкид мекунад. Дар мақола нақши муҳим доштани фикру мулоҳизаҳое, ки дар мубоҳисаҳои равшанфикроне чун С. Айнӣ, А. Мунзим, А. Фитрат, А. Муҳиддинов, Н. Бектош, Р. Ҳошим, Т. Зеҳнӣ, А. Семёнов, С. Манофзода баён гардида буданд ва барои шаклгирии забони адабии тоҷики дарҳӯрди замон нақши муҳим доштанд, таъкид мегардад. Таҳлили маводе, ки баҳси забони тоҷикиро дар матбуоти даҳаи дувум ва савуми садаи ХХ фаро гирифтааст нишон медиҳад, ки мубоҳисаҳои матбуоти ин давр барои муайян намудани меъёрҳои забони адабии тоҷик ва шаклгирии он вобаста ба талаботи замон нақши барозанда доранд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, мубоҳиса, баҳс, матбуот, мақола, «Бухорои шариф», «Раҳбари дониш», алифбо, маҷалла, муҳаррир, форсӣ, худшиносӣ, муҳаққиқ.

ВЗГЛЯД НА ДИСКУССИИ В ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ (1920-1930 ГОДЫ)

В данной статье автор рассматривает спорную проблему относительно таджикского языка в 20-30-ые годы XX столетия. Автор подверг исследованию дискуссии вокруг литературного таджикского языка и его норм, опубликованных в журнале «Рахбари дониш» и делает акцент на роли Садриддин Айни в проведенных исследованиях того периода. Важным основанием подвержения языка спорам в печати того периода является тот факт, что это был период подъема панктуркизма, что послужило поднятию чувства национального самопознания таджикского народа и тем самым донести до отвественных работников того периода жалобы и прошения нации. Принятие политической окраски споров о языке и активное участие политиков и просветителей того периода в данном обсуждении также запечетлено в данной статье. Также описывается процесс упрощения таджикского языка и на этой почве споры Садриддина Айни с Мунзимом, их точки зрения и доводы относительно использования общедоступных слов и словосочетаний Также упоминаются размышления исследователя Рахима Хошима относительно данной полемики, и указывается на простоту стиля изложения произведений Садриддина Айни. В статье также автор акцентирует внимание на важность размышлений таких просветителей как С. Айни, А. Мунзим, А. Фитрат, А. Мухиддинов, Н. Бектош, Р. Хошим, Т. Зехни, А. Семёнов, С. Манофзода, которые сыграли важную роль в формировании таджикского литературного языка того периода. Анализ материалов, охватывающих споры вокруг таджикского языка в 20-30-ые годы XX столетия показывает, что дискуссии вокруг печати данного периода сыграли важную роль в определении норм таджикского литературного языка и его формировании в зависимости от требований того времени

Ключевые слова: таджикский язык, дискуссия, спор, печать, статья, «Бухорои шариф», «Рахбари дониш», букварь, журнал, автор, персидский, самопознание, исследователь.

VIEW ON DISCUSSION IN THE TAJIK PRINT (1920-1930)

In this article, the author examines the controversial problem regarding the Tajik language in the 20-30s of the twentieth century. The author has investigated the discussion of the Tajik literary language and its norms, published in the journal Rakhbari Donish, and focuses on the role of Sadriddin Aini in the studies of that period. An important basis for language disputes in the press of that period is the fact that it was a period of rise of Pan-Turkism, which served to heighten the sense of national self-knowledge of the Tajik people and thereby convey to the responsible workers of that period the complaint and petition of the nation. The acceptance of the political

coloring of language disputes and the active participation of politicians and enlighteners of that period in this discussion is also noted in this article. It also describes the process of simplifying the Tajik language and on this basis the disputes between Sadriddin Aini and Munzim, their points of view and arguments regarding the use of publicly available words and phrases. Reflections of the researcher Rahim Khosim regarding this controversy are also mentioned, and the simplicity of the writing style of Sadriddin Aini is mentioned. The author also emphasizes the importance of the reflections of such enlighteners as S. Aini, A. Munzim, A. Fitrat, A. Muhiddinov, N. Bektosh, R. Khoshim, T. Zekhni, A. Semenov, S. Manofzoda, who played important role in the formation of the Tajik literary language of that period. An analysis of materials covering disputes around the Tajik language in the 1920s and 30s of the 20th century shows that discussions about the press of this period played an important role in defining the norms of the Tajik literary language and its formation depending on the requirements of that time.

Key words: Tajik language, discussion, dispute, print, article, “Bukhoroi Sharif”, “Rahbari Donish”, primer, journal, author, Persian, self-knowledge, researcher.

Сведение об авторе: ***Расулова Наргис*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры печати факултета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
E mail: **rasulova_1969@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-848-07-69**

Information about the author: ***Rasulova Nargis*** - Tajik National University, applicant for the faculty of the press department of journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17.
E-mail: **rasulova_1969@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-848-07-69**

УДК: 070+891.550

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ РАДИОИ “ХОВАР”

Холов Ш.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Радиои “Ховар” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №285 бо ҳадафи таъмини саривақтии мардум бо иттилои расмӣ таъсис ёфтаст. Радиои мазкур ҳамчун Корхонаи воҳиди давлатии “Ховар - FM” дар назди Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар” ба қайд гирифта шуда, пахши барномаҳояшро аз 2-уми июни соли 2011 шурӯъ кардааст. Идеяи таъсиси радиои “Ховар”-ро ба Садриддини Шамсиддин, собиқ директори АМИТ “Ховар” марбут медонанд. Тобистони соли 2011 тӯли чанд моҳ бо роҳбарии Бек Раҳмонов, журналисти шинохта чанд хабарнигор, асосан ҷавонон дар идораи АМИТ “Ховар” тамрин шуданд ва барои пахши барномаҳои радиои мазкур шурӯъ карданд. Бояд қайд кард, ки Радиои “Ховар” аз нигоҳи техникӣ ҳангоми таъсис ёфтан таҷҳизоти ночиз дошт. Бо дар назардошти он ки дар таъсиси радиои нав маблағи зиёд харҷ нашвад, кӯшиш мекарданд хароҷотро камтар кунанд. Чунки расонаҳои хабарӣ дар замони бухрони молӣ мисли дигар соҳаҳо аз мушкили молӣ ранҷ мебурданд. Ҳуҷраҳои корӣ, студияҳо ва қисми коргарон аз ҳисоби агентӣ фароҳам шуданд. Маоши кормандони радио аз маблағҳои сарфакардаи агентии иттилоотӣ пардохт мешуд. Чун дар назди агентӣ таъсис ёфта буд, директори агентӣ ҳамзамон радиоро идора мекард. Ба таври ғайрирасмӣ дар аввал роҳбарии гурӯҳи коргарони радиоро Бек Раҳмонов бар дӯш дошт, яъне вазифаи сармуҳаррири радиоро иҷро мекард. Аммо вай дар ҳуҷҷатҳо ҳамчун коргари одӣ сабт шуда буд. Бояд қайд кард, ки журналист Бег Раҳмонов баъд аз як соли фаъолият дар радиои мазкур бо сабаби барои кор ба Русия рафтанаш аз кори радио канор рафт. Радиои «Ховар» бо барномаҳои хабариву тафреҳӣ ва мусиқӣ, ки асосан кормандонаш ҷавонон буданд зуд миёни шунавандаҳо мавқеи худро ёфт.

Формати пахши барномаҳои Радиои “Ховар” иттилоотӣ-мусиқӣ буда, дар аввал 16 соат, аз 6-и субҳ то 22-и шаб дар шаҳри Душанбе ва атрофи он дар мавҷи 101,5 FM пахш мешуд. Бо дарназардошти он ки радио ҳамчун радиои иттилоотӣ таъсис ёфта буд, дар ин муддат танҳо хабар ва мусиқӣ пахш мегардид. Услуби фаъолияти Радиои “Ховар” аз кулли радиоҳои давлатӣ фарқ мекард. Тарзи пешниҳоди суруд ва омода кардани хабар монанди радиоҳои пешрафтаи хориҷӣ ба назар гирифта шуда буд. Хабарҳо тезтар ва кӯтоҳ хонда мешаванд. Мусиқии омехта, ҳам аз сарояндагони эстрада ва ҳам аз классикон барои аудиторияи васеъ шунавонда мешавад. Бег Раҳмонов ва чанд кормандони таҷрибадори ба ин радио ба кор ҷалб шуда ровиёни ҷавонро машқи нутқ медоданд ва аввалин роликҳои тарғиботиро худи онҳо мехонданд.

Баъди фаъолияти начандон зиёд бо ҷалби бештари кормандон фаъолияти Радиои “Ховар” ба таври шабонарӯзӣ гузашт, ки 24 соат хабару мусиқӣ, мусоҳиба ва дигар барномаҳои тафреҳиву таҳлилӣ пахш менамояд. Соли 2014 садои Радиои “Ховар” рӯйи мавҷи 100,5 FM бо истифода аз насби мавҷпаҳнкунак дар шаҳрҳои Бохтар (собиқ Қурғонтеппа) Кӯлоб ва соли 2015 дар шаҳри Хуҷанду навоҳии он рӯйи мавҷи 91,5 FM дастраси мардум гардид. Густариш ёфтани мавҷи радио имкон дод, ки шунавандагон аз ҳар гӯшаи кишвар тавонанд ҳар ним соат хабарҳои расмиро аз радиои давлатӣ шунаванд. Чунки иттилоърасонӣ дар меҳвари фаъолияти радиои мазкур қарор дошта, дар он ҳар сӣ

дақиқа хабар нашр мешавад. Агар таъсиси студияи “Фурӯғи Ориёно”-ро дар заминаи шабакаи дувуми Радиои Тоҷикистон ҳамчун “радио” нашуморем, пас метавон гуфт, ки Радиои “Ховар” аввалин радиои сирф иттилоотии давлатӣ аст. То замони таъсиси радиои мазкур чор шабакаи радиои сартосарии давлатӣ фаъолият мекард, вале иттиллоъ танҳо як бахши он радиоҳо дониста мешуд. Тавре аз номаи табрикотии ҳукумати Тоҷикистон бармеояд, вобаста ба вазъи сиёсии ҷаҳон рӯйи кор омадани чунин радио амри зарурӣ будааст. Сайдалӣ Сиддиқов, собиқ мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло директори АМИТ “Ховар”), дар як маҳфили расмӣ бахшида ба оғози фаъолияти радиои мазкур номаи табрикотиро ба аҳли толор қироат кард, ки аз ҷумла дар он омадааст:

“Мо дар замоне ҳаёт ба сар мебарем, ки иттилоот омили асосии иртиботи пайвастаи кишварҳо гардида, барои огоҳии мардум аз рӯйдодҳои муҳимтарин, пешрафту пешбурди соҳаҳои гуногуни давлатдорӣ нақши бориз дорад... Аз ҷониби дигар, бо баҳрабардорӣ аз дониши мукаммали олимон, мутахассисон ва коршиносон ба матлабҳои таҳрифию иғвобарангез сари вақт посуххои асоснок додан аз вазифаҳои аввалиндараҷаи васоити ахбори омма ба ҳисоб меравад. Умед аст, радиои “Ховар – FM” бо фаъолияти пурсамари кормандонаш дар байни шабакаҳои дигари мавҷуда мақоми шоиста касб намуда, дар кори боз ҳам ғанӣ гардидани фазои иттилоотии кишвари соҳибистиқлоламон саҳми арзанда мегузорад” [3, с.2]. Аз номаи боло маълум мешавад, ки Тоҷикистон дар ин шароит ҳарчи бештар ба минбари иттилоотӣ ниёз дорад, то тавонад дар муқобила ба ҳамлаҳои иттилоотӣ муқовимат кунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заминаи ҳуқуқӣ барои озодии баён пурра муҳайё аст, расонаҳои хусусӣ ва хориҷии муқими кишвар тавасути фошгуӣ ва танқиди баъзе самтҳои кори ҳукумат мехоҳанд мавқеи худро дар бозори иттилоотӣ пурзур кунанд. Дар ин ҳолат онҳо дастовардҳои ҳукуматро камтар ташвиқ мекунанд. Аз як тараф, барои ин кор онҳо ҳақ дошта бошанд, аз тарафи дигар гоҳе аз ин шароит сӯистифода мекунанд. “Аз хомӯшии расонаҳои расмӣ истифода намуда, расонаҳои мустақилу хусусии Тоҷикистон ба хурӯш меоянд ва барои бештар мавқеъ пайдо намудан дар бозори иттилоотӣ ҷидду ҷаҳд мекунанд, ки амри воқеист. Бо ҳар роҳ ва истифода аз имкониятҳои гуногуни ба фурӯш баровардани иттилоот чун маҳсулот ва ба даст овардани даромаду фоида, ки яке аз қонунмандиҳои иқтисоди бозаргонист, мавқеашонро дар ҷомеа устувор кардан мехоҳанд” [1, с.13]. Дар баробари расонаҳои хусусиву ғайриҳукуматӣ расонаҳои расмӣ бояд мавқеи устувортар дошта бошанд. Радиои “Ховар” ҳам маҳз бо дарназардошти ҳамин мақсад таъсис ёфтааст. Аз тарафи дигар, тавассути радио паҳн кардани иттилоъ нисбати дигар намуди ВАО ҳадафрастар аст. Ҷовид Муқим, муҳаққиқи тоҷик дуруст қайд мекунад, ки “Бо пайдо шудани алоқаи кайҳонӣ имрӯз дар кураи Замин минтақае нест, ки мавҷҳои радиоӣ ба он ҷо нарасанд. Аз ин рӯ, радио бо нишондоди паҳн кардани мавҷ, арзон будани истифодаи он ва дастрасӣ ба мардум яке аз беҳтарин воситаҳои суханпароканӣ маҳсуб мешавад” [5, с.4].

Дар 7 соли аввали фаъолият дар барномаҳои радиои мазкур чанд маротиба тағйирот ба миён омада, шаклан дигар шуда, такмил ёфтанд. Радиои “Ховар” дар оғози фаъолият танҳо барномаҳои хабарӣ дошт. Дертар дар охирҳои соли 2011 ва соли 2012 хабарнигорони бештар, хусусан чанде аз кормандони Радиои “Имрӯз” ба “Ховар” ба кор гузаштанд ва барномаҳои таҳлиливу фароғатӣ, аз ҷумла “Кӣ чӣ гуфт”-и Саидэҳсони Ҷалолиён ва барномаи субҳгоҳии табрикотиву фароғатии “Субҳи “Ховар”-и Дурахшон Ортиқова таъсис ёфтанд, ки ин аввалин барномаҳои мустақими радиои мазкур ба ҳисоб мераванд. Бо таъсиси ин барномаҳо ҷанбаи таҳлиливу фароғатии радиои мазкур ба миён омад. То ин замон танҳо барномаи хабарӣ пахш мешуд. Соли 2015 як муддат барномаи “Бозор ва харидор”, ки ин ҳам мустақиман пахш мешуд ва ҷанбаи иттилоотӣ-тарғибӣ дошт, бештар аз як моҳ идома карда, қатъ гардид. Ин барномаҳо, ки мустақиман пахш шуда хусусияти таҳлиливу баъзеяшон саргармкунанда доштанд, ба масъулон назорати радио дар ҳукумат хуш наомад. Зарур надонистанд, дар чунин радиои расмӣ суҳбати ровии барнома бо шунавандагон зиёд бошаду ҳар шунаванда андешаи худро доири мавзӯъ мустақиман баён кунад, ё дар барномаҳои саргармкунанда ширкат намуда суҳбатҳои кӯчагӣ аз радио садо диҳад. Айнан чунин кор нисбати барномаҳои “Садои Душанбе” дар соли 2012 сурат гирифта буд. Барномаҳои Радиои “Садои Душанбе”, ки мустақиман пахш мешаванд ва садои шунаванда дар эфир бидуни таҳрир садо медиҳад, гоҳе ровӣ дар рафти барнома ба зиёдагӯӣ роҳ медиҳад ё баъзан ҳаракатҳои ноҷо мекунад, ки ин амал аз ҷониби роҳбарияти кумитаи телевизион ва радио хуш наомад ва як муддат барномаҳои мустақими ин шабакаро маҳдуд карда буданд. Муҳаққиқи тоҷик Д. Давронов дар бораи барномаҳои мустақими радиоӣ менависад, “... баъзе рӯзноманигорон озодии суханро ҳамчун ибрози суханони ноҷоюю сафсатагӯӣ донистанд ва аз ҳамин нигоҳ кору фаъолият доштанд” [2, с.5] ва дар идома ин муҳаққиқ меафзояд: “Бе сензура дар эфир садо додани барномаҳо бояд гуфт, ки тарафи мусбати хешро низ нишон дод. Имконият ба вуҷуд омад, ки бисёр проблемаҳои ҳаёт ошкоро, берӯихотирбинӣ, бе тарсу ҳарос баён

гардад” [2, с.5]. Ба андешаҳои ин муҳаққиқ метавон розӣ шуд. Чунки бо ин роҳ камбудиҳое, ки аз ҳеч минбар, на радиову телевизион ва на матбуот гуфта намешаванд ба гӯши масъулон расонда мешуданд. Бо вуҷуди ин, ровии барнома бояд дарк кунад, ки минбари ВАО ҷойи ҳарзагуӣ нест.

Дар аввали фаъолият мавҷи Радиои “Ховар” чуноне ки гуфтем, танҳо шаҳри Душанберо фаро мегирифт. Дар масофаи пахши барномаҳои ин радио дасти кам 4 шабакаи радиоии монанд барнома ва мусиқӣ пахш мекарданд. Дар ин шароит масъулони Радиои “Ховар” мекӯшиданд барои интихоби онҳо ва фарқ гузоштан миёни дигар барномаҳои шабакаҳо шунаванда онҳоро интихоб кунад. Аз ин рӯ, бо барномаву роликҳои тарғиботии ҷолиб ва сурудҳое, ки бевосита худи сарояндагон аз студияи ин радио ба шунавандагонашон салом мерасонданд, таваҷҷуҳи шунавандагонро ба худ ҷалб мекунанд. Бо шиори “Ховар” – садое, ки бояд шунид” ё “Бо “Ховар”-и бо хабарӣ” радио худро тарғиб мекунад. Соли 2012 радиои мазкур тавассути сомонаи интернетии АМИТ “Ховар” (www.khovar.tj) пайваст гардид ва ин аввалин радио дар кишвар буд, ки тавассути интернет ҳам садо медод. Тавасути интернет дастрас шудани мавҷи Радиои “Ховар” имкон дод садои ин радио дар тамоми ҷаҳон дастрас гардад.

Вақте Радиои “Ховар” таъсис ёфт услуби барномаҳои хабарӣ ва интихоби мусиқӣ бештар ба радиои ғайридавлатии “Имрӯз” шабоҳат дошт. Дар қолаби радиои “Имрӯз” ба кор шурӯъ кардани Радиои “Ховар” то ҷое тавонист шунавандагони зиёдеро ба худ ҷалб созад. Сабаби дигари монанд будани услуби ин ду радио аз ҳайати кормандон вобаста буд. Бо таъсиси радиои нав чанде аз кормандони Радиои “Имрӯз” барои кор ба Радиои “Ховар” гузаштанд. Ҳатто бархе журналистони аз “Имрӯз” ба “Ховар” омада, ҳамон барномаҳое, ки дар он радио пеш мебурданд, айнан ё дар шакли каме дигар онро дар радиои “Ховар” ҳам ба роҳ монданд. Аммо бо нашри чанд шумора он барномаҳо аз Радиои “Ховар” қатъ шуданд. Сабаби ба Радиои “Ховар” гузаштани чанде аз кормандони радиои “Имрӯз” дар мушкили молии радиои мазкур буд.

Радиои “Ховар” дар замоне рӯйи кор омад, ки ҷаҳон аз буҳрони молӣ ҳанӯз ранҷ мебурд. Дар Тоҷикистон дар он шабу рӯз матбуот, хусусан матбуоти чопӣ аз камбуди молӣ шикоят мекарданд. Вале ҳукумат барои таъмини мардум бо ахбори расмии саривақтӣ ва ҷавоб додан ба ҳамлаҳои иттилоотӣ радиои мазкурро таъсис дод, аммо барои идомаи кори он аз буҷаи давлат пул ҷудо намешуд. Радиои “Ховар” ҳамчун корхонаи воҳиди давлатӣ аз нигоҳи молиявӣ худмаблағгузор аст. Дар шароити Тоҷикистон, ки ҳар корхонаву ширкатҳо барои пешбурди кори худ ва муфлис нашудан аз ҳар роҳу воситаи сарфакорӣ истифода мекарданд, бозори реклама ҳам имкон намедод, то радиое мисли “Ховар” тавонад хароҷоти худро аз он ҳисоб пӯшонад. Фаъолияти радиои мазкур асосан аз ҳисоби АМИТ “Ховар” пеш меравад. Ҳуҷраҳои корӣ ва студия аз ҳисоби идораи агентӣ таъмин шуданд. Дастгоҳҳои сабту компютерҳо ҳам аз ҳисоби маблағҳои сарфакардаи агентӣ харидорӣ ва таъмир мешаванд. Реклама, ки нархи на он қадар зиёде дорад, он ҳам аксар вақт бар ивази интернет ё дигар хизматрасониҳо дар радиои мазкур пахш карда мешавад ва қисми ками хароҷотро аз ҳисоби реклама мепӯшонад. Дар бархе аз барномаҳои радиои “Ховар” дар шакли сарпарасти барнома ширкатҳо моли худро тарғиб мекунанд, ки ин хеле кам аст. Маҳз набудани шароити мусоид барои фаъолияти радиои мазкур сабаб шуд, ки ягон барномаи радиои мазкур тӯли чор соли аввали фаъолият маҳфуз нашаванд. Аслан радиои мазкур хазинаи худро надошт. Ҳамчунин, муддати 4 сол радиои “Ховар” бидуни директор кор кардааст. Мудирияти радиои мазкурро роҳбарияти АМИТ “Ховар” пеш мебурд. Барои ба низоми муайян даровардани фаъолияти Радиои “Ховар” 22-уми майи соли 2015 Саидҷаъфар Ашӯров ба ҳайси директори радиои “Ховар” таъйин гардид. Бояд қайд кард, ки роҳбарияти АМИТ “Ховар” ҳоло ҳам барои радио мудирияти кулл ба ҳисоб рафта, директори радио вазифаи роҳбари гуруҳи эҷодиро иҷро мекунад. Бо таъйин шудани С. Ашӯров ҳамчун роҳбар радио бо техникаи нав таъмин шуд ва барномаҳои эҷодии радио дар хазина ҳифз мешаванд.

Мухтавои барномаҳои Радиои “Ховар” танҳо мавқеи расмии ҳукумат аст. Ҳам дар пахши хабар ва ҳам дар омода кардани барномаҳои фароғативу таҳлилӣ ин талабот риоя мешавад. Дар аввали ба фаъолият шурӯъ кардани радиои мазкур барномаҳои тафреҳии мустақим зиёд нашр мешуд. Вале баъд аз танқиди Президенти кишвар аз кори ин радио чунин барномаҳо ҳам дигар аз байн рафтанд. Президенти кишвар дар суханронии худ 1-уми марти соли 2016 дар оғози фаъолияти телевизонҳои “Варзиш”-у “Синамо” ва Академияи ВАО таъкид карда буданд, ки мухтавои барномаҳои радиоҳои давлатӣ, хусусан “Ховар” ба сиёсати ҳукумат мутобиқ карда шавад. “Дар радиоҳои давлатӣ, аз ҷумла радиои “Ховар”, ки бояд ҳамчун дастгоҳи тарғибкунандаи сиёсати давлатӣ хизмат намояд, тарғиби самтҳои стратегии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат суст ба роҳ монда шудааст. Ин аст, ки рисолати асосии радио, яъне ба вуҷуд овардани афкори умумии созанда ва солим аз байн рафта, пахши гуфторҳои

фарҳангиву фароғатӣ, суруду мусиқиҳои бегона, саволу ҷавоби бемантиқи шунаванда бо радио афзоиш ёфтааст” [6].

Ҳамин ишораи Президент дар бораи “саволу ҷавоби бемантиқи шунаванда бо радио” боис гардид, ки дигар на танҳо барномаҳои камарзиш дар радиои мазкур омода нагардад, балки умуман барномаҳои мустақими тафреҳӣ аз байн рафтанд. Дертар барномаҳои таҳлилии дигар таъсис ёфтанд, ки мавзӯъҳои доғи ҷомеаро бо мутахассисону таҳлилгарон ба баҳс кашида, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавзӯъҳои байналмиллалӣ тарғиб мекунанд. Аз ҷумла, барномаи “Соярӯшан” дар мавзӯъҳои ҷавонон ва хатари ба гурӯҳҳои ифротӣ, терроризму экстремизм пайвастани онҳо омода мешавад. Дар ин барнома сиёсати ҳукумат дар бораи муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб баён гардида, андешаи як таҳлилгар аз ниҳодҳои давлатӣ сари ин масъала дар рафти барнома шунавонда мешавад. “Бозтоб” барномаи дигари таҳлилӣ-иҷтимоӣ буда, ҳар барнома дар мавзӯъҳои мухталиф, аз мушкилоти ҷомеа ва роҳи ҳалли онҳо аз назари коршиносону мутахассисон ҳарф мезанад. Барномаи “Ҳамқадами замон” ба соли ҷавонон эълон шудани соли 2017 бахшида шуда, аз мушкилоту дастовардҳои ҷавонон ва дигар мавзӯъҳои иҷтимоӣ мегӯяд. Дар миёни радиоҳое, ки дар формати иттилоотиву мусиқӣ-фароғатӣ фаъолият мекунанд, Радиои “Ховар” бештар кӯшиш мекунад бо дарназардошти сиёсати ҳукумат дар бораи забони давлатӣ, расму оин ва дигар хусусиятҳои миллӣ барнома омода намояд. Ба ғайр аз бахши хабарӣ дигар барномаҳо пурра бо забони тоҷикӣ омода мешаванд.

Ҷанбаи фароғатии радиои мазкур дар барномаҳои “Меҳмони “Ховар”, “Садои мондагор”, “Сириштӣ занон” ва пахши мусиқӣ мушоҳида мешавад. Дар барномаи “Садои мондагор”, ки ин барномаи мусиқӣ-фароғатӣ аст, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ҳунармандони шаҳири тоҷик маълумот дода шуда, сурудҳои он ҳунарманд шунавонда мешавад.

Кормандони Радиои “Ховар” дар умум ба 3 гурӯҳ тақсим мешаванд: гурӯҳи тоҷикӣ, гурӯҳи русӣ ва кормандони техникӣ, ки ба гурӯҳи охирин танзимгарон ҳам шомил мешаванд. Аммо ба таври расмӣ дар радиои мазкур “шуъба” ё “бахш” вуҷуд надорад. Танҳо кормандони бахши тоҷикӣ ва русӣ дар ҳуҷраҳои алоҳида менишинанд, кормандони техникӣ дар студияи танзим фаъолият мекунанд. Кормандони радио ҳамзамон корманди агентии иттилоотӣ маҳсуб мешаванд ва хабару гузоришҳоро барои сомонаи агентӣ ҳам омода мекунанд. Қисми зиёди кормандони бахши русӣ аслан корманди агентӣ ҳастанд, танҳо хабарҳои омодакардаашонро дар радио ҳам қироат мекунанд.

Радиои “Ховар” дорои 4 студия аст:

- студияи марказии пахш,
- студияи пахши мустақим,
- ду студияи сабту танзим: яке барои барномаҳои хабарӣ ва дигаре барои сабту танзими барномаҳои таҳлилӣ.

Бо дарназардошти радиои иттилоотӣ будан, радиои “Ховар” ягона радиои расмиест, ки дар як шабонарӯз аз ҳама бештар хабар пахш мекунад. Ба ҳисоби миёна дар 24 соат 150 дақиқа хабар хонда мешавад, ки ин дар муқоиса ба ҳамаи радиоҳои давлативу ғайридавлатӣ бештар аст.

Мухтавои барномаҳои Радиои “Ховар” бештар тарғиби сиёсати ҳукумат ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ аст. Ҳангоми интихоби суруду мусиқӣ ҳам ҷанбаи ватандӯстии он ҳатман ба назар гирифта мешавад. Аз ин рӯ, мусиқиҳое, ки дар васфи ватан эҷод шудаанд дар радиои мазкур, мисли дигар шабакаҳои радиоҳои давлатӣ бештар садо медиҳанд. Барномаҳои “Тафсир”, “Накҳати роз”, “Сурудӣ ҳафта”, “Меҳмони Ховар”, “Бозтоб”, “Дармон”, “Ҷаҳони варзиш”, “Мавқеъ”, “Соярӯшан”, гуфторҳои “Дурдонаҳо” ва “Гарде аз домани андешаҳо” аз ҷумлаи барномаҳои ин радио ба шумор мераванд, ки барои баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон мавқеи хос доранд.

Як пажӯҳиш дар соли 2018 аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии “Хома” нишон додааст, ки радиои “Ховар” миёни радиоҳои ҷумҳуриявӣ аз рӯйи маҳбубият миёни шунавандагон дар ҷойи 5-ум қарор дорад. Аз рӯйи нишондоди ин пажӯҳиш қисми муайяни шунавандагон гуфтаанд, аз набуди барномаҳои ҷолиб ин ё он радиоро гуш намекунанд.

“Аз рӯйи ҷамъбасти пурсиши мазкур, тахмин кардан мумкин аст, ки айни ҳол 87,6% радиошунавандагони эҳтимолӣ мавҷуданд, аммо худи пахшкунандагон барои ҷалби онҳо маводи диққатҷалбкунанда ва ҷолибро пешниҳод карда натавонистаанд. Аммо боз ҳам як қисми аудитория ба Интернет рӯ овардааст” [4, с.29].

Бо вуҷуди он ки доираи дастрасии барномаҳои радиои мазкур тавассути интернет имкон дорад, вале аз фановариҳои бештар хуб истифода намешавад. Масалан, барномаҳои ҷудогонаи радио баъд аз пахши мустақим дар сомона захира намешаванд. Захира шудани барнома имкон медиҳад, ки шунаванда ҳар гоҳ, ки хост онро гӯш кунад ё барои худ ҳифз намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулмуродзода П. Хомӯшӣ ва хурӯш дар матбуоти тоҷик // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. (Маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе: Аржанг, 2006. - С. 13-18.
2. Давронов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д. Давронов. - Душанбе: Маркази матбуоти ҷумҳуриявӣ, 2007. - 92 с.
3. Дар мавҷ «Ховар-FM» // Ҷумҳурият № 3-6 (21984- 987) 15-уми январи соли 2012.
4. Муайян намудани афзалияти медиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ТВ, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо. - Душанбе, 2018. - 56 с.
5. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
6. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма [Захираи электронӣ]. – 2016. URL: http://president.tj/node/10829 (санаи истифодабарӣ 10. 12. 2018).
7. Холов Ш. Ҳамрангӣ дар барномаҳои радиои “Имрӯз” ва “Ховар” / Ш. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. -№4/4. - С. 297-302.

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ РАДИОИ “ХОВАР”

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи таъсис ва ташаккули радиои “Ховар” маълумот додааст. Радиои “Ховар”, ки расонаи давлатӣ аст, дар таъмини фазои иттилоотии кишвар бо хабару иттилои нав нақши муайян дорад. Тӯли беш аз 6 соли фаъолият радиои мазкур на танҳо дар пойтахт, балки дар навоҳии атрофи кишвар, вилоятҳои Суғду Хатлон ҳам шунавандагони худро пайдо кард. Муҳтавои барномаҳои Радиои “Ховар” бештар тарғиби сиёсати ҳукумат ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ аст. Дар аввали ба фаъолият шурӯъ кардани радиои мазкур барномаҳои тафреҳии мустақим зиёд пахш мешуд. Вале баъд аз танқиди Президенти кишвар аз кори ин радио дар соли 2016 чунин барномаҳо ҳам дигар аз байн рафтанд. Муаллиф менависад, ки ҳоло барномаҳои радиои мазкур муҳтавои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва тафреҳӣ доранд. Барномаҳои хабарӣ, ки ҳар ним соат як маротиба пахш мешаванд асоси барномаҳои радиои мазкурро ташкил медиҳанд. Барномаҳои таҳлилӣ бошанд, ҳар рӯз дар ҳаҷми як ё ду барномаи 5-10 дақиқаинаи дорои муҳтавои сиёсӣ ё иҷтимоӣ омода мешаванд.

Калидвожаҳо: Радио, “Ховар”, барномасозӣ, журналистика, ВАО, Интернет, барномаи радиоӣ, мавҷ.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ РАДИО “ХОВАР”

В данной статье автор предоставляет информацию о становлении и развитии радио “Ховар” (“Восток”). Радио “Ховар” (“Восток”), которое является государственным СМИ, внесло определенный вклад в обеспечение информационного пространства страны новыми новостями. За 7 лет деятельности данное радио смогло приобрести слушателей не только в столице страны, но и в районах республиканского подчинения, а также в Согдийской и Хатлонской областях. До сих пор деятельность данного радио не подвергалась всестороннему анализу с чьей-либо стороны. Считаем, что по прошествии 7 лет деятельности этого радио, возникла необходимость проанализировать его успехи и упущения. Основная тематика программ Радио «Ховар» (Радио «Восток») заключается в пропаганде политики властей и повышении патриотизма среди населения. В начале своей деятельности радио выпускало в эфир множество прямых программ развлекательного характера. Но после критики президента страны в 2016 году относительно его программ, развлекательные программы радио «Ховар» (“Восток”) канули в лето. Автор пишет, что в настоящее время программы радио имеют информационную, аналитическую и развлекательную направленность. Новостные программы, которые выходят в эфир каждые полчаса считаются гвоздем всех программ радио «Ховар» (“Восток”). Также, ежедневно подготавливаются одна или две 5-10-минутные программы, имеющие политическую или социальную направленность. Кроме того, на радио подготавливаются и развлекательные программы. В данной статье анализируется процесс становления радио «Ховар» («Восток») с момента его образования до политики развития программирования его передач.

Ключевые слова: Радио, «Ховар» (Восток), программирование, журналистка, СМИ, радиопередача, волна.

THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF RADIO “KHOVAR” (“EAST”)

In this article, the author provides information on the formation and development of the radio "Khovar" (“East”). Radio "Khovar" (“East”), which is the state-run media, made a definite contribution to providing the information space of the country with new news. For 7 years of activity, this radio has been able to acquire audiences not only in the capital, but also in areas of republican subordination, as well as in Sughd and Khatlon regions. Until now, the activity of this radio has not been subjected to a comprehensive analysis by anyone. We believe that after 7 years of activity of this radio, it became necessary to analyze its successes and omissions. The main subject of Radio Khovar programs (Radio “East”) is to promote the policies of the authorities and increase patriotism among the population. At the beginning of its activity, the radio broadcast a lot of direct entertainment programs. But, after critics of president country in 2016 regarding its programs, the entertainment programs of the radio “Khovar” (“East”) limited. The author writes that at present radio programs have an informational, analytical and entertainment orientation. News programs that go on the air every half hour are considered to be the highlight of all “Khovar” radio programs. Also, one or two 5-10 minute programs with a political or social orientation are prepared daily. In addition, entertainment programs are being prepared on the radio. This article analyzes the process of the appearance of the radio “Khovar” (“East”) from the moment of its formation and policy of developing the programming of its programs.

Key words: Radio, “Khovar” “East”, programming, Journalism, MEDIA, Internet, Radio program, wave.

Сведения об авторе: ***Шодмон Холов Ятимович*** - Таджикский государственный институт культуры и искусств им. Мирзо Турсунзода, аспирант. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбад 73 А.
E-mail: **shodmon11@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-446-25-39**

Information about the author: ***Shodmon Kholov Yatimovich*** - Tajik State Institute of Culture and Art M. Tursunzoda, graduate student. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave.,73 A. E-mail: **shodmon11@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-446-25-39**

УДК: 070:491.550

ТАҲАВВУЛОТИ ЛУҒАВӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ЗАБОНИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Шодиев Б.Ғ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзӯи таҳаввулоти луғавию грамматикӣ дар забоншиносии тоҷик то ҳол мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ қарор нагирифтааст. Танҳо дар забоншиносии тоҷик аввалин маротиба рисолаи илмии забоншиноси нуктасанҷ Н. Маъсумӣ «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» ба тадқиқи масъалаҳои забони адабии тоҷикӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX бахшида шуда, дар он ҷараёни инкишофи забон дар мисоли кӯшишҳои маорифпарварон ва сарвари онҳо Аҳмади Дониш барои сода кардани забон санҷида шудааст. Таҳқиқи забону услуби Аҳмади Дониш дар ҳамбастагӣ бо ҷараёни адабии давр, мавзӯъ ва ғояи осори илмию бадеии ӯ сурат гирифтааст. Мақола ва асарҳои устод Н. Маъсумӣ дар масъалаи омӯзиши инкишофи забони адабии тоҷикӣ дар даврањои мухталифи таърихӣ дар забони тоҷикӣ аз аввалин тадқиқотҳои хеле ҷиддӣ ва мукаммал ба шумор мераванд. Мутаассифона, бо сабаби канда шудани риштаи ҳаёти устод Н. Маъсусӣ ба ин масъалаи ниҳоят муҳимми забони адабии муосири тоҷикӣ ва инкишофу таҳаввулоти минбаъдаи он кам эътибор дода шудааст. Устод Н. Маъсумӣ натиҷаҳои аз таҳқиқоти илмӣ ба даст омадаро дар шакли мақолаву маърӯзаҳои илмӣ ҷамъбаст намудаанд. Баъди вафоти устод натиҷаи таҳқиқ гирд оварда шуда, бо номи «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» чоп гардидааст.

Дар замони истиқлолият забоншиносони варзида М.Шакурӣ, Б.Камолиддинов ва дигарон ба ин мавзӯи ниҳоят муҳимми забон рӯй оварда, таҳаввулоти лексикию грамматикиро дар забони матбуоти замони истиқлол мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор додаанд.

Устод Б. Камолиддинов, зикр менамоянд, ки «Забони воситаҳои ахбори омма вазъи кунунии забони адабии тоҷикиро инъикос менамояд. Аз он аён мегардад, ки дар сохтори наҳвии забони адабии муосири мо чӣ гуна таҳаввулот ба вуҷуд омадааст ва он бо таъсири кадом омилҳои забонию ғайризабонӣ рух додааст. Яке аз он омилҳо таъсири забони зинда, лаҳҷаю шеваҳо, дигаре таъсири забони бегона аст, ки аз нашрия ва барномаҳои радиою телевизион пай бурдан мумкин аст» [4, с.3].

Забоншинос М. Норматов доир ба мавзӯи таҳаввулоти лексикию грамматикии забон дар китобашон «Муқаддимаи забоншиносӣ» зикр менамоянд, ки мувофиқи ақидаи забоншиносии марксистӣ-ленинӣ тараққиёти забон гуфта бою ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ, суфтаву равон шудан ва мукаммал гардидани сохти грамматикии забон фаҳмида мешавад. Ҳамаи қисматҳои забон як хел инкишоф намеёбанд, зеро қисмати сохти грамматикии забон хеле устувор буда, асрҳо ба тағйироту таҳаввулот дучор намешавад, вале баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ ба назар мерасад, ки он сохти грамматикии забонро дигар намекунад. Доир ба таркиби луғавӣ ин гапро гуфтан мумкин нест, зеро вай мунтазам дар инкишофу тараққиёт ва тағйирот мебошад ва тамоми дигаргуниҳо ва навигариҳои дар ҳаёти ҷамъиятӣ рӯйдиҳандаро дар худ инъикос менамояд [8, с.194].

Дар забоншиносии рус наздик ба мавзӯъ устоди Донишгоҳи давлатии Челябинск Немика Анна Анатолевна, бо унвони *«Эволюция специальной лексики современной лингвистики: усложнение, синтез, дифференциация»* кори илмӣ анҷом додааст.

Тағйироту таҳаввулот аввал дар забони васоити ахбори омма инъикос меёбад, чунки матбуот, телевизион ва радио инъикоскунандаи вазъи кунунии унсурҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозию таркиббандии забони адабии тоҷикӣ ба шумор мераванд. Ҳар дигаргуние, ки дар забон ба вуҷуд меояд, пеш аз ҳама, тавассути матбуот дар калимаю истилоҳоти нав ифода мегардад. Бесабаб нест, ки инкишофи забонро, қабл аз ҳама, аз рӯйи забони васоити ахбори омма, хусусан рӯзномаҳо таҳлилу таҳқиқ мекунанд. Ҳангоми муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ дар ҳар марҳилаи инкишофи забон, одатан, ба забони насри бадеӣ ва забони васоити ахбори омма такя мекунанд, зеро унсурҳои фаъоли забон маҳз дар маводи матбуот ва радиову телевизион мушоҳида мешаванд.

Таҳаввулоти луғавие, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, бахусус дар васоити ахбори омма, хусусан, забони матбуоти замони истиқлолият рӯйи кор омад, аз забоншиносон таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ мехоҳад. Хусусан он вожаҳои расмиятёфтаи замони шӯравӣ, ки бо истиқлолияти комили забони адабии ҳозираи тоҷикӣ оҳиста-оҳиста аз байн рафтанд ва ба ҷойи онҳо падид омадани калимаву ибораҳои нав, ки ҳанӯз ба таҳқиқоти фарогир ниёз доранд.

Бо вуҷуди он ки калимаю ибораҳои даврони Шӯравӣ қисман матбуоти моро пурра ва “оро” медоданд, дар замони истиқлол доираи истифодаи онҳо то ҳадди инкон маҳдуд гардид. Айни замон ба ҷойи калимаю ибораҳои азбайнрафтаи даврони Шӯравӣ дар

забони матбуоти имрӯза асосан, калимаву ибораҳои забони тоҷикӣ ва як қисми кам калимаву ибораҳои забони арабӣ ва туркӣ-ӯзбекӣ дар истифода мебошанд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлолияти миллӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии мардуми ин сарзамини ободу мустақил ва соҳибихтиёр беихтиёриву бесарусомонӣ ва ҷангу низои ҳарбию сиёсӣ ба амал омад. Гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатдор, ки хизмати “хоҷагони хориҷӣ”-и худро ба ҷой меовардand, дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ба тарғибу ташвиқи бегонапарастӣ машғул буданд. То замони ба даст овардани созишномаи истиқрори сулҳ кишвар оғуштаи обу хун ва ба гирудорӣ ҳамдигарӣ машғул буд. Созишномаи истиқрори сулҳ мардумро ба ҳам овард, гурезаҳо ба Ватан баргаштанд, ҳукумати ҷумҳурӣ барои барқарор кардани ҳаёти осоишта ва муҳайё намудани зиндагии арзанда ба мардуми кишвар шурӯъ намуд. Ин ҳама воқеаву ҳодисаҳои баамаломада, ба ҳаёти мардуми кишвар ва хусусан ба таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ бетаъсир намонд.

Дар натиҷаи тағйирёбии сохти давлатдории Шӯравӣ ва истиқлолияти комили далатдории миллӣ, махсусан, зиёд шудани шумораи нашрияҳои даврӣ ва бо теъдоди зарурӣ нашр гаштани маҷаллаву рӯзномаҳо ба инкишофу рушду такомули забони адабӣ сабаб мегардад. Таъсири сохти иҷтимоию давлатдорӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар даврони замони истиқлолият назаррас мебошад, зеро он калимаву ифодаҳое, ки як замон дар забон мавқеи онҳо маҳдуд гардида буд, боз аз нав умумиистеъмол гардиданд. Солҳои 90-уми асри гузашта дар таърихи забони тоҷикӣ давраи гул-гулшукуфӣ ва бозгашт ба асолати миллӣ мебошад. Пас аз соҳибихтиёрии кишвар ҳамон монеаву муаммоҳое, ки дар атрофи забони тоҷикӣ буданд бардошта шуда, чандин калимаву ибораҳои хусусияти миллӣ дошта, ки дар замон ва сохти давлати Шӯравӣ истифодаи онҳо маҳдуд буд, аз қабили *ҳизб* ***-партия,*** *ноҳия-* ***район,*** *шӯро* ***-совет,*** *ҷумҳурӣ-,* ***республика,*** *шаҳрванд-* ***гражданин*** ва ғайра дубора аз нав зинда ва ё даҳҳо муродифи калимаҳои иқтибосӣ махсусан, русиро ба забон гирифтан дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ дар баёни калимаҳои “*зебои русӣ*” аз ҷумла дар сохтори маориф *донишгоҳ-* ***университет****,донишкада-****институт,*** *донишҷӯ-* ***студент****, имтиҳон-* ***экзамен****, санҷиш-* ***зачет****, дафтарчаи донишҷӯйи* ***-студенский билет*** ва инчунин дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ *шоҳроҳ, чароғак, гузаргоҳ, истгоҳ, дорухона*, *пурсишнома* ва ба ин монанд истифодаи муродифи тоҷикиашон қатъиян иҷозат набуд. Дар замони ба даст овардани истиқлолияти комили забонӣ ва давлатдории миллӣ ин қатор калимаҳои иқтибосӣ ҳамчун архаизм дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҷой гирифтанд.

Дар забони матбуот як қатор калимаву ибораҳое роҳ ёфтанд ва умумиистеъмол гардиданд, ки дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ҳатто ба забон овардани чунин вожаҳо мамнуъ буд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, калимаҳои *истиқлолият, ваҳдат, соҳибихтиёрӣ, гирдиҳамоӣ, мухолифин, парокандагӣ* ва даҳҳо ибораву ифодаҳое, ки бо калимаи “***миллӣ***” сохта шудаанд, аз қабили *муқаддасоти миллӣ, парчами миллӣ, суруди миллӣ, пули миллӣ*, *арзишҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои миллӣ, давлатдории миллӣ, давлати соҳибистиқлол*, *давлатҳои мустақил, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ* ва ғайра дохил мешаванд.

Дар мавриди вазъи забони тоҷикӣ дар замони Шӯравӣ Муҳаммадҷон Шукуров дар мақолаи “Забони миллӣ ғамхории махсус хоҳон аст” чунин гуфтаанд: “Вазъи забони миллӣ дар *республика*и мо ҳоло ба ниҳояти дараҷа мӯҷиби ташвишу изтироб аст. Изтироб аз он ҷост, ки примитивизм ва дуруштӣ ба тафаккур ҳарчӣ бештар сар дароварда, эҳсоси забонро кунд намуд, маданияти суханро паст бурд, боиси ин гардид, ки калимасозиву иборабандӣ, таркибҳои синтаксисӣ ва ғайра, қонуну қоидаҳои забон дағалона вайрон шуданд. Вайронӣ ҳатто дар номгузории маҳалҳо, қишлоқҳо, *районҳо* ва шаҳрҳо роҳ ёфта истодааст. Ҳоло маданияти пасти забон қариб ҳамагонист. Бо қатъияти том бояд гӯем, ки маданияти сухани тоҷикӣ дар ягон давру замон чун имрӯз паст нарафта буд” [12, с.9-10].

Инчунин, ҳолати забонро дар ҳамон даврон шоири барҷастаи миллати тоҷик Лоиқ Шералӣ дар китоби “Дарси хештаншиносӣ” таҳти унвони “Шиносномаи миллат” чунин арзёбӣ намудаанд: “Басо дар кӯчаву бозорҳои пойтахти шаҳри Душанбе мушоҳида кардаем, ки писарону духтарони тоҷик байни худ чӣ тавр суҳбат мекунанд: гоҳ ба русӣ ҳарф мезананд ва чун захираи луғати русиашон кифоя намекунад, ба тоҷикӣ мегузаранд ва чун сандуқи луғати тоҷикиашон ҳам боре надорад, боз ба русӣ мегузаранд ё ба як забони омехтаи беробту бемантиқ бо сад азобу ишораҳои дасту чашму рӯю абрӯ ғарази якдигарро мефаҳманд. Падару модар, ҳатто бобою момо бо фарзандон ва набераю абераҳояшон, ки гӯё тоҷикзода ҳастанд, бо забони махлути русию тоҷикӣ гап мезананд. Дар миёни равшангарону зиёиён низ кам касоне пайдо мешаванд, ки бо забони ноби тоҷикӣ суҳбат карда тавонанд” [5, с.20-21].

Аз гуфтаҳои забоншиноси нуктасанҷ Муҳаммадҷон Шукуров ва шоири барҷастаи миллат Лоиқ Шералӣ аён аст, ки забони адабии тоҷикӣ дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ

дар як вазъияти ногувор қарор доштааст. Албатта, чунин ҳолат барои рушду инкишофу тараққиёти забони адабии тоҷикӣ монеа эҷод мекунад.

Замони истиқлолият ба тамоми соҳаҳои ҷамъият таъсири мусбати худро гузошт. Ҳангоми муносибатҳои дипломатӣ ва воридоту содироти молу маҳсулот хоҳу нохоҳ мафҳумҳои нав пайдо мешаванд, дар натиҷа забон барои ифодаи онҳо ба калимаву ифодаҳои нав ниёз пайдо мекунад, ба ин васила фонди луғавии забон инкишоф ёфта, бою ғанӣ мегардад. Таҳаввулот ба забон хос аст ва ба он омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсир расонда, онро аз лиҳози луғавӣ бой мегардонанд. Ҳар дигаргуние, ки дар забон ба миён меояд, тибқи қонуну қоидаҳои шаклсозиву калимасозии меъёрҳои забони тоҷикӣ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми интишори калимаву мафҳумҳои нав дар васоити ахбори омма хонанда ва шунавандаи он ба мафҳумҳои нав дучор мешавад, зуд онро аз худ мекунад ва мекӯшад, ки дар навиштору гуфтор онро корбаст намояд.

Дар замони муосир иттилоот нақши муҳим пайдо намудааст, ки барои беҳадду ҳудуд паҳн шудани он ВЭА (*радиову телевизион ва шабакаи интернет*) дар оммавӣ гардидани калимаву ифодаҳои нав саҳми арзанда мегузоранд.

Дар ҳамин маврид муҳаққиқи шинохта Муродов М. дар мақолаи “Саҳми Айнӣ дар пешрафти матбуот” чунин зикр мекунанд: “Воқеан, матбуот, хосса матбуоти даврии тоҷик, имрӯз на танҳо сарчашмаи луғати мардум, балки ташаккулдиҳандаи луғату истилоҳоти соҳоти мухталифи ҳаёт гардидааст. Ва имрӯз низ калимаҳои зиёди маълуми ин ё он минтақа тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо сатҳи умумикишварӣ пайдо мекунанд” [7, с.71].

Забон падидаи ҷамъиятист ва ҳамроҳи ҷамъият рушд карда, ҳамроҳи он завол ҳам меёбад. Ба таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ калимаҳои иқтибосӣ ва калимаю ибораҳои нав хеле зиёд дар асоси қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, ки атрофи суду зиёни онҳо то ҳол миёни забоншиносон дар бахши вожагону истилоҳот баҳсу мунозира идома дорад.

Дар замони истиқолият як қатор калимаву ибораҳое ба миён омаданд, ки ба ғайр аз мутахассисону коршиносони соҳаи сиёсатшиносӣ на ҳама маълумот дошту ба маънии он сарфаҳм мерафт. Аз ҷумла калимаҳои *терроризм, экстримизм, радикализм, ифротгароӣ, тундгароӣ, чапгароӣ* ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Аммо вақте ки дар бораи ин гуна мафҳуму амалҳои даҳшатбор зиёиён вокуниш ва мақолаву гузоришҳо нашр ва пахш намуданд, мардум аз маънӣ ва моҳияти ин калимаҳо воқиф гардиданд. Бо вуҷуди он ки ин ё он падидае, ки ба амал меояд мусбат аст ё манфӣ дар ҳар ду ҳолат дар қолаби калима ё ибора ифода меёбад. Дар нимаи дуюми асри XX як гурӯҳ ташкилоту созмонҳо ташкил шуданд, ки мақсад ва ҳадафҳои онҳо тафриқаандозӣ ва низоъ дар байни мардуми бегуноҳ буд. Ҷомеаи башарӣ ин гуна гурӯҳҳои бадхоҳи сиёҳдилро бо мафҳумҳои *терроризм, экстримизм, радикализм, ифротгароӣ, тундгароӣ, чапгароӣ* ифода кардааст.

Имрӯз, мутаассифона, дар асри XXI ба *терроризм ва экстримизм* пайвастааст, ки ин даҳшатангез ва нигаронкунанда мебошад (Н.а., 8.07. 2015); Таъкид шуд, ки зуҳури баъзе равандҳои номатлубу боиси нигаронии замони муосир, ба мисли *терроризми байналмилалӣ, ифротгароии диннӣ,* қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои *фаромиллӣ* ба амният ва суботи ҳар кадом аз кишварҳои минтақа таҳдид менамояд (М.х., 05. 04. 2017); Дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XX1 дар қатори масоили экологии ҷаҳон ва зиёдшавии аҳолии кураи Замин, мушкилоти наве бо номи *терроризму экстремизм* ва “*радикализми исломӣ*” рӯйи кор омаданд, ки ба проблемаи глобалии олам табдил ёфт (М.х.,16. 07. 2017).

Мафҳумҳои *терроризм*, *экстримизм*, *радикализм*, истилоҳоти байналмилалӣ мебошанд. Калимаҳои *ифротгароӣ, тундгароӣ*, *чапгароӣ,* дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-и нашри соли 1969 дар қолаби калимаи сода чунончи: *ифрот, тунд, чап* вуҷуд доштанд, аммо дар шакли калимаи мураккаб оварда нашудаанд. Бояд зикр намоем, ки *терроризм*, *экстримизм* калимаҳои лотинӣ буда, дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ”-и соли 2010 ба маъноӣ *сиёсати тарсондан ва фурӯ нишондани душманони сиёсӣ, мазҳабӣ ва г. бо роҳи зурӣ, нобудсозӣ ва куштор* омадааст. Инчунин, калимаи *ифротгароӣ* ба маънои *экстримизм* шарҳ ёфтааст.

Дар натиҷаи тағйироти сохти давлатдорӣ ва истиқлолияти комили забонӣ дар васоити ахбори омма мафҳумҳое дар қолаби ибора сохта шудаанд, ки ифодакунандаи ҳаёт ва сиёсати замони истиқлол мебошанд. Як қатор мафҳумҳо аз қабили *рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, фарҳанги миллӣ* дар қолаби ибора сохта шудаанд. Дар замони Шӯравӣ ин калимаҳо дар васоити ахбори омма ҳамчун мафҳумҳои ифодакунандаи худшиносии миллӣ истифода намешуданд. Дар замони истиқлолияти миллӣ васоити ахбори оммаро чунин ифодаву шаклҳои зебои тоҷикӣ пур карданд: *истиқлолияти энергетикӣ, ҳувияти миллӣ, парчами миллӣ, давлати миллӣ, арзишҳои миллӣ* ва монанди инҳо.

Се ҳадафи стратегии давлат – ба даст овардани *истиқлолияти энергетикӣ*, раҳоӣ аз *бунбасти коммуникатсионӣ* ва *таъмини амнияти озуқаворӣ* дар меҳвари барномаҳои

шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ қарор доштанд... Мавзӯъҳои марбут ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маориф, сохтмон, ...тарбияи насли наврасу ҷавон дар *рӯҳияи ватандӯстӣ*, *худшиносии миллӣ* ва ...тарғиби *фарҳанги миллӣ*, аз ҷумла *либоси миллӣ*, пешгирии никоҳи байни хешутабори наздик, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва ғайра аз масъалаҳое буданд, ки пешкаши бинандагон ва шунавандагон карда шуданд (С.м., 20.07. 2017).

Ба ҳамин минвол васоити ахбори оммаи кишвар дар инъикосу оммавӣ гардонидани калимаву вожагони нав мусоидат мекунад. Инчунин, барои тавлиди калимаҳои наву тоза саҳми бориз мегирад.

Ҳангоми таҳиқу баррасии мавзӯи таҳаввулоти луғавию грамматикӣ дар забони матбуоти замони истиқлолият маълум гардид, ки воқеан нақши воситаҳои ахбори омма дар инъикос ва бою ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ калон аст. Таҳаввулот на танҳо дар натиҷаи таъсир расонидани ин ё он ҳодисаи ҷамъиятӣ, балки дар натиҷаи омилҳои дигари забонӣ бо тақозои вазъияти ба вуҷуд омада, забон ба тағйироту таҳаввулот дучор мегардад.

Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар замони истиқлолият чунон рушду инкишоф ёфт, ки дар тӯли таърих таркиби луғавии забон чунин тағйироту таҳаввулотро дар мудати ним аср ёд надорад. Далели собиткунандаи ин гуфтаҳо муқоисаи ду "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" мебошад, ки ҳангоми таҳқиқ маълум гардид, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ қариб як маротиба зиёд гардидааст ва рӯз аз рӯз калимаҳои нав ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гашта истодаанд. Дар асри XXI ҳар лаҳзаву ҳар соат дар таркиби луғавии забон дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд. Таркиби луғавии забон аз ҳисоби калимаҳои нав бою ғанӣ гардида, рушду инкишоф меёбад.

Забони тоҷикӣ дорои хазинаи бои луғавист ва бо ин ғановатмандию тавоноии худ метавонад дилхоҳ маъниро ифода карда бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Фонетика ва морфология.-Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
2. Ғаффоров Р. Услубшиноси / Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1995. - 192 с.
3. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 115 с.
4. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Пойтахт, 2015. - 102 с.
5. Лоиқ Ш. Шиносномаи миллат // Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе, 1989. - С. 20-28.
6. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. - Душанбе: Дониш, 1976. - 75 с.
7. Муродов М. Саҳми Айнӣ дар пешрафти матбуот / М.Муродов // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. - Душанбе, 2018. - С. 64-71
8. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М.Норматов. - Душанбе: Матбуот, 2011. - 252 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Саветская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1-2. – 952 с.; - 949 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.-Душанбе, 2010. - Ҷ.1. - 949 с.; - Ҷ.2. - 944 с.
11. Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. - Душанбе: Ирфон, 2005. - 400 с.
12. Шакурӣ М. Забони миллӣ ғамхории махсус хоҳон аст // Дарси хештаншиносӣ. - Душанбе, 1989. - С. 3-19.

ТАҲАВВУЛОТИ ЛУҒАВӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ЗАБОНИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Дар мақола дар хусуси таҳаввулоти луғавие, ки дар муддати ним аср дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба вуҷуд омадааст, маълумот дода мешавад. Инчунин, он маҳдудияту фишорҳои замон ва сабабҳои рушду инкишофи якбораи таркиби луғавии забони тоҷикӣ, роҳу сабабҳои бой гардидани таркиби луғавии забон дар замони истиқлол нишон дода мешавад. Ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзӯи таҳаввулоти луғавию грамматикӣ дар забони матбуоти замони истиқлолият маълум гардид, ки воқеан нақши воситаҳои ахбори омма дар инъикоси таркиби луғавии забони тоҷикӣ калон аст. Таҳаввулот на танҳо дар натиҷаи таъсир расонидани ин ё он ҳодисаи ҷамъиятӣ, балки дар натиҷаи омилҳои дигари забонӣ бо тақозои вазъияти ба вуҷуд омада, забон ба тағйироту таҳаввулот дучор мегардад. Таҳаввулоти луғавие, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, бахусус дар васоити ахбори омма, хусусан, забони матбуоти замони истиқлолият рӯйи кор омад, аз забоншиносон таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ мехоҳад. Таъсири сохти иҷтимоию давлатдорӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар даврони замони истиқлолият назаррас мебошад, зеро он калимаву ифодаҳое, ки як замон дар забон мавқеи онҳо маҳдуд гардида буд, боз аз нав умумиистеъмол гардиданд. Солҳои 90-уми асри гузашта дар таърихи забони тоҷикӣ давраи гул-гулшукуфӣ ва бозгашт ба асолати миллӣ мебошад. Замони истиқлолият ба тамоми соҳаҳои ҷамъият таъсири мусбати худро гузошт. Ҳангоми муносибатҳои дипломатӣ ва воридоту содироти молу маҳсулот хоҳу нохоҳ мафҳумҳои нав пайдо мешаванд, дар натиҷа забон барои ифодаи онҳо ба калимаву ифодаҳои нав ниёз пайдо мекунад ва ба ин васила фонди луғавии забон инкишоф ёфта, бою ғанӣ мегардад.

Калидвожаҳо: таҳаввулот, рушд, инкишоф, луғавӣ, грамматикӣ, маҳдудият, таркиби луғавӣ, замони истиқлол, калимаҳои нав, калимаҳои байналмилалӣ, иқтибосот ва ғ.

ЛЕКСИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ И ЕЁ ОТАБРОЖЕНИЕ В ЯЗЫКЕ СМИ

В статье рассмотрены процесси лексической эволюции, происходящей в течение пятидесяти лет в словарном составе современного таджикского языка. А также указываются ограничения и давление времени и причины неожиданного развития и эволюции словарного состава таджикского языка в период независимости. Изучив и проанализировав вопросы лексико-грамматической эволюции языка периодической печати, выяснилось, что СМИ играет важную роль в отражении словарного состава таджикского языка. Языковая эволюция происходит

не только в результате определенных социальных явлений, но и других лингвистических факторов и требует тщательного, детального изучения. Влияние социального и государственного строя на словарный состав таджикского языка особенно чувствуется в период независимости, так как вошли в обиход те слова и выражения, которые были огрничены в употреблении. 90-ые годы прошлого столетия в истории таджикского языка является периодом расцвета и возрождения национальных ценностей. Суверенитет РТ положительно повлиял на все сферы общественной жизни. Все изменения, происходящие в этих областях, непосредственно отразились в языке, появились новые понятия и в этой связи новые слова и термины. И эти слова и термины, войдя в словарный состав таджикского языка, повлияли на его дальнейшее развитие.

Ключевые слова: эволюция, развитие, лексический состав, грамматические изменения, ограничения, словарный состав в период независимости, неологизмы, интернациональная лексика, заимствования.

THE REFLECTOR OF THE **LEXICAL EVOLUTION** IN THE **LANGUAGE OF THE MEDIA**

The article deals with the lexical evolution that takes place during half a century in the vocabulary of the modern Tajik language. Also, limitations and harassment of time and reasons for the unexpected development and evolution of the vocabulary of the Tajik language in the period of independence are indicated. After studying and analyzing the question of the lexico-grammatical evolution of the language of the periodical press, it became clear that the media played an important role in reflecting the vocabulary of the Tajik language. Language evolution occurs not only as a result of a certain social phenomenon, but also of other linguistic factors and requires careful, detailed study. The influence of the social and political system on the vocabulary of the Tajik language is clearly felt in the period of independence, since those words and expressions that were limited in use were used. The 90th years of the last century in the history of the Tajik language is a period of prosperity and revival of national values. The sovereignty of the Republic of Tatarstan positively influenced all spheres of public life. All the changes taking place in these areas are directly reflected in the language, new concepts have appeared and, in this connection, new words and terms. And these words and terms, having entered the vocabulary of the Tajik language, influenced its further development.

Key words: evolution, development, lexical composition, grammatical changes, restrictions, vocabulary in the period of independence, neologisms, international lexicon, borrowings.

Сведения об авторе: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 985-88-99-18**

Information about the author: ***Shodiev Bakhodur Gozievich*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-88-99-18**

УДК: 070:930.85 (575.34)

ВАО-И ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКАИ КАСБӢ

Назаров У.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар самтҳои эҷодӣ дигаргунии куллӣ ба миён омад, аз ҷумла мавқеи ВАО-и музофотӣ назаррас гардида, ҳафтаномаҳои минтақаи вилояти Хатлон ба маротиб афзоиш ёфтанд. “Тибқи иттилои расмӣ дар қаламрави вилоят ҳамагӣ 6 расонаи хабарии вилоятӣ, аз ҷумла телевизион ва радиои вилоятии Хатлон, рӯзномаҳои «Хатлон» (ба забони тоҷикӣ, ҳафтае як маротиба бо тиражи 10,5 ҳазор нусха), «Новый Хатлон» (ба забони русӣ, моҳе ду маротиба бо тиражи 4,6 ҳазор нусха) ва «Дӯстлик» (бо забони ӯзбекӣ, моҳе ду маротиба бо тиражи 3,6 ҳазор нусха) ва маҷаллаи «Сафо» (моҳона бо теъдоди нашри 1,5 ҳазорнусха), фаъолият доранд, ки муассисашон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аст. Ба ҷуз ин, 25 шаҳру ноҳияи вилоят низ дорои рӯзномаҳои маҳаллии худ мебошанд, ки моҳе аз як то чаҳор маротиба ба табъ мерасанд” [1, с.60-61]. “Айни ҳол дар фазои иттилоотии вилояти Хатлон 4 шабакаи телевизионӣ-ТВ «Хатлон», ТВ «Кӯлоб», телевизионҳои мустақили «Қӯрғонтеппа» ва «Мавҷи озод»-и ноҳияи Восеъ, як радио (радиои вилоятӣ) барномаҳои худро пешкаши аудитория намуда, ҳамзамон дар ҳудуди вилоят 44- нашрияи чопӣ (аз он ҳисоб ду нашрияи ҳизбӣ ва 9 нашрияи соҳавӣ) ва 4 адад маҷаллаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмию оммавӣ ба чоп мерасанд” [2, с.42]. Дар ин баробар дар таърихи 14-уми октябри соли 2018 даршаҳри Кӯлоб, зери унвони «Радиои Кӯлоб», радиои минтақавӣ ба фаъолияти хеш оғоз намуд [10]. Мавҷи Радиои Кӯлоб танҳо фарогири минтақаи Кӯлоб мебошад. Назар ба соли 2010 дар соли 2018 теъдоди расонаҳои маҳаллӣ, махсусан нашрияҳои соҳавӣ, каме рӯ ба беҳбудӣ ниҳодаанд. Ин бар он гувоҳӣ медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба иттилоъ дар музофот назар ба солҳои қаблӣ зиёдтар гардидааст. Вале бояд гуфт, ки на дар ҳамаи расонаҳои чопию электронии вилоят меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ риоя мегардад. “Дар ҳудуди вилояти Хатлон танҳо ҳафтаномаҳои «Хатлон», «Новый Хатлон» ва телевизиони мустақили «Қӯрғонтеппа» (ш.Бохтар) «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро қабул намудаанд” [2, с.44]. Ин далолат бар он менамояд, ки танзимнамоии меъёрҳои этикаи касбиро баъзе аз ҳафтаномаҳои ноҳиявӣ намеписанданд ё

намехоҳанд, чунин меъёрро қабул намоянд. Имрӯз аксари рӯзномаҳои дунё ба мисоли “Нью-Йорк таймс”, “Вашингтон-Пост” дорои санади ахлоқи касбии идоравии худ мебошанд. “Бахусус, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, боло рафтани нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳама кишварҳо, пайдоиши имкониятҳои нав оиди дастрасӣ ба иттилоъ, марзнописандии иттилоъ ва монанди ин дар баробари меъёрҳои ҳуқуқиву касбӣ ин меъёрҳо хеле муҳим арзёбӣ мешаванд” [4, с.310]. Вале, мутаассифона, дар ВАО-и вилояти Хатлон гоҳо меъёрҳои касбиро ҳангоми интишору пахши маводи хаттӣ, аудиоию видеоӣ сарфи назар менамоянд. Дар мақола мо маводи телевизиони вилояти “Хатлон” ва ҳафтаномаи мустақили “Пайк”-ро мавриди таҳлил қарор додем. Барои мисол барномаи “Тақдир”-ро мегирем, ки телевизиони “Хатлон” санаи 23.09.2017 ба намоиш гузошта, муаллифаш Ҷ. М. мебошад. Барнома аз муассисаи мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ омода ва пахш гардида, рӯзноманигор ҳангоми суҳбат бо мусоҳибаш ба чунин суол ҷавоб меҷӯст: *“...Падару модарат чӣ кор мекунанд, ки ту дар ин ҷо таҳсил мекунӣ? Шуморо дар оила кӣ мехӯронаду мепӯшонад? Шароит надоред? Шуморо барои ҳамин ин ҷо оварданд?”* [3, с.218].

